ВАЗОРАТИ МАОРИФ ВА ИЛМИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

САНАДҲОИ МЕЪЁРИИ ҲУҚУҚИИ СОҲАИ ТАҲСИЛОТИ ОЛИИ КАСБӢ (қисми I)

Душанбе – 2022

Зери назари доктори илмҳои техникӣ,
профессор, вазири маориф ва илми Ҷумҳурии
Тоҷикистон Саидзода Р. Ҳ.

Мураттибон:

Абдулхоликзода Л., Мирзозода Н., Исвализода С., Ҷаъфарӣ А., Саматов С., Назарзода С., Ҳасанзода Н., Шоназаров А., Саидшозода М.

Муҳаррир: Дӯстзода Ҳ.Ҷ.

Санадҳои меъёрии ҳуқуқии соҳаи таҳсилоти олии касбӣ. - Душанбе 2022, 528 саҳ.

МУНДАРИҶА

ҚОНУНҲОИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

1. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф»…… 5
2. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи таҳсилоти олии касбӣ ва таҳсилоти касбии баъд аз муассисаи олии таълимӣ…….. 50

ҚАРОРҲОИ ҲУКУМАТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

1. Стратегияи миллии рушди маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 29.09.2020, №526)..... 65
2. Стандарти давлатии таҳсилоти олии касбӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 29.11.2022, №562) 456
3. Барномаи мақсадноки давлатии рушди илмҳои риёзӣ, дақиқ ва табиӣ барои солҳои 2021-2025 (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30.09.2021, №170)..... 545
4. Низомномаи намунавии муассисаи таълимии таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 21.06.2018, №306)..... 452
5. Қоидаҳои қабули донишҷӯён ба муассисаҳои таҳсилоти олии касбии ҷумҳурӣ тибқи квотаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 01.05.2020, №254).. 524

ҚАРОРҲОИ ҲАЙАТИ МУШОВАРАИ ВАЗОРАТИ МАОРИФ ВА ИЛМИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

1. Дастурамали вазифавии ҳайати роҳбарикунанда ва омӯзгории муассисаи таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии

Тоҷикистон (қарори ҳайати мушовара аз 29 январи соли 2021, №2/21)…….. 254

2. Тартиби хориҷ, барқарор ва интиқоли донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон (қарори ҳайати мушовараи Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 07 июли соли 2020, №1856)..... 256
3. Тартиби қабули имтиҳонҳои ниҳоӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шакли шифоҳӣ, хаттӣ ва омехта (қарори ҳайати мушовараи Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 12 апрели соли 2022, №5/1).... 214
4. Низомномаи аттестатсияи хатми донишҷӯёни муассисаи таҳсилоти олии касбӣ (қарори ҳайати мушовараи Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 29 августи соли 2022, №12/4)..... 245
5. Низомнома дар бораи рисолаи хатми донишҷӯёни дараҷаи бакалавр ва мутахассиси муассисаи таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон (қарори ҳайати мушовараи Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 29 августи соли 2022, №12/4)..... 254
6. Низомномаи факултети муассисаи таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон (қарори ҳайати мушовараи Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 29 августи соли 2022, №12/4).. 152
7. Низомномаи кафедраи муассисаи таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон (қарори ҳайати мушовараи Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 29 августи соли 2022, №12/4)..... 245

8. Дастурамал оид ба тартиби истифодаи журнали гурӯҳ дар муассисаи таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон (қарори ҳайати мушовараи Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 29 августи соли 2022, №12/4)..... 111
9. Дастурамал оид ба иҷрои корҳои назоратии донишҷӯёни шуъбаи фосилавии муассисаи таҳсилоти олии касбӣ (қарори ҳайати мушовараи Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 29 августи соли 2022, №12/4)..... 511
10. Дастурамал оид ба тартиби амалишавии таҳсил дар муассисаҳои таълимии таҳсилоти олии касбӣ дар шакли рӯзона, шабона, ғоибона, фосилавӣ ва экстернат (қарори ҳайати мушовараи Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 29 августи соли 2022, №12/4)..... 230
11. Низомномаи таҳсилоти фосилавӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон (қарори ҳайати мушовараи Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон 30.11.2022, №12/17).... 121

ҚОНУНИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН
ДАР БОРАИ МАОРИФ

(Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, соли 2013, №7, мод. 532; соли 2014, №3, мод. 156; №7 қ. 2, мод. 422; соли 2016, №3, мод. 148; №7, мод. 624; соли 2017, №7-9, мод. 581; соли 2018, №5, мод. 278; соли 2020, №12, мод. 912; соли 2021, №12, қ. 2, мод. 706; Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 19 июли соли 2022, №1905)

Бо Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 6-уми марти соли 2013, №1095 (Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, соли, №3, моддаи 207) қабул гардидааст.

Бо Қарори Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 4-уми июли соли 2013, №537 (Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, соли 2013, №7, моддаи 579) ҷонибдорӣ гардидааст.

Қонуни мазкур асосҳои ҳуқуқӣ, ташкилӣ, иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва принсипҳои асосии сиёсати давлатиро дар соҳаи маориф муайян менамояд.

БОБИ 1. МУҚАРРАРОТИ УМУМӢ

Моддаи 1. Мафҳумҳои асосӣ

Дар Қонуни мазкур мафҳумҳои асосии зерин истифода мешаванд:

- **адабиёти таълимӣ** – асарҳои хаттӣ ва чопӣ, ки ҳамчун воситаи таълимӣ барои ҳамаи зинаҳои таҳсилот, такмили ихтисос, бозомӯзӣ ва таҳсилоти иловагӣ интишор меёбанд;

- **аккредитатсияи давлатии муассисаи таълимӣ** – муайян кардани мақоми муассисаи таълимӣ барои пешбурди фаъолияти таълимӣ мутобиқи стандартҳои давлатии таҳсилот;

- **аспирант** – шахси дорои таҳсилоти олии касбӣ, ки бо мақсади таҳияи рисола ва дарёфти дараҷаи илмии номзади илм дар аспирантура таҳсил менамояд;

- **аттестатсияи хатм** – тартиби муқаррар намудани мутобиқати мазмун, сатҳ ва сифати тайёрии

хатмкунандагони муассисаҳои таълимӣ ба талаботи стандартҳои давлатии таҳсилот;

- **аттестатсияи давлатии муассисаи таълимӣ** – муайян кардани мутобиқати заминаи моддию техникӣ ва кадрии муассисаи таълимӣ ба талаботи стандартҳои давлатии таҳсилот ва мутобиқати фаъолияти муассисаи таълимӣ тибқи меъёрҳои муқарраршуда;

- **баҳогузории мақмӯӣ ба фаъолият** – иҷозатномадиҳии такрорӣ, аттестатсия ва аккредитатсияи давлатии навбатии муассисаи таълимӣ дар шакли муттаҳидшудаи ин амалиёт дар як мӯҳлат;

- **бакалавр** – шахси дорои дараҷаи аввали таҳсилоти олии касбие, ки доир ба назария ва амалияи самти ихтисосаш дониш, маҳорат ва малакаи касбиро соҳиб шудааст;

- **барномаи таълимӣ** – ҳуҷҷате, ки дар он мазмуни фанни таълимӣ, мақсаду вазифаҳо, тарзи ташкили раванди таълим, талабот ба сатҳи донишу маҳорат ва малакаи таълимгиранда ифода ёфтаанд;

- **интернатура** – ихтисосгирии баъдидипломӣ барои шахсони дорои таҳсилоти олии касбии тиббӣ ва фармасевтӣ;

- **докторантура аз рӯи ихтисос** – шакли тайёр намудани кадрҳои баландихтисоси илмӣ ва илмию педагогӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ва муассисаҳои илмӣ бо додани дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) - доктор аз рӯйи ихтисос барои шахсоне, ки дорои дараҷаи таҳсилоти олии касбии магистр ва барои ихтисосҳои тиббӣ магистр - ординатори клиникӣ мебошанд; **(ҚҶТаз 17.05.18с. №1527)**

- **донишҷӯ** – шахсе, ки дар зинаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ ва олии касбӣ (бакалавриат, магистратура ва мутахассис) таҳсил менамояд;

- **зинаҳои таҳсилот** – марҳилаҳои таълиму тарбия, ки даврaҳои таҳсилоти умумӣ (ибтидоӣ, умумии асосӣ ва миёнаи умумӣ), ибтидоии касбӣ, миёнаи касбӣ, олии

касбӣ ва касбии баъд аз муассисаи олии таълимиро дар бар мегиранд;

- **китоби дарсӣ** – воситаи таълимие, ки тибқи барномаи таълимӣ асосҳои соҳаи муайяни илмро пайдарҳам ифода менамояд;

- **маблағгузории сарикасӣ** – маблағгузорие, ки дар асоси меъёрҳои ҳадди ақалли маблағгузорӣ тартиб дода шуда, вобаста ба намуд ва шакл, зинаи таҳсилот, маҳалли ҷойгиршавии муассисаи таълимӣ ба сари ҳар як таълимгиранда ва муассисаи таълимӣ муайян ва тақсим карда мешавад;

- **магистратура** – дараҷаи дуюми таҳсилоти олии касбие, ки ба хатмкунандагони муассисаҳои таълимии таҳсилоти олии касбӣ пас аз супоридани имтиҳонҳои давлатӣ ё ҳимояи рисолаи магистрӣ дипломи намунаи давлатиро медиҳад;

- **мазмуни таълим** – сохтор, мундариҷа ва ҳаҷми барномаи таълимие, ки азхудкунии он имкони гирифтани дараҷаи таҳсилот ва ихтисоси муайянро медиҳад;

- **мақоми ваколатдори давлатӣ дар соҳаи маориф** – мақоми иҷроияи марказии ҳокимияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки сиёсати давлатиро дар соҳаи маориф амалӣ мекунад ва раванди таълиму тарбияро дар муассисаҳои таълимӣ, новобаста ба шакли ташкилию ҳуқуқӣ, назорат ва роҳбарӣ менамояд;

- мақоми ваколатдори давлатии назорат дар соҳаи маориф ва илм - мақоми иҷроияи марказии ҳокимияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки сиёсати давлатии назорат дар соҳаи маориф ва илмро бо тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон амалӣ менамояд; **(ҚҶТ аз 23.12.2021с., №1832)**

- **мақомоти дахлдори давлатӣ** – мақомоти иҷроияи марказии ҳокимияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва мақомоти дигари давлатие, ки ваколатҳои муайянеро дар соҳаи маориф бо тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон амалӣ менамоянд;

- **мактаби (синфи) камнуфус** – муассисаи таълимие (синфе), ки дар маҳалҳои камаҳолӣ барои бо таҳсил фаро гирифтани шумораи ками хонандагон таъсис дода мешавад;

- **маориф** – раванди таълиму тарбия ба манфиати шахс, ҷамъият ва давлат, ки соҳиби дараҷаи муайяни таҳсилот гардидани таълимгирандагонро таъмин мекунад;

- **машғулияти инфиродӣ** – шакли таълим бо истифодаи тарзҳои гуногуни таълими инфиродӣ, ки ба хонанда ё донишҷӯ дониши иловагӣ медиҳад;

- **муассисаи таълимӣ** – ташкилоти таълимии давлатӣ ва ғайридавлатӣ, новобаста ба шакли ташкилию ҳуқуқӣ, ки раванди муттасили таълиму тарбияро ба роҳ монда, як ё якчанд барномаҳои таълимиро амалӣ мегардонад;

- муассисаи таълимии махсус – ташкилоте, ки дорои шароити муайяни таълиму тарбия ва муҳити махсуси педагогӣ буда, тавонбахшии тиббию иҷтимоӣ, таҳсилу касбомӯзии кӯдаконеро, ки ба табобати тӯлонӣ эҳтиёҷ доранд, гирифтори иллати ҷисмонӣ ё равонӣ мебошанд ва ё рафтори онҳо барои ҷамъият хавфнок аст, таъмин менамояд; **(ҚҶТ аз 19.07.2022с., №1905)**

- муассисаҳои таълимии томактабӣ – ташкилоте, ки барои кӯдакони синни томактабӣ пешбинӣ шуда, онҳоро бо таълиму тарбияи аввалия фаро мегирад; **(ҚҶТ аз 19.07.2022с., №1905)**

- мутахассис – шахсе, ки соҳиби таҳсилоти олии касбӣ буда, доир ба назария ва амалияи самти ихтисосаш дониш, маҳорат ва малакаи касбиро соҳиб шудааст ва барои иҷро намудани кори илмӣ имконият дорад;

- натиҷаи таълим – маҷмӯи дониш, маҳорат, малака, ақида, ҷаҳонбинӣ ва арзишҳои маънавие, ки таълимгирандагон дар давоми таҳсил дар муассисаи таълимӣ соҳиб мегарданд;

- нақшаи таълимӣ – ҳуҷҷате, ки омӯзиши фанҳои таълимӣ ва тақсимоти солонаи онҳоро барои тамоми

давраи таҳсил дар муассисаҳои таълимӣ муайян менамояд;

- низоми маориф – мақомоти идоракунии маориф, муассисаҳои таълимӣ, субъектҳои раванди таълиму тарбия, муассисаю дигар ташкилотҳои соҳаи маориф, иттиҳодияҳои муассисаҳои таълимӣ, воҳидҳои сохторӣ ва дигар сохторҳое, ки дар асоси стандартҳои давлатии таҳсилот маҷмӯи барномаҳои таълимӣ ва сиёсати давлатиро дар соҳаи маориф амалӣ менамоянд;

- нострификатсия – муайян кардани баробаразишии ҳуҷҷатҳои таҳсилотии шахсоне, ки муассисаҳои таълимии давлатҳои хориҷӣ ва ё ташкилотҳои байналмилалиро хатм кардаанд;

- омӯзгор – шахси дорои таҳсилоти касбӣ, ки ба таълиму тарбия машғул мебошад;

- фаъолияти инфиродии омӯзгорӣ – фаъолияти омӯзгорие, ки дар муассисаи таълимӣ берун аз вақти корӣ ва ё берун аз муассисаи таълимӣ дар асоси шартнома амалӣ карда мешавад;

- постдокторантура – шакли тайёр намудани кадрҳои баландихтисоси илмӣ ва илмию педагогӣ дар муассисаҳои таълимии таҳсилоти олии касбӣ ва муассисаҳои илмӣ бо додани дараҷаи илмии доктори ҳабилитат барои шахсоне, ки дорои дараҷаи академии доктори фалсафа (PhD) - доктор аз рӯи ихтисос мебошанд; **(ҚҶТ аз 17.05.18с., №1527)**

- ординатура (резидентура) – таҳсилоти олии касбии баъдидипломии тиббие, ки аз рӯи ихтисосҳои муайяни тиббӣ зери роҳбарии табиби дараҷаи илмидошта ё табибони пуртаҷриба анҷом дода мешавад;

- сифати таълим – тарзи ташкили дуруст ва самараноки раванди таълим, ки дар натиҷаи он шахс соҳиби таҳсилот мегардад;

- сифати таҳсилот – маҷмӯи нишондиҳандаҳои стандартҳои давлатии таҳсилот ва талаботи давлатӣ;

- **стандартҳои давлатии таҳсилот** – маҷмӯи меъёрҳое, ки мазмуни таҳсилот, моҳияту мӯҳлати таълим, ҳаҷми сарбории таълимӣ, сатҳи азхудкунии донишро аз тарафи таълимгирандагон ифода намуда, талаботи асосӣ ба таъмини раванди таълим, мазмуну мундариҷаи барномаҳои таълимӣ ва баҳогузории сатҳи донишро дар муассисаҳои таълимӣ бо назардошти дастовардҳои миллӣ ва умумибашарӣ муайян мекунанд;

- **тарбия –** раванди мақсадноки ба воя расонидани кӯдак аз ҷониби падару модар (шахсони онҳоро ивазкунанда), муассисаи таълимӣ, ҷамъият ва ба зиндагии мустақилона омода намудани ӯ;

- **таълим** – фаъолияти муштараки падару модар (шахсони онҳоро ивазкунанда), омӯзгор ва муассисаи таълимӣ барои инкишофи кӯдак, такмили истеъдод, маҳорат, малака ва қобилияти фикрию ҷисмонии ӯ;

- **тарбиягиранда** – кӯдаке, ки дар муассисаҳои таълимии томактабӣ бо тарбия ва таълим фаро гирифта шудааст; **(ҚҶТ аз 19.07.2022с., №1905)**

- **таълимгиранда** – тарбиягиранда, хонанда, донишҷӯ, аспирант, шунавандаи муассисаи таълимӣ;

- **таҳсилот** – раванди муттасили таълиму тарбия, ки ба инкишофи маънавӣ, зеҳнӣ, фарҳангӣ, ҷисмонӣ ва салоҳияти касбии шахс равона карда шудааст;

- **таҳсилоти калонсолон** – маҷмӯи равандҳои таҳсилот, ки бо кӯмаки он калонсолон қобилият ва дониши худро инкишоф дода, дараҷаи тахассуси касбӣ ва техникиашонро баланд мебардоранд ё самти навро интихоб менамоянд;

- **таҳсилоти муттасил** – дар тӯли ҳаёт гирифтани таҳсилот ва мукаммал гардонидани донишу ҷаҳонбинӣ;

- **таҳсилоти фосилавӣ** – тарзи амалигардонии раванди таълим бо истифодаи технологияҳои муосири иттилоотӣ ва телекоммуникатсионӣ, ки таълимро дар масофа бе иштироки бевоситаи шахсии омӯзгор ва таълимгирандагон имконпазир мегардонад;

- таҳсилоти фарогир – барои кӯдакон, новобаста ба ҷинс, нажод, забон, миллат, эътиқоди динӣ, иллати ҷисмонӣ ё равонӣ, қобилият, вазъи фарҳангӣ ва иҷтимоӣ муҳайё кардани шароити мусоид ҷиҳати гирифтани таҳсилот;

- таҷҳизоти таълимӣ – таҷҳизоте, ки дар раванди таълим барои ташаккули дониш, маҳорат, малака, инкишофи ҷисмонӣ ва зеҳнии таълимгирандагон истифода мешавад;

- раванди таълим – низоми фаъолияти таълимию тарбиявӣ барои расидан ба мақсадҳои таълим;

- экстернат – омӯзиши мустақилонаи фанҳои таълимӣ мутобиқи барномаи асосии таълимӣ бо аттестатсияи минбаъдаи хатм дар муассисаҳои таълимӣ.

Моддаи 2. Қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи маориф

Қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи маориф ба Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон асос ёфта, аз Қонуни мазкур, дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва санадҳои ҳуқуқии байналмилалие, ки Тоҷикистон онҳоро эътироф намудааст, иборат мебошад. **(ҚҶТ аз 28.08.2017с., №1462)**

Моддаи 3. Сиёсати давлатӣ дар соҳаи маориф

1. Сиёсати давлатӣ дар соҳаи маориф яке аз самтҳои афзалиятноки сиёсати иҷтимоии Ҷумҳурии Тоҷикистон маҳсуб меёбад.

2. Давлат барои амалӣ гардонидани сиёсати давлатӣ дар соҳаи маориф низоми маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистонро ташкил намуда, фаъолияти онро ба таъмини ҳуқуқи шаҳрвандон ба таҳсил равона мекунад.

3. Давлат бо мақсади рушди соҳаи маориф ҳамоҳангсозии фаъолияти вазорату идораҳо, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, мақомоти

худидоракунии шаҳрак ва деҳот, шахсони воқеӣ ва ҳуқуқиро таъмин менамояд.

4. Сиёсати давлатӣ дар соҳаи маориф дар асоси дурнамо, консепсия, стратегия ва барномаҳои давлатии рушди соҳаи маориф тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон амалӣ мегардад.

5. Дар муассисаҳои таълимӣ тарғиб, таъсис ва фаъолияти сохторҳои ҳизбҳои сиёсӣ, ҳаракатҳои сиёсии ҷамъиятӣ ва динӣ манъ аст.

Моддаи 4. Принсипҳои асосии сиёсати давлатӣ дар соҳаи маориф

Сиёсати давлатӣ дар соҳаи маориф ба принсипҳои зерин асос меёбад:

- баробарҳуқуқии шаҳрвандон дар гирифтани таҳсилоти босифат;
- қонуният, эҳтиромии ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд;
- бартарии соҳаи маориф дар ҳама сатҳҳои идоракунии давлатӣ;
- ҳатмӣ будани таълими умумии асосӣ;
- дастрасии таҳсилоти миёнаи умумӣ ва идомаи таҳсил дар зинаҳои минбаъдаи таҳсилот дар асоси озмун;
- бартарии арзишҳои миллию умумибашарӣ, моҳияти башардӯстонаи мазмуни таҳсилот, рушди озодонаи шахс;
- муҳаббат ба Ватан, оила ва муҳити зист;
- ҷанбаи илмӣ, дунявӣ ва башардӯстонаи таълиму тарбия дар муассисаҳои таълимӣ;
- ягонагии фазои маърифатию фарҳангӣ, рушди фарҳанг ва ҳифзи анъанаҳои миллӣ;
- ҷанбаи инсондӯстӣ, демократӣ ва давлатию ҷамъиятии идоракунии соҳаи маориф ва шаффофият дар фаъолияти он;
- мустақилияти муассисаҳои таълимӣ;
- раванди муттасили таҳсил;

- мувофиқати соҳаи маориф ба талабот ва вазифаҳои рушди иҷтимоию иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон;

- рушди соҳаи маориф бо назардошти стандартҳои байналмилалии сифати таълим ва меъёрҳои байналмилалии таҳсилот;

- ҳавасмандгардонии маърифатнокшавии шахс ва инкишофи истеъдоди ӯ;

- пайдарҳамии раванди таҳсилот, ки алоқамандии зинаҳои таҳсилот ва ягонагии таълиму тарбияро таъмин месозад;

- ҳамгироии таҳсилот, илм ва истеҳсолот.

Моддаи 5. Вазифаҳои Қонуни мазкур

Вазифаҳои Қонуни мазкур аз инҳо иборат мебошанд:

- таъмини кафолати давлатии ҳуқуқи шахс ба таҳсил;

- фароҳам овардани кафолати ҳуқуқӣ барои фаъолият ва инкишофи озодонаи муассисаҳои таълимӣ ва ҳамоҳангсозии муносибатҳои онҳо бо дигар сохторҳои ҳаёти ҷамъиятӣ;

- муқаррар намудани салоҳият, ваколатҳо, вазифаҳо, ҳуқуқҳо, ӯҳдадориҳо ва масъулияти мақомоти идоракунии давлатӣ, мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот, шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ дар соҳаи маориф ва танзими ҳуқуқии муносибатҳои субъектҳои раванди таълиму тарбия; **(ҚҶТ аз 19.07.2022с., №1905)**

- муҳайё намудани шароит барои азхудкунии барномаҳои таълимӣ;

- фароҳам овардани заминаи устувори ахлоқ ва тарзи ҳаёти солим;

- мукаммал гардонидани зеҳн бо роҳи фароҳам овардани шароит барои инкишофи шахс;

- тарбияи муҳаббат ба Ватан, эҳтиром ба муқаддасоти миллӣ ва арзишҳои умумибашарӣ, пос доштани расму ойин ва анъанаҳои миллӣ;

- тарбияи шахсияти дорои эҳсоси масъулияти баланди шаҳрвандӣ баҳри иштироки фаъолона дар ҳаёти ҷамъиятию сиёсӣ, иқтисодӣ ва фарҳангӣ;

- дарки муносибати огоҳонаи шахс ба ҳуқуқ ва ӯҳдадориҳои худ.

Моддаи 6. Кафолати давлатии ҳуқуқи шаҳрвандон ба таҳсил

1. Давлат ба шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон, новобаста ба миллат, нажод, ҷинс, забон, эътиқоди динӣ, мавқеи сиёсӣ, вазъи иҷтимоӣ ва молумулкӣ ҳуқуқ ба таҳсилро кафолат медиҳад.

2. Давлат ба шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон таълими ҳатмии умумии асосии ройгонро дар муассисаҳои таълимии давлатӣ, инчунин дар доираи фармоишҳои давлатӣ дар асоси озмун ройгон гирифтани таҳсилотро дар зинаҳои минбаъдаи таҳсилот кафолат медиҳад. Гирифтани таҳсилоти ройгон дар муассисаҳои таълимии ғайридавлатии таҳсилоти касбӣ метавонад тибқи оинномаи муассиса ё қарори муассиси (муассисони) онҳо сурат гирад. **(ҚҶТ аз 19.07.2022с., №1905)**

3. Ҳуқуқи шаҳрванд ба таҳсил аз рӯи синну сол, вазъи саломатӣ, мавҷудияти доғи судӣ ва дигар нишонаҳо метавонад танҳо тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон маҳдуд карда шавад.

4. Шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳрвандони хориҷӣ ва шахсони бешаҳрванд барои интихоби муассисаи таълимӣ ва шакли таҳсилот: рӯзона, шабона, ғоибона, оилавӣ, фарогир, фосилавӣ ва экстернат ҳуқуқ доранд.

5. Давлат дар муассисаҳои таълимии давлатии таҳсилоти ибтидоии касбӣ, миёнаи касбӣ, олии касбӣ ва касбии баъд аз муассисаи олии таълимӣ як маротиба гирифтани таълими ройгонро кафолат медиҳад.

6. Давлат таълимгирандагони болаёқатро дастгирӣ намуда, ба таҳсилоти онҳо кӯмак мерасонад, аз рӯи натиҷаи таълим барояшон стипендияҳои махсуси давлатӣ муқаррар менамояд ва ҳангоми зарурат онҳоро барои таҳсил ба хориҷа мефиристад.

7. Давлат таъминот ва хароҷоти таълиму тарбияи кӯдакони ятиму бепарастор, кӯдакони дорои имконияти маҳдуд, маъюбон ва дигар шахсонеро, ки қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян менамояд, дар муассисаҳои таълимии давлатӣ аз ҳисоби маблағи буҷетӣ кафолат дода, пас аз хатми муассисаҳои таълимӣ онҳоро бо ҷои кор таъмин менамояд.

8. Давлат барои шаҳрвандоне, ки муддати тӯлонӣ бо сабаби беморӣ ба муассисаҳои таълимии таҳсилоти умумӣ рафта наметавонанд, дар хона ё дар муассисаҳои тандурустӣ таълими ройгонро ташкил мекунад.

9. Хатмкунандагони муассисаҳои таълимӣ барои идомаи таҳсил дар зинаҳои минбаъдаи таҳсилот ҳуқуқи баробар доранд.

10. Шаҳрвандони хориҷӣ ва шахсони бешаҳрванд барои таълиму тарбияи томактабӣ, таҳсилоти ибтидоӣ, умумии асосӣ ва миёнаи умумӣ бо шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳуқуқи баробар доранд.

Моддаи 7. Забони таҳсил

1. Забони асосии таҳсил дар муассисаҳои таълимии Ҷумҳурии Тоҷикистон забони давлатӣ мебошад.

2. Давлат ба шаҳрвандон интихоби забони таҳсилро кафолат дода, ба забони давлатӣ ва дар маҳалҳои сукунати сернуфуси миллатҳои дигар, дар доираи имконоти мавҷудаи соҳаи маориф, ба забони модарии онҳо гирифтани таҳсилоти умумиро таъмин менамояд.

3. Дар муассисаҳои таълимии таҳсилоти умумӣ забони таҳсил бо роҳи ташкил намудани шумораи зарурии хонандагон, синфҳо, гурӯҳҳо ва фароҳам

овардани шароит барои фаъолияти онҳо муайян карда мешавад.

4. Дар ҳамаи муассисаҳои таълимӣ омӯзиши забони давлатӣ тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ва стандартҳои давлатии таҳсилот ҳатмист.

5. Таълими забонҳои хориҷӣ, аз ҷумла русӣ ва англисӣ ҳамчун воситаи аз бар намудани мероси илмию фарҳангии башарият, дастовардҳои илму техника ва технологияи муосир дар ҳамаи муассисаҳои таълимӣ ба роҳ монда мешавад.

Моддаи 8. Стандартҳои давлатии таҳсилот ва барномаҳои таълимӣ

1. Барои ҳамаи зинаҳои таҳсилот стандартҳои давлатии таҳсилот муқаррар карда мешаванд, ки аз нишондиҳандаҳои зерин иборатанд:

- ҳадди ақалли ҳатмии мазмуни барномаҳои таълимӣ ва шарту шароити иҷрои онҳо;
- ҳаҷми ҳадди ақал ва ниҳоии соатҳои таълимӣ;
- талаботи асосӣ ба сатҳ ва сифати тайёрии хатмкунандагон;
- мӯҳлати омӯзиши барномаҳои таълимӣ;
- ҳуҷҷатҳои тасдиқкунандаи меъёрии марбут ба таҳсилот.

2. Барномаҳои таълимӣ барои ҳамаи зинаҳои таҳсилот мутобиқи стандартҳои давлатии таҳсилот таҳия мегарданд. Барномаҳои таълимӣ аз инҳо иборатанд:

- томактабӣ;
- таҳсилоти умумӣ (ибтидоӣ, умумии асосӣ, миёнаи умумӣ);
- таҳсилоти ибтидоии касбӣ;
- таҳсилоти миёнаи касбӣ;
- таҳсилоти олии касбӣ;
- таҳсилоти касбии баъд аз муассисаи олии таълимӣ;
- таҳсилоти иловагӣ;

- таҳсилоти махсус;
- таҳсилоти калонсолон.

3. Дар ҳамаи муассисаҳои таълимӣ иҷрои стандартҳои давлатии таҳсилот ва барномаҳои таълимӣ ҳатмӣ мебошад.

4. Тартиби таҳия, тасдиқ ва ҷорӣ кардани стандартҳои давлатии таҳсилотро Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар менамояд.

5. Барои таълимгирандагони муассисаҳои таълимии таҳсилоти махсус стандартҳои махсуси давлатии таҳсилот ва барномаҳои махсуси таълимӣ таҳия, тасдиқ ва ҷорӣ карда мешаванд.

6. Мӯҳлат ва меъёри омӯзиши барномаҳои таълимиро дар муассисаҳои таълимии давлатӣ ва ғайридавлатӣ Қонуни мазкур ва стандартҳои дахлдори давлатии таҳсилот муайян менамоянд.

7. Дар муассисаҳои таълимӣ барои озмоиши технологияи нави таълим ва ҷорӣ кардани мазмуни нави таълим ба таври таҷрибавӣ барномаҳои таълимӣ ва китобҳои дарсӣ таҳия карда мешаванд.

8. Дар муассисаҳои таълимии таҳсилоти иловагӣ барномаҳои таълимии иловагӣ амалӣ карда мешаванд.

9. Дар муассисаҳои таълимии таҷрибавӣ бо иҷозати мақоми ваколатдори давлатӣ дар соҳаи маориф ба тариқи озмоиш барномаҳои таълимии давлатҳои пешрафта метавонанд истифода шаванд.

10. Назорати татбиқи стандартҳои давлатии таҳсилотро дар ҳамаи муассисаҳои таълимӣ мақоми ваколатдори давлатӣ дар соҳаи маориф амалӣ менамояд.

БОБИ 2. НИЗОМИ МАОРИФИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

Моддаи 9. Сохтори низоми маориф

1. Низоми маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз сохторҳои зерин иборат мебошад:
- стандартҳои давлатии таҳсилот;
- барномаҳои таълимӣ;

- шакл ва меъёри гирифтани таҳсилот;
- мақомоти идоракунии маориф;
- муассисаҳои таълимӣ;
- субъектҳои раванди таълиму тарбия;
- муассисаю дигар ташкилотҳои соҳаи маориф;
- иттиҳодияҳои муассисаҳои таълимӣ;
- воҳидҳои сохторӣ ва дигар сохторҳо.

2. Дар низоми маориф инчунин сохторҳои дигарро таъсис додан мумкин аст, ки фаъолияти онҳо ба вазифаҳои зерин вобаста мебошанд:

- гирифтани таҳсилот ва таъмини он;
- гузаронидани имтиҳонҳои дохилшавӣ ба муассисаҳои таълимии таҳсилоти олии касбӣ;
- тақсимоти ҷойҳо дар муассисаҳои таълимии таҳсилоти олии касбӣ;
- амалӣ намудани барномаҳои миллии арзёбӣ;
- мусоидат барои иштирок дар пажӯҳишҳои байналмилалӣ;
- мониторинг ва арзёбии дониш аз рӯи вазифаҳои зикршуда бо тартиби муқаррарнамудаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон.

3. Дар низоми маориф метавонанд сохторҳои дигаре низ таъсис дода шаванд, ки фаъолияташон ба гирифтани таҳсилот ва таъмини он вобаста намебошад.

Моддаи 10. Муассисаи таълимӣ, сохтор ва намудҳои он

1. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон муассисаҳои таълимии давлатӣ ва ғайридавлатӣ, муштарак ва байналмилалӣ фаъолият менамоянд.

2. Мақоми муассисаи таълимӣ ва сохтори он аз тарафи муассис (муассисон) муайян гардида, дар оинномаи муассиса тибқи талаботи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон инъикос мегардад.

3. Низомномаҳои намунавии муассисаҳои таълимиро Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ менамояд.

4. Тасдиқ кардан ё тағйир додани мақоми муассисаи таълимӣ дар асоси хулосаи аттестатсияи давлатӣ амалӣ мегардад.

5. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон намудҳои зерини муассисаҳои таълимӣ фаъолият менамоянд:

- томактабӣ;
- таҳсилоти умумӣ (ибтидоӣ, умумии асосӣ, миёнаи умумӣ);
- таҳсилоти ибтидоии касбӣ;
- таҳсилоти миёнаи касбӣ;
- таҳсилоти олии касбӣ;
- таҳсилоти касбии баъд аз муассисаи олии таълимӣ;
- таҳсилоти иловагӣ;
- таҳсилоти махсус;
- муассисаҳои таълимии дигаре, ки раванди таълиму тарбияро амалӣ мегардонанд.

6. Намудҳои дигари муассисаҳои таълимӣ аз тарафи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян карда мешаванд.

Моддаи 11. Таъсис, азнавташкилдиҳӣ ва барҳамдиҳии муассисаи таълимӣ

1. Муассисаи таълимӣ аз ҷониби мақомоти давлатӣ, шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон таъсис дода мешавад.

2. Муассисаи таълимии давлатӣ бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, мақоми ваколатдори давлатӣ дар соҳаи маориф ва мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ таъсис дода шуда, тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон аз қайди давлатӣ мегузарад.

3. Муассисаи таълимии давлатие, ки мақоми ҷумҳуриявӣ дорад, бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон таъсис дода шуда, тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон аз қайди давлатӣ мегузарад.

4. Муассисаи таълимии давлатие, ки мақоми маҳаллӣ дорад, бо қарори мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ таъсис дода шуда, тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон аз қайди давлатӣ мегузарад.

5. Муассисаи таълимии ғайридавлатӣ бо қарори муассис (муассисон) тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон таъсис дода шуда, бо тартиби муқарраргардида аз қайди давлатӣ мегузарад.

6. Муассисаҳои таълимии ҷумҳуриявӣ ба сохтори мақомоти маҳаллии идоракунии маориф ва муассисаҳои таълимии маҳаллӣ ба сохтори мақоми ваколатдори давлатӣ дар соҳаи маориф тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон гузаронида мешаванд.

7. Азнавташкилдиҳӣ ва барҳамдиҳии муассисаи таълимӣ тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон амалӣ карда мешавад.

8. Муассисаҳои таълимии томактабӣ ва таҳсилоти умумӣ дар шаҳраку деҳот танҳо бо розигии мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳоти дахлдор пас аз ба охир расидани соли хониш барҳам дода мешаванд. **(ҚҶТ аз 19.07.2022с., №1905)**

9. Дар сурати барҳамдиҳии муассисаи таълимӣ мақомоти дахлдори давлатӣ бо тартиби муқарраргардида гузаронидани таълимгирандагонро мувофиқи хоҳиши онҳо ба дигар муассисаҳои таълимии мувофиқ таъмин менамоянд.

Моддаи 12. Тартиби бақайдгирӣ ва фаъолияти муассисаи таълимӣ

1. Тартиби бақайдгирии муассисаи таълимӣ тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар карда мешавад.

2. Ҳуқуқи муассисаи таълимӣ барои пешбурди фаъолияти молиявию хоҷагидорӣ, ки оинномаи он

пешбинӣ намудааст, аз рӯзи бақайдгирии давлатии ин муассиса мавриди амал қарор дода мешавад.

3. Ба муассисаи таълимӣ аз ҷониби мақоми ваколатдори давлатии назорат дар соҳаи маориф ва илм бо тартиби муқарраргардида иҷозатнома дода мешавад. **(ҚҶТ аз 23.12.2021с., №1832)**

4. Муассисаи таълимӣ танҳо пас аз гирифтани иҷозатнома доир ба пешбурди фаъолияти таълимӣ ҳуқуқи фаъолият кардан ва истифода бурдани имтиёзҳои пешбининамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи маорифро пайдо менамояд.

5. Муассисаҳои таълимӣ фаъолияти худро тибқи тартиби муайяннамудаи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, оинномаи муассиса ва қарори муассис (муассисон) амалӣ менамоянд. **(ҚҶТ аз 19.07.2022с., №1905)**

Моддаи 13. Муассиси (муассисони) муассисаи таълимӣ

1. Муассиси (муассисони) муассисаи таълимӣ инҳо шуда метавонанд:

- мақомоти давлатӣ, мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот. **(ҚҶТ аз 19.07.2022с., №1905)**

- иттиҳодияҳои (ассотсиатсияҳои, иттифоқҳои) муассисаҳои таълимӣ;

- фондҳои ҷамъиятӣ ва хусусӣ, аз ҷумла хориҷӣ, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба қайд гирифта шудаанд;

- шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ.

2. Субъектони дар қисми 1 моддаи мазкур пешбинишуда метавонанд муассисаи таълимии муштарак таъсис диҳанд. **(ҚҶТ аз 19.07.2022с., №1905)**

3. Муассиси ҳама намуди муассисаҳои таълимии ҳарбӣ Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад. Таълими ҳарбии шаҳрвандон мутобиқи Қонуни мазкур ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон амалӣ мегардад.

Моддаи 14. Оинномаи муассисаи таълимӣ

1. Оинномаи муассисаи таълимӣ ҳуҷҷатест, ки фаъолияти муассисаи таълимиро танзим намуда, маълумотҳои зеринро дар бар мегирад:

- ном, маҳалли ҷойгиршавӣ ва мақоми муассиса;
- муассис (муассисон);
- шакли ташкилию ҳуқуқӣ;
- намояндагиву филиалҳо;
- мақсади раванди таълиму тарбия, намуд ва шаклҳои барномаҳои татбиқшавандаи таълимӣ;
- тавсифи асосии ташкили раванди таълим, аз ҷумла забони таҳсил, тартиби қабул ва хориҷ намудани таълимгиранда, мӯҳлати таҳсил, тартиби гузаронидани санҷишу имтиҳон, реҷаи кори муассисаи таълимӣ, тартиботи дохилии фаъолияти муассиса, инчунин хизматрасонии таълимии пулакӣ ва тартиби пешниҳоди он;
- тартиби ба расмият даровардани муносибатҳои муассисаи таълимӣ бо тарбиягирандагон, хонандагон, донишҷӯён ва падару модари онҳо (шахсони онҳоро ивазкунанда);
- сохтори фаъолияти молиявӣ ва хоҷагидории муассисаи таълимӣ, аз ҷумла тартиби истифодаи объектҳои моликият, манбаъҳои маблағгузорӣ, таъминоти моддию техникӣ, тартиби ташаккули молу мулк, намуди фаъолияти соҳибкорӣ ва фаъолияти пулакӣ; **(ҚҶТ аз 19.07.2022с., №1905)**
- тартиби идоракунии муассисаи таълимӣ, аз ҷумла салоҳияти муассис (муассисон), тартиби ташкили тарзи идоракунӣ, тартиби қабул, ҷобаҷогузории кормандон, шартҳои пардохти музди меҳнати онҳо, тартиби ворид намудани тағйиру иловаҳо ба оинномаи муассиса, тартиби азнавташкилдиҳӣ ва барҳамдиҳӣ;
- ҳуқуқу вазифаҳои субъектҳои раванди таълиму тарбия;
- феҳристи санадҳои дохилие, ки фаъолияти муассисаи таълимиро танзим менамоянд**;**

- дигар маълумотеро, ки қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян намудааст; **(ҚҶТ аз 19.07.2022с., №1905)**

2. Оинномаи муассисаи таълимии давлатӣ бояд мақоми идоракунии дастҷамъӣ, тартиби ташкил ва вазифаҳои онро пешбинӣ намояд.

3. Оинномаи муассисаи таълимиро муассис (муассисон) тасдиқ мекунад. **(ҚҶТ аз 19.07.2022с., №1905)**

Моддаи 15. Таълиму тарбияи томактабӣ

1. Таълиму тарбияи томактабӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бо мақсади инкишофи қобилият, шавқу рағбат, хусусиятҳои ҷисмонӣ, равонӣ, зеҳнӣ ва фарҳангии кӯдакони синни томактабӣ ва ёрии амалӣ ба падару модар (шахсони онҳоро ивазкунанда) дар таълиму тарбияи кӯдакон, инчунин омода намудани онҳо ба таҳсил дар муассисаҳои таълимии таҳсилоти умумӣ ба роҳ монда мешавад.

2. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон намудҳои зерини муассисаҳои таълимии томактабӣ: ширхоргоҳ, ширхоргоҳ-кӯдакистон, кӯдакистон, мактаб-интернат, хонаи кӯдакон, маркази инкишофи кӯдакон, кӯдакистони оилавӣ ва дигар муассисаҳои таълимии томактабии кӯтоҳмуддат, рӯзона, шабонарӯзӣ ва муассисаҳои таълимии ба онҳо баробаркардашудаи давлатӣ ва ғайридавлатӣ амал менамоянд. **(ҚҶТ аз 19.07.2022с., №1905)**

3. Барои дар оила ва муассисаҳои таълимии томактабӣ таълиму тарбия гирифтани фарзандон падару модар (шахсони онҳоро ивазкунанда), баробар бо муассисаҳои таълимии томактабӣ масъул мебошанд ва барои таъмини инкишофи ҷисмонӣ, маънавӣ ва зеҳнии давраи аввали кӯдакӣ ва минбаъд барои ба таҳсил дар муассисаҳои таълимии таҳсилоти умумӣ омода намудани онҳо ӯҳдадоранд. **(ҚҶТ аз 19.07.2022с., №1905)**

4. Муносибатҳои байни муассисаҳои томактабӣ ва падару модари (шахсони онҳоро ивазкунанда) тарбиягирандагон тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон бо шартномаи тарафайн танзим карда мешавад. **(ҚҶТ аз 19.07.2022с., №1905)**

5. Давлат муассисаҳои таълимии томактабиро аз ҷиҳати моддӣ ва молиявӣ дастгирӣ карда, дастрасии хизматрасонӣ, таълиму тарбияи томактабиро барои оилаҳои камбизоат таъмин менамояд. **(ҚҶТ аз 19.07.2022с., №1905)**

6. Фаъолияти муассисаҳои таълимии томактабӣ тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Стандарти давлатии таҳсилоти томактабӣ, ки онро Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ менамояд, танзим мегардад. **(ҚҶТ аз 19.07.2022с., №1905)**

Моддаи 16. Таҳсилоти умумӣ

1. Таҳсилоти умумӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои гирифтани маълумоти умумӣ дар бораи табиат, ҷамъият ва арзишҳои таърихию фарҳангии милливу умумибашарӣ ташкил карда мешавад.

2. Таҳсилоти умумӣ тавассути муассисаҳои таълимии таҳсилоти ибтидоӣ, умумии асосӣ, миёнаи умумӣ, мактабҳои (синфҳои) камнуфус ва дигар муассисаҳои таълимӣ дар се зина: ибтидоӣ, умумии асосӣ ва миёнаи умумӣ амалӣ мегардад.

3. Синну сол ва мӯҳлати таҳсил дар ҳар зинаи таҳсилотро Қонуни мазкур ва Низомномаи намунавии муассисаи таълимии таҳсилоти умумӣ муайян мекунанд.

4. Ба синфи якуми зинаи аввали таҳсилот ҷалб кардани кӯдаконе, ки ба синни 7 расидаанд, ҳатмист.

5. Таҳсил дар муассисаҳои таълимии таҳсилоти умумӣ дар шакли рӯзона, шабона, ғоибона, фосилавӣ, фарогир, оилавӣ ва экстернат ташкил карда мешавад, ки тартиби амалигардонии онро мақоми ваколатдори давлатӣ дар соҳаи маориф муайян мекунад.

6. Барои шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон таълими умумии асосӣ (9-сола) ҳатмист.

7. Қабули хонандагон ба зинаи сеюми таҳсилот дар муассисаҳои таълимии таҳсилоти миёнаи умумӣ мувофиқи майлу хоҳиш ва қобилияту завқи онҳо сурат мегирад.

8. Таҳсил дар муассисаҳои таълимии таҳсилоти миёнаи умумии давлатӣ метавонад дар баробари таҳсили ройгон бо хоҳиши падару модари (шахсони онҳоро ивазкунандаи) хонанда дар асоси шартномаи тарафайн пулакӣ бошад.

9. Таҳсилоти умумии асосӣ ва миёнаи умумӣ бо аттестатсияи хатм ба анҷом мерасад. Тартиб ва шакли аттестатсияи хатмро мақоми ваколатдори давлатӣ дар соҳаи маориф муқаррар мекунад.

10. Бо қарори мақоми идоракунии муассисаи таълимӣ ва дар мувофиқа бо мақомоти маҳаллии идоракунии маориф барои мунтазам содир намудани амалҳои ғайриқонунӣ**,** ба муассисаи таълимии таҳсилоти умумӣ бо идора намудани воситаҳои нақлиёти механикӣ омадан ва риоя накардани оинномаи муассисаи таълимӣ хонандае, ки ба синни 16 расидааст, аз муассисаи таълимӣ хориҷ карда мешавад. **(ҚҶТ аз 28.08.2017., №1462)**

11. Муассисаи таълимӣ ӯҳдадор аст, ки дар бораи хориҷ гардидани хонанда фавран ба падару модар (шахсони онҳоро ивазкунанда) ва мақомоти дахлдори давлатӣ хабар диҳад.

12. Қарори мазкур нисбат ба кӯдакони ятиму бепарастор дар мувофиқа бо мақомоти дахлдори давлатӣ қабул карда мешавад.

13. Мақомоти маҳаллии идоракунии маориф дар мувофиқа бо мақомоти дахлдори давлатӣ масъалаи бо кор таъмин намудан ё ба муассисаи таълимии дигар гузаронидани чунин хонандагонро тибқи санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳал менамоянд.

14. Таҳсили кӯдакони ятиму бепарастор дар муассисаҳои таълимии таҳсилоти умумии барои онҳо пешбинишуда ташкил карда мешавад.

15. Дар сурати мавҷуд будани заминаи зарурии моддию техникӣ дар муассисаҳои таълимии таҳсилоти миёнаи умумӣ таҳсилоти ибтидоии касбӣ низ ба роҳ монда мешавад.

16. Муассисаҳои таълимии таҳсилоти миёнаи умумие, ки барои фаъолияти касбомӯзӣ иҷозатнома доранд, метавонанд дар асоси шартнома хизматрасонии таълимии иловагӣ, аз ҷумла пулакиро ба роҳ монанд.

17. Тайёрии ибтидоии касбӣ ва таҳсилоти касбӣ дар муассисаҳои таълимии таҳсилоти миёнаи умумӣ тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон амалӣ карда мешавад.

18. Тайёрии ибтидоии ҳарбӣ дар муассисаҳои таълимии таҳсилоти миёнаи умумӣ бо хонандагони ҷинси мард дар давоми ду соли охири таҳсил ва як маротиба гузаронидани ҷамъомади таълимии ҳарбӣ аз рӯи барномаи таълимие, ки мақоми ваколатдори давлатӣ дар соҳаи маориф дар мувофиқа бо мақомоти ваколатдори давлатӣ дар соҳаи мудофиа тасдиқ менамояд, амалӣ карда мешавад. **(ҚҶТ аз 19.07.2022с., №1905)**

19. Шаҳрвандон барои таҳсилоти динӣ гирифтан дар муассисаҳои таълимии динӣ ҳуқуқ доранд. Фаъолияти ин муассисаҳо тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон танҳо дар асоси иҷозатномае, ки мақоми ваколатдори давлатии назорат дар соҳаи маориф ва илм медиҳад, амалӣ карда мешавад. **(ҚҶТ аз 23.12.2021с., №1832)**

20. Гирифтани таҳсилоти динӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба шаҳрвандони то синни 18 танҳо бо ризоияти хаттии падару модар (шахсони онҳоро ивазкунанда) иҷозат дода мешавад.

Моддаи 17. Таҳсилоти ибтидоии касбӣ

1. Таҳсилоти ибтидоии касбӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бо мақсади гирифтани таҳсилоти ибтидоии касбӣ ва омӯхтани касбҳои коргарӣ ташкил карда мешавад. Шаҳрвандон дар заминаи таҳсилоти умумии асосӣ ва миёнаи умумӣ мувофиқи майлу хоҳиш ва қобилияташон дар асоси озмун ё тариқи гузаронидани сӯҳбат ба муассисаҳои таълимии таҳсилоти ибтидоии касбӣ ҳуқуқи дохил шудан доранд.

2. Таҳсилоти ибтидоии касбӣ дар литсейҳои касбӣ - техникӣ ва соҳавӣ, марказҳои таълимии калонсолон ва дигар муассисаҳои таълимӣ тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон амалӣ карда мешавад.

3. Таҳсилоти калонсолон дар муассисаҳои таълимии таҳсилоти касбӣ ва марказҳои таълимии калонсолон ба роҳ монда шуда, он бо гирифтани ҳуҷҷати тасдиқкунандаи касбӣ ба анҷом мерасад. **(ҚҶТ аз 19.07.2022с., №1905)**

4. Таҳсилоти ибтидоии касбӣ аз рӯи ихтисосҳои алоҳида дар заминаи таҳсилоти миёнаи умумӣ ташкил карда мешавад, агар муассисаи таълимӣ оид ба ин навъи фаъолияти таълимӣ иҷозатнома дошта бошад.

5. Таҳсилоти ибтидоии касбиро инчунин дар курсҳои таълимии назди ширкату ҷамъиятҳои хоҷагидорӣ, кооперативҳои тиҷоратӣ, истеҳсолӣ, корхонаҳои давлатӣ, ташкилотҳои ғайритиҷоратии давлатӣ ва ғайридавлатӣ, муассисаҳои таълимии таҳсилоти миёнаи касбӣ ва олии касбӣ гирифтан мумкин аст.

6. Шаҳрвандоне, ки таҳсилоти миёнаи умумӣ надоранд, барои касбомӯзӣ ба муассисаҳои таълимии таҳсилоти ибтидоии касбӣ ва инчунин ба курсҳои таълимие, ки дар қисми 5 моддаи мазкур зикр гардидаанд, қабул карда мешаванд.

7. Таҳсилоти шаҳрвандон дар муассисаҳои таълимии таҳсилоти ибтидоии касбии давлатӣ мувофиқи фармоиши давлатӣ ройгон мебошад.

Шахсоне, ки дар муассисаҳои мазкур илова ба фармоиши давлатӣ таҳсил мекунанд, дар асоси шартнома пулакӣ таълим мегиранд.

8. Таҳсил дар муассисаҳои таълимии таҳсилоти ибтидоии касбӣ дар шакли рӯзона, шабона, ғоибона, фосилавӣ ва экстернат ташкил карда мешавад, ки тартиби амалишавии онро мақоми ваколатдори давлатӣ дар соҳаи маориф муайян мекунад.

9. Муассисаи таълимии таҳсилоти ибтидоии касбӣ дар сохтори худ метавонад намудҳои мухталифи муассисаҳои таълимии таҳсилоти миёнаи умумиро ташкил намояд.

10. Дар муассисаҳои таълимии таҳсилоти ибтидоии касбӣ вобаста ба мавҷудияти заминаи моддию техникӣ ва кадрӣ барномаҳои таълимии таҳсилоти миёнаи умумӣ амалӣ карда мешаванд.

Моддаи 18. Таҳсилоти миёнаи касбӣ

1. Таҳсилоти миёнаи касбӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бо мақсади гирифтани таҳсилоти миёнаи касбӣ ташкил карда мешавад. Шаҳрвандон баъди хатми муассисаҳои таълимии таҳсилоти умумии асосӣ, миёнаи умумӣ ва ибтидоии касбӣ ҳуқуқи гирифтани таҳсилоти миёнаи касбиро доранд.

2. Таҳсилоти миёнаи касбӣ дар муассисаҳои таълимии таҳсилоти миёнаи касбӣ (коллеҷҳо) амалӣ карда мешавад.

3. Баъди хатми муассисаҳои таълимии таҳсилоти умумии асосӣ ба шаҳрвандон дар асоси озмун ё тариқи гузаронидани сӯҳбат барои идомаи таҳсил ба муассисаҳои таълимии таҳсилоти миёнаи касбӣ иҷозат дода мешавад. Шаҳрвандоне, ки таҳсилоти умумии асосӣ доранд, дар ин муассисаҳо баробари таҳсилоти миёнаи касбӣ метавонанд таҳсилоти миёнаи умумӣ гиранд. **(ҚҶТ аз 17.05.2018с., №1527)**

4. Мӯҳлати таҳсил дар муассисаҳои таълимии таҳсилоти миёнаи касбӣ барои шахсони дорои

таҳсилоти умумии асосӣ то 4 сол, барои шахсони дорои таҳсилоти миёнаи умумӣ то 3 сол ва барои шахсоне, ки муассисаҳои таълимии соҳаи тиб ва фарҳангро мувофиқи хусусияти ихтисосашон хатм менамоянд, то 4 сол муқаррар карда мешавад.

5. Таҳсили шаҳрвандон дар муассисаҳои таълимии таҳсилоти миёнаи касбии давлатӣ мувофиқи фармоиши давлатӣ дар асоси озмун ройгон мебошад. Шахсоне, ки дар муассисаҳои мазкур илова ба фармоиши давлатӣ таҳсил мекунанд, дар асоси шартнома пулакӣ таълим мегиранд.

6. Таҳсил дар муассисаҳои таълимии таҳсилоти миёнаи касбӣ дар шакли рӯзона, шабона, ғоибона, фосилавӣ ва экстернат ташкил карда мешавад, ки тартиби амалишавии онро мақоми ваколатдори давлатӣ дар соҳаи маориф муайян мекунад.

7. Шаҳрвандоне, ки таҳсилоти миёнаи касбӣ доранд, имконияти идомаи таҳсилро дар муассисаҳои таълимии таҳсилоти олии касбӣ мувофиқи ихтисос пайдо менамоянд. Мӯҳлати таҳсилро дар муассисаи таълимии таҳсилоти олии касбӣ барои ин шаҳрвандон мақоми ваколатдори давлатӣ дар соҳаи маориф муайян менамояд.

8. Муассисаи таълимии таҳсилоти миёнаи касбӣ метавонад марказҳои касбомӯзӣ, филиал, шӯъба, парки технологӣ, муассисаҳои таълимии таҳсилоти умумӣ, ибтидоии касбӣ ва дигар воҳидҳои сохторӣ дошта бошад, ки тартиби таъсиси онҳоро қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян менамояд. **(ҚҶТ аз 17.05.2018с., №1527)**

Моддаи 19. Таҳсилоти олии касбӣ

1. Таҳсилоти олии касбӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бо мақсади гирифтани таҳсилоти олии касбӣ ташкил карда мешавад. Шаҳрвандон ба муассисаҳои таълимии таҳсилоти олии касбӣ баъди хатми муассисаҳои таълимии таҳсилоти миёнаи умумӣ,

ибтидоии касбӣ ва миёнаи касбӣ қабул карда мешаванд. Тартиби қабул ба муассисаҳои таълимии таҳсилоти олии касбӣ, доираи (категорияи) шаҳрвандоне, ки барои қабул шудан ба муассисаҳои мазкур имтиёз доранд, қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян менамояд. **(ҚҶТ аз 19.07.2022с., №1905)**

2. Таҳсилоти олии касбӣ дар донишгоҳҳо, академияҳо, донишкадаҳо ва дигар муассисаҳои таълимии таҳсилоти олии касбии ба онҳо баробаркардашуда амалӣ карда мешавад.

3. Муассисаҳои таълимии таҳсилоти олии касбӣ давлатӣ ва ғайридавлатӣ, байналмилалӣ ва муштарак мешаванд.

4. Таҳсили шаҳрвандон дар муассисаҳои таълимии таҳсилоти олии касбии давлатӣ мувофиқи фармоиши давлатӣ ройгон мебошад. Таҳсили шаҳрвандон дар муассисаҳои мазкур илова ба фармоиши давлатӣ пулакӣ аст. **(ҚҶТ аз 19.07.2022с., №1905)**

5. Шаҳрвандон ҳуқуқ доранд дар муассисаҳои таълимии таҳсилоти олии касбӣ дар асоси шартнома пулакӣ таҳсилоти олии дуюм гиранд.

6. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон донишгоҳҳо метавонанд дар сохтори худ донишкада, филиал, академияи таълимӣ, коллеҷ, литсейи касбӣ - техникӣ, муассисаҳои таълимии таҳсилоти умумӣ, муассисаҳои илмию методӣ, хоҷагии таълимию таҷрибавӣ, парки технологӣ, марказҳои илмию инноватсионӣ ва дигар воҳидҳои сохторӣ дошта бошанд.

7. Донишкада ва академияҳо метавонанд дар сохтори худ литсейи касбӣ - техникӣ, муассисаҳои таълимии таҳсилоти умумӣ, муассисаҳои илмию методӣ, парки технологӣ, марказҳои илмию инноватсионӣ ва дигар сохторҳо дошта бошанд.

8. Мӯҳлати таҳсил дар муассисаҳои таълимии таҳсилоти олии касбӣ, ба истиснои муассисаҳои таълимии таҳсилоти олии касбии тиббӣ, барои дарёфти

тахассуси дараҷаи «бакалавр» на камтар аз 4 сол, «мутахассис» на камтар аз 5 сол ва «магистр» на камтар аз 2 сол муқаррар карда мешавад.

9. Таҳсил дар муассисаҳои таълимии таҳсилоти олии касбӣ дар шакли рӯзона, шабона, ғоибона, фосилавӣ ва экстернат ташкил карда мешавад, ки тартиби амалишавии онро мақоми ваколатдори давлатӣ дар соҳаи маориф муайян мекунад.

10. Дар муассисаҳои таълимии таҳсилоти олии касбии давлатӣ вобаста ба имконоти моддию техникӣ барои тайёр намудани афсарони эҳтиётии Қувваҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон кафедраҳои ҳарбӣ ташкил карда мешаванд. Кафедраҳои ҳарбӣ ба сохтори муассисаҳои таълимии таҳсилоти олии касбии давлатӣ шомил мебошанд.

11. Ташкил ва ба роҳ мондани таълим дар кафедраҳои ҳарбии муассисаҳои таълимии таҳсилоти олии касбии давлатӣ тибқи низомномае, ки Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ намудааст, муайян мегарданд.

Моддаи 20. Таҳсилоти касбии баъд аз муассисаи олии таълимӣ

1. Таҳсилоти касбии баъд аз муассисаи олии таълимӣ ба шаҳрвандон имконият медиҳад, ки дараҷаи таҳсилоти худро дар заминаи таҳсилоти олии касбӣ инкишоф диҳанд.

2. Муассисаи таълимии таҳсилоти касбии баъд аз муассисаи олии таълимӣ бо мақсади тайёр намудани мутахассисони илмӣ ва илмию омӯзгорӣ барои муассисаҳои таълимии таҳсилоти олии касбӣ ва муассисаҳои илмӣ ташкил карда мешавад. Муассисаҳои таълимии таҳсилоти олии касбӣ ва муассисаҳои илмии алоҳидае, ки дорои заминаи илмӣ ва моддию техникӣ мебошанд ва аз аккредитатсияи давлатӣ гузаштаанд, метавонанд зинаҳои таҳсилоти касбии баъд аз муассисаи олии

таълимӣ – магистратура, интернатура, ординатура (резидентура), аспирантура, докторантура аз рӯи ихтисос (доктори фалсафа (PhD) - доктор аз рӯи ихтисос), докторантура ва постдокторантура таъсис диҳанд ва вазифаи ходими илмиро ҷорӣ намоянд. **(ҚҶТ аз 17.05.2018с., №1527)**

3. Фаъолияти илмӣ дар муассисаи таълимии таҳсилоти касбии баъд аз муассисаи олии таълимӣ тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон амалӣ карда мешавад.

Моддаи 21. Таҳсилоти иловагӣ

1. Таҳсилоти иловагӣ бо мақсади қонеъ гардонидани талаботи шахс, ҷамъият ва давлат дар асоси барномаҳои иловагии таълимӣ ва хизматрасонии иловагии таълимӣ татбиқ карда мешавад.

2. Таҳсилоти иловагиро шахс дар муассисаҳои таълимӣ ва баъд аз хатми муассисаҳои таълимӣ дар муассисаҳои таълимии таҳсилоти иловагӣ соҳиб шуда метавонад.

3. Таҳсилоти иловагӣ дар муассисаҳои таълимии таҳсилоти умумӣ ва касбӣ берун аз барномаҳои асосии таълимӣ ё дар муассисаҳои таълимии таҳсилоти иловагӣ амалӣ карда мешавад.

4. Ба муассисаҳои таълимии таҳсилоти иловагӣ тааллуқ доранд:

- марказҳои эҷодии кӯдакон ва наврасон;
- академияҳои хурди илмҳо;
- қасрҳо, стансияҳо, клубҳои кӯдакон ва наврасон;
- мактабҳои касбии варзишӣ, ҳунарӣ, бадеӣ, мусиқӣ ва рассомӣ;
- курсҳои кӯтоҳмуддати касбомӯзӣ;
- хонаҳо, студияҳои эҷодиёти кӯдакон ва наврасон, лагерҳои варзишӣ ва сайёҳӣ;
- созмонҳои хонандагон; **(ҚҶТ аз 17.05.2018с., №1527)**

- мактабҳои варзишии кӯдакон ва наврасон, мактабҳои махсуси захираҳои олимпии кӯдакону наврасон, клубҳои варзишии кӯдакон ва наврасон, варзишгоҳҳои кӯдакона;

- клубҳои тарбияи ҷисмонию варзишии маҳалли зист;

- клубҳои тарбияи ҷисмонию варзишии маъюбон;

- муассисаҳои солимгардонӣ, мактабҳои маҳорати баланди варзишӣ, марказҳои омодагии олимпӣ;

- муассисаҳои таълимии ибтидоии махсуси бадеӣ;

- муассисаҳои такмили ихтисос, бозомӯзӣ ва дигар муассисаҳое, ки иҷозатномаи дахлдор доранд.

5. Таҳсилоти иловагӣ ба принсипҳои интихоби ихтиёрии намуди муассисаи таълимии таҳсилоти иловагӣ ва таҳсилот, майлу хоҳиши таълимгиранда асос ёфта, бе маҳдудият барои тамоми шахсон пешниҳод мегардад.

6. Такмили ихтисос ва бозомӯзии омӯзгорон, мутахассисон ва кормандони муассисаи таълимии таҳсилоти иловагӣ дар муассисаҳои дахлдори таълимӣ бо мақсади амиқтар намудани дониш ва малакаи касбӣ, азхудкунии касб ва ихтисоси нав амалӣ карда мешаванд.

7. Такмили ихтисос ва бозомӯзии омӯзгорон ва мутахассисон аз тарафи муассисаҳои таълимии давлатӣ ва ғайридавлатӣ, инчунин шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ ройгон ва ё дар асоси шартнома пулакӣ амалӣ карда мешаванд.

8. Таҳсилоти иловагие, ки таълимгирандагони муассисаҳои таълимии таҳсилоти касбӣ дар курсҳои кӯтоҳмуддат мегиранд, метавонад дар асоси шартнома пулакӣ ташкил карда шавад.

Моддаи 22. Таҳсилоти махсус

1. Таҳсилоти махсус ҳамчун қисми таркибии соҳаи маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳсил ва тавонбахшии тиббию иҷтимоии кӯдаконеро таъмин менамояд, ки ба

табобати тӯлонӣ эҳтиёҷ доранд, гирифтори иллати ҷисмонӣ ё равонӣ мебошанд ва ё рафтори онҳо барои ҷамъият хавфнок аст. **(ҚҶТ аз 19.07.2022с., №1905)**

2. Барои кӯдаконе, ки ба табобати тӯлонӣ эҳтиёҷ доранд, муассисаҳои таълимии таҳсилоти умумии солимгардонии санаторӣ, мактаб-интернатҳои санаторӣ, хонаҳои санатории кӯдакона ташкил карда мешаванд.

3. Барои кӯдаконе, ки гирифтори иллати ҷисмонӣ ё равонӣ мебошанд ва дар муассисаҳои таълимии таҳсилоти умумӣ имкони таҳсил карданро надоранд, муассисаҳои махсуси таҳсилоти умумӣ, мактаб-интернатҳо ва синфҳои махсус таъсис дода мешаванд. Муассисаҳои таълимии мазкур таълиму тарбия, табобат ва тавонбахшии тиббию иҷтимоии ин гуна кӯдаконро таъмин намуда, онҳоро ба меҳнати муфиди ҷамъиятӣ омода месозанд. **(ҚҶТ аз 19.07.2022с., №1905)**

4. Кӯдаконе, ки гирифтори иллати ҷисмонӣ ё равонӣ мебошанд, бо ризоияти падару модар (шахсони онҳоро ивазкунанда) метавонанд якҷоя бо кӯдакони солим дар муассисаҳои таълимӣ таҳсил намоянд ё барои онҳо машғулиятҳои инфиродӣ ташкил карда мешаванд.

5. Кӯдакони гирифтори иллати ҷисмонӣ ё равонӣ дар комиссияҳои тиббию омӯзгорӣ, ки бо қарори мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ таъсис дода мешаванд, дар ҳузури падару модар (шахсони онҳоро ивазкунанда) аз ташхис мегузаранд.

6. Барои кӯдакони аз 10-сола боло, ки ахлоқу рафтори онҳо барои ҷамъият хавфнок буда, ба шароити алоҳидаи таълиму тарбия эҳтиёҷ доранд ва муносибати махсуси омӯзгориро талаб мекунанд, муассисаҳои таълимии мухталифи махсус, ки тавонбахшии тиббию иҷтимоии онҳоро таъмин мекунанд, таъсис дода мешаванд. Ба муассисаҳои таълимии мазкур кӯдакон бо қарори суд фиристода мешаванд. **(ҚҶТ аз 19.07.2022с., №1905)**

7. Таҳсилоти махсус дар асоси нақша ва барномаи махсус бо истифода аз технологияҳои муосири таълим вобаста ба муайян намудани дараҷаи тамоюли иллати ҷисмонӣ ё равонии кӯдакон ҷараён мегирад.

8. Мӯҳлати таҳсилоти махсуси умумии ҳатмиро мақоми ваколатдори давлатӣ дар соҳаи маориф вобаста ба намуд ва дараҷаи тамоюли иллати ҷисмонӣ ё равонии кӯдакон муайян мекунад.

9. Таҳсилоти касбии хатмкунандагони муассисаҳои таълимии таҳсилоти махсус дар асоси феҳристи самт ва ихтисосҳои таҳсилоти касбӣ, ки ба ҳамин гурӯҳи хатмкунандагон мувофиқ мебошад, дар муассисаҳои таълимии махсус ё дар муассисаҳои таълимии таҳсилоти касбӣ ташкил карда мешавад.

10. Таълиму тарбияи кӯдакон дар муассисаҳои таълимии таҳсилоти махсуси давлатӣ ройгон аст.

Моддаи 23. Ҳуҷҷатҳо дар бораи таҳсилот

1. Муассисаҳои таълимие, ки мутобиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон аз аккредитатсияи давлатӣ гузаштаанд, ба хатмкунандагоне, ки аз аттестатсияи хатм мегузаранд, ҳуҷҷатҳои намунаи давлатӣ дар бораи таҳсилот медиҳанд.

2. Муассисаҳои таълимии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба шахсон намудҳои зерини ҳуҷҷатҳои намунаи давлатӣ дар бораи таҳсилотро медиҳанд:

- аттестат (шаҳодатнома) дар бораи таҳсилоти умумии асосӣ – барои хатмкунандагони муассисаҳои таълимии таҳсилоти умумии асосӣ (синфи 9);

- аттестат (шаҳодатнома) дар бораи таҳсилоти миёнаи умумӣ – барои хатмкунандагони муассисаҳои таълимии таҳсилоти миёнаи умумӣ (синфи 11 (12));

- шаҳодатнома дар бораи касб (дараҷа, синф, гурӯҳ) - барои шахсоне, ки бо тартиби муқарраршуда касб омӯхтаанд;

- диплом дар бораи таҳсилоти ибтидоии касбӣ – барои хатмкунандагони муассисаҳои таълимии таҳсилоти ибтидоии касбӣ;

- диплом дар бораи таҳсилоти миёнаи касбӣ – барои хатмкунандагони муассисаҳои таълимии таҳсилоти миёнаи касбӣ;

- диплом дар бораи таҳсилоти олии касбӣ (бакалавр, мутахассис, магистр) – барои хатмкунандагони муассисаҳои таълимии таҳсилоти олии касбӣ;

- намудҳои дигари ҳуҷҷатҳо дар бораи таҳсилотро, ки Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ менамояд.

3. Муассисаҳои таълимии таҳсилоти касбии баъд аз муассисаи олии таълимӣ тибқи моддаи 20 Қонуни мазкур ба хатмкунандагон бо тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳуҷҷатҳои дахлдор медиҳанд.

4. Аз рӯи натиҷаи ҳимояи корҳои тахассусӣ – рисолаи илмӣ ва маҷмӯи корҳои илмӣ бо тартиби муқарраршуда дипломҳои номзади илм, доктори фалсафа (PhD) - доктор аз рӯи ихтисос, доктори илм ва доктори ҳабилитат дода мешаванд.

5. Дар муассисаҳои таълимии таҳсилоти олии касбӣ аз рӯи натиҷаи фаъолияти илмию омӯзгорӣ бо тартиби муқарраршуда шаҳодатномаи дотсент аз рӯи ихтисос ва шаҳодатномаи профессор аз рӯи ихтисос дода мешаванд. **(ҚҶТ аз 17.05.2018с., №1527)**

6. Ба шахсоне, ки ин ё он зинаи таҳсилотро (ба истиснои таҳсилоти умумии асосӣ) пурра ба охир нарасонидаанд, маълумотнома ва ба шахсоне, ки таҳсилоти иловагӣ мегиранд, сертификат дода мешавад.

7. Ба хонандагони ҳама намудҳои муассисаҳои таълимии таҳсилоти умумӣ, ки синфи 9-ро бо баҳои «5» (аъло) хатм кардаанд ва ҳангоми таҳсил дар синфҳои 10, 11 (12) бо баҳои «5» (аъло) таҳсил намуда, имтиҳони хатмро бо баҳои «5» (аъло) супоридаанд ва дорои

рафтори намунавианд, медали тилло ва аттестати (шаҳодатномаи) намунаи махсус дода мешавад.

8. Ба хонандагони ҳама намудҳои муассисаҳои таълимии таҳсилоти умумӣ, ки синфи 9-ро бо баҳои «5» (аъло) хатм кардаанд ва ҳангоми таҳсил дар синфҳои 10, 11 (12) имтиҳонҳоро бо баҳои «5» (аъло) супоридаанд ва дорои рафтори намунавианд, лекин аз рӯи на бештар аз ду фан баҳои солонаи «4» (хуб) дошта, аз фанҳои дигар баҳои ҷамъбастии «5» (аъло) доранд ва имтиҳони хатми синфи 11 (12)-ро бо баҳои «5» (аъло) супоридаанд, медали нуқра ва аттестати (шаҳодатномаи) намунаи махсус дода мешавад.

9. Ба хонандагоне, ки муассисаҳои таълимии таҳсилоти умумии асосӣ (синфҳои 1-9)-ро бо баҳои «5» (аъло) хатм кардаанд, аттестати (шаҳодатномаи) аъло дода мешавад.

10. Ба хонандагон ва донишҷӯёне, ки муассисаҳои таълимии таҳсилоти ибтидоӣ, миёна ва олии касбиро бо баҳои «5» (аъло) хатм кардаанд, дипломи аъло бо нишони аълочӣ дода мешавад.

11. Тартиби мукофотонидани хонандагон бо медали тилло ва нуқра ва додани аттестати (шаҳодатномаи) аъло ва дипломи аъло бо нишони аълочӣ, инчунин имтиёзҳои ба ҳуҷҷатҳои мазкур вобастаро мақоми ваколатдори давлатӣ дар соҳаи маориф дар асоси низомномаи тасдиқнамудаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар менамояд.

12. Ба хонандагон ва донишҷӯёни дорои рафтори намунавие, ки муассисаҳои таълимиро бо баҳои аъло хатм кардаанд, ҳуҷҷатҳои намунаи давлатии махсус – аттестати (шаҳодатномаи) универсалӣ бо медали тилло ва нуқра, аттестати (шаҳодатномаи) аълои равиявӣ бо медали тилло ва нуқра, дипломи аъло бо нишони аълочӣ дода мешавад.

13. Тартиби пешниҳод ба ҳуҷҷатҳои намунаи давлатии махсус – аттестати (шаҳодатномаи) универсалӣ бо медали тилло ва нуқра, аттестати

(шаҳодатномаи) аълои равиявӣ бо медали тилло ва нуқра, дипломи аъло бо нишони аълочӣ, инчунин имтиёзҳои ба ҳуҷҷатҳои мазкур вобастаро мақоми ваколатдори давлатӣ дар соҳаи маориф дар асоси низомномаи тасдиқнамудаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар менамояд.

14. Ба хатмкунандагони муассисаҳои таълимии таҳсилоти олии касбӣ инчунин нишони сарисинагӣ дода мешавад, ки намунааш аз ҷониби мақоми ваколатдори давлатӣ дар соҳаи маориф муқаррар карда мешавад.

15. Ҳуҷҷати намунаи давлатӣ дар бораи хатми зинаи таҳсилот, ки бо мӯҳри муассисаи таълимӣ тасдиқ карда мешавад, шарти асосии идомаи таҳсил дар зинаҳои минбаъдаи таҳсилот ба ҳисоб меравад.

16. Шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон мутобиқи тахассуси дар ҳуҷҷати намунаи давлатӣ нишондодашуда, инчунин дараҷаи илмии дар ҳуҷҷати намунаи давлатӣ қайдкардашуда ба амалигардонии фаъолияти касбӣ, аз ҷумла ишғол намудани вазифаҳое, ки барояшон талаботи тахассусӣ ба дараҷаи таҳсилот муқаррар шудааст, ҳуқуқ доранд.

17. Муассисаҳои таълимии ғайридавлатӣ, ки аз аккредитатсияи давлатӣ гузаштаанд, ба хатмкунандагони худ намунаи ҳуҷҷатҳои дар ҳамин модда номбаршударо месупоранд, ки онҳо баробари ҳуҷҷатҳои намунаи давлатӣ эътибор доранд.

18. Муассисаҳои таълимии ғайридавлатӣ, ки аз аккредитатсияи давлатӣ нагузаштаанд, ҳуҷҷатҳо дар бораи таҳсилотро бо мӯҳри худ тасдиқ мекунанд.

19. Тартиби қабул, бақайдгирӣ, нигоҳдорӣ ва супоридани ҳуҷҷатҳои намунаи давлатӣ дар бораи таҳсилотро мақоми ваколатдори давлатӣ дар соҳаи маориф таҳия ва тасдиқ мекунад.

20. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳуҷҷатҳои дараҷаи таҳсилоти дигар давлатҳо ба шарте эътироф мегарданд, ки агар онҳоро шартномаҳои байналмилалӣ пешбинӣ

намуда бошанд ё он давлатҳо бо Ҷумҳурии Тоҷикистон шартнома ё созишномаи дахлдор дошта бошанд.

21. Нострификатсияи ҳуҷҷатҳои дараҷаи таҳсилоти дигар давлатҳоро, ки бо Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи эътирофи ҳуҷҷатҳои таҳсилот шартнома ё созишнома надоранд, мақоми ваколатдори давлатии назорат дар соҳаи маориф ва илм муайян менамояд. **(ҚҶТ аз 23.12.2021с., №1832)**

Моддаи 24. Бо кор таъмин намудани хатмкардагони муассисаҳои таълимии таҳсилоти касбӣ

1. Хатмкардагони шӯъбаҳои рӯзонаи муассисаҳои таълимии таҳсилоти касбӣ тибқи санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо ҷойи кор таъмин карда мешаванд.

2. Шаҳрвандоне, ки аз ҳисоби буҷети давлатӣ тибқи фармоиши давлатӣ муассисаҳои таълимии таҳсилоти касбиро хатм кардаанд, мувофиқи шартномаи тарафайн ва роҳхати мақомоти дахлдор ӯҳдадоранд, ки аз рӯи ихтисос на камтар аз 3 сол фаъолият намоянд, ба шарте ки қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон тартиби дигареро муқаррар накарда бошад. Ин мутахассисон то 3 сол мутахассисони ҷавон ба ҳисоб мераванд.

3. Мутахассисони ҷавоне, ки аз ҳисоби буҷети давлатӣ муассисаҳои таълимии таҳсилоти касбиро дар хориҷи кишвар тибқи шартномаи тарафайн хатм кардаанд, ӯҳдадоранд, ки мувофиқи роҳхати мақомоти дахлдор аз рӯи ихтисос на камтар аз 5 сол фаъолият намоянд.

4. Барои бо ҷойи кор таъмин намудани мутахассисони ҷавон, ки аз ҳисоби буҷети давлатӣ ё тибқи фармоиши давлатӣ муассисаҳои таълимии таҳсилоти касбиро хатм кардаанд, мақомоти дахлдори давлатӣ вазифадор мебошанд. **(ҚҶТ аз 19.07.2022с., №1905)**

5. Мутахассисони ҷавоне, ки аз ҳисоби буҷети давлатӣ таҳсил намуда, тибқи фармоиши давлатӣ бесабаб ба ҷойи кори муайяншуда ҳозир намешаванд ё аз кор саркашӣ мекунанд, инчунин қабл аз ба охир расидани мӯҳлат талаботи шартномаи тарафайнро риоя наменамоянд, ӯхдадоранд маблағи барои таҳсили онҳо харҷшудаи давлатиро бо тартиби муқаррарнамудаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон баргардонанд.

6. Мақомот, муассисаҳо ва дигар ташкилотҳои давлатӣ, ки мутахассисони ҷавонро бо роҳхат қабул менамоянд, ӯхдадоранд барои онҳо шароити мусоиди корӣ фароҳам оваранд ва дар сурати набудани эҳтиёҷот ба мутахассис мақомоти дахлдори давлатиро хаттӣ огоҳ созанд.

7. Донишҷӯёне, ки муассисаҳои таълимии таҳсилоти олии касбиро бо дипломи аъло бо нишони аълочӣ хатм кардаанд, дар интихоби ҷойи кор озоданд ва барои дохилшавӣ ба магистратура, барои ихтисосҳои тиббӣ магистратура - ординатураи клиникӣ, аспирантура ё докторантура аз рӯи ихтисос бе навбат роҳ дода мешаванд. **(ҚҶТ аз 17.05.2018с., №1527)**

Моддаи 25. Ташкили раванди таълиму тарбия

1. Муассисаҳои таълимӣ раванди таълиму тарбияро тибқи стандартҳои давлатии таҳсилот, нақшаву барномаҳои таълимӣ ва санадҳои меъёрии ҳуқуқии соҳаи маориф амалӣ менамоянд.

2. Мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, мақомоти маҳаллии идоракунии маориф, мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот нақшаи таълим ва ҷадвали дарсҳоро, ки муассисаи таълимӣ тасдиқ кардааст, тағйир дода наметавонанд.

3. Дар муассисаҳои таълимӣ раванди таълиму тарбия дар асоси эҳтироми тарафайн миёни таълимгирандагон, омӯзгорон ва дигар кормандон

амалӣ карда мешавад. Дар муносибат бо таълимгирандагон истифодаи усулҳои зӯроварии ҷисмонӣ ва таъсири равонӣ манъ аст.

4. Дар раванди таълиму тарбия роҳбарони муассисаҳои таълимӣ, омӯзгорон ва дигар кормандон барои таъмини бехатарии ҳаёт ва саломатии таълимгирандагон, инчунин риояи меъёрҳои санитарию гигиенӣ масъул мебошанд.

5. Муассисаҳои таълимӣ бо роҳи ташкил намудани санҷишҳои ҷорӣ ва аттестатсияҳои фосилавӣ сатҳи азхудкунии барномаҳои таълимиро назорат ва муайян мекунанд.

6. Дар ҳамаи зинаҳои таҳсилот азхудкунии барномаҳои таълимӣ бо аттестатсияи хатм анҷом меёбад.

7. Дар муассисаҳои таълимии таҳсилоти ибтидоӣ, миёна ва олии касбӣ бо мақсади мустаҳкам намудани дониши назариявии хонандагон ва донишҷӯён таҷрибаомӯзии касбӣ ба роҳ монда мешавад. Мӯҳлати таҷрибаомӯзии касбӣ дар нақшаҳои таълимӣ нишон дода мешавад.

8. Барои ташкил ва гузаронидани таҷрибаомӯзии касбӣ роҳбарони муассисаҳои таълимӣ, корхона, муассиса ва ташкилотҳое, ки дар онҳо таҷрибаомӯзӣ гузаронида мешавад, масъул мебошанд.

9. Аз иҷрои вазифаи асосӣ дур сохтани кормандони соҳаи омӯзгорӣ, ҷалби таълимгирандагони муассисаҳои таълимӣ ба корҳои кишоварзӣ ва дигар корҳои ба таълиму тарбия новобаста, ба истиснои ҳолатҳое, ки санадҳои қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ намудааст, манъ аст. **(ҚҶТ аз 19.07.2022с., №1905)**

10. Дар муассисаҳои таълимии таҳсилоти умумӣ, ибтидоии касбӣ ва миёнаи касбӣ аз тарафи хонандагон ва донишҷӯён истифодаи телефони мобилӣ манъ аст. Дар муассисаҳои таълимии таҳсилоти олии касбӣ ва таҳсилоти касбии баъд аз муассисаи олии таълимӣ аз

тарафи донишчӯён, аспирантон, докторантон, омӯзгорон ва дигар кормандон истифодаи телефони мобилӣ дар раванди таълим манъ аст.

11. Дар муассисаҳои таълимӣ бо мақсади ташкили раванди таълиму тарбия нуқтаҳои хизматрасонии равоншиносӣ ва тиббию педагогӣ фаъолият карда метавонанд.

БОБИ 3. ТАНЗИМИ ДАВЛАТӢ ДАР СОҲАИ МАОРИФ

Моддаи 26. Мақсад ва шаклҳои танзими давлатӣ дар соҳаи маориф

1. Танзими давлатӣ дар соҳаи маориф бо мақсади ҳифзи ҳуқуқи конститутсионии шаҳрвандон ба таҳсил ва назорати сифати таҳсилот амалӣ карда мешавад.

2. Танзими давлатӣ дар соҳаи маориф инчунин ба пешбурди фаъолияти муассисаҳои таълимӣ нигаронида шуда, сифати таҳсилотро назорат ва идора менамояд.

Моддаи 27. Идоракунии сифати таҳсилот

1. Идоракунии сифати таҳсилот сиёсати ягонаи давлатӣ дар соҳаи маорифро амалӣ карда, низоми ягонаи миллии баҳогузорӣ ба сифати таҳсилотро муайян ва самаранокии онро таъмин менамояд.

2. Идоракунии сифати таҳсилот бо усулҳои баҳогузории дохилӣ ва берунӣ дар асоси натиҷаҳои мониторинг ва қабули қарорҳои идоракунӣ дар муассисаҳои таълимӣ амалӣ мегардад.

Моддаи 28. Назорати давлатӣ дар соҳаи маориф

1. Назорати давлатӣ дар соҳаи маориф фаъолияти таълимии шахсони воқеӣ ва ҳуқуқиро оид ба риояи иҷрои талаботи стандартҳои давлатии таҳсилот, нақша ва барномаҳои таълимӣ бо мақсади таъмини сиёсати ягонаи давлатӣ пешбинӣ менамояд. Назорати давлатӣ дар соҳаи маориф тавассути мақоми ваколатдори давлатии назорат дар соҳаи маориф ва илм амалӣ мегардад.

2. Назорати давлатӣ дар соҳаи маориф бо тарзҳои зерин амалӣ мешавад:

- иҷозатномадиҳӣ;

- баҳогузории маҷмӯӣ ба фаъолияти муассисаҳои таълимӣ;

- аттестатсияи давлатӣ;

- аккредитатсияи давлатӣ;

- назорати риояи талаботи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи маориф.

3. Назорати риояи талаботи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи маориф дар шакли санҷиши нақшавӣ, ғайринақшавӣ, иловагӣ ва такрорӣ амалӣ мегардад. **(ҚҶТ аз 23.12.2021с., №1832)**

Моддаи 28[1]. Ваколатҳои мақоми ваколатдори давлатии назорат дар соҳаи маориф ва илм

Ба ваколатҳои мақоми ваколатдори давлатии назорат дар соҳаи маориф ва илм дохил мешаванд:

- амалӣ намудани сиёсати давлатии назорат дар соҳаи маориф ва илм;

- назорати сифати таҳсилот дар асоси стандартҳои давлатии таҳсилот дар муассисаҳои таълимӣ;

- додани иҷозатнома барои амалӣ намудани фаъолияти таълимӣ ба муассисаҳои таълимии давлатӣ ва ғайридавлатӣ тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон;

- назорати риояи нақша ва барномаҳои таълимии намунавӣ барои муассисаҳои таълимии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар асоси стандартҳои давлатии таҳсилот;

- тибқи талаботи стандартҳои давлатии таҳсилот бо тартиби муқарраргардида ташкил кардани баҳогузории маҷмӯӣ ва аттестатсияи давлатии муассисаҳои таълимӣ;

- тибқи натиҷаи аттестатсияи давлатӣ ва баҳогузории маҷмӯӣ ба фаъолияти муассисаи таълимӣ ташкил намудани аккредитатсияи давлатии муассисаи таълимӣ;

- таъмини назорати меъёрҳои муайянкунандаи мақоми муассисаҳои таълимӣ;

- назорати иҷрои қонунҳо ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии соҳаи маориф дар муассисаҳои таълимӣ, новобаста аз шакли ташкилию ҳуқуқӣ ва тобеияти идоравӣ;

- назорати фаъолият оид ба мутобиқати маводи имтиҳонҳои марказонидаи дохилшавӣ ба муассисаҳои таълимии таҳсилоти миёна ва олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба барномаҳои таълимӣ ва стандартҳои давлатии таҳсилот;

- амалӣ намудани ваколатҳои дигаре, ки қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ намудааст. **(ҚҶТ аз 23.12.2021с., №1832)**

Моддаи 29. Иҷозатномадиҳӣ барои пешбурди фаъолияти таълимӣ

1. Иҷозатномадиҳӣ барои пешбурди фаъолияти таълимӣ дар соҳаи маориф тибқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи иҷозатномадиҳӣ ба баъзе намудҳои фаъолият» амалӣ карда мешавад.

2. Муассисаи таълимӣ танҳо пас аз гирифтани иҷозатнома барои пешбурди фаъолияти таълимӣ ҳуқуқи амалӣ намудани барномаҳои таълимиро пайдо менамояд.

Моддаи 30. Баҳогузории маҷмӯӣ ба фаъолият, аттестатсия ва аккредитатсияи давлатии муассисаи таълимӣ

1. Баҳогузории маҷмӯӣ ба фаъолият ва аттестатсияи давлатии муассисаҳои таълимӣ мутобиқи Қонуни мазкур бо тартиби муайяннамудаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон гузаронида мешавад.

2. Аккредитатсияи давлатии муассисаи таълимӣ бо тартиби муқаррарнамудаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар асоси аризаи муассисаи таълимӣ гузаронида мешавад.

3. Дар асоси натиҷаи аккредитатсияи давлатӣ ба муассисаи таълимӣ шаҳодатнома оид ба аккредитатсияи давлатӣ ба мӯҳлати 5 сол дода мешавад.

4. Қарор оид ба тасдиқ ё бозхонд намудани аккредитатсияи давлатӣ дар асоси аттестатсияи давлатии муассисаи таълимӣ қабул мегардад.

5. Муассисаҳои таълимии давлатҳои хориҷӣ ва ташкилотҳои байналмилалӣ ё филиалҳои онҳо, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон фаъолият менамоянд, аз аккредитатсияи давлатӣ бо тартибе, ки барои муассисаҳои таълимии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ шудааст, мегузаранд.

БОБИ 4. ИДОРАКУНИИ СОҲАИ МАОРИФ

Моддаи 31. Мақомоти давлатии идоракунии соҳаи маориф

1. Идоракунии соҳаи маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон хусусияти давлатию ҷамъиятӣ дошта, мутобиқи Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Қонуни мазкур, дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва оинномаи муассисаҳои таълимӣ амалӣ карда мешавад. **(ҚҶТ аз 28.08.2017с., №1462)**

2. Мақомоти давлатии идоракунии соҳаи маориф дар Ҷумҳурии Тоҷикистон инҳо мебошанд:

- Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон;
- мақоми ваколатдори давлатӣ дар соҳаи маориф;
- вазорату идораҳое, ки дар сохтори худ муассисаҳои таълимию тарбиявӣ доранд;
- мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ;
- мақомоти маҳаллии идоракунии маориф;
- мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот. **(ҚҶТ аз 19.07.2022с., №1905)**

Моддаи 32. Салоҳияти Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи маориф

Ба салоҳияти Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи маориф инҳо мансубанд:

- муайян ва таъмин намудани рушди соҳаи маориф ҳамчун самти афзалиятноки сиёсати иҷтимоии давлатӣ;

- таъмин кардани роҳбарии самараноки соҳаи маориф;

- бо пешниҳоди вазорату идораҳо таъсис, азнавташкилдиҳӣ ва барҳамдиҳии муассисаҳои таълимии таҳсилоти умумӣ, ибтидоӣ, миёна ва олии касбӣ, таҳсилоти касбии баъд аз муассисаи олии таълимии дорои мақоми ҷумҳуриявӣ ва муассисаҳои махсуси таълиму тарбия, Академияи таҳсилоти Тоҷикистон ва сохторҳои он;

- тасдиқи низомномаи намунавии созмони хонандагони муассисаҳои таълимии таҳсилоти умумӣ; **(ҚҶТаз 17.05.2018с., №1527)**

- тасдиқи стандартҳои давлатии таҳсилот;

- тасдиқи дурнамо, консепсия, стратегия ва барномаҳои давлатии рушди соҳаи маориф, таъмини онҳо аз ҷиҳати моддию техникӣ ва молиявӣ;

- муайян намудани самтҳои афзалиятноки таҳқиқоти илмию техникӣ, технологӣ, инноватсионӣ ва рушди минбаъдаи онҳо, мусоидат намудан ба пешрафти муассисаҳо, паркҳои технологӣ ва марказҳои илмие, ки дар сохтори муассисаҳои таълимӣ фаъолият доранд;

- таъсиси марказҳои илмию инноватсионӣ, паркҳои технологӣ;

- ҳамоҳангсозии байнисоҳавии илмӣ ва илмию техникӣ бо мақсади амалӣ намудани консепсияҳо, барномаҳо, лоиҳаҳои илмӣ, инноватсионӣ, технологию коммуникатсионӣ;

- муайян намудани тартиби додани иҷозатнома, гузаронидани аттестатсияи давлатӣ, баҳогузории маҷмӯӣ ба фаъолият ва аккредитатсияи давлатии муассисаҳои таълимӣ, тартиби аттестатсияи

кормандони соҳаи омӯзгорӣ ва илмии муассисаҳои таълимӣ;

- тасдиқи феҳристи касбу ихтисосҳое, ки бо шакли фосилавӣ ва экстернат гирифтани онҳо манъ аст; **(ҚҶТ аз 19.07.2022с., №1905)**

- тасдиқи феҳрист ва таснифоти самт, равия ва ихтисосҳои таҳсилоти касбӣ;

- тасдиқи Тартиби гузаронидани имтиҳонҳои марказонидаи дохилшавӣ ба муассисаҳои таълимии таҳсилоти олии миёна ва касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон; **(ҚҶТ аз 23.07.2016с., №1346)**

- муайян намудани меъёрҳои ҳадди ақалли маблағгузории соҳаи маориф, тартиби маблағгузории буҷетии муассисаҳои таълимии давлатӣ ва ғайридавлатӣ;

- ба вазифа таъин ва аз вазифа озод намудани ректорони муассисаҳои таҳсилоти олии касбии давлатӣ бо пешниҳоди вазорату идораҳои дахлдор;

- тасдиқ намудани ҳуҷҷатҳои намунаи давлатӣ дар бораи таҳсилот, низомномаҳо дар бораи аттестати (шаҳодатномаи) универсалӣ бо медали тилло ва нуқра, аттестати (шаҳодатномаи) аълои равиявӣ бо медали тилло ва нуқра, дипломи аъло бо нишони аълочӣ, муайян намудани имтиёзҳои ба ҳуҷҷатҳои мазкур вобаста;

- муайян намудани андозаи музди меҳнат ва маоши вазифавии омӯзгорон ва дигар кормандони муассисаҳои таълимии давлатӣ, меъёрҳо ва тартиби пешниҳоди имтиёзҳо, грантҳо, ҷоизаҳо ва стипендия барои кормандони мазкур, хонандагон, донишҷӯён, аспирантон, докторантон ва муҳаққиқоне, ки ба вазифаи ходими илмӣ гузаронида мешаванд;

- тасдиқи қоидаҳои аттестатсияи давлатӣ, аккредитатсияи давлатии муассисаҳои таълимӣ, баҳогузории маҷмӯӣ ба фаъолияти муассисаҳои таълимӣ;

- тасдиқи тартиби гузаронидани мониторинги сифати таҳсилот ва рейтинги муассисаҳои таълимӣ, эътироф ва муайян намудани баробарарзишӣ (нострификатсия)-и ҳуҷҷатҳои таҳсилоти давлатҳои хориҷӣ; **(ҚҶТ аз 23.12.2012с., №1832)**

- муайян ва тасдиқ намудани тартиби ягонаи ҷамъоварии маълумоти оморӣ соҳаи маориф;

- тасдиқ намудани тартиби тақсимот ва бо ҷои кор таъмин намудани мутахассисони ҷавон;

- амалӣ намудани дигар салоҳиятҳо тибқи санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон.

Моддаи 33. Ваколатҳои мақоми ваколатдори давлатӣ дар соҳаи маориф

Ба ваколатҳои мақоми ваколатдори давлатӣ дар соҳаи маориф дохил мешаванд:

- амалӣ намудани сиёсати давлатӣ дар соҳаи маориф;

- таъмини риояи ҳуқуқ ва озодиҳои конститутсионии шаҳрвандон дар соҳаи маориф;

- назорати раванди таълим дар асоси стандартҳои давлатии таҳсилот дар муассисаҳои таълимӣ;

- ба имзо расонидани шартнома ва дигар санадҳо оид ба ҳамкорӣ дар соҳаи маориф бо тартиби муқарраршуда;

- таҳияи низомномаҳои намунавии муассисаҳои таълимӣ ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии танзимкунандаи соҳаи маориф ва пешниҳод намудани онҳо барои тасдиқ ба Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон;

- дар асоси низомномаҳои намунавии муассисаҳои таълимӣ ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ тасдиқ намудани оиннома, дастурамал ва қоидаҳои намунавӣ, ки фаъолияти муассисаҳои таълимии дахлдорро танзим менамоянд;

- пешниҳод намудани таклифҳо ба Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба таъсис, азнавташкилдиҳӣ ва барҳамдиҳии муассисаҳои таълимии таҳсилоти

умумӣ, ибтидоӣ, миёна ва олии касбии дорои мақоми ҷумҳуриявӣ;

- таҳияи стандартҳои давлатии таҳсилот ва барои тасдиқ ба Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод кардани онҳо;

-тасдиқ ва назорати риояи нақша ва барномаҳои таълимии намунавӣ барои муассисаҳои таълимии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар асоси стандартҳои давлатии таҳсилот;

- муайян кардани теъдоди нашри адабиёти таълимӣ, тасдиқи нашри китобҳои дарсӣ, воситаҳои таълимӣ ва маводи таълимию методӣ тибқи талаботи стандартҳои давлатии таҳсилот ва барномаҳои таълимӣ барои ҳамаи зинаҳои таҳсилот;

- баррасӣ ва ҳалли масъалаҳои таъмин ва ҷобаҷогузории мутахассисон, муайян кардани мазмун, тартиби такмили ихтисос ва бозомӯзии кормандони соҳаи маориф;

- дар мувофиқа бо вазорату идораҳои дахлдори Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳия намудани санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ оид ба таъмини заминаҳои моддию техникӣ, низоми молиявӣ, меъёрҳои маблағгузорӣ, меъёри музди меҳнат ва маоши вазифавии омӯзгорон ва дигар кормандони соҳаи маориф ва ба Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон барои тасдиқ пешниҳод намудани онҳо;

- дар мувофиқа бо мақомоти дахлдори давлатӣ муайян намудани андозаи маблағи таҳсил, аз ҷумла маблағи таълими пулакӣ барои муассисаҳои таълимӣ;

- бо мақсади муайян намудани дараҷаи тахассус ва такмил додани маҳорати касбии мутахассисон тибқи талаботи стандартҳои давлатии таҳсилот ҳар 5 сол мутобиқи низомнома ва қоидаҳои муқарраршуда гузаронидани аттестатсияи омӯзгорон ва дигар кормандони муассисаҳои таълимӣ;

- тасдиқ кардани меъёрҳои муайянкунандаи мақоми муассисаҳои таълимӣ;

- бо пешниҳоди ректорони муассисаҳои таълимии давлатии таҳсилоти олии касбӣ ба вазифа таъин ва аз вазифа озод кардани муовинони якум ва муовинони онҳо, инчунин роҳбарони муассисаҳои таълимии давлатии таҳсилоти ибтидоӣ ва миёнаи касбӣ, мактаб

- интернатҳои дорои мақоми ҷумҳуриявӣ ва дигар муассисаҳои таълимии таҳсилоти махсуси сохтори мақоми ваколатдори давлатӣ дар соҳаи маориф; **(ҚҶТ аз 19.07.2022с., №1905)**

- ба вазифа таъин ва аз вазифа озод кардани роҳбарони воҳидҳои сохтории муассисаю дигар ташкилотҳо, ба истиснои муассисаҳои таълимии таҳсилоти олии касбие, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба вазифа таъин ва аз вазифа озод карда мешаванд;

- дар мувофиқа бо раисони Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоятҳо, шаҳри Душанбе, шаҳр ва ноҳияҳои ҷумҳурӣ ба вазифа таъин ва аз вазифа озод намудани сардорони сарраёсати маориф, раёсати маориф ва мудирони шуъбаҳои маориф. **(ҚҶТ аз 17.12.2020с., №1738)**

- дар мувофиқа бо мақомоти дахлдори давлатӣ муайян кардани ихтисос ва равияҳо оид ба тайёр намудани мутахассисон вобаста ба эҳтиёҷоти иқтисодиёти миллӣ ва бозори меҳнат дар муассисаҳои таълимии таҳсилоти касбии ҷумҳурӣ бо назардошти имконияти воқеии муассисаҳои таълимии таҳсилоти касбӣ;

- додани иҷозат ба муассисаҳои таълимии таҳсилоти олии касбӣ ва касбии баъд аз муассисаи олии таълимӣ, Академияи таҳсилоти Тоҷикистон ва воҳидҳои сохтории он барои таъсиси магистратура аспирантура, докторантура аз рӯи ихтисос, докторантура, постдокторантура ва таъсиси вазифаи ходими илмӣ; **(ҚҶТаз 17.05.2018с., №1527)**

- тасдиқ кардани қоидаҳои умумии қабули тарбиягирандагон ва таълимгирандагон ба

муассисаҳои таълимии томактабӣ, таълимии таҳсилоти умумӣ, ибтидоӣ, миёна, олии касбӣ ва касбии баъд аз муассисаи олии таълимӣ**,** Кодекси одоби корманди соҳаи маориф, намуна ва қоидаҳои пӯшидани сару либоси расмии хонандагон, донишҷӯён, шунавандагон ва омӯзгорони муассисаҳои таълимӣ, ба истиснои муассисаҳои таълимии тобеи Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон, вазорату идораҳое, ки дар онҳо хизмати ҳарбӣ пешбинӣ шудааст ва назорати иҷрои онҳо; **(ҚҶТ аз 19.07.2022с., №1905)**

- тасдиқ кардани тартиб ва тарзи гузаронидани имтиҳонҳои дохилшавӣ, санҷишу имтиҳонҳои ҷорӣ ва хатм барои ҳамаи зинаҳои таҳсилоти муассисаҳои таълимӣ, ба истиснои имтиҳонҳои марказонидаи дохилшавӣ ба муассисаҳои таълимии таҳсилоти миёна ва олии касбӣ; **(ҚҶТ аз 23.07.2016с., №1346)**

- дар мувофиқа бо мақомоти дахлдори давлатӣ амалӣ намудани таҳсили шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон дар давлатҳои хориҷӣ;

- муайян ва дар амал татбиқ намудани тартиб ва тарзу усулҳои гузаронидани таҳлили хавфҳои коррупсия дар соҳаи маориф; **(ҚҶТ аз 15.03.2016с., №1295)**

- ташкил кардани такмили ихтисос, бозомӯзӣ ва таҳсилоти иловагии омӯзгорон ва дигар кормандони соҳаи маориф;

- бо мақсади истифодаи самараноки маҳорати касбӣ ва пешгирии зуҳуроти коррупсионӣ тасдиқ намудани қоидаҳои ҷойивазкунии роҳбарони мақомот ва муассисаҳои сохтории худ;

- таъмини ҳамоҳангии фаъолияти мақомоти идоракунии маориф бо муассисаҳои таълимӣ;

- таъмин ва назорати фаъолияти муассисаҳои таълиму тарбияи соҳаи маориф, маблағгузории онҳо аз ҳисоби маблағи дар ихтиёрашон буда;

- назорати раванди таъсис ва фаъолияти марказҳои инноватсионӣ ва паркҳои технологӣ;

- бо тартиби муқарраргардида амалӣ намудани ҳамкорӣ бо муассисаҳои таълимӣ дар асоси созишномаҳои тарафайн;

- тибқи санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон амалӣ намудани дигар ваколатҳо.

Моддаи 34. Ваколатҳои вазорату идораҳое, ки дар сохтори худ муассисаҳои таълимию тарбиявӣ доранд

Вазорату идораҳое, ки дар сохтори худ муассисаҳои таълимию тарбиявӣ доранд, дорои ваколатҳои зерин мебошанд:

- оид ба таъсис, азнавташкилдиҳӣ ва барҳамдиҳии муассисаҳои таълимии таҳсилоти умумӣ, ибтидоӣ, миёна, олии касбӣ ва касбии баъд аз муассисаи олии таълимии дорои мақоми ҷумҳуриявӣ, таҳсилоти махсус ва марказҳои таҳсилоти калонсолон дар сохтори худ дар мувофиқа бо мақоми ваколатдори давлатӣ дар соҳаи маориф ба Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон таклифҳо пешниҳод менамоянд;

- бо пешниҳоди ректорони муассисаҳои таълимии таҳсилоти олии касбӣ ва таҳсилоти касбии баъд аз муассисаҳои олии таълимӣ, муовинони якум ва муовинони онҳо, инчунин роҳбарони муассисаҳои таълимии таҳсилоти ибтидоӣ ва миёнаи касбӣ ва таҳсилоти махсуси сохтори худро ба вазифа таъин ва аз вазифа озод менамоянд;

- раванди таълиму тарбияро тибқи талаботи стандартҳои давлатии таҳсилот дар муассисаҳои таълимии сохтори худ таъмин менамоянд;

- нақшаю барномаҳои таълимӣ, адабиёти таълимии муассисаҳои таълимии соҳаҳои марбутаро баррасӣ намуда, барои тасдиқ ба мақоми ваколатдори давлатӣ дар соҳаи маориф пешниҳод менамоянд ва нашри онҳоро вобаста ба имконоти молиявӣ амалӣ менамоянд;

- такмили ихтисос, бозомӯзӣ, таҳсилоти иловагӣ ва аттестатсияи омӯзгорон ва дигар кормандони муассисаҳои таълимии таҳсилоти касбӣ ва воҳидҳои сохтории худро ташкил ва таъмин менамоянд;

- фаъолияти муассисаҳои таълиму тарбияи сохтори худро назорат намуда, аз ҳисоби маблағи дар ихтиёрашон буда онҳоро маблағгузорӣ мекунанд;

- дар раванди назорат, аттестатсия ва аккредитатсияи давлатӣ, инчунин баҳогузории маҷмӯӣ ба фаъолияти муассисаҳои таълимии сохтори худ ва раванди иҷозатномадиҳӣ ба онҳо, ки бо тартиби муқаррарнамудаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон гузаронида мешаванд, иштирок менамоянд;

- якҷоя бо мақоми ваколатдори давлатӣ дар соҳаи маориф стандартҳои давлатии таҳсилотро барои муассисаҳои таълимии таҳсилоти касбии соҳавӣ ё муассисаҳои зертобеи худ таҳия намуда, бо тартиби муқарраргардида барои тасдиқ ба Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод менамоянд;

- ба нашри китобҳои илмию таълимии тахассусӣ ва соҳавӣ мусоидат менамоянд;

- аттестатсияи омӯзгорон ва кормандони ихтисосҳои (фанҳои) тахассусии муассисаҳои таълимию илмии худро мегузаронанд;

- ба хатмкунандагони муассисаҳои таълимии зертобеи худ роҳхати корӣ дода, бо кор таъмин намудан ва раванди ба кор рафтани онҳоро назорат менамоянд;

- низоми таҳсилоти муттасили касбию тахассусии соҳавии худро муайян менамоянд;

- тибқи санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон дигар ваколатҳоро амалӣ менамоянд.

Моддаи 35. Ваколатҳои мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ

Мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ дар соҳаи маориф ваколатҳои зеринро доранд:

- сиёсати давлатиро дар соҳаи маориф дар маҳалҳо амалӣ менамоянд, барномаҳои маҳаллии рушди соҳаи маорифро бо назардошти хусусиятҳои миллӣ, иҷтимоӣ, фарҳангӣ, демографӣ ва дигар хусусиятҳо таҳия намуда, амалӣ мегардонанд;

- фаъолияти мақомоти маҳаллии идоракунии маорифро назорат менамоянд;

- муассисаҳои таълимии томактабӣ, муассисаҳои таълимии таҳсилоти умумӣ ва иловагии давлатиро, ки мақоми маҳаллӣ доранд, дар мувофиқа бо мақоми ваколатдори давлатӣ дар соҳаи маориф ва дигар мақомоти дахлдори давлатӣ таъсис, аз нав ташкил ва барҳам медиҳанд; **(ҚҶТ аз 19.07.2022с., №1905)**

- буҷети маҳаллӣ, аз ҷумла буҷети соҳаи маориф ва фондҳои дахлдори рушди маорифро ташаккул дода, на камтар аз меъёрҳои ҳадди ақалли аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқгардида меъёрҳои маҳаллии маблағгузории соҳаи маорифро таҳия ва тасдиқ менамоянд;

- шароити мусоидро барои инкишофи заминаи моддию техникии муассисаҳои таълимӣ, муассисаю дигар ташкилотҳои соҳаи маориф таъмин менамоянд;

- ба дуруст таҳия намудан ва ба мақомоти болоӣ пешниҳод кардани ҳисоботи омории муассисаи худ масъул мебошанд;

- барои аз муассисаҳои таълимии таҳсилоти миёнаи асосӣ дур нашудани хонандагон тадбирҳо андешида, ҷалби онҳоро ба зинаҳои минбаъдаи таҳсилот назорат менамоянд;

- аз ҳисоби маблағи иловагии худ барои инкишофи заминаи моддию техникии муассисаҳои таълимӣ ва ташкилотҳои маҳаллии маориф шароити мусоид фароҳам месозанд;

- такмили ихтисос, бозомӯзӣ ва таҳсилоти иловагии омӯзгорон ва дигар кормандони соҳаи маорифро маблағгузорӣ менамоянд;

- тарбиягирандагон ва хонандагони муассисаҳои таълимии давлатиро бо хизматрасонии ройгон ва ё имтиёзноки тиббӣ таъмин мекунанд;

- тибқи санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон дигар ваколатҳоро амалӣ менамоянд.

Моддаи 36. Ваколатҳои мақомоти маҳаллии идоракунии маориф

Мақомоти маҳаллии идоракунии маорифи вилоятҳо, шаҳрҳо ва ноҳияҳо дар фаъолияти худ дорои чунин ваколатҳо мебошанд:

- муассисаҳои таълимиро, ки аз буҷети маҳаллӣ маблағгузорӣ мешаванд, намояндагӣ мекунанд;

- кӯдакони синни томактабӣ ва мактабиро ба ҳисоб гирифта, таълиму тарбияи онҳоро то дарёфти таҳсилоти умумии асосӣ зери назорат мегиранд;

- васояту парастории кӯдакони ноболиғро, ки аз парастории падару модар (шахсони онҳоро ивазкунанда) маҳрум мондаанд, муқаррар намуда, онҳоро ба хонаҳои кӯдакон ё мактаб-интернатҳо ҷойгир мекунанд, дигар васӣ ё парасторро таъин мекунанд ва фаъолияти онҳоро таҳти назорат мегиранд;

- мутобиқати мазмуни раванди таълиму тарбияро ба талаботи стандартҳои давлатии таҳсилот дар муассисаҳои таълимии сохтори маҳаллӣ дар доираи ваколатҳои худ таъмин мекунанд;

- аттестатсияи омӯзгорон ва дигар кормандони соҳаи маорифро гузаронида, ба онҳо дараҷаҳои тахассусӣ медиҳанд;

- фармоиши давлатиро оид ба тайёр кардани коргарон ва мутахассисон дар асоси озмун дар муассисаҳои таълимии таҳсилоти ибтидоӣ ва миёнаи касбии маҳаллӣ ичро мекунанд;

- роҳбарони муассисаҳои таълимии томактабӣ, муассисаҳои таълимии таҳсилоти умумӣ ва иловагии давлатиро, ки аз буҷети маҳаллӣ маблағгузорӣ

мешаванд, дар мувофиқа бо мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, инчунин муовинони роҳбарони муассисаҳои мазкурро дар мувофиқа бо роҳбарони онҳо ба вазифа таъин ва аз вазифа озод мекунанд; **(ҚҶТ аз 19.07.2022с., №1905)**

- ба мақомоти болоӣ дар бораи масъалаҳои таҳсилоти томактабӣ, умумӣ ва иловагӣ ҳисоботи оморӣ пешниҳод менамоянд;

- барои аз муассисаҳои таълимии таҳсилоти умумии асосӣ дур нашудани хонандагон масъул буда, ҷалби онҳоро ба зинаҳои минбаъдаи таҳсилот таъмин менамоянд;

- фаъолияти хатмкунандагони муассисаҳои таълимии таҳсилоти умумии асосӣ ва миёнаи умумиро зери назорат гирифта, барои ба зинаҳои минбаъдаи таҳсилот ҷалб намудани онҳо тадбирҳо меандешанд;

- барои ба муассисаҳои таълимии таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва хориҷи кишвар тайёр намудани хонандагони муассисаҳои таълимии таҳсилоти миёнаи умумӣ тадбирҳо андешида, омодагии онҳоро якҷоя бо муассисаҳои таълимӣ зери назорат мегиранд;

- оинномаи муассисаҳои таълимии давлатиро, ки аз буҷети маҳаллӣ маблағгузорӣ мешаванд, тасдиқ мекунанд;

- такмили ихтисос ва бозомӯзии омӯзгорон ва дигар кормандони соҳаи маорифро тавассути шабакаи кабинетҳои методӣ ба нақша мегиранд ва ташкил мекунанд;

- тибқи санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон дигар ваколатҳоро амалӣ менамоянд.

Моддаи 37. Ваколатҳои мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот

Мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот дар доираи фаъолияти худ ваколатҳои зеринро доро мебошанд:

- барои барҳам додани муассисаҳои таълимии томактабӣ ва таҳсилоти умумии давлатӣ дар ҳудуди дахлдор ризоият медиҳанд; **(ҚҶТ аз 19.07.2022с., №1905)**

- ба беҳтар намудани раванди таълиму тарбия ва шароити моддию маишии омӯзгорон ва дигар кормандони соҳаи маориф мусоидат менамоянд;

- дар бобати беҳбудии шароити иҷтимоии омӯзгорон ва дигар кормандони соҳаи маориф чораҳо меандешанд;

- тибқи санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон дигар ваколатҳоро амалӣ менамоянд.

Моддаи 38. Вазифаҳои муассисаҳои таълимӣ

1. Муассисаҳои таълимӣ дар амалӣ намудани раванди таълиму тарбия, интихоб ва ҷобаҷогузории мутахассисон, фаъолияти илмӣ ва молиявию хоҷагидорӣ дар доираи меъёрҳои муайяннамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ва оинномаи муассисаи таълимӣ мустақил мебошанд.

2. Муассисаҳои таълимӣ дар доираи фаъолияти худ вазифаҳои зеринро иҷро менамоянд:

- оинномаи худро таҳия намуда, тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон аз қайд мегузаронанд;

- қоидаҳои тартиботи дохилии муассисаи таълимии худро тасдиқ менамоянд;

- нақшаҳои таълим, ҷадвали солонаи таҳсил ва ҷадвали дарсҳоро тасдиқ менамоянд;

- талаботи иҷозатномаро барои пешбурди фаъолияти таълимӣ риоя менамоянд;

- дар раванди таълиму тарбия усулҳои фаъоли таълимро ҷорӣ менамоянд;

- аттестатсияи мобайнӣ ва аттестатсияи хатми хонандагон ва донишҷӯёнро гузаронида, сатҳи сифати таълимро назорат менамоянд;

- шаклҳои нави таълим, аз ҷумла таълими кредитиро татбиқ менамоянд;

- такмили ихтисос ва бозомӯзии омӯзгорон ва дигар кормандони соҳаи маорифро тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон амалӣ менамоянд;

- бақайдгирӣ (инвентаризатсия), ҳифз ва нигоҳубини мол, ашё ва таҷҳизоти таълимиро таъмин менамоянд;

- бо мақсади амалигардонии фаъолияти оинномавӣ тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон барои ҷалби сарчашмаҳои иловагии моддӣ-техникӣ ва молиявӣ тадбирҳо меандешанд; **(ҚҶТ аз 19.07.2022с., №1905)**

- тарзи ҳаёти солимро дар байни таълимгирандагон тарғиб намуда, меъёрҳои санитарию гигиенӣ ва бехатариро риоя мекунанд;

- барои аз таҳсил дур намондани кӯдакони синни мактабӣ якҷоя бо мақомоти дахлдори давлатӣ маълумоти оморӣ ҷамъ намуда, ҷалби хонандагонро ба зинаҳои таҳсилот назорат менамоянд;

- ба таълимгирандагони эҳтиёҷманд тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон имтиёзҳои иловагӣ муқаррар намуда, онҳоро бо маводи зарурӣ таъмин менамоянд;

- хонандагонро барои дохил шудан ба муассисаҳои таълимии таҳсилоти ибтидоӣ, миёна, олии касбии кишвар ва хориҷа омода менамоянд;

- ба хонандагон тарзи дурусти интихоби касбро таълим дода, роҳнамоии касбиро ба роҳ мемонанд;

- ба дуруст таҳия намудан ва ба мақомоти болоӣ пешниҳод кардани ҳисоботи оморию муассисаи худ масъул мебошанд;

- сохтор, ҷадвали вазифаю маош, тақсимоти ӯҳдадориҳои вазифавии омӯзгорон ва дигар кормандони муассисаи худро тасдиқ менамоянд;

- ба маоши вазифавии омӯзгорони муассисаи худ иловапулиҳо муқаррар намуда, тартиб ва андозаи

мукофотпулиҳоро тибқи санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян менамоянд;

- омӯзгорон ва дигар кормандони худро ба мукофотҳои соҳавӣ ва давлатӣ пешбарӣ менамоянд;

- ба заминаҳои моддию техникии муассисаи худ таҳким бахшида, мутобиқи талаботи меъёрӣ бо таҷҳизот ва ашёи таълимӣ таъмин менамоянд;

- фаъолияти нуқтаҳои хӯроки умумӣ ва тиббиро таъмин ва таҳти назорат қарор дода, барои беҳтар намудани шароити онҳо тадбирҳо меандешанд;

- ба фаъолияти омӯзгорон, дигар кормандон ва мақомоти худидоракунии муассисаҳои таълимӣ мусоидат менамоянд;

- вазифаҳои дигареро, ки оинномаи муассисаи таълимӣ пешбинӣ кардааст, иҷро мекунанд.

3. Муассисаҳои таълимии ғайридавлатӣ ҳамчун қисми таркибии соҳаи маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон баробари муассисаҳои таълимии давлатӣ вазифаҳои дар моддаи мазкур пешбинишударо иҷро менамоянд.

Моддаи 39. Идоракунии муассисаҳои таълимии давлатӣ

1. Идоракунии муассисаҳои таълимии давлатӣ тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ҳуҷҷатҳои таъсисии онҳо амалӣ мегардад.

2. Роҳбарии умумии муассисаи таълимии давлатиро шӯрои муассиса, роҳбарии бевоситаро мудир, директор, ректор ё дигар роҳбар иҷро менамояд.

3. Роҳбарони муассисаҳои таълимии томактабӣ, муассисаҳои таълимии таҳсилоти миёнаи умумӣ, ибтидоӣ, миёна ва олии касбӣ ва таҳсилоти касбии баъд аз муассисаи олии таълимӣ, махсус ва иловагии давлатӣ бо тартиби муқарраршуда аз тарафи мақомоти дахлдори давлатӣ ба вазифа таъин ва аз вазифа озод карда мешаванд. **(ҚҶТ аз 19.07.2022с., №1905)**

4. Ба роҳбарони муассисаҳои таълимӣ ишғоли дигар вазифаҳои роҳбарикунанда, ба ғайр аз роҳбарии

илмӣ, илмию методӣ дар дохили муассиса ё берун аз он манъ аст.

Моддаи 40. Идоракунии муассисаҳои таълимии ғайридавлатӣ

1. Муассисаҳои таълимии ғайридавлатӣ бо тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ҳуҷҷатҳои таъсисии онҳо идора карда мешаванд.

2. Муассисаҳои таълимии ғайридавлатӣ бо муассисаҳои таълимии давлатӣ баробарҳуқуқ буда, бо тартиби муқаррарнамудаи санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон фаъолият менамоянд.

3. Тарзҳои идоракунии бевоситаи муассисаҳои таълимии ғайридавлатиро муассиси (муассисони) онҳо муайян мекунад.

Моддаи 41. Худидоракунии муассисаҳои таълимӣ

1. Дар муассисаҳои таълимӣ тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон мақомоти худидоракунии муассисаҳои таълимӣ таъсис дода мешаванд.

2. Ба мақомоти худидоракунии муассисаҳои таълимӣ шӯрои муассисаи таълимӣ, шӯроҳои омӯзгорон ва олимон, шӯроҳои истеҳсолию педагогӣ, илмию методӣ, шӯроҳои ҷамъиятӣ, директорон, ректорон, донишҷӯён, аспирантон, сарпарастон, нозирон, созмонҳои хонандагон, сохторҳои кумитаҳои кор бо ҷавонон ва занон, кумитаҳои падару модарон, ассотсиатсияҳои падару модарон, омӯзгорон ва ғайра дохил мешаванд, ки номгӯй ва вазифаҳои онҳо бо назардошти низомномаҳои дахлдори намунавии муассисаҳои таълимӣ дар оинномаи муассисаи таълимӣ пешбинӣ мегарданд. **(ҚҶТ аз 17.05.2018с., №1527)**

3. Ба ҳайати мақомоти худидоракунии муассисаҳои таълимӣ намояндагони ҳайати профессорону омӯзгорон, хонандагон, донишҷӯён, аспирантон ва иттиҳодияҳои муассисаҳои таълимӣ дохил мешаванд.

4. Мақомоти худидоракунии муассисаҳои таълимӣ тадбирҳои зеринро меандешанд:

- раванди таълиму тарбияро ташаккул дода, иҷрои онро назорат менамоянд;

- фаъолияти молиявию хоҷагидории муассисаҳои таълимиро назорат менамоянд;

- ба беҳтар шудани вазъи молиявию хоҷагидории муассисаҳои таълимӣ мусоидат менамоянд.

Моддаи 42. Асосҳои илмӣ ва таъминоти илмии соҳаи маориф

1. Соҳаи маориф дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар асоси дастовардҳои илму техника, фарҳанг, анъанаҳои миллӣ ва арзишҳои умумибашарӣ ташаккул меёбад.

2. Мақоми ваколатдори давлатӣ дар соҳаи маориф якҷоя бо Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, Академияи таҳсилоти Тоҷикистон, дигар академияҳои соҳавӣ, муассисаҳои илмию таҳқиқотӣ, дастовардҳои илмӣ, техникӣ, технологӣ, инноватсионӣ ва фарҳангиро дар муассисаҳои таълимӣ ҷорӣ менамоянд.

3. Таъминоти илмии соҳаи маорифро Академияи таҳсилоти Тоҷикистон, муассисаҳои таълимии таҳсилоти олии касбӣ, пажӯҳишгоҳҳои илмию таҳқиқотии соҳавӣ, донишкадаҳои такмили ихтисос, дигар муассисаҳои илмию методӣ дар ҳамкорӣ бо иттиҳодияҳои эҷодӣ ва ташкилотҳои дахлдор амалӣ менамоянд.

БОБИ 5. ҲУҚУҚ ВА ӮҲДАДОРИҲОИ СУБЪЕКТҲОИ РАВАНДИ ТАЪЛИМУ ТАРБИЯ. МАҚОМИ ОМӮЗГОР

Моддаи 43. Субъектҳои раванди таълиму тарбия

Ба субъектҳои раванди таълиму тарбия дохил мешаванд:

- таълимгирандагон, коромӯзон, интернҳо, ординаторон, аспирантон, докторантон аз рӯи ихтисос, докторантон, постдокторантон, унвонҷӯёни

дараҷаҳои илмии муассисаҳои таълимӣ ва илмӣ, кормандони соҳаи такмили ихтисос ва бозомӯзӣ;

- мураббиён, устоҳои таълими истеҳсолӣ, омӯзгорон ва дигар кормандони соҳаи маориф;

- ходимони илмӣ, кормандони муассисаҳои таълимии таҳсилоти иловагӣ;

- падару модарон (шахсони онҳоро ивазкунанда);

- намояндагони муассисаву дигар ташкилотҳои сарпараст, иттифоқҳои касаба, ташкилотҳои ҷамъиятӣ, дигар шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ, ки дар соҳаи маориф фаъолият менамоянд. **(ҚҶТаз 17.05.2018с., №1527)**

Моддаи 44. Ҳуқуқҳо ва ҳифзи иҷтимоии субъектҳои раванди таълиму тарбия

1. Ҳуқуқҳо ва ҳифзи иҷтимоии субъектҳои раванди таълиму тарбия мутобиқи Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Қонуни мазкур ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар карда мешаванд. **(ҚҶТ аз 28.08.2017с., №1462)**

2. Хонандагон ва донишҷӯёни муассисаҳои таълимие, ки аз аккредитатсияи давлатӣ гузаштаанд, баъди анҷоми таҳсил ҳуқуқи гирифтани таҳсилотро дар зинаи минбаъдаи таҳсилот доранд.

3. Хонандагон ва донишҷӯёне, ки дар муассисаҳои таълимии ғайридавлатии аз аккредитатсияи давлатӣ нагузашта таҳсил мекунанд, ҳуқуқ доранд имтиҳонҳои хатмро бо иҷозати мақоми ваколатдори давлатӣ дар соҳаи маориф ва мақомоти маҳаллии идоракунии маориф дар муассисаҳои таълимии давлатие, ки аз аккредитатсияи давлатӣ гузаштаанд, супоранд.

4. Хонандагон ва донишҷӯёни муассисаҳои таълимии таҳсилоти касбии давлатӣ ва ғайридавлатӣ ҳуқуқ доранд ба муассисаҳои дигари таълимии таҳсилоти касбии давлатӣ ва ғайридавлатӣ, ки иҷрои барномаҳои таълимии ба ҳамон сатҳ ва ихтисос мувофиқро таъмин мекунанд, ба таври истисно гузаранд. Тартиби ба таври истисно аз як муассисаи

таълимии таҳсилоти касбӣ ба муассисаи дигари таълимии таҳсилоти касбӣ гузаштани хонандагон ва донишҷӯён, аз ҷумла ройгон ё пулакӣ будани таълимро, мақоми ваколатдори давлатӣ дар соҳаи маориф муайян мекунад.

5. Таълимгирандагони муассисаҳои таълимӣ тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳуқуқ доранд худро аз амали ғайриқонунии маъмурият, омӯзгорон ва дигар кормандони соҳаи маориф, ки ҳуқуқ, шаъну шараф ва ё қадру эътиборашонро паст мезананд, ҳифз намоянд.

6. Таълимгирандагони муассисаҳои таълимии давлатиро муассис (муассисон) бо стипендия, ёрдампулӣ, хобгоҳ (барои сокинони деҳот ва шаҳрҳои дигар), ёрии тиббию солимгардонӣ ва дигар ёрии моддие, ки санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар намудаанд, таъмин менамояд.

7. Хароҷоти таҳсили аспирантон, докторантон аз рӯи ихтисос, докторантон, постдокторантон ва дигар унвонҷӯёни дараҷаҳои илмӣ тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон пардохт карда мешавад. **(ҚҶТ аз 17.05.2018с., №1527)**

8. Хонандагон ва донишҷӯён ҳангоми таҷрибаомӯзии касбӣ бо тартиби муқарраршуда бо ҷойи кор, шароити бехатари меҳнат ва дар асоси шартнома бо музди меҳнат таъмин мегарданд. **(ҚҶТ аз 19.07.2022с., №1905)**

9. Барои шахсони дар муассисаҳои тарбиявӣ ва ислоҳӣ қарордошта, роҳбарияти чунин муассисаҳо якҷоя бо мақомоти идоракунии маориф барои гирифтани таҳсилоти умумии асосӣ ва таҳсилоти ибтидоии касбӣ, тайёрии касбӣ ва ҳамчунин худомӯзии онҳо шароит муҳайё менамоянд.

10. Хонандагон ва донишҷӯён аз оилаҳои камбизоат, ки дар муассисаҳои таълимии таҳсилоти ибтидоии касбӣ, миёнаи касбӣ ва олии касбии давлатӣ дар асоси шартнома таҳсил менамоянд ва имтиҳонҳои

ҷориро бо баҳои «4» (хуб) ва «5» (аъло) месупоранд, бо тартиби муқарраргардида ба гурӯҳҳои таҳсили ройгон гузаронида мешаванд. Тартиби ба таври истисно ба гурӯҳҳои таҳсили ройгон гузаронидани чунин хонандагон ва донишҷӯёнро мақоми ваколатдори давлатӣ дар соҳаи маориф муайян мекунад.

11. Муассиси (муассисони) муассисаҳои таълимии ғайридавлатӣ, ки аз аккредитатсияи давлатӣ гузаштаанд, таълимгирандагон ва дигар унвонҷуёни дараҷаҳои илмии муассисаҳои мазкурро бо имтиёзҳое, ки барои таълимгирандагон ва дигар унвонҷуёни дараҷаҳои илмии муассисаҳои таълимии давлатӣ пешбинӣ шудаанд, таъмин менамояд.

12. Шахсоне, ки аз истеҳсолот ҷудо нашуда дар муассисаҳои таълимии давлатӣ ва ғайридавлатӣ таҳсил мекунанд, дар мавриди мавҷуд будани даъватномаи муассисаи таълимӣ ба рухсатии иловагӣ аз ҷойи кор ва дигар имтиёзҳое, ки қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар кардааст, ҳуқуқ доранд.

13. Муассиси (муассисони) муассисаҳои таълимӣ метавонад дар доираи имкониятҳои худ барои таълимгирандагон дигар намуди имтиёзҳоро муқаррар намояд.

Моддаи 45. Стипендия ва дигар пардохтҳои пулӣ

1. Стипендия маблағест, ки ба хонандагон, донишҷӯён, интернҳо, ординаторҳо, аспирантони гурӯҳҳои таҳсили рӯзона, докторантҳо аз рӯи ихтисос, докторантон ва постдокторантон пардохт карда мешавад.

2. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон шаклҳои зерини стипендия таъсис дода мешаванд:

- стипендияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон;
- стипендияи байналмилалии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дурахшандагон»;
- стипендияи давлатии академӣ барои донишҷӯён;

- стипендияи давлатӣ барои аспирантон, докторантон аз рӯи ихтисос, докторантон ва постдокторантон;

- стипендияи номӣ.

3. Стипендияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон бо тартиби муайяннамудаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон барои хонандагон, донишҷӯён, аспирантон ва докторантон аз рӯи ихтисос ки дар таҳсил ва фаъолияти илмӣ дастовардҳои назаррас доранд, пардохт карда мешавад.

4. Стипендияи байналмилалии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дурахшандагон» бо тартиби муайяннамудаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон бо мақсади дастгирии шахсони болаёқат ва бо назардошти талаботи иқтисодиёти миллӣ барои тайёр намудани мутахассисон дар муассисаҳои таълимӣ ва илмии давлатҳои хориҷӣ пардохт карда мешавад.

5. Стипендияи давлатии академӣ барои донишҷӯёне, ки дар муассисаҳои таълимии таҳсилоти миёна ва олии касбӣ аз ҳисоби буҷети давлатӣ таҳсил мекунанд, пардохт карда мешаванд. Стипендияи мазкур барои донишҷӯён вобаста ба дастовардҳояшон дар таҳсил ва фаъолияти илмӣ таъин карда мешавад.

6. Барои донишҷӯёни соли аввали таҳсил, ки аз ҳисоби буҷети давлатӣ таҳсил мекунанд, аз аввали соли таҳсил то санҷиши аввал (санҷиши нимсола) стипендияи давлатии академӣ пардохт карда мешавад. Андоза ва тартиби пардохти стипендия аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян карда мешаванд.

7. Барои донишҷӯёни ятиму бепарастор, маъюбони гурӯҳҳои I ва II стипендияи давлатии академӣ, новобаста ба натиҷаи таҳсил пардохт карда мешавад.

8. Стипендияи давлатӣ ба аспирантон, докторантон аз рӯи ихтисос, докторантон ва постдокторантоне, ки аз ҳисоби буҷети давлатӣ таҳсил мекунанд, пардохт карда мешавад. Андоза

ва тартиби пардохти стипендияи давлатӣ ба аспирантон, докторантон аз рӯи ихтисос, докторантон ва постдокторантон аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян карда мешаванд. **(ҚҶТ аз 17.05.2018с. №1527)**

9. Стипендияи номӣ аз ҷониби мақомоти давлатии идоракунии маориф, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот, инчунин шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ таъсис дода мешавад. Андоза ва тартиби пардохти стипендияи мазкурро таъсисдиҳандагони он муайян менамоянд.

10. Ба шаҳрвандони хориҷӣ ва шахсони бешаҳрванд, ки тибқи квотаҳои ҷудонамудаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳсил мекунанд, стипендияи давлатии академӣ аз ҳисоби буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон пардохт карда мешавад.

11. Ба таълимгирандагон дигар пардохтҳои пулӣ бо тартиби муқаррарнамудаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян карда мешаванд.

Моддаи 46. Ҳуқуқ ва ӯҳдадориҳои падару модар (шахсони онҳоро ивазкунанда) дар соҳаи маориф

1. Падару модар (шахсони онҳоро ивазкунанда) ҳуқуқ доранд:

- барои фарзандони ноболиғашон муассисаҳои таълиму тарбия ва шакли таълимро интихоб намоянд;
- дар кори мақомоти худидоракунии муассисаҳои таълимӣ иштирок намоянд;
- ба мақоми ваколатдори давлатӣ дар соҳаи маориф ва мақомоти худидоракунии муассисаҳои таълимӣ оид ба масъалаҳои таълиму тарбияи фарзандон мурочиат намоянд;
- манфиатҳои қонунии фарзандони худро вобаста ба таълиму тарбия дар мақомоти давлатӣ ва суд ҳифз намоянд;
- барои сифати пасти таълим ва мувофиқ набудани сатҳи таҳсили фарзандон ба стандартҳои давлатии

таҳсилот, барномаҳои таълимӣ, ҳангоми муқаррар намудани чунин ҳолат аз тарафи комиссияи босалоҳият, маблағи барои таҳсил супурдаи худро аз муассисаҳои таълимӣ тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон талаб намоянд.

2. Падару модар (шахсони онҳоро ивазкунанда) ӯҳдадоранд:

- барои сиҳатии ҷисмонӣ ва равонии фарзанд пайваста ғамхорӣ кунанд, ӯро ба муассисаи таълимӣ омода ва барои инкишофи қобилияти вай шароити зарурӣ муҳайё созанд;

- ҳуқуқ ва шаъну шарафи фарзандонро ҳифз намоянд;

- фарзандонро дар рӯҳияи инсондӯстӣ, ватанпарастӣ, накӯкорӣ, эҳтироми оила, забони модарӣ, анъанаҳои миллӣ ва фарҳангии халқи худ ва халқҳои дигар, ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, рамзҳои давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва риояи тарзи ҳаёти солим тарбия намоянд;

- ба фарзандон барои гирифтани таҳсилот дар муассисаҳои таълимӣ мусоидат намуда, дар хона шароити мусоид муҳайё созанд**;**

- талаботи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистонро «Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд» риоя ва иҷро намоянд. **(ҚҶТ аз 19.07.2022с., №1905)**

3. Падару модари (шахсони онҳоро ивазкунандаи) таълимгирандагон ӯҳдадоранд, ки бо раванди таълиму тарбия, мазмуну давомоти таҳсилот ва сатҳи дониши фарзандонашон шинос шаванд.

4. Падару модар (шахсони онҳоро ивазкунанда) инчунин дорои дигар ҳуқуқу ӯҳдадориҳое мебошанд, ки онҳоро қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян намудааст.

5. Падару модаре (шахсони онҳоро ивазкунандае), ки ба таҳсили фарзандон монеъагӣ мекунанд, ба тарбияи онҳо беэътиборӣ зоҳир мекунанд, мутобиқи

қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҷавобгарӣ кашида мешаванд.

Моддаи 47. Мазмуни мақоми омӯзгор

Мазмуни мақоми омӯзгор вобаста ба хусусиятҳои касбӣ маҷмӯи омилҳои зеринро, ки мақоми омӯзгорро дар ҷамъият муайян менамоянд, дар бар мегирад:

- қадру қимати касби омӯзгорӣ ва одоби омӯзгор; **(ҚҶТ аз 19.07.2022с., №1905)**

- талабот ба меъёрҳои тайёрии касбӣ ва маҳсули меҳнати омӯзгор;

- дараҷаи эътироф ва дастгирии омӯзгор аз тарафи давлат;

- ҳурмату эҳтироми омӯзгор дар ҷамъият, муассисаи таълимӣ, оила ва байни таълимгирандагон;

- шароити таъминоти моддии омӯзгор;

- ҳолати ҳифзи ҳуқуқӣ ва кафолатҳои ҳифзи иҷтимоии омӯзгор.

Моддаи 48. Фаъолияти омӯзгорӣ

1. Ба фаъолияти омӯзгорӣ шахсоне, ки таҳсилоти ибтидоӣ, миёна ва олии касбӣ ва малакаи зарурии касбӣ доранд, машғул шуда метавонанд.

2. Омӯзгорон давра ба давра аз аттестатсия мегузаранд. Дар асоси натиҷаи аттестатсия дараҷаи ихтисоси касбии онҳо муайян карда мешавад.

3. Омӯзгороне, ки амали содирнамудаашон барои минбаъд давом додани фаъолияти омӯзгорӣ мухолифат мекунад, тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон аз вазифаи омӯзгорӣ озод карда мешаванд.

4. Омӯзгороне, ки вазъи саломатиашон дар асоси хулосаи тиббӣ барои фаъолияти омӯзгорӣ мувофиқат намекунад, тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон аз вазифаи омӯзгорӣ озод карда мешаванд.

5. Омӯзгорон бо тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳуқуқи машғул шудан ба фаъолияти инфиродии омӯзгориро доранд.

6. Фаъолияти инфиродии омӯзгорӣ, ки ба гирифтани даромад равона шудааст, фаъолияти соҳибкорӣ ҳисоб мешавад ва бо тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон он бояд аз қайди давлатӣ гузарад.

7. Барои фаъолияти инфиродии омӯзгорӣ гирифтани иҷозатнома ҳатмӣ нест, аммо бе қайди давлатӣ машғул шудан ба фаъолияти инфиродии омӯзгорӣ манъ аст.

8. Пурра кардани ҳайати кормандони соҳаи омӯзгории муассисаҳои таълимӣ дар асоси оинномаҳои онҳо танзим мегардад. Муносибатҳои меҳнатӣ бо шартномаи (қарордоди) меҳнатие, ки байни корманд ва муассисаи таълимӣ баста шудааст, муайян карда мешаванд.

9. Шахсоне, ки барои содир кардани ҷиноят нисбат ба ноболиғон якумра аз ҳуқуқи ишғоли мансабҳои муайян ва ё машғул шудан бо фаъолияти муайян маҳрум шудаанд, ба муассисаҳои таълимиву тарбиявӣ ба кор қабул карда намешаванд. **(ҚҶТ аз 19.07.2022с., №1905)**

Моддаи 49. Усулҳои фаъолияти омӯзгорӣ

Фаъолияти омӯзгорӣ бо усулҳои зерин амалӣ мегардад:

- муносибати маҷмӯӣ ба таълим ва тарбия;
- хусусияти башардӯстонаи таълиму тарбия ва эҳтироми ҳуқуқу озодиҳои таълимгирандагон;
- риояи принсипҳои умумибашарии ахлоқ ва арзишҳои маънавӣ;
- дар назар доштани мансубияти ҷинсӣ, этникӣ, забонӣ, мазҳабӣ ва дигар хусусиятҳои шахсии таълимгирандагон; **(ҚҶТ аз 19.07.2022с., №1905)**
- тарбияи таълимгирандагон дар рӯҳияи муҳаббат ба Ватан ва арзишҳои милливу умумибашарӣ;
- риояи принсипи муттасилии таҳсилот;

- муносибати эҷодӣ ба интихоби шакл ва усулҳои фаъолияти омӯзгорӣ вобаста ба мақсаду вазифаҳои таълим;

- дар асоси дастовардҳои навтарини илм, техника, технология ва фарҳанг такмил додани дониши худ;

- робита бо таълимгирандагон ва падару модари онҳо (шахсони онҳоро ивазкунанда);

- ҳамкорӣ бо иттиҳодияҳои кӯдакон ва наврасон, коллективҳои меҳнатӣ, инчунин ташкилотҳои дахлдори давлатӣ ва ғайридавлатӣ, ки фаъолияти онҳо тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ба роҳ монда шудааст.

Моддаи 50. Ҳуқуқҳои омӯзгорон ва дигар кормандони соҳаи маориф

1. Омӯзгорон ва дигар кормандони соҳаи маориф ҳуқуқ доранд:

- шаъну шарафи касбии худро ҳифз намоянд;

- фаъолияти касбӣ, такмили ихтисос ва бозомӯзии худро таҳким бахшанд;

- барои мутолиа ва рушди маҳорати касбии худ шароит муҳайё намоянд;

- ташаббус ва тағрибаи пешқадами худро дар амал татбиқ намоянд;

- шаклу усулҳои самарабахши таълимро интихоб ва татбиқ кунанд;

- барои такмили маҳорати касбӣ бо тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рухсатии эҷодӣ истифода намоянд.

2. Омӯзгорон ва дигар кормандони соҳаи маориф дорои дигар ҳуқуқҳое низ мебошанд, ки онҳоро қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян намудааст.

Моддаи 51. Ӯҳдадориҳо ва масъулияти омӯзгорон ва дигар кормандони соҳаи маориф

1. Омӯзгорон ва дигар кормандони соҳаи маориф дар раванди таълиму тарбия ӯҳдадориҳои зеринро доранд:

- оиннома, қоидаҳои тартиботи дохилии муассисаи таълимиро риоя намоянд;

- сатҳи дониш, ҷаҳонбинӣ, маҳорат ва малакаи касбии худро такмил диҳанд;

- азхудкунии барномаҳои таълимию илмиро дар асоси стандартҳои давлатии таҳсилот аз таълимгирандагон талаб намоянд;

- дарсҳои назариявӣ, амалӣ, таҷрибавӣ, истеҳсолӣ ва дигар намуди дарсҳо ва машғулиятҳоеро, ки барномаҳои таълимӣ ва қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян намудаанд, дар сатҳи баланди касбӣ гузаронида, аз усулҳои фаъоли таълим истифода баранд, бесабаб аз фаъолияти омӯзгорӣ худро дар канор нагиранд;

- таълимгирандагонро аз амалҳои зӯроварии ҷисмонию равонӣ ҳифз намоянд ва барои пешгирии истеъмоли нӯшокиҳои спиртӣ (аз ҷумла оби ҷав), воситаҳои нашъадор ва моддаҳои психотропӣ, маҳсулоти тамоку (аз ҷумла нос) ва маводи сахттаъсир корҳои таблиғотӣ баранд;

- аз доираи мавзӯе, ки барномаи таълимӣ муқаррар намудааст, берун набароянд;

- дар вақти дарс аз телефони мобилӣ истифода набаранд;

- вобаста ба имконот дарсҳои кушод ташкил карда, падару модарони (шахсони онҳоро ивазкунандаи) таълимгирандагонро барои шинос шудан бо маҳорати касбии худ ҷалб намоянд;

- меъёрҳои санҷиш ва баҳогузориро ба дониши хонандагон ва донишҷӯён дар раванди дарс риоя намоянд;

- журнали синфӣ (гурӯҳӣ)-ро дар доираи муқаррарот пур намоянд;

- ашёи таълимӣ, таҷҳизот ва маводи таълимиро ҳифз карда, таълимгирандагонро дар ҳамин рӯҳия тарбия намоянд;

- бо мақсади такмили маҳорати касбӣ ҳар 5 сол аз такмили ихтисос гузаранд;

- меъёрҳои забони давлатиро риоя намоянд;

- дар вақти дарс ва берун аз он аз алфози қабеҳ худдорӣ намоянд;

- аз тарғиби ғояҳои бегона ва ташвиқи ҳар гуна масъалаҳое, ки аз доираи мавзӯи дарс берун аст, худдорӣ намоянд;

- ба дарс тайёрии амиқ дида, санҷиши дафтарҳоро ҷиддӣ гузаронанд;

- дар раванди фаъолияти худ аз таҷрибаи пешқадам истифода намуда, ба таълифи мақолаҳои илмӣ, назариявӣ ва методӣ ҷиддӣ муносибат намоянд;

- вобаста ба қобилият китобҳои дарсӣ, методӣ, назариявӣ ва дастурҳои методӣ таҳия намоянд;

- маводи нави илмӣ, таълим, методӣ, рӯзнома, маҷалла, китобҳои бадеӣ, оммавӣ, илмӣ ва назариявиро пайваста мутолиа намоянд;

- маводи таълимӣ, конспект, нақшаҳои тақвимӣ, лексияҳо ва корҳои санҷишиву озмоишии хаттии худро дар сатҳи касбӣ дар доираи меъёрҳои мавҷуда таҳия ва тасдиқ намоянд;

- барои инкишофи маҳорат ва малакаи хаттӣ ва нутқи шифоҳии таълимгирандагон кӯшиш намоянд;

- барои дар озмунҳои (олимпиадаҳои) ноҳиявӣ, шаҳрӣ, вилоятӣ, ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ иштирок намудани таълимгирандагон саъю талош намоянд;

- қобилияти зеҳнӣ, илмӣ, таҳқиқотӣ, ихтироъкории таълимгирандагонро муайян намуда, нисбат ба онҳо ғамхорӣ кунанд;

- барои рушди камолоти таълимгирандагон шароит фароҳам оваранд;

- аз таълимгирандагон ҳамроҳи худ овардани маводи таълимиро талаб карда, омодагии онҳоро ба

дарс, машғулиятҳои таълимӣ назорат намоянд, онҳоро ба хондани китобҳои илмию бадеӣ, рӯзномаю маҷаллаҳо ташвиқ намуда, барои рушди ҷаҳонбинии онҳо тадбирҳо андешанд;

- услуби коргузорӣ ва истифодаи технологияҳои нави иттилоотиву коммуникатсиониро омӯзанд ва таълимгирандагонро ба омӯзиши онҳо ташвиқ намоянд;

- санҷишу имтиҳонҳои қабул ва ҷориро аз рӯи меъёрҳои муайянгардида гузаронида, дар вақти баҳогузорӣ ба амалҳои субъективӣ роҳ надиҳанд;

- аттестатсияи хатм ва имтиҳонҳои хатмро дар доираи талаботе, ки қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян намудааст, ташкил намуда, ба дониши таълимгирандагон баҳои воқеӣ гузоранд;

- рӯзномаи хонандагон ва дафтарҳои санҷишии донишҷӯёнро санҷида, баҳои дар журнал ва варақаи имтиҳонӣ қайдгардидаро ба онҳо гузаронанд;

- дарсҳои худро дар кабинетҳои фаннӣ бо тартиби муқарраршуда ба роҳ монанд;

- иштироки таълимгирандагонро дар корҳои ҷамъиятӣ, маҳфилҳои илмӣ, адабӣ, эҷодӣ ва дигар маҳфилҳо таъмин намуда, ба фаъолона ширкат варзиданашон мусоидат намоянд;

- таълимгирандагонро дар рӯҳияи эҳтироми падару модар (шахсони онҳоро ивазкунанда), ҳамсолон, насли калонсол, арзишҳои фарҳангию миллӣ, таърихӣ ва рамзҳои давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон тарбия кунанд;

- ҷалби таълимгирандагонро ба созмонҳои хонандагон ва донишҷӯён таъмин карда, онҳоро дар рӯҳияи ватандӯстӣ, риояи қонун ва эҳтиром ба ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, расму ойин, муҳити зист ва риояи тарзи ҳаёти солим тарбия намоянд; **(ҚҶТ аз 17.05.2018с., №1527)**

- корҳои илмӣ, эҷодии адабӣ, ихтироъкорӣ, татбиқи лоиҳаҳои инноватсионӣ ва дигар корҳои

таълимгирандагонро роҳнамоӣ намуда, барои рушди қобилияти зеҳнии онҳо шароит муҳайё намоянд;

- нисбат ба хонандагон ва донишҷӯёне, ки тартиботи дохилии муассисаи таълимиро халалдор менамоянд, ба дарсҳо бе тайёрӣ меоянд ва сару либоси тавсиявиро намепӯшанд, маъмурияти муассисаи таълимӣ ва падару модар (шахсони онҳоро ивазкунанда)-ро сари вақт тариқи хаттӣ ё шифоҳӣ огоҳ намоянд;

- нисбат ба таълимгирандагоне, ки аз таҳсил саркашӣ намуда, аз хондан дур мемонанд, падару модар (шахсони онҳоро ивазкунанда), роҳбарияти муассисаи таълимӣ ва мақомоти дахлдорро сари вақт тариқи хаттӣ ё шифоҳӣ огоҳ намоянд;

- дар таҳия ва омода намудани иншо, кори санҷишӣ, корҳои хаттии эҷодиву илмӣ, реферат, кори курсӣ, таҳқиқоти илмӣ, рисола, лоиҳаи дипломӣ ва инноватсионӣ ба таълимгирандагон роҳбарӣ намоянд;

- дафтарҳои фаннии таълимгирандагонро назорат намуда, маводи хаттиро аз рӯи меъёрҳои муқарраргардида баҳогузорӣ намоянд.

2. Омӯзгорон ва дигар кормандони соҳаи маориф оид ба таълиму тарбия масъуланд:

- ба истеъмоли нӯшокиҳои спиртӣ (аз ҷумла оби ҷав), воситаҳои нашъадор ва моддаҳои психотропӣ, маҳсулоти тамоку (аз ҷумла нос) ва маводи сахттаъсир дар муассисаи таълимӣ роҳ надиҳанд;

- ба хонандагон ва донишҷӯён маслиҳати методӣ ва илмӣ дода, дигар хизматрасонии таълимиро амалӣ намоянд;

- дар вақти корӣ ва раванди дарс бесабаб аз муассисаи таълимӣ берун наравand;

- қобилияти иҷтимоӣ ва ҷисмонии хонандагон ва донишҷӯёнро ба манфиати шахсӣ истифода набаранд;

- ӯҳдадориҳои роҳбари синф (гурӯҳ)-ро дар доираи меъёрҳои муқарраршуда иҷро карда, бо падару модар

(шахсони онҳоро ивазкунанда) робита барқарор намоянд;

- ба намуди зоҳирии худ диққат дода, дар муассисаи таълимӣ либоси тавсиявиро пӯшанд, таълимгирандагонро дар рӯҳияи зебопарастӣ тарбия кунанд;

- ҳуқуқҳои таълимгирандагонро риоя карда, қадру эътибори онҳоро паст назананд;

- одобу ахлоқи омӯзгориро риоя намоянд.

3. Омӯзгорон ва дигар кормандони соҳаи маориф оид ба таълиму тарбия ӯҳдадорӣ ва масъулиятҳои дигареро, ки қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон, оинномаи муассисаи таълимӣ ва санадҳои дохилии он пешбинӣ намудаанд, ба зимма доранд.

Моддаи 52. Ҳифзи шаъну шарафи омӯзгор

1. Шаъну шарафи омӯзгор таҳти муҳофизати давлат қарор дорад.

2. Дахолати ғайриқонунии мақомоти давлатӣ ва шахсони мансабдор ба фаъолияти омӯзгор манъ аст.

3. Санҷиши фаъолияти омӯзгор ва баҳогузорӣ ба кори ӯ танҳо ба мақомот ва шахсони ваколатдор, ки мутобиқи санадҳои меъёрии ҳуқуқии дахлдор муайян шудаанд, иҷозат дода мешавад.

4. Аз иҷрои вазифаи касбӣ бе асосҳои муайяннамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дур кардани омӯзгорон ва дигар кормандони соҳаи маориф манъ аст.

5. Назорати фаъолият ва аттестатсияи омӯзгорон тибқи низомномаҳое, ки мақомоти дахлдори давлатӣ тасдиқ намудаанд, амалӣ карда мешавад.

6. Фаъолияти касбии омӯзгор танҳо дар доираи касбӣ, аз ҷониби шахсон ва мақомоти дахлдори давлатии соҳаи маориф баррасӣ карда мешавад. Ҳангоми ҷой доштани камбудиҳо дар фаъолияти касбии омӯзгор шахсияти ӯ набояд таҳқир карда шавад

ва ба фаъолияти ӯ воқеъбинона ва беғаразона бояд баҳо дода шавад.

7. Камбудиҳои содиркардаи омӯзгор танҳо пас аз санҷиши касбии мақомоти дахлдори давлатӣ мавриди баррасӣ карор дода мешавад. Санҷиши фаъолияти омӯзгорро танҳо дар асоси муроҷиати хаттӣ ё санади тартибдодаи мақоми (шахси) ваколатдор оғоз кардан мумкин аст.

8. Омӯзгор ҳуқуқ дорад дар хусуси баҳогузории нодуруст ба фаъолияташ ба мақомоти дахлдори давлатӣ ва ё суд мурочиат кунад ва ҷуброни зарари моддӣ ва маънавии ба ӯ расонидашударо талаб намояд.

Моддаи 53. Имтиёзҳои омӯзгорон ва дигар кормандони соҳаи маориф

1. Омӯзгорон ва дигар кормандони соҳаи маориф дорои чунин имтиёзҳо мебошанд:

- тибқи тартиби муайяннамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ба таъхир гузоштани муҳлати даъват ба хизмати ҳарбӣ; **(ҚҶТ аз 19.07.2022с., №1905)**
- ба рухсатии эҷодӣ бо нигоҳ доштани музди меҳнат бароянд;
- ҳангоми беморӣ бо тартиби муқаррарнамудаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон бо доруворӣ ва табобати ройгон таъмин гарданд;
- аз хизматрасонии коммуналӣ ройгон ё имтиёзнок истифода баранд, ки тартиби онро Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар менамояд;
- барои дастовардҳо дар фаъолияти омӯзгорӣ ва тарбияи насли наврас бо мукофотҳои соҳавӣ, давлатӣ ва унвонҳои фахрӣ сарфароз гардонида шаванд;
- барои меҳнати шоиста ва дастовардҳои педагогию илмӣ ба ҳавасмандии моддӣ ва маънавӣ сарфароз гардонида шаванд;
- омӯзгороне, ки бори аввал аз фонди давлатӣ бо манзили истиқоматӣ таъмин карда мешаванд ё ба беҳтар намудани шароити манзилиашон эҳтиёҷ доранд,

бо тартиби муқаррарнамудаи Кодекси манзили Ҷумҳурии Тоҷикистон дар навбати аввал бо хонаи истиқоматӣ ё қитъаи замин барои сохтмони манзили истиқоматӣ таъмин карда мешаванд;

- ба омӯзгорони муассисаҳои таълимӣ, ки бори аввал хонаи истиқоматӣ месозанд, тибқи қонунгузорӣ аз ҳисоби маблағи ғайрибуҷетӣ ё ташкилотҳои қарздиҳанда қарзҳои бефоиз ё имтиёзноки барои омӯзгор қобили қабул муқаррар карда мешаванд;

- барои омӯзгороне, ки дар хонаҳои истиқоматии фонди манзили давлатию ҷамъиятӣ зиндагӣ мекунанд, дар сурати доштани собиқаи кории омӯзгории на камтар аз 15 сол манзили истиқоматиашон ройгон хусусӣ карда мешавад;

- бо пешниҳоди хулосаи тиббӣ роҳхатҳои ройгону имтиёзноки муассисаҳои табобатию истироҳатӣ, инчунин сайёҳию туристиро бо тартиби муқаррарнамудаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон истифода кунанд;

- омӯзгорони ҷавон дорои имтиёзҳои иловагӣ мебошанд, ки онҳоро тибқи қонунгузорӣ Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян менамояд;

- бо тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҳуқуқи истифодаи рухсатии дарозкардашудаи пардохтшаванда истифода намоянд;

- омӯзгороне, ки собиқаи кории бефосилаи на камтар аз 25 сол доранд, бо хоҳиши худашон метавонанд ба нафақа бароянд ва дар асоси шартнома дар муассисаи таълимӣ ё дигар соҳа кор кунанд;

- омӯзгороне, ки бемории музмин доранд, баъди на камтар аз ҳар 10 соли кори муттасили омӯзгорӣ ба рухсатии дарозмуддати то яксолаи пардохтшаванда ҳуқуқ доранд. Номгӯи беморӣ, тартиб ва шарти пардохти музди рухсатии дарозмуддат аз тарафи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян карда мешаванд;

- барои омӯзгорони ҷавоне, ки дар деҳот фаъолият менамоянд, барои 3 сол иловапулӣ ба маош муқаррар карда мешавад, ки андоза ва тартиби пардохти онро Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян менамояд;

- барои омӯзгорон ва дигар кормандони соҳаи маориф, ки дар муассисаҳои таълимии низомаш махсус фаъолият менамоянд, иловапулӣ ба маош муқаррар карда мешавад, ки андоза ва тартиби пардохти онро Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян менамояд.

2. Омӯзгорон ва дигар кормандони муассисаҳои таълимии ғайридавлатӣ аз имтиёзҳое, ки барои омӯзгорон ва дигар кормандони муассисаҳои таълимии давлатӣ пешбинӣ шудаанд, ҳуқуқи баробар истифода бурданро доранд.

Моддаи 54. Таъминоти моддии омӯзгорон ва дигар кормандони соҳаи маориф

1. Андозаи музди меҳнати омӯзгорон ва дигар кормандони соҳаи маорифи муассисаҳои таълимии давлатиро Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян мекунад. Андозаи музди меҳнати омӯзгорон ва дигар кормандони соҳаи маорифи муассисаҳои таълимии ғайридавлатӣ набояд аз андозаи музди меҳнат дар муассисаҳои таълимии давлатӣ кам бошад.

2. Музди меҳнат ба омӯзгорон ва дигар кормандони соҳаи маориф бо тартиби мукарраргардида барои иҷрои кор ва ӯҳдадориҳои вазифавие, ки дар шартномаи (қарордоди) меҳнатӣ пешбинӣ шудааст, пардохт карда мешавад. Шартномаи (қарордоди) меҳнатӣ набояд сатҳи кафолатҳои меҳнатии омӯзгорон ва дигар кормандони соҳаи маорифро аз сатҳи муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон пасттар пешбинӣ намояд.

3. Музди меҳнати омӯзгорон ва дигар кормандони соҳаи маориф аз андозаи меъёри кафолатдодаи давлат

иборат буда, ба он иловапулии ба музди меҳнат муқарраргардида зам карда мешаванд. Ҳамчунин музди меҳнати омӯзгор аз ҳавасмандгардонии самаранокии меҳнати ӯ вобаста ба таҳсилот, ихтисос, собиқаи кор, маҳорати омӯзгорию маҳсули меҳнатӣ, дараҷаҳои тахассусии аз натиҷаи аттестатсия гирифтаи омӯзгор ифодаёбанда, унвонҳои илмию фахрии давлатӣ ва иловапулӣ барои корҳои аз меъёри муайяншуда барзиёду иловагӣ иҷронамуда иборат мебошад. Муассисаҳои таълимӣ дар доираи маблағи ҷудокардашуда метавонанд мустақилона шаклу низоми пардохти музди меҳнат, меъёри (ставкаи) иловагии музди меҳнат ва маоши вазифавии омӯзгорон ва дигар кормандони соҳаи маорифро тибқи Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар намуда, шаклҳои тафриқаи (дифференсиатсияи) ҷоизи пардохти иловапулӣ ва мукофотпулиро истифода баранд. Маблағи сарфагардидаро барои ҳавасмандгардонии омӯзгорон ва дигар кормандони соҳаи маориф вобаста ба натиҷаи фаъолияти меҳнатии онҳо, инчунин барои мустаҳкам намудани заминаи моддию техникии муассисаи таълимӣ истифода бурдан мумкин аст, ки тартиби истифодаи онро мақоми ваколатдори давлатӣ дар соҳаи маориф дар мувофиқа бо мақомоти дахлдори давлатӣ муайян менамояд.

4. Ба омӯзгорон барои роҳбарии синф, санҷиши корҳои хаттӣ ва озмоишӣ, мудирии кабинетҳои фаннию методӣ ва дигар корҳо тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон иловапулӣ муқаррар карда мешавад. **(ҚҶТ аз 19.07.2022с., №1905)**

5. Ба музди меҳнати омӯзгорон ва дигар кормандони соҳаи маориф, ки дар ноҳияву маҳалҳои шароити табиию иқлимӣ ва маишиашон номусоид кор мекунанд, коэффитсиентҳо ва иловапулӣ муқаррар карда мешаванд. Номгӯи чунин маҳалҳо, андоза ва тартиби пардохти коэффитсиентҳо ва иловапулиро Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар менамояд.

6. Омӯзгорон ва дигар кормандони соҳаи маориф барои ҳифзи манфиатҳои худ метавонанд бо тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ, ассотсиатсияҳо ва фондҳо ташкил намоянд. Фондҳои дастгирии омӯзгорон ва дигар кормандони соҳаи маориф аз ҳисоби саҳмияҳои ихтиёрии шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ, аз ҷумла хориҷӣ, тибқи муқаррароти қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ташкил карда мешаванд.

7. Мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ бо тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон омӯзгорони дар деҳот зиндагикунандаро бо қитъаҳои замин ва дигар молу мулк таъмин менамоянд.

8. Давлат муҳайё кардани шароитро барои такмили ихтисос ва бозомӯзии омӯзгорон ва дигар кормандони соҳаи маорифи муассисаҳои таълимии давлатӣ кафолат медиҳад.

БОБИ 6. ФАЪОЛИЯТИ МОЛИЯВИЮ ХОҶАГИДОРӢ ДАР НИЗОМИ МАОРИФ

Моддаи 55. Фаъолияти молиявию хоҷагидорӣ

1. Манбаи маблағгузории тамоми фаъолияти таълимию истеҳсолӣ, илмӣ ва хоҷагидорӣ, инкишофи иҷтимоию иқтисодии маорифро маблағи буҷетӣ ва ғайрибуҷетӣ, аз ҷумла маблағи худи муассис (муассисон) ва дигар сарчашмаҳое, ки қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон манъ накардааст, ташкил медиҳанд.

2. Маблағгузории соҳаи маориф ҳар сол дар буҷети давлатӣ бо сархати алоҳида зикр гардида, он бо назардошти меъёрҳои ҳадди ақалли маблағгузории муассисаҳои таълимӣ сурат мегирад. Ин меъёрҳо вобаста ба намуд, шакл, зинаҳои таҳсилот, маҳалли ҷойгиршавӣ ба як таълимгиранда, ба як муассисаи таълимӣ ва ё дар дигар асос муайян карда шуда, бояд барои пурра пӯшонидани хароҷоти ҷории вобаста ба

раванди таҳсилот мусоидат намоянд. Тартиби ҳисоб намудани меъёрҳои маблағгузории хизматрасонии таълимӣ, аз ҷумла маблағгузории сарикасӣ, аз ҳисоби буҷети давлатӣ аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар карда мешавад.

3. Таъмини маблағгузории фаъолияти илмию таҳқиқотии муассисаҳои таълимии таҳсилоти миёна ва олии касбӣ ба таври ҷудогона дар шакли кӯмаки молиявӣ (субсидияҳо) барои иҷрои мавзӯъҳои нақшавии таҳқиқотӣ бо супориши муассис (муассисон) дар шакли озмун амалӣ карда мешавад.

4. Ба муассисаҳои таълимӣ дар ҳудуди маблағи ҷудокардашуда ва аз дигар сарчашмаҳо воридшуда мустақилияти молиявию хоҷагидорӣ дода мешавад. Раванд ва тартиби истифодаи маблағи муассисаҳои таълимӣ тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ва оинномаи муассисаи таълимӣ сурат мегирад.

5. Фаъолияти хоҷагидории муассисаҳои таълимӣ дар доираи мақсад ва вазифаҳое, ки дар оинномаи онҳо пешбинӣ шудаанд, аз ҷумла фармоишҳои давлатӣ, муайян карда мешавад. Муассисаҳои таълимӣ ӯҳдадоранд, ки фармоиши давлатӣ ва фармоишҳоро оид ба фурӯши маҳсулот (кор ва хизматрасонӣ) дар ҳаҷми на бештар аз фармоишҳои дахлдор иҷро намоянд. Муассисаҳои таълимии давлатӣ ҳуқуқ доранд барои қонеъ гардонидани талаботи худ маҳсулот, кор ва хизматрасониро бо тартиби муқаррарнамудаи қонунгузорӣ оид ба хариди давлатии мол, кор ва хизматрасонӣ харидорӣ намоянд.

6. Муассисаи таълимӣ метавонад бо тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон маблағи иловагӣ, аз ҷумла асъориро, бо роҳи хизматрасонии иловагии пулакӣ ва амалигардонии фаъолияти дигар, ки оинномааш пешбинӣ кардааст, инчунин аз ҳисоби эҳсонкорӣ ва пардохтҳои мақсадноки шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ, аз ҷумла хориҷӣ, ҷалб намояд.

7. Манбаъҳои иловагии маблағгузории муассисаҳои таълимӣ инҳо мебошанд:

- даромад аз фурӯши маҳсулот, иҷрои кор ва хизматрасонии муассисаҳои таълимию истеҳсолӣ;

- воридот аз иҷрои кор ва хизматрасоние, ки хусусияти илмӣ ва илмию методӣ доранд;

- тайёркунӣ, такмили ихтисос ва бозомӯзии пулакии мутахассисон дар муассисаҳои таълимии давлатӣ дар асоси шартнома;

- фаъолияти истеҳсолию тиҷоратӣ дар раванди таълим ва дигар намудҳои фаъолият, ки қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон манъ накардааст, ба шарте ки онҳо бар зарари фаъолияти асосии муассисаи таълимӣ набошанд;

- пардохтҳои ихтиёрии эҳсонкорӣ ва дигар маблағе, ки аз ташкилотҳои давлатӣ, ғайридавлатӣ ва шахсони воқеӣ ворид мешаванд;

- грантҳо;

- қарзҳои ташкилотҳои қарзӣ.

8. Меъёрҳои маблағгузории муассисаҳои таълимии ғайридавлатӣ аз меъёрҳои маблағгузории муассисаҳои таълимии давлатӣ дар ҳудуди дахлдор кам буда наметавонанд. Маблағгузории муассисаҳои таълимии ғайридавлатӣ аз ҳисоби муассис (муассисон) сурат мегирад. **(ҚҶТ аз 17.05.2018с., №1527)**

9. Давлат, аз ҷумла мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот, метавонанд муассисаҳои таълимии томактабӣ ва таълимии таҳсилоти умумии ғайридавлатиро, ки аз аккредитатсияи давлатӣ гузаштаанд, дар доираи хароҷоти таълиму тарбияи тарбиягирандагон ва хонандагони муассисаҳои томактабӣ ва таълимии таҳсилоти умумии давлатӣ аз ҷиҳати молиявӣ дастгирӣ намоянд. **(ҚҶТ аз 19.07.2022с., №1905)**

Моддаи 56. Андозбандӣ дар соҳаи маориф

1. Муассисаҳои таълимӣ тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон андоз месупоранд, аз андоз озод карда мешаванд ва ё аз дигар имтиёзҳои андозбандӣ истифода мебаранд.

2. Бо мақсади ҷалби сармояи (инвеститсияи) дохилию хориҷӣ ба соҳаи маориф давлат барои шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ, аз ҷумла хориҷӣ, ки соҳаи маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистонро маблағгузорӣ мекунанд, метавонад ҳама гуна имтиёзҳо, аз ҷумла имтиёзҳои андозбандӣ пешбинӣ намояд. Тартиб ва андозаи имтиёзҳои мазкурро Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар мекунанд.

Моддаи 57. Ҳуқуқҳои молумулкии муассисаҳои таълимӣ

1. Молу мулки муассисаҳои таълимиро воситаҳои асосӣ ва гардон, инчунин молу мулки дигаре, ки муассис (муассисон) бо ҳуқуқи идоракунии оперативӣ вобаста намудаанд, ташкил медиҳанд. Муассисаҳои таълимӣ молу мулки мазкурро бо тартиб ва шарту шароитҳои муайяннамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон соҳибӣ, истифода ва ихтиёрдорӣ менамоянд.

2. Муассисаҳои таълимӣ молу мулки бо ҳуқуқи идоракунии оперативӣ вобасташударо тибқи таъиноти вазифавии онҳо истифода мебаранд ва ҳуқуқ надоранд, ки онро ҳамчун воситаи кафолати иҷрои ӯҳдадориҳои худ ё ӯҳдадориҳои шахсони сеюм, аз ҷумла ба сифати гарав, истифода баранд ва ҳамчунин ҳуқуқ надоранд, ки молу мулки аз ҳисоби маблағи буҷети давлатӣ ба даст овардашударо бегона кунанд, ҳамчун қарз диҳанд ё ба таври дигар ихтиёрдорӣ намоянд.

Моддаи 58. Фаъолияти пулакии муассисаҳои таълимӣ

1. Муассисаҳои таълимӣ ҳуқуқ доранд, ки фаъолияти таълимӣ ва мувофиқ ба ихтисосҳои дахлдори соҳавӣ фаъолияти таълимии пулакиро ба роҳ монанд.

2. Фаъолияти таълимии пулакӣ қисме аз фаъолияти таълимии муассисаи таълимӣ мебошад, ки бо фармоиш ва аз ҳисоби фармоишгар дар асоси қарордоди хизматрасонии таълимии пулакӣ ба роҳ монда мешавад.

3. Иҷрокунанда (муассисаи таълимӣ) тибқи қарордоди хизматрасонии таълимии пулакӣ ӯҳдадор мешавад, ки бо супориши фармоишгар бо роҳи амалӣ намудани барномаҳои таълимии дахлдор, барномаҳои тайёр намудани мутахассисони касбӣ талаботи фармоишгарро (ё шахсро) ба таҳсилот қонеъ гардонад. Фармоишгар ӯҳдадор мешавад, ки маблағи хизматрасонии мазкурро тибқи муқаррарот пардохт кунад ва дар раванди таҳсил фаъолона иштирок намояд.

4. Муассисаи таълимӣ ҳуқуқ дорад маблағи таҳсилро барои хонандагон ва донишҷуёни дорои дастовардҳои намоёни таълимӣ ё илмӣ, инчунин хонандагон ва донишҷӯёни ба дастгирии иҷтимоӣ ниёздошта кам кунад. Асосҳо ва тартиби кам кардани маблағи таҳсил барои ҳамаи хонандагон ва донишҷӯён набояд хусусияти табъизӣ (дискриминатсонӣ) ва (ё) интихобӣ дошта бошад.

5. Маблағи хизматрасонии таълимии пулакӣ бо муассис (муассисон), мақомоти дахлдори идоракунии маориф ва сиёсати зиддиинҳисорӣ мувофиқа карда мешавад.

6. Шакли намунавии қарордод оид ба хизматрасонии таълимии пулакӣ аз ҷониби мақоми ваколатдори давлатӣ дар соҳаи маориф тасдиқ карда мешавад.

7. Дар муассисаҳои таълимии давлатӣ бо хоҳиши падару модари (шахсони онҳоро ивазкунандаи)

хонандагон ва донишҷуён таълими иловагии пулакӣ дар асоси шартнома ташкил карда мешавад.

8. Таълими иловагии пулакӣ берун аз нақшаи таълимӣ аз рӯи самтҳои зерин амалӣ мегардад:

- барномаҳои алоҳидаи таълимӣ ва фанҳое, ки дар стандартҳои давлатии таҳсилот пешбинӣ нашудаанд;

- омӯзиши амиқи мавзӯи дарсҳо, агар чунин омӯзишро намуди дахлдори муассисаи таълимӣ муайян накарда бошад;

- дигар намудҳои таълим берун аз стандартҳои давлатии таҳсилот.

9. Ба омӯзгорон ва дигар кормандони соҳаи маориф, роҳбарони синфҳо, мураббиҳо, парасторон, маъмурияти муассисаҳои таълимӣ ҷамъоварии маблағи нақд ва ғайринақдӣ аз таълимгирандагон ва падару модари онҳо (шахсони онҳоро ивазкунандаи) манъ аст.

10. Ба омӯзгорони ҳамаи намудҳои муассисаҳои таълимӣ амалӣ намудани фаъолияти пулакии омӯзгорӣ ва дигар намуди фаъолияти тиҷоратӣ, ки қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон манъ накардааст, дар асоси шартнома иҷозат дода мешавад.

11. Муассисаҳои таълимии ғайридавлатӣ ҳуқуқ доранд, ки дар асоси шартнома хизматрасонии пулакии таълимию тарбиявӣ, аз ҷумла таълим дар доираи стандартҳои давлатии таҳсилотро ба роҳ монанд. Муносибати байни муассисаи таълимии ғайридавлатӣ, таълимгиранда ва падару модар (шахсони онҳоро ивазкунанда) бо шартномае танзим мегардад, ки дараҷаи таҳсилот, мӯҳлати таълим, андоза ва тартиби пардохти таълим ва шартҳои дигарро муайян менамояд.

12. Фаъолияти пулакии муассисаҳои таълимии ғайридавлатӣ фаъолияти тиҷоратӣ ҳисобида намешавад, ба шарте ки даромад аз чунин фаъолият пурра барои пардохти хароҷоти раванди таълиму тарбия ва такмили он, аз ҷумла барои пардохти музди

меҳнат дар муассисаи таълимии марбута, сарф карда шавад.

Моддаи 59. Ҷуброни зарари аз таҳсилоти бесифат расондашуда

1. Муассисаи таълимӣ ӯҳдадор аст зарари ба таълимгиранда аз таҳсилоти бесифат расондашударо ҷуброн намояд. Зарари аз таҳсилоти бесифат ба таълимгиранда расонидашуда зараре мебошад, ки бо гуноҳи муассисаи таълимӣ дар ҳолати номатлуб иҷро кардани талаботи стандартҳои давлатии таҳсилот, барнома ва нақшаҳои таълимӣ, миқдор ва давомнокии соатҳои таълимии дар нақшаи таълимӣ пешбинишуда расонида шудааст.

2. Шахсе, ки аз таҳсилоти бесифат зарар дидааст, ҳуқуқ дорад аз муассисаи таълимӣ ҷуброни онро дар шаклҳои зерин талаб намояд:

- таҳсилоти такрорӣ дар ҳаҷми зарурӣ дар ҳамон муассисаи таълимӣ;
- маблағи барои таҳсил пардохтшударо пас гирад.

3. Зарари аз таҳсилоти бесифат расонидашуда дар ҳолати ба мувофиқа нарасидани тарафҳо тибқи қарори суд ҷуброн карда мешавад.

Моддаи 60. Заминаи моддию техникии муассисаҳои таълимӣ

1. Ба заминаи моддию техникии муассисаҳои таълимӣ бино, иншоот, коммуникатсия, таҷҳизоти таълимӣ, воситаҳои нақлиёт, қитъаи замин ва дигар молу мулк, ки ба муассисаҳои таълимӣ дахл доранд, дохил мешаванд.

2. Заминаи моддию техникии муассисаҳои таълимӣ дар асоси принсипи афзалиятнокӣ ва мутобиқи меъёрҳои муқарраргардида ташаккул меёбад.

3. Воситаҳои нақлиёт, ашё ва таҷҳизоти таълимро ғайримақсаднок истифода бурдан ва ё аз муассисаҳои таълимӣ берун баровардан манъ аст.

4. Қитъаи замин ба муассисаҳои таълимӣ барои истифодаи бемӯҳлат бо тартиби муқаррарнамудаи Кодекси замини Ҷумҳурии Тоҷикистон дода мешавад. Истифодаи қитъаи замини ройгон ба муассисаҳои таълимӣ додашуда хилофи таъиноти он манъ аст.

5. Дар қитъаи замине, ки барои истифода ба муассисаҳои таълимӣ дода шудааст, сохтани дигар бино ва иншооти ғайрисоҳавӣ манъ аст.

Моддаи 61. Шартнома дар бораи тайёр намудани мутахассисон

Мутахассисон дар асоси шартномаҳои байни муассисаҳои таълимӣ ва вазоратҳо, идораҳо, шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ, аз ҷумла хориҷӣ, бо тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон тайёр карда мешаванд.

Моддаи 62. Фондҳои соҳаи маориф

1. Дар соҳаи маориф мумкин аст барои беҳтар гардонидани раванди таълиму тарбия ва такмили он, таҳкими заминаҳои моддию техникии соҳа, ҳифзи иҷтимоӣ ва дастгирии омӯзгорон ва дигар кормандони соҳа, таълимгирандагон фондҳои мухталиф таъсис дода шаванд, ки тартиби таъсис ва фаъолияти онҳоро қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар менамояд.

2. Дар муассисаҳои таълимии таҳсилоти умумии асосӣ ва миёнаи умумӣ фонди таълим ба андозаи на бештар аз 1 фоизи сметаи хароҷоти муассисаҳои таълимӣ таъсис дода мешавад. Фонди мазкур инчунин аз манбаъҳои зерин ташаккул ёфта метавонад:

- маблағи хайрияе, ки аз эҳсонкории шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ ба даст омадааст;

- маблағҳои дигаре, ки қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар намудааст.

3. Фонди таълим барои таъмини талаботи моддӣ ва истеъмолии хонандагон аз оилаҳои камбизоат, дигар

намудҳои ёрии моддӣ, ки қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар намудааст, гузаронидани чорабиниҳои солимгардонию маънавӣ, ҳавасмандгардонии омӯзгорону хонандагон сарф карда мешавад.

Моддаи 63. Эҳсонкорӣ дар соҳаи маориф

1. Шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ, аз ҷумла хориҷӣ, метавонанд тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон барои муассисаҳои таълиму тарбия, манзилгоҳ (хонаҳои истиқоматӣ, хобгоҳҳо), биноҳои таълимӣ ва ёрирасон сохта, онҳоро бо таҷҳизот, асбобу анҷоми лозимӣ муҷаҳҳаз намоянд, тариқи эҳсонкорӣ китоб, молу мулк ва маблағ хайр намоянд. Барои чунин шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ имтиёзҳо муқаррар карда мешаванд, ки тартиб ва андозаи онҳоро қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян менамояд.

2. Барои шахсони воқеӣ ва ҳуқуқие, ки тариқи эҳсонкорӣ муассисаҳои таълимӣ сохта, онҳоро ба моликияти давлатӣ месупоранд, мутобиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ва бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон имтиёзҳои иловагӣ муқаррар карда мешаванд.

3. Муассисаҳои таълимӣ метавонанд маблағи хайрияи аз ҳисоби эҳсонкорон ба даст омадаро бо мақсади такмил додани заминаи моддию техникии муассиса, таъсиси фонди таълим ва беҳтар гардонидани раванди таълиму тарбия истифода баранд.

Моддаи 64. Ҳифзи саломатӣ ва ташкили хӯроки умумӣ дар соҳаи маориф

1. Фаъолияти соҳаи маориф бо назардошти зарурати таъмини ҳифзи ҳаёт ва саломатии таълимгирандагон ба роҳ монда мешавад.

2. Муассисаҳои таълимӣ шароити заруриро, ки ба ҳифз ва таҳкими саломатии таълимгирандагон,

инчунин инкишофи ҷисмонии онҳо нигаронида шудааст, муҳайё месозанд.

3. Муассисаҳои таълимӣ ҳуқуқ доранд, ки хӯроки умумии таълимгирандагону омӯзгорон ва дигар кормандони соҳаи маорифро мустақилона аз ҳисоби маблағи дар ихтиёрашон буда ташкил намоянд.

4. Мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот, шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ метавонанд дар ташкили хӯроки умумии ройгон барои тарбиягирандагони муассисаҳои таълимии томактабӣ, хонандагони муассисаҳои таҳсилоти умумӣ ва хӯроки умумии имтиёзнок барои хонандагону донишҷӯёни муассисаҳои таълимии таҳсилоти ибтидоӣ ва миёнаи касбӣ кӯмак расонанд. **(ҚҶТ аз 19.07.2022с., №1905)**

5. Мақомоти дахлдори давлатӣ ба муассисаҳои таълиму тарбия барои таъмини ҳифзи ҳаёт ва саломатӣ, инчунин инкишофи ҷисмонии таълимгирандагон ёрии зарурӣ мерасонанд.

6. Барои ташкили хизматрасонии тиббӣ ва бехатарии шароити таълиму тарбияи таълимгирандагон мақоми ваколатдори давлатӣ дар соҳаи маориф, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, мақомоти маҳаллии идоракунии маориф, мақомоти идоракунии тандурустӣ ва ташкилотҳои он, роҳбарони бевоситаи муассисаҳои таълиму тарбия масъул мебошанд.

7. Хизматрасонии тиббӣ бо тартиби муқаррарнамудаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон барои таълимгирандагони ҳама намудҳои муассисаҳои таълимӣ ройгон аст.

8. Муассисаҳои таълимӣ барои аз ташхиси тиббӣ гузаронидани омӯзгорон маблағи зарурӣ ҷудо менамоянд.

БОБИ 7. ҲАМКОРИИ БАЙНАЛМИЛАЛӢ ДАР СОҲАИ МАОРИФ

Моддаи 65. Ҳамкории байналмилалӣ дар соҳаи маориф

1. Ҳамкории байналмилалӣ дар соҳаи маориф тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дар асоси шартномаҳои байналмилалии эътирофнамудаи Тоҷикистон амалӣ мегардад.

2. Мақоми ваколатдори давлатӣ дар соҳаи маориф мақоми мутамаркази тамоми сохторҳои соҳаи маориф дар бахши ҳамкории байналмилалӣ бо муассисаю дигар ташкилотҳои байналмилалии давлатҳои хориҷӣ ва муқими Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳисоб меравад.

3. Мақомоти дахлдори давлатӣ, муассисаҳои таълимӣ, муассисаю дигар ташкилотҳои соҳаи маориф ҳуқуқ доранд дар мувофиқа бо муассис (муассисон) ва мақоми ваколатдори давлатӣ дар соҳаи маориф бо муассисаю дигар ташкилотҳои хориҷӣ ва байналмилалӣ робита барқарор намоянд.

4. Таҳсил, такмили ихтисос ва бозомӯзии шаҳрвандони хориҷӣ дар муассисаҳои таълимии Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин таҳсил, такмили ихтисос ва бозомӯзии шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон дар муассисаҳои таълимии дигар давлатҳо бо тартиби муқаррарнамудаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва шартномаҳое, ки аз ҷониби мақомоти давлатии идоракунии соҳаи маориф, муассисаҳои таълимӣ ва дигар ташкилотҳо ба имзо мерасанд, дар мувофиқа бо муассис (муассисон) амалӣ карда мешаванд.

Моддаи 66. Фаъолияти иқтисодии хориҷӣ

1. Мақоми ваколатдори давлатӣ дар соҳаи маориф, муассисаҳои таълимӣ, дигар ташкилотҳои соҳаи маориф тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон метавонанд дорои ҳуқуқ ба фаъолияти иқтисодии хориҷӣ бошанд, аз номи худ бо тарафи хориҷӣ дар мувофиқа бо муассис (муассисон)

созишномаҳо банданд ва дигар санадҳоро ба имзо расонанд.

2. Муассисаҳои таълимие, ки бо фаъолияти иқтисодии хориҷӣ машғуланд, метавонанд дар бонкҳои тиҷоратии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо асъори миллӣ ва хориҷӣ суратҳисобҳо кушоянд.

3. Маблағе, ки аз фаъолияти иқтисодии хориҷӣ ба муассисаҳои таълимӣ ворид мешавад, дар ҳуқуқи идоракунии оперативии онҳо қарор мегиранд ва онҳоро бидуни иҷозати муассисаҳои мазкур гирифтан мумкин нест. Маблағи мазкур ба мақсади рушди муассисаи таълимӣ, таҳкими заминаи моддию техникии он, ҳавасмандгардонии омӯзгорон ва дигар кормандони соҳаи маориф истифода бурда мешавад. **(ҚҶТ аз 19.07.2022с., №1905)**

4. Муассисаҳои таълимӣ, дигар ташкилотҳои соҳаи маориф якҷоя бо ташкилотҳои хориҷӣ метавонанд тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон корхонаҳои муштарак таъсис диҳанд.

БОБИ 8. МУҚАРРАРОТИ ХОТИМАВӢ

Моддаи 67. Ҷавобгарӣ барои риоя накардани талаботи Қонуни мазкур

Шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ барои риоя накардани талаботи Қонуни мазкур бо тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҷавобгарӣ кашида мешаванд.

Моддаи 68. Дар бораи аз эътибор соқит донистани Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф»

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 17 майи соли 2004 «Дар бораи маориф» (Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с. 2004, №5, мод. 345; с. 2005, №12, мод. 655; с. 2006, №12, мод. 546; с. 2008, №6, мод. 465; с. 2009, №3, мод. 81; №5, мод. 336; №7-8, мод. 500; с. 2010, №7, мод. 566; с. 2011, №3, мод. 176) аз эътибор соқит дониста шавад.

Моддаи 69. Тартиби мавриди амал қарор додани Қонуни мазкур

Қонуни мазкур пас аз интишори расмӣ мавриди амал қарор дода шавад.

Президенти
Ҷумҳурии Тоҷикистон
Эмомалӣ Раҳмон

ш. Душанбе, 22 июли соли 2013, №1004

ҚОНУНИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ДАР БОРАИ ТАҲСИЛОТИ ОЛИИ КАСБӢ ВА ТАҲСИЛОТИ КАСБИИ БАЪД АЗ МУАССИСАИ ОЛИИ ТАЪЛИМӢ

(Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, соли 2009, №5, мод.338; соли 2014, №7 қ.2, мод.423; соли 2016, №7, мод.628; соли 2017, №7-9, мод.584; соли 2018, №5, мод.280; Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 27 декабри соли 2021, №1835)

Қонуни мазкур сиёсати давлатро дар соҳаи таҳсилоти олии касбӣ ва таҳсилоти касбии баъд аз муассисаи олии таълимӣ муқаррар ва ба танзим дароварда, барои таъмини ҳуқуқҳои конститутсионии ҳар як шахс ҷиҳати дарёфти таҳсилоти олии касбӣ шароит фароҳам меоварад.

БОБИ 1. МУҚАРРАРОТИ УМУМӢ

Моддаи 1. Қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи таҳсилоти олии касбӣ ва таҳсилоти касбии баъд аз муассисаи олии таълимӣ

Қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи таҳсилоти олии касбӣ ва таҳсилоти касбии баъд аз

муассисаи олии таълимӣ ба Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон асос ёфта, аз Қонуни мазкур, дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин санадҳои ҳуқуқии байналмилалие, ки Тоҷикистон онҳоро эътироф намудааст, иборат мебошад. **(ҚҶТ аз 28.08.2017с., №1465)**

Моддаи 2. Мафҳумҳои асосӣ

Мафҳумҳои асосие, ки дар Қонуни мазкур истифода мешаванд:

- **аккредитатсия** - тартиби муайян намудани мақоми муассисаи таълимӣ дар пешбурди фаъолияти таълимӣ мутобиқи стандартҳои таҳсилоти олии касбӣ;

- **аспирант** – шахси дорои таҳсилоти олии касбӣ, ки бо мақсади таҳияи рисола ва дарёфти дараҷаи илмии номзади илм дар аспирантура таҳсил менамояд;» **(ҚҶТ аз 17.05.2018с., №1529)**

- **аттестатсия** - тартиби муқаррар кардани мувофиқати мазмун, сатҳ ва сифати омодагии хатмкардагони муассисаи олии таълимӣ ба талаботи стандартҳои **давлатии** таҳсилоти олии касбӣ аз рӯи соҳаҳои **таҳсилот** (ихтисос);

- **аттестатсияи ниҳоии давлатии донишҷӯ** - тартибест, ки дараҷаи фарогирии донишҷӯро ба стандарти ҳатмии давлатии сатҳи марбутаи таълим муайян намуда, аз рӯи натиҷаи он ба донишҷӯ ҳуҷҷати дорои таҳсилоти дахлдор дода мешавад;

- **бакалавр** - дараҷаи аввали таҳсилоти олии касбӣ буда, шахси дорои ин таҳсилот доир ба назария ва амалияи самти ихтисосаш дониш, малака ва маҳорати касбӣ ҳосил менамояд;

- **бозомӯзии касбӣ –** дарёфти дониш, маҳорат, малака ва васеъ намудани тахассус бо мақсади мутобиқ гардидан ба шароити нави иқтисодиву иҷтимоӣ аз рӯи барномаҳои таълимӣ, ки омӯзиши фанҳои алоҳида, қисматҳои муайяни илм, техника ва технологияи барои иҷрои фаъолияти касбӣ зарурро дар бар мегирад;

- **доктори фалсафа (PhD) - доктор аз рӯи ихтисос** –

дараҷаи олии академие, ки ба шахс баъди аз худ намудани барномаи касбии докторантура аз рӯи ихтисоси муайян ва ҳимояи рисолаи илмии дахлдор дода мешавад; **(ҚҶТ аз 17.05.2018с., №1529)**

- **докторант аз рӯи ихтисос** – шахси дорои дараҷаи таҳсилоти олии касбии магистр, барои ихтисосҳои тиббӣ магистр - ординатори клиникӣ, ки бо мақсади таҳияи рисолаи илмӣ барои дарёфти дараҷаи доктори фалсафа (PhD) - доктор аз рӯи ихтисос дар докторантура таҳсил мекунад; **(ҚҶТ аз 17.05.2018с., №1529)**

- **доктори ҳабилитат** – дараҷаи олии академие, ки ба шахсони барномаи постдокторантураро аз рӯи ихтисоси муайян азхуднамуда баъд аз ҳимояи рисолаи илмии дахлдор дода мешавад; **(ҚҶТ аз 17.05.2018с., №1529)**

- **докторант** - шахсе, ки соҳиби дараҷаи илмии номзади илм буда, барои дарёфти дараҷаи доктори илм ба докторантура қабул шудааст;

- **донишҷӯ** - шахсе, ки тибқи тартиби муқарраршуда ба муассисаи таҳсилоти олии касбӣ қабул гардидааст ва дар шӯъбаҳои рӯзона, шабона, ғоибона ё бо мақсади дарёфти дараҷаи муайяни таҳсилот ва ихтисос ба тариқи экстернат таҳсил мекунад;

- **ихтисос** - маҷмӯи дониш ва маҳорату малака, ки бо роҳи омӯзиши ҳадафнок ва таҷрибаи корӣ ҳосил шуда, барои навъи муайяни фаъолият зарур мебошанд ва бо ҳуҷҷатҳои мувофиқ дар бораи таҳсилот тасдиқ карда мешаванд;

- **иҷозатномадиҳӣ** - тартиби эътироф кардани имконоти муассисаи таҳсилоти олии касбии шакли муайян барои оғози фаъолияти таълимӣ, ки ба гирифтани таҳсилоти олии касбӣ ва ихтисос мутобиқи талаботи стандартҳои таҳсилоти олии касбӣ, инчунин талаботи давлатӣ оид ба таъминоти кадрӣ, илмию методӣ ва моддию техникӣ алоқаманд аст;

- **касб** - намуди асосии шуғл ва фаъолияти меҳнатии

инсон буда, бо ҳуҷҷати марбут ба таҳсилот тасдиқ мегардад;

- **курсант** - шахсе, ки бо тартиби муқарраршуда ба муассисаи таҳсилоти олии касбии ҳарбӣ (ва ё махсус) қабул гардидааст ва барои ба дараҷаи муайяни таҳсилот ва ихтисос соҳиб шудан таҳсил мекунад;

- **магистр** - дараҷаи таҳсилоти олии касбӣ, ки баъди супоридани имтиҳони давлатӣ ё ҳимояи рисолаи магистрӣ ба хатмкунандагони муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ дода мешавад. Магистр, асосан ба соҳаи муайяни илм машғул шуда, корҳои илмию таҳқиқотӣ мебарад ё аз рӯи ихтисос дар муассисаҳои таълимӣ, илмӣ ва дигар вазифаҳое, ки ба сатҳи таҳсилоти ӯ мувофиқанд, кор мекунад;

- **мазмуни таълим** - сохтор, мундариҷа ва ҳаҷми барномаи таълимиест, ки азхуд намудани он ба шахс имкони дарёфти таҳсилоти олии касбӣ ва ихтисоси муайянро таъмин менамояд;

- **муассисаи таҳсилоти олии касбӣ** - муассисаи таълимӣ, таълимии илмӣ, ки барномаи таълимии касбии таҳсилоти олиро аз рӯи стандарт ва самти муайяни таълим ва маърифату тахассус татбиқ менамояд, таълиму тарбия ва тайёрии касбии шаҳрвандонро вобаста ба майлу хоҳиш, қобилият ва талаботи меъёрии соҳаи таҳсилоти олии касбӣ таъмин мекунад, инчунин фаъолияти илмӣ ва илмию техникиро амалӣ мегардонад;

- **муассисаи таҳсилоти олии касбии давлатӣ** - муассисаи олии таълимие, ки аз ҷониби давлат таъсис дода шуда, аз буҷети давлатӣ ё дигар манбаъҳо маблағгузорӣ мешавад ва ба мақоми ваколатдори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон тобеъ мебошад;

- **муассисаи таҳсилоти олии касбии ғайридавлатӣ** - муассисаи олии таълимие, ки ба моликияти ғайридавлатӣ ва хусусӣ асос ёфта, ба муассис (муассисон) тобеъ аст;

- **мутахассис** - шахсе, ки соҳиби таҳсилоти олии касбӣ буда, доир ба назария ва амалияи самти ихтисосаш дониш, малака ва маҳорати касбиро соҳиб шудааст ва барои иҷро

намудани кори илмӣ қобилият дорад;

- **постдокторант** – шахсе, ки дорои дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) - доктор аз рӯи ихтисос буда, барои дарёфти дараҷаи доктори ҳабилитат дар постдокторантура таҳсил менамояд;

- **низоми кредитии таълим** – низоми баҳодиҳии миқдорӣ ба мазмуни барномаҳои таълим ва натиҷаҳои азхудкунии онҳо мебошад. Кредит (ё соати кредитӣ) ин меъёри вақтест, ки барои омӯзиши фанни таълимӣ ҳар ҳафта дар давоми як семестр сарф мешавад ва дар сурати бомуваффақият супоридани имтиҳон аз ин фан донишҷӯ ба ин кредит (ё кредитҳо) соҳиб мегардад;

- **озодии академӣ** - озодии баёни мазмуни таълим аз рӯи салоҳдиди худ дар доираи барномаҳои таълимӣ, интихоби мавзӯъ барои таҳқиқоти илмӣ ва ҳалли он бо методҳои худ, инчунин озодии омӯзандагон дар гирифтани дониш вобаста ба майли худ дар доираи барномаҳои таълимӣ;

- **стандарти давлатии таҳсилоти олии касбӣ** - маҷмӯи меъёрҳое, ки мазмуни таҳсилоти олии касбӣ, моҳияту мӯҳлати таълим ва усулҳои ташхиси сифати таҳсилоти олиро бо назардошти дастовардҳои умумибашарӣ муайян мекунанд;

- **такмили ихтисоси касбӣ** - таълиме, ки мутобиқи сатҳи таҳсилоти касбӣ **ва** бо мақсади такмили ихтисос дар ин ё он касб дода мешавад;

- **тахассус** - намуд ва дараҷаи омодагии касбии хатмкунанда барои иҷрои фаъолияти касбӣ ё давом додани таҳсил, ки дар ҳуҷҷати дорои таҳсилоти марбута инъикос мешавад;

- **таҳсилот** - раванди муттасили таълиму тарбия, ки мақсад аз он ноил шудан ба сатҳи баланди инкишофи маънавӣ, зеҳнӣ, фарҳангӣ, ҷисмонӣ ва салоҳияти касбии шахс мебошад;

- **таҳсилоти иловагӣ** - раванди тарбия ва таълим, ки дар асоси барномаҳои таълимии иловагии ҳама сатҳҳо бо мақсади ҳамаҷониба қаноатманд гардонидани талаботи

маърифатии шаҳрванд, ҷамъият ва давлат сурат мегирад;

- **таҳсилоти олии касбӣ** - дараҷаи таҳсилотест, ки шахс ба он дар муассисаи таҳсилоти олии касбӣ дар натиҷаи раванди мунтазам, бонизом ва мақсадноки фарогирии мазмуни таълим, ки он ба таҳсилоти миёнаи умумӣ асос ёфта, бо гирифтани тахассуси муайян аз рӯи ҷамъбасти аттестатсияи ниҳоии давлатӣ ба анҷом мерасад, соҳиб мегардад;

- **таҳсилоти касбии баъд аз муассисаи олии таълимӣ** - таҳсилотест, ки ба ҳар шахс имкони боло бурдани сатҳи таҳсил ва тахассусро дар заминаи таҳсилоти олии касбӣ медиҳад;

- **таълими фосилавӣ** - яке аз шаклҳои ба даст овардани касб, ки шахс берун аз муассисаи таҳсилоти олии касбӣ, тавассути воситаҳои электронӣ ва телекоммуникатсионӣ таҳсилоти олии касбиро соҳиб мегардад**;**

- **унвончӯ** - шахсе, ки таҳсилоти олии касбӣ дошта, ба аспирантура ва ё докторантураи муассисаи таҳсилоти олии касбӣ ё муассисаи илмӣ вобаста шудааст ва барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илм бидуни таҳсил дар аспирантура рисолаи илмӣ таълиф мекунад ва ё шахсе, ки дорои дараҷаи илмии номзади илм буда, барои гирифтани дараҷаи илмии докторӣ бидуни таҳсил дар докторантура рисолаи илмӣ таълиф мекунад;

- **фаъолияти таълимӣ** - фаъолияте, ки бо роҳи пешниҳод намудани хизматҳо барои дарёфти таҳсилоти олии касбӣ ва додани ҳуҷҷати дорои таҳсилоти дахлдор алоқаманд аст;

- **худмухторӣ -** шакли олии раванди таълим ва чорабиниҳои академӣ, ки масъулияти муассисаи таҳсилоти олии касбиро дар назди муассис (муассисон) муайян мекунад;

- **экстерн** - шахсе, ки омӯзиши мустақилонаи фанҳоро аз рӯи барномаи асосии таълимии таҳсилоти олии касбӣ дар соҳаи таълим (ихтисос) интихоб намудааст ва минбаъд дар муассисаи таҳсилоти олии касбӣ аз аттестатсияи ҷорӣ ва ниҳоӣ мегузарад;

- **экстернат** - омӯзиши мустақилонаи фанҳои таълимӣ мутобиқи барномаҳои асосии таълимии таҳсилоти олии касбӣ аз рӯи самти интихобнамудаи тайёрӣ (тахассус) бо аттестатсияи ниҳоӣ (ҷорӣ ва ниҳоӣ) дар муассисаи таҳсилоти олии касбӣ.

Моддаи 3. Принсипҳои асосӣ дар соҳаи таҳсилоти олии касбӣ ва таҳсилоти касбии баъд аз муассисаи олии таълимӣ

Таҳсилоти олии касбӣ ва таҳсилоти касбии баъд аз муассисаи олии таълимӣ ба чунин принсипҳо асос меёбанд:

- дастрас будани таҳсилоти олии касбӣ вобаста ба қобилият, истеъдод ва талаботи ҳар як шахс;
- муайян намудани самтҳои афзалиятноки пешрафти илму техника, технология, инчунин тайёр намудани мутахассисон, бозомӯзӣ ва такмили ихтисоси кормандон;
- тарбияи шаҳрвандӣ;
- ҳифз ва рушди дастоварди ва анъанаҳои муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ;
- ҳамоҳангсозии низоми таҳсилоти олии касбӣ ва таҳсилоти касбии баъд аз муассисаи олии таълимӣ бо фазои ҷаҳонии таҳсилот;
- мунтазамӣ ва давомнокии раванди таълим;
- дастгирии давлатии мутахассисон, самтҳои афзалиятноки таҳқиқоти бунёдӣ ва амалии илмӣ дар соҳаи таҳсилоти олии касбӣ ва таҳсилоти касбии баъд аз муассисаи олии таълимӣ.

Моддаи 4. Кафолатҳои давлатӣ дар соҳаи таҳсилоти олии касбӣ ва таҳсилоти касбии баъд аз муассисаи олии таълимӣ

Давлат бартарии рушди таҳсилоти олии касбӣ ва таҳсилоти касбии баъд аз муассисаи олии таълимиро ба шаҳрвандон бо роҳҳои зерин кафолат медиҳад:

- маблағгузорӣ аз ҳисоби буҷети давлатӣ ё грантҳо, ҳамчунин муҳаё кардани шароити мусоид барои худтаъминкунии молиявии тайёр намудани мутахассисон ва кормандони илмию омӯзгорӣ тибқи меъёрҳои

муқарраршуда;

- дар асоси фармоиши давлатӣ ва маблағгузории буҷетӣ, инчунин грантҳои фардӣ дастрас гардонидани таҳсилоти олии касбӣ ва таҳсилоти касбии баъд аз муассисаи олии таълимӣ;

- таъмини ҳуқуқ ва манфиатҳои иҷтимоии донишҷӯён, аспирантҳо, докторантҳо ва дигар донишомӯзон дар низоми давлатии таҳсилоти олии касбӣ ва таҳсилоти касбии баъд аз муассисаи олии таълимӣ;

- муҳаё кардани шароит барои дастрасии баробар ба таҳсилоти олии касбӣ ва таҳсилоти касбии баъд аз муассисаи олии таълимӣ;

- ҷудо намудани грантҳо ва қарзҳои дарозмуддати имтиёзнок ба муассисаҳои таҳсилоти олии касбии ғайридавлатӣ барои қабули донишҷӯён тибқи квота дар асоси озмун;

- дар доираи стандартҳои давлатии таълим бо роҳи озмун ва ба таври ройгон гирифтани таҳсилоти олии касбӣ ва таҳсилоти касбии баъд аз муассисаи олии таълимӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбии давлатӣ ва ғайридавлатӣ, агар шаҳрвандон дар ин сатҳ бори аввал таълим мегирифта бошанд;

- интихоби озодонаи шаклҳои таҳсилоти олии касбӣ, муассисаи олии таълимӣ ва ихтисос.

Моддаи 5. Ҳудмухтории муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ва таҳсилоти касбии баъд аз муассисаи олии таълимӣ ва озодиҳои академии онҳо

1. Ҳудмухтории муассисаи таҳсилоти олии касбӣ ва таҳсилоти касбии баъд аз муассисаи олии таълимӣ мустақилияти муассисаи таҳсилоти олии касбӣ ва таҳсилоти касбии баъд аз муассисаи олии таълимро дар интихобу ҷобаҷогузории кадрҳо, фаъолияти таълимӣ, илмӣ, молиявию хоҷагӣ ва ғайра, ки Оинномаи онҳо мутобиқи муқаррароти қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян кардааст, ифода менамояд.

2. Муассисаи таҳсилоти олии касбӣ барои татбиқи

барномаҳои таълимӣ метавонад технологияи фосилавии донишомӯзиро қисман ё дар ҳаҷми пурра (ба истиснои баъзе аз машғулиятҳо) аз рӯи тартибе, ки мақомоти ҷумҳуриявии давлатии идораи маориф муқаррар кардааст, истифода барад.

3. Назорати мувофиқати фаъолияти муассисаи таҳсилоти олии касбӣ ва таҳсилоти касбии баъд аз муассисаи олии таълимӣ новобаста аз шакли ташкилию ҳуқуқиаш бо назардошти мақсадҳои он, ки дар Оинномаи он пешбинӣ шудааст, аз ҷониби муассиси (муассисони) муассисаи таҳсилоти олии касбӣ ва мақоми ваколатдори давлатии назорат дар соҳаи маориф ва илм, ки дар доираи салоҳияти худ барои пешбурди фаъолияти таълимӣ иҷозатнома додаанд, амалӣ мегардад. **(ҚҶТ аз 23.12.2021с., №1835)**

4. Ба профессорону омӯзгорон, кормандони илмӣ ва донишҷӯёни муассисаи таҳсилоти олии касбӣ, аз ҷумла ба омӯзгорони муассисаи таҳсилоти олии касбӣ озодиҳои академӣ дода мешавад, то мавзӯи дарсро (таълимро) бо усули худ дар доираи барномаҳои таълимӣ баён кунанд, мавзӯи таҳқиқоти илмиро интихоб намоянд ва бо тарзу усулҳои худ гузаронанд.

5. Дар доираи барномаҳои таълимӣ ба донишҷӯён мувофиқи майлу талаботи онҳо озодии академӣ дода мешавад.

Моддаи 6. Вазъи ҳуқуқӣ, намуд ва номи муассисаи таҳсилоти олии касбӣ

1. Муассисаи таҳсилоти олии касбӣ шахси ҳуқуқӣ буда, ба муассисаи ғайритиҷоратӣ мансуб аст.

2. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон шаклҳои зерини муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ таъсис дода мешаванд: донишгоҳ, академия, донишкада.

3. Донишгоҳ муассисаи таҳсилоти олии касбиест, ки:

-барномаҳои таълимии таҳсилоти олии касбӣ ва таҳсилоти касбии баъд аз муассисаи олии таълимиро аз рӯи доираи васеи соҳаҳо (ихтисосҳо) амалӣ мегардонад;

-кормандони баландихтисос, илмӣ ва илмиву омӯзгориро тайёр намуда, донишу ихтисоси онҳоро такмил медиҳад;

-дар соҳаҳои гуногуни илм таҳқиқоти бунёдӣ ва амалиро анҷом медиҳад;

-дар соҳаҳои фаъолияташ маркази пешбари илмӣ ва методӣ мебошад.

4. Академия муассисаи таҳсилоти олии касбиест, ки:

-барномаҳои таълимии таҳсилоти олии касбӣ ва таҳсилоти касбии баъд аз муассисаи олии таълимиро дар соҳаи муайяни фаъолият амалӣ мегардонад;

-кормандони баландихтисосро барои соҳаи муайяни фаъолияти илмӣ ва илмиву омӯзгорӣ тайёр намуда, донишу ихтисоси онҳоро такмил медиҳад;

-дар яке аз соҳаҳои илм ё фарҳанг таҳқиқоти бунёдӣ ва амалиро анҷом медиҳад;

-дар соҳаҳои фаъолияташ маркази пешбари илмӣ ва методӣ мебошад.

5. Донишкада муассисаи таҳсилоти олии касбиест, ки:

-барномаҳои таълимии таҳсилоти олии касбӣ ва барномаҳои таълимии таҳсилоти касбии баъд аз муассисаи олии таълимиро дар як ё якчанд самти ҷудогона амалӣ мегардонад;

-кормандони баландихтисосро барои соҳаи муайяни фаъолияти касбӣ тайёр ва донишу ихтисоси онҳоро такмил медиҳад;

-таҳқиқоти бунёдӣ ва (ё) амалӣ мебарад.

6. Вазъи ҳуқуқии муассисаи таҳсилоти олии касбӣ дар номи он ифода меёбад. Номи муассисаи таҳсилоти олии касбӣ ҳангоми таъсис додани он муқаррар гардида, дар сурати тағйир ёфтани вазъи ҳуқуқии ин муассиса номи он низ ҳатман тағйир дода мешавад. Агар дар номи муассисаи таҳсилоти олии касбӣ номи махсус истифода гардад (консерватория, омӯзишгоҳи олӣ ва дигар номҳо), дар баробари ном шакли муассисаи таҳсилоти олии касбӣ нишон дода мешавад.

БОБИ 2. НИЗОМИ ТАҲСИЛОТИ ОЛИИ КАСБӢ ВА ТАҲСИЛОТИ КАСБИИ БАЪД АЗ МУАССИСАИ ОЛИИ ТАЪЛИМӢ

Моддаи 7. Сохтори низоми таҳсилоти олии касбӣ ва таҳсилоти касбии баъд аз муассисаи олии таълимӣ

Низоми таҳсилоти олии касбӣ ва таҳсилоти касбии баъд аз муассисаи олии таълимӣ иборат аст аз:

- стандартҳои давлатии таҳсилоти олии касбӣ ва таҳсилоти касбии баъд аз муассисаи олии таълимӣ ва барномаҳои таълимии таҳсилоти олии касбӣ ва таҳсилоти касбии баъд аз муассисаи олии таълимӣ;
- муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ва муассисаҳои таълимие, ки новобаста аз шаклҳои ташкилию ҳуқуқӣ барои таълими таҳсилоти марбутаи иловагии касбӣ иҷозатнома доранд;
- пажӯҳишгоҳҳои илмию таҳқиқотӣ, бюроҳои конструкторӣ, хоҷагиҳои таълимию таҷрибавӣ, стансияҳои таҷрибавӣ, марказҳои таълимию методӣ ва иттилоотиву таҳлилӣ, паркҳои техникӣ, корхонаҳои истеҳсолӣ, ташкилоту муассисаҳои илмӣ, лоиҳакашӣ, клиникӣ, муолиҷавию пешгирӣ, дорусозӣ (фармасевтӣ), фарҳангию маърифатӣ, ки бо таҳқиқоти илмӣ машғуланд ва фаъолияту рушди таҳсилоти олии касбӣ ва таҳсилоти касбии баъд аз муассисаи олии таълимиро таъмин мекунанд;
- мақомоти идораи таҳсилоти олии касбӣ ва таҳсилоти касбии баъд аз муассисаи олии таълимӣ, ҳамчунин корхона, муассиса ва ташкилотҳои тобеи онҳо;
- иттифоқҳо ва иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ (иттифоқҳои эҷодӣ, ассотсиатсияҳои касбӣ, ҷамъиятӣ, шӯроҳои илмию методӣ ва дигар иттиҳодияҳо).

Моддаи 8. Стандартҳои давлатӣ ва барномаҳои таълимии таҳсилоти олии касбӣ ва таҳсилоти касбии баъд аз муассисаи олии таълимӣ

1. Стандартҳои давлатии таҳсилоти олии касбӣ ва таҳсилоти касбии баъд аз муассисаи олии таълимӣ

иборатанд аз:

- талаботи умумӣ ба барномаҳои асосии таълимии таҳсилоти олии касбӣ ва таҳсилоти касбии баъд аз муассисаи олии таълимӣ;

- талабот ба ҳадди ақали ҳатмии мазмуни барномаҳои асосии таълимии таҳсилоти олии касбӣ ва таҳсилоти касбии баъд аз муассисаи олии таълимӣ вобаста ба шароити амалӣ гардонидани онҳо, аз ҷумла ба таҷрибаи таълимию истеҳсолӣ, аттестатсияи ниҳоии хатмкунандагон ва дараҷаи тайёр намудани онҳо аз рӯи соҳаҳои алоҳидаи таълим (ихтисос);

- мӯҳлати фаро гирифтани барномаҳои асосии таълимии таҳсилоти олии касбӣ ва таҳсилоти касбии баъд аз муассисаи олии таълимӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбии давлатӣ ва ғайридавлатӣ;

- ҳаҷми ниҳоии сарбории донишҷӯён ва шунавандагон.

2. Стандартҳои давлатии таҳсилоти олии касбӣ ва таҳсилоти касбии баъд аз муассисаи олии таълимӣ таъмини муқаррароти зеринро дар бар мегиранд:

- сифати таҳсилоти олии касбӣ ва таҳсилоти касбии баъд аз муассисаи олии таълимӣ;

- ягонагии фазои таълим;

- эътироф ва муқаррар намудани баробарарзишии ҳуҷҷатҳои давлатҳои хориҷӣ оид ба таҳсилоти олии касбӣ ва таҳсилоти касбии баъд аз муассисаи олии таълимӣ.

3. Стандартҳои давлатии таҳсилоти олии касбӣ ва таҳсилоти касбии баъд аз муассисаи олии таълимӣ, инчунин таснифи равияҳо ва ихтисосҳои таҳсилоти олии касбӣ ва таҳсилоти касбии баъд аз муассисаи олии таълимиро Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ менамояд. **(ҚҶТ аз 17.05.2018с., №1529)**

Моддаи 9. Мӯҳлат ва шаклҳои аз бар кардани зинаҳои таҳсилоти олии касбӣ

1. Барномаҳои таълимии муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ метавонанд муттасил ва зина ба зина тавассути

низоми кредитии таълим ва ё анъанавӣ, мувофиқи тартиби муайяннамудаи мақомоти ҷумҳуриявии давлатии идораи маориф амалӣ гардонида шаванд.

2. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон шаклҳои зерини таҳсилоти олии касбӣ муқаррар карда мешаванд:

- таҳсилоти бисёрзинагӣ:

а) таҳсилоти олии касбӣ, ки барои тасдиқи он ба шахси аз аттестатсияи ниҳоии давлатӣ бомуваффақиятгузашта тахассуси дараҷаи «бакалавр» дода мешавад;

б) таҳсилоти олии касбӣ, ки барои тасдиқи он ба шахси аз аттестатсияи ниҳоии давлатӣ бомуваффақиятгузашта тахассуси дараҷаи «магистр» дода мешавад.

- таҳсилоти анъанавӣ:

а) таҳсилоти олии касбӣ, ки барои тасдиқи он ба шахси аз аттестатсияи ниҳоии давлатӣ бомуваффақиятгузашта тахассуси «мутахассис» дода мешавад.

3. Таҳсилоти шахсоне, ки омӯзишро аз рӯи барномаи таълимии асосии таҳсилоти олии касбӣ ба итмом нарасонидаанд, аммо аз аттестатсияи ҷорӣ бомуваффақият гузаштаанд (на камтар аз ду соли таҳсил), таҳсилоти олии касбии нопурра шуморида мешавад ва ба онҳо ҳуҷҷати академии шакли муқарраршуда дода мешавад.

4. Мӯҳлати фарогирии барномаҳои асосии таълимии таҳсилоти олии касбӣ (ба истиснои барномаҳои асосии таълимии таҳсилоти олии тиббӣ):

- барои дарёфти тахассуси дараҷаи «бакалавр» - на камтар аз чор сол;

- барои дарёфти тахассуси «мутахассис» - на камтар аз панҷ сол;

- барои дарёфти тахассуси дараҷаи «магистр» - ду сол.

5. Шахсоне, ки оид ба таҳсилоти олии касбии зинаи муайян ҳуҷҷатҳои намунаи давлатиро доранд, мутобиқи ихтисос метавонанд аз рӯи барномаи таълимии таҳсилоти олии касбии зинаи минбаъда таълимро идома диҳанд.

6. Аз бар намудани барномаи таълимии таҳсилоти олии касбии дараҷаи мувофиқ дар муассисаи таҳсилоти олии касбии дорои аккредитатсияи давлатӣ ба шахс барои ишғоли вазифаи мувофиқ дар муассисаи давлатӣ ва гирифтани музди кор ва музди изофа асос мебошад. Барои шахсоне, ки барномаҳои таълимии таҳсилоти олии тиббӣ ва таҳсилоти олии фармасевтиро аз бар намудаанд, барои ишғоли вазифаҳои зикршуда тайёрии баъди таҳсилоти олии касбӣ дар интернатура, ординатура (резидентура) ва магистратура, ки он бо шаҳодатномаи шакли муқарраршуда тасдиқ шудааст, асос мебошад.

7. Тахассуси дараҷаи «бакалавр» ҳангоми ба кор қабул намудан ба шахрвандон ҳуқуқи ишғоли вазифаеро медиҳад, ки барои он мутобиқи талаботи тахассусӣ таҳсилоти олии касбӣ пешбинӣ шудааст.

8. Ишғоли вазифаи хизмати давлатӣ аз ҷониби бакалавр, магистр ва мутахассис бо тартибе, ки қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар намудааст, сурат мегирад.

9. Таҳсилоти аввалин, ки шахс онро аз рӯи барномаҳои таълимии таҳсилоти олии касбии зинаҳои гуногун гирифтааст, ҳамчун таҳсилоти дуюми олии касбӣ гирифтаи ӯ дониста намешавад.

10. Барномаҳои асосии таълимии таҳсилоти олии касбиро донишҷӯён, вобаста ба ҳаҷми машғулиятҳои ҳатмии корманди соҳаи омӯзгории муассисаи таҳсилоти олии касбӣ метавонанд дар шаклҳои таълими рӯзона, шабона, ғоибона, таълими фосилавӣ, ҳамчунин экстернат аз бар намоянд. **(ҚҶТ аз 17.05.2018с., №1529)**

11. Номгӯи самтҳои таълим (ихтисос), ки аз рӯи онҳо имкони дарёфти таҳсилоти олии касбӣ дар шакли таҳсили шабона, ғоибона мумкин нест, аз тарафи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар карда мешавад. Низомнома оид ба экстернат аз ҷониби мақоми давлатии идораи маориф тасдиқ карда мешавад.

12. Шахсоне, ки дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбии аккредитатсияи давлатӣ надошта таҳсил мекунанд ё

чунин муассисаи таҳсилоти олии касбиро бомуваффақият хатм кардаанд, ҳуқуқ доранд дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбии дорои аккредитатсияи давлатӣ дар асоси шартҳои экстернат аз аттестатсияи давлатии ҷорӣ ва ниҳоӣ гузаранд.

Моддаи 10. Ҳуҷҷатҳо оид ба таҳсилоти олии касбӣ ва таҳсилоти касбии баъд аз муассисаи олии таълимӣ

1. Ба шахсоне, ки таҳсилро аз рӯи барномаҳои таълимии таҳсилоти олии касбӣ ва таҳсилоти касбии баъд аз муассисаи олии таълимӣ анҷом додаанд ва аз аттестатсияи ниҳоии давлатӣ гузаштаанд, ҳуҷҷат дар бораи таҳсилоти марбута дода мешавад.

2. Муассисаи таҳсилоти олии касбие, ки аккредитатсияи давлатӣ дорад, ба хатмкунандагон дар бораи таҳсилоти марбута ҳуҷҷати намунаи давлатии дорои нишони давлатӣ ва нишони сарисинагии намунаи муқарраршуда медиҳад. Шакли ҳуҷҷати намунаи давлатӣ ва нишони сарисинагиро Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ мекунад.

3. Ҳуҷҷатҳое, ки хатми зинаҳои гуногуни таҳсилоти олии касбиро тасдиқ менамоянд, инҳоянд:

-дипломи мутахассис;

-дипломи бакалавр;

-дипломи магистр.

4. Аз рӯи натиҷаи ҳимояи рисолаи илмӣ бо тартиби муқарраршуда дипломи номзади илм, дипломи доктори фалсафа (PhD) - доктор аз рӯи ихтисос, дипломи доктори илм ё дипломи доктори ҳабилитат дода мешавад. **(ҚҶТ аз 17.05.2018с., №1529)**

5. Тартиби додани ҳуҷҷатро дар бораи такмили ихтисос бо роҳи гузаштани курсҳои гуногун мақомоти ҷумҳуриявии давлатии идораи маориф муайян менамояд.

6. Муассисаи таҳсилоти олии касбӣ пас аз гузаштан аз аттестатсия ва аккредитатсияи давлатӣ ҳуқуқи додани ҳуҷҷатҳои намунаи давлатӣ дар бораи таҳсилоти олии касбӣ ва таҳсилоти касбии баъд аз муассисаи олии

таълимӣ ҳуқуқ пайдо мекунад.

7. Ҳуҷҷатҳо дар бораи таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар тамоми ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон эътибор доранд.

Моддаи 11. Вазифаҳо ва сохтори муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ва таҳсилоти касбии баъд аз муассисаи олии таълимӣ

1.Вазифаҳои асосии муассисаи таҳсилоти олии касбӣ ва таҳсилоти касбии баъд аз муассисаи олии таълимӣ иборат аст, аз:

-қонеъ гардонидани талаботи шахс ба инкишофи зеҳнӣ, фарҳангӣ ва арзишҳои маънавӣ бо роҳи дарёфти таҳсилоти олии касбӣ ва ё таҳсилоти касбии баъд аз муассисаи олии таълимӣ;

-рушди илму ҳунар ба воситаи таҳқиқоти илмӣ ва фаъолияти эҷодии кормандони илмию омӯзгорӣ ва таҳсилкунандагон, истифодаи натиҷаҳои ҳосилшуда дар ҷараёни таълим ва истеҳсолот;

-омӯзиш, бозомӯзӣ ва такмили тахассуси кормандони дорои таҳсилоти олии касбӣ ва кормандони илмию омӯзгории баландихтисос;

-дар донишҷӯён инкишоф додани худшиносии миллӣ, ифтихори ватандорӣ, шаъну шарафи шаҳрвандӣ ва қобилияти кору зиндагии донишҷӯён дар шароити имрӯзаи ҷаҳонишавӣ;

- ҳифз ва афзун намудани арзишҳои миллӣ, ахлоқӣ, фарҳангӣ, илмӣ ва анъанаҳои кишвар;

- таҳкими арзишҳои маънавии шаҳрвандон, боло бурдани савияи таҳсилот ва фарҳанги он;

-таъмини шароити мусоид барои таҷрибаомӯзии истеҳсолӣ ва омӯзгории донишҷӯён.

2.Муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ва таҳсилоти касбии баъд аз муассисаи олии таълимӣ дар ташаккул додани сохтори худ мустақиланд.

3.Муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ метавонанд барномаҳои таълимии муассисаҳои таҳсилоти умумӣ,

таҳсилоти ибтидоӣ ва миёнаи касбиро амалӣ гардонанд, агар дар сохтори онҳо муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ, ибтидоӣ ва миёнаи касбӣ мавҷуд бошанд ва барои пешбурди фаъолияти таълимӣ иҷозатнома гирифта бошанд.

4.Муассисаҳои таҳсилоти олии касбие, ки мақоми донишгоҳро доранд, бо ризоияти муассис метавонанд дар сохтори худ донишкадаҳо, академияҳои таълимӣ, коллеҷҳо, филиалҳо, муассисаҳои илмию методӣ, хоҷагиҳои таълимию таҷрибавӣ, паркҳои техникӣ ва дигар воҳидҳои сохторӣ дошта бошанд.

5.Филиали муассисаи таҳсилоти олии касбӣ ба таври мустақил аз аттестатсия гузашта, иҷозатномаи пешбурди фаъолият мегирад, аммо акредитатсияи давлатиро дар ҳайати муассисаи таҳсилоти олии касбӣ мегузарад.

Моддаи 12. Тартиби таъсис, азнавташкилдиҳӣ, барҳамдиҳӣ, иҷозатномадиҳӣ, аттестатсия ва аккредитатсияи муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ва таҳсилоти касбии баъд аз муассисаи олии таълимӣ

1. Муассисаи таҳсилоти олии касбӣ ва таҳсилоти касбии баъд аз муассисаи олии таълимӣ бо дархости муассис (муассисон) мутобиқи қарори он ва ё шартҳои шартномаи таъсисдиҳӣ ташкил, аз нав ташкил ва барҳам дода шуда, мутобиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ба қайди давлатӣ гирифта мешавад.

2. Муассисаи таҳсилоти олии касбӣ ва таҳсилоти касбии баъд аз муассисаи олии таълимӣ аз вақти ба қайди давлатӣ гирифтани он таъсисгардида дониста мешавад. Баробари гирифтани иҷозатнома ҳуқуқ пайдо мекунад, ки нақша ва барномаҳои таълимии таҳсилоти олии касбӣ ва таҳсилоти касбии баъд аз муассисаи олии таълимиро амалӣ гардонад ва аз имтиёзҳои пешбининамудаи қонунгузорӣ баҳравар гардад.

3. Аттестатсияи муассисаи таҳсилоти олии касбӣ ва таҳсилоти касбии баъд аз муассисаи олии таълимӣ бо

дархости муассисаи таҳсилоти олии касбӣ ё худ бо ташаббуси мақоми ваколатдори давлатии назорат дар соҳаи маориф ва илм гузаронида мешавад. Тартиби гирифтани иҷозатнома тибқи талаботи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи иҷозатномадиҳӣ ба баъзе намудҳои фаъолият» муқаррар мешавад.

4. Мақсад ва мӯҳтавои аттестатсия муқаррар кардани мувофиқати мазмун, сатҳ ва сифати таълими хатмкунандагони муассисаи таҳсилоти олии касбӣ ба талаботи стандартҳои давлатии таҳсилоти олии касбӣ аз рӯи соҳаҳои таълим (ихтисос) мебошад. **ҚҶТ аз 17.05.2018с., №1529)**

5. Аккредитатсияи давлатии муассисаи таҳсилоти олии касбӣ ва таҳсилоти касбии баъд аз муассисаи олии таълимӣ дар асоси натиҷаҳои аттестатсияи давлатӣ, ки тартиби онро Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар менамояд, гузаронида мешавад.

6. Шаҳодатнома дар бораи аккредитатсияи давлатӣ вазъи ҳуқуқии муассисаи таҳсилоти олии касбӣ ва таҳсилоти касбии баъд аз муассисаи олии таълимӣ, феҳристи самтҳои таълим (ихтисосҳо)-ро, ки аз аккредитатсияи давлатӣ гузаштаанд ва аз рӯи он муассисаи таҳсилоти олии касбӣ ҳуқуқ дорад ба хатмкунандагон ҳуҷҷатҳои намунаи давлатиро дар бораи таҳсилоти олии касбӣ диҳад, ҳамчунин зинаҳои таҳсилоти олии касбӣ ва ихтисос (дараҷа) - ро муқаррар менамояд.

7. Таъсисдиҳандаи муассисаҳои таҳсилоти олии касбие, ки барномаҳои ҳарбии касбии таълимиро (муассисаҳои таҳсилоти олии касбии ҳарбӣ) татбиқ мекунанд, танҳо Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон буда метавонад.

8. Филиалҳои муассисаҳои таҳсилоти олии касбии давлатҳои хориҷӣ дар асоси шартномаҳои байнидавлатӣ мутобиқи санадҳои қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон таъсис ёфта, баъди гирифтани иҷозатномаи мақоми ваколатдори давлатии назорат дар соҳаи маориф ва илм дар доираи барномаҳои таълимӣ ва стандартҳои

давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон фаъолият менамоянд.

9. Барҳамдиҳии муассисаи таҳсилоти олии касбӣ тибқи Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон сурат мегирад. **(ҚҶТ аз 23.12.2021с., №1835)**

Моддаи 13. Қабул ба муассисаи таҳсилоти олии касбӣ ва тайёр кардани мутахассисони дорои таҳсилоти олии касбӣ ва таҳсилоти касбии баъд аз муассисаи олии таълимӣ

1. Қабул ба муассисаи таҳсилоти олии касбӣ мувофиқи аризаи шахсони дорои таҳсилоти миёнаи умумӣ, таҳсилоти ибтидоии касбӣ ва таҳсилоти миёнаи касбӣ дар асоси озмун аз рӯи натиҷаи имтиҳонҳои дохилшавӣ, ба истиснои ҳолатҳои пешбининамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон анҷом дода мешавад. Тартиби ягонаи ба муассисаи таҳсилоти олии касбӣ қабул кардани шаҳрвандонро, дар ҳолате ки Қонуни мазкур муқаррар накарда бошад, Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян мекунад.

2. Шартҳои озмун бояд риояи ҳуқуқи шаҳрвандонро дар соҳаи маориф кафолат диҳад ва ба он мусоидат намояд, то шаҳрвандони қобилияти бештардошта, ба омӯхтани барномаҳои таълимии дараҷа ва (ё) зинаи дахлдор омодаанд, қабул шаванд.

3. Муассисаи таҳсилоти олии касбӣ ҳуқуқ дорад қабули шаҳрвандонро танҳо дар сурати мавҷуд будани иҷозатнома эълон намояд. Муассисаи таҳсилоти олии касбӣ вазифадор аст довталабонро бо иҷозатномаи мазкур, ҳамчунин бо шаҳодатномаи аккредитатсияи давлатӣ доир ба ҳар як соҳаи таълим (ихтисос), ки ба муассисаи таҳсилоти олии касбӣ ҳуқуқи ҳуҷҷати намунаи давлатиро дар бораи таҳсилоти олии касбӣ медиҳад, шинос намояд. Бо шаҳодатномаи аккредитатсияи давлатӣ шинос намудани довталаб оид ба кадом соҳаи таълим (ихтисос)-ро интихоб кардани ӯ ё набудани чунин шаҳодатнома дар ҳуҷҷатҳои қабул қайд карда мешавад ва ба он довталабон имзо мегузоранд.

4. Равияи таълим (ихтисос) дар асоси иҷозатнома муайян карда мешавад. Мазмуни ҷараёни таълими ҳар соҳа (ихтисос) мӯҳлати азхуд кардани барномаи таълимии таҳсилоти олии касбӣ ё таҳсилоти касбии баъд аз муассисаи олии таълимӣ аз тарафи муассисаи таҳсилоти олии касбӣ мутобиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Стандарти давлатии таҳсилоти олии касбӣ муайян карда мешавад.

5. Барои шахсони дорои таҳсилоти миёнаи касбии самти дахлдор бо қарори Шӯрои олимони муассисаи таҳсилоти олии касбӣ, гирифтани таҳсилоти олии касбӣ аз рӯи барномаи маҳдуд ё суръатноки омӯзишии муассисаи таҳсилоти олии касбӣ иҷозат дода мешавад.

6. Шумораи умумии донишҷӯён ва тартиби қабули онҳоро, ки барои таҳсил аз ҳисоби маблағи буҷет қабул карда мешаванд, ҳар сол мақомоти марбутаи давлатӣ мутобиқи меъёрҳои муқаррарнамудаи Қонуни мазкур муайян менамояд.

7. Шахсоне, ки муассисаҳои таълимии миёнаи умумӣ ё муассисаи таҳсилоти ибтидоии касбии дорои аккредитатсияи давлатиро бо медалҳо, инчунин шахсоне, ки муассисаҳои таълимии таҳсилоти миёнаи касбии аккредитатсияи давлатидоштаро бо баҳои «аъло» хатм намудаанд, ба муассисаи таҳсилоти олии касбӣ аз рӯи натиҷаи сӯҳбат, ба истиснои имтиҳонҳои марказонидаи дохилшавӣ ба муассисаҳои таълимии таҳсилоти олии касбӣ ва санҷиши касбӣ аз рӯи равияе, ки муассисаи таҳсилоти олии касбӣ метавонад муқаррар намояд, қабул карда мешаванд.

8. Шахсони зикршуда, ки аз сӯҳбат нагузаштаанд, ҳуқуқ доранд имтиҳонҳои қабулро мутобиқи қоидаҳои умумӣ супоранд.

9. Дар сурати бомуваффақият супоридани имтиҳонҳои марказонидаи дохилшавӣ (ба даст овардани холҳои гузариш аз фанҳои таълимии дахлдор) ба муассисаҳои таълимии таҳсилоти олии касбӣ, бо тартиби муқаррарнамудаи мақоми ваколатдори

давлатӣ дар соҳаи маориф ба довталабони зерин имтиёз дода мешавад:

- ятимон;

- бепарасторон;

- кӯдакони маъюб (тибқи хулосаи мақоми ваколатдори давлатӣ);

- маъюбони гурӯҳҳои I ва II, ки тибқи хулосаи мақоми ваколатдори давлатӣ дар муассисаҳои таълимии дахлдор таҳсил кардани онҳо манъ карда нашудааст;

- шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки хизмати ҳарбиро дар Қувваҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон адо кардаанд;

- дигар шаҳрвандоне, ки барои онҳо мутобиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон имтиёзҳо пешбинӣ шудаанд.

10. Агар муассисаи таълимии таҳсилоти олии касбӣ ба низоми имтиҳонҳои марказонидаи дохилшавӣ шомил набошад, қабули довталабони дар қисми 9 моддаи мазкур зикргардида, тибқи қоидаҳои умумии қабули донишҷӯён, ки мақоми ваколатдори давлатӣ дар соҳаи маориф муқаррар менамояд, ба роҳ монда мешавад. **(ҚҶТ аз 23.07.2016с., №1350)**

11. Довталабон ба таълими пулакӣ танҳо баъди супоридани имтиҳонҳои қабул ва пардохти ҳаққи таълим (мувофиқи шартнома) қабул карда мешаванд. Аз таълими пулакӣ ба таълими ройгон ва аз таълими ройгон ба таълими пулакӣ гузаронидани донишҷӯён иҷозат дода мешавад. Тартиби онро мақомоти ҷумҳуриявии давлатии идораи маориф муайян менамояд.

12. Ба аспирантураи муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ дар асоси озмун шахсоне, ки таҳсилоти олии касбии мутахасис доранд қабул карда мешаванд. Мӯҳлати таҳсил дар аспирантура дар шӯъбаи рӯзона 3 сол ва дар шӯъбаи ғоибона 4 сол муқаррар карда мешавад.

13. Ба докторантураи муассисаи таълимии

таҳсилоти олии касбӣ шахсоне, ки дараҷаи илмии номзади илм ва ба постдокторантура шахсоне, ки дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) - доктор аз рӯи ихтисос доранд, қабул карда мешаванд.

14. Мӯҳлати таҳсил дар докторантура аз рӯи ихтисос бо додани дараҷаи олии академӣ - доктори фалсафа (PhD) - доктор аз рӯи ихтисос се сол, докторантура бо додани дараҷаи олии академӣ - доктори илм ва постдокторантура бо додани дараҷаи олии академӣ - доктори ҳабилитат то се сол мебошад.

15. Шаҳрвандони хориҷӣ ба аспирантура, докторантура аз рӯи ихтисос, докторантура ва постдокторантураи муассисаҳои таълимии таҳсилоти олии касбӣ, таҳсилоти касбии баъд аз муассисаи олии таълимӣ ва муассисаи илмӣ мутобиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ва шартномаҳои байналмилалӣ бо тартиби муқарраргардида қабул карда мешаванд. **(ҚҶТ аз 17.05.2018с., №1529)**

Моддаи 14. Идоракунии муассисаи таҳсилоти олии касбӣ ва таҳсилоти касбии баъд аз муассисаи олии таълимӣ

1. Муассисаи таҳсилоти олии касбӣ ва таҳсилоти касбии баъд аз муассисаи олии таълимӣ мутобиқи тартиби муқаррарнамудаи Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон идора карда мешавад.

2. Бо мақсади пешбурди корҳои ҷории фаъолияти муассиса дар асоси усулҳои мувофиқати яккасардорӣ ва дастаҷамъӣ мақоми иҷроия таъсис дода мешавад ва он ба мақоми олии муассиса, ки ректор роҳбарӣ менамояд, ҳисоботдиҳанда мебошад.

3. Ректори муассисаи таҳсилоти олии касбии давлатӣ аз тарафи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ректори муассисаи таҳсилоти олии касбии хусусӣ аз тарафи муассис (муассисон) ба вазифа таъин ва аз вазифа озод карда мешаванд.

4. Тартиби ба вазифа таъин ва аз вазифа озод

намудани ректор, ваколатҳои мақомоти иҷроияи муассисаи таҳсилоти олии касбӣ, тартиби қабули қарор ва намояндагӣ намудан аз номи муассисаро қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Оинномаи муассисаи таҳсилоти олии касбии дахлдор муайян мекунад.

5. Оинномаи муассисаи таҳсилоти олии касбӣ аз тарафи муассис (маҷлиси умумии муассисон) ва Шӯрои олимон тасдиқ карда мешавад.

6. Ваколатҳои истисноии мақоми олии муассисаи таҳсилоти олии касбӣ иборатанд аз:

-тасдиқ намудан ва тағйир додани Оинномаи муассиса, тағйир додани андозаи сармояи оинномавии он;

-таъсиси мақоми иҷроия, ба вазифа таъин ва аз вазифа озод намудани роҳбари он;

-тасдиқи ҳисоботи солона ва тавозуни муҳосибии муассисаи таҳсилоти олии касбӣ;

-қабули қарор дар бораи азнавтаъсисдиҳӣ, азнавташкилдиҳӣ ва барҳамдиҳии муассисаи таҳсилоти олии касбӣ.

7. Дар Оинномаи муассисаи таҳсилоти олии касбӣ ва таҳсилоти касбии баъд аз муассисаи олии таълимӣ ба ваколатҳои истисноии мақоми олии он ҳалли масъалаҳои дигар низ вогузор шуда метавонанд. Масъалаҳое, ки ба ваколати истисноии мақоми олии муассисаи таҳсилоти олии касбӣ мансубанд, метавонанд ба ваколати мақоми иҷроияи муассиса гузошта шаванд.

8. Оинномаи муассисаи таҳсилоти олии касбӣ ва таҳсилоти касбии баъд аз муассисаи олии таълимӣ пас аз тасдиқи муассис тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ба қайд гирифта мешавад.

Моддаи 15. Иттиҳодия (ассотсиатсия, иттифоқ, созмон)-ҳои таҳсилоти олии касбӣ ва таҳсилоти касбии баъд аз муассисаи олии таълимӣ

1. Муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ва таҳсилоти касбии баъд аз муассисаи олии таълимӣ новобаста аз шакли моликият ва шакли ташкилию ҳуқуқӣ, бо мақсади

ҳамоҳангсозии фаъолияти худ, инчунин намояндагӣ ва ҳифзи манфиатҳои умумии молумулкӣ, ҳуқуқ доранд, то дар асоси шартнома иттиҳодияҳои ғайритиҷоратиро дар шакли ассотсиатсия (иттифоқ) – ҳо таъсис диҳанд.

2. Дар ҳолати бо қарори иштирокчиён ба зиммаи ассотсиатсия гузоштани фаъолияти соҳибкорӣ, ассотсиатсия бояд аз рӯи тартиби пешбининамудаи қонун ба ҷамъият ё ширкати истеҳсолӣ табдил дода шавад. Барои татбиқи фаъолияти соҳибкорӣ ассотсиатсияҳои низоми таҳсилоти олии касбӣ ва таҳсилоти касбии баъд аз муассисаи олии таълимӣ ҳуқуқ доранд, то ҷамъиятҳои хоҷагидорӣ таъсис диҳанд ё дар фаъолияти онҳо иштирок намоянд.

3. Ассотсиатсияҳои муассисаи таҳсилоти олии касбӣ ва таҳсилоти касбии баъд аз муассисаи олии таълимӣ шахси ҳуқуқӣ мебошанд.

4. Аъзои ассотсиатсияҳои муассисаи таҳсилоти олии касбӣ мустақилият ва ҳуқуқи шахси ҳуқуқӣ будани худро нигоҳ медоранд.

5. Ассотсиатсияҳои муассисаи таҳсилоти олии касбӣ ва таҳсилоти касбии баъд аз муассисаи олии таълимӣ барои ӯҳдадориҳои аъзои худ ҷавобгар намебошанд.

6. Аъзои ассотсиатсияҳои муассисаи таҳсилоти олии касбӣ ва таҳсилоти касбии баъд аз муассисаи олии таълимӣ аз рӯи ӯҳдадориҳои ассотсиатсия ба андоза ва мувофиқи тартиби дар ҳуҷҷатҳои таъсисии ассотсиатсия пешбинишуда масъулияти субсидорӣ доранд.

7. Номи дақиқи ассотсиатсияҳои дар низоми муассисаи таҳсилоти олии касбӣ ва таҳсилоти касбии баъд аз муассисаи олии таълимӣ бояд мақсади асосии ассотсиатсия ва аъзои онро ифода ва калимаҳои «ассотсиатсия» ё «иттифоқ»-ро дар худ дошта бошад.

Моддаи 16. Иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ дар низоми муассисаи таҳсилоти олии касбӣ ва таҳсилоти касбии баъд аз муассисаи олии таълимӣ

1. Манфиатҳои донишҷӯёни муассисаи таҳсилоти

олии касбиро иттиҳодияҳои ҷамъиятии донишҷӯён ҳимоя менамоянд. Муносибатҳои мушаххаси маъмурияти муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ва иттиҳодияҳои ҷамъиятии донишҷӯён бо Оинномаи муассисаи таҳсилоти олии касбӣ ва шартномаи байни маъмурияти он ва иттиҳодияҳои ҷамъиятии донишҷӯён муайян карда мешаванд.

2. Дар низоми муассисаи таҳсилоти олии касбӣ ва таҳсилоти касбии баъд аз муассисаи олии таълимӣ бе таъсис додани шахси ҳуқуқӣ, метавонанд иттиҳодияҳои ҷамъиятии шакли иттиҳодияҳои таълимию методии муассисаи таҳсилоти олии касбӣ ва таҳсилоти касбии баъд аз муассисаи олии таълимӣ, шӯрою комиссияҳои илмию методӣ, илмию техникӣ ва ғайра таъсис дода шаванд.

3. Мақоми давлатии идораи маориф, шӯроҳои олимони муассисаи таҳсилоти олии касбӣ дар фаъолияти худ тавсияи ташкилотҳои ҷамъиятӣ ва иттиҳодияҳои ҷамъиятиро дар низоми муассисаи таҳсилоти олии касбӣ ва таҳсилоти касбии баъд аз муассисаи олии таълимӣ баррасӣ менамоянд ва ба эътибор мегиранд.

БОБИ 3. ФАЪОЛИЯТИ ТАЪЛИМӢ, МЕТОДӢ ВА ИЛМИИ МУАССИСАҲОИ ТАҲСИЛОТИ ОЛИИ КАСБӢ ВА ТАҲСИЛОТИ КАБИИ БАЪД АЗ МУААССИСАИ ОЛИИ ТАЪЛИМӢ

Моддаи 17. Забони таълим

Забони таълим дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ва таҳсилоти касбии баъд аз муассисаи олии таълимӣ тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян карда мешавад.

Моддаи 18. Мазмуни таълим

1. Фаъолияти таълимии муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ мутобиқи нақшаҳо ва барномаҳои таълимӣ, ки дар асоси стандартҳои давлатии таҳсилоти олии касбӣ таҳия ва бо тартиби пешбининамудаи қонунгузории соҳаи маориф тасдиқ шудааст, амалӣ гардонида мешавад.

2. Мушаххас намудани мазмуни таълим бо нақша ва барномаҳои таълимӣ муайян карда мешаванд, ки муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ тасдиқ намудаанд.

Моддаи 19. Ташкили корҳои таълимӣ ва методӣ

1. Муассисаи таҳсилоти олии касбӣ донишҷӯён, курсантҳо, шунавандагон, аспирантҳоро бо воситаҳои таълим таъмин карда, барои таълим ва кору зиндагии онҳо шароити мусоид муҳайё месозад.

2. Муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ дар интихоби низоми баҳогузорӣ, шаклу тартиби гузарондани машғулиятҳо, аттестатсияи донишҷӯён ва шунавандагон мустақил мебошанд.

3. Ҷалб намудани донишҷӯён ва шунавандагон ба кор ё фаъолияте, ки ба раванд ва фаъолияти таълим вобастагӣ надоранд, манъ аст.

4. Таҷрибаомӯзии таълимӣ ва истеҳсолӣ, ки онро стандартҳои давлатии таҳсилоти олии касбӣ ва таҳсилоти касбии баъд аз муассисаи олии таълимӣ пешбинӣ кардааст, дар асоси шартномаҳои байни муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ва корхонаю муассиса ва ташкилотҳо сурат мегирад, ки мувофиқи онҳо ин корхонаю муассиса ва ташкилотҳо новобаста аз шакли ташкилию ҳуқуқиашон ва тобеияти идоравии худ, ӯҳдадоранд барои таҷрибаомӯзии донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти олии касбии давлатӣ ва аккредитатсияшудаи ғайридавлатӣ ҷой диҳанд ва шароити мувофиқ муҳайё созанд. **(ҚҶТ аз 17.05.2018с., №1529)**

5. Фарогирии нақшаи таълимии муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ бо аттестатсияи ниҳоии давлатии донишҷӯён хотима меёбад.

6. Муассисаи таҳсилоти олии касбӣ кори методиро ташкил мекунад ва ба роҳ мемонад. Ҳамоҳангсозии кори методӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбии давлатӣ аз ҷониби иттиҳодияҳои (марказҳои) таълимию методӣ амалӣ мегардад.

7. Вазифаҳои тарбиявии муассисаи таҳсилоти олии

касбӣ дар фаъолияти якҷояи таълимӣ, илмӣ, эҷодӣ, истеҳсолии донишҷӯён ва омӯзгорон амалӣ гардонида мешавад.

Моддаи 20. Ташкили корҳои илмию таҳқиқотӣ ва эҷодӣ

1. Вазифаҳои асосии муассисаи таҳсилоти олии касбӣ ва таҳсилоти касбии баъд аз муассисаи олии таълимӣ дар самти коҳои илмию таҳқиқотӣ аз инҳо иборатанд:

-таҳияи проблемаҳои назариявию амалӣ;

-таълифи китобҳои дарсӣ ва васоити таълим;

-иҷрои корҳои таҳқиқотии дорои хусусияти илмию методӣ.

2. Таҳқиқоти илмие, ки дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ва таҳсилоти касбии баъд аз муассисаи олии таълимӣ ба роҳ монда мешаванд, бо назардошти афзалиятнокии онҳо аз ҳисоби буҷети давлатӣ, маблағи аз иҷрои корҳои шартномаҳои хоҷагӣ бадастомада, қарзи бонкҳо, маблағҳои худӣ, хайрияҳо ва дигар манбаъҳо маблағгузорӣ карда мешаванд.

3. Принсипи асосии илм дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ва таҳсилоти касбии баъд аз муассисаи олии таълимӣ аз ҳамоҳангсозии он бо ҷараёни таълим, инчунин бо илмҳои академӣ ва соҳавӣ иборат аст.

4. Муассисаи таҳсилоти олии касбӣ ва таҳсилоти касбии баъд аз муассисаи олии таълимӣ таҳқиқоти илмӣ ва корҳои эҷодиро аз рӯи нақшаи мавзӯӣ, ки онро Шӯрои олимон тасдиқ менамояд, амалӣ сохта, истифодаи судманд ва босамари имкониятҳои илмии худ, сифати корҳои иҷрошаванда ва шароити бехатарии меҳнат, ҷалби васеи мутахассисони баландихтисос, донишҷӯён, курсантҳо, шунавандагонро барои иштирок дар корҳои илмию таҳқиқотӣ ва эҷодӣ таъмин мекунад.

БОБИ 4. СУБЪЕКТҲОИ ФАЪОЛИЯТИ ТАЪЛИМИЮ ИЛМӢ ДАР НИЗОМИ ТАҲСИЛОТИ ОЛИИ КАСБӢ ВА ТАҲСИЛОТИ КАСБИИ БАЪД АЗ МУАССИСАИ ОЛИИ ТАЪЛИМӢ, ҲУҚУҚУ ӮҲДАДОРИҲОИ ОНҲО

Моддаи 21. Ҳуқуқ ва ӯҳдадориҳои донишҷӯи муассисаи таҳсилоти олии касбӣ

1. Ба донишҷӯи муассисаи таҳсилоти олии касбӣ шаҳодатномаи донишҷӯ ва дафтарчаи имтиҳонотии намунаи муқарраргардида дода мешавад.

2. Донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ҳуқуқ доранд:

- дар ташкили мазмуну мундариҷаи таълими худ бо риояи талаботи стандартҳои давлатии таҳсилоти олии касбӣ иштирок намоянд. Ин ҳуқуқи онҳо бо шартҳои қарордоди байни донишҷӯи муассисаи таҳсилоти олии касбӣ ва шахси воқеӣ ё ҳуқуқие, ки барои таҳсил ва ба кор таъмин кардани онҳо мусоидат мекунад, маҳдуд шуда метавонад;

- курсҳои факултативӣ (барои самти нишондодашавандаи таълим (ихтисос)) ва курсҳои элективиро (ба таври ҳатмӣ интихобнамуда), ки аз ҷониби факултет ва кафедраи дахлдор пешниҳод мегарданд, интихоб намоянд;

- ғайр аз фанҳои таълимии (ихтисосии) соҳаи интихобшуда ҳар гуна фанҳои дигареро, ки дар муассисаи таҳсилоти олии касбӣ таълим дода мешаванд, бо тартиби муқаррарнамудаи Оинномаи он, инчунин фанҳои дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбии дигар таълимдодашавандаро аз бар намоянд;

- мутобиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯи тахассуси ҳарбӣ таълим гиранд;

- тибқи ҳолатҳои пешбининамудаи санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз шакли таълими пулакӣ ба шакли таълими ройгон гузаранд;

- дар муҳокима ва ҳаллу фасли муҳимтарин масъалаҳои муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ, аз ҷумла, ба воситаи иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ва мақомоти давлатии идораи маориф иштирок намоянд;

- аз китобхонаҳо, китобхонаҳои электронӣ, технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ, интернет,

фондҳои иттилоотии муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ, бахшҳои таълимӣ, илмӣ, табобатӣ ва бахшҳои дигари муассисаи таҳсилоти олии касбӣ тибқи тартиби муқаррарнамудаи Оинномаи муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ба таври ройгон истифода намоянд;

- дар корҳои илмию таҳқиқотӣ, конференсияву симпозиумҳо ва маҳфилу озмунҳо иштирок ва баромад намоянд;

- асарҳои худро барои чоп, аз ҷумла дар нашрияҳои муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ пешниҳод кунанд;

- аз амру фармонҳои маъмурияти муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ тибқи тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ба мақомоти дахлдор шикоят кунанд.

3. Донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти олии касбии давлатӣ, ки дар шӯъбаҳои рӯзона таҳсил мекунанд ва аз ҳисоби маблағи буҷети давлатӣ таълим мегиранд, ба андозаи муқаррарнамудаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон бо стипендия таъмин карда мешаванд. Тартиби муқаррар ва пардохти стипендия аз тарафи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян карда мешавад.

4. Донишҷӯёни муассисаи таҳсилоти олии касбӣ дар асоси низомномаи дахлдор ҳуқуқ доранд стипендияи муқаррарнамудаи шахсони воқеӣ ва ё ҳуқуқиро, ки онҳоро барои таҳсил фиристодаанд, инчунин стипендияҳои шахсан таъиншударо гиранд.

5. Ба донишҷӯи муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ аз рӯи нишондоди тиббӣ ва дар ҳолатҳои дигари истисноӣ бо тартиби муқаррарнамудаи мақоми давлатии идораи маориф рухсатии академӣ дода мешавад.

6. Барои донишҷӯёни шакли рӯзонаи таҳсилот, ки дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ таҳсил мекунанд, мӯҳлати даъват ба хидмати ҳарбӣ мутобиқи қонун дар давраи таҳсил ба таъхир андохта мешавад.

7. Донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ҳуқуқ доранд, аз китобхонаҳои давлатӣ ройгон истифода баранд ва ҳамчунин ройгон вориди осорхонаҳои давлатӣ

шаванд.

8. Барои донишҷӯёни шӯъбаҳои рӯзона ва шабона дар як соли таҳсил на камтар аз ду маротиба таътил муқаррар карда мешавад.

9. Донишҷӯи эҳтиёҷманди манзил дар хобгоҳ (ба шарте ки муассисаи таҳсилоти олии касбӣ фонди дахлдори манзил дошта бошад) бо ҷойи хоб таъмин карда мешавад.

10. Донишҷӯёни муассисаи таҳсилоти олии касбӣ барои комёбиҳо дар таҳсил ва иштироки фаъолона дар корҳои илмию таҳқиқотӣ мутобиқи Оинномаи муассисаи таҳсилоти олии касбӣ бо мукофотҳои маънавӣ ва ё моддӣ сарфароз гардонида мешаванд.

11. Донишҷӯ аз муассисаи таҳсилоти олии касбӣ дар мавридҳои зерин хориҷ карда мешавад:

- бинобар вазъи саломатӣ дар асоси ҳуҷҷати комиссияи тиббию машваратӣ;
- бо сабаби гузаштан ба муассисаи таҳсилоти олии касбии дигар;
- барои давомоти нокифоя;
- барои қарздории академӣ;
- пас аз рухсатии академӣ ба таълим шурӯъ накардан;
- саривақт напардохтани маблағи таҳсил мувофиқи шартнома;
- дар мӯҳлати муқарраргардида насупоридани се ва зиёда аз он санҷишу имтиҳон;
- барои содир кардани ҷиноят;
- пас аз фавт;
- барои вайрон кардани интизоми таълим, қоидаҳои тартиботи дохилӣ ва Оинномаи муассисаи таҳсилоти олии касбӣ;
- ба муассисаи таълимӣ омадан бо идора намудани воситаҳои нақлиёти механикӣ; **(ҚҶТ аз 28.08.2017с., №1465)**

12. Барои риоя накардани ӯҳдадориҳое, ки дар Оинномаи муассисаи таҳсилоти олии касбӣ ва қоидаҳои тартиботи дохилӣ пешбинӣ гардидаанд, баъди гирифтани баёноти хаттӣ, мумкин аст донишҷӯ ба танбеҳи интизомӣ

кашида ва ҳатто аз муассисаи таҳсилоти олии касбӣ хориҷ карда шавад.

13. Ба донишҷӯи муассисаи таҳсилоти олии касбӣ дар раванди таълим истифода бурдани телефонҳои мобилӣ манъ аст.

14. Танбеҳи интизомӣ ба донишҷӯ на дертар пас аз як моҳи ошкор шудани рафтори ӯ ва на дертар пас аз шаш моҳи содир гардидани чунин рафтор дода мешавад, ки ба ин мӯҳлати беморӣ донишҷӯ ва (ё) вақти таътили ӯ дохил намешавад.

15. Ба донишҷӯёни муассисаи таҳсилоти олии касбӣ кафолати ба таври озод ба дигар муассисаи таҳсилоти олии касбӣ ва ё ихтисоси дигар бо тартиби муқаррарнамудаи мақомоти ҷумҳуриявии давлатии идораи маориф гузаштан дода мешавад. Дар мавриди гузаштани донишҷӯ аз як муассисаи таҳсилоти олии касбӣ ба муассисаи дигари таҳсилоти олии касбӣ тамоми ҳуқуқҳое, ки барои донишҷӯ бори аввал дар ин зинаи таҳсилоти олии касбӣ пешбинӣ шудаанд, маҳфуз мемонанд.

16. Донишҷӯ баъди ихтиёран ё бо сабабҳои дигар тарк кардани муассисаи олии таълимӣ зимни боқӣ мондани ҳамон шакли таълим (ройгон ё пулакӣ), ки мутобиқан пеш аз тарк кардан таҳсил мекард, ҳуқуқ дорад барои таҳсил ба муассисаи олии таълимӣ барқарор гардад. Дар сурати бо идора намудани воситаҳои нақлиёти механикӣ ба муассисаи таълимӣ омадан, донишҷӯ бе ҳуқуқи барқарор шудан ба муҳлати се сол аз муассисаи таълимӣ хориҷ карда мешавад. **(ҚҶТ аз 28.08.2017с., №1465)**

17. Донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ӯҳдадоранд, ки донишҳои назариявӣ, маҳорати амалӣ ва методҳои муосири таҳқиқро аз рӯи ихтисоси интихобнамудаашон азхуд кунанд, дар мӯҳлатҳои муқарраршуда ҳамаи супоришҳои дар нақшаҳо ва барномаҳои таълимӣ пешниҳодгардидаро иҷро намоянд, арзишҳои миллӣ, умумибашарӣ ва маънавиро пос доранд ва Оинномаи муассисаи таҳсилоти олии касбӣ, қоидаи

хобгоҳҳо ва дигар талаботи муқарраркардаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистонро риоя намоянд.

18. Дигар ҳуқуқ ва ӯҳдадориҳои донишҷӯёнро қонунгузорӣ ва (ё) Оинномаи муассисаи таҳсилоти олии касбӣ муқаррар менамояд.

19. Мақоми донишҷӯи муассисаи таҳсилоти олии касбии ғайридавлатӣ, ки аккредитатсияи давлатӣ дорад, нисбат ба ҳуқуқу озодиҳои академӣ, ба истиснои ҳуқуқи гирифтани стипендияи давлатӣ, баробари мақоми донишҷӯи муассисаи таҳсилоти олии касбии давлатӣ мебошад.

20. Мақоми донишҷӯи муассисаи таҳсилоти олии касбии ғайридавлатӣ, ки аккредитатсияи давлатӣ надорад, дар асоси Оинномаи ҳамин муассисаи таҳсилоти олии касбӣ муқаррар карда мешавад.

21. Донишҷӯёни муассисаи таҳсилоти олии касбие, ки барои пурра амалӣ намудани барномаҳои таълимӣ аз технологияи фосилавӣ истифода мебаранд, инчунин филиалҳои муассисаи таҳсилоти олии касбии зикршуда, ҳангоми аз ҷониби онҳо амалӣ намудани раванди таълим (ба истиснои машғулиятҳои алоҳида) дар филиалҳо ва тамоми намудҳои аттестатсияи донишомӯзони ин филиалҳо, ҳамаи ҳуқуқ ва ӯҳдадориҳои донишомӯзони ҳамин шакли мутаносиби дарёфти таҳсилотро доранд.

Моддаи 22. Бо кор таъмин намудани хатмкардагони муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ

Бо кор таъмин намудани хатмкардагони шӯъбаҳои рӯзонаи муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ мутобиқи санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон сурат мегирад.

Моддаи 23. Имтиёз ба шахсоне, ки дар баробари кор дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ таҳсил мекунанд

1. Ба шахсоне, ки дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбии дорои аккредитатсияи давлатӣ бомуваффақият таҳсил менамоянд, новобаста аз шакли таълими ғоибона ва

шабона аз ҷои кор ба мақсадҳои зерин рухсатии иловагӣ дода шуда, музди миёнаи меҳнат, ки бо тартиби муқарраргардидаи рухсатии ҳарсола ҳисоб карда мешавад (бо имкони якҷоя кардани рухсатии иловагии таълимӣ ва рухсатии ҳарсола), пардохт мегардад:

-барои супоридани санҷишу имтиҳонҳо дар курсҳои якум ва дуюм мутобиқ ба 30 рӯзи тақвимӣ, дар курсҳои минбаъда мутобиқ ба 40 рӯзи тақвимӣ;

-барои навиштан ва ҳимояи лоиҳаи (кори) дипломӣ якҷоя бо супоридани аттестатсияи ниҳоии давлатӣ - чор моҳ;

-барои аттестатсияи ниҳоии давлатӣ - як моҳ.

2. Рухсатии иловагии бе музди меҳнат аз ҷои кор дода мешавад:

-ба шахсоне, ки ба имтиҳоноти қабули муассисаи таҳсилоти олии касбӣ роҳ дода шудаанд - понздаҳ рӯзи тақвимӣ;

-ба донишҷӯёни шӯъбаи рӯзонаи муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ, ки дар баробари таҳсил кор мекунанд, барои супоридани санҷишу имтиҳонот-понздаҳ рӯзи тақвимӣ дар соли таҳсил;

-барои навиштан ва ҳимояи лоиҳаи (кори) дипломӣ якҷоя бо супурдани аттестатсияи ниҳоии давлатӣ - чор моҳ;

-барои супурдани аттестасияи ниҳоии давлатӣ - як моҳ;

-ба шунавандагони шӯъбаи тайёрии муассисаи таҳсилоти олии касбӣ барои супоридани аттестатсияи ниҳоии давлатӣ - понздаҳ рӯзи тақвимӣ.

3. Ба донишҷӯёни шӯъбаи ғоибонаи муассисаҳои олии таълимии дорои аккредитатсияи давлатӣ ташкилоти кордиҳанда як бор дар соли таҳсил харҷи рафту омадро то маҳалли муассисаи таҳсилоти олии касбӣ барои иҷрои корҳои лабораторӣ, супоридани санҷишу имтиҳонҳо ва ҳамчунин барои супурдани аттестатсияи ниҳоии давлатӣ, навиштан ва ҳимояи лоиҳаи (корҳои) дипломӣ мепардозад.

4. Намунаи маълумотнома-даъватномаро, ки ба донишҷӯ аз ҷои кор ҳуқуқи гирифтани рухсатии иловагӣ ва

дигар имтиёзҳоро вобаста ба таҳсил дар муассисаи таҳсилоти олии касбии дорои аккредитатсияи давлатӣ медиҳад, мақоми давлатии идораи маориф тасдиқ мекунад.

5. Барои кормандони корхонаҳо, ташкилоту муассисаҳо, новобаста аз шакли ташкилию ҳуқуқӣ ва шакли моликият, ки дар баробари кор дар муассисаи таҳсилоти олии касбӣ таҳсил мекунанд, дар шартномаи коллективӣ ё шартномаи меҳнатӣ (қарордод) дароз кардани мӯҳлати рухсатиҳои иловагӣ, додани рухсатӣ бо пардохти маош ба ҷои рухсатии бе пардохти маош ва имтиёзҳои дигар пешбинӣ шуда метавонад.

Моддаи 24. Шунавандагони муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ва таҳсилоти касбии баъд аз муассисаи олии таълимӣ

1. Шунавандагони муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ва таҳсилоти касбии баъд аз муассисаи олии таълимӣ шахсоне ба ҳисоб мераванд, ки дар таълимгоҳҳои зерин таҳсил мекунанд:

- дар шӯъбаҳои тайёрии муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ, факултетҳо ва муассисаҳои такмили ихтисос ва бозомӯзии кормандон;

- дар ординатураи муассисаи таҳсилоти олии касбии тиббӣ.

2. Вазъи ҳуқуқии шунавандагони муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ва таҳсилоти касбии баъд аз муассисаи олии таълимӣ пас аз гирифтани таҳсилот ба вазъи ҳуқуқии донишҷӯи муассисаи таҳсилоти олии касбии шакли марбутаи таълим баробар аст.

3. Шахсоне, ки дар ординатура таҳсил мекунанд ё таҳсили тахассусии таҳсилоти касбии баъд аз муассисаи олии таълимиро дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбии тиббӣ аз ҳисоби буҷет идома медиҳанд, бо стипендияи давлатӣ таъмин карда мешаванд ва аз таътили ҳарсолаи 24 - рӯза истифода мебаранд.

Моддаи 25. Аспирантҳо, унвонҷӯён, докторантҳо аз

рӯи ихтисос, докторантҳо ва постдокторантҳо

1. Шаклҳои асосии тайёр кардани кормандони илмӣ ва илмию омӯзгорӣ аспирантура, докторантура аз рӯи ихтисос, докторантура ва постдокторантура мебошанд.

2. Аспирантура, докторантура аз рӯи ихтисос, докторантура ва постдокторантура барои таҳсилоти муттасил, такмили ихтисоси илмию омӯзгорӣ ва илмии шаҳрвандон ва дарёфти дараҷаҳои илмии номзади илм, доктори фалсафа (PhD) - доктор аз рӯи ихтисос, доктори илм ё доктори ҳабилитат шароит муҳайё мекунанд.

3. Ба шахсоне, ки ба супоридани имтиҳонҳои аспирантура ва докторантура аз рӯи ихтисос иҷозат доранд, ба мӯҳлати 30 рӯзи тақвимӣ рухсатӣ бо пардохти музди миёнаи меҳнаташон аз тарафи корхона дода мешавад.

4. Ба шахсоне, ки дар шӯъбаи рӯзонаи аспирантура ва докторантура аз рӯи ихтисос аз ҳисоби маблағи буҷет таҳсил мекунанд, стипендияи давлатӣ пардохта мешавад ва онҳо ҳар сол ба муддати ду моҳ ба таътил мебароянд.

5. Аспирантҳои шӯъбаи ғоибона ҳар сол аз ҷои кор ба муддати 30 рӯзи тақвимӣ бо пардохти музди миёнаи меҳнаташон ҳуқуқ ба рухсатии иловагӣ доранд.

6. Аспирантҳои шӯъбаи ғоибона ҳар ҳафта барои як рӯз аз кор озод шудан ҳуқуқ доранд. Ташкилоти корфармо ҳуқуқ дорад аспирантҳо ва докторантҳоро аз рӯи ихтисос дар соли чоруми таҳсил мувофиқи хоҳиши онҳо ба таври илова бе пардохти музди меҳнат ҳар ҳафта ду рӯз аз кор озод намояд.

7. Аспирантҳои шӯъбаи ғоибона дар давраи супурдани имтиҳонҳо, навиштан ва ҳимояи рисолаҳои илмӣ бо хобгоҳ аз фонди манзили муассисаи таҳсилоти олии касбӣ таъмин карда мешаванд.

8. Ба докторантҳо ва постдокторантҳо стипендияи давлатӣ ба андозаи на камтар аз маоши дотсент ва ҳар сол таътили думоҳа дода мешавад. Ҳуқуқҳои дар ҷои

кор пеш аз дохил шудан ба докторантура ва постдокторантура доштаи постдокторантҳо ва докторантҳо (ҳуқуқи гирифтани манзил, дараҷаи илмӣ ва дигар ҳуқуқҳо) ва ҳамчунин ҳуқуқи баргаштани онҳо ба ҷои кори пешина нигоҳ дошта мешавад.

9. Ба ҳар аспирант, докторант аз рӯи ихтисос, докторант ва постдокторанте, ки аз ҳисоби маблағи буҷет таҳсил мекунад, барои хариди китобҳои илмӣ ҳар сол ба андозаи ду стипендия кӯмакпулӣ дода мешавад.

10. Унвонҷӯёне, ки дар таълифи рисола барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илм таҳқиқот мебаранд ва аз рӯи масъалаи мубрами иҷтимоию иқтисодӣ ё самтҳои афзалиятноки таҳқиқоти бунёдии илмӣ натиҷаҳои назаррас ба даст овардаанд, бо мақсади таҳияи рисолаи илмӣ барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илм метавонанд ба мӯҳлати то ду сол ба вазифаи корманди калони илмӣ гузаронда шаванд. Барои унвонҷӯёне, ки ба вазифаи корманди калони илмӣ гузаронда шудаанд, бо нигоҳ доштани маоши вазифавии пешинаашон ҳуқуқи ба ҷои кори пештара гузаштан дода мешавад.

11. Барои анҷоми рисолаи илмии дараҷаи илмии номзади илм ё доктори илм ба кормандони корхона ва муассисаю ташкилотҳо аз ҷои корашон ба муҳлатҳои се ва шаш моҳ, бо нигоҳ доштани музди меҳнат, рухсатии эҷодӣ дода мешавад.

12. Низомномаҳо оид ба аспирантура, унвонҷӯӣ, докторантура аз рӯи ихтисос, докторантура ва постдокторантура бо тартиби муқаррарнамудаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ карда мешаванд. **(ҚҶТ аз 17.05.2018с., №1529)**

Моддаи 26. Ҳуқуқу ӯҳдадориҳои кормандони муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ва таҳсилоти касбии баъд аз муассисаи олии таълимӣ

1. Дар муассисаи таҳсилоти олии касбӣ ва таҳсилоти касбии баъд аз муассисаи олии таълимӣ вазифаҳои кормандони илмию омӯзгорӣ (ҳайати профессорону

муаллимон, кормандони илмӣ), муҳандисию техникӣ, маъмурию хоҷагӣ, истеҳсолӣ, таълимию ёрирасон ва ғайра пешбинӣ мешаванд.

2. Ба ҳайати профессорону муаллимон мансабҳои декани факултет, мудири кафедра, мудири озмоишгоҳ, вазифаҳои профессор, дотсент, муаллими калон, муаллим ва ассистент мансубанд.

3. Ба муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ба кор қабул кардани кормандони илмию омӯзгорӣ мутобиқи шартномаи меҳнатӣ амалӣ мешавад. Пеш аз бастани шартномаи меҳнатӣ кормандони илмию омӯзгорӣ аз озмун мегузаранд.

4. Мудири кафедраи муассисаи таҳсилоти олии касбӣ ва таҳсилоти касбии баъд аз муассисаи олии таълимӣ дар асоси озмун интихоб мешавад. Низомнома оид ба тартиби ишғоли вазифа ва гузаштан аз озмунро барои иҷрои вазифаи мудири кафедра мақомоти давлатии идораи маориф таҳия ва тасдиқ менамояд.

5. Кормандони илмию омӯзгории муассисаи таҳсилоти олии касбӣ ҳуқуқ доранд:

- бо тартиби муқарраргардида ба Шӯрои олимони муассисаи таҳсилоти олии касбӣ интихоб кунанд ва интихоб шаванд;

- дар муҳокима ва ҳалли масъалаҳои марбут ба фаъолияти муассисаи таҳсилоти олии касбӣ ширкат намоянд;

- аз хидмати китобхонаҳо, китобхонаҳои электронӣ, технологияи иттилоотию коммуникатсионӣ, интернет, фондҳои иттилоотӣ, шӯъбаҳои илму таълим ва ҳамчунин аз хидмати шӯъбаҳои иҷтимоию маишӣ, табобатӣ ва шӯъбаҳои дигари сохтории муассисаи таҳсилоти олии касбӣ мувофиқи Оинномаи он ва (ё) шартномаи коллективӣ ба таври ройгон истифода баранд;

- мазмуни курсҳои таълимиро мутобиқи стандартҳои давлатии таҳсилоти олии касбӣ ва таҳсилоти касбии баъд аз муассисаи олии таълимӣ муайян кунанд;

- усул ва воситаҳои таълимро, ки ба хусусиятҳои

фардии ҳар кадоми онҳо бештар ҷавобгӯ мебошанд ва сифати баланди раванди таълимро таъмин менамоянд, интихоб намоянд;

- аз болои фармоишу супоришҳои маъмурияти муассисаи таҳсилоти олии касбӣ бо тартиби муқаррарнамудаи қонунгузорӣ шикоят кунанд.

6. Кормандони илмию омӯзгории муассисаи таҳсилоти олии касбӣ ӯҳдадоранд:

- самараи баланди раванди кори омӯзгорӣ ва илмиро таъмин кунанд;

- талаботи Оинномаи муассисаи таҳсилоти олии касбиро риоя намоянд;

- донишомӯзонро дар рӯҳияи мустақилият, ташаббускорӣ тарбия кунанд, қобилияти эҷодии онҳоро инкишоф диҳанд;

- ба арзишҳои миллӣ, умумибашарӣ ва ахлоқиву маънавӣ эҳтиром гузоранд;

- барои такмили ихтисоси худ пайваста кӯшиш намоянд;

- дар раванди таълим аз телефонҳои мобилӣ истифода набаранд.

7. Кормандони илмии муассисаи таҳсилоти олии касбӣ ҳуқуқ доранд он усулҳо ва воситаҳои гузаронидани таҳқиқоти илмиеро интихоб намоянд, ки ба талаботи бехатарӣ ҷавобгӯ бошанд, ба қобилияти инфиродии онҳо бештар мувофиқат кунанд ва сифати баланди раванди илмиро таъмин намоянд.

8. Ҳуқуқу ӯҳдадориҳои кормандони маъмурию хоҷагӣ, муҳандисию техникӣ, истеҳсолӣ, таълимию ёридиҳанда ва дигар кормандони муассисаи таҳсилоти олии касбиро қонунгузорӣ оид ба меҳнат, Оинномаи муассисаи таҳсилоти олии касбӣ, қоидаҳои тартиботи дохилии муассисаи таҳсилоти олии касбӣ ва дастурҳои вазифавӣ муайян мекунанд. **(ҚҶТ аз 17.05.2018с., №1529)**

Моддаи 27. Омодагӣ ва такмили ихтисоси кормандони илмию омӯзгорӣ

1. Кормандони илмӣ ва илмию омӯзгорӣ дар аспирантура, докторантура аз рӯи ихтисос, докторантура ва постдокторантураи муассисаи таълимии таҳсилоти олии касбӣ, муассиса ё ташкилотҳои илмӣ омода карда мешаванд. Ҳамчунин, кормандони илмию омӯзгорӣ бо роҳи вобаста намудани унвонҷӯён ба ин муассисаю ташкилотҳо барои навиштан ва ҳимояи рисолаи номзади илм ё доктори илм ё бо роҳи ба вазифаи корманди илмӣ гузарондани кормандони соҳаи омӯзгорӣ ҷиҳати таълифи рисолаи докторӣ омода карда мешаванд. **(ҚҶТ аз 17.05.2018с., №1529)**

2. Муассисаи таҳсилоти олии касбӣ шаклҳои зерини такмили ихтисосро низ муқаррар мекунад:

- коромӯзии илмӣ, омӯзгорӣ, эҷодӣ, аз ҷумла, дар корхонаҳо, институтҳои илмию таҳқиқотӣ, бюроҳои конструкторӣ, дар муассисаи таҳсилоти олии касбӣ ва ташкилотҳо, аз ҷумла дар хориҷа;
- рухсатиҳои эҷодӣ барои ба итмом расонидани рисолаи илмӣ;
- такмили ихтисос ва бозомӯзӣ дар донишкадаҳо, факултетҳо ва марказҳои такмили ихтисос ва бозомӯзии кадрҳо;
- бозомузӣ ва таълим дар факултетҳо ва курсҳои махсуси назди муассисаи таҳсилоти олии касбӣ.

3. Давлат муҳайё кардани шароити заруриро барои на камтар аз як маротиба дар панҷ сол такмил додани ихтисоси кормандони илмию омӯзгории ташкилоту муассисаҳои давлатии низоми таҳсилоти олии касбӣ ва таҳсилоти касбии баъд аз муассисаи олии таълимиро кафолат дода, ба ин мақсад аз ҳисоби буҷети давлати маблағи зарурӣ ҷудо мекунад.

4. Ихтисоси кормандони илмию омӯзгориро ҳамчунин аз рӯи шартномае, ки шахсони воқеӣ ва (ё) ҳуқуқӣ бо муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ва ташкилоту муассисаҳои илмӣ мебанданд, аз ҳисоби маблағи шахсони воқеӣ ва (ё) ҳуқуқӣ метавон амалӣ кард.

5. Тартиб, намуд ва шаклҳои такмили ихтисосро, ки

қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон танзим накардааст, Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар менамояд.

Моддаи 28. Унвонҳои илмӣ

1. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон унвонҳои илмии профессор ва дотсент муқаррар карда мешаванд.

2. Унвони илмии профессор ба шахсе дода мешавад, ки дараҷаи илмии доктори илм **ё доктори ҳабилитат** дошта, дар соҳаи таҳсилоти олии касбӣ ва таҳсилоти касбии баъд аз муассисаи олии таълимӣ ба фаъолияти омӯзгорӣ, илмӣ ва методӣ машғул аст.

3. Унвони илмии дотсент ба шахсе дода мешавад, ки дараҷаи илмии номзади илм ё доктори фалсафа (PhD) - доктор аз рӯи ихтисос дошта, дар муассисаҳои таълимии таҳсилоти олии касбӣ ва таҳсилоти касбии баъд аз муассисаи олии таълимӣ ба фаъолияти омӯзгорӣ ва илмию методӣ машғул аст.

4. Тартиби додани дараҷа ва унвонҳои илмиро Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон майян мекунад. **(ҚҶТ аз 17.05.2018с., №1529)**

Моддаи 29. Эътироф ва муқаррар кардани баробараризишии ҳуҷҷатҳои давлатҳои хориҷӣ дар бораи таҳсилоти олии касбӣ ва таҳсилоти касбии баъд аз муассисаи олии таълимӣ ва унвонҳои илмӣ

1. Эътирофи ҳуҷҷатҳои давлатҳои хориҷӣ дар бораи таҳсилоти олии касбӣ ва таҳсилоти касбии баъд аз муассисаи олии таълимӣ ва дар бораи унвонҳои илмӣ маънои ризоияти мақомоти дахлдори ҳокимияти давлатӣ ба эътибори қонунӣ доштани ин ҳуҷҷатҳо дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон дорад. **(ҚҶТ аз 28.08.2017с., №1465)**

2. Баробараризишии ҳуҷҷатҳои давлатҳои хориҷӣ дар бораи таҳсилоти олии касбӣ ва таҳсилоти касбии баъд аз муассисаи олии таълимӣ ва дар бораи унвонҳои илмӣ дар Қонуни мазкур маънии онро дорад, ки мақомоти дахлдори ҳокимияти давлатӣ ба дорандагони ин ҳуҷҷатҳо,

ҳамчун ба дорандагони ҳуҷҷатҳои намунаи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳуқуқҳои академӣ ва (ё) касбиро дар бораи таҳсилоти олии касбӣ ва таҳсилоти касбии баъд аз муассисаи олии таълимӣ ва дар бораи унвонҳои илмӣ медиҳад.

3. Эътироф ва муқаррар кардани баробараризишии ҳуҷҷатҳои давлатҳои хориҷӣ дар бораи таҳсилоти олии касбӣ ва таҳсилоти касбии баъд аз муассисаи олии таълимӣ дорандагони ин ҳуҷҷатҳоро ӯҳдадор менамояд, ки талаботи умумии ба муассисаҳои таълимӣ ё ба кор қабул шуданро, ки низомномаҳои дахлдор муқаррар кардаанд, риоя намоянд.

4. Масъалаи эътироф ва муқаррар кардани баробараризишии ҳуҷҷатҳои давлатҳои хориҷӣ дар бораи таҳсилоти олии касбӣ ва таҳсилоти касбии баъд аз муассисаи олии таълимӣ дар бораи унвонҳои илмӣ мутобиқи тартиби муқаррарнамудаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳал мегардад.

5. Эътироф ва муқаррар кардани баробарии ҳуҷҷатҳои давлатҳои хориҷӣ дар бораи таҳсилоти олии касбӣ ва таҳсилоти касбии баъд аз муассисаи олии таълимӣ ва дар бораи унвонҳои илмӣ бо шаҳодатнома, ки аз тарафи мақоми давлатии идораи маориф дода мешавад, тасдиқ мегардад.

БОБИ 5. ИДОРАИ НИЗОМИ ТАҲСИЛОТИ ОЛИИ КАСБӢ ВА ТАҲСИЛОТИ КАСБИИ БАЪД АЗ МУАССИСАИ ОЛИИ ТАЪЛИМӢ

Моддаи 30. Мақомоти идоракунии низоми таҳсилоти олии касбӣ ва таҳсилоти касбии баъд аз муассисаи олии таълимӣ

1. Идораи низоми таҳсилоти олии касбӣ ва таҳсилоти касбии баъд аз муассисаи олии таълимӣ мутобиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи маориф амалӣ гардонида мешавад.

2. Мақомоти ҷумҳуриявии давлатии идораи маориф ба муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ, новобаста аз шакли

моликият ва тобеияти идоравияшон роҳбарии умумии методиро амалӣ мекунад.

3. Оинномаи муассисаи таҳсилоти олии касбии ғайридавлатӣ аз тарафи муассиси (муассисони) он тасдиқ ва мутобиқи тартиби қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ба қайд гирифта мешавад.

4. Муассисаҳои таҳсилоти олии касбии ҳарбӣ фаъолияти худро мутобиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон амалӣ мекунанд. **(ҚҶТ аз 17.05.2018с., №1529)**

Моддаи 31. Салоҳияти Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи таҳсилоти олии касбӣ ва таҳсилоти касбии баъд аз муассисаи олии таълимӣ

Ба салоҳияти Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи таҳсилоти олии касбӣ ва таҳсилоти касбии баъд аз муассисаи олии таълимӣ дохил мешаванд:

-муайян ва амалӣ кардани сиёсати давлатӣ дар соҳаи мазкур;

-ҷудо кардани маблағ аз буҷет барои таҳсилоти олии касбӣ ва таҳсилоти касбии баъд аз муассисаи олии таълимӣ;

-таҳияи лоиҳаи қонунҳо, қабули санадҳои меъёрии ҳуқуқие, ки татбиқи низоми таҳсилоти олии касбӣ ва таҳсилоти касбии баъд аз муассисаи олии таълимиро муайян мекунанд;

-муқаррар намудани тартиби аттестатсия ва аккредитатсияи муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ;

- тасдиқи Тартиби гузаронидани имтиҳонҳои марказонидаи дохилшавӣ ба муассисаҳои таълимии таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон;

-таъсис, азнавташкилдиҳӣ ва барҳамдиҳии муассисаҳои таҳсилоти олии касбии давлатӣ;

-ба имзо расондан ва амалӣ кардани шартномаҳои байналмилалӣ ва байнидавлатие, ки масъалаҳои таҳсилоти олии касбӣ ва таҳсилоти касбии баъд аз муассисаи олии таълимиро танзим менамоянд;

-тасдиқи стандартҳои давлатии таҳсилоти олии касбӣ ва таҳсилоти касбии баъд аз муассисаи олии таълимӣ, ба истиснои ҳолатҳое, ки дар қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ шудаанд;

-муқаррар намудани номгӯи соҳаҳои таълимӣ (ихтисоси) таҳсилоти олии касбӣ ва таҳсилоти касбии баъд аз муассисаи олии таълимӣ;

-муайян кардани меъёри талабот ба кадрҳои соҳаҳои гуногун ва дар ин асос ба танзим даровардани тартиби тайёр намудани мутахассисони дорои таҳсилоти олии касбӣ ва таҳсилоти касбии баъд аз муассисаи олии таълимӣ.

Моддаи 32. Салоҳияти мақомоти ҷумҳуриявии давлатии идораи маориф дар соҳаи таҳсилоти олии касбӣ ва таҳсилоти касбии баъд аз муассисаи олии таълимӣ

Ба салоҳияти мақомоти ҷумҳуриявии давлатии идораи маориф оид ба таҳсилоти олии касбӣ ва таҳсилоти касбии баъд аз муассисаи олии таълимӣ дохил мешаванд:

- якҷоя бо дигар мақомоти манфиатдори соҳавии дорои муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ таҳия кардан ва амалӣ гардонидани фаслҳои дахлдори барномаҳои миллӣ ва байналмилалӣ дар соҳаи таҳсилоти олии касбӣ ва таҳсилоти касбии баъд аз муассисаи олии таълимӣ ва таҳсилоти марбутаи иловагӣ;

- таҳия ва татбиқи стандартҳои давлатии таҳсилоти олии касбӣ ва таҳсилоти касбии баъд аз муассисаи олии таълимӣ, ба истиснои ҳолатҳое, ки дар қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ шудааст;

- тасдиқи ҷузъҳои давлатии стандартҳои дахлдори давлатии таълимӣ, тасдиқ намудани низомномаҳо дар бораи аттестатсияи ниҳоии давлатии донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти олии касбии давлатӣ;

- таҳия ва тасдиқи нақшаҳои намунавии таълим ва барномаҳои таълимии таҳсилоти олии касбӣ ва таҳсилоти касбии баъд аз муассисаи олии таълимӣ, ташкили нашри китобҳои дарсӣ ва тайёр кардани воситаҳои аёнии таълим;

- мусоидат барои ривоҷ додан ва амалӣ гардонидани технологияҳои нави самарабахши таълим дар соҳаи таҳсилоти олии касбӣ ва таҳсилоти касбии баъд аз муассисаи олии таълимӣ;

- муқаррар намудани шакли ҳуҷҷатҳои намунаи давлатӣ дар бораи таҳсилоти олии касбӣ ва таҳсилоти олии касбии баъд аз муассисаи олии таълимӣ, муайян намудани тартиби эътироф ва муқаррар кардани баробарии ҳуҷҷатҳои давлатҳои хориҷӣ дар бораи унвонҳои илмӣ, додани шаҳодатнома дар бораи муқаррар шудани баробарии ҳуҷҷатҳои зикргардида;

- иштирок дар кори омӯзиши талабот ба мутахассисон;

- таҳияи дурнамои тайёр намудани мутахассисон;

- таҳияи пешниҳод доир ба ҳаҷми маблағе, ки аз буҷет барои муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ, дигар корхона ва ташкилоту муассисаҳои низоми таҳсилоти олии касбӣ ва таҳсилоти касбии баъд аз муассисаи олии таълимӣ ва таҳсилоти марбутаи иловагӣ, ташкилотҳои илмӣ ва бахшҳои сохтории онҳо ҷудо карда мешавад;

- таҳияи пешниҳод оид ба ҳаҷми сохтмони асосии корхонаҳо, ташкилоту муассисаҳои мазкур;

- ҳамоҳангсозии фаъолияти муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ, системаҳои соҳавӣ ва минтақавии таҳсилоти олии касбӣ ва таҳсилоти касбии баъд аз муассисаи олии таълимӣ ва муайян кардани ҳаҷму сохтори тайёр намудани мутахассисон, ташкили иттиҳодияи (кооператсияи) байнисоҳавӣ ва байниминтақавии соҳа;

- муқаррар намудани қоидаҳои умумии қабули донишҷӯён, аспирантҳо ва докторантҳо ба муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ва таҳсилоти касбии баъд аз муассисаи олии таълимӣ;

- таъсиси аспирантура, докторантура аз рӯи ихтисос, докторантура ва постдокторантура дар муассисаҳои давлатии таҳсилоти олии касбӣ, муассисаҳои илмӣ, новобаста ба тобеияти онҳо, тасдиқ кардани низомномаҳо дар бораи омодасозии

кормандони илмӣ ва илмию омӯзгорӣ; **(ҚҶТ аз 17.05.2018с., №1529)**

- пешбинӣ кардани инкишофи шабакаи муассисаҳои низоми таҳсилоти олии касбӣ, мувофиқа кардани таъсиси муассисаҳои нави давлатии низоми таҳсилоти олии касбӣ ва таҳсилоти дахлдори иловагӣ;

- ташкили иштироки муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ва ташкилотҳои илмии низоми таҳсилоти олии касбӣ ва таҳсилоти касбии баъд аз муассисаи олии таълимӣ дар барномаҳои давлатии илмию техникӣ, тартиб додан ва тасдиқ кардани барномаҳои байни муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ доир ба соҳаҳои афзалиятноки илм, бо маблағу воситаҳо таъмин намудани ин барномаҳо ва назорати иҷрои онҳо;

- якҷоя бо иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ андешидани тадбирҳо ва амалӣ гардонидани онҳо барои ҳифзи иҷтимоии донишҷӯён, аспирантҳо, докторантҳо, шунавандагон ва кормандони низоми таҳсилоти олии касбӣ ва таҳсилоти касбии баъд аз муассисаи олии таълимӣ оид ба беҳтар кардани шароити таълим, кор, маишат, истироҳат ва хизматрасонии тиббӣ ба онҳо;

- маблағгузорӣ ба фаъолияти муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ, корхонаҳо, ташкилоту муассисаҳои тобеи онҳо;

- тасдиқи низомнома дар бораи тартиби ишғоли вазифаҳои кормандони илмию омӯзгорӣ;

- таҳия ва тасдиқи низомномаи намунавӣ дар бораи филиалҳои муассисаҳои таҳсилоти олии касбии тобеи мақомоти ҳокимияти иҷроия, тартиби ташкили филиалҳои мазкур:

- нашри санадҳои меъёрӣ дар доираи салоҳияти худ;

- бастани шартномаҳои байналмилалии дорои хусусияти байниидоравӣ мутобиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон;

- риояи стандартҳои давлатии таълим дар тамоми муассисаҳои таҳсилоти олии касбии дорои аккредитатсияи давлатӣ новобаста ба шакли ташкилию ҳуқуқии онҳо;

- таъмини илмию методии аттестатсияи ниҳоӣ ва назорати сифати омодагии хатмкунандагон пас аз анҷоми ҳар як сатҳ ва марҳилаи таҳсилоти олии касбӣ ва таҳсилоти касбии баъд аз муассисаи олии таълимӣ мутобиқи стандартҳои давлатии таҳсилоти олии касбӣ ва таҳсилоти касбии баъд аз муассисаи олии таълимӣ;

- баррасии пешниҳодҳо ва қабули қарори ба муассисаи таҳсилоти олии касбӣ фиристодани шикоят аз сифати таҳсилот ва ё мувофиқат накардани сифати таҳсилот ба талаботи стандарти давлатии таҳсилоти олии касбӣ;

- ташкили фаъолияти низоми мақомоти минтақавии хадамоти давлатии назорат дар соҳаи маориф ва аттестатсияи муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ. **(ҚҶТ аз 17.05.2018с., №1529)**

Моддаи 33. Назорати давлатии сифати таҳсилоти олии касбӣ ва таҳсилоти касбии баъд аз муассисаи олии таълимӣ

1. Назорати давлатии сифати таҳсилоти олии касбӣ ва таҳсилоти касбии баъд аз муассисаи олии таълимӣ ба татбиқи сиёсати ягонаи давлатӣ дар соҳаи таҳсилоти олии касбӣ ва таҳсилоти касбии баъд аз муассисаи олии таълимӣ, баланд бардоштани сифати тайёр намудани мутахассисон, оқилона харҷ кардани маблағи буҷет, ки барои низоми таҳсилоти олии касбӣ ва таҳсилоти касбии баъд аз муассисаи олии таълимӣ ҷудо карда мешавад, равона шудааст.

2. Назорати давлатиро ба сифати таҳсилоти олии касбӣ ва таҳсилоти касбии баъд аз муассисаи олии таълимӣ мақоми ваколатдори давлатии назорат дар соҳаи маориф ва илм мутобиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи маориф амалӣ мекунад.**(ҚҶТ аз 23.12.2021с., №1835)**

3. Ба ваколатҳои мақоми ваколатдори давлатии назорат дар соҳаи маориф ва илм дохил мешаванд:

- амалӣ намудани сиёсати давлатии назорат дар соҳаи таҳсилоти олии касбӣ ва таҳсилоти касбии баъд аз муассисаи олии таълимӣ;

- назорати фаъолияти муассисаҳои таълимии таҳсилоти олии касбӣ ва касбии баъд аз муассисаи олии таълимӣ;

- бо тартиби муқарраргардида додани иҷозатнома ба муассисаҳои таълимии таҳсилоти олии касбӣ ва касбии баъд аз муассисаи олии таълимӣ доир ба пешбурди фаъолияти таълимӣ;

- бо тартиби муқарраргардида ташкил ва гузаронидани аттестатсия ва аккредитатсияи муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ва касбии баъд аз муассисаи олии таълимии дахлдор;

- амалӣ намудани ваколатҳои дигар тибқи санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон. **(ҚҶТ аз 23.12.2021с., №1835)**

4. Муассисаи олии таълимие, ки аккредитатсияи давлатӣ дорад, новобаста аз шакли ташкилию ҳуқуқӣ ва тобеияти идоравӣ дар давоми на кам аз панҷ сол як маротиба аз аттестатсияи ниҳоии давлатӣ мегузарад.

БОБИ 6. ФАЪОЛИЯТИ МОЛИЯВИЮ ХОҶАГИИ МУАССИСАҲОИ ТАҲСИЛОТИ ОЛИИ КАСБӢ ВА ТАҲСИЛОТИ КАСБИИ БАЪД АЗ МУАССИСАИ ТАЪЛИМӢ

Моддаи 34. Моликият дар низоми таҳсилоти олии касбӣ ва таҳсилоти касбии баъд аз муассисаи олии таълимӣ

1. Муассис (муассисон) бо мақсади таъмини фаъолияти дар Оиннома пешбинишуда биною иншоот, комплексҳои молу мулк, таҷҳизот ва ҳамчунин дигар молу мулки зарурии истеъмолӣ, иҷтимоӣ, фарҳангӣ ва ғайраро бо ҳуқуқи идораи оперативӣ ба муассисаи таҳсилоти олии касбӣ вобаста менамояд.

2. Муассисаи таҳсилоти олии касбӣ ҳуқуқи ихтиёрдорӣ кардан ба маблағу амвол ва дигар намудҳои моликиятеро, ки шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ барояш тӯҳфа

намудаанд, ба тариқи хайрия додаанд ё мерос мондаанд, самараи меҳнати зеҳнӣ ва эҷодкориро, ки натиҷаи фаъолияти муассисаи олии таълимӣ мебошад ва ҳамчунин даромади фаъолияти худ ва объектҳои моликияти аз ҳисоби ин даромад харидаашро дорад.

3. Муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ҳуқуқ доранд ба сифати иҷорагир ва (ё) иҷорадиҳандаи моликият тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон амал намоянд.

4. Ваколатҳои моликон дар бобати ихтиёрдорӣ намудани амволи давлатии низоми таҳсилоти олии касбӣ ва таҳсилоти касбии баъд аз муассисаи олии таълимӣ нисбат ба молу мулки моликияти давлатӣ ба мақоми давлатии идораи маориф вобаста карда мешаванд, ки ин ваколатҳоро ҳамроҳи мақомоти ҳокимияти иҷроия, ки муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ дар ихтиёраш мебошанд, амалӣ мегардонанд.

Моддаи 35. Маблағгузории муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ва таҳсилоти касбии баъд аз муассисаи олии таълимӣ

1. Маблағгузории фаъолияти таълимии муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ва таҳсилоти касбии баъд аз муассисаи олии таълимии давлатӣ аз ҳисоби маблағи буҷет мутобиқи фармоиши давлатӣ аз ҷониби мақомоти ҷумҳуриявии давлатии идораи маориф ё мақомоти ҳокимияти иҷроия, ки ин муассисаҳоро дар ихтиёр доранд, барои тайёр намудани мутахассисон, бозомӯзӣ ва такмили ихтисоси кормандон дар асоси меъёрҳои муқарраргардидаи давлатӣ, аз ҷумла меъёрҳои идоравии маблағгузорӣ, амалӣ карда мешавад.

2. Фаъолияти муассисаҳои таҳсилоти олии касбии ғайридавлатӣ аз ҷониби муассис (муассисон) мутобиқи шартномаи байни онҳо маблағгузорӣ карда мешавад. Аз рӯи шартномаи байни муассис (муассисон) ва муассисаи таҳсилоти олии касбӣ ин фаъолият метавонад қисман ё пурра бо худмаблағгузорӣ ба амал бароварда шавад.

3. Таҳқиқоти илмие, ки муассисаҳои таҳсилоти олии касбии давлатӣ анҷом медиҳанд, аз ҷониби мақомоти

ҷумҳуриявии давлатии идораи маориф ва (ё) мақомоти ҳокимияти иҷроия, ки ин муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ дар ихтиёри онҳо мебошанд, маблағгузорӣ карда мешавад.

4. Муассисаҳои таҳсилоти олии касбии давлатӣ соҳа ва тартиби истифодаи маблағеро, ки аз ҳисоби буҷет ва манбаъҳои дигар гирифтаанд, тибқи муқаррароти қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян мекунанд. Маблағҳои ғайрибуҷетии дар давраи ҷорӣ (сол, семоҳа, моҳ) истифоданакардаи муассисаҳои таҳсилоти олии касбии давлатӣ пас гардонида гирифта ё ба ҳаҷми маблағгузории давраи минбаъдаи муассисаи таҳсилоти олии касбӣ ҳисоб карда намешавад.

5. Муассисаи таҳсилоти олии касбӣ дар бонкҳо ва ташкилотҳои қарзии (кредитии) ғайрибонкӣ барои нигоҳ доштани пул ва ҳама гуна ҳисобҳо, амалиёти қарздиҳӣ ва хазинавӣ, аз ҷумла додугирифти асъор суратҳисобҳо кушода метавонад.

6. Фаъолияти муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ва таҳсилоти касбии баъд аз муассисаи олии таълимӣ, инчунин аз ҳисоби дигар манбаъҳое, ки қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон манъ накардааст, маблағгузорӣ карда мешавад.

Моддаи 36. Фаъолияти пулакии муассисаи таҳсилоти олии касбӣ ва таҳсилоти касбии баъд аз муассисаи олии таълимӣ

1. Муассисаи таҳсилоти олии касбӣ ва таҳсилоти касбии баъд аз муассисаи олии таълимӣ мутобиқи Оинномаи худ дар соҳаи таълим ва соҳаҳои дигар, ба шарте, ки он бар зиёни фаъолияти асосии он набошад, метавонад фаъолияти пулакиро ба роҳ монад.

2. Фаъолияти пулакии таълим дар муассисаи таҳсилоти олии касбӣ ва таҳсилоти касбии баъд аз муассисаи олии таълимӣ ба ивази фаъолияти таълимӣ ва дар доирае, ки барои он аз ҳисоби буҷет маблағгузорӣ мешавад, амалӣ шуда наметавонад. Дар акси ҳол маблағи

дар натиҷаи чунин фаъолият бадастомада мутобиқи қонун мусодира карда мешавад.

3. Муассисаи таҳсилоти олии касбии давлатӣ ва таҳсилоти касбии баъд аз муассисаи олии таълимӣ ҳуқуқ дорад дар доираи муқаррарнамудаи иҷозатнома илова ба маблағгузорӣ аз ҳисоби буҷет, қабули донишҷӯёнро бо риояи замимаи иҷозатнома, ки аз тарафи мақомоти давлатии идораи маориф дода шудааст, тибқи шартномаҳо бо пардохти арзиши таҳсил аз тарафи шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ амалӣ намояд.

4. Масъалаҳои бастани шартнома барои фаъолияти пулакии таълим дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ва таҳсилоти касбии баъд аз муассисаи олии таълимӣ аз ҷониби муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ дар асоси шартномаҳое, ки ба қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Оинномаи муассисаи таҳсилоти олии касбӣ мухолиф нестанд, амалӣ мегардад.

БОБИ 7. ҲАМКОРИИ БАЙНАЛМИЛАЛӢ ВА ФАЪОЛИЯТИ ИҚТИСОДИИ ХОРИҶИИ МУАССИСАҲОИ ТАҲСИЛОТИ ОЛИИ КАСБӢ ВА ТАҲСИЛОТИ КАСБИИ БАЪД АЗ МУАССИСАИ ОЛИИ ТАЪЛИМӢ

Моддаи 37. Ҳамкории байналмилалӣ

1. Ҳамкории байналмилалии муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ва таҳсилоти касбии баъд аз муассисаи олии таълимӣ дар доираи фаъолияти сиёсати хориҷии давлат ба ҳамшарикии ҳақиқӣ, эътимоду боварии тарафайн ва ба шартномаю созишномаҳои байнидавлатӣ асос меёбад.

2. Мақомоти давлатии идораи маорифи ҳамаи зинаҳо, муассиса, корхонаю ташкилотҳои таълимии низоми маориф ҳуқуқ доранд бо муассиса, корхонаю ташкилотҳои хориҷӣ робитаи бевосита муқаррар намоянд, барномаҳои байналмилалии таълимӣ, илмӣ ва илмию таҳқиқотиро амалӣ гардонанд, бо тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ба иттиҳодияҳои байналмилалии ҷамъиятии таълимӣ ва илмӣ ҳамроҳ шаванд.

3. Давлатҳои иштироккунанда дар ташкилотҳои байналмилалии соҳаи маориф дар доираи созишномаҳову шартномаҳои дуҷониба ва бисёрҷониба сиёсати мувофиқашударо пеш мегиранд.

Моддаи 38. Фаъолияти иқтисодии хориҷӣ

1. Мақомоти ҷумҳуриявии давлатии идораи маориф, муассисаҳои таълимӣ, корхонаю ташкилотҳои таълимии низоми маориф фаъолияти иқтисодии хориҷиро мутобиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон мустақилона амалӣ мекунанд. Онҳо мутобиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳуқуқи дар бонкҳо ва дигар ташкилотҳои қарзии ғайрибонкӣ кушодани суратҳисоби асъорро доранд.

2. Маблағҳои пулӣ ва дигар дороиҳое, ки муассисаи таълимӣ аз фаъолияти иқтисодии хориҷӣ ба даст меоварад, моликияти ин муассисаи таълимӣ буда ва ба он ҳуқуқи ихтиёрдории пурра дошта, ба истиснои ҳолатҳои муқаррарнамудаи қонун мусодира кардани он манъ аст. Ин маблағ барои инкишофи соҳаи маориф, музди меҳнати кормандон ва пойдор сохтани заминаи моддию техникии он сарф карда мешавад.

БОБИ 8. МУҚАРРАРОТИ ХОТИМАВӢ

Моддаи 39. Ҷавобгарӣ барои вайрон кардани Қонуни мазкур

Шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ барои риоя накардани Қонуни мазкур тибқи тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҷавобгарӣ кашида мешаванд.

Моддаи 40. Дар бораи беэътибор донистани Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи таҳсилоти олии касбӣ ва таҳсилоти касбии баъд аз муассисаи олии таълимӣ»

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 8 декабри соли

2003, №48 «Дар бораи таҳсилоти олии касбӣ ва таҳсилоти касбии баъд аз муассисаи олии таълимӣ» (Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, соли 2003, №12 моддаи 676; соли 2009, №3, мод. 83) беэътибор дониста шавад.

Моддаи 41. Тартиби мавриди амал қарор додани Қонуни мазкур

Қонуни мазкур пас аз интишори расмӣ мавриди амал қарор дода шавад.

Президенти
Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон

ш. Душанбе, 19 майи соли 2009, № 531

Бо қарори Ҳукумати
Ҷумҳурии Тоҷикистон
аз 29 сентябри соли
2020, №526 тасдиқ
шудааст

СТРАТЕГИЯИ МИЛЛИИ РУШДИ МАОРИФИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН БАРОИ ДАВРАИ ТО СОЛИ 2030*

БОБИ 1. МАҚСАДИ АСОСӢ ВА ВАЗИФАҲОИ СТРАТЕГИЯ

§1. Мақсади асосӣ ва дурнамои ислоҳот дар соҳаи маориф

1. Мақсади асосӣ ва дарозмуҳлати Стратегияи миллии рушди маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 (минбаъд – Стратегияи мазкур) бунёди низоми самараноки маориф аст, ки имконияти фарогир ва баробарро барои инкишофи қобилият, рушди зеҳнӣ, таъмини шуғл ва беҳтар намудани некуаҳволии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳайё месозад.

2. Стратегияи дарозмуҳлати соҳаи маориф ба бартариҳои инкишофи иҷтимоию иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки дар Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 инъикос ёфтаанд, такя карда, ба мақсад ва вазифаҳои Ҳадафҳои рушди устувор барои солҳои 2015-2030 мутобиқат мекунад. Вазифаҳои банақшагирии стратегӣ аз муайян кардани чорабиниҳои калидӣ ва афзалиятноки раванди ислоҳот тавассути мушаххас намудани имконият ва мушкилот дар партави дурнамои рушди иҷтимоию иқтисодӣ иборат мебошад.

Эзоҳ:* аз Стратегияи мазкур ва Нақшаи миёнамуҳлати амал барои солҳои 2021-2023 танҳо қисматҳое, ки ба муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ дахл доранд оварда шудааст.

3. Мақсади ислоҳот ба вуҷуд овардани чунин низоми таҳсилоти босифат ва дастрас барои ҳамаи шаҳрвандон дар тӯли ҳаёт аст, то ки иқтисодиёти кишвар бо кормандони босалоҳияти мутобиқ ба инфрасохтор ва технологияҳои муосиру инноватсионӣ асосёфта таъмин гардад. Низоми таҳсилоти Ҷумҳурии Тоҷикистон бояд аз нигоҳи иқтисодӣ устувор бошад ва ба стандартҳои низоми таҳсилоти пешрафтаи ҷаҳонӣ ва низоми байналмилалии арзёбии сифат мувофиқат кунад. Барои ҳимояи манфиатҳо ва таъмини нуфузи кишвар соҳаи маориф бояд ҳифз ва рушди хусусиятҳои хоси фарҳангӣ, ҳифозати ҳувияти миллӣ ва гуногуншаклии онро таъмин намояд. Ҳамаи ин барои ба фазои таҳсилоти ҷаҳонӣ ворид шудани Ҷумҳурии Тоҷикистон хеле муҳим аст.

4. Мутобиқат ба стандартҳои ҷаҳонӣ тибқи Ҳадафҳои рушди устувор барои солҳои 2015-2030 ва Барномаи чорчӯбаи Сендай оид ба коҳиши хатари офатҳо барои амалҳо ва нишондиҳандаҳои афзалиятноки соҳаи маориф, ҳамчунин дар назар дорад, ки омилҳои асосии осебпазирии кӯдакон, аз ҷумла ба воситаи арзёбии хатарҳои марбут ба манбаъҳои гуногуни хавф аз байн бурда шавад, неруи кӯдакон ва низоми ҳифзи онҳо дар ҳолатҳои ба хатар мубталошавӣ таҳким ёбад, вазифаҳои афзалиятноки таъмини бехатарӣ (бехатарии биноҳои муассисаҳои таълимӣ, мубориза бо офати табиӣ дар муассисаҳо ва таъмини масъалаҳои коҳиши хатар ва таҳкими устуворӣ) дар муассисаҳои таълимӣ муайян гарданд, иштироки ҳарчи бештари кӯдакон дар ҷараёни қабули қарорҳо таъмин гардад.

§2. Вазифаҳои Стратегия

5.Стратегияи мазкур санади асосии муайянкунандаи сиёсати давлатӣ дар соҳаи маориф

мебошад. Стратегияи мазкур мақсад ва вазифаҳои миёнамуҳлат ва дарозмуҳлат, тамоюл ва самтҳои афзалиятноки рушди соҳаи маорифро дар Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян менамояд.

6. Тибқи Стратегияи мазкур таваҷҷуҳи бештар ба сифати таҳсилот, инчунин малакаҳои касбӣ ва салоҳиятҳое зоҳир мегардад, ки ҷавонон ва калонсолон дар ҷараёни таҳсилот ба даст меоранд. Дар замони муосир дастовардҳои шахсии ҳар як шаҳрванд ба қобилияти мутобиқшавии ӯ ба дигаргуниҳо ва донишомӯзии доимии ӯ дар тӯли ҳаёт вобаста аст. Дар навбати худ соҳаи маориф бояд фазоеро муҳайё созад, ки барои рушди ин салоҳиятҳо мувофиқ бошад. Дар шароити изтироби иқтисодӣ, таъсири омилҳои беруна ва тағйироти демографӣ таҳсил дар тамоми тӯли ҳаёт ба вазифаи асосии соҳаи маориф табдил меёбад.

7. Вазифаҳои калидии Стратегияи мазкур чунинанд:

- таъмини дастрасӣ ва иштироки баробар дар ҳамаи зинаҳои таҳсилот барои ҳама дар тамоми тӯли ҳаёт;

- баланд бардоштани сифат ва аҳаммияти соҳаи маориф дар ҳамаи сатҳҳо;

- тақвияти низоми самараноки идораи соҳаи маориф.

8. Дар чорчӯбаи Стратегияи мазкур таъсиси муассисаҳои таълимии бехатар ва аз лиҳози иҷтимоӣ фарогир бо дарназардошти сиёсати миллии идоракунии хатари офатҳои табиӣ ва мутобиқшавӣ ба тағйирёбии иқлим дар сатҳи миллӣ, минтақавӣ, ноҳиявӣ ва маҳаллӣ баррасӣ карда мешаванд. Ин афзалиятҳо дар Стратегияи миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба паст кардани хавфи офатҳои табиӣ барои солҳои 2019-2030 ва Стратегияи миллии мутобиқатшавӣ ба тағйирёбии иқлими Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 низ инъикос гардидаанд.

БОБИ 2. ВАЗЪИ ИҶТИМОИЮ ИҚТИСОДӢ ВА ЗАМИНАИ МЕЪЁРИИ ҲУҚУҚӢ

§1. Вазъи иҷтимоию иқтисодӣ

9. Дар аввали солҳои 2000-ум баъд аз ба даст овардани сулҳу субот ва муттаҳид сохтани захираҳо дар бахши идоракунии давлатӣ ва иқтисодиёт, аз ҷумла дар соҳаи маориф ислоҳот оғоз ва муваффақона татбиқ гардид. Бо рушди иқтисод даромади аҳолӣ низ афзоиш ёфт ва воситаҳои молиявии буҷети давлатӣ барои маблағгузории талаботи соҳаҳои иҷтимоӣ зиёд гардид. Ба шарофати фаъолияти бемайлони Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон шумораи умумии аҳолии камбизоат дар кишвар аз 72% соли 2003 то 37,4% соли 2012 ва то 27,4% дар соли 2018 коҳиш ёфт. Сатҳи камбизоатии ниҳоӣ аз 42% соли 2003 то 17% дар соли 2018 коҳиш ёфт. Коҳиши сатҳи камбизоатӣ ба имкониятҳои таълимӣ ва дастрасии ҷавонону калонсолон ба таҳсил, махсусан аз оилаҳои осебпазир ва деҳот таъсири мусбат расонид.

10. Давраи гузариши ниҳоят мушкил дар иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои 1991-2010 ва сатҳи баланди афзоиши аҳолӣ (соли 2018 аҳолии кишвар 8931195 нафарро ташкил дод, ки нисбат ба солҳои 1980-ум ду маротиба зиёд аст) ба нишондиҳандаҳои соҳаи маориф низ бевосита таъсир расонид. Дар соҳаи маориф ҳиссаи маблағгузорӣ аз ҳисоби буҷети давлатӣ ва манбаъҳои дигар тадриҷан меафзояд, вале рақобатпазирии иқтисодиёт ҳанӯз дар сатҳи зарурӣ қарор надошта, он ба муҳоҷирати меҳнатӣ вобаста буда, ба тарзи назаррас ба талабот ба қувваи корӣ (талабот ба малака, салоҳият ва донишҳои касбӣ) ва имконияти бо ҷойи кор таъмин намудани хатмкунандагони муассисаҳои таълимии таҳсилоти касбӣ таъсир мерасонад.

11. Агар байни низоми миллии таҳсилот ва бозори дохилии меҳнат алоқаи мустаҳкам барқарор нагардад, сатҳи ҳозираи рушд ноустувор боқӣ мемонад. Иқтисодиёти Тоҷикистон барои қувваи корӣ афзоянда миқдори ҷойи корӣ зарурӣро фароҳам намесозад. Новобаста ба афзоиши баланди маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ шуғли расмӣ дар 10 соли охир, аз соли 2010 то соли 2019 танҳо бештар аз 8% зиёд шудааст. Аз рӯйи омори расмии соли 2017 74,9% бекорони расмӣ ба аҳолии деҳот рост омада, 51,8% бекорон таҳсилоти умумӣ надоштанд. Барзиёдии қувваи корӣ бетахассус ба бозори дохилии меҳнат фишори ҷиддӣ мерасонад.

12. Таҳсилот ба натиҷаи шуғли баъдии шаҳрвандон таъсир мерасонад. Нисбатан паст будани фарогирии духтарон бо таҳсилот ва тарк кардани таҳсил пас аз хатми зинаи таҳсилоти умумии асосӣ ба он оварда мерасонад, ки онҳо нисбат ба писарон дар ҷараёни татбиқи фаъолияти касбӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соҳиби кор шудан имконияти камтар пайдо намуда, музди меҳнати зарурӣ намегиранд. Ин ҳолат ба сатҳи рушди бахши хусусӣ, талабот ба аксар ихтисосҳое, ки дар муассисаҳои таълимии таҳсилоти касбӣ (муассисаҳои таълимии таҳсилоти ибтидоӣ, миёна ва олии касбӣ) таълим дода мешаванд, таъсири ҷиддӣ мерасонад.

13. Шумораи аҳолии синну соли қобилияти меҳнатидошта нисбат ба шумораи умумии аҳолӣ аз 60,9% дар соли 2010 то 62,4% дар соли 2018 афзоиш ёфтааст. Вале сифати ҷойҳои корӣ нав дар кишвар беҳбудиро талаб менамояд ва дар бисёр ҳолат аз коргарон мавҷуд будани ҳуҷҷати намунаи давлатӣ дар бораи таҳсилотро дархост мекунад. Дар назар аст, ки насли ҷавон барои чанд даҳсолаи оянда афзоиши ҷиддӣ ва устувори шумораи аҳолии қобили меҳнатро дар кишвар таъмин менамояд. Маҳз, ба ҳамин хотир шумораи афзояндаи ҷавонон дар Тоҷикистон ба таҳсилоти мувофиқ ва таъсиси ҷойҳои корӣ нав ниёз дорад. Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон барои кам

кардани сатҳи бекорӣ дар байни ҷавонон чораҳои зарурӣ меандешад. Бояд зикр кард, ки ҳиссаи ҷавонони то 30-сола дар шумораи умумии аҳолӣ аз 70% соли 2000 то 65,9% дар соли 2010 ва то 62,9% дар соли 2018 коҳиш ёфтааст.

14. Новобаста ба коҳиши суръати афзоиши ҳиссаи ҷавонон дар назар аст, ки афзоиши шумораи аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар чанд даҳсолаи наздик идома меёбад, ки ин, дар навбати худ, ба муассисаҳои таълимӣ аз нуқтаи назари зарурати фарогирии ҷавонон бо таҳсил, махсусан, дар деҳот сарбории ҷиддиро ба миён меорад. Тибқи арзёбиҳои охири Шуъбаи нуфуси Созмони Милали Муттаҳид шумораи аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 2030 тахминан ба 11,6 млн нафар, дар соли 2050 ба 14,2 млн нафар ва дар соли 2100 ба 25,3 млн нафар мерасад.

15. Бо дарназардошти он ки соли 2017 52,7% ҳамаи кормандони бахши давлатӣ дар соҳаи маориф шуғл доштанд ва 9,6% шуғли расмиро кормандони соҳаи маориф ташкил медиҳанд, зарур аст, ки мақоми ихтисоси корманди соҳаи маориф барқарор карда шуда, афзоиши музди кор таъмин гардад, то ки он дар бахши давлатӣ рақобатпазир бошад.

16. Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчунин гирифтори офатҳои табиии гуногун – тармафароӣ, хушксолӣ, заминларза, обхезӣ, боришоти зиёд, лағжиш ва селобӣ мебошад, ки онҳо низ монеаи рушди устувор ба ҳисоб мераванд. Ба ғайр аз ин, обшавии пиряхҳо, боришоти бардавом дар маҳалҳои кӯҳӣ барои обхезӣ шароит ба вуҷуд меоранд. Тоҷикистон дар минтақаи хатари баланди заминларза ҷойгир буда, қариб 63% аҳолӣ дар ноҳияҳои аз заминларза осебдида зиндагӣ мекунад. Аз соли 2010 то соли 2015 дар Ҷумҳурии Тоҷикистон 145 заминларза ба қайд гирифта шудааст. Сарфи назар аз он ки заминларзаҳо нисбат ба обхезиҳо камтар рух медиҳанд, оқибати зарари онҳо бештар аст. Тибқи хулосаи ЮНИСЕФ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон зиёда аз 88%

кӯдакон дар ноҳияҳои хатари баланди заминларзадошта зиндагӣ мекунанд. Аз нуқтаи назари осебпазирӣ ба тағйирёбии иқлим Тоҷикистон дар байни кишварҳои Иттиҳоди Аврупо ва Осиёи Марказӣ ҷойи аввалро ишғол мекунад ва вазъият бо сабаби маҳдуд будани неруҳо барои мутобиқшавӣ ва вокуниш ба изтиробҳои такрорёбанда мушкилтар мегардад.

17. Тағйирёбии иқлим барои Ҷумҳурии Тоҷикистон мушкилоти ҷиддӣ аст. Дар назар аст, ки тағйирёбии иқлим ба афзоиши ҳодисаҳои гидрометеорологӣ, зиёдшавии зудӣ ва шиддатнокии обхезиҳо ва селобҳо оварда мерасонад, ки дар кишвар аз ҳамаи офатҳои дигар бештар мушоҳида мешаванд. Аз 180 кишвари узви Ташаббуси мутобиқшавии глобалии Нотр-Дам (ND-GAIN) Тоҷикистон 81-ум мамлакати бештар осебпазир ва 48-ум кишвари аз ҳама кам омода мебошад. Бархилофи кишварҳои дигар осебпазирии ҷории он идорашаванда аст. Тибқи шохиси Ташаббуси глобалӣ оид ба мутобиқшавии Нотр-Дам (шохиси кишварии ND-GAIN), ки осебпазирии кишварҳоро ба тағйирёбии иқлим ва масъалаҳои дигари глобалӣ ва омодагии онҳоро ба тақвияти устуворӣ ва мутобиқшавӣ муайян мекунад, баланд бардоштани сатҳи омодагӣ ба Ҷумҳурии Тоҷикистон имкон медиҳад, ки дар баробари масоили офатҳо дар оянда бештару беҳтар мутобиқ гардад. Вобаста ба ин, офатҳои табиӣ ва тағйирёбии иқлим заминаҳои ҳуқуқӣ ва ҳаёту некуаҳволии кӯдаконро таҳти хатар мегузорад.

§2. Фазои сохторӣ (институтсионалӣ)-и соҳаи маориф

18. Мутобиқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф» (боби 2, моддаи 10, банди 5) дар Ҷумҳурии Тоҷикистон намудҳои зерини муассисаҳои таълимӣ фаъолият мекунанд:

- томактабӣ;

- таҳсилоти умумӣ (ибтидоӣ, умумии асосӣ ва миёнаи умумӣ);

- таҳсилоти ибтидоии касбӣ;
- таҳсилоти миёнаи касбӣ;
- таҳсилоти олии касбӣ;
- таҳсилоти олии баъд аз муассисаи олии таълимӣ;
- таҳсилоти иловагӣ;
- таҳсилоти махсус;
- муассисаҳои таълимии дигаре, ки раванди таълиму тарбияро амалӣ мегардонанд.

19. Сохтори таҳсилот дар Ҷумҳурии Тоҷикистон чунин аст:

Ҷадвали 1. Сохтори таҳсилот дар Ҷумҳурии Тоҷикистон

<table>
<tr><td>Синну соли таълимгирандагон</td><td>Сол, таълим, синф</td><td colspan="4">Зинаҳои таҳсил</td></tr>
<tr><td>1-3-сола</td><td>3 сол</td><td colspan="4" rowspan="2">Таҳсилоти то мактабӣ (ширхоргоҳҳо ва кӯдакистонҳо)</td></tr>
<tr><td>4-6-сола</td><td>3 сол</td></tr>
<tr><td>7-10-сола</td><td>синфҳои 1-4</td><td colspan="4">Таҳсилот иибтидоӣ–зинаи 1-уми таҳсилоти умумӣ (ҳатмӣ)</td></tr>
<tr><td>11-15-сола</td><td>синфҳои 5-9</td><td colspan="4">Таҳсилоти умумии асосӣ–зинаи 2-юми таҳсилоти умумӣ (ҳатмӣ)</td></tr>
<tr><td rowspan="2">16-17-сола</td><td rowspan="2">синфҳои 10-11</td><td colspan="2">Таҳсилоти миёнаи умумӣ (зинаи 3-юм, бо хоҳиш)</td><td rowspan="2">Таҳсилоти ибтидоии касбӣ</td><td rowspan="2">Таҳсилоти миёнаи касбӣ</td></tr>
<tr><td rowspan="2">18-21-сола</td><td rowspan="2">4 сол</td><td colspan="2" rowspan="2">Бакалавриат</td></tr>
<tr><td colspan="3">Таълим ва такмили ихтисос дар истеҳсолот</td></tr>
<tr><td colspan="2">22-23 (22-24)-сола</td><td>2 сол (3 сол)</td><td>Магистратура</td><td rowspan="4">Таҳсилоти кӯтоҳмуддат: расмӣ, ғайрирасмӣ ва худомӯзӣ</td></tr>
<tr><td colspan="2">Аз 23-солагӣ</td><td>3 сол</td><td>Докторантура (PhD)</td></tr>
<tr><td colspan="2">25-сола ва боло</td><td></td><td>Таҳсилоти иловагӣ</td></tr>
<tr><td colspan="2"></td><td></td><td>Таҳсилоти махсус</td></tr>
</table>

§3. Заминаҳои меъёрии ҳуқуқӣ

20. Дар даврони истиқлолияти мамлакат маҷмӯи қонунҳо ва санадҳои дигари меъёрии ҳуқуқӣ қабул гардиданд, ки сиёсати давлатиро дар соҳаи маориф муайян менамоянд. Дар маҷмӯъ, ҳамаи қонунҳо ва санадҳои дигари меъёрии ҳуқуқӣ барои дигаргунсозии низоми маориф, комёб шудан ба дастрасии баробар ба таҳсилот, ҳалли масъалаҳои гендерӣ, баланд бардоштани сифати таҳсилот ва паст кардани сатҳи камбизоатӣ бо роҳи баланд бардоштани сатҳи таҳсилот дар байни аҳолӣ равона шудаанд. Бо вуҷуди ин, ҳанӯз ҳам заминаи меъёрии ҳуқуқии соҳаи маориф ба такмил ниёз дорад, то ки муқаррарот оид ба баробарии гендерӣ ва ҷанбаҳои иҷтимоӣ дар муассисаҳои таълимии томактабӣ, таҳсилоти умумӣ, таҳсилоти ибтидоӣ, миёна ва олии касбӣ мушаххас карда шавад.

21. Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба принсипҳои риоя намудани стандартҳои байналмилалӣ дар бахши ҳуқуқи инсон ва озодии бунёдии ӯ дар доираи Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон такя мекунад. Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳсилоти умумии асосӣ ва баробарии пурраи мардону занонро кафолат медиҳад. Дар моддаи 41 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян гардидааст, ки ҳар шахс дар доираи муқаррарнамудаи қонун дар муассисаҳои таълимии давлатӣ метавонад ба таври ройгон таълими миёнаи умумӣ, ибтидоии касбӣ, миёнаи касбӣ ва олии касбӣ гирад. Шаклҳои дигари таълимро қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар мекунад.

22. Қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон 10 қонуни асосиро дар бар мегирад, ки фаъолиятро дар соҳаи маориф танзим менамояд: қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф», «Дар бораи таълиму тарбияи томактабӣ», «Дар бораи таҳсилоти ибтидоии касбӣ», «Дар бораи таҳсилоти миёнаи касбӣ», «Дар

бораи таҳсилоти олии касбӣ ва таҳсилоти касбии баъд аз муассисаҳои олии таълимӣ», «Дар бораи таҳсилоти иловагӣ», «Дар бораи таҳсилоти калонсолон», «Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд», «Дар бораи тайёр намудани мутахассисон бо назардошти талаботи бозори меҳнат», «Дар бораи Парки технологӣ». Баъзе аз онҳо солҳои охир аз нав баррасӣ гардидаанд ва ё дар таҳрири нав қабул гардидаанд.

23. Илова ба қонунҳои номбурда, ки фаъолияти соҳаи маорифи Тоҷикистонро танзим мекунанд, қонунҳои дигаре низ амал мекунанд, ки ба раванди таҳсилот таъсир мерасонанд.

24. Аз ҷониби Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон лоиҳаи Кодекси маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳия карда мешавад, ки он ба муттаҳидсозии санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ дар соҳаи маориф мусоидат мекунад.

БОБИ 3. ЧОРЧӮБАИ СТРАТЕГИИ ИСЛОҲОТ

§1. Алоқамандӣ бо афзалиятҳои миллӣ ва соҳавӣ

25. Ислоҳоти соҳаи маориф дар барномаҳои давлатии ҷорӣ инъикос ёфтааст, ки онҳо барои босифат амалӣ сохтан ва иҷро намудани мақсад ва вазифаҳои стратегии дарозмуҳлати соҳаи маориф мусоидат мекунанд. Стратегияи мазкур бо ҳадафҳои Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 пурра мувофиқат мекунад.

26. Тибқи Стратегияи мазкур то соли 2030 ҷомеаи устувор, рушдёбанда, муттаҳид ва боадолатона дар арсаи байналмилалӣ бунёд меёбад. Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 ҳамчунин пайравии комилро ба татбиқи Ҳадафҳои рушди устувор барои давраи то соли 2030 нишон медиҳад. Нишондиҳандаи асосии ниҳоии Стратегияи

миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 паст кардани сатҳи мутлақи камбизоатӣ то 50% ва пурра аз байн бурдани камбизоатӣ, зиёд намудани хароҷоти давлатӣ ба таъминоти иҷтимоии аҳолӣ, то ба 50% аҳолӣ расондани ҳиссаи табақаи миёнаҳол ва комёб шудан ба рушди гуногуншакл мебошад, ки барои гузаштан аз вобастагии кишоварзӣ ба иқтисодиёти бисёрсоҳавӣ имконият медиҳад.

27. Дар Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 зикр шудааст, ки сифати хизматрасониҳои таълимӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон номукаммал арзёбӣ мешавад, дастрасӣ ба таҳсилот бо сабаби нокифоя будани шумораи муассисаҳои таълимии томактабӣ, инфрасохтори муассисаҳои таълимӣ дар минтақаҳо ва касбияти ҳайати омӯзгорон мушкил гардидааст. Монеаҳои дигар дар роҳи беҳтар кардани натиҷаҳои таҳсилот нокифоя будани дастрасӣ ба шароити беҳтари санитарию обтаъминкунӣ дар муассисаҳои таълимии деҳот ва ҳамчунин нобаробарӣ дар дастрасии таҳсилот байни ҷинсҳо дар ҳамаи зинаҳои таҳсилот мебошад.

28. Афзалиятҳои стратегиии соҳаи маориф дар фасли «Рушди сармояи инсонӣ» (бахши иҷтимоӣ)-и Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 чунин муайян гардидаанд:

- таъмини баробарӣ ва дастрасӣ ба таҳсил;
- беҳтар намудани сифати таҳсилот дар ҳамаи зинаҳо;
- баланд бардоштани устувории молиявӣ ва самаранокӣ дар соҳаи маориф;
- ташкил ва рушди шабакаи касбии миллии таҳқиқот ва ихтироти илмӣ-техникӣ бо такя ба технологияҳои сарфакунандаи захираҳо дар шароити барзиёдии неруи корӣ ва минтақаи кӯҳӣ.

29. Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёми худ ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон 26 декабри соли 2019 пешниҳод намуданд, ки ба хотири боз ҳам беҳтар ба роҳ мондани омӯзиши илмҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ, инчунин барои тавсеаи тафаккури техникии насли наврас, солҳои 2020-2040 «Бистсолаи омӯзиш ва рушди фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ дар соҳаи илму маориф» эълон карда шаванд. Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон уҳдадор шудааст, ки ба татбиқи чорабиниҳои ба омӯзиш ва рушди илмҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ бахшидашуда, аз ҷумла тавассути баргузории ҳамасолаи олимпиадаҳои ноҳиявӣ, шаҳрӣ, вилоятӣ ва ҷумҳуриявӣ аз фанҳои мазкур дар ҳамаи зинаҳои таҳсилот ва ба тарзи шоиста ҳавасманд ва қадрдонӣ намудани ғолибони он таваҷҷуҳи ҷиддӣ диҳад.

30. Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Паёми худ ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон 26 декабри соли 2018 чунин қайд карданд: «Таҳким бахшидани иқтидори илмии кишвар, ҷорӣ кардани ихтироот дар истеҳсолот, устувор гардонидани пояҳои моддиву техникии муассисаҳои таълимӣ, баланд бардоштани сифати таълим дар ҳамаи зинаҳои таҳсилот, ҷалби боз ҳам васеи истеъдодҳои ҷавон ба омӯзиши технологияҳои муосир ва корҳои эҷодиву техникӣ вазифаи муҳимтарини соҳаҳои илму маориф мебошад. Аз ин рӯ, мо ба соҳаҳои илму маориф эътибори аввалиндараҷа дода, ислоҳотро дар ҳамаи зинаҳои таҳсилот бомаром идома медиҳем ва мушкилоти мавҷударо давра ба давра бартараф мекунем».

31. Бехатарии маҷмӯии муассисаҳои таълимии таҳсилоти умумӣ барои аз байн бурдани камбизоатӣ байни наслҳо, ба вуҷуд овардани неру ва устувории

хонандагон ва иттиҳодияҳои онҳо аҳаммияти муҳим дорад. Мақсади бехатарии маҷмӯии муассисаҳои таълимӣ дар он аст, ки хонандагон ва ҳайати омӯзгорон аз ҳалокат, ҷароҳат ва зарар дидан дар муассисаҳои таълимӣ эмин бошанд, муттасилияти таҳсил бо дарназардошти ҳамаи хатарҳою таҳдидҳои эҳтимолӣ ба нақша гирифта шавад, ҳифзи сармоягузориҳо дар соҳаи маориф таъмин гардад ва тавассути таълим хатарҳо коҳиш дода шуда, устуворӣ таъмин гардад.

32. Доираи маҷмӯии бехатарӣ дар муассисаҳои таълимӣ, яъне доираи глобалӣ барои дастгирии Иттиҳоди глобалӣ оид ба хавфи офатҳо ва устувории соҳаи маориф (GADRRES) ва Ташаббуси умумиҷаҳонӣ барои мактабҳои бехатар (WISS) бо кумаки Стратегияи мазкур ва таҷрибаҳое, ки бо идоракунии хатарҳои офатҳои табиӣ дар сатҳи миллӣ, минтақавӣ, ноҳиявӣ ҳамоҳанг гардонида мешаванд ва ҳамчунин дар сатҳи муассисаҳои таълимӣ амалӣ мегардад. Доираи маҷмӯии бехатарӣ дар муассисаҳои таълимӣ ба се бахши асосии зерин такя мекунад:

- иншоот ва воситаҳои таълимии бехатар (инфрасохтори ба офатҳои табиӣ тобовари муассисаҳои таълимӣ);

- идораи хатарҳои офатҳои табиӣ дар муассисаҳои таълимӣ;

- ба роҳ мондани таълим оид ба коҳиши хатарҳо ва тақвияти устуворӣ.

33. Иншоот ва воситаҳои таълимии бехатар метавонанд бо кумаки муносибати маҷмӯӣ ба лоиҳакашӣ бо дарназардошти устувории онҳо ба офатҳо, дастрасии бехатар ва доимӣ, ҳамчунин назорати сифат таъмин гарданд. Ба роҳ мондани ҳамкорӣ байни тарафҳои манфиатдор, аз ҷумла мақомоти маориф, меъморон, муҳандисон,

сохтмончиён ва кормандони дигари соҳаи маориф барои таъмини интихоби бехатари майдон, лоиҳакашӣ, сохтмон ва хизматрасонӣ зарур аст.

34. Мақомоти миллӣ ва маҳаллии давлатии идораи соҳаи маориф ва иттиҳодияҳои маҳаллӣ (аз ҷумла кӯдакон, омӯзгорон ва парасторон) қисми ҷудонопазири ҷараёни идораи хатарҳои офатҳои табиӣ дар муассисаҳои таълимӣ мебошанд. Ҳар як тарафи манфиатдор бо ба роҳ мондани ҳамкорӣ дар ҳифзи бехатарии муҳити таълим ва банақшагирии таҳсилоти муттасил бо дарназардошти стандартҳои байналмилалӣ нақши ҳаётан муҳим мебозад. Ин фаъолият низоми таъмини омодагӣ ва огоҳкунии саривақтӣ, сохтани харитаи хатарҳо, тамринҳои санҷишӣ ва таҳияи нақшаҳои идораи хатарҳои офатҳои табиӣ ва тартиби кори стандартиро барои ҳар як муассисаи таълимӣ дар бар мегирад.

35. Таълими коҳиши хатарҳо ва тақвияти устуворӣ барои тарбияи иттиҳодияҳои устувор ва фарҳанги бехатарӣ дар низоми маориф ниҳоят муҳим аст. Таҳияи воситаҳои таълимӣ барои таъмини бехатарӣ ва омодагӣ, ҳамгироии таҳсилот бо барномаҳои таълимии расмӣ ва ғайрирасмӣ бо дарназардошти омилҳои иқлимии хатари офатҳо, тайёр кардани омӯзгорон ва чорабиниҳои дигари беруназсинфӣ намунаҳои чунин таълим мебошанд.

§2. Робитаи мутақобилаи маориф бо афзалиятҳои байналмилалии рушд

36. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030, ки дар он самтҳои асосии ноил шудан ба Ҳадафҳои рушди устувор то соли 2030 муайян шудаанд, таҳия ва барои татбиқ қабул гардидааст. Масъалаи рушди босуръати минбаъдаи неруи инсонӣ дар Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои

давраи то соли 2030 ба сифати афзалияти маҷмӯӣ ва байнисоҳавӣ гузошта шудааст, ки дар доираи он масъалаҳои марбут ба маориф, тандурустӣ, ҳифзи иҷтимоӣ ва баробарии гендерӣ баррасӣ мешаванд.

37. 1 январи соли 2016 17 Ҳадафи рушди устувор то соли 2030 расман эътибор пайдо кард, ки ба Рӯзномаи нави соҳаи рушди устувор ворид гардида, аз ҷониби сарони кишварҳои ҷаҳон дар мулоқоти Созмони Милали Муттаҳид моҳи сентябри соли 2015 қабул шуда буд. Рӯзномаи нав бо такя ба муайян намудани соҳаҳои афзалиятноки рушд ба гузариши кишварҳо ба арсаи рушди устувор равона шудааст. Ҳадафҳои рушди устувор дар назар дорад, ки сиёсатҳои ҷаҳонӣ ва миллӣ ба тарзи маҷмӯӣ бо муттаҳид сохтани соҳаҳои иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва экологӣ барои ба даст овардани онҳо таҳия ва татбиқ гарданд. Ҳадафҳои рушди устувор ба кӯшиши «ҳеҷ кас аз қатор намонад» асос ёфта, ба кишварҳо тавсия медиҳад, ки сиёсати худро дар соҳаи рушд ва маблағгузорӣ ба ҳалли мушкилоти ба табақаҳои осебпазири аҳолӣ хосбуда равона созанд.

38. Дастрасии умумӣ ба таҳсилоти босифат (Ҳадафҳои рушди устувори 4) ҳамчун афзалият дар маблағгузории давлатӣ ва ислоҳот боқӣ мемонад. Ҳадафҳои рушди устувори 4 «таъмини таҳсилоти босифати фарогиру одилона ва ҳавасмандсозии имконияти таҳсилро дар тамоми тӯли ҳаёт барои ҳама дар бар мегирад» ва аз иҷрои вазифаҳои зерин иборат аст (мутобиқи ҷадвали Ҳадафҳои рушди устувор).

Ҷадвали 2. Ҳадафҳои рушди устувор (Ҳадафҳои рушди устувори 4) дар соҳаи маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон то соли 2030

№	Тавсифи мухтасари ҳадаф
Ҳадафи рушди	То соли 2030 таъмини гирифтани

устувори 4.1	таҳсилоти ибтидоӣ ва миёнаи бепул ва босифат барои духтарон ва писарон, ки имкон медиҳад то натиҷаҳои самараноки таҳсилро ба даст оваранд
Ҳадафи рушди устувори 4.2	То соли 2030 ба ҳамаи духтарон ва писарон таъмин намудани дастрасӣ ба низомҳои босифати рушд, нигоҳубин ва таълими томактабии кӯдакони хурдсол барои омодасозии онҳо ба таҳсилоти минбаъдаи ибтидоӣ
Ҳадафи рушди устувори 4.3	То соли 2030 таъмин намудани дастрасии баробар ба таҳсилоти арзони касбӣ-техникӣ барои тамоми мардон ва занон, аз он ҷумла таҳсил дар донишгоҳ
Ҳадафи рушди устувори 4.4	То соли 2030 комилан зиёд намудани шумораи ҷавонон ва болиғони соҳиби малакаҳои зарурӣ, аз ҷумла малакаҳои касбӣ-техникӣ, дарёфти шуғл, кори арзанда ва соҳибкорӣ
Ҳадафи рушди устувори 4.5	То соли 2030 аз байн бурдани нобаробарии гендерӣ дар соҳаи маориф ва таъмин намудани дастрасии баробар ба таҳсилот ва омодагии касбӣ-техникии тамоми сатҳҳо барои гурӯҳҳои осебпазири аҳолӣ, аз ҷумла маъюбон, намояндагони халқҳои маҳаллӣ ва кӯдакони дар ҳолати осебпазирӣ қарордошта
Ҳадафи рушди устувори 4.6	То соли 2030 таъмин намудани он ки тамоми ҷавонон ва қисми зиёди аҳолии калонсол, ҳам мардон ва ҳам занон хондан, навиштан ва ҳисоб кардан тавонанд
Ҳадафи рушди	То соли 2030 таъмин намудани он ки

устувори 4.7	тамоми хонандагон дониш ва малакаҳои зарурӣ барои мусоидат ба рушди устуворро ба даст ованд, аз он ҷумла тавассути омӯзиши масъалаҳои рушди устувор ва тарзи ҳаёти устувор, ҳуқуққои инсон, баробарии гендерӣ, тарғиби фарҳанги сулҳ ва меҳрубонӣ, шаҳрвандии ҷаҳон ва дарки арзишҳои гуногунрангии фарҳангӣ ва саҳми фарҳанг дар рушди устувор
Ҳадафи рушди устувори 4.8	Ташкил ва такмил додани муассисаҳои таълимие, ки манфиатҳои кӯдакон, ниёзҳои махсуси маъюбон ва ҷанбаҳои гендериро ба ҳисоб мегиранд ва таъмин намудани муҳити самараноки бехавф ва аз зӯроварӣ ва монеаҳои иҷтимоӣ озод барои ҳамагон
Ҳадафи рушди устувори 4.9	То соли 2030 бештар зиёд намудани миқдори стипендияҳо дар тамоми ҷаҳон, ки ба кишварҳои дар ҳоли рушд, махсусан ба кишварҳои кам рушднамуда, кишварҳои ҷазиравии дар ҳоли рушд ва кишварҳои Африқо барои гирифтани таҳсилоти олӣ, аз ҷумла таҳсилоти касбӣ-техникӣ ва таҳсил дар соҳаи технологияҳои иттилоотӣ ва коммуникатсионӣ, барномаҳои техникӣ, муҳандисӣ ва илмӣ дар кишварҳои мутараққӣ ва кишварҳои дар ҳоли рушд дода мешаванд
Ҳадафи рушди устувори 4.10	То соли 2030 бештар зиёд намудани шумораи омӯзгорони баландихтисос, аз ҷумла тавассути ҳамкории байналмилалӣ дар тайёр намудани омӯзгорон дар кишварҳои дар ҳоли рушд, махсусан дар кишварҳои кам

	рушдкарда ва кишварҳои хурди ҷазиравии дар ҳоли рушд

39. Ғайр аз нишондиҳандаҳои асосии Ҳадафи рушди устувори 4 ҳамаи зинаҳои таҳсилоти Ҷумҳурии Тоҷикистон беистисно барои ба даст овардани ҳадафҳои дигари рушди устувор, аз ҷумла Ҳадафи рушди устувори 5 – баробарии гендерӣ, Ҳадафи рушди устувори 8 – кори арзанда ва рушди иқтисодӣ, Ҳадафи рушди устувори 10 – кам кардани нобаробарӣ, Ҳадафи рушди устувори 11 – шаҳрҳо ва маҳалҳои аҳолинишини устувор, Ҳадафи рушди устувори 12 – истеъмол ва истеҳсоли оқилона, Ҳадафи рушди устувори 13 – мубориза бо тағйирёбии иқлим, Ҳадафи рушди устувори 17 – ҳамкорӣ ба манфиати рушди устувор метавонанд таъсири қобили назар дошта бошанд. Ба даст овардани Ҳадафҳои рушди устувор дар ҳамаи кишварҳо, аз ҷумла дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ислоҳоти ҳам амудӣ ва ҳам уфуқиро дар соҳаи идоракунии давлатӣ тақозо мекунад.

40. Соли 2018 Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар партави Ҳадафҳои рушди устувор то соли 2030 ихтиёран Маърӯзаи миллиро оид ба рафти татбиқи асноди стратегӣ таҳия намуд, ки он дар сомонаи расмии Созмони Милали Муттаҳид дастрас мебошад. Дар ҳисобот нобаробарии гендерии байни мардону занон дар бахши таҳсилоти ибтидоии касбӣ, дар сатҳи зарурӣ набудани сатҳи таҳсилот дар байни иштирокчиёни бозори меҳнат, ҳамчунин масъалаҳои дигари марбут ба соҳаҳои маориф ва илм таъкид гардидаанд.

41. Дар бахши васеъ намудани дастрасӣ ба таҳсилот дар ҳамаи зинаҳо ва афзоиши фарогирӣ ба таҳсил дар муассисаҳои таълимӣ, аз ҷумла занон ва духтарон, муваффақиятҳои назаррас ба даст оварда

шудаанд, вале ин масъала ҳанӯз ҳалли пурраи худро наёфтааст. Умуман, сабабҳои ба таъмини таҳсилот монеъшаванда аз камбуди омӯзгорони тахассусӣ ва дастрасӣ ба муассисаҳои таълимии мувофиқ иборатанд. Барои ба хонандагони деҳот додани стипендия, такмили ихтисоси омӯзгорон, сохтмони муассисаҳои таълимии муосир, беҳтар намудани таъминот бо об ва барқ зарурати маблағгузорӣ ба миён меояд. Гирифтани таҳсилоти босифат барои беҳтар намудани шароити зиндагонии одамон ва таъмини рушди устувор заминаҳои хуб фароҳам месозад.

42. Вазорати рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҳамкорӣ бо шарикони рушд ва коршиносон аз рӯйи натиҷаҳои машваратҳои мавзӯӣ шохиси алоқамандиҳои мустақим ва ғайримустақими комёбӣ ба Ҳадафҳои рушди устувор ва ҳамчунин мувофиқати ҳадафҳои стратегии миллӣ ва афзалиятҳои Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистонро барои давраи соли 2030 ба Ҳадафҳои рушди устувор таҳия намуд. Ин имкон дод, ки барои Ҷумҳурии Тоҷикистон Ҳадафҳои рушди устувори афзалиятнок, ки самараи мусбати хоса доранд, муайян карда шаванд. Ҳадафи рушди устувори 4, ки ба соҳаи маориф дахл дорад, яке аз чунин Ҳадафҳои афзалиятноки рушди устувор мебошад, ки барои ноил шудан ба мақсаду вазифаҳои дигар таъсири ҳамаҷониба мерасонад (мутобиқи ҷадвали сатҳи робитаҳои мутақобила).

Ҷадвали 3. Сатҳи робитаи мутақобилаи Ҳадафҳои рушди устувор дар Ҷумҳурии Тоҷикистон

Сатҳи Мутақобила	Тавсифи мутақобила	Шарҳи мутақобила
+3	Ҷудонопазирӣ	Робитаи ногузир бо муваффақияти ҳадафи дигар

+2	Тақвиятбахшӣ	Мусоидат барои ноил шудан ба ҳадафи дигар
+1	Муҳайё кардани шароит	Фароҳам овардани шароит барои пешрафти ҳадафи дигар
0	Мувофиқат	Мавҷуд набудани таъсироти назаррас
-1	Омили бозторанда	Маҳдудияти имкониятҳо барои пешрафти ҳадафи дигар
-2	Муқовимат	Бархӯрди манфӣ бо ҳадафи дигар
-3	Истиснои мутақобила	Имконнопазир будан барои ноил шудан ба ҳадафи дигар

43. Ҳадафҳои рушди устувор (Ҳадафи рушди устувори 4 – таҳсилоти босифат) барои ноил шудан ба ҳадафҳои дигари рушди устувор дар Ҷумҳурии Тоҷикистон (бо шохиси 1,63) дорои хусусиятҳои назарраси таъсиррасон мебошад.

Чорчӯбаи стратегияи ислоҳоти маориф барои давраи то соли 2030

Саҳм (захираҳо)	Натиҷаҳои миёнамуҳлат	Натиҷаҳои дарозмуддат	Таъсир (интизорӣ)
1.Маблағгузории давлатӣ дар соҳаи маориф 2. Манбаъҳои даромади хусусии муассисаҳои таълимӣ 3. Дастгирии техникии шарикони рушд 4. Қарзҳо аз донорҳои дуҷониба ва бисёрҷониба 5. Саҳми волидайн ва аъзои дигари оилаи хонандагон 6. Ҳиссагузорӣ ва маблағгузории муштарак аз ҷониби бахши	1. Васеъ кардани фарогирӣ ва дастрасӣ ба таҳсилоти босифати рушди барвақтии кӯдак ва умумӣ 2. Беҳтар намудани ҳавасмандӣ ва дастрасӣ ба таҳсилоти касбии техникӣ 3. Беҳтар намудани дастрасӣ ба таҳсилоти олии касбӣ 4. Густариш ва татбиқи низоми таълими давомдор барои ҳама 5. Таъмини фарогирии таҳсилот барои ҳамаи гурӯҳҳои иҷтимоӣ 6. Коҳиши сатҳи хориҷ шудани хонандагон аз муассисаҳои умумӣ 7. Таъмини шароити бехатар ва мусоиди иҷтимоӣ барои таҳсил дар ҳамаи	1. ТАЪМИНИ ДАСТРАСИИ БАРОБАР ВА ИШТИРОК ДАР ТАҲСИЛ ДАР ҲАМАИ ЗИНАҲО БАРОИ ҲАМА ДАР ТӮЛИ ЗИНДАГӢ	Низоми самарабахши маориф ва илм, ки имкониятҳои фарогир ва баробарро таъмин мекунад ва ба ташаккули салоҳият, рушди зеҳнӣ, бакортаъминкунӣ (шуғл) ва беҳбудии некуаҳволии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон мусоидат мекунад
	1. Таквиятинеруикадриикормандонисоҳаимаориф 2. Ташкили низоми самаранок ва таъйирпазиритайёркарданвабозомӯзиюмӯзгоронвакормандонисоҳаимаорифваилмдарҳамаисатҳҳо 3. Баландбардоштани ҳавасмандиикасбии омӯзгоронвакормандонидигарисоҳаимаорифдарҳамаисатҳҳоваминтақаҳо 4. Татбиқинизоми самаранок ва механизмҳоиинститутсионалииарзёбии сифати таълим (дар ҳамаизинаҳо) дар асоси муносибати босалоҳият 5.Таъмини низоми босифати рушди барвактиикӯдак 6. Ҷорӣнамуданибарномаитаълимимуосирдартаҳсилотиумумӣ, кибамуносибатибосалоҳиятасосёфта, ҷавобгӯйи талаботи асри XXI мебошад 7. Таҳиявататбиқистандартҳо, чорчӯбаитахассусӣвамаводидигаритаълимӣдартаҳсилотикасбӣ, кибаталаботибозоримехнатзичалоқаманданд 8. Таҳкимиҳамкориимуассисаҳоитаълимӣбобахшихусусӣвашариконирушд,	2. БАЛАНД БАРДОШТАНИ СИФАТ ВА МУҲИММИЯТИ ТАҲСИЛОТ ВА ИЛМ ДАР ҲАМАИ ЗИНАҲО	
	1. Таҳкими ҷараёни ҳамоҳангсозии ислоҳот дар соҳаи маориф ва илм 2. Истифодаи дурусти маълумоти ҷамъоваришуда ва ҷараёни кабули қарорҳо дар ҳамаи зинаҳои соҳаҳои маориф ва илм 3. Таҳкими низоми идораи молияи давлатӣ дар соҳаи маориф, аз ҷумла робитаи ислоҳот бо маблағгузорӣ 4. Ҷорӣ намудани низоми самарабахши мониторинг ва арзёбии татбики		3. ТАҚВИЯТИ НИЗОМИ САМАРАНОКИ ИДОРАИ СОҲАҲОИ МАОРИФ ВА ИЛМ	

БОБИ 4. САМТҲОИ КАЛИДИИ ИСЛОҲОТ

§ 4. **Таҳсилоти олии касбӣ**

171. Даъватҳое, ки имрӯз низоми таҳсилоти олии касбӣ бо онҳо рӯ ба рӯ шудааст, бо зарурати таъмини рақобатпазирии он дар арсаи байналмилалӣ алоқаманд мебошанд, ки роҳи расидан ба он вусъати ҳамкории ҳамаҷониба ва ҷалби корфармоён аз соҳаҳои гуногуни иқтисодиёт (дар таҳияи барномаҳои таълимӣ, таҳсил ва арзёбии натиҷаҳои фаъолияти муассисаҳои таълимии таҳсилоти олии касбӣ) ва ташкили марказҳои инноватсионӣ дар дохили Ҷумҳурии Тоҷикистон аст. Барои пайдо кардани посух ба ин бояд таҳаввулоти технологӣ, воридшавии фаъоли технологияҳои рақамӣ дар ҳаёти рӯзмарра ва инчунин тағйирёбии нақшҳои донишҷӯ ва устод ба назар гирифта шавад.

172. Сарфи назар аз он ки қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон иштироки низоми хусусиро дар таҳсилот, аз ҷумла дар бахши таҳсилоти олии касбӣ иҷозат медиҳад, иштироки бахши хусусӣ дар зинаи мазкур маҳдуд аст. Таҳсилоти олии касбӣ дар кишвар имконияти гирифтани дараҷаҳои бакалавр (4 соли таҳсил), магистр (2 соли таҳсил) ва докторантураро (3 соли таҳсил) фароҳам овардааст.

173. Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон низоми таҳсилоти олии касбиро барои оянда ба сифати воситаи ташаккули сармояи инсонӣ, ки ба рушди иқтисодӣ дар ҷаҳони зудтағйирёбанда мусоидат мекунад, муайян кардааст. Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон вазифа гузоштааст, ки мазмуни фаннии таҳсилоти олии касбиро дар самти рушди малакаҳои касбӣ такмил дода, дигаргун созад, то ки талаботи бозори меҳнат бештар қонеъ гардонида шуда, неруи кишвар инкишоф дода шавад.

Ҷадвали 9. Шумораи умумӣ ва қабули донишҷӯён ба муассисаҳои таълимии таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои 2010-2018

Соли таҳсил	Теъдоди муассисаҳо	Теъдоди донишҷӯён		Қабул ба муассисаи таълимии таҳсилоти олии касбӣ	
		Ҳамагӣ	Аз ҷумла духтарон	Буҷетӣ	Шартно мавӣ
2010-2011	35	146535	43691	12159	16462
2011-2012	35	151207	43118	12719	18635
2012-2013	36	151003	42015	13921	24817
2013-2014	38	157791	42925	16202	25439
2014-2015	38	167660	53217	13397	22078
2015-2016	38	178109	58881	12590	26120
2016-2017	39	189711	65501	14988	33088
2017-2018	39	191550	67780	13956	35514
2018-2019	40	209,800	73906	15304	38990

174. Барои рушди низоми таҳсилоти олии касбӣ ва таъмини ҳамгиройии он дар фазои аврупоии таҳсилоти

олӣ Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳоло ба масъалаи пайваст шудан ба Эъломияи Болония фаъолона машғул аст. Аз соли 2007 Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон барои татбиқи баъзе ислоҳот, аз ҷумла ҷорӣ намудани низоми таҳсилоти сезинагӣ, татбиқи Низоми аврупоии интиқол ва андӯхти кредит оғоз намудааст. Ислоҳоти дигари муҳим, аз ҷумла таъсиси низоми таъмини сифат ва низоми миллии тахассусӣ ба таҳия ниёз дорад. Корҳои асосии марбут бо таҷдиди назар намудани низоми таҳсилоти олии касбӣ, махсусан, дар самти идоракунии низоми таҳсилоти олии касбӣ, таъмини сифат, таълим ва арзёбии дониши донишҷӯён бояд дар ҷараёни татбиқи Стратегияи миллии рушди Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 амалӣ шаванд.

175. Дар ибтидои ба даст овардани истиқлолият дар Ҷумҳурии Тоҷикистон 13 муассисаи таҳсилоти олӣ фаъолият доштанд, ки дар онҳо 69300 нафар донишҷӯ ба қайд гирифта шуда, 5400 нафар устод кор мекарданд. Теъдоди умумии донишҷӯён танҳо баъд аз соли 2000-ум босуръат афзоиш ёфт. Дар соли таҳсили 2018-2019 дар Ҷумҳурии Тоҷикистон 40 муассисаи таълимии таҳсилоти олии касбӣ, аз ҷумла 17 донишгоҳ, 14 донишкада, 1 консерватория, 4 муассисаи олии мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва 4 филиал фаъолият мекарданд, ки дар онҳо 209800 нафар донишҷӯ таҳсил ва 9061 нафар устод кор мекарданд. 69,9% донишҷӯён дар шуъбаи рӯзона ва 30,1% дар шуъбаи ғоибона таълим мегирифтанд.

176. Солҳои 2010-2018 миқдори муассисаҳои таълимии таҳсилоти олии касбӣ ва шумораи донишҷӯён се маротиба афзудааст. Аммо ҳиссаи духтарон ва занҳо дар муассисаҳои таълимии таҳсилоти олии касбӣ нисбатан паст аст. Масалан, дар соли таҳсили 1991-1992 шумораи духтарону занон 34%-ро ташкил дода буд, дар соли таҳсили 2018-2019 ин

нишондиҳанда ба 36,4% баробар аст. Ин яке аз масъалаҳои мубрами низоми таҳсилоти олии касбӣ ва умуман, ҷамъият мебошад. Вобаста ба ин, сиёсати давлат дар соҳаи таҳсилоти олии касбӣ ба зиёд намудани фарогирии духтарону занон бо таҳсилоти олӣ равона карда шудааст.

177. Агар афзоиши шумораи донишҷӯёни муассисаҳои таълимии таҳсилоти олии касбиро бо суръати афзоиши аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон муқоиса кунем, маълум мегардад, ки дар давраи мавриди назар шумораи донишҷӯён ба ҳар як 10000 нафар аҳолӣ аз 124 нафар дар солҳои 1991-1992 то 232 нафар дар солҳои 2018-2019 афзоиш ёфтааст. Ҳамин тариқ, аз лаҳзаи ба истиқлолият соҳиб шудани кишвар шумораи донишҷӯён ба ҳар як 10000 нафар аҳолӣ 1,87 маротиба афзудааст. Гурӯҳбандии минтақавӣ нишон медиҳад, ки 57,8% донишҷӯёни Ҷумҳурии Тоҷикистон дар муассисаҳои таълимии таҳсилоти олии касбии шаҳри Душанбе, 19,6% – дар вилояти Суғд, 17,9% – дар вилояти Хатлон, 2,2% – дар Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон ва 1,6% дар шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ таҳсил мекунанд.

178. Сарфи назар аз афзоиши шумораи дохилшавандагон ба муассисаҳои таълимии таҳсилоти олии касбӣ ҳиссаи хатмкунандагони муассисаҳои таълимии таҳсилоти умумӣ ва зинаи таҳсилоти ибтидоӣ ва миёнаи касбӣ, ки ба муассисаҳои таълимии таҳсилоти олии касбӣ дохил шудаанд, аз нишондиҳандаҳои нақшавии қаблӣ қафо мондааст. Дар соли таҳсили 2018-2019 ин нишондиҳанда 34,4%-ро ташкил дод, ки нисбат ба нишондиҳандаи соли қаблӣ 3,1% баландтар буда, аммо аз нишондиҳандаи ҳадафҳои пешниҳодкардаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон (бо нишондиҳандаи 5,6%) камтар аст. Сабаби ин ҳанӯз ҳам мавҷуд будани тафовут дар дастрасӣ ба хизматрасониҳои босифати таълимӣ бо

сабабҳои гуногун, аз ҷумла аз рӯйи ҷойи истиқомат (шаҳр ё деҳа) ва вазъи иқтисодии оилавӣ мебошад. Тибқи маълумоти Низоми иттилоотии идоракунии маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз соли 2010 то 2018 қабулшавӣ ба муассисаҳои таълимии таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31354 то 54294 нафар, ё худ ба андозаи 1,7 баробар афзудааст. Ҳамчунин бояд дар назар дошт, ки теъдоди муайяни хатмкунандагони муассисаҳои таълимии таҳсилоти миёнаи умумӣ ба муассисаҳои таълимии таҳсилоти олии кишварҳои дигар дохил мешаванд.

179. Яке аз ислоҳоти бомуваффақона дар соҳаи таҳсилоти олии касбӣ таъсиси Маркази миллии тестии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар моҳи декабри соли 2013 буд. Он имкон дод, ки сатҳи шаффофият ва истифодаи технологияҳои рақамӣ дар ҷараёни имтиҳоноти ягонаи марказонидашуда ва қабул ба муассисаҳои таълимии таҳсилоти олии касбии ҷумҳурӣ баланд бардошта шавад. Лоиҳаи таъсиси Маркази миллии тестии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҷониби Бонки Умумиҷаҳонӣ, Федератсияи Россия ва Институти «Ҷамъияти Кушода» – Бунёди Мадад дастгирӣ гардид. Ба салоҳияти Маркази миллии тестӣ идораи шаклҳои муътамад ва ҳақиқии арзёбии таълими донишҷӯён, аз ҷумла имтиҳоноти қабул ба муассисаҳои таълимии таҳсилоти олии касбӣ, арзёбии ниҳоии зинаҳои гуногуни таҳсил ва арзёбиҳои миқёсан васеи миллӣ ва байналмилалӣ дохил мешавад.

180. Дар соли аввали фаъолияти Маркази миллии тестӣ аз соли 2013 то соли 2014, қабули духтарон ба муассисаҳои таълимии таҳсилоти олии касбӣ 8% афзоиш ёфт. Аз соли 2010 то соли 2016 ин нишондиҳанда то 29% афзоиш ёфтааст. Сатҳи дастрасӣ ба таҳсилоти олии касбӣ барои аҳолии деҳот низ афзоиш ёфт. Тибқи назарсанҷиҳои афкори омма ва

андешаҳои мутақобилаи худи донишҷӯён ва аъзои хонаводаҳои онҳо, бо ҷорӣ кардани низоми ягонаи имтиҳоноти дохилшавӣ шавқу ҳавас барои идомаи таҳсил дар муассисаҳои таълимии таҳсилоти олии касбӣ пас аз хатми муассисаҳои таълимии таҳсилоти умумӣ дар байни ҷавонон хеле афзудааст. Солҳои минбаъда Маркази миллии тестӣ фарогирии имтиҳоноти ягонаи дохилшавиро васеъ намуда, муассисаҳои таълимии таҳсилоти миёнаи касбиро низ фаро гирифт.

181. Яке аз нишондиҳандаҳои муҳимми ифодагари неруи сармояи инсонӣ коэффитсиенти маҷмӯии фарогирӣ ба таҳсилоти олӣ мебошад. Зариби маҷмӯии фарогирӣ ба таҳсилоти олии касбӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли таҳсили 2018-2019 15,3%-ро ташкил дод, ки дар муқоиса, масалан бо низоми таҳсилоти олии Иттиҳоди Аврупо хеле кам мебошад.

182. Бо вуҷуди чораҳои андешидашаванда, низоми таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҳоли ҳозир тайёрии мутахассисонро мутобиқ ба талаботи тағйирёбандаи бозори меҳнат наметавонад дар сатҳи зарурӣ таъмин кунад. Ҳолатҳои зиёде мушоҳида мешаванд, ки хатмкунандагони муассисаҳои таълимии таҳсилоти олии касбӣ дорои малакаҳои зарурӣ барои кор дар соҳибкории рушдёбанда намебошанд, оид ба иқтисоди идораву ширкатҳо дониши кофӣ надоранд. Камбуди мутахассисони соҳаи муҳандисӣ-техникӣ барои корхонаҳои саноатӣ, менеҷерҳо (роҳбарон)-и ботаҷриба ва касбӣ барои соҳаҳои соҳибкории хурд ва миёна ба мушоҳида мерасад. Дар маҷмӯъ, тайёр кардани кадрҳо бо дарназардошти талаботи бозори меҳнат дар соҳаҳои дигар низ мушкилоти ҷиддӣ ба ҳисоб меравад. Талаботи соҳаи соҳибкорӣ ба тайёр кардани кадрҳо нисбат ба қобилияти тайёр кардани мутахссисон аз ҷониби муассисаҳои таълимии

таҳсилоти олии касбӣ оид ба қонеъ сохтани ин талабот бештар тағйирёбанда ба назар мерасад.

183. Мушкилоти дигари низоми таҳсилоти олии касбӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба квотаҳо ҷудо кардани ин ва ё он ихтисос, аз ҷумла шакли пулакӣ-шартномавии таҳсил низ мебошад. Аз соли хониши 2011-2012 шумораи донишҷӯёни тибқи квотаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳсилкунанда аз 5154 то 7190 нафар зиёд шуд, дар сурате ки таносуби духтарон 49,1% ва 47,8%-ро ташкил дод. Ҳукумат барои дохилшавӣ ба муассисаҳои таълимии таҳсилоти олии касбӣ квотаҳои иловагиро низ муқаррар менамояд, вазифаи асосии он қонеъ гардонидани талаботи афзоянда ба таҳсилоти олӣ мебошад. Номукаммалии шаклҳои экстернат ва таълими фосилавӣ, ҳамчунин набудани бахши ғайридавлатӣ ва алтернативии хизматрасонӣ дар ин зинаи таҳсилот низ масъалаи дастрасӣ ба таҳсилоти олиро мушкилтар мегардонад. Ҳалли ин масъалаҳо дар доираи татбиқи Стратегияи мазкур афзалиятнок ба ҳисоб меравад.

184. Яке аз масъалаҳои дигари таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳолатҳои хориҷ кардани донишҷӯён мебошад, ки рӯ ба афзоиш аст. Хориҷкунӣ аз ҳама бештар ба низоми баҳодиҳии солонаи дониши донишҷӯён – малакаю қобилияти онҳо тибқи Стандартҳои давлатии таҳсилот вобаста аст, ки аз ҷониби Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳия гардидааст. Дар давоми соли таҳсили 2016-2017 чоряки донишҷӯёни донишгоҳҳо бо сабаби нокомӣ, яъне муваффақ нашудан дар таҳсил аз муассисаи таълимӣ хориҷ карда шудаанд. Хориҷшавии донишҷӯён бо дарназардошти ду сабаб ба амал меояд: қарзҳои академикӣ ва дар дарсҳо иштирок накардан, махсусан, байни духтарон дар деҳот.

185. Таъминот бо компютерҳо ва синфхонаҳои компютерӣ низ нокифоя боқӣ мемонад. Тибқи

маълумоти Низоми иттилоотии идоракунии маорифи Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон тахминан 74% муассисаҳои таълимии таҳсилоти олии касбӣ ба баланд бардоштани сатҳи таъминот бо таҷҳизот ва синфхонаҳои компютерӣ эҳтиёҷ доранд. Ба ғайр аз ин, дар низоми таҳсилоти олии касбӣ норасоии таъминот ба хобгоҳ низ ба мушоҳида мерасад. Тибқи маълумоти Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон дар 7 муассисаи таълимии таҳсилоти олии касбӣ хобгоҳ мавҷуд нест, дар 15-тои дигар танҳо як хобгоҳ мавҷуд аст. Ин номукаммалӣ ва нокифоягии инфрасохтор аз мушкил гаштани дастрасӣ ба таҳсилоти олӣ шаҳодат медиҳад.

186. Таҳсилоти олии касбӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҳолати ислоҳоти муттасил қарор дорад, аммо ислоҳот бо сабаби заифии неруи кадрӣ ва ноустувории муносибатҳои иштирокчиёни бозори меҳнат боздошта мешавад. Тағйироте, ки дар муассисаҳои таълимии таҳсилоти олии касбӣ ба мушоҳида мерасанд, аксар вақт ҳамчун аксуламал ба омилҳои демографӣ, муҳоҷират ва иҷтимоию иқтисодӣ ба вуҷуд меояд. Интихоби стратегияи рушди минбаъдаи муассисаҳои таълимии таҳсилоти олии касбӣ бо сабабҳои қавӣ набудани робитаи мутақобила барои баланд бардоштани самаранокӣ ва дастрасии хизматрасониҳои таълимӣ, нокифоятии инноватсияҳо дар низоми технологияҳои таълим ва мазмуни таҳсилот, мавҷуд набудани низоми пешгӯйӣ ва дастгирии қабули қарорҳои идоравӣ барои таҳсилоти олии касбӣ мушкилтар мегардад.

187. Як қатор дастовардҳо мавҷуданд, ки рушди минбаъдаи низомро, аз ҷорӣ намудани стандартҳои давлатии таҳсилот то гузариш ба самтҳои асосии фаъолият дар асоси лоиҳа, муайян менамоянд. Новобаста ба мавҷуд будани мушкилот, низоми таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар

бозори байналмилалии хизматрасонии таҳсилот рақобатпазир боқӣ мемонад. Айни замон ташаккули механизми беҳтарсозӣ ва рушди касбии ҷавонон, аз ҷумла воситаҳои мутобиқшавӣ ба бозори меҳнат идома дорад. Аз рӯйи маълумоти пешакӣ ба ҳисоби миёна на камтар аз 35-40% мутахассисон ба талаботи бозори меҳнат ҷавобгӯ нестанд.

188. Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҳоли ҳозир низоми пайгирии хатмкунандагони муассисаҳои таълимии таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистонро озмоиш карда истодааст, ки бо дастгирии Бонки Умумиҷаҳонӣ дар доираи лоиҳаи Рушди таҳсилоти олӣ, ки татбиқи он аз моҳи марти соли 2016 то моҳи октябри соли 2021 ба нақша гирифта шудааст, амалӣ мегардад. Тарзу усулҳои озмоиш бо дарназардошти таҷрибаи амалии кишварҳои дигар таҳия мегарданд ва ба шароити воқеӣ ва муҳити Тоҷикистон то ҳадди имконпазир мутобиқ гардонида мешаванд. Аз рӯйи натиҷаҳои озмоиш ва татбиқи пурраи ин низом заминаҳои таҳия (ё бознигарӣ)-и барномаҳои таълими ҷории таҳсилоти олии касбӣ таъсис дода мешаванд, ки ба талаботи бозори меҳнат ҷавобгӯ хоҳанд буд.

189. Соли 2019 дар доираи татбиқи лоиҳаи Рушди таҳсилоти олӣ, ки аз ҷониби Бонки Умумиҷаҳонӣ маблағгузорӣ мегардад, таҳқиқоти миллии корфармоён гузаронида шуд. Дар ҷараёни ин таҳқиқот 400 корфармо аз корхонаю ширкатҳои гуногун ба пурсиш ҷалб гардиданд, ки дар онҳо 27555 корманд кор мекарданд. Таҳқиқот панҷ самти асосии соҳаҳои иқтисодиёт ва навъҳои гуногуни корфармоёнро аз рӯйи шакли моликият ва ҳайати кормандон фаро гирифт. Тибқи натиҷаҳои таҳқиқот, 75%-и корфармоён қайд карданд, ки дипломи таҳсилоти олии касбӣ барои ба кор қабул кардан нақши муҳим мебозад. Айни замон, 47%-и пурсидашудагон аз сатҳи малакаҳои касбии

кормандони худ қонеъ нестанд. Ин аз он шаҳодат медиҳад, ки корфармоён на танҳо мехоҳанд кормандонро бо малака ва қобилияти иловагӣ ҷалб кунанд (ки ҳоло аз ин чиз танқисӣ мекашанд), балки зимнан эътироф мекунанд, ки кормандони онҳо ба таълим ва тайёрии касбӣ ниёз доранд. Ин барои муассисаҳои таълимии таҳсилоти олии касбии кишвар имкониятҳои навро барои густариши ҳамкорӣ бо корфармоён фароҳам месозад.

190. Хулосаҳои асосии таҳқиқот, ки андешаи суст будани робитаи мутақобилаи байни таҳсилоти олии касбӣ ва бозори меҳнатро тасдиқ мекунад, он аст, ки корфармоён (аксари онҳо ширкатҳои хурд бо камтар аз 30 корманд мебошанд) дар таълими кормандони худ хеле кам иштирок мекунанд, дар таҳияи барномаҳои таълимӣ ва барномаҳои таҳсилот аз рӯйи ихтисосҳое, ки дар муассисаҳои таълимии таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон таълим дода мешаванд, ширкати онҳо боз ҳам камтар аст. Дар маҷмӯъ, 90% корфармоёни ба таҳқиқот ҷалбшуда бар он ақидаанд, ки малакаҳои касбӣ барои кормандони онҳо ва хатмкунандагони муассисаҳои таълимии таҳсилоти олии касбӣ хеле муҳиманд. Таҳлили стандартҳои давлатии таҳсилот ва стандартҳои давлатии касбӣ ҳамчунин ошкор намуд, ки аз рӯйи баъзе ихтисосҳои академикӣ стандартҳо умуман вуҷуд надоранд ва ё барои ба талаботи бозори меҳнат ҷавобгӯ будан ба таҷдиди назари ҷиддӣ эҳтиёҷ доранд.

191. Таъмини сифати таҳсилот дар низоми таҳсилоти олии касбӣ тавассути гузаронидани аттестатсия ва аккредитатсияи давлатӣ, инчунин гирифтани иҷозатнома барои пешбурди фаъолияти таълимӣ тасдиқ карда мешавад. Агентии давлатии назорат дар соҳаи маориф ва илми назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ваколатдор аст, ки дар панҷ сол

як маротиба аттестатсия ва аккредитатсияи муассисаҳои таълимиро ташкил кунад.

192. Дар тамоми муассисаҳои таълимии таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон низоми назорати дохилии сифат ҷорӣ карда шудааст, ки фаъолияти худро аз назорати қабули донишҷӯён ба муассисаи таълимӣ ташкил менамояд. Назорати сифати таълим ҳангоми сессияҳои имтиҳонҳо ва имтиҳоноти давлатии хатм дар сатҳи шӯроҳои таълимию методӣ баррасӣ мешавад, ки дар онҳо мазмуни барномаҳои таҳсилот, технологияҳои таълим, рушди малакаҳои амалӣ, инчунин сифати таҷрибаомӯзии истеҳсолӣ ва таълимӣ ба назар гирифта мешаванд. Ҳамзамон, ҷалби корфармоёни ҳамаи шаклҳои моликият ба ин раванд барои наздик кардани интизориҳои таҳсилоти олии касбӣ ба талаботи бозори меҳнат, аз ҷумла соҳаҳои мухталифи иқтисодиёт хеле муҳим аст.

193. Таҳлили натиҷаҳои сессияҳои имтиҳонӣ ва имтиҳонҳои давлатии хатм, ки ҳар сол аз ҷониби Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон гузаронида мешавад, маълум сохтааст, ки нишондодҳои сифати таълими донишҷӯён дар муассисаҳои таълимии таҳсилоти олии касбӣ он қадар баланд нестанд. Тибқи стандартҳои байналмилалӣ низоми арзёбии донишҷӯёнро аз рӯйи натиҷаҳои ниҳоии омӯзишӣ, яъне бо роҳи ҷорӣ намудани муносибати босалоҳият ба таълим арзёбӣ кардан зарур аст. Аттестатсияи кормандони соҳаи таҳсилоти олии касбӣ аз ҷониби комиссияҳои махсус (комиссияҳои озмунӣ) гузаронида мешавад, ки фаъолияти ҳайати профессорону устодонро барои ҳар 5 сол арзёбӣ мекунанд. Имрӯз зарурати такмили низоми арзёбии ҳайати профессорону устодони муассисаҳои таълимии таҳсилоти олии касбӣ тибқи меъёрҳои нав бо истифода аз технологияҳои инноватсионӣ (аз ҷумла меъёрҳои

рейтингии арзёбии ҳайати профессорону устодон, кор дар реҷаи онлайн ва ғ.) ба миён омадааст.

194. Дар маҷмӯъ, сифати хизматрасонӣ дар муассисаҳои таълимии таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз таркиби ҳайати устодон, шумораи таҷрибаомӯзӣ ва курсҳои такмили ихтисос, иштирок дар конференсияҳои илмӣ-амалӣ, маводи чопӣ ва ғайра вобаста аст. Бояд қайд кард, ки кадрҳои педагогии низоми таҳсилоти олии касбӣ фаъолияти касбии худро маҷбуранд дар шароите амалӣ созанд, ки мазмуни барномаҳои таълимӣ бо талаботи соҳаҳои иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон кам мутобиқат дорад. Дар муассисаҳои таълимии таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон 11693 омӯзгор фаъолият мекунанд, ки аз онҳо 4125 нафарашон занон мебошанд. Ҳайати педагогии муассисаҳои таълимии таҳсилоти олии касбӣ дар панҷ сол як маротиба дар Донишкадаи такмили ихтисоси омӯзгорони муассисаҳои таълимии таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, дар корхонаҳои истеҳсолӣ ва субъектҳои дигари бозори меҳнат аз такмили ихтисос мегузаранд.

195. Бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 25 феврали соли 2017, №94 Стандарти давлатии таҳсилоти олии касбӣ тасдиқ карда шуд, ки дар асоси он ҳамаи муассисаҳои таълимии таҳсилоти олии касбӣ стандартҳои давлатии таҳсилотро аз рӯйи ихтисос таҳия ва тасдиқ карданд.

196. Бо мақсади дохил шудан ба фазои ягонаи таҳсилоти олӣ аз соли таҳсили 2015-2016 дар муассисаҳои таълимии таҳсилоти олии касбӣ низоми кредитии таълим ҷорӣ шудааст. Бо қарори коллегияи Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 декабри соли 2016, №19/24 Низомномаи низоми кредитии таҳсилот дар муассисаҳои таълимии таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ

шуд, ки он қоидаҳои пешбурди ҷараёни таълим дар низоми нав пешбинӣ шудаанд. Дар низомномаи мазкур мафҳумҳои асосӣ ва шарҳи онҳо, ташкили раванди таълим дар заминаи низоми кредитии таълим, ҷадвали арзёбии донишҷӯён, қоидаҳои хориҷ ва барқарор кардани донишҷӯён ва ғайра оварда шудаанд. Бо ҷорӣ намудани низоми кредитии таҳсил дар ҳамаи муассисаҳои таълимии таҳсилоти олии касбии кишвар миқдори умумии фанҳои таълимӣ ба кредитҳо баргардонида шуда, шумораи умумии онҳо дар як сол (60-70 кредит) вобаста ба хусусиятҳои ҳар як муассисаи таълимии таҳсилоти олии касбӣ муқаррар карда шуд.

197. Соли таҳсили 2018-2019 сатҳи дохилшавии духтарон ба муассисаҳои таълимии таҳсилоти олии касбӣ ба 35,8%, дар соли таҳсили 2017-2018 ба 35,4% ва дар соли таҳсили 2016-2017 ба 34,5% баробар буд. Солҳои охир қабули духтарон ба муассисаҳои таълимии таҳсилоти олии касбӣ тақрибан 1/3 шумораи умумии донишҷӯёнро ташкил медиҳад. Шумораи донишҷӯёни муассисаҳои таълимии таҳсилоти олии касбӣ (аз ҷумла, занону духтарон) дар соли 2017 ба ҳар 10 000 нафар 215,2 нафарро ташкил дод, ки ин нисбат ба соли қаблӣ 2,8 нафар ва аз нишондиҳандаи нақшавии ҳамон сол 34,8 нафар камтар аст.

198. Соли таҳсили 2018-2019 дар муассисаҳои таълимии таҳсилоти олии касбии кишвар 7190 нафар аз рӯйи квота таҳсил мекарданд, ки аз онҳо 3438 нафар духтар ва 3752 нафар писар мебошанд. Дар густариши дастрасии духтарон ба таҳсилот татбиқи тавсияҳо дар бораи зиёд кардани синни издивоҷ аз 17 то 18 сол нақши муҳимро бозид. Пас аз хатми таҳсилоти ҳатмии асосӣ сатҳи баланди тарки таҳсил дар байни духтарон ба мушоҳида мерасад, ки ин ба оқибатҳои мушкилоти амиқи иқтисодиву иҷтимоӣ дар ҷомеа вобаста мебошад. Сабаби дигари тарки таҳсил кардани

духтарон издивоҷи бармаҳал, ба кори хона банд будан ва кӯдакони хурдсолро нигоҳубин кардан аст.

199. Бо мақсади татбиқи ҳуқуққои занон дар се соли охир дар баробари санадҳои меъёрии ҳуқуқии амалкунанда як қатор қонунҳо ва қарорҳо қабул карда шуданд. Аз ҷумла, Барномаи давлатии тарбия, интихоб ва ҷобаҷогузории кадрҳои роҳбарикунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҳисоби занону духтарони лаёқатманд барои солҳои 2017-2022, Нақшаи чорабиниҳои Стратегияи миллӣ оид ба фаъол сохтани нақши занон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2015-2020, инчунин татбиқи Стратегияи миллии фаъол сохтани нақши занон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2011-2020.

200. Ба туфайли чораҳои андешидаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон нобаробарии гендерӣ дар зинаҳои гуногуни таҳсилот коҳиш ёфт. Бояд ба он эътибор дод, ки аз рӯйи ихтисосҳое, ки талабот ба онҳо дар мақомоти давлатӣ зиёд аст, мардон бартарӣ доранд. Агар ҳиссаи духтарон дар ихтисосҳои педагогии муассисаҳои таълимии таҳсилоти олии касбӣ 75,3% ва дар муассисаҳои таълимии таҳсилоти миёнаи касбӣ 64,8%-ро ташкил диҳад, дар гурӯҳи ихтисоси «Ҳуқуқ» дар муассисаҳои таълимии таҳсилоти олии касбӣ ин нишондиҳанда ба 19% ва дар муассисаҳои таълимии таҳсилоти миёнаи касбӣ тақрибан 6%-ро ташкил медиҳад. Дар ихтисосҳои соҳаи иқтисод ҳиссаи духтарон ба 28% баробар аст. Сатҳи пасттарини таҳсилоти духтарон дар ихтисоси «Кишоварзӣ» мушоҳида мешавад. Дар муассисаҳои таълимии таҳсилоти олии касбӣ шумораи духтароне, ки дар ин ихтисос таҳсил мекунанд, бештар аз 5% аст.

201. Се муассисаи таълимии таҳсилоти олии касбӣ барои қабул ва таълими шахсони дорои имконияташ маҳдуд дар низоми таҳсилоти олии касбӣ омода шуда,

дар муассисаҳои дигари таълимӣ фароҳам овардани шароит барои чунин шахсон идома дорад.

202. Тибқи Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 нуқтаҳои рушди институтсионалии таҳрикдиҳанда ва ҷиддӣ бояд чунин бошанд:

- рушди низоми аттестатсияи омӯзгорон ва аккредитатсияи муассисаҳои таълимӣ;

- таъмини тағйирпазирии барномаҳои таълимӣ, аз ҷумла дар асоси ҷорӣ намудани низоми таҳияи модулии барномаҳо;

- таъмини иртиботи дониши касбӣ ва малакаи амалӣ (ташаккули стандартҳои таълимӣ ва касбӣ аз рӯйи ихтисосҳои гуногун бо ҷалби корхонаву ташкилотҳо, пешбурди ҷараёни таҳсил бо истифода аз иқтидорҳои корхонаҳои азим, ташкили майдончаҳои истеҳсолии таълимӣ);

- пурзӯр намудани тахассуси соҳавии муассисаҳои таълимии таҳсилоти олии касбӣ бо бунёди неруи пуриқтидори корҳои илмию таҳқиқотӣ ва амалию таҷрибавӣ;

- ошкор намудани талабот ва ҷорӣ намудани барномаҳои нави таҳсилот, ки ба таъсиси ихтисос ва бозомӯзӣ ҷиҳати истифода аз технологияҳои ба муҳити зист, ба самаранокии нерую захираҳо алоқаманд мебошад, равона шудааст ва ҳайати кадриро барои “шуғли сабз” ташаккул медиҳад;

- андешидани як қатор тадбирҳо дар самти таъмини дастрасии шахсони дорои маъюбият ба таҳсилоти касбии босифат;

- пурзӯр намудани ҷузъҳои таҳқиқотӣ ва ҳамгироии байналмилалии таҳсилоти касбӣ.

203. Дар доираи Стратегияи мазкур Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти таҳсилоти олии касбӣ афзалиятҳои муайянро муқаррар намудааст (бо гурӯҳбандӣ аз рӯйи натиҷаҳои калидӣ).

204. Афзалиятҳо дар самти таъмини дастрасии баробар ва иштирок дар таҳсил:

1) чораи афзалиятноки ислоҳот 4.4.1 – таъмини дастрасии баробар ва иштирок дар таҳсилоти олии касбӣ, новобаста ба ҷинс, вазъи иқтисодӣ ва иҷтимоӣ, мансубияти этникӣ:

- таҳия ва ҷорӣ намудани барномаи ҷудо кардани стипендияҳои мавзӯӣ барои таҳсил дар сатҳҳои гуногуни таҳсилоти олӣ аз ҷониби бахшҳои давлативу хусусӣ;

- тавсеаи дастрасии табақаҳои гуногуни аҳолӣ, аз ҷумла ақаллиятҳои миллӣ ба таҳсилоти олӣ аз рӯйи квотаву имтиёзҳо;

- аз ҷониби муассисаҳои таълимии таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳия намудани стратегия оид ба маъракаҳои мунтазами иттилоотӣ дар байни хатмкунандагони муассисаҳои таҳсилоти умумӣ, муассисаҳои таълимии таҳсилоти ибтидоӣ, аз ҷумла баргузории рӯзи дарҳои кушод ва роҳандозӣ намудани саҳифаҳо дар сомонаҳо;

2) чораи афзалиятноки ислоҳот 4.4.2 – тавсеаи дастрасӣ ба таҳсилоти олӣ тавассути таҳия ва татбиқи курсҳо/ихтисосҳои нав, вобаста ба эҳтиёҷоти бозори меҳнат:

- мунтазам зиёд кардани шумораи квотаҳо дар муассисаҳои таълимии таҳсилоти олии касбӣ ва такмили низоми гузаронидани имтиҳонҳои дохилшавӣ барои довталабон;

- таҷдиди назар ва ислоҳоти сиёсати хориҷкунӣ аз рӯйи пешрафт дар таҳсил пеш аз соли охири таҳсилоти олӣ;

- афзоиши шумораи умумии ҷойҳо дар низоми таҳсилоти олии касбӣ барои беҳтар шудани фарогирӣ, махсусан, барои духтарон;

- таҳияи курсҳо/ихтисосҳои нав аз ҷониби муассисаҳои таълимии таҳсилоти олии касбӣ вобаста ба талаботи бозори меҳнат;

- ворид намудани тағйиру иловаҳо ба гурӯҳбандии давлатии ихтисосҳо бо дарназардошти талаботи бозори меҳнат;

- таҳия ва тасдиқи барномаҳои нави таълим барои ихтисосҳои нав;

- ташкили маъракаҳои иттилоотии доимӣ барои ҷалби хатмкунандагон ба ихтисосҳои нав;

3) чораи афзалиятноки ислоҳот 4.4.3 – афзоиши фарогирии духтарон бо таҳсилоти олии касбӣ аз рӯйи ихтисосҳои техникӣ ва технологӣ (муҳандисӣ):

- ташкили чорабиниҳои доимии иттилоотӣ барои ҷалби духтарон ба ихтисосҳои техникӣ ва технологӣ;

- таҳияи стратегияи муассисаҳои таълимии таҳсилоти олии касбӣ барои ҷудо кардани стипендияҳои баланд ба духтарон ва фароҳам овардани имтиёзҳо барои духтароне, ки дар ихтисосҳои техникӣ ва технологӣ таҳсил мекунанд;

- афзоиши шумораи квотаҳо барои ихтисосҳои техникӣ ва технологӣ барои духтарон;

4) чораи афзалиятноки ислоҳот 4.4.4 – фароҳам овардани шароити мусоид барои қабул ва таҳсили шахсони имконияташон маҳдуд дар муассисаҳои таълимии таҳсилоти олии касбӣ (инфрасохтор, дастрасӣ, кадрҳои зарурӣ):

- таҳияи стандартҳо оид ба барқарорсозии биноҳо ва утоқҳои омӯзишӣ барои таълими шахсони имконияташон маҳдуд;

- таҳияи барномаи таълим барои ҳайати профессорону омӯзгорон ҷиҳати таълими шахсони имконияташон маҳдуд;

- таҳияи барномаҳои таълими фосилавӣ барои шахсони имконияташон маҳдуд;

- бунёди марказҳои махсуси захиравии иттилоотӣ барои шахсони дорои маъюбият дар муассисаҳои таълимии таҳсилоти олии касбӣ, таҳияи барномаҳои махсуси давлатӣ оид ба таълим ва шуғли шахсони имконияташон маҳдуд, ҷудо кардани грантҳои мақсаднок барои таълими шахсони дорои маъюбият, таъсис ва тавсеаи муассисаҳои махсуси касбӣ ва барқарорсозӣ, таълими фосилавӣ ва беҳтар намудани дастрасии шахсони имконияташон маҳдуд ба муассисаҳои таҳсилоти олии ҷумҳурӣ;

- таҳияи меъёрҳои пешниҳоди стипендия барои донишҷӯён аз оилаҳои камбизоат;

5) чораи афзалиятноки ислоҳот 4.4.5 – тавсеаи дастрасӣ ба таълими фосилавӣ дар таҳсилоти олии касбӣ бо таваҷҷуҳ ба навоварӣ:

- таҳия ва ҷорӣ намудани курсҳо/барномаҳои таҳсилоти фосилавӣ. Таҳияи стратегия ва низомнома оид ба ҷорӣ намудани ин курсҳо;

- таҳияи механизми ҷорӣ намудани курсҳо бо дарназардошти таъминоти захираҳои интернетӣ;

- ба назар гирифтан ва ҷудо кардани трафики иловагӣ (ройгон)-и интернет барои донишҷӯёне, ки дар барномаҳои фосилавӣ таҳсил мекунанд;

- дар нақшаи маблағгузории низоми таҳсилоти олии касбӣ ворид намудани талабот оид ба таъмини минтақаҳо бо захираҳои интернетӣ, таъмини дастрасии донишҷӯёни таҳсилоти фосилавӣ ба интернет;

- такмили технологияи таҳсилоти фосилавӣ дар асоси низоми Moodle ё низомҳои дигари муосири таҳсилоти фосилавӣ;

- таҳияи методи арзёбии самаранокии фаъолияти низоми таҳсилоти фосилавӣ.

205. Афзалиятҳо дар самти такмили сифат ва муҳиммияти таълимро ташкил медиҳад:

1) чораи афзалиятноки ислоҳот 4.4.6 – таҳияи стандарти нав оид ба истифодаи технологияҳои

иттилоотӣ ва коммуникатсионӣ, таҳсилоти фосилавӣ ва шароит барои шахсони имконияташон маҳдуд:

- таҳияи курсҳои мултимедиявии савтӣ барои шахсони имконияташон маҳдуд;

- таҳия ва пур кардани платформаи таълими фосилавӣ бо маҷмӯаҳои таълимӣ-методӣ (матнҳо, лексияҳо, маводи мултимедиа, роҳнамо ва ғайра);

- таъмини азхудкунии фосилавии курсҳои лексионӣ, аз ҷумла супоришҳои имтиҳонҳои фосилавӣ ва ниҳоӣ;

- таъмини имконият барои баргузории видеоконфронсҳо, чатҳо ва истифодаи суроғаҳои электронӣ бо мақсадҳои таълимӣ;

2) чораи афзалиятноки ислоҳот 4.4.7 – баланд бардоштани сатҳи огоҳии ҷомеа оид ба аҳаммияти таҳсилоти олии касбӣ:

- ташкил ва гузаронидани маъракаҳои иттилоотии доимӣ оид ба афзалияти таҳсилоти олӣ, ихтисосҳои нав ва курсҳо;

- ташкили семинарҳо, мизҳои мудаввар, пахши барномаҳои телевизионӣ, чопи мақолаҳо дар васоити ахбори омма дар бораи нақш ва аҳаммияти таҳсилоти олӣ дар шароити ҷаҳонишавӣ ва байналмилалишавии хизматрасониҳои таҳсилотӣ;

3) чораи афзалиятноки ислоҳот 4.4.8 – такмили неруи ҳайати профессорону устодон тавассути ҷорӣ намудани таҷрибаомӯзӣ барои устодон дар хориҷа, беҳтар намудани дастрасӣ ба омӯзиши онлайнӣ, такмили ихтисоси мунтазам ва ҷалби хатмкунандагони лаёқатманд ва боистеъдод ба ҳайати профессорону устодони муассисаҳои таълимии таҳсилоти олии касбӣ:

- иҷрои корҳои мутамарказ ва мақсаднок оид ба интихоби озмунии кадрҳо ва ташаккули неруи кадрӣ;

- ҷалб ва нигоҳ доштани кадрҳои ҷавони илмиву педагогӣ дар муассисаҳои таълимии таҳсилоти олии

касбӣ дар асоси усулҳои ғайримуқаррарии ҳавасмандсозӣ;

- таҳияи барномаи такмили ихтисос ва бозомӯзии кадрҳои илмию педагогӣ ва маъмурӣ-идоравӣ;

- такмили низоми ҳавасмандсозии моддӣ ва маънавӣ корҳои омӯзгорӣ ва илмӣ-таҳқиқотӣ;

- гузаронидани арзёбии мунтазам ва холисонаи рейтингии натиҷаҳои фаъолияти кормандони илмию педагогӣ;

- ба нақшаи маблағгузории низоми таҳсилоти олии касбӣ ворид ва ҷорӣ намудани таҷрибаомӯзии берун аз қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон;

- аз ҷониби муассисаҳои таълимии таҳсилоти олии касбӣ ба нақшаҳои стратегии рушд ворид намудани шакли ҳатмии онлайнии такмили ихтисоси омӯзгорон аз рӯйи ихтисоси ҳайати профессорону омӯзгорон;

4) чораи афзалиятноки ислоҳот 4.4.9 – таҳияи низоми давлатии арзёбии сифати таҳсилоти олии касбӣ, ки ба натиҷаҳои таълим ва босалоҳиятӣ барои ҳар як сатҳи таълим асос ёфтааст:

- таъсиси низоми миллии аккредитатсияи мустақили барномаҳои таҳсилот ва муассисаҳои таълимӣ;

- таҳияи консепсияи марказҳои шаҳодатномадиҳӣ (сертификатсия) ва тахассусии касбӣ, ки якҷоя бо корфармоён пас аз гирифтани дипломи муассисаи таълимӣ барои донишҷӯёни муассисаҳои таълимии таҳсилоти олии касбӣ ба хотири арзёбии мустақилонаи тахассуси касбии хатмкунандагон имтиҳон ташкил мекунанд;

- беҳтар намудани сифати таҳсилот дар ҷараёни рушди кунунии низоми маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон бо истифода ва ҷорӣ кардани таҷрибаи аккредитатсияи байналмилалии барномаҳои таҳсилот;

- таҳия ва татбиқи низоми нави давлатии арзёбии сифати таҳсилоти олии касбӣ;

- таҳия ва татбиқи нақшаи чорабиниҳо аз ҷониби муассисаҳои таълимии таҳсилоти олии касбӣ барои мутобиқат ба стандартҳои байналмилалии таҳсилот;

- татбиқи низоми идораи сифат дар муассисаҳои таълимии таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва таҳияи санадҳои меъёрӣ оид ба ҷараёни фаъолияти муассисаҳои таълимии таҳсилоти олии касбӣ;

5) чораи афзалиятноки ислоҳот 4.4.10 – ҷорӣ намудани технологияҳои муосири таълим дар муассисаҳои таълимии таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз ҷумла таълими электронӣ, мобилӣ ва бисёрзабона:

- гузариш ба технологияҳои нави таълим бо дарназардошти дастовардҳои навтарин дар соҳаи илм, техника ва технология, ки ба муносибати босалоҳият ба таълим, истифодаи технологияҳои иттилоотӣ ва иртиботӣ, усулҳои лоиҳавии таълим, ки ниёзҳои ҳамгироии дониш ва маҳоратҳоро дар соҳаҳои мухталиф барои ҳалли ҳама гуна мушкилот ба донишҷӯён фароҳам меорад, афзоиши ҳиссаи фаъолиятҳои мустақили омӯзишӣ вобаста ба пешрафт дар зинаҳои таҳсилот, бунёд ва татбиқи траекторияи инфиродии таълимӣ дар муассисаҳои касбии сатҳи боло ва ташкили модулии барномаҳои таълим дар низоми таҳсилоти олии касбӣ асос ёфтааст;

- таҳия ва татбиқи дастурамалҳои методӣ оид ба технологияҳои муосири таълим дар муассисаҳои таълимии таҳсилоти олии касбӣ;

- таълими ҳайати профессорону омӯзгорони муассисаҳои таълимии таҳсилоти олии касбӣ оид ба истифодаи технологияҳои муосири таълим;

- ташкили курсҳои такмили ихтисос барои профессорону омӯзгорони муассисаҳои таълимии таҳсилоти олии касбӣ;

- таҳияи дастурамал барои технологияҳои инноватсионии таълим. Таъсиси шабакаи миллии марказҳои технологияҳои инноватсионии таълим;

- электронӣ ва рақамӣ кардани захираи китобхонаҳо ва нашри он дар китобхонаи маҷозӣ. Таъсиси хазинаи байнидонишгоҳии захираҳои таҳсилоти рақамӣ;

- рушди омӯзиши омехта (омӯзиши анъанавӣ ва электронӣ) ҳамчун роҳи асосии тайёр кардани мутахассисон бо малакаҳои мувофиқ барои фаъолияти муваффақ дар ҷомеаи рақамӣ;

6) чораи афзалиятноки ислоҳот 4.4.11 – тақвияти ҳамкорӣ бо муассисаҳои таълимии таҳсилоти олии хориҷӣ дар низоми таҳсилоти олии касбӣ барои таҳияи барномаҳои муштарак ва ҳамкории босуръат:

- бастани шартномаҳо ва ёддоштҳои тафоҳуми муассисаҳои таълимии таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо муассисаҳои таълимии таҳсилоти олии хориҷа;

- тарҳрезии нақшаи амал барои таҳияи барномаҳои муштараки таълимӣ;

- афзоиши теъдоди донишҷӯён ва ҳайати профессорону омӯзгорон аз рӯйи барномаҳои мобилии академӣ;

- таҳияи барномаҳои таълими байналмилалӣ;

- таҳияи барномаҳои таҳсилотӣ барои тайёр кардани донишҷӯёни маҳаллӣ ва хориҷӣ ба ихтисосҳои «байналмилалӣ» (масалан, барои кор дар созмонҳои байналмилалӣ);

- таҳияи нақшаҳои таълимӣ бо бахши ҳатмии “байналмилалӣ”, ки донишҷӯён дар кишварҳои дигар аз устодони муассисаҳои таҳсилоти олии хориҷӣ мегиранд;

- таҳияи «барномаҳои дугоникҳо» дар шакли бастани созишномаҳо байни муассисаҳои таълимии таҳсилоти олӣ бо пешниҳоди барномаҳои муштараки

таҳсилот, ки дар онҳо фанҳои якхела, шакли якхелаи назорат, дастурҳои ягонаи таълимӣ мавҷуданд;

7) чораи афзалиятноки ислоҳот 4.4.12 – ҷорӣ намудани низоми дуалии таълим аз рӯйи ихтисосҳои техникӣ ва технологии таҳсилоти олии касбӣ:

- ворид кардани тағйирот дар санадҳои меъёрии танзимкунандаи таҳсилоти олии касбӣ;

- тағйир додани мазмуни барномаҳои таҳсилот бо дарназардошти низоми дуалии таълим;

- муайян намудани муассисаҳои таълимии таҳсилоти олии касбии пилотӣ (озмоишӣ) барои ҷорӣ намудани низоми дуалии таълим дар Ҷумҳурии Тоҷикистон;

8) чораи афзалиятноки ислоҳот 4.4.13 – таҳияи чорчӯбаи миллии тахассусӣ (аз ҷумла, чорчӯбаи тахассусии саноат, стандари давлатии таҳсилот, нақшаҳо ва барномаҳои таълимӣ, стандартҳои касбӣ, низоми шаҳодатномадиҳӣ ва ғ.) бо иштироки ҷонибҳои манфиатдор ва ҷавобгӯ ба стандартҳои байналмилалӣ бо назардошти талаботи бозори меҳнат ва дархостҳои шарикони маҳаллӣ ва байналмилалии рушд:

- таҳия ва ҷорӣ намудани чорчӯбаи миллии тахассусӣ;

- муайян кардани натиҷаҳои ниҳоии таълим дар ҳамаи зинаҳои таҳсилот;

- таҳияи Стандарти давлатии таҳсилоти олии касбӣ дар таҳрири нав ва тасдиқи он дар сатҳи қонунгузорӣ;

- таҳияи стандартҳои нави муассисаҳои таълимии таҳсилоти олии касбӣ аз рӯйи ихтисосҳо дар асоси Стандарти давлатии таҳсилоти олии касбӣ, нақшаҳои намунавии таълим ва маводи таълимӣ дар асоси муносибати босалоҳият мутобиқи талаботи байналмилалӣ (дар мувофиқа бо мантиқ ва принсипҳои раванди Болония);

- таҳияи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, ки вазифаҳои чорчӯбаи тахассусии миллиро муайян мекунанд;

- таҳияи тамсилаҳо (моделҳо) барои стандартҳо ва тахассусҳо, муайян кардани афзалиятҳо зимни таҳияи тахассусҳо;

- таҳияи стандартҳои касбӣ ва тасдиқи онҳо дар сатҳи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон;

- бақайдгирии тахассусҳо дар феҳристи миллӣ;

- аз ҷониби муассисаҳои таълимии таҳсилоти олии касбӣ муайян кардани ихтисосҳои наве, ки ҷавобгӯйи бозори меҳнат мебошанд ва ворид намудани тағйиру иловаҳо ба таснифоти давлатӣ;

9) чораи афзалиятноки ислоҳот 4.4.14 – таҳкими ҳамкориҳои муассисаҳои таълимии таҳсилоти олии касбӣ бо корфармоён тавассути фаъол гардонидани таҷрибаомӯзиҳои истеҳсолӣ, лоиҳаҳои муштарак, шарикӣ ва тайёр кардани кадрҳо бо дархости корфармоён:

- аз тарафи муассисаҳои таълимии таҳсилоти олии касбӣ зиёд кардани субъектҳои базавӣ барои таҷрибаомӯзии истеҳсолии донишҷӯён;

- ворид намудани намояндагони корфармоён ба ҳайати шӯроҳои илмӣ ва таълимию методии муассисаҳои таълимии таҳсилоти олии касбӣ;

- ҷалби корфармоён ва ассотсиатсияҳои хатмкунандагон дар таҳияи барномаҳои таҳсилот, стандартҳои давлатии таҳсилот барои иштирок дар имтиҳонҳои давлатии хатм, таъсиси филиалҳои кафедраҳо, бастани шартномаҳо оид ба таҷрибаомӯзӣ ва шуғли хатмкунандагон;

- таъсиси ассотсиатсияҳои хатмкунандагон дар ҳамаи муассисаҳои таълимии таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон;

10) чораи афзалиятноки ислоҳот 4.4.15 – таҳкими заминаи илмӣ-таҳқиқотии муассисаҳои таълимии таҳсилоти олии касбӣ ва пажӯҳишгоҳҳои илмӣ-таҳқиқотӣ бо мақсади беҳтар кардани сифати корҳои илмӣ:

- ҷалби сармоягузорӣ ба корҳои илмӣ;

- таҷҳизонидани озмоишгоҳҳои таълимӣ ва илмӣ бо таҷҳизоти муосир;

- таъмини кормандони озмоишгоҳҳои омӯзишӣ барои кор бо таҷҳизоти илмӣ;

- гузаронидани таҷрибаомӯзии кормандони озмоишгоҳҳо дар хориҷа барои омӯзиши кор бо воситаҳои муосири таълим;

- ифтитоҳи шӯроҳои нави диссертатсионӣ дар Комиссияи олии аттестатсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Комиссияи олии аттестатсионии Федератсияи Россия;

- баланд бардоштани стипендия барои магистрантҳо ва докторантҳо.

206. Афзалиятҳо дар самти густариши низоми самараноки идораи соҳаи маорифро ташкил медиҳад:

1) чораи афзалиятноки ислоҳот 4.4.16 – тақвияти неруи идоракунии таҳсилоти олӣ дар Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон ва зерсохторҳои он, аз ҷумла дар муассисаҳои таълимии таҳсилоти олии касбӣ:

- таҳияи барномаҳо барои такмили ихтисоси кормандони Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон ва муассисаҳои таълимии таҳсилоти олии касбӣ оид ба масъалаҳои низоми идораи маориф, низоми идораи сифат, идораи захираҳои инсонӣ ва ғайра;

- таҳким ва азнавсозии сохтори ташкилии Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон, махсусан, дар соҳаи банақшагирии стратегӣ дар низоми таҳсилоти олии касбӣ бо истифода аз таҷрибаи пешқадам, аз ҷумла таваҷҷуҳ ба натиҷаҳо;

- беҳтар сохтани низоми аттестатсия дар муассисаҳои таълимии таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон;

- таҳияи низоми электронии арзёбии рейтингии дастовардҳои ҳайати профессорону омӯзгорон;

2) чораи афзалиятноки ислоҳот 4.4.17 – васеъ намудани мустақилияти муассисаҳои таълимии таҳсилоти олии касбӣ:

- азнавсозии муҳити институтсионалӣ. Ташкили ҷараёни таълим тавассути коркард ва ворид кардани технологияҳое, ки ба сатҳи имрӯзаи рушди техникӣ ва иҷтимоию гуманитарӣ ҷавобгӯ мебошанд;

- таъсиси шӯроҳои нозирон дар муассисаҳои давлатии таҳсилоти олии ҷумҳурӣ;

- фароҳам овардани шароит барои муассисаҳои таълимии таҳсилоти олии касбӣ барои ташаккули мустақили стратегияи рушд дар самти қабули қарорҳо дар бораи идораи дохилӣ ва идораи молиявӣ;

- таъмини зудҳаракатии академии донишҷӯён, омӯзгорон ва кормандон, инчунин имконияти озод будан дар тамоми минтақаҳои ҷаҳон;

- фаъолсозии нақши донишҷӯён;

- васеъ намудани ҳудуди озодиҳои академии барномаҳои таҳсилот;

3) чораи афзалиятноки ислоҳот 4.4.18 – фароҳам овардани шароит барои рушди муассисаҳои таълимии хусусӣ дар низоми таҳсилоти олии касбӣ:

- пешниҳоди имтиёзҳо барои таъсиси муассисаҳои таълимии хусусӣ дар низоми таҳсилоти олии касбӣ;

- ба санадҳои меъёрии ҳуқуқии соҳаи маориф ворид намудани феҳристи имтиёзҳое, ки барои таъсиси муассисаҳои таълимии таҳсилоти олии касбии хусусӣ пешбинӣ шудаанд;

- дастгирии давлатии сармоягузорон дар таъсиси муассисаҳои таълимии хусусӣ дар соҳаи таҳсилоти олии касбӣ;

- таъмини миқдори зиёди кумакҳои давлатӣ барои дастгирии бахши хусусӣ;

4) чораи афзалиятноки ислоҳот 4.4.19 – таҳияи низоми иттилоотии идоракунии муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ барои ҳамгироии Низоми иттилоотии идоракунии маориф:

- таҳияи механизмҳои нави ҷорӣ намудани ҳамгироии низоми иттилоотии идоракунии таҳсилоти олии касбӣ.

Замима
ба Стратегияи миллии рушди
маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон
барои давраи то соли 2030

НАҚШАИ МИЁНАМУҲЛАТИ АМАЛ БАРОИ СОЛҲОИ 2021-2023

Чораби ниҳои ба нақша гирифта шуда	Муҳ ла- ти иҷр о	Чора и афзал ият- ноки ислоҳ от (№)	Арз иш и умумӣ (бо ҳаз ор сом онӣ)	Маблағгузорӣ (бо ҳаз. сомонӣ)				Фарқ ияти моли явӣ	Иҷрокуна ндагон
				Буҷ ети чум ҳу- рия вӣ	Буҷ ети маҳ ал- лӣ	Гра нт, қар з	Маб лағ- ҳои махс ус		

4. ТАҲСИЛОТИ ОЛИИ КАСБӢ									
Натиҷаҳои миёнамуҳлат 5.1.1. Беҳтар шудани дастрасӣ ба таҳсилоти олии касбӣ тавассути васеъшавӣ ва модернизатсияи инфрасохтори муассисаҳои таълимии таҳсилоти олии касбӣ ва кушодани ихтисосҳои талаботдошта									
82. Коркарди стратегияи таблиғотии муассисаҳои таълимии таҳсилоти олии касбӣ барои хатмкунандагони муассисаҳои таълимии таҳсилоти умумӣ, литсейҳои касбии техникӣ, коллеҷҳои касбӣ, аз ҷумла баргузории	Сол- ҳои 2021 - 2022	4.4.1 4.4.7	295, 6	0		95, 6	200		Вазора ти маориф ва илм, вазорат у идораҳ ои дахлдо р, шарико ни рушд

рӯзҳои дарҳои кушод ва ташкили веб-саҳифаҳо (саҳифаҳои интернетӣ)									
83. Таҳия ва пешниҳоди лоиҳаи санадҳои меъёрии ҳуқуқии дахлдор бо мақсади афзоиши ҳиссаи квотаҳои қабул ва таҳияи имтиёзҳои дигар барои зиёд намудани қабули духтарон ба самтҳои илмӣ ва педагогии таҳсилот	Солҳои 2021-2022	4.4.2	157,8	14,3		143,5	0		Вазорати маориф ва илм, вазорату идорақои дахлдор, шарикони рушд
84. Таҳлили бозори меҳнат баҳри таҳияи барнома барои духтарон, ки дорои таъсиси равияҳои ба талаботи бозори меҳнати дохилӣ, беруна ва самтҳои афзалиятноки рушди иқтисодиёт ва минтақаҳо ҷавобгӯ бошад	Солҳои 2021-2023	4.4.2	3157,8	14,3		1143,5	2000		Вазорати маориф ва илм, вазорату идорақои дахлдор, шарикони рушд
85. Гузаронидани таҳлил ва пешниҳоди лоиҳаи санадҳои меъёрии ҳуқуқии дахлдор барои коркарди барномаҳо оид ба стипендияҳои мавзӯӣ ҳамчун роҳи мусоидат ба иштироки духтарон ба фаъолияти илмӣ ва педагогӣ	Солҳои 2021-2022	4.4.3	258,6	23,5		235,1	0		Вазорати маориф ва илм, вазорату идорақои дахлдор, шарикони рушд
86. Коркарди стандартҳои миллӣ барои таҷдиди биноҳои муассисаҳои таълимии таҳсилоти олии касбӣ барои таъмин ва дастрасии	Солҳои 2021-2023	4.4.4	229,9	20,9		209	0		Вазорати маориф ва илм, вазорату идорақои дахлдо

омӯзиши шахсони имконияташон маҳдуд									р, шарикони рушд
87. Азнавсозии биноҳо барои омодагӣ ба қабули донишҷӯёни дорои имконияташон маҳдуд	Солҳои 2021 - 2023	4.4.4	4300	1000		2150	1150		Вазорати маориф ва илм, вазорату идораҳои дахлдор, шарикони рушд
88. Омода кардани барномаҳои таълимӣ (аз ҷумла таҳсили фосилавӣ) барои донишҷӯёни имконияташон маҳдуд	Солҳои 2021 - 2023	4.4.6 4.4.4	4500	1500		1500	1500		Вазорати маориф ва илм, вазорату идораҳои дахлдор, шарикони рушд
89. Омода кардани барномаҳои таълимӣ аз ҷониби Донишгоҳи миллии Тоҷикистон барои бозомӯзии ҳайати профессорону омӯзгорон ҷиҳати баланд бардоштани маҳорати омӯзгорӣ барои дастгирӣ ва таълими донишҷӯёни имконияташон маҳдуд	Солҳои 2021 - 2022	4.4.16 4.4.9 4.4.8	3150	0		0	3150		Вазорати маориф ва илм, вазорату идораҳои дахлдор, шарикони рушд
90. Коркарди меъёру талаботи барои ҳамаи муассисаҳои таълимии таҳсилоти олии касбӣ ягона ҷиҳати пешниҳоди стипендияҳо ба донишҷӯёни камбизоат тавассути ворид намудани	Солҳои 2021 - 2022	4.4.4	114,9	10,4		104,5	0		Вазорати маориф ва илм, вазорату идораҳои дахлдор,

тағйиру иловаҳо ба санадҳои меъёрии амалкунандаи соҳа									шарикони рушд
91. Таҳлил ва такмили санадҳои меъёрии ҳуқуқии соҳа ҷиҳати ҳавасмандкунии таълимии донишҷӯёни имконияташон маҳдуд	Солҳои 2021 - 2023	4.4.6	219,3	19,9		199,3			Вазорати маориф ва илм, вазорату идорањои дахлдор, шарикони рушд
92. Коркарди барномаҳои таълимии электронӣ, таъминоти барномавӣ ва муҷаҳҳазгардонии техникӣ барои таълими фосилавӣ	Солҳои 2021 - 2023	4.4.6	34700	9080		10620	15000		Вазорати маориф ва илм, вазорату идорањои дахлдор, шарикони рушд
93. Таълими фосилавии омӯзгорон	Солҳои 2021 - 2023	4.4.6 4.4.10	1730	0		1730	0		Вазорати маориф ва илм, вазорату идорањои дахлдор, шарикони рушд
Натиҷаи фосилавии 5.1.2. Шароити мусоид барои беҳтар кардани дастрасӣ ба таҳсилоти олии касбӣ фароҳам оварда шуд									
94. Таҳия ва пешниҳод намудани Консепсияи муҳити бехатар ва мусоиди таълим дар муассисаҳои таълимии таҳсилоти олии касбӣ	Солҳои 2021 - 2023	4.4.4	205,4	23,4		182	0		Вазорати маориф ва илм, вазорату идорањои дахлдор, шарикони

									рушд
Натиҷаи фосилавӣ 5.2.1. Барномаҳои таълимӣ ва ҳайати профессорӣ-омӯзгории муассисаҳои таълимии таҳсилоти олии касбӣ бо стандартҳои байналмилалӣ мувофиқат мекунанд									
95. Коркарди механизми ҷалби хатмкунандагони лаёқатманд ба фаъолияти педагогӣ	Солҳои 2021-2023	4.4.8	172,4	15,7		156,7	0		Вазорати маориф ва илм, вазорату идорахои дахлдор, шарикони рушд
96. Таҷдиди назар намудани низоми ҳавасмандкунӣ ва ҳавасмандгардонӣ барои дастовардҳои илмӣ ва лоиҳаҳои инноватсионӣ дар низоми таҳсилоти олии касбӣ	Солҳои 2021-2023	4.4.8	172,4	15,7		0	156,7		Вазорати маориф ва илм, вазорату идорахои дахлдор, шарикони рушд
97. Коркарди механизмҳои нав ва талабот оид ба интихоби озмуни кадрҳо ва ташаккули неруи кадрӣ	Солҳои 2021-2023	4.4.9	64	5,8		58,2	0		Вазорати маориф ва илм, вазорату идорахои дахлдор, шарикони рушд
98. Коркарди барномаи такмили ихтисос ва бозомӯзии кадрҳои илмию педагогӣ ва маъмурӣ	Солҳои 2021-2023	4.4.9	9000	3000		3000	3000		Вазорати маориф ва илм, вазорату идорахои дахлдор, шарикони рушд

99. Коркарди воситаҳо барои арзёбии рейтингии натиҷаҳои кори кормандони илмию педагогӣ	Солҳои 2021-2023	4.4.9	114,1	10,4		103,7	0		Вазорати маориф ва илм, вазорату идораҳои дахлдор, шарикони рушд
100. Коркарди системаи электронии арзёбии рейтингии дастовардҳои ҳайати профессорон-омӯзгорон	Солҳои 2021-2023	4.4.9 4.4.10	114,2	10,4		103,8	0		Вазорати маориф ва илм, вазорату идораҳои дахлдор, шарикони рушд
101. Ба нақшаҳои стратегии муассисаҳои таълимии таҳсилоти олии касбӣ ворид намудани шакли ҳатмии такмили ихтисоси ҳайати профессорону омӯзгорон аз рӯи равия дар низоми электронӣ (яъне фосилавӣ)	Солҳои 2021-2022	4.4.8 4.4.10							Вазорати маориф ва илм, вазорату идораҳои дахлдор, шарикони рушд
102. Такмили ихтисоси ҳайати профессорон-омӯзгорон дар чорчӯбаи барномаҳои рушди мунтазами касбӣ (семинарҳо, тренинг, курсҳои кӯтоҳмуддат)	Солҳои 2021-2023	4.4.8 4.4.10	2127,9	709,3		709,3	709,3		Вазорати маориф ва илм, вазорату идораҳои дахлдор, шарикони рушд
103. Ташкили семинарҳо ва омӯзиш барои ҳайати	Солҳои 2021-	4.4.8 4.4.10	1418,6	0		1418,6	0		Вазорати маориф ва илм,

профессорон-омӯзгорон оид ба коркарди лоиҳаҳо	2023								вазорату идорақои дахлдор, шарикони рушд
104. Ташкил ва татбиқи такмили ихтисос ва тақрибаомӯзии ҳайати профессорон-омӯзгорон дар хориҷи кишвар	Солҳои 2021-2023	4.4.11	21222,8	4244,6		0	16978,2		Вазорати маориф ва илм, вазорату идорақои дахлдор, шарикони рушд
Натиҷаҳои фосилавии. 5.2.2. Дар муассисаҳои таълимии таҳсилоти олии касбӣ низоми самарабахш ва механизми институтсионалии таълим ва арзёбии сифат ҷорӣ карда шудааст, ки ба талаботи бозори меҳнат асос ёфтааст									
105. Таҳияи Чорчӯбаи миллии тахассусӣ	Солҳои 2021-2023	4.4.13	114,2	10,4		103,8	0		Вазорати маориф ва илм, вазорату идорақои дахлдор, шарикони рушд
106. Тақдиди назар намудани тақсимбандии ихтисосҳои Стандарти давлатӣ бо илова намудани ихтисосҳои нав	Солҳои 2021-2022	4.4.13	114,2	10,4		103,8	0		Вазорати маориф ва илм, вазорату идорақои дахлдор, шарикони рушд
107. Коркарди Стандарти нави давлатии таҳсилоти олии касбӣ	Солҳои 2021-2022	4.4.13	114,2	10,4		103,8	0		Вазорати маориф ва илм, вазорат

									у идорах ои дахлдо р, шарико ни рушд
108. Таҳияи барномаи таълимии нави намунавӣ мутобиқи талаботи байналмилалӣ (алалхусус мутобиқи мантиқ ва принсипҳои раванди Болония)	Сол-ҳои 2021 - 2023	4.4.13 4.4.17	1914,2	310,4		1003,8	600		Вазора ти маориф ва илм, вазорат у идорах ои дахлдо р, шарико ни рушд
109. Таъсиси низоми миллии мустақили аккредитатсияи барномаҳои таълимӣ ва муассисаҳои таълимӣ	Сол-ҳои 2021 - 2022	4.4.9 4.4.17	205,6	23,4		182,2	0		Вазора ти маориф ва илм, вазорат у идорах ои дахлдо р, шарико ни рушд
110. Омода намудани муассисаҳои таълимии таҳсилоти олии касбӣ ба аккредитатсияи байналмилалӣ	Сол-ҳои 2021 - 2023	4.4.9	252,6	0		221,3	31,2		Вазора ти маориф ва илм, вазорат у идорах ои дахлдо р, шарико ни рушд
111. Таҳия ва татбиқи низоми нави миллии арзёбии сифати таҳсилоти олӣ	Сол-ҳои 2021 - 2023	4.4.9	546,1	66,1		480	0		Вазора ти маориф ва илм, вазорат у идорах ои дахлдо р,

									шарикони рушд
112. Таҳияи Нақшаи чорабиниҳо оид ба мутобиқат ба Стандартҳои байналмилалии сифати таҳсилот	Солҳои 2021-2023	4.4.9 4.4.13							Вазорати маориф ва илм, вазорату идораҳои дахлдор, шарикони рушд
113. Ҷорӣ намудани низоми идоракунии сифат дар муассисаҳои таълимии таҳсилоти олии касбӣ, ҳамзамон пешниҳод намудани таклиф оид ба такмили санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ оид ба фаъолияти муассисаҳои таълимии таҳсилоти олии касбӣ	Солҳои 2021-2023	4.4.9	40080	10020		15000	150600		Вазорати маориф ва илм, вазорату идораҳои дахлдор, шарикони рушд
114. Ҷорӣ намудани технологияи муосири таълим дар муассисаҳои таълимии таҳсилоти олии касбӣ	Солҳои 2021-2023	4.4.10	48000	17000		0	31000		Вазорати маориф ва илм, вазорату идораҳои дахлдор, шарикони рушд
115. Таълими ҳайати профессорону омӯзгорони муассисаҳои таълимии таҳсилоти олии касбӣ бо истифода аз технологияи муосири таълим	Солҳои 2021-2023	4.4.10	1891,5	0		1891,5	0		Вазорати маориф ва илм, вазорату идораҳои дахлдор, шарико

									ни рушд
Натиҷаи фосилавӣ 5.2.3. Ҳамкории муассисаҳои таълимии таҳсилоти олии касбӣ бо бахши хусусӣ, шарикони рушд ва ҷомеаи шаҳрвандӣ густариш ёфтаанд									
116. Таҳкими ҳамкории муассисаҳои таълимии таҳсилоти олии касбӣ бо донишгоҳҳои хориҷи кишвар чиҳати таҳияи барномаҳои шарикӣ дар самти мобилӣ	Солҳои 2021 - 2023	4.4.11							Вазорати маориф ва илм, вазорату идораҳои дахлдор, шарикони рушд
117. Таҳия ва пешниҳоди лоиҳаи санадҳои меъёрии ҳуқуқии дахлдор, ки суръатнокии академиро ба танзим медароранд	Солҳои 2021 - 2023	4.4.11	119,4	15,6		103,8	0		Вазорати маориф ва илм, вазорату идораҳои дахлдор, шарикони рушд
118. Мустаҳкам намудани ҳамкориҳои муассисаҳои таълимии таҳсилоти олии касбӣ бо корфармо тариқи фаъолгардонии таҷрибаи истеҳсолӣ, ба роҳ мондани лоиҳаҳои муштарак ва ҳамкорӣ ва омода намудани кадрҳо бо дархости корфармо	Солҳои 2021 - 2023	4.4.14	1314,2	410,4		103,8	800		Вазорати маориф ва илм, вазорату идораҳои дахлдор, шарикони рушд
119. Зиёд намудани теъдоди пойгоҳҳои назди муассисаҳои таълимии таҳсилоти олии касбӣ барои гузаштани таҷрибаомӯзии истеҳсолӣ. Дохил намудани корфармо ба ҳайати шӯроҳои	Солҳои 2021 - 2023	4.4.14	9440	2028		0	7412		Вазорати маориф ва илм, вазорату идораҳои дахлдор, шарико

олимон ва илмӣ-методии муассисаҳои таълимии таҳсилоти олии касбӣ									ни рушд
120. Ба амал баровардани компютеркунонии ҷараёни таълим дар муассисаҳои таълимии таҳсилоти олии касбӣ	Солҳои 2021-2023	4.4.10	23094,3	7698,1		0	15396,2		Вазорати маориф ва илм, вазорату идораҳои дахлдор, шарикони рушд
121. Гузаронидани таҳлили бозори таҳсилот ва бозори меҳнат барои муайян намудани имкониятҳои рушди таҳсилоти дугона (дуалӣ)	Солҳои 2021-2023	4.4.12	519,2	0		519,2	0		Вазорати маориф ва илм, вазорату идораҳои дахлдор, шарикони рушд
122. Таҳияи воситаҳои электронии таълим (пойгоҳҳои электронии маълумот, барномаҳои таълимӣ ва ғайраҳо)	Солҳои 2021-2023	4.4.10 4.4.19							Вазорати маориф ва илм, вазорату идораҳои дахлдор, шарикони рушд
Натиҷаи фосилавии 5.2.4. Фаъолияти илмӣ таҳқиқотӣ ва тадқиқотҳо, инчунин платформаҳои ҳавасмандкунии инноватсионӣ таҳким ёфтанд									
123. Ҷалби сармоягузорӣ ба корҳои илмӣ	Солҳои 2021-2023	4.4.15	114,2	10,4		103,8	0		Вазорати маориф ва илм, вазорату идораҳои дахлдор,

									шарикони рушд
124. Таъмин намудани таъсиси шӯроҳои нави дессертатсионӣ дар назди Комиссияи олии аттестатсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Комиссияи олии аттестатсионии Федератсияи Россия	Сол-ҳои 2021 - 2023	4.4.15	127,3	76,4		0	50,9		Вазорати маориф ва илм, вазорату идораҳои дахлдор, шарикони рушд

Бо қарори Ҳукумати
Ҷумҳурии Тоҷикистон
аз «29» ноябри соли 2022, №562
тасдиқ шудааст

СТАНДАРТИ ДАВЛАТИИ ТАҲСИЛОТИ ОЛИИ КАСБӢ ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

1. МУҚАРРАРОТИ УМУМӢ

1. Стандарти давлатии таҳсилоти олии касбӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд – Стандарти мазкур) ҳуҷҷате мебошад, ки маҷмуи талаботро дар самти таҳсилоти олии касбӣ муқаррар менамояд.

2. Дар Стандарти мазкур мафҳумҳои асосии зерин истифода мешаванд:

– **барномаи таҳсилотӣ** - маҷмуи ҳуҷҷатҳоест, ки тибқи талаботи Стандарти мазкур мазмуну мундариҷаи таҳсилотро аз рӯйи самт (ихтисос)-и зинаи алоҳидаи таҳсилоти олии касбӣ муайян менамояд;

– **барномаи таҳсилотӣ аз рӯйи самт (ихтисос)** - мақсад, вазифа, натиҷаҳои банақшагирифташуда, мундариҷа ва ташкили раванди таълимро аз рӯйи самт (ихтисос)-и зинаи алоҳидаи таҳсилоти олии касбӣ муайян намуда, аз ҷониби муассисаи таълимӣ тавассути машғулиятҳои аудиторӣ ва ғайриаудиторӣ бо риояи талаботи Стандарти мазкур амалӣ мегардад;

– **бахш** - қисми барномаи таҳсилотӣ аз рӯйи самт (ихтисос) буда, вобаста ба самт (ихтисос)-ҳо модул, фан ва дигар машғулиятҳоро фаро мегирад;

– **бучети вақт**- тақсимоти фонди вақти донишҷӯро дар самтҳои истифодаи он ифода намуда, сарфи вақтро барои иҷрои намудҳои гуногуни фаъолияти таълимӣ муайян менамояд;

– **гурӯҳи академӣ** - гурӯҳи донишҷӯёне мебошад, ки бо дарназардошти хусусиятҳои фаъолияти таълимӣ аз 25 то 30 нафарро дар бар мегирад. Ҳадди ақалли гурӯҳҳои академӣ вобаста ба интихоби фанҳои интихобӣ ва ҳаракати академии донишҷӯён на камтар аз 8 нафарро ташкил медиҳад;

– **дараҷаи академӣ** - дараҷаест, ки хатмкунандаи муассисаи таҳсилоти олии касбӣ пас аз пурра аз худ намудани барномаи таълимии зинаи муайяни таҳсилот ба он ноил мегардад;

– **замимаи ҳуҷҷати намунаи давлатӣ дар бораи таҳсилоти олии касбӣ** (минбаъд замима) - қисми ҷудонашавандаи ҳуҷҷати намунаи давлатӣ дар бораи таҳсилоти олии касбӣ (диплом) буда, маълумотро дар бораи дараҷаи академӣ, ихтисос, номгӯйи фанҳо бо баҳои ниҳоӣ ва ҳаҷми кредитҳои бадастомада, холи миёнаи умумӣ (GPA), натиҷаҳои корҳои курсӣ, таҷрибаомӯзиҳо, натиҷаи имтиҳонҳои давлатӣ аз фанҳои тахассусӣ, мавзуъ ва натиҷаи дифои кори тахассусии хатмро дар бар мегирад;

– **ихтисос** - маҷмуи дониш ва маҳорату малака, ки бо роҳи омӯзиши ҳадафнок ва таҷрибаи корӣ ҳосил шуда, барои навъи муайяни фаъолият зарур мебошад ва бо ҳуҷҷатҳои мувофиқ дар бораи таҳсилот тасдиқ карда мешавад;

– **кредит** - меъёри ягонаи арзёбии ҳаҷми сарбории донишҷӯ ва омӯзгор мебошад;

– **модул** - қисми барномаи таҳсилотӣ аз рӯйи самт (ихтисос) буда, дар он маҷмуи фанҳо ва курсҳое омӯхта мешаванд, ки он ба ташаккули як ё якчанд салоҳияти ба ҳам монанд равона карда мешавад;

– **муҳлати меъёрии таҳсил** - давраи муқарраргардидаи азхудкунии барномаи таҳсилотӣ аз рӯйи самт (ихтисос) тибқи Стандарти мазкур аз ҷониби хатмкунанда мебошад, ки дар асоси дарёфти таҳсилоти миёнаи умумӣ, ибтидоӣ, миёна ва олии касбӣ ба роҳ монда мешавад;

– **натиҷаҳои таълим** - маҷмуи дониш, маҳорат, малака, ақида, ҷаҳонбинӣ ва арзишҳои маънавие, ки таълимгирандагон дар давоми таҳсил дар муассисаи таълимӣ соҳиб мегарданд;

– **ҳуҷҷати намунаи давлатӣ дар бораи таҳсилоти олии касбӣ (минбаъд диплом)** - тибқи тартиби муайяннамуда аз тарафи муассисаи таҳсилоти олии касбӣ ба хатмкунанда бо мақсади тасдиқ намудани ҳолати пурра азхудкунии барномаи таълимии таҳсилоти олии касбӣ, ҷиҳати идомаи таҳсил, пешбурди фаъолияти касбӣ ва илмӣ-тадқиқотӣ аз рӯйи самт (ихтисос)-и интихобкарда дода мешавад;

– **озодии академӣ** - озодии баёни мазмуни таълим аз рӯйи салоҳдиди худ дар доираи барномаҳои таълимӣ, интихоби мавзуъ барои таҳқиқоти илмӣ ва ҳалли он бо методҳои худ, инчунин озодии донишҷуён дар гирифтани дониш вобаста ба майли худ дар доираи барномаҳои таълимӣ;

– **стандарти давлатии таҳсилоти олии касбӣ**- маҷмуи меъёрҳое, ки мазмуни таҳсилоти олии касбӣ, моҳияту муҳлати таълим ва усулҳои ташхиси сифати таҳсилоти олиро бо дарназардошти дастовардҳои умумибашарӣ муайян мекунад;

– **таҳсилоти олии касбӣ** - дараҷаи таҳсилотест, ки шахс ба он дар муассисаи таҳсилоти олии касбӣ дар натиҷаи раванди мунтазам, бонизом ва мақсадноки фарогирии мазмуни таълим, ки он ба таҳсилоти миёнаи умумӣ, **ибтидоӣ ва миёнаи касбӣ** асос ёфта, бо гирифтани тахассуси муайян аз рӯйи ҷамъбасти аттестатсияи ниҳоии давлатӣ ба анҷом мерасад, соҳиб мегардад;

- таҳсилоти фосилавӣ - тарзи амалигардонии раванди таълим бо истифодаи технологияҳои муосири иттилоотӣ ва телекоммуникатсионӣ, ки таълимро дар масофа бе иштироки бевоситаи шахсии омӯзгор ва таълимгирандагон имконпазир мегардонад;

– триместр - семестри иловагии таълими назариявӣ барои баланд намудани холи миёнаи умумӣ ва бартараф намудани қарзҳои академӣ муайян карда мешавад.

3. Стандарти мазкур ба истиснои муассисаҳои таҳсилоти олии касбии дорои мақоми байналмилалӣ, нисбат ба ҳамаи муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон, новобаста аз шакли моликият ва ташкилию ҳуқуқӣ, ки аз рӯйи самтҳои таълим аз аттестатсия ва аккредитатсияи давлатӣ гузаштаанд ва ё барои ба он соҳиб шудан довталаб мебошанд, татбиқ мегардад.

4. Муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки аттестатсия ва аккредитатсияи давлатӣ доранд ва ё барои ба он соҳиб шудан довталаб мебошанд, уҳдадоранд, ки дар раванди таҳияи барномаҳои таҳсилотӣ аз рӯйи самт (ихтисос) талаботи Стандарти мазкурро риоя намоянд.

5. Барои таҳия ва мавриди истифода қарор додани барномаи таҳсилотӣ аз рӯйи самт (ихтисос) танҳо муассисаҳои таълимие ҳуқуқ доранд, ки ба банди 4 Стандарти мазкур мувофиқ мебошанд.

6. Стандарти давлатии таҳсилоти олии касбӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон инҳоро муайян месозад:

- сохтори таҳсилоти олии касбӣ ва санадҳои меъёрии ҳуқуқиро дар бораи таҳсилоти олии касбӣ;

- талаботи умумӣ ва шароити татбиқ намудани онҳоро нисбат ба барномаҳои таҳсилотӣ аз рӯйи самт (ихтисос);

- меъёрҳои умумӣ ва ҳаҷми сарбории таълимии донишҷӯёни муассисаи таҳсилоти олии касбӣ;

-ҳуҷҷатҳои тасдиққунандаи меъёрии марбут ба таҳсилот;

- озодии академии муассисаи таҳсилоти олии касбӣ доир ба мазмуну муҳтавои таҳсилоти олии касбӣ;

- талаботи умумӣ нисбат ба номгӯйи самт (ихтисос)-ҳои таҳсилоти олии касбӣ;

- тартиби таҳия ва тасдиқи ҳадди ақалли ҳатмии мазмуну мундариҷаи барномаҳои таҳсилотӣ аз рӯйи самт (ихтисос), дараҷаи тайёр намудани хатмкунандагонро аз рӯйи самт (ихтисос)-ҳои таҳсилоти олии касбӣ;

- муҳлати таҳсил дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ аз рӯйи барномаҳои таҳсилотӣ вобаста ба самт (ихтисос).

2. СОХТОРИ ТАҲСИЛОТИ ОЛИИ КАСБӢ ВА ҲУҶҶАТҲО ДАР БОРАИ ТАҲСИЛОТИ ОЛИИ КАСБӢ

7. Сохтори таҳсилоти олии касбиро маҷмуи барномаҳое ташкил медиҳанд, ки зинаҳои таҳсилоти олии касбӣ (бакалаврият, мутахассис ва магистратура)-ро ифода мекунанд.

8. Дараҷаи якуми таҳсилоти олии касбӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ аз рӯйи барномаи таҳсилотӣ аз рӯйи самт (ихтисос) ба роҳ монда шуда, омодагии хатмкунандаи дорои дараҷаи академии «бакалавр» ва «мутахассис»-ро таъмин менамояд.

9. Нақшаҳои таълимии зинаҳои таҳсилоти олии касбии бакалаврият ва мутахассис бахши фанҳои заминавии дорои хусусиятҳои умумимиллӣ, бахшҳои фанҳои тахассусӣ, интихобӣ, таҷрибаомӯзиҳо ва аттестатсияи хатмро, ки дорои аҳамияти касбӣ мебошанд, дар бар мегирад.

10. Муҳлати таҳсил дар зинаҳои бакалаврият ва мутахассис барои ихтисосҳои алоҳида мувофиқан дар ҳаҷми на камтар аз чор ва панҷ соли таҳсил ва барои ихтисосҳои ҳамгиро дар ҳаҷми на камтар аз панҷ соли таҳсил муқаррар карда мешавад. Муҳлати таҳсил барои ихтисосҳои соҳаи тиб дар ҳаҷми на камтар аз панҷ соли таҳсил муқаррар карда мешавад. Бакалаврият ва мутахассис дар шакли таҳсили рӯзона, шабона, ғоибона ва фосилавӣ тайёр карда мешавад.

11. Барномаи таҳсилотӣ аз рӯйи самт (ихтисос) баъд аз гузаштани хатмкунанда аз аттестатсияи хатм ва ба ӯ додани дараҷаи академии «бакалавр» ва «мутахассис» бо супурдани ҳуҷҷати намунаи давлатӣ дар бораи таҳсилоти олии касбӣ (диплом) ва замимаи ҳуҷҷати намунаи давлатӣ дар бораи таҳсилоти олии касбӣ (замимаи диплом) ба анҷом мерасад.

12. Мундариҷаи барномаи таҳсилотӣ аз рӯйи самт (ихтисос) вобаста ба омодагии касбии хамткунанда дар асоси талаботи Стандарти давлатӣ нисбат ба ҳадди ақалли ҳатмии мазмуну мундарича ва дараҷаи омодагии касбии ӯ аз рӯйи самт (ихтисос)-и муайян муқаррар карда мешавад.

13. Дараҷаи дуюми таҳсилоти олии касбӣ-таҳсилоти олии касбие мебошад, ки пас аз хатми дараҷаи бакалавриат ва мутахассис дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ тибқи барномаи таҳсилотӣ аз рӯйи самт (ихтисос) ба роҳ монда шуда, хатмкунандаи он дараҷаи академии «магистр»-ро соҳиб мегардад.

14. Нақшаи таълимии зинаи магистратура бахши фанҳои заминавӣ аз рӯйи самт ва бахши фанҳои тахассусӣ, интихобӣ, таҷрибаомӯзӣ ва корҳои илмӣ-тадқиқотӣ, аттестатсияи хатмро, ки дорои аҳамияти касбӣ мебошанд, дар бар мегирад.

15. Барномаи таҳсилотӣ аз рӯйи самт (ихтисос)-и зинаи магистратура омодагии махсуси хатмкунандаро аз рӯйи самт (ихтисос)-и муайян бо назардошти гузаштан аз таҷрибаомӯзиҳои илмӣ-тадқиқотӣ ва илмӣ-педагогӣ ба муҳлати ду сол дар бар мегирад. Дар зинаи магистратура (ба истиснои ихтисосҳои тибби клиникӣ) шакли таҳсил рӯзона, ғоибона, шабона ва фосилавӣ муқаррар карда мешавад.

16. Барномаи таҳсилотӣ аз рӯйи самт (ихтисос)-и зинаи магистратура баъд аз гузаштани хатмкунанда аз аттестатсияи хатм бо назардошти дифои рисолаи магистрӣ ва ба ӯ додани дараҷаи академии «магистр» бо супурдани ҳуҷҷати намунаи давлатӣ (диплом ва замимаи он) ба анҷом мерасад.

17. Муҳлати таҳсил барои азхудкунии барномаҳои таҳсилотӣ аз рӯйи самт (ихтисос)-и дараҷаҳои бакалавриат, мутахассис ва магистратура на камтар аз 6 солро дар бар мегирад.

18. Нақшаҳои таълимӣ ва барномаҳои таҳсилотӣ аз рӯйи самт (ихтисос)-ҳои амалкунанда ҳангоми тасдиқи Стандарти мазкур ва муҳлати азхудкунии онҳо бо барномаи таълимии таҳсилотии олии касбии муайян баробарарзиш дониста мешаванд.

19. Таҳсилоти олии дуюм-дараҷаи таҳсилоти олии касбие мебошад, ки дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ тибқи барномаи таҳсилотӣ аз рӯйи самт (ихтисос) ба роҳ монда шуда, хатмкунандаи он дараҷаи академии «бакалавр» ва «мутахассис»-ро бо ихтисоси нав соҳиб мегардад.

20. Нақшаи таълимии таҳсилоти олии дуюм бахши фанҳои тахассусӣ, интихобӣ, таҷрибаомӯзӣ ва аттестатсияи хатмро, ки дорои аҳамияти касбӣ мебошанд, дар бар мегирад.

21. Муҳлати таҳсил дар зинаи таҳсилоти олии дуюм дар ҳаҷми се сол муқаррар карда мешавад. Таҳсилоти олии дуюм дар шакли рӯзона, ғоибона, шабона ва фосилавии таълим муқаррар карда мешавад.

22. Барномаи таҳсилотӣ аз рӯйи самт (ихтисос)-и таҳсилоти олии дуюм баъд аз гузаштани хатмкунанда аз аттестатсияи хатм, ба ӯ додани дараҷаи академии «бакалавр» ва «мутахассис» бо супурдани ҳуҷҷати намунаи давлатӣ (диплом ва замимаи он) ба анҷом мерасад.

23. Маҷмуи ҳуҷҷатҳои зинаҳои таҳсилоти олии касбиро низомнома, дастурамал, тартиб, барномаҳои таҳсилотӣ аз рӯйи самт (ихтисос), нақшаҳои таълимии намунавию корӣ, барномаҳои таҷрибаомӯзӣ, барномаҳои таълимии фанҳо ва силлабусӣ дар бар мегирад.

24. Ҳуҷҷати намунаи давлатӣ (диплом ва замимаи он) аз тарафи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ карда мешавад.

25. Ҳуҷҷати намунаи давлатӣ (диплом ва замимаи он) ба шахсоне дода мешавад, ки дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбии дорои иҷозатнома оид ба пешбурди фаъолияти таълимӣ ва шаҳодатнома дар бораи аккредитатсияи давлатӣ таҳсил намудаанд.

26. Касбияти хатмкунандагони муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ, ки бо додани ҳуҷҷати намунаи давлатӣ (диплом ва замимаи он) тасдиқ карда шудааст, ба онҳо имконияти амалӣ намудани фаъолияти касбиро аз рӯйи самт (ихтисос)-ҳои муайяни таҳсилоти олии касбӣ таъмин менамояд.

3. ТАЛАБОТИ УМУМӢ БА БАРНОМАИ ТАҲСИЛОТӢ ВА ШАРОИТИ ТАТБИҚ НАМУДАНИ ОНҲО

27. Муайян намудани ҳадди ақалли ҳатмии азхудкунии мазмуну мундариҷаи барномаи таҳсилотии ҳар як самт (ихтисос) дар асоси ҷузъи Стандарти мазкур, ки талаботи давлатиро нисбат ба ҳадди ақалли ҳатмии мазмуну мундариҷа ва дараҷаи омодагии хатмкунандагон муқаррар намудааст, ба роҳ монда мешавад.

28. Ҳаҷми кредитҳо барои бахши фанҳои заминавии зинаҳои таҳсилоти бакалавриат бо назардошти фанҳои интихобии он 20-22,5 барои ихтисосҳои ҳамгиро ва мутахассис 16-18 ва барои самт (ихтисос)-ҳои тиббӣ 12-16 фоизи миқдори умумии кредитҳоро ташкил медиҳад. Номгӯйи фанҳои интихобиро муассисаи таҳсилоти олии касбӣ муайян менамояд.

29. Ҳаҷми умумии кредитҳои фанҳои заминавӣ аз рӯйи самт ва бахшҳои фанҳои тахассусии зинаи магистратураи таҳсилоти олии касбӣ на камтар аз 120 кредитро ташкил медиҳад.

30. Стандарти давлатии таҳсилоти олии касбӣ натиҷаи таълими ҳатмиро аз рӯйи барномаи таҳсилотӣ вобаста ба самт (ихтисос) бо назардошти салоҳиятҳои касбӣ, дониш, маҳорат ва малака муайян менамояд. Натиҷаи дарёфти таҳсилоти олии касбиро талаботи

ҳадди ақалли ҳатмии мазмун ва мундариҷаи барномаи таҳсилотӣ аз рӯйи самт (ихтисос) муайян менамояд.

31. Барномаи таҳсилотӣ аз рӯйи самт (ихтисос) бояд дар баробари фанҳои ҳатмӣ фанҳои интихобиро низ дар бар гирад. Ҳаҷми кредитҳои фанҳои интихобӣ дар дараҷаҳои бакалавриат, мутахассис ва магистратураи таҳсилоти олии касбӣ на камтар аз 25 фоизро (аз миқдори умумии кредитҳо) ташкил медиҳад.

32. Шахсоне, ки ҳуҷҷати намунаи давлати (диплом)-и дараҷаи бакалавриат ва мутахассиси таҳсилоти олии касбиро доранд, метавонанд таҳсили худро дар зинаи дуюми таҳсилоти олии касбӣ-магистратура танҳо аз рӯйи самт (ихтисос)-ҳои мувофиқ идома диҳанд.

4. МЕЪЁРҲОИ УМУМИИ МУАЙЯН НАМУДАНИ САРБОРИИ ТАЪЛИМИИ ДОНИШҶӮИ МУАССИСАИ ТАҲСИЛОТИ ОЛИИ КАСБӢ ВА ҲАҶМИ ОН

33. Сарбории таълимии донишҷӯ дар ҳамаи зинаҳои таҳсилоти олии касбӣ бо назардошти ҳамаи шаклҳои фаъолияти таълимии он – машғулиятҳои аудиторӣ (иштирок дар машғулиятҳои дарсӣ) ва ғайриаудиторӣ (корҳои мустақилонаи донишҷӯ, таҷрибаомӯзӣ, омода ва дифоъ намудани кори (лоиҳаҳои) курсӣ, кори тахассусии хатм, рисолаи магистрӣ, гузаштан аз аттестатсияи хатм аз фанҳои тахассусӣ) бо кредитҳо ифода карда мешавад.

34. Як кредит дар ҳамаи зинаҳои таҳсилоти олии касбӣ ба 24 соати академӣ баробар буда, як соати академӣ дар низоми кредитии таҳсилот ба 50 дақиқа баробар аст.

35. Ҳадди аксари ҳатмии кредитҳо бо назардошти таълими назариявӣ, фарогирӣ ба таҷрибаомӯзиҳо, иҷрои корҳо (лоиҳаҳо)-и курсӣ, ҳимояи кори тахассусии хатм, супоридани имтиҳони давлатӣ аз фанҳои тахассусӣ барои дарёфти дараҷаи академии «бакалавр» аз рӯйи самт (ихтисос)-и алоҳида новобаста аз шакли таҳсил (рӯзона, шабона, ғоибона, фосилавӣ) барои муҳлати таҳсили 4-сола дар ҳаҷми 240 кредит, «мутахассис» ва «бакалавр» аз рӯйи самт (ихтисос)-ҳои ҳамгиро новобаста аз шакли

таҳсил (рӯзона, шабона, ғоибона, фосилавӣ) ва барои муҳлати таҳсили 5-сола дар ҳаҷми 300 кредит пешбинӣ гардидааст.

Барои дарёфти дараҷаи академии «бакалавр» дар таҳсилоти олии дуюм аз рӯйи самт (ихтисос)-и алоҳида, новобаста аз шакли таҳсил (рӯзона, шабона, ғоибона, фосилавӣ) бо муҳлати таҳсили 3-сола дар ҳаҷми на камтар аз 180 кредит, «мутахассис» ва «бакалавр» аз рӯйи самт (ихтисос)-и ҳамгиро новобаста аз шакли таҳсил (рӯзона, шабона, ғоибона, фосилавӣ) бо муҳлати таҳсили 4-сола дар ҳаҷми на камтар аз 240 кредит, ба истиснои бахши фанҳои заминавӣ пешбинӣ гардидааст. Барои дарёфти дараҷаи академии «магистр» 120 кредит муқаррар карда шудааст.

36. Ҳадди аксари кредитҳо бо назардошти таълими назариявӣ, фарогирӣ ба таҷрибаомӯзиҳо, иҷрои корҳо (лоиҳаҳо)-и курсӣ, ҳимояи кори тахассусии хатм (дипломӣ), супоридани имтиҳони давлатӣ аз фанҳои тахассусӣ барои дарёфти дараҷаи академии «мутахассис» барои ихтисосҳои соҳаи тиб муҳлати таҳсил 5/6 сол дар ҳаҷми 350/420 кредит муқаррар карда шудааст.

37. Сарбории таълимии солонаи донишҷӯ бо назардошти ҳамаи шаклҳои фаъолияти таълимии ӯ дар як соли таҳсил тибқи меъёрҳои муайянгардида (ба истиснои ихтисосҳои тиббӣ) барои ҳамаи зинаҳои таҳсилоти олии касбӣ дар ҳаҷми 60 кредит муқаррар карда шудааст. Сарбории таълимии солонаи донишҷӯ барои ихтисосҳои соҳаи тиб дар як соли таҳсил дар ҳаҷми 70 кредит муқаррар карда шудааст.

38. Ҳадди аксари ҳатмии сарбории таълимии донишҷӯ дар як ҳафта бо назардошти ҳамаи шаклҳои корҳои таълимӣ - аудиторӣ ва ғайриаудиторӣ бояд дар ҳамаи зинаҳои таҳсилоти олии касбӣ аз 1,875 кредит (45 соат) ва барои самт (ихтисос)-ҳои тиббӣ аз 2 кредит (48 соат) зиёд набошад.

39. Ҳадди ақалли ҳатмии ҳаҷми машғулиятҳои аудиторӣ дар шакли таҳсили рӯзонаи зинаи таҳсилоти олии касбӣ тибқи талаботи давлатӣ бо ҳадди ақалли

ҳатмии мазмуну мундариҷа ва дараҷаи омодагии хатмкунанда аз рӯйи барномаи таҳсилотии ҳар як самт (ихтисос) муайян карда мешавад.

40. Ҳаҷми кредити машғулиятҳои аудитории донишҷӯ дар шакли таҳсили рӯзона дар як ҳафта барои зинаи таҳсилоти бакалавриат ва мутахассис 1,25-1,5 кредит (30-36 соат), барои зинаи таҳсилоти магистратура то 0,75 кредит (18 соат) ва барои таҷрибаомӯзӣ ҳамаи зинаҳои таҳсилот дар як ҳафта 1,5 кредит (36 соат)-ро ташкил медиҳад.

41. Дар шакли таҳсили ғоибона ба донишҷӯ имконияти бо омӯзгор дар ҳаҷми на камтар аз 12-14 кредит (288-336 соат) дар як соли таҳсил дар машғулиятҳои дарсӣ қарор доштан таъмин карда мешавад.

42. Ҳаҷми умумии вақти таътил дар як соли таҳсил на камтар аз 7 ҳафта, аз ҷумла 2 ҳафта дар давраи таҳсили зимистона ташкил медиҳад.

43. Татбиқи низоми фосилавии таҳсилот дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ бо истифода аз технологияи иттилоотию коммуникатсионӣ дар шакли пурра аз худ намудани талаботи барномаи таҳсилотӣ аз рӯйи самт (ихтисос) иҷозат дода мешавад.

44. Ҳадди ақалли ҳатмии ҳаҷми машғулиятҳои аудиторӣ дар низоми таҳсилоти фосилавӣ аз рӯйи самт (ихтисос)-ҳои алоҳида на камтар аз 24 кредит (576 соат), аз рӯйи самт (ихтисос)-ҳои ҳамгиро 30 кредит (720 соат)-ро ташкил дода, донишҷӯ дар як соли таҳсил (дар давоми чор ҳафта) дар ҳаҷми 6 кредит (144 соат) ба машғулиятҳои аудиторӣ бо иштироки омӯзгор ҷалб карда мешавад.

45. Тартиби қабули рейтингҳои фосилавӣ, имтиҳонҳои ҷамъбастӣ ва аттестатсияи хатм дар шуъбаҳои рӯзона, шабона, ғоибона ва фосилавии муассисаи таҳсилоти олии касбӣ аз ҷониби мақоми ваколатдори давлатӣ дар соҳаи маориф ва илм муайян карда мешавад.

46. Даври муайяни таҳсил (даври академӣ) аз тарафи муассисаи таҳсилоти олии касбӣ муайян мегардад. Миқдори ҳафтаҳои таълими назариявӣ дар як даври академӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбии ҷумҳурӣ дар ҳамаи зинаҳои таҳсилот 16 -17 ҳафтаро дар бар мегирад.

47. Триместр (семестри иловагии таълими назариявӣ) барои баланд намудани холи миёнаи умумӣ (GPA) ва супоридани имтиҳонҳо ҷиҳати бартараф кардани қарзи академӣ дар муддати 8 ҳафта гузаронида мешавад.

5. ОЗОДИҲОИ АКАДЕМИИ МУАССИСАИ ТАҲСИЛОТИ ОЛИИ КАСБӢ ДАР МУАЙЯН НАМУДАНИ МУНДАРИҶАИ ТАҲСИЛОТИ ОЛИИ КАСБӢ

48. Муассисаи таҳсилоти олии касбӣ барномаҳои таҳсилотиро аз рӯйи самт (ихтисос) дар асоси Стандарти мазкур таҳия намуда, вазифадор аст, ки мунтазам бо назардошти рушди соҳаи иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон, талаботи бозори дохилӣ ва берунии меҳнат онҳоро таҷдиди назар карда, (агар муассисаи таълимӣ дар сохтори вазорату идораҳо қарор дошта бошад, пас баъд аз мувофиқа бо онҳо) барои тасдиқ ба мақоми ваколатдори давлатӣ дар соҳаи маориф пешниҳод намояд.

49. Муассисаи таҳсилоти олии касбӣ ҳангоми таҳияи барномаҳои таҳсилотӣ ва нақшаҳои таълимӣ аз рӯйи самт (ихтисос), муайян намудани номгӯйи фанҳои бахшҳои тахассусӣ ва интихобӣ, ба истиснои бахши фанҳои заминавӣ мустақил мебошад.

50. Муассисаи таҳсилоти олии касбӣ дар соҳаҳои тибқи Стандарти мазкур муайянгардида ҳуқуқҳои дигари пешбурди фаъолиятро, ки бо қонунгузории амалкунанда муқаррар карда шудаанд, низ доро мебошанд.

6. ТАЛАБОТИ УМУМӢ БА ТАСНИФОТИ ДАВЛАТИИ РАВИЯ ВА ИХТИСОСҲО ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

51. Таснифоти давлатии равия ва ихтисосҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон соҳаҳои мавҷуда ва дар оянда

муҳимми илму техника ва санъатро фаро мегирад. Ҳар як самт (ихтисос) бояд дорои аҳамияти иҷтимоӣ буда, ташаккули шахсиятро таъмин намояд.

52. Номгӯйи самт (ихтисос)-ҳои алоҳидаи таҳсилоти олии касбӣ тибқи «Таснифоти давлатии равия ва ихтисосҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» муайян карда мешавад.

53. Таснифоти давлатии равия ва ихтисосҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон аз тарафи Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон дар мувофиқа бо вазорату идораҳои соҳавӣ таҳия ва бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ карда мешавад.

7. ТАРТИБИ ТАҲИЯ ВА ТАСДИҚ НАМУДАНИ ТАЛАБОТИ ДАВЛАТӢ БА ҲАДДИ АҚАЛЛИ ҲАТМИИ МАЗМУНУ МУНДАРИҶА ВА ДАРАҶАИ ОМОДАГИИ ХАТМКУНАНДА

54. Талаботи давлатӣ ба ҳадди ақалли ҳатмии мазмуну мундариҷа ва дараҷаи омодагии хатмкунандагон аз рӯйи самт (ихтисос)-ҳои алоҳидаи таҳсилоти олии касбӣ як ҷузъи Стандарти мазкур маҳсуб ёфта, ба тариқи зайл номгузорӣ карда мешавад: «Барномаи таҳсилотӣ аз рӯйи самт (ихтисос)».

55. Барномаи таҳсилотӣ аз рӯйи ҳар як самт (ихтисос) таҳия карда шуда, ҳадди ақал ҷанбаҳои зеринро фаро мегирад:

- муқаррароти умумии барномаи таҳсилотӣ;
- ҳуҷҷатҳои танзимкунандаи мундариҷа ва раванди татбиқи барномаи таҳсилотӣ;
- ҳадди ақалли ҳатмии мазмун ва мундариҷаи барномаи таҳсилотӣ;
- муҳлати азхудкунии барномаи таҳсилотӣ;
- шароити амалигардонии барномаи таҳсилотӣ;
- қоидаҳои қабул тибқи барномаи таҳсилотӣ;
- аттестатсияи хатм аз рӯйи ихтисос;
- низоми дохилии таъмини сифат тибқи барномаи таҳсилотӣ;
- идоракунии тағйирот ва ғайра.

56. Барномаи таҳсилотӣ аз рӯйи ҳар як самт (ихтисос) дар асоси Стандарти мазкур аз ҷониби муассисаи таҳсилоти олии касбӣ (агар муассисаи таълимӣ дар сохтори вазорату идораҳо қарор дошта бошад, пас баъд аз мувофиқа бо онҳо) бо иштироки кордиҳанда таҳия ва аз тарафи мақоми ваколатдори давлатӣ дар соҳаи маориф тасдиқ карда мешавад.

57. Мазмуну мундариҷаи бахшҳо аз рӯйи ҳуҷҷати намунавии «Таснифоти фанҳои таълимӣ аз рӯйи бахшҳо ва модулҳо» барои зинаҳои мувофиқи таҳсилоти олии касбӣ муайян карда мешавад. Ҳуҷҷати мазкур аз ҷониби мақоми ваколатдори давлатӣ дар соҳаи маориф бо дарназардошти ҳадди ақалли ҳатмии азхудкунии мазмуну мундариҷаи барномаи таҳсилотӣ аз рӯйи ҳар як самт (ихтисос) дар асоси Стандарти мазкур таҳия ва тасдиқ карда мешавад.

58. Мавзуъ ва мундариҷаи ҳар як фанни таълимӣ тавре муайян карда мешавад, ки дар баробари пурра азхуд намудани барномаи таълимии онҳо сатҳи салоҳиятнокӣ, қобилият, малакаю маҳорат ва донишҳои назариявии донишҷӯ ташаккул ёбад.

8. ТАЛАБОТИ ҲАДДИ АҚАЛ НИСБАТ БА МАЗМУН ВА МУНДАРИҶАИ МАҶМУИ ҲУҶҶАТҲОИ БАРНОМАИ ТАЪЛИМИИ ТАҲСИЛОТИИ ОЛИИ КАСБӢ

59. Нақшаи таълимӣ як ҷузъи барномаи таълимии таҳсилоти олии касбӣ ба шумор рафта, номгӯйи фанҳо, ҳароҷоти меҳнат, марҳилаҳои пай дар пай ва ҷудогонаи омӯзиши фанҳои таълимӣ, таҷрибаомӯзӣ, машғулиятҳои факултативӣ, модулҳои таълимӣ ва дигар намудҳои фаъолияти амалишавии таҳсилотро муайян менамояд. Нақшаи таълимӣ аз рӯйи ихтисос бандҳои зеринро фаро мегирад:

- унвон ва рамзи ихтисос, дараҷа, тахассус, муҳлат ва шакли таҳсил;
- тақвими раванди таълим (ба ҳисоби ҳафта);
- тақсимоти буҷаи вақт (ба ҳисоби ҳафта);

- нақшаи раванди таълим бо нишон додани номгӯйи бахшҳо, модулҳо ва фанҳои ҳатмӣ, миқдори кредитҳо барои машғулиятҳои аудиторӣ ва ғайриаудиторӣ, семестрҳо, таҷрибаомӯзӣ ва аттестатсияи хатм.

60. Нақшаи таълимӣ аз рӯйи ихтисос аз ҷониби муассисаи таҳсилоти олии касбӣ (агар муассисаи таълимӣ дар сохтори вазорату идораҳо қарор дошта бошад, пас баъд аз мувофиқа бо онҳо) мутобиқи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва талаботе, ки дар Стандарти мазкур нишон дода шудааст, таҳия карда мешавад. Нақшаи таълимӣ бо пешниҳоди вазорату идораҳое, ки дар сохтори худ муассисаҳои таълимию тарбиявӣ доранд, аз ҷониби Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ карда мешавад.

61. Нақшаи таълимии корӣ барои самт (ихтисос)-ҳои мухталифи муассисаи таҳсилоти олии касбӣ дар асоси нақшаи таълимӣ, нақшаи инфиродии донишҷӯ бо нишон додани талаботи ҷуъиёти ҷумҳуриявӣ ва муассисаи таълимӣ, фанҳои интихобӣ барои як соли таҳсил таҳия карда мешавад.

62. Барномаҳои таҷрибаомӯзӣ (таълимӣ, педагогӣ, истеҳсолӣ, саҳроӣ, пешаздипломӣ ва ғайра) дар асоси Стандарти мазкур бо дарназардошти талабот ба ҳадди ақалли мазмуну мундариҷа ва дараҷаи омодагии хатмкунанда тибқи барномаи таҳсилотӣ аз рӯйи самт (ихтисос) таҳия шуда, барои мустаҳкам кардани донишу малакаҳои амалӣ, такмили малака ва тарзу усулҳои кор, ҳосил намудани таҷрибаи амалӣ ва омодагӣ ба фаъолияти касбӣ равона мегардад.

63. Барномаи таълимии фан як ҷузъи барномаи таълимии таҳсилоти олии касбӣ буда, дар он мақсад ва вазифаҳои фан, маълумоти мухтасар дар бораи мавзуъҳо ва маводи таълимӣ, меъёрҳои баҳодиҳӣ ба дониш ва феҳристи адабиёт дарҷ меёбад.

64. Барномаи кории фан (силлабус) аз ҷониби омӯзгор таҳия шуда, дар он тавсифи мухтасари фан, мақсад ва вазифаҳои фан, пешталабот, талаботи

баъдии фан, номгӯйи мавзуъҳо ва нақшаи тақвимӣ, усули омӯзиши онҳо, супоришҳо барои корҳои мустақилонаи донишҷӯён, намунаи супоришҳои тестӣ ва назоратӣ, вақти машварат, ҷадвали санҷиши дониши донишҷӯён, талаботи омӯзгор, меъёр ва шаклҳои баҳодиҳӣ, феҳристи адабиёти таълимӣ-методӣ ва илмӣ вобаста ба мазмуну мундариҷаи мавзуъҳо ҷой дода мешавад.

9. АТТЕСТАТСИЯИ ХАТМ ДАР МУАССИСАИ ТАҲСИЛОТИ ОЛИИ КАСБӢ

65. Марҳилаи хотимавии таҳсил дар муассисаи таҳсилоти олии касбӣ аттестатсияи хатм мебошад.

66. Аттестатсияи хатм баъд аз пурра аз худ намудани барномаи таҳсилотӣ аз рӯйи самт (ихтисос) ва нақшаи таълимии аз тарафи мақоми ваколатдори давлатӣ дар соҳаи маориф тасдиқшуда, баргузор мегардад.

67. Раванди ташкил ва баргузории аттестатсияи хатм тибқи Низомномаи аттестатсияи хатм дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки аз ҷониби мақоми ваколатдори давлатӣ дар соҳаи маориф таҳия ва тасдиқ мегардад, татбиқ карда мешавад.

68. Комиссияи аттестатсионии хатм дар муҳлатҳое, ки дар нақшаи таълимии аз тарафи мақоми ваколатдори давлатӣ дар соҳаи маориф тасдиқшуда муайян шудааст, фаъолият мекунад.

10. НАЗОРАТИ ДАВЛАТИИ РИОЯИ ТАЛАБОТИ СТАНДАРТИ ДАВЛАТИИ ТАҲСИЛОТИ ОЛИИ КАСБӢ

69. Риояи талаботи Стандарти мазкур аз ҷониби муассисаи таҳсилоти олии касбӣ таъмин карда мешавад.

70. Назорати давлатии риояи талаботи Стандарти мазкурро мақоми ваколатдори давлатии назорат дар соҳаи маориф ва илм бо иштироки муассисон, вазорату идораҳое, ки дар сохтори худ муассисаи таҳсилоти олии касбӣ доранд, амалӣ мегардонанд.

11. МУҚАРРАРОТИ ХОТИМАВӢ

71. Барои риоя накардани талаботи Стандарти мазкур нисбат ба муассисаи таҳсилоти олии касбӣ тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон чораандешӣ карда мешавад.

Бо қарори Ҳукумати
Ҷумҳурии Тоҷикистон
аз 30 апрели соли 2021,
№170 тасдиқ шудааст

БАРНОМАИ МАҚСАДНОКИ ДАВЛАТИИ РУШДИ ИЛМҲОИ РИЁЗӢ, ДАҚИҚ ВА ТАБИӢ БАРОИ СОЛҲОИ 2021-2025

1. МУҚАРРАРОТИ УМУМӢ

1. Барномаи мақсадноки давлатии рушди илмҳои риёзӣ, дақиқ ва табиӣ барои солҳои 2021-2025 (минбаъд - Барнома) бо мақсади суръат бахшидан ба низоми самарабахши дастгирӣ ва рушди илмҳои риёзӣ, дақиқ ва табиӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, тақвият додани таъсири илм ба рушди иҷтимоию иқтисодии кишвар, наздик кардани илм ба эҳтиёҷоти мавҷуда, баланд бардоштани самаранокии таҳқиқоти илмӣ ва татбиқи технологияҳои инноватсионӣ, ҳамгироии неруҳои илмӣ ва технологӣ ба самтҳои афзалиятдоштаи рушди иҷтимоӣ ва иқтисодии кишвар таҳия гардидааст.

2. Рушди илмҳои риёзӣ, дақиқ ва табиӣ дар соҳаҳои илму маориф дар ҷумҳурӣ пайваста аз ҷониби Президенти мамлакат ва Ҳукумати кишвар дастгирӣ ёфта, дар ин самт консепсияву барномаҳо ва қонунҳои соҳавӣ қабул шуда, комёбиҳои муайян ба даст омадааст. Олимони соҳаи илмҳои мазкур дар солҳои охир як зумра навъҳои ихтирооту навовариҳои манфиатбахшро офарида, технологияи самаранокии ҳифзи онҳоро тарҳрезӣ намуда, дар ҷамъият татбиқ карда истодаанд. Ҳамзамон, дастовардҳои илмии фанҳои риёзӣ, дақиқ ва табиӣ дар соҳаҳои илму маориф ва хусусан татбиқи онҳо барои рушди самараноки он ҳанӯз ҳам басанда нест.

3. Барои ба даст овардани натиҷаҳои назаррас дар самти рушди илмҳои риёзӣ, дақиқ ва табиӣ дар соҳаҳои илму маориф, инчунин ҷиҳати татбиқи технологияҳои инноватсионӣ, афзоиши истеҳсолот, ҳалли мушкилоти ҷойдошта дар фаъолияти соҳаҳои илму маориф дастгирии давлатӣ лозим мебошад.

4. Низоми самарабахши тайёр кардани кадрҳои илмии баландтахассус аз таъминоти молиявии он вобастагӣ дорад. Имрӯз ҳиссаи хароҷот ба илм аз рӯи ҳисоб ба маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ дар сатҳи паст қарор дорад ва дар омода кардани неруи илмӣ таъсир мегузорад. Амалисозии Барнома ба ташаккули неруи илмие, ки қобилияти самаранок ҳал намудани масъалаҳои рушди илмию техникӣ ва иҷтимоию иқтисодии мамлакатро дошта бошад, мусоидат мекунад.

5. Дастгирӣ ва рушди таҳқиқот дар соҳаи илмҳои риёзӣ, дақиқ ва табиӣ, таҳкими заминаи моддию техникӣ барои гузаронидани таҳқиқоти озмоишӣ, фароҳам овардани шароити мусоид барои тарбияи кадрҳои илмӣ, афзоиши донишу дурнамоии инсонӣ ва вусъат бахшидан ба ҳамкориҳои байналмилалии илмӣ зарур мебошад.

2. ТАҲЛИЛИ ВАЗЪИ КУНУНӢ

6. Баъди амалӣ гаштани Барномаи рушди илмҳои дақиқ ва табиатшиносӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2005-2008 ва Барномаи рушди илмҳои табиатшиносӣ, риёзию техникӣ барои солҳои 2010-2020 таҳқиқоти илмӣ дар соҳаи илмҳои дақиқ ва табиатшиносӣ дар институту марказҳо ва озмоишгоҳҳои Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон ва муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ рушду такомул пайдо кард. Таҷрибаи манфиатовари ҳамоҳангсозии таҳқиқот дар ин соҳа андӯхта шуда, самтҳои афзалиятдоштаи рушди илмҳои риёзӣ, дақиқ ва табиӣ муайян гардида, неруи илмӣ ба ин самтҳо мутамарказонида шудааст.

7. Дар доираи Барномаи рушди илмҳои табиатшиносӣ, риёзию техникӣ барои солҳои 2010-2020 дар пажӯҳишгоҳҳои Академияи миллии илмҳои

Тоҷикистон ва сохторҳои муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ таҳқиқоти илмӣ дар соҳаи илмҳои дақиқ ва табиӣ гузаронида шуда, таҷрибаи судманди ҳамоҳангсозии таҳқиқоти илмӣ дар соҳаҳои мухталиф, самтҳои афзалиятноки рушди илмҳои дақиқ ва табиӣ муайян ва неруи илмии онҳо мутамарказонида шуда бошанд ҳам, вале мушкилоту камбудӣ ва норасоиҳо дар пешравӣ ва сифати амалисозии бандҳои алоҳида ба назар мерасанд, ки онҳо бо татбиқи Барнома бояд ҳалли худро ёбанд.

8. Хусусияти дигари муҳимми амалисозии чорабиниҳои Барнома ҳамгиро гардидани он бо Стратегияи рушди инноватсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2020 буд, ки имкониятҳои рушди устувор ва ҳамаҷонибаи илмҳои риёзӣ, дақиқ ва табиӣ ва таъсири рӯзафзуни зиёди онҳоро ба пешрафти илму техникаи Ҷумҳурии Тоҷикистон васеъ менамояд.

9. Пешрафти минбаъда ва пурзӯр намудани таъсири неруи илмӣ ба рушди иҷтимоии кишвар зарурати тағйир додани вазъи кунуниро дар соҳаи илмҳои риёзӣ, дақиқ ва табиӣ ва қабули барномаи рушди илмҳои мазкурро дар оянда талаб менамояд.

10. Дар назди Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон 9 институти илмӣ-таҳқиқотӣ дар самти илмҳои риёзӣ, дақиқ ва табиӣ фаъолият менамоянд.

11. Дар соли 2020 дар назди муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ва илмии ҷумҳурӣ 19 шӯрои диссертатсионии Комиссияи олии атестатсионии Федератсияи Россия ва 59 шӯрои Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон амал намуда, рисолаҳои 452 нафар тасдиқ гардидааст. Аз ҷумла, соли 2020 дар Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон 353 нафар рисолаи илмии худро дифоъ кардаанд, ки аз ин 27 рисолаи докторӣ, 311 рисолаи номзадӣ ва 15 нафар докторантон аз рӯи ихтисис (PhD) мебошад. Аз шумораи умумӣ дар соҳаи илмҳои дақиқ, табиӣ ва тиббӣ 112 нафар ва дар соҳаҳои дигар 241 рисолаи худро дифоъ намуданд.

12. Тибқи ҳисоботи оморӣ дар соли таҳсили 2020-2021 шумораи умумии магистрантон дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ва илмии ҷумҳурӣ 8756 нафар ва докторантон аз рӯи ихтисис (PhD) 1532 нафарро ташкил медиҳанд, ки 40% онҳо дар бахши илмҳои дақиқ, техникию технологӣ ва инноватсионӣ ба таҳсил фаро гирифта шудаанд. Айни замон дар ҷумҳурӣ 4421 нафар кадрҳои илмӣ фаъолият менамоянд, ки аз онҳо 839 нафар доктори илм ва 3582 нафар номзади илм мебошанд.

13. Ҷиҳати ҳавасмандгардониҳо дар соҳаи илмҳои риёзӣ, дақиқ ва табиӣ бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 ноябри соли 2020, №621 Низомномаи Ҷоизаи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои олимону омӯзгорони фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ" тасдиқ гардидааст. Теъдоди умумии Ҷоизаи давлатӣ 15 адад буда, маблағи ҳар яки он 20000 сомониро ташкил медиҳад, ки аз он 6 ҷоиза ба олимони муассисаҳои таълимию илмӣ ва 9 ҷоизаи дигар ба омӯзгорони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ва ибтидоии касбӣ дода мешавад. Ҳамзамон, ҷиҳати ҳавасмандгардонии олимони ҷавон, ки дар вақти муқарраршуда рисолаҳои илмии худро дифоъ мекунанд, аз ҷониби муассисаҳои таълимӣ маблағҳои ҳавасмандгардонӣ ба миқдори аз 3 то 10 ҳазор сомонӣ ҷудо карда мешавад.

14. Бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 ноябри соли 2020, №620 "Дар бораи Низомномаи стипендияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон барои аспирантҳои таҳсили рӯзона" шумораи гирандагони стипендияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 15 то ба 50 нафар зиёд гардида, 70 фоизи шумораи умумии он ба фанҳои риёзӣ, дақиқ ва табиӣ равона карда шудааст.

3. ВАЗИФАҲО ВА АФЗАЛИЯТҲОИ БАРНОМА

15. Дар Барнома барои рушди илмҳои риёзӣ, дақиқ ва табиӣ амалӣ намудани вазифаҳои зерин пешбинӣ мешавад:

- дастгирӣ ва рушди таҳқиқот дар соҳаи илмҳои риёзӣ, дақиқ ва табиӣ;

- табдил додани илмҳои риёзӣ, дақиқ ва табиӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба соҳаи пешрафтаи дониш ва фаъолият;

- омӯзиш ва тарбияи донишҷӯёни боистеъдод;

- ташаккули таваҷҷуҳ ба азхудкунии илмҳои риёзӣ, дақиқ ва табиӣ.

16. Афзалияти таҳсилот дар самти омӯзиши илмҳои риёзӣ, дақиқ ва табиӣ бояд ба ташаккули истеъдод дар самтҳои зерин равона карда шавад:

- тафаккури мантиқӣ вобаста ба доираи васеи маводи риёзӣ (аз геометрия то барномасозӣ);

- моделсозии риёзӣ (сохтани модел ва баҳодиҳии натиҷаҳо) ва амалигардонии риёзиёт, аз ҷумла тавассути технологияҳои иттилоотӣ;

- ҷустуҷӯи ҳалли масъалаҳои нав, ташаккули тасаввуроти дохилӣ, моделҳо барои объектҳои риёзӣ математикӣ ва бартараф кардани монеаҳои рушди зеҳнӣ;

- афзалият ба омӯзиши унсурҳои риёзиёти амалӣ, информатика, "риёзиёти компютерӣ" (аз ҷумла вобаста ба тавсиф ва таҳқиқи раванди тафаккур, муошират ва фаъолияти инсон);

- равона кардани фаъолияти омӯзишӣ ба муҳити иттилоотӣ (рақами электронӣ, ки ба иштирокчиёни раванди таҳсилот, дастрасии махзанҳои иттилоотӣ, инъикос ва натиҷаи раванди таҳсил, таҳлил ва назорати берунаро таъмин менамояд);

- равон намудани афзалияти таҳсилот зимни омӯзиши илмҳои табиӣ ба ташаккули истеъдод;

- муҷаҳҳазгардонии лабораторияҳои илмӣ бо таҷҳизоти муосири илмӣ ва технологӣ, захираҳои иттилоотӣ ва ҳисоббарорӣ барои истифодаи дастаҷамъона бо мақсади таъмини сифати баланди корҳои таҷрибавӣ;

- муҷаҳҳаз гардонидани лабораторияҳои физика, химия, биология бо таҷҳизоти замонавӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ва илмии ҷумҳурӣ;

- такмили низоми омодакунии кадрҳои илмӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ва илмии ҷумҳурӣ;

- таъмини таҳқиқоти сатҳи ҷаҳонӣ дар самти илмҳои риёзӣ, дақиқ ва табиӣ, технологияҳои пешрафта тавассути дастгирии лоиҳаҳои илмӣ;

- фароҳам овардани шароит барои афзоиши неруи зеҳнии инсонӣ ва вусъат бахшидан ба ҳамкориҳои байналмилалии илмӣ;

- муайян намудани самтҳои афзалиятноки таҳқиқоти илмӣ дар кафедраву шуъбаҳои риёзӣ, дақиқ ва табиӣ муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ва илмии ҷумҳурӣ, мутамарказонии неруҳои илмӣ ва воситаҳои моддӣ-техникӣ дар ин муассисаҳо;

- ворид намудани тағйироту ислоҳот дар сохтори муассисаҳои илмӣ-таҳқиқотӣ ва муносибгардонии онҳо бо талаботи муосир;

- рушди инфрасохтори иттилоотӣ дар заминаи истифодаи технологияи пешрафтаи иттилоотию коммуникатсионӣ;

- такмили заминаи моддию техникӣ барои нашри асарҳои илмӣ, маҷалла, адабиёти дарсӣ, иттилоотию маълумотӣ оид ба фанҳои риёзӣ, дақиқ ва табиӣ;

- васеъ намудани ҳамкориҳои илмии байналмилаливу технологӣ ва баланд бардоштани самаранокии он;

- истифодаи самараноки захираҳои молиявӣ, ки аз буҷети давлатӣ барои гузаронидани таҳқиқоти илмӣ дар соҳаи илмҳои риёзӣ, дақиқ ва табиӣ ҷудо мешаванд;

- ҷалби манбаъҳои ғайрибуҷетии маблағгузорӣ аз ҳисоби лоиҳаҳои ташкилотҳои байналмилалӣ ва шарикони рушд барои рушди илмҳои риёзӣ, дақиқ ва табиӣ;

- таъмини илмҳои риёзӣ, дақиқ ва табиӣ бо асбобу воситаҳои ченкунандаи муосир;

- фароҳам овардани шароити мусоид барои гузаронидани таҳқиқот дар бахшҳои навтарини илм;

- рушди заминаи моддию техникии илмҳои риёзӣ, дақиқ ва табиӣ;

- тайёр намудани мутахассисони касбӣ тавассути донишкадаҳои такмили ихтисос дар хориҷи кишвар;

- иштироки фаъолонаи омӯзгорон, муҳаққиқон ва кормандон дар таҳия ва қабули грантҳои байналмилалӣ;

- ташкили замина барои таҳия ва татбиқи технологияҳои пешрафта дар истеҳсолот.

4.МУШКИЛОТ ДАР СОҲАИ ИЛМҲОИ РИЁЗӢ, ДАҚИҚ ВА ТАБИӢ

17. Новобаста аз дастовардҳои илмҳои риёзӣ, дақиқ ва табиӣ дар солҳои охир, то ҳол мушкилоти муайян дар соҳа ҷой дорад.

18. Дар соҳаи илмҳои риёзӣ, дақиқ ва табиӣ мушкилиҳои зерин мавҷуд мебошанд:

- нарасидани техника ва технологияи замонавӣ дар соҳаи илмҳои риёзӣ, дақиқ ва табиӣ;
- дар сатҳи зарурӣ нарасидани воситаҳои молиявӣ ҷиҳати рушди соҳа;
- ба талаботи муосир ҷавобгӯ набудани фаъолияти озмоишгоҳҳо;
- ба талаботи стандартҳои муосири ҷаҳонӣ мутобиқат накардани дастовардҳои соҳаи илмҳои риёзӣ, дақиқ ва табиӣ;
- норасоии кадрҳои баландихтисос дар илмҳои риёзӣ, дақиқ ва табиӣ;
- дар сатҳи зарурӣ завқманд набудани аҳолӣ ба илмҳои риёзӣ, дақиқ ва табиӣ; - дар сатҳи муассисаҳои таълимӣ ва мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ набудани ҳавасмандгардонии моддию маънавии барои мутахассисони соҳа;
- набудани алоқаи зич байни назария ва истеҳсолот дар самти илмҳои риёзӣ, дақиқ ва табиӣ;
- дар сатҳи зарурӣ набудани хамкорӣ бо в оситаҳои ахбори омма оид ба намоиши дастовардҳои олимони соҳаи илмҳои риёзӣ, дақиқ ва табиӣ.

5. САМТҲОИ АМАЛИСОЗИИ БАРНОМА

19. Ҳамгироии неруи илмӣ дар амалигардонии Барнома мактабҳои илмии мавҷудаи эътирофи ҷаҳонӣ пайдокарда аз рӯи самтҳои афзалиятдори таҳқиқот дар соҳаи илмҳои риёзӣ, дақиқ ва табииро дастгирӣ намуда, ташкили шароити мусоидро барои ташаккули мактабҳои

илмӣ аз рӯи самтҳои навтарини таҳқиқот дар соҳаи илмҳои риёзӣ, дақиқ ва табиӣ, рушди заминаи моддию техникӣ барои гузаронидани таҳқиқоти озмоишӣ, мустаҳкамкунии заминаи моддию техникии пажӯҳишгоҳ ва озмоишгоҳҳо бо таҷҳизоти навтарини илмӣ, асбоб, технологияи навин, реактивҳо ва маводи дигари зарурӣ, ҳамгироии пажӯҳишгоҳҳои академӣ ва кафедраҳо, озмоишгоҳҳои муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ, ташкили инфрасохтор дар заминаи истифодаи технологияи навтарини иттилоотӣ, коммуникатсия ва рушди ҳамкориҳои байналмилалӣ фароҳам меоварад.

20. Дар заминаи ҳамгироии неруҳои илмӣ ва воситаҳои моддию техникӣ аз рӯи самтҳои афзалиятдори таҳқиқот, ташкилотҳои илмию таҳқиқотӣ ва муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ, таҳқиқоти муштарак ва тарбияи кадрҳои илмӣ анҷом ёфта, муассисаҳои илмию таҳқиқотӣ бо асбобу таҷҳизоти зарурӣ таъмин ва инфрасохтори муосири иттилоотӣ ташаккул мегардад, самаранокии ҳамкориҳои байналмилалӣ боло рафта, такмил ва вусъат додани низоми дастгирӣ ва рушди илмҳои риёзӣ, дақиқ ва табиӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба роҳ монда мешавад.

21. Самтҳои асосии Барнома аз инҳо иборатанд:

- такмили заминаи моддию техникии таҳқиқоти илмӣ ва раванди таълим дар самти илмҳои риёзӣ, дақиқ ва табиӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ва илмии ҷумҳурӣ;

- ҷалби бештари ҷавонон ба омӯзиши илмҳои риёзӣ, дақиқ ва табиӣ ва фаъолияти инноватсионӣ;

- дастгирии давлатии тайёр кардани кадрҳои илмӣ, ки он ба такмили заминаи меъёрии ҳуқуқии илм, механизмҳои маблағузорӣ, ташкил кардани таҳқиқот нигаронида шудаанд;

- ҳавасмандгардонии фаъолияти илмию таҳқиқотӣ дар самти илмҳои риёзӣ, дақиқ ва табиӣ;

- таҷдиди назар намудани нақшаву барномаҳои таълимии илмҳои риёзӣ, дақиқ ва табиӣ дар ҳамаи зинаҳои таҳсилот;

- баррасии масъалаҳои фанҳои бунёдӣ ва амалии илмҳои риёзӣ, дақиқ ва табиӣ, ҷаҳонбинии илмӣ оид ба

амнияти ядроӣ, химиявӣ ва биологӣ, истифодаи кайҳон ва энергияи атом бо мақсадҳои осоишта, инноватсия, нанотехнология, технологияҳои коркарди маводи нави функционалӣ ва иқтисоди рақамӣ, мошинсозӣ, моделсозии математикӣ, забони компютерӣ, ақли сунъӣ, роботсозӣ ва дастгоҳҳои парвозкунандаи бесарнишин;

- дар сатҳи муосир ба роҳ мондани иттилоотонии равандҳои таълим ва идоракунӣ, татбиқи низоми гардиши электронии ҳуҷҷатҳо, онлайн-ҷаласаҳо ва таҳсилоти фосилавӣ;

- иктишоф ва истифодаи оқилонаи захираҳои табиӣ, аз ҷумла захираҳои обӣ, масъалаҳои энергетика, сарфаи энергия ва захираҳои манбаъҳои тағдидшавандаи энергия, коркарди канданиҳои фоиданок, мавод ва технологияи нав;

- гуногунии биологӣ, биотехнология, тағйирёбии иқлим, пиряхшиносӣ, коҳиш додани хавфи офатҳои табиӣ, аз ҷумла зилзила;

- тиб, дорушиносӣ, дорусозӣ тағҳизот ва технологияҳои тиббии ташхису табобат, коҳиши сатҳи талафот аз бемориҳои дорои моҳияти иҷтимоӣ;

- рушди инноватсионии кишоварзӣ, истифодаи самараноки захираҳои замин, амнияти озуқаворӣ, ғизои хушсифат, экология, ҳифзи муҳити зист, селексияи зироатҳои кишоварзӣ, муҳофизати растаниҳо.

6. МОНИТОРИНГ ВА АРЗЁБИИ РАВАНДИ АМАЛИСОЗИИ БАРНОМА

22. Мониторинг ва арзёбии амалисозии Барнома аз ҷониби Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон гузаронида мешавад.

23. Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳангоми гузаронидани мониторинг ва арзёбии амалишавии Барнома метавонад намояндагони Агентии назорат дар соҳаи маориф ва илми назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон, вазорату идораҳои дахлдор, муассисаҳои таълимӣ, илмӣ ва коршиносонро ҷалб намояд.

7. МАНБАЪҲОИ МАБЛАҒГУЗОРИИ БАРНОМА

24. Маблағгузории Барнома аз ҳисоби маблағҳои буҷетии ҳамасола барои соҳаҳои маориф ва илм пешбинишаванда, вазорату идораҳое, ки дар тобеияташон муассисаҳои таълимӣ, илмӣ, пажӯҳишгоҳ, озмоишгоҳ, муассисаҳои таҳсилоти олии касбии ҷумҳурӣ доранд, инчунин аз ҳисоби ташкилоту фондҳои байналмилаливу хориҷӣ, сарпарастони алоҳида ва манбаъҳои дигар амалӣ карда мешавад.

25. Барои маблағгузории Барнома инчунин манбаъҳои ғайрибуҷетӣ, аз ҷумла маблағҳои сармоягузорӣ, маблағҳое, ки фонд ва созмонҳои байналмилалӣ ва хориҷӣ барои иҷрои лоиҳаҳои илмӣ ва илмию техникӣ ҷудо менамоянд, истифода мешаванд.

Замимаи 2
ба қарори Ҳукумати
Ҷумҳурии Тоҷикистон
аз 30 апрели соли 2021 №170

НАҚШАИ ЧОРАБИНИҲО ОИД БА АМАЛИГАРДОНИИ БАРНОМАИ ДАВЛАТИИ МАҚСАДНОКИ РУШДИ ИЛМҲОИ РИЁЗӢ, ДАҚИҚ ВА ТАБИӢ БАРОИ СОЛҲОИ 2021-2025

	Чорабиниҳо	Мӯҳлати иҷро	Аз ҳисоби маблағҳои ҳамасола пешбинишуда барои соҳаи маориф ва илм				Иҷрокунандагон
			Арзиши умумӣ (бо ҳазор сомонӣ)	Маблағгузорӣ (бо ҳазор сомонӣ)			
				Буҷети ҷумҳуриявӣ	Грант	Маблағҳои махсус	
1.	Таҳлили заминаи моддию техникии муассисаҳои таълимии таҳсилоти ибтидоӣ, миёна,	Соли 2021	0				Вазорати маориф ва илм, вазорату идораҳои дахлдор, Академияи

	олии касбӣ ва муассисаҳои илмию таҳқиқотии Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон ва академияҳои соҳавӣ						миллии илмҳои Тоҷикистон ва академияҳо и соҳавӣ
2.	Таҳлили таҷрибаи давлатҳои пешрафта дар самти омӯзиши фанҳои риёзӣ, дақиқ, табиӣ ва технологияҳои пешрафта	Соли 2021	5707	424	4588	695	Вазорати маориф ва илм, вазорату идораҳои дахлдор, Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон ва академияҳо и соҳавӣ
3.	Тақвияти ҳамкории муассисаҳои таълимии таҳсилоти ибтидоӣ, миёна, олии касбӣ ва муассисаҳои илмию таҳқиқотии Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон ва академияҳои соҳавӣ	Солҳ ои 2021-2025	0				Вазорати маориф ва илм, Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон, Академияи таҳсилоти Тоҷикистон
4.	Рушди низоми таҳсилоти фосилавӣ бо роҳи васеъ намудани имконияти дастрасӣ ба интернети	Сол-ҳои 2021-2023	5200	2125		3075	Вазорати маориф ва илм, вазорату идораҳои дахлдор, муассисаҳои илмию

	баландсуръат дар муассисаҳои таҳсилоти ибтидоӣ, миёна, олии касбӣ ва муассисаҳои илмию таҳқиқотии Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон ва академияҳои соҳавӣ						таҳқиқотии Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон ва академияҳои соҳавӣ
5.	Таҳияи видеодарсҳо (видеолексия, озмоишгоҳҳои виртуалӣ ва амсоли онҳо)	Солҳои 2021-2023	3970	1470		2500	Вазорати маориф ва илм
6.	Ҷалб намудани ходимони соҳаи илм, маориф ва сохторҳои дигари давлатию ҷамъиятӣ дар тайёр намудани кадрҳои баландихтисоси илмҳои риёзӣ, дақиқ ва табиӣ	Солҳои 2021-2025	0				Вазорати маориф ва илм, вазорату идораҳои дахлдор, муассисаҳои илмию таҳқиқотии Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон ва академияҳои соҳавӣ
7.	Ташкили корҳои пажӯҳишӣ ва ҷалби донишҷӯён, магистрантон, докторантон аз рӯйи ихтисос (PhD) ва муҳаққиқони ҷавон ба корҳои	Солҳои 2021-2025	1900	400		1500	Вазорати маориф ва илм, вазорату идораҳои дахлдор, муассисаҳои илмию таҳқиқотии Академияи

	илмӣ-таҳқиқотии илмҳои риёзӣ, дақиқ ва табиӣ						миллии илмҳои Тоҷикистон ва академияҳои соҳавӣ
8.	Таҷҳизонидани озмоишгоҳҳои илмию таҳқиқотии илмҳои риёзӣ, дақиқ ва табиӣ муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ва муассисаҳои илмию таҳқиқотии Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон ва академияҳои соҳавӣ бо асбобу анҷоми илми муосир	Солҳои 2021-2025	12900	7700		5200	Вазорати маориф ва илм, вазорату идораҳои дахлдор, муассисаҳои илмию таҳқиқотии Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон ва академияҳои соҳавӣ
9.	Тайёр намудани номзад ва докторони илм дар самти илмҳои риёзӣ, дақиқ ва табиӣ дар дохили ҷумҳурӣ ва берун аз он	Солҳои 2021-2025	3785	400	2465	920	Вазорати маориф ва илм, вазорату идораҳои дахлдор, муассисаҳои илмию таҳқиқотии Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон ва академияҳои соҳавӣ

10.	Нашри маводҳои илмӣ дар соҳаи илмҳои риёзӣ, дақиқ ва табиӣ	Солҳои 2021-2025	519,8	19,8		500	Вазорати маориф ва илм, вазорату идораҳои дахлдор, муассисаҳои илмию таҳқиқотии Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон ва академияҳо и соҳавӣ
11.	Васеъ намудани ҳамкориҳои байналмилалӣ дар соҳаи илмҳои риёзӣ, дақиқ ва табиӣ	Солҳои 2021-2025	425			425	Вазорати маориф ва илм, вазорату идораҳои дахлдор, муассисаҳои илмию таҳқиқотии Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон ва академияҳо и соҳавӣ
12.	Баргузории конференсияҳо, ҳамоишҳои илмӣ, семинарҳо оид ба илмҳои риёзӣ, дақиқ ва табиӣ	Солҳои 2021-2025	1145	250	645	250	Вазорати маориф ва илм, вазорату идораҳои дахлдор, муассисаҳои илмию таҳқиқотии Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон

							ва академияҳои соҳавӣ
13.	Ҷалби донишҷӯён барои таҳсил дар зинаҳои магистратура, докторантура аз рӯйи ихтисос (PhD) барои таҳсил дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ва илмии хориҷи кишвар	Солҳои 2021-2025	470,5	120,5		350	Вазорати маориф ва илм, вазорату идораҳои дахлдор, муассисаҳои илмию таҳқиқотии Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон ва академияҳои соҳавӣ
14.	Ҷиҳати таҳияи нақшаи қабул ба зинаҳои магистратура, аспирантура, докторантура аз рӯйи ихтисос (PhD), докторантура (анъанавӣ) ва ординатура зиёд намудани фанҳо дар самти илмҳои риёзӣ, дақиқ ва табиӣ	Солҳои 2022-2025	0				Вазоратҳои рушди иқтисод ва савдо, маориф ва илм, тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ, Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон, Академияи илмҳои кишоварзии Тоҷикистон ва дигар вазорату идораҳое, ки муассисаҳои илмӣ доранд

15.	Иштироки магистрантон, докторантон аз рӯйи ихтисос (PhD), муҳаққиқони ҷавон ва олимон дар конференсия, симпозиум, анҷуман ва семинарҳои байналмилалӣ	Солҳои 2021-2025	445,5	120,5		325	Вазорати маориф ва илм, вазорату идораҳои дахлдор, муассисаҳои илмию таҳқиқотии Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон ва академияҳо и соҳавӣ
16.	Ташкили озмунҳо, олимпиадаҳо аз фанҳои риёзӣ, дақиқ ва табиӣ миёни донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти ибтидоӣ, миёна ва олии касбӣ	Солҳои 2021-2025	500	250		250	Вазорати маориф ва илм, вазорату идораҳои дахлдор, муассисаҳои илмию таҳқиқотии Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон ва академияҳо и соҳавӣ
17.	Ташкил ва вусъат бахшидани фаъолияти шӯроҳои диссертатсионӣ оид ба илмҳои риёзӣ, дақиқ ва табиӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ва илмии ҷумҳурӣ	Солҳои 2021-2025	0				Вазорати маориф ва илм, Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Академияи миллии илмҳои

							Тоҷикистон ва академияҳои соҳавӣ
18.	Васеъ ба роҳ мондани корҳои пажӯҳишии донишҷӯён, магистрантон, докторантон аз рӯйи ихтисос (PhD) оид ба илмҳои риёзӣ, дақиқ ва табиӣ	Солҳои 2021-2025	395	145		250	Вазорати маориф ва илм, Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон ва академияҳои соҳавӣ, муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ
19.	Вусъат бахшидани фаъолияти патенту ихтироот миёни донишҷӯён, магистрантон, докторантон аз рӯйи ихтисос (PhD) ва олимони равияҳои илмҳои риёзӣ, дақиқ ва табиӣ	Солҳои 2021-2025	0				Вазоратҳои маориф ва илм, рушди иқтисод ва савдо, Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон ва академияҳои соҳавӣ, муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ
20.	Ташкил додани марказҳои биотехнологӣ, паркҳои технологӣ, устохонаҳои истеҳсолӣ дар муассисаҳои таҳсилоти миёна ва олии касбӣ	Солҳои 2021-2024	7100	1650		5450	Вазорати маориф ва илм, Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон ва академияҳои соҳавӣ, муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ

21.	Ташкили мактабҳои нави илмӣ бо равияи илмҳои риёзӣ, дақиқ ва табиӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ	Солҳои 2021-2023	0				Вазорати маориф ва илм, муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ
22.	Гузаронидани таҳқиқотҳои саҳроӣ ва экспедитсияҳо барои донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти олии касбие, ки аз рӯйи ихтисосҳои риёзӣ, дақиқ ва табиӣ мутахассис тайёр мекунанд	Солҳои 2022-2025	235,5	15,5		220	Вазорати маориф ва илм, Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон ва академияҳои соҳавӣ, муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ
23.	Баланд бардоштани мақоми Академияи хурди илмӣ дар такмили дониш, маҳорат ва малакаи ҷавонони болаёқат аз фанҳои риёзӣ, дақиқ ва табиӣ	Солҳои 2021-2025	200	100		100	Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон, Вазорати маориф ва илм
24.	Таҳия намудани барномаҳо ва лоиҳаҳо оид ба коркард ва дар истеҳсолот ҷорӣ намудани дастовардҳои илмҳои риёзӣ, дақиқ ва табиӣ	Солҳои 2022-2024	519,4	19,4		500	Вазоратҳои маориф ва илм, рушди иктисод ва савдо, Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон ва академияҳо

							и соҳавӣ, муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ
25.	Зиёд намудани миқдори китобҳои илмӣ дар китобхонаи электронии муассисаҳои таҳсилоти ибтидоӣ, миёна ва олии касбӣ оид ба илмҳои риёзӣ, дақиқ ва табиӣ	Солҳои 2021-2025	0				Вазорати маориф ва илм, Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон ва академияҳо и соҳавӣ, муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ
26.	Зиёд намудани маблағгузории корҳои илмӣ-таҳқиқотии илмҳои риёзӣ, дақиқ ва табиӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ва илмии чумҳурӣ	Солҳои 2021-2025	0				Вазоратҳои маориф ва илм, рушди иктисод ва савдо, Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон ва академияҳо и соҳавӣ, муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ
27.	Омода намудани кадрҳои баландихтисос-технологҳо, нанотехнологҳо, муҳандисон, конструкторон, барномасозон ва мутахассисони соҳаи иттилоот дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ	Солҳои 2021-2025	650			650	Вазоратҳои маориф ва илм, рушди иқтисод ва савдо, Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон ва академияҳо и соҳавӣ,

							муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ
28.	Зиёд намудани маблағгузорӣ барои харидории реактивҳои химиявӣ, асбобҳо, пайвастагиҳои фаъоли биологӣ ва маводи гуногуннавъ, лавозимоти техникӣ, ки барои анҷом додани таҳқиқот заруранд	Солҳои 2021-2025	2500			2500	Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон ва академияҳои соҳавӣ, муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ
29.	Ташкил намудани заминаи иттилоотӣ барои гузаронидани таҳқиқот дар соҳаи илмҳои риёзӣ, дақиқ ва табиӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ	Солҳои 2021-2025	0				Вазорати маориф ва илм, муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ
30.	Ҷалби олимон ба иҷрои лоиҳаҳои илмӣ ва илмию техникӣ дар доираи созишномаву шартномаҳои байналмилалӣ, барномаю лоиҳаҳо оид ба грантҳо, ки аз ҷониби фонду ташкилотҳои	Солҳои 2021-2025	0				Вазоратҳои маориф ва илм, рушди иқтисод ва савдо, Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон ва академияҳои соҳавӣ, муассисаҳои

	байналмилалӣ ва хориҷӣ пешниҳод карда мешаванд						таҳсилоти олии касбӣ
31.	Таъсиси марказҳои илмӣ-таҳқиқотии муштараки муассисаҳои академӣ, кафедра ва озмоишгоҳҳо	Солҳои 2023-2025	435,4			435,4	Вазоратҳои маориф ва илм, рушди иқтисод ва савдо, Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон ва академияҳои соҳавӣ, муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ
32.	Таҳия ва амалигардонии таҳсилоти муҳандисӣ аз рӯйи барномаи EnqD - доктори илмҳои техникӣ	Солҳои 2023-2025	0				Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон ва академияҳои соҳавӣ, муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ
	Ҳамагӣ		**49003,1**	**15209,7**	**7698**	**26095,4**	

Бо қарори Ҳукумати
Ҷумҳурии Тоҷикистон
аз 21 июни соли 2018, №306
тасдиқ шудааст

НИЗОМНОМАИ НАМУНАВИИ МУАССИСАИ ТАЪЛИМИИ ТАҲСИЛОТИ ОЛИИ КАСБИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

1. МУҚАРРАРОТИ УМУМӢ

1. Низомномаи намунавии муассисаи таълимии таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд - муассисаи таҳсилоти олии касбӣ) вазъи ҳуқуқӣ, тартиби

таъсис, азнавташкилдиҳӣ, барҳамдиҳӣ, вазифа, сохтор, фаъолияти таълимӣ, илмӣ, тарбиявӣ, молиявӣ, байналмилалӣ ва идоракунии муассисаи таҳсилоти олии касбиро ба танзим медарорад.

2. Муассисаи таҳсилоти олии касбии давлатӣ, ғайридавлатӣ, муштарак ва байналмилалӣ тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон таъсис дода мешавад.

3. Низомномаи намунавии муассисаи таълимии таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар асоси Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон, қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистн "Дар бораи маориф" ва "Дар бораи таҳсилоти олии касбӣ ва таҳсилоти касбии баъд аз муассисаи олии таълимӣ", дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии соҳаи таҳсилоти олии касбӣ ва санадҳои ҳуқуқии байналмилалии эътирофкардаи Ҷумҳури Тоҷикистон таҳия гардидааст.

2. МУАССИСАИ ТАҲСИЛОТИ ОЛИИ КАСБӢ, ВАЗИФАҲО ВА СОХТОРИ ОН

4. Муассисаи таҳсилоти олии касбӣ муассисаи таълимӣ, таълимии илмие мебошад, ки барномаи таълимии касбии таҳсилоти олиро аз рӯи стандарт ва самти муайяни таълим ва маърифату тахассус татбиқ менамояд, таълиму тарбия ва тайёрии касбии шаҳрвандонро вобаста ба майлу хоҳиш, қобилият ва талаботи меъёрии соҳаи таҳсилоти олии касбӣ таъмин мекунад, инчунин фаъолияти илмӣ ва илмию техникиро амалӣ мегардонад.

5. Муассисаи таҳсилоти олии касбии аз тарафи давлат таъсис ёфта аз буҷети давлатӣ ё дигар манбаъҳо маблағгузорӣ мешавад.

6. Муассисаи таҳсилоти олии касбии давлатӣ бо пешниҳоди вазорату идораҳо аз тарафи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон таъсис, аз нав ташкил ва барҳам дода мешавад.

7. Муассиси муассисаҳои таҳсилоти олии касбии татбиққунандаи барномаҳои ҳарбии касбии таълимӣ (муассисаҳои таълимии ҳарбӣ) танҳо Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон буда метавонад.

8. Муассисаи таҳсилоти олии касбии ғайридавлатӣ дар асоси моликияти хусусӣ ва ё моликияти дигари ғайридавлатӣ таъсис ёфта, ба муассисаи таълимии таҳсилоти олии касбии ғайридавлатӣ тааллуқ дорад.

9. Муассисаи таълимии таҳсилоти олии касбии ғайридавлатӣ чун қисми таркибии сохтори таҳсилот аз рӯйи стандарти давлатии таҳсилот дорои ҳамаи ҳуқуқу ухдадориҳое мебошад, ки муассисаҳои таълимии таҳсилоти олии касбии давлатӣ доранд.

10. Муассисаи таҳсилоти олии касбии ғайридавлатӣ аз тарафи муассис (муассисон) таъсис, аз нав ташкил ва барҳам дода мешавад.

11. Вазифаҳои асосии муассисаи таҳсилоти олии касбӣ ва таҳсилоти касбии баъд аз муассисаи олии таълимӣ иборатанд аз:

- қонеъ гардонидани талаботи шахс ба рушди зеҳнӣ, фарҳангӣ ва арзишҳои маънавӣ бо роҳи дарёфти таҳсилоти олии касбӣ ва таҳсилоти касбии баъд аз муассисаи олии таълимӣ;

- рушди илму ҳунар тавассути таҳқиқоти илмӣ ва фаъолияти эҷодии кормандони илмию омӯзгорӣ ва донишҷӯён, истифодаи натиҷаҳои ҳосилшуда дар ҷараёни таълим ва истеҳсолот;

- омӯзиш, бозомӯзӣ ва такмили ихтисоси кормандони дорои таҳсилоти олии касбӣ ва кормандони илмию омӯзгории баландихтисос;

- дар замири донишҷӯён инкишоф додани ҳисси худшиносии миллӣ, ифтихори ватандорӣ, шаъну шарафи шаҳрвандӣ ва қобилияти кору зиндагии донишҷӯён дар шароити имрӯзаи ҷаҳонишавӣ;

- ҳифз ва афзун намудани арзишҳои миллӣ, ахлоқӣ, фарҳангӣ, илмӣ ва анъанаҳои кишвар;

- таҳкими сатҳи арзишҳои маънавии шаҳрвандон, такмили савияи таҳсилот ва фарҳанги онҳо;

- таъмини шароити мусоид барои таҳсил ва таҷрибаомӯзиҳои таълимӣ, истеҳсолӣ ва омӯзгории донишҷӯён.

12. Муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ дар ташаккул додани сохтори худ мустақиланд.

13. Муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ метавонанд барномаҳои таълимии муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ, таҳсилоти ибтидоӣ ва миёнаи касбиро амалӣ намоянд, агар дар сохтори онҳо муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ, ибтидоӣ ва миёнаи касбӣ мавҷуд ва барои пешбурди фаъолияти таълимӣ иҷозатнома дошта бошанд.

14. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон шаклҳои зерини муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ таъсис дода мешаванд: донишгоҳ, академия, донишкада, консерватория.

15. Донишгоҳ муассисаи таҳсилоти олии касбиест, ки:

- барномаҳои таълимии таҳсилоти олии касбӣ ва таҳсилоти касбии баъд аз муассисаи олии таълимиро аз рӯи доираи васеи соҳаву ихтисосҳо амалӣ мегардонад;

- кормандони баландихтисос, илмӣ ва илмиву омӯзгорӣ тайёр намуда, донишу ихтисоси онҳоро такмил медиҳад;

- дар соҳаҳои гуногуни илм таҳқиқоти бунёдӣ ва амалӣ анҷом медиҳад;

- дар соҳаҳои фаъолияти худ маркази пешбари илмӣ ва методӣ мебошад.

16. Академия муассисаи таҳсилоти олии касбиест, ки:

- барномаҳои таълимии таҳсилоти олии касбӣ ва таҳсилоти касбии баъд аз муассисаи олии таълимиро дар соҳаи муайяни фаъолият амалӣ мегардонад;

- кормандони баландихтисосро барои соҳаи муайяни фаъолияти илмӣ ва илмиву омӯзгорӣ тайёр намуда, донишу ихтисоси онҳоро такмил медиҳад;

- дар яке аз соҳаҳои илм ё фарҳанг таҳқиқоти бунёдӣ ва амалӣ анҷом медиҳад;

- дар соҳаҳои фаъолияти худ маркази пешбари илмӣ ва методӣ мебошад.

17. Донишкада муассисаи таҳсилоти олии касбиест, ки:

- барномаҳои таълимии таҳсилоти олии касбӣ ва барномаҳои таълимии таҳсилоти касбии баъд аз муассисаи

олии таълимиро дар як ё якчанд самти ҷудогона амалӣ мегардонад;

- кормандони баландихтисосро барои соҳаи муайяни фаъолияти касбӣ тайёр ва донишу ихтисоси онҳоро такмил медиҳад;

- таҳқиқоти бунёдӣ ва амалӣ мебарад.

18. Консерватория муассисаи таҳсилоти олии касбиест, ки:

- барномаи таълимии таҳсилоти олии касбии соҳаи фарҳанг, санъат ва мусиқиро амалӣ намуда, дар тайёр кардани мутахассисони соҳаи мазкур чораҳо меандешад;

- низоми устувори такмили ихтисос ва бозомӯзии кадрҳои соҳавиро ташаккул медиҳад;

- барои баланд бардоштани самаранокии таҳсилот дар ҷараёни таълим, корҳои илмӣ-методӣ, таҳқиқотӣ, робитаҳои таълимию эҷодӣ ва омӯзиши таҷрибаи пешқадам чорабиниҳо менамояд;

- заминаи моддию техникӣ ва илмию методии соҳаро тақвият мебахшад;

- шаклҳои тарбияи кадрҳои соҳавиро бо баланд бардоштани мақоми иҷтимоӣ ва таълиму тарбияи рақобатпазир мукаммал мегардонад.

19. Мақоми ҳуқуқии муассисаи таҳсилоти олии касбӣ дар номи он ифода меёбад. Номи муассисаи таълимии таҳсилоти олии касбӣ ҳангоми таъсисёбӣ муқаррар шуда, дар сурати тағйир ёфтани мақоми он ҳатман тағйир дода мешавад.

20. Агар дар муассисаи таълимии таҳсилоти олии касбӣ номи махсус истифода гардад (консерватория, омӯзишгоҳи олӣ ва номҳои дигар), дар баробари он шакли муассисаи олии таълимӣ нишон дода мешавад.

21. Муассисаҳои таҳсилоти олии касбие, ки мақоми донишгоҳро доранд, бо розигии муассис метавонанд дар сохтори худ донишкадаҳо, академияҳои таълимӣ, коллеҷҳо, филиалҳо, муассисаҳои илмию методӣ, хоҷагиҳои таълимию таҷрибавӣ, паркҳои технологӣ, факултетҳо, кафедраҳо, шуъбаҳои тайёрӣ, муассисаҳои илмию таҳқиқотӣ, лоиҳакашӣ, интернатура, магистратура,

ординатура (резидентура), аспирантура, докторантура, докторантура аз рӯи ихтисос (PhD), курсҳои таълимии таҳсилоти касбии иловагӣ, китобхона, дармонгоҳҳо, марказҳои таълимии ҳисоббарорӣ, бюрои конструкторӣ, хоҷагиҳои таълимию таҷрибавӣ, истгоҳҳои таҷрибавӣ, марказҳои таълимию методӣ ва таълимию иттилоотӣ, марказҳои технологию инноватсионӣ, воҳидҳои истеҳсолӣ ва дигар воҳидҳои сохторӣ дошта бошанд.

22. Муассисаи таҳсилоти олии касбии давлатӣ ҳуқуқ дорад, ки дар доираи муқаррарнамудаи иҷозатнома илова ба иҷрои фармоиши давлатӣ дар асоси шартномаҳои дахлдор бо шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ мутахассис тайёр намояд.

23. Донишкадаҳои сохторӣ ва филиалҳои муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ба таври мустақил аз аттестатсия гузашта, иҷозатномаи пешбурди фаъолият мегиранд, аммо аз аккредитатсияи давлатӣ дар ҳайати муассисаи таҳсилоти олии касбӣ мегузаранд.

24. Таъсиси воҳидҳои сохтории муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ (ғайр аз донишкадаҳои сохторӣ ва филиалҳо) мутобиқи тартиби муқарраршуда дар асоси оинномаи муассисаҳои таълимии таҳсилоти олии касбӣ амалӣ гардида, дар ин хусус ба муассис иттилоъ дода мешавад.

25. Магистратура, аспирантура докторантура аз рӯи ихтисос (PhD), докторантура ва вазифаи ходимони илмӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ, сарфи назар аз шакли ташкилию ҳуқуқӣ ва моликият, тибқи талаботи санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон таъсис дода мешаванд.

26. Фаъолияти муассисаи таҳсилоти олии касбӣ ҳамчун воҳиди ягонаи таълимӣ, илмӣ ва истеҳсолӣ бо роҳҳои зерин таъмин карда мешавад:

- иштироки ҳатмии воҳидҳои илмӣ ва дигар сохторҳои муассисаи таҳсилоти олии касбӣ дар раванди таълими донишҷӯён, курсантҳо, шунавандагон, магистрантҳо, докторантҳо ва ташкили таъмини раванди таълим;

- аз тарафи ҳамаи воҳидҳои сохторӣ иҷро намудани қарорҳои шӯрои олимон ва роҳбарияти муассисаи таълимӣ.

27. Усулҳои мушаххас ва ташкили муносибатҳои маъмурию ҳуқуқии комплекси воҳиди таълимӣ, илмӣ ва истеҳсолиро оинномаи муассисаи таълимӣ муайян менамояд.

3. ТАЪСИС, АЗНАВТАШКИЛДИҲӢ ВА БАРҲАМДИҲИИ МУАССИСАИ ТАҲСИЛОТИ ОЛИИ КАСБӢ

28. Муассисаи таҳсилоти олии касбӣ бо дархости муассис (муассисон) мутобиқи қарори он ва ё шартҳои шартномаи таъсисдиҳӣ ташкил, аз нав ташкил ва барҳам дода мешавад.

29. Муассисаи таҳсилоти олии касбӣ аз замони ба қайди давлатӣ гирифтани он таъсисёфта дониста мешавад.

30. Муассисаи таҳсилоти олии касбӣ пас аз гирифтани иҷозатнома ҳуқуқ пайдо мекунад, ки нақша ва барномаҳои таълимии таҳсилоти олии касбӣ ва таҳсилоти касбии баъд аз муассисаи олии таълимиро амалӣ намояд ва аз имтиёзҳои пешбининамудаи қонунгузорӣ истифода барад.

31. Филиалҳои муассисаҳои таҳсилоти олии касбии давлатҳои хориҷӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар асоси созишномаҳои байнидавлатӣ мутобиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон таъсис дода шуда, баъди гирифтани иҷозатномаи пешбурди фаъолияти таълимии мақоми ваколатдори давлатӣ дар соҳаи маориф дар доираи барномаҳои таълимӣ ва стандартҳои давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон фаъолият менамоянд.

32. Азнавташкилдиҳӣ ва барҳамдиҳии муассисаи таҳсилоти олии касбӣ тибқи Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон сурат мегирад.

4. ҚАБУЛ БА МУАССИСАИ ТАҲСИЛОТИ ОЛИИ КАСБӢ ВА ТАЙЁР НАМУДАНИ МУТАХАССИСОНИ ДОРОИ ТАҲСИЛОТИ КАСБИИ БАЪД АЗ МУАССИСАИ ОЛИИ ТАЪЛИМӢ

33. Шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳуқуқ доранд дар асоси озмун дар муассисаҳои таҳсилоти олии

касбии давлатӣ ба таври ройгон таҳсилоти олии касбӣ гиранд, агар ин зинаи таҳсилот бори аввал гирифта шавад.

34. Шумораи умумии қабули донишҷӯён, ки таҳсилашон аз ҳисоби маблағҳои буҷети давлатӣ амалӣ карда мешавад, ҳар сол аз тарафи мақоми ваколатдори давлатӣ тибқи замимаи иҷозатнома оид ба ҳуқуқи пешбурди фаъолияти таълимӣ дар мувофиқа бо Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян карда мешавад.

35. Қабули донишҷӯён ба муассисаи таҳсилоти олии касбӣ бо тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ба роҳ монда мешавад.

36. Қабул ба муассисаи таҳсилоти олии касбӣ дар асоси озмун ва аризаи шахсии шаҳрвандон, ки дорои таҳсилоти миёнаи умумӣ, ибтидоии касбӣ (дар заминаи таҳсилоти асосӣ) ё миёнаи касбӣ мебошанд, аз рӯи натиҷаи имтиҳонҳои дохилшавӣ, ки бо мақсади муайян намудани имконияти аз худ кардани барномаҳои таълимии таҳсилоти олии касбӣ гузаронида мешавад, сурат мегирад. Шартҳои озмун бояд дохилшавии довталабони бештар лаёқатманд ва омодабударо кафолат диҳад, агар шартҳои дигар мутобиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар нашуда бошад.

37. Қоидаҳои қабули донишҷӯён ба муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ барои идомаи таҳсил баъд аз хатми муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон, барои гирифтани таҳсилоти дуюми олии касбӣ, ба магистратура ва докторантура аз рӯи ихтисос ва барои муассисаи таҳсилоти олии касбие, ки ба низоми имтиҳонҳои марказонидашудаи дохилшавӣ ворид нагардидаанд, аз тарафи мақоми ваколатдори давлатӣ дар соҳаи маориф дар мувофиқа бо вазорату идораҳое, ки дар тобеияташон муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ доранд, таҳия ва тасдиқ карда мешавад.

38. Муассисаи таҳсилоти олии касбӣ танҳо дар сурати доштани иҷозатнома ҳуқуқи эълони қабули шаҳрвандонро дорад.

39. Муассисаи таҳсилоти олии касбӣ уҳдадор аст, ки довталабонро бо иҷозатнома, шаҳодатнома дар бораи

аккредитатсияи давлатӣ аз рӯи ҳар як равияи (ихтисоси) тайёр намудани мутахассисон, ки ҳуқуқи додани ҳуҷҷати намунаи давлатӣ оид ба таҳсилоти олии касбиро дорад, шинос намояд.

40. Натиҷаҳои ниҳоии имтиҳонҳои марказонидаи дохилшавӣ барои тақсими довталабон ва қабули онҳо ба ҳайати донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон асос ба ҳисоб рафта, мавриди баҳс қарор дода намешаванд. Ин натиҷаҳо танҳо дар соли имтиҳонӣ эътибор дошта, солҳои баъд ба назар гирифта намешаванд.

41. Довталабон ба таълими пулакӣ танҳо баъди супоридани имтиҳоноти қабул ва пардохти маблағи таҳсил (тибқи шартнома) қабул карда мешаванд. Аз таълими пулакӣ ба таълими ройгон ва аз таълими ройгон ба таълими пулакӣ гузаронидани донишҷӯён иҷозат дода мешавад.

42. Тартиби аз таълими пулакӣ ба таълими ройгон ва аз таълими ройгон ба таълими пулакӣ гузаронидани донишҷӯёнро мақоми ваколатдори давлатӣ дар соҳаи маориф муайян менамояд.

43. Муҳлати қабули ҳуҷҷатҳои довталабон ба курси якуми шакли рӯзонаи таҳсилро мақоми ваколатдори давлатӣ дар соҳаи маориф муқаррар менамояд.

44. Қабули довталаб ба ҳайати донишҷӯёни муассисаи таҳсилоти олии касбӣ аз рӯйи натиҷаҳои имтиҳонҳои марказонидаи дохилшавӣ танҳо дар сурати мавҷуд будани ӯ дар рӯйхати тақсимоти довталабон ба ихтисоси дахлдор, ки Маркази миллии тестии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод намудааст, амалӣ мегардад.

45. Довталабони муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ бояд ҳуҷҷатҳои муайянкунандаи шахсият (шиноснома ё шаҳодатномаи таваллуд), ҳуҷҷати намунаи давлатӣ дар бораи таҳсилоти миёнаи умумӣ ё таҳсилоти ибтидоӣ ва миёнаи касбӣ (аслӣ), маълумотномаи тиббӣ ва ба шумораи зарурӣ суратро ба комиссияҳои қабули муассисаҳои таълимии таҳсилоти олии касбӣ пешниҳод намоянд.

46. Ҳуҷҷатҳои дигар дар мавриде пешниҳод карда мешаванд, ки агар довталаб талабгори имтиёзҳои тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон муқарраршуда бошад ё имкониятҳои дохилшавӣ ба муассисаи таълимии таҳсилоти олии касбии (ихтисоси) интихобкардаи ӯ тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон маҳдуд шуда бошанд.

47. Ба зинаи магистратураи муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ва илмӣ шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳрвандони хориҷӣ мувофиқи шартномаву созишномаҳои байнидавлатӣ ва шахсони бешаҳрванд, ки зинаҳои бакалавр ва ё мутахассисро хатм намудаанд, қабул карда мешаванд.

48. Барномаи таълимии таҳсилоти олии касбии "магистратура" омодагии махсуси хатмкунандаро аз рӯи ихтисос (самт)-и муайян бо дар назар доштани гузаштан аз таҷрибаомӯзиҳои илмӣ-таҳқиқотӣ ва илмӣ-педагогӣ дар муҳлати ду сол дар бар гирад. Дар зинаи "магистратура" шакли таҳсил танҳо рӯзона муқаррар карда мешавад.

5. ФАЪОЛИЯТИ ТАЪЛИМӢ, МЕТОДӢ ВА ИЛМИИ МУАССИСАИ ТАҲСИЛОТИ ОЛИИ КАСБӢ

49. Дар муассисаи таҳсилоти олии касбӣ вобаста ба муҳлат ва зинаи тайёрии касбии мутахассисон барномаҳои гуногуни таълимии таҳсилоти олии касбӣ, барномаҳои таълимии таҳсилоти иловагӣ ва бозомӯзии мутахассисон амалӣ гардонида мешавад.

50. Муассисаи таҳсилоти олии касбӣ бо роҳи ташкили мақсадноки ҷараёни таълим, интихоби шакл, метод, воситаҳои таълим шароити заруриро барои аз худ кардани барномаҳои таълимии касбии донишҷӯён фароҳам месозад.

51. Муассисаи таҳсилоти олии касбӣ нақша ва ҷадвали раванди таълимро, аз ҷумла барои омӯзиши инфиродии шахсони алоҳида бо дар назар доштани сатҳи тайёрии пешакӣ ва қобилияти онҳо мувофиқи низомномаҳои мавҷуда таҳия ва тасдиқ мекунад.

52. Дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо мақсади таъмини болоравии

сифати таълим, омода намудани мутахассисони ба талаботи бозори дохилӣ ва берунии кишвар ҷавобгӯ, сафарбар намудани донишҷӯён барои идомаи таҳсил дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбии мамлакатҳои хориҷӣ ва воридшавӣ ба фазои ягонаи таҳсилоти ҷаҳонӣ низоми кредитии таҳсилот амалӣ карда мешавад.

53. Тартиби татбиқи низоми кредитии таҳсилотро дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон мақоми ваколатдори давлатӣ дар соҳаи маориф муайян мекунад.

54. Раванди таълим дар низоми кредитии таҳсилот тибқи барнома ва нақшаҳои таълимии намунавии аз тарафи мақоми ваколатдори давлатӣ дар соҳаи маориф тасдиққардашуда сурат мегирад.

55. Барои татбиқи низоми кредитии таҳсилот дар муассисаи таҳсилоти олии касбӣ оид ба ҳар як самт (ихтисос) нақшаи таълимии намунавӣ, нақшаи таълимии фардӣ ва нақшаи таълимии корӣ таҳия ва истифода мешаванд.

56. Таносуби ҳаҷми меҳнатталабии фанҳои ҳатмӣ ва интихобиро дар нақшаи таълимӣ аз рӯи самт (ихтисос)-и амалкунанда шӯрои олимони муассисаи таҳсилоти олии касбӣ дар мувофиқа бо мақоми ваколатдори давлатӣ дар соҳаи маориф муайян мекунад.

57. Ҳиссаи фанҳои ҷомеашиносӣ ва табиию риёзӣ дар нақшаҳои таълимии зинаи таҳсилоти бакалавриат то 30 фоизро ташкил медиҳад. Ҳаҷми кредитҳо барои фанҳои интихобӣ дар нақшаҳои таълимии зинаи таҳсилоти бакалавриат 25-30 фоизро ташкил дода, тадриси онҳо дар нақшаҳои таълимӣ аз рӯи самт (ихтисос)-ҳо аз семестри сеюм ба нақша гирифта мешавад.

58. Таносуби фанҳои интихобӣ дар нақшаҳои таълимии зинаи таҳсилоти магистратура то 50 фоиз ва докторантура аз рӯи ихтисос (PhD) то 70 фоизро ташкил медиҳад.

59. Нақшаи таълимии фардии донишҷӯ дар асоси нақшаи таълимии намунавӣ ва феҳристи фанҳои интихобӣ дар шакли аз тарафи муассисаи таҳсилоти олии касбӣ

муқарраргардида бо қарори шӯрои олимон тасдиқ ва барои ҳар як соли таҳсил дар зинаи бакалавриат аз семестри сеюм ва дар зинаҳои магистратура ва докторантура аз рӯи ихтисос (PhD) аз семестри якум аз тарафи донишҷӯ, магистр ва докторант бо маслиҳати мушовири академӣ (эдвайзер) тартиб дода мешавад.

60. Тамоми шаклҳои сарбории таълимии донишҷӯ (машғулиятҳои назариявӣ, кор (лоиҳа)-ҳои курсӣ, корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ, кори хатм, рисолаҳои магистрӣ ва докторӣ аз рӯи ихтисос (PhD), таҷрибаомӯзӣ ва ғайра) новобаста аз зинаҳои таҳсилот бо кредитҳо муайян карда шуда, ба ҳаҷми умумии кредитҳо дохил мегардад.

61. Ҳаҷми меҳнатталабии фаъолияти таълимии донишҷӯён вобаста ба азхудкунии барномаҳои таълимии фанҳо ба ҳисоби 1 кредит барои ҳамаи зинаҳои таҳсилот 24 соат муқаррар карда мешавад.

62. Ҳаҷми 1 кредит барои иҷрои шаклҳои таълими ғайриназариявӣ (кору лоиҳаи курсӣ, таҷрибаомӯзӣ, кори хатм, рисолаҳои магистрӣ ва докторӣ аз рӯи ихтисос (PhD) низ дар ҳамаи зинаҳои таҳсилот ба 24 соат баробар буда, танҳо дар шакли кори мустақилона бо роҳбарии омӯзгор ва кори мустақилонаи донишҷӯ муқаррар карда мешавад.

63. Барои дарёфти дараҷаи академии бакалавр 240 кредит (на камтар аз 6 кредит барои таҷрибаомӯзии таълимӣ ва истеҳсолӣ, на камтар аз 15 кредит барои таҷрибаомӯзии пешаздипломӣ, иҷрои кори хатмкунӣ ва 3 кредит барои гузаштан аз аттестатсияи хатм), магистр 120 кредит (на камтар аз 12 кредит барои таҷрибаомӯзии илмӣ-педагогӣ, на камтар аз 6 кредит барои корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ, на камтар аз 39 кредит барои корҳои илмӣ-тадқиқотӣ ва иҷрои рисолаи магистрӣ, 3 кредит барои аттестатсияи хатм), докторантура аз рӯи ихтисос (PhD) 180 кредит (аз ҷумла 16 кредит барои маҷмӯи фанҳои асосӣ, 4 кредит барои қисмати фанҳои ҳатмӣ, 12 кредит барои қисмати фанҳои интихобӣ, 24 кредит барои фанҳои таҳассусӣ, 72 кредит барои кори илмию таҳқиқотӣ (озмоишию таҳқиқотии докторант аз рӯи ихтисос), 46 кредит барои иҷрои диссертатсияи докторӣ аз рӯи ихтисос,

20 кредит барои таҷрибаомӯзиҳои педагогӣ ва касбӣ, 2 кредит барои аттестатсияи ниҳоӣ ва 2 кредит барои имтиҳони маҷмӯӣ) муқаррар карда мешавад.

64. Теъдоди умумии фанҳои таълимӣ барои ҳар як даври академӣ дар зинаи таҳсилоти бакалавриат то 8, дар зинаи таҳсилоти магистратура то 6 ва дар зинаи таҳсилоти докторантура аз рӯи ихтисос (PhD) то 4 муқаррар карда мешавад.

65. Ҳадди аксари теъдоди фанҳо тибқи барномаи асосии таҳсилот аз рӯи ихтисоси (самти) амалкунанда дар зинаи таҳсилоти бакалавр барои ихтисосҳои алоҳида на камтар аз 48 ва барои ихтисосҳои ҳамгиро то 64 фан муқаррар карда мешавад.

66. Ташкили раванди таълим дар шароити низоми таҳсилоти фосилавӣ ба истифодаи усулҳои муосири тайёр кардани мутахассисони дорои таҳсилоти олии касбӣ ва ба талаботи бозори дохилӣ ва берунии меҳнат ҷавобгӯ будани онҳо мусоидат менамояд.

67. Раванди таълим дар шароити низоми таҳсилоти фосилавӣ пурра бо истифодаи технологияи иттилоотию иртиботӣ тибқи нақшаҳои таълимии ихтисосҳои амалкунандаи муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ба роҳ монда мешавад.

68. Муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ нақшаҳои таълимиро аз рӯи ихтисосҳои амалкунандаи низоми таҳсилоти фосилавӣ тибқи талаботи мазмуну мундариҷаи ҳадди ақалли стандартҳои давлатии таълимии ихтисосҳо таҳия ва барои тасдиқ ба Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод менамоянд.

69. Ҳаҷми умумии меҳнатталабӣ барои дарёфти дараҷаи академии бакалавр мутобиқи Стандарти давлатии таҳсилоти олии касбӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон новобаста аз шакли таҳсил (рӯзона, ғоибона ва фосилавӣ), барои ихтисосҳои амалкунанда (муҳлати таҳсил 4 сол) 240 кредит муқаррар карда шудааст.

70. Корҳои таълимӣ дар низоми таҳсилоти фосилавӣ дар шакли ташкил ва гузаронидани машғулиятҳои аудитории ҳузурӣ (лексия, машғулиятҳои лабораторӣ,

амалӣ ва семинарӣ), корҳои мустақилонаи донишҷӯ бо роҳбарии омӯзгор (дарсҳои лексионӣ ва корҳои ғайриаудитории фосилавӣ) ва корҳои мутақилонаи донишҷӯ (корҳои ғайриаудитории фосилавӣ) ба роҳ монда мешаванд.

71. Ҳадди ақалли ҳаҷми машғулияҳои аудитории ҳузурӣ дар низоми таҳсилоти фосилавӣ барои як соли таҳсил на камтар аз 6 кредит муқаррар карда мешавад ва донишҷӯён бояд зимни баргузории сессияҳои таълимӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ на камтар аз чор ҳафта ба машғулиятҳои дарсӣ ҷалб карда шаванд.

72. Муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ҳангоми таҳияи нақшаҳои таълимӣ ҷиҳати гузаронидани 3 кредити таълими назариявии семестри ниҳоӣ дар ихтисосҳои амалкунанда ба семестрҳои 1-7 давраи таҳсил мустақил мебошанд.

73. Ҳаҷми кредитҳое, ки тибқи нақшаҳои таълимии ихтисосҳои амалкунанда барои машғулиятҳои аудитории фосилавӣ (дарсҳои лексионӣ) аз ҳисоби корҳои мустақилонаи донишҷӯ бо роҳбарии омӯзгор ҷудо карда мешавад, бояд на камтар аз 50 фоизи ҳаҷми умумии меҳнатталабии ин шакли корҳои таълимиро ташкил диҳад.

74. Машғулиятҳои аудитории ҳузурӣ тибқи низоми таҳсилоти фосилавӣ гузаронидани дарсҳои лексионӣ, лабораторӣ, амалӣ ва семинариро дар бар гирифта, ҳангоми баргузор намудани сессияҳои таълимӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ бо ҷалби бевоситаи донишҷӯён ба машғулиятҳои дарсӣ ба роҳ монда мешавад.

75. Корҳои мустақилонаи донишҷӯ бо роҳбарии омӯзгор ба таври фосилавӣ дар шакли иҷрои корҳои назоратӣ, супоридани имтиҳонҳои фосилавии 1 ва 2, ҳимояи кор (лоиҳа)-ҳои курсӣ, ҳисоботи таҷрибаомӯзӣ ва хондани лексия, гузаронидани машварат, мусоҳибаҳо, баҳогузорӣ ба корҳои мустақилонаи донишҷӯён ва муайян намудани рейтинги академии онҳо аз ҷониби омӯзгорон дар ҳафтаҳои таълими назариявии як даври академӣ ташкил карда мешавад.

76. Назорати ҷорӣ, қабули имтиҳонҳои фосилавӣ, муайян намудани рейтинги академӣ ва қабули имтиҳонҳои ниҳоии донишҷӯён, ҳамчунин аттестатсияи хатмкунандагон аз ҷониби муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ бо дар назар доштани низоми кредитии таҳсилот ва истифода аз воситаҳои электронӣ амалӣ карда мешавад.

77. Дар муассисаи таҳсилоти олии касбӣ намудҳои зерини машғулиятҳои таълимӣ муқаррар карда мешаванд: лексия, дарс-лексия, машварат, семинар, машғулияти амалӣ, кори лабораторӣ, кори контролӣ, коллоквиум, кори мустақилона, таҷрибаомӯзӣ, кори курсӣ, реферат, кори эҷодӣ, кори таҳлилӣ ва намоишӣ (дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбии соҳаи фарҳанг, санъат ва мусиқӣ), иҷрои таҳқиқоти дипломӣ ва таҳқиқоти магистрӣ.

78. Муассисаи таҳсилоти олии касбӣ метавонад намудҳои дигари корҳои таълимиро низ ба роҳ монад. Барои ҳамаи намудҳои машғулиятҳои аудиторӣ 50 дақиқа вақти академӣ муқаррар карда мешавад.

79. Донишҷӯён, интернҳо, магистрҳо, ординаторҳо ва докторантҳои шуъбаҳои рӯзонаи муассисаҳои таҳсилоти олии касбии давлатӣ тибқи тартиб ва андозаи муқарраршуда стипендияи давлатӣ ё стипендияи муассисаю ташкилотро мегиранд.

80. Барои донишҷӯён, магистрҳо ва ординаторҳои таҳсили рӯзона дар давоми соли таҳсил на камтар аз 7 ҳафта таътил, аз ҷумла 2 ҳафта таътили зимистона муқаррар карда мешавад.

81. Вазифаи тарбиявии муассисаи таҳсилоти олии касбӣ, ки аз табиати башардӯстонаи таълим, афзалияти арзишҳои инсонӣ бармеоянд, дар фаъолияти якҷояи таълимӣ, илмӣ, эҷодӣ, истеҳсолӣ ва ҷамъиятии донишҷӯён ва омӯзгорон татбиқ карда мешавад.

82. Муассисаи таҳсилоти олии касбӣ дар интихоби низоми баҳогузорӣ, шаклу тартиби гузаронидани машғулиятҳо, аттестатсияи донишҷӯён ва шунавандагон мустақил буда, супоридани санҷишу имтиҳонҳои ҷориро мутобиқи тартиби муқаррарнамудаи мақоми ваколатдори давлатӣ дар соҳаи маориф ба роҳ мемонад.

83. Ҷалб намудани донишҷӯёну шунавандагон ба кор ё фаъолияте, ки ба раванд ва фаъолияти таълимӣ вобастагӣ надорад, манъ аст.

84. Таҷрибаомӯзии таълимӣ ва истеҳсолӣ, ки онро Стандарти давлатии таҳсилоти олии касбӣ пешбинӣ кардааст, дар асоси шартномаҳои байни муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ва корхонаю муассиса ва ташкилотҳо сурат мегирад, ки мувофиқи онҳо ин корхонаю муассиса ва ташкилотҳо новобаста аз шакли ташкилию ҳуқуқӣ ва тобеияти идоравии худ уҳдадоранд барои таҷрибаомӯзии донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ва аккредитатсияшудаи ғайридавлатӣ ҷой диҳанд ва шароити мусоид фароҳам созанд.

85. Фарогирии нақшаи таълимии муассисаи таълимии таҳсилоти олии касбӣ бо аттестатсияи хатми донишҷӯён хотима меёбад.

86. Муассисаи таҳсилоти олии касбӣ дар ташкил ва гузаронидани раванди таълим, истифодаи технологияи нав шаклу усулҳои пешқадами таълимро ҷустуҷӯ ва ҷиҳати баланд бардоштани сифати тайёр кардани мутахассисон истифода менамояд.

87. Забони таълим дар муассисаи таҳсилоти олии касбӣ мувофиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян карда мешавад.

88. Муассисаи таҳсилоти олии касбӣ корҳои методиро ташкил ва ба роҳ мемонад. Ҳамоҳангсозии корҳои таълимию методӣ дар муассисаи таҳсилоти олии касбӣ аз ҷониби маркази таълимию методӣ амалӣ мегардад.

89. Вазифаҳои асосии муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ дар самти корҳои илмию таҳқиқотӣ аз инҳо иборатанд:

- коркарди масъалаҳои назариявӣ ва амалӣ;
- таълифи китобҳои дарсӣ ва васоити таълимӣ;
- иҷрои корҳои таҳқиқотии дорои хусусияти илмию эҷодӣ.

90. Таҳқиқоти илмие, ки дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ба роҳ монда мешавад, бо дар назар доштани афзалиятнокии онҳо аз ҳисоби буҷети давлатӣ, маблағи аз

иҷрои корҳои шартномаҳои хоҷагӣ бадастомада, қарзи бонкҳо, маблағҳои худӣ, хайрияҳо ва манбаъҳои дигар маблағгузорӣ карда мешаванд.

91. Принсипи асосии илмӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ аз ҳамоҳангсозии он бо ҷараёни таълим, инчунин бо илмҳои академӣ ва соҳавӣ иборат аст.

92. Намуди асосии фаъолияте, ки аз ҷониби муассисаи таҳсилоти олии касбӣ амалӣ мегардад, дар баробари фаъолияти таълимӣ, инчунин фаъолияти илмӣ, илмию техникӣ ва инноватсионӣ, аз ҷумла амалисозии ҳуқуқ ба объектҳои моликияти зеҳнӣ ва анҷом додани корҳои илмию таҳқиқотӣ ва таҷрибавию конструкторӣ мебошад.

93. Муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ҳуқуқ доранд баробари дар ҷараёни таълим ҷорӣ намудани дастовардҳои пешқадами илм, ба он олимони ташкилотҳои илмию таҳқиқотӣ, аз ҷумла ташкилотҳои илмии таҳқиқотии хориҷиро ҷалб намоянд.

94. Муассисаи таҳсилоти олии касбӣ таҳқиқоти илмӣ ва корҳои эҷодиро аз рӯи нақшаи мавзӯӣ, ки онро шӯрои олимон тасдиқ менамояд, амалӣ сохта, истифодаи судманд ва босамари имкониятҳои илмии худ, сифати корҳои иҷрошаванда ва шароити бехатарии меҳнат, ҷалби васеи мутахассисони баландихтисос, донишҷӯён, курсантҳо, шунавандагонро барои иштирок дар корҳои илмию таҳқиқотӣ ва эҷодӣ таъмин мекунад.

6. ХУДМУХТОРИИ МУАССИСАИ ТАҲСИЛОТИ ОЛИИ КАСБӢ ВА ОЗОДИИ АКАДЕМӢ

95. Худидоракунии муассисаи таҳсилоти олии касбӣ мустақилияти муассисаи таҳсилоти олии касбиро дар интихобу ҷобаҷогузории кадрҳо, фаъолияти таълимӣ, илмӣ, молиявию хоҷагӣ ва ғайра, ки оинномаи он мутобиқи муқаррароти қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян кардааст, ифода менамояд.

96. Муассисаи таҳсилоти олии касбӣ барои татбиқи низоми фосилавии донишомӯзӣ низомномаи аз тарафи

мақоми ваколатдор дар соҳаи маориф тасдиқнамударо истифода мебарад.

97. Назорати мувофиқати фаъолияти муассисаи таҳсилоти олии касбӣ, новобаста аз шакли ташкилию ҳуқуқӣ, бо дар назар доштани мақсадҳое, ки дар оинномаи он пешбинӣ шудааст, аз ҷониби мақоми ваколатдор дар соҳаи маориф ва муассис (муассисон), ки дар доираи салоҳияти худ барои пешбурди фаъолияти таълимӣ иҷозатнома додаанд, амалӣ мегардад.

98. Ба ҳайати профессорону омӯзгорон, кормандони илмӣ ва донишҷӯёни муассисаи таҳсилоти олии касбӣ, аз ҷумла ба омӯзгорони муассисаи таҳсилоти олии касбӣ озодиҳои академӣ дода мешавад, то мавзӯи дарсро (таълимро) бо усули худ дар доираи барномаҳои таълимӣ баён кунанд, мавзӯи таҳқиқоти илмиро интихоб намоянд ва бо тарзу усулҳои худ гузаронанд.

99. Дар доираи барномаҳои таълимӣ ба донишҷӯён мувофиқи майлу талаботи онҳо озодии академӣ дода мешавад.

100. Муносибати байни муассис ва муассисаи таҳсилоти олии касбиро шартномаи тарафайн муайян мекунад.

101. Худидоракунӣ шакли озодии академӣ мебошад ва шарти зарурӣ барои кафолати иҷрои уҳдадориҳои муассисаи таълимии таҳсилоти олии касбӣ ба ҳисоб меравад.

102. Худидоракунии дастаҷамъӣ ва роҳбарии муносиби академӣ қисми муҳимтарини таркибии худмухторӣ мебошад.

103. Худмухторӣ шакли муҳимтарини ташкили раванди таълим ва тадбирҳои академӣ мебошад, ки масъулияти давлатии муассисаи таҳсилоти олии касбиро назди муассис мегузорад.

104. Барномаҳои таълимии муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ метавонанд муттасил ва зина ба зина тавассути низоми кредитии таълим ва ё анъанавӣ, мувофиқи тартиби муайяннамудаи мақоми ваколатдор дар соҳаи маориф амалӣ шаванд.

7. СТАНДАРТИ ДАВЛАТИИ ТАҲСИЛОТ ВА БАРНОМАҲОИ МУАССИСАИ ТАҲСИЛОТИ ОЛИИ КАСБӢ. ЗИНАҲОИ ТАҲСИЛОТ

105. Стандарти давлатии таҳсилоти олии касбӣ иборат аст аз:

- талаботи умумӣ ба барномаҳои асосии таълимии таҳсилоти олии касбӣ ва таҳсилоти касбии баъд аз муассисаи олии таълимӣ;

- талабот ба ҳадди ақалли ҳатмии мазмуни барномаҳои асосии таълимии таҳсилоти олии касбӣ ва таҳсилоти касбии баъд аз муассисаи олии таълимӣ вобаста ба шароити амалӣ гардонидани онҳо, аз ҷумла ба таҷрибаи таълимию истеҳсолӣ, аттестатсияи ниҳоии хатмкунандагон ва дараҷаи тайёр намудани онҳо аз рӯи соҳаҳои ихтисосҳои алоҳидаи таълим;

- муҳлати фаро гирифтани барномаҳои асосии таълимии таҳсилоти олии касбӣ ва таҳсилоти касбии баъд аз муассисаи олии таълимӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбии давлатӣ ва ғайридавлатӣ;

- ҳаҷми ниҳоии сарбории донишҷӯён.

106. Стандарти давлатии таҳсилоти олии касбӣ таъмини муқаррароти зеринро дар бар мегирад:

- сифати таҳсилоти олии касбӣ ва таҳсилоти касбии баъд аз муассисаи олии таълимӣ;

- ягонагии фазои таълим;

- эътироф ва муқаррар намудани баробаразишии ҳуҷҷатҳои давлатҳои хориҷӣ оид ба таҳсилоти олии касбӣ ва таҳсилоти касбии баъд аз муассисаи олии таълимӣ.

107. Стандарти давлатии таҳсилоти олии касбӣ, инчунин Таснифоти давлатии равия ва ихтисосҳои таҳсилоти олии касбиро Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ менамояд.

108. Стандарти давлатии таҳсилоти олии касбӣ нисбат ба ҳамаи муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон, новобаста аз шакли моликият ва шакли ташкилию ҳуқуқӣ, ки аз рӯи самтҳои таълим аз аттестатсия

ва аккредитатсияи давлатӣ гузаштаанд ва ё барои ба он соҳиб шудан довталаб мебошанд, татбиқ мегардад.

109. Муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки аттестатсия ва аккредитатсияи давлатӣ доранд ва ё барои ба он соҳиб шудан довталаб мебошанд, ухдадоранд, ки дар раванди таҳияи лоиҳаҳои стандартҳои давлатии таълимӣ аз рӯи ихтисосҳо (самтҳо) талаботи Стандарти давлатии таҳсилоти олии касбиро риоя намоянд.

110. Барои аз рӯи ихтисосҳо (самтҳо) таҳия ва мавриди истифода қарор додани барномаҳои таълимӣ танҳо муассисаҳои таҳсилоти олии касбие ҳуқуқ доранд, ки дорои иҷозатнома оид ба пешбурди фаъолияти таълимӣ мебошанд.

111. Муайян намудани ҳадди ақалли ҳатмии азхудкунии мазмуну мундариҷаи барномаи таълимии таҳсилоти олии касбии ҳар як ихтисос (самт) дар асоси ҷузъи ҷумҳуриявии стандарти давлатии таълимӣ, ки талаботи давлатиро нисбат ба ҳадди ақалли ҳатмии мазмуну мундариҷа ва дараҷаи омодагии хатмкунандагон муқаррар намудааст, ба роҳ монда мешавад.

112. Ҳаҷми кредитҳо барои бахши фанҳои ҷомеашиносӣ, иқтисодию иҷтимоӣ ва табиатшиносию риёзии зинаи таҳсилоти "бакалавриат" бо дар назар доштани фанҳои интихобӣ на камтар аз 72 кредит (ё на камтар аз 30 дарсади миқдори умумии кредитҳо)-ро ташкил медиҳад.

113. Ҳаҷми умумии кредитҳои бахши фанҳои умумитаълимии зинаи таҳсилоти олии касбии "магистратура" на камтар аз 60 кредит (ё на камтар аз 50 дарсади миқдори умумии кредитҳо)-ро ташкил медиҳад.

114. Барномаҳои таълимии таҳсилоти олии касбӣ бояд дар баробари фанҳои ҳатмӣ фанҳои интихобиро низ дар бар гиранд. Номгӯи фанҳои интихобиро муассисаи таҳсилоти олии касбӣ муайян менамояд.

115. Ҳаҷми кредитҳои фанҳои интихобӣ дар зинаи таҳсилоти олии касбии "бакалавриат" ва "мутахассис" 25-

30 дарсад ва дар зинаи магистратура 50 дарсадро ташкил медиҳад.

116. Барномаҳои таҳсилоти касбии баъд аз муассисаи олии таълимӣ ба шаҳрвандони дорои таҳсилоти олӣ имконият медиҳанд, ки дараҷаи тахассусии илмию омӯзгории худро баланд намуда, барои иҷрои корҳо ҷиҳати дарёфти унвони илмӣ тайёр шаванд.

117. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон шаклҳои зерини таҳсилоти олии касбӣ муқаррар шудаанд:

- таҳсилоти бисёрзинагӣ: таҳсилоти олии касбӣ, ки барои тасдиқи он ба шахси аз аттестатсияи хатм бомуваффақият гузашта тахассуси дараҷаи "бакалавр" дода мешавад; таҳсилоти олии касбӣ, ки барои тасдиқи он ба шахси аз аттестатсияи хатм бомуваффақият гузашта тахассуси дараҷаи "магистр" дода мешавад.

- таҳсилоти анъанавӣ: таҳсилоти олии касбӣ, ки барои тасдиқи он ба шахси аз аттестатсияи хатм бомуваффақият гузашта тахассуси дараҷаи "мутахассис" дода мешавад.

118. Таҳсилоти шахсоне, ки омӯзишро аз рӯи барномаи таълимии асосии таҳсилоти олии касбӣ ба итмом нарасонидаанд, аммо аз аттестатсияи ҷорӣ бомуваффақият гузаштаанд (на камтар аз ду соли таҳсил), таҳсилоти олии касбии нопурра шуморида шуда, ба онҳо ҳуҷҷати академии шакли муқарраршуда дода мешавад.

119. Муҳлати фарогирии барномаҳои асосии таълимии таҳсилоти олии касбӣ (ба истиснои барномаҳои асосии таълимии таҳсилоти олии тиббӣ):

- барои дарёфти тахассуси "бакалавр" - на камтар аз чор сол;

- барои дарёфти тахассуси "мутахассис" - на камтар аз панҷ сол;

- барои дарёфти дараҷаи "магистр" - ду сол;

- барои дарёфти дараҷаи "доктори фалсафа (PhD)", "доктор аз рӯи ихтисос" дар заминаи таҳсилоти олии магистратура - се сол.

120. Шахсоне, ки оид ба таҳсилоти олии касбии зинаи муайян ҳуҷҷатҳои намунаи давлатиро доранд, мутобиқи

ихтисос метавонанд аз рӯи барномаи таълимии таҳсилоти олии касбии зинаи минбаъда таълимро идома диҳанд.

121. Аз бар намудани барномаи таълимии таҳсилоти олии касбии дараҷаи мувофиқ дар муассисаи таҳсилоти олии касбии дорои аккредитатсияи давлатӣ ба шахс барои ишғоли вазифаи мувофиқ дар муассисаи давлатӣ ва гирифтани музди кор ва музди изофа асос мебошад. Барои шахсоне, ки барномаҳои таълимии таҳсилоти олии тиббӣ ва таҳсилоти олии фарматсевтиро аз бар намудаанд, барои ишғоли вазифаҳои зикршуда тайёрии баъди таҳсилоти олии касбӣ дар интернатура, ординатура (резидентура) ва магистратура, ки он бо шаҳодатномаи шакли муқарраршуда тасдиқ шудааст, асос мебошад.

122. Тахассуси дараҷаи "бакалавр" ҳангоми ба кор қабул намудан ба шаҳрвандон ҳуқуқи ишғоли вазифаеро медиҳад, ки барои он мутобиқи талаботи тахассусӣ (мутахассис) таҳсилоти олии касбӣ пешбинӣ шудааст.

123. Ишғоли вазифаи хизмати давлатӣ аз ҷониби бакалавр, магистр ва мутахассис бо тартибе, ки қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар намудааст, сурат мегирад.

124. Назорати давлатии риояи талаботи Стандарти давлатии таҳсилоти олии касбӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ, новобаста аз шаклҳои ташкилию ҳуқуқӣ ва моликият, мансубияти соҳавӣ аз тарафи мақоми ваколатдори давлатӣ дар соҳаи маориф ва ташкили назорати давлатии риояи талаботи он дар якҷоягӣ бо муассиси муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ амалӣ мегардад.

8. ҲУҶҶАТҲО ОИД БА ТАҲСИЛОТИ ОЛИИ КАСБӢ

125. Ба шахсоне, ки таҳсилро аз рӯи барномаҳои таълимии таҳсилоти олии касбӣ анҷом додаанд ва аз аттестатсияи хатм гузаштаанд, ҳуҷҷати намунаи давлатӣ дода мешавад.

126. Муассисаи таҳсилоти олии касбие, ки аккредитатсияи давлатӣ дорад, ба хатмкунандагон дар бораи таҳсилоти дахлдор ҳуҷҷати намунаи давлатии дорои

нишони давлатӣ ва нишони сарисинагии намунаи муқарраршуда медиҳад. Шакли ҳуҷҷати намунаи давлатӣ ва нишони сарисинагиро Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ мекунад.

127. Ҳуҷҷатҳое, ки хатми зинаҳои таҳсилоти олии касбиро тасдиқ менамоянд, инҳоянд:

- дипломи мутахассис;
- дипломи бакалавр;
- дипломи магистр;
- дипломи доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯи ихтисос;
- дипломи доктори илм.

128. Тартиби додани ҳуҷҷатро дар бораи такмили ихтисос бо роҳи гузаштани курсҳои гуногун мақоми ваколатдори давлатӣ дар соҳаи маориф муайян менамояд.

129. Муассисаи таҳсилоти олии касбӣ пас аз гузаштан аз аттестатсия ва аккредитатсияи давлатӣ барои додани ҳуҷҷатҳои намунаи давлатӣ дар бораи таҳсилоти олии касбӣ ҳуқуқ пайдо мекунад.

130. Ҳуҷҷатҳо дар бораи таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон ва берун аз ҷумҳурӣ эътибор доранд.

9. ИДОРАКУНИИ МУАССИСАИ ТАҲСИЛОТИ ОЛИИ КАСБӢ ВА ТАҲСИЛОТИ КАСБИИ БАЪД АЗ МУАССИСАИ ОЛИИ ТАЪЛИМӢ, НАЗОРАТИ ФАЪОЛИЯТИ МУАССИСАҲОИ ТАҲСИЛОТИ ОЛИИ КАСБӢ, ИҶОЗАТНОМАДИҲӢ, АТТЕСТАТСИЯ ВА АККРЕДИТАТСИЯИ МУАССИСАҲОИ ТАҲСИЛОТИ ОЛИИ КАСБӢ

131. Идоракунии муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ мутобиқи тартиби муқаррарнамудаи Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон, санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва оинномаи муассисаи таълимӣ амалӣ карда мешавад.

132. Оинномаи муассисаи таҳсилоти олии касбӣ аз тарафи муассис (мақлиси умумии муассисон) тасдиқ карда мешавад.

133. Роҳбарии умумии муассисаи таҳсилоти олии касбиро шӯрои олимон амалӣ менамояд. Муҳлати ваколатҳои шӯрои олимон наметавонад аз 5 сол зиёд

бошад. Аз нав интихоб намудани аъзои шӯрои олимон пеш аз муҳлат бо дархости на камтар аз нисфи аъзо, инчунин дар ҳолатҳои пешбининамудаи оинномаи муассисаи олии таълимӣ гузаронида мешавад.

134. Тартиби интихоби ҳайати аввали шӯрои олимонро маҷлиси умумӣ (муассисон), омӯзгорон, кормандони илмӣ, намояндагони гурӯҳи дигари кормандон ва донишҷӯён муайян мекунанд. Ба ҳайати шӯрои олимон намояндагони тамоми гурӯҳҳои кормандон ва донишҷӯёни муассисаи олии таълимӣ, иттифоқҳо ва дигар ташкилотҳои ҷамъиятӣ интихоб шуда метавонанд.

135. Дар муассисаи таҳсилоти олии касбӣ вобаста ба самтҳои гуногуни фаъолияти он шӯроҳои дигар низ таъсис дода мешаванд. Тартиби интихоб, ҳайат, ваколатҳо ва дигар масъалаҳои вобаста ба фаъолияти шӯроҳо тибқи оинномаи муассисаи таълимӣ муайян карда мешавад.

136. Тартиби интихоби вакилони маҷлиси умумӣ (конференсия)-ро шӯрои амалкунанда бо иштироки ҳамаи гурӯҳҳои кормандон, ташкилотҳои ҷамъиятӣ ва донишҷӯён муайян менамояд, дар ин маврид намояндагони аъзои шӯрои олимон набояд аз 30 фоизи шумораи умумии вакилон зиёд бошад.

137. Дар муассисаи таҳсилоти олии касбии давлатии навтаъсис то созмон ёфтани шӯрои олимон, пурра кардани ҳайати омӯзгорон, кормандони илмӣ ва дигар гурӯҳҳои кормандон оиннома аз тарафи муассис ба муддати на бештар аз як сол тасдиқ карда мешавад. Масъалаҳои меҳнатӣ, иҷтимоию иқтисодӣ ва касбӣ дар доираи шартномаи коллективӣ ҳал шуда, қабул ва татбиқи онҳоро қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян мекунад.

138. Роҳбарии бевоситаи муассисаи таҳсилоти олии касбиро ректор амалӣ менамояд.

139. Ректори муассисаи таҳсилоти олии касбии давлатӣ аз тарафи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон бо пешниҳоди вазорату идораҳои дахлдор ва ректори муассисаи таҳсилоти олии касбии хусусӣ аз тарафи муассис (муассисон) ба вазифа таъин ва аз вазифа озод карда мешаванд.

140. Тартиби ба вазифа таъин ва аз вазифа озод намудани ректор, ваколатҳои мақомоти иҷроияи муассисаи таҳсилоти олии касбӣ, тартиби қабули қарор ва намояндагӣ намуданро аз номи муассиса қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ва оинномаи муассисаи таҳсилоти олии касбии дахлдор муайян мекунад.

141. Ректори муассисаи таҳсилоти олии касбӣ тамоми масъулияти вазъи раванди таълиму тарбия, корҳои илмию таҳқиқотӣ ва фаъолияти молиявию хоҷагидории муассисаи таҳсилоти олии касбиро ба уҳда дорад.

142. Доираи ваколатҳои ҳуқуқии байни аъзои шӯрои олимон ва ректор мутобиқи оинномаи муассисаи таълимии таҳсилоти олии касбӣ муайян карда мешавад.

143. Ба ректори муассисаи таҳсилоти олии касбӣ ишғоли вазифаҳои дигари роҳбарикунанда, ба ғайр аз роҳбарии илмӣ, илмию методӣ дар дохили муассисаи таълимӣ ё берун аз он манъ аст. Ректор дар доираи ваколати худ амру фармоишҳо мебарорад, ки иҷрои онҳо барои ҳамаи кормандон ва донишҷӯёни муассисаи таълимӣ ҳатмӣ мебошад.

144. Ректор метавонад, ки иҷрои қисме аз ваколатҳои худро ба зиммаи муовинон ва дигар кормандони муассисаи таълимӣ вогузор намояд.

145. Бо пешниҳоди ректорони муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ дар соҳаи маориф муовинони якум ва муовинони онҳо аз ҳисоби мутахассисони дорои дараҷаи доктор ё номзади илм аз ҷониби мақоми ваколатдори давлатӣ дар соҳаи маориф ва ё мақомоти дахлдори давлатие, ки дар сохтори худ муассисаҳои таълимию тарбиявӣ доранд, ба вазифа таъин ва аз вазифа озод карда мешаванд.

146. Дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбии ғайридавлатӣ муовинон бо пешниҳоди ректор аз тарафи муассис (муассисон) аз ҳисоби мутахассисони дорои дараҷаи доктори илм, доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯи ихтисос ё номзади илм ба вазифа таъин ва аз вазифа озод карда мешаванд.

147. Роҳбарии факултетро декан ба уҳда дорад, ки он аз ҳисоби мутахассисони дорои дараҷаи доктори илм, доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯи ихтисос ё номзади илм аз тарафи ректор дар мувофиқа бо муассис ба вазифа таъин ва аз вазифа озод карда мешавад.

148. Роҳбарии кафедраро мудир ба уҳда дорад, ки фаъолияти он тибқи низомномаи намунавии кафедраи муассисаи таҳсилоти олии касбӣ амалӣ карда мешавад.

149. Низомномаҳо дар бораи кафедраҳо ва дигар сохторҳои таркибии муассисаи таҳсилоти олии касбӣ дар асоси низомномаи мазкур таҳия ва тасдиқ карда мешавад.

150. Ҳуқуқи дар амал татбиқ намудани нақша ва барномаҳои таълимии муассисаи таҳсилоти олии касбӣ ва таҳсилоти касбии баъд аз муассисаи олии таълимӣ ва имтиёзҳо мувофиқи қонунгузории ҷорӣ, аз лаҳзаи додани иҷозатнома (литсензия) ба муассисаи таълимии таҳсилоти олии касбӣ дода мешавад.

151. Иҷозатнома (литсензия) оид ба пешбурди фаъолияти таълимӣ аз рӯи барномаҳои таълимии таҳсилоти олии касбӣ аз тарафи мақоми ваколатдори давлатӣ дар соҳаи маориф дар асоси хулосаи комиссияҳои экспертӣ дода мешавад. Иҷозатнома оид ба пешбурди фаъолияти таълимӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбии тиббӣ аз ҷониби комиссияи иҷозатномадиҳии Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон якҷоя бо Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон дода мешавад.

152. Иҷозатномаи фаъолияти таълимии муассисаи таҳсилоти олии касбӣ аз рӯи равияҳои нав, тайёр кардани мутахассисон (ихтисосҳо) новобаста аз доштани иҷозатномаи муассисаи таҳсилоти олии касбӣ аз нав гузаронида мешавад.

153. Иҷозатнома ба муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ новобаста аз шаклҳои ташкилию ҳуқуқиашон дар ҳолате дода мешавад, ки агар онҳо таҳти ҳуқуқи моликият, идоракунии оперативӣ ё иҷораи молу мулки дахлдор ва манбаи таълимию моддии зарурӣ дошта бошанд.

154. Аттестатсияи муассисаи таҳсилоти олии касбӣ тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ба роҳ монда мешавад. Мақсади аттестатсия муқаррар кардани мувофиқати мазмун, дараҷа ва сифати тайёрии хатмкунандагони муассисаи таҳсилоти олии касбӣ ба талаботи стандартҳои давлатии таҳсилоти олии касбӣ ва аз рӯи самтҳо тайёр кардани мутахассис мебошад.

155. Аттестатсияи муассисаҳои таҳсилоти олии касбии тиббӣ аз ҷониби комиссияи аттестатсионии Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон якҷоя бо Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон гузаронида мешавад.

156. Аккредитатсияи давлатии муассисаи таҳсилоти олии касбӣ дар асоси натиҷаҳои аттестатсияи давлатӣ бо тартиби муқаррарнамудаи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ дар 5 сол як маротиба амалӣ карда мешавад.

157. Шаҳодатнома дар бораи аккредитатсияи давлатии мақоми муассисаи таълимии таҳсилоти олии касбӣ, номгӯи равияҳои тайёр намудани ихтисосҳоро, ки аз аккредитатсияи давлатӣ гузаштаанд ва аз рӯи онҳо муассисаи таҳсилоти олии касбӣ ба хатмкунандагон ҳуқуқи додани ҳуҷҷатҳои намунаи давлатӣ дар бораи таҳсилоти олии касбиро дорад, муқаррар менамояд.

10. ҲУҚУҚ ВА УҲДАДОРИҲОИ ДОНИШҶӮЁН ВА ШУНАВАНДАГОНИ МУАССИСАИ ТАҲСИЛОТИ ОЛИИ КАСБӢ

158. Донишҷӯ шахсе мебошад, ки бо тартиби муқарраршуда ба муассисаи таҳсилоти олии касбӣ қабул карда шудааст ва дар шуъбаҳои рӯзона, ғоибона ва фосилавӣ бо мақсади гирифтани зинаи муайяни таҳсилот ва ихтисос таҳсил менамояд.

159. Ба донишҷӯи муассисаи таҳсилоти олии касбӣ шаҳодатномаи донишҷӯ ва дафтарчаи имтиҳонотии намунаи муқарраргардида дода мешавад.

160. Донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ҳуқуқ доранд:

- дар ташкили мазмуну мундариҷаи таълими худ бо риояи талаботи стандартҳои давлатии таҳсилоти олии касбӣ иштирок намоянд. Ин ҳуқуқи онҳо дар қарордоди байни донишҷӯи муассисаи таҳсилоти олии касбӣ ва шахси воқеӣ ё ҳуқуқие, ки барои таҳсил ва ба кор таъмин кардани онҳо мусоидат мекунад, дарҷ шуда метавонад;

- курсҳои факултативӣ (барои самтҳои муайяни таълим (ихтисос) ва курсҳои элективиро (ҳамчун ҳатмӣ), ки аз ҷониби факултет ва кафедра пешниҳод мегарданд, интихоб намоянд;

- ғайр аз фанҳои таълимии (ихтисосии) соҳаи интихобшуда ҳар гуна фанҳои дигареро, ки дар муассисаи таҳсилоти олии касбӣ таълим дода мешаванд, бо тартиби муқаррарнамудаи оинномаи он, инчунин фанҳои дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбии дигар таълимдодашавандаро аз бар намоянд;

- мутобиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯи тахассуси ҳарбӣ таълим гиранд;

- тибқи санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз шакли таълими пулакӣ ба шакли таълими ройгон гузаранд;

- ба таври озод ба ихтисос ва ё муассисаи таҳсилоти олии касбии дигар бо тартиби муқаррарнамудаи мақоми ваколатдори давлатӣ дар соҳаи маориф бо нигоҳ доштани ҳуқуқҳое, ки барои донишҷӯ бори аввал дар ин зинаи таҳсилоти олии касбӣ пешбинӣ шудаанд, гузарад;

- баъди ихтиёран ё бо сабабҳои дигар тарк кардани муассисаи таҳсилоти олии касбӣ аз рӯи ҳамон шакли таълим (ройгон ё пулакӣ), ки мутобиқан пеш аз тарк кардан таҳсил мекард, барои таҳсил ба муассисаи таҳсилоти олии касбӣ барқарор гардад;

- дар муҳокима ва ҳалли масъалаҳои фаъолияти муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ, аз ҷумла ба воситаи иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ва мақомоти давлатии идораи маориф иштирок намоянд;

- аз китобхонаҳо, китобхонаҳои электронӣ, технологияҳои иттилоотию иртиботӣ, интернет, бахшҳои таълимӣ, илмӣ, табобатӣ ва бахшҳои дигари муассисаи

таҳсилоти олии касбӣ тибқи тартиби муқаррарнамудаи оинномаи муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ба таври ройгон истифода намоянд;

- дар корҳои илмию таҳқиқотӣ, конференсияву симпозиумҳо ва маҳфилу озмунҳо иштирок ва баромад намоянд;

- асарҳои худро барои чоп, аз ҷумла дар нашрияҳои муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ пешниҳод кунанд;

- аз амру фармоишҳои маъмурияти муассисаҳои таълимии таҳсилоти олии касбӣ тибқи тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ба мақомоти дахлдор шикоят кунанд.

161. Донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти олии касбии давлатӣ, ки дар шуъбаҳои рӯзона таҳсил мекунанд ва аз ҳисоби маблағи буҷети давлатӣ таълим мегиранд, ба андозаи муқаррарнамудаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон бо стипендия таъмин карда мешаванд. Тартиби муқаррар ва пардохти стипендия аз тарафи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян карда мешавад.

162. Донишҷӯёни муассисаи таҳсилоти олии касбӣ дар асоси низомномаи дахлдор ҳуқуқ доранд стипендияи муқаррарнамудаи шахсони воқеӣ ва ё ҳуқуқиро, ки онҳоро барои таҳсил фиристодаанд, инчунин стипендияҳои шахсан таъиншуда гиранд.

163. Ба донишҷӯи муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ аз рӯи нишондоди тиббӣ аз тарафи муассисаи таҳсилоти олии касбӣ бо тартиби муқаррарнамудаи мақоми ваколатдори давлатӣ дар соҳаи маориф рухсатии академӣ дода мешавад.

164. Барои донишҷӯёни шакли рӯзонаи таҳсил, ки дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ таҳсил мекунанд, муҳлати даъват ба хизмати ҳарбӣ мутобиқи қонун дар давраи таҳсил ба таъхир андохта мешавад.

165. Донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ҳуқуқ доранд, аз китобхонаҳои давлатӣ ройгон истифода баранд ва ҳамчунин ройгон вориди осорхонаҳои давлатӣ шаванд.

166. Донишҷӯи эҳтиёҷманди манзил дар хобгоҳ (ба шарте муассисаи таҳсилоти олии касбӣ фонди дахлдори манзил дошта бошад) бо ҷойи хоб таъмин карда мешавад.

167. Донишҷӯёни муассисаи таҳсилоти олии касбӣ барои комёбиҳо дар таҳсил ва иштироки фаъолона дар корҳои илмию таҳқиқотӣ мутобиқи оинномаи муассисаи таҳсилоти олии касбӣ бо мукофотҳои моддӣ ва ё маънавӣ сарфароз гардонида мешаванд.

168. Донишҷӯ аз муассисаи таҳсилоти олии касбӣ дар мавридҳои зерин хориҷ карда мешавад:

- бинобар вазъи саломатӣ дар асоси ҳуҷҷати комиссияи тиббию машваратӣ;
- бо сабаби гузаштан ба муассисаи таҳсилоти олии касбии дигар;
- барои давомоти нокифоя;
- барои қарздории академӣ;
- пас аз рухсатии академӣ ба таълим шурӯъ накардан;
- сари вақт напардохтани маблағи таҳсил мувофиқи шартнома;
- дар муҳлати муқарраргардида насупоридани се ва зиёда аз он санҷишу имтиҳон;
- бо ҳукми эътибори қонунӣ пайдокардаи суд дар содир кардани ҷиноят гунаҳгор дониста шуда бошад;
- ҳангоми фавт;
- дар сурати бо идора намудани воситаҳои нақлиёти механикӣ ба муассисаи таълимӣ омадан бе ҳуқуқи барқарор шудан ба муҳлати се сол;
- барои вайрон кардани интизоми таълим, қоидаҳои тартиботи дохилӣ ва оинномаи муассисаи таҳсилоти олии касбӣ;
- бо хоҳиши худаш.

169. Барои риоя накардани уҳдадориҳое, ки дар оинномаи муассисаи таҳсилоти олии касбӣ ва қоидаҳои тартиботи дохилӣ пешбинӣ гардидаанд, баъди гирифтани баёноти хаттӣ, роҳбари муассисаи таълимӣ метавонад ба донишҷӯ ҷазои интизомӣ татбиқ ва ҳатто аз муассисаи таҳсилоти олии касбӣ хориҷ намояд.

170. Ба донишҷӯи муассисаи таҳсилоти олии касбӣ дар раванди таълим истифодаи телефонҳои мобилӣ, дафтару ашёи хонише, ки дар онҳо расму суратҳои нимурён, аксҳои гуногун аз филмҳои талқинкунандаи зӯроварӣ ва барангезанда, инчунин мусаввара ва аксҳои тарғибгари фарҳанг ва идеологияи бегона, парчаму нишон ва рамзҳои дигар кишварҳо тасвир шудаанд, манъ аст.

171. Ба дарс бо либосҳои варзишӣ (ба ғайр аз дарси тарбияи ҷисмонӣ ва рӯзҳои ҳашар), либосҳои тарғибгари фарҳанги бегона ва дорои ҳар гуна навиштаҷот ва дигар ҳолатҳое, ки дар санадҳои меъёрии ҳуқуқии соҳа нишон дода шудаанд, омадани донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ манъ аст.

172. Ҷазои интизомӣ ба донишҷӯ тибқи талаботи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон татбиқ карда мешавад.

173. Донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ухдадоранд, ки донишҳои назариявӣ, маҳорати амалӣ ва методҳои муосири таҳқиқро аз рӯи ихтисоси интихобнамудаашон аз худ кунанд, дар муҳлатҳои муқарраршуда ҳамаи супоришҳои дар нақшаҳо ва барномаҳои таълимӣ пешниҳодгардидаро иҷро намоянд, арзишҳои миллӣ, умумибашарӣ ва маънавиро эҳтиром ва оинномаи муассисаи таҳсилоти олии касбӣ, қоидаи хобгоҳ ва дигар талаботи муқарраркардаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистонро риоя намоянд.

174. Ҳуқуқ ва ухдадориҳои дигари донишҷӯёнро қонунгузорӣ ва оинномаи муассисаи таҳсилоти олии касбӣ муқаррар менамояд.

175. Мақоми донишҷӯи муассисаи таҳсилоти олии касбии ғайридавлатӣ, ки аккредитатсияи давлатӣ дорад, нисбат ба ҳуқуқу озодиҳои академӣ, ба истиснои ҳуқуқи гирифтани стипендияи давлатӣ, баробари мақоми донишҷӯи муассисаи таҳсилоти олии касбии давлатӣ мебошад.

176. Мақоми донишҷӯи муассисаи таҳсилоти олии касбии ғайридавлатӣ, ки аккредитатсияи давлатӣ надорад,

дар асоси оинномаи ҳамин муассисаи таҳсилоти олии касбӣ муқаррар карда мешавад.

177. Донишҷӯёни муассисаи таҳсилоти олии касбие, ки барои пурра амалӣ намудани барномаҳои таълимӣ аз таҳсилоти фосилавӣ истифода мебаранд, инчунин филиалҳои муассисаи таълимии таҳсилоти олии касбии зикршуда, ҳангоми аз ҷониби онҳо амалӣ намудани раванди таълим дар филиалҳо ва тамоми намудҳои аттестатсияи донишҷӯёни ин филиалҳо, ҳамаи ҳуқуқ ва уҳдадориҳои донишҷӯёни ҳамин шакли мутаносиби дарёфти таҳсилотро доранд.

178. Ба донишҷӯёни шуъбаи ғоибона ва фосилавии муассисаҳои таҳсилоти олии касбии дорои аккредитатсияи давлатӣ муассисаи кордиҳанда як маротиба дар соли таҳсил хароҷоти рафтуомадро то маҳалли муассисаи олии таълимӣ барои иҷрои корҳои лабораторӣ, супоридани имтиҳон ва ҳамчунин барои гузаштан аз аттестатсияи хатм, навиштан ва дифои корҳои хатмкунии тахассусӣ пардохт мекунад.

179. Барои кормандони корхонаҳо, ташкилоту муассисаҳо, новобаста аз шакли ташкилию ҳуқуқӣ ва шакли моликият, ки дар баробари кор дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ таҳсил мекунанд, дар шартномаи коллективӣ ё шартномаи меҳнатӣ тамдид намудани муҳлати рухсатиҳои иловагӣ бо пардохти маош ба ҷои рухсатии бе пардохти маош ва имтиёзҳои дигар пешбинӣ шуда метавонад.

180. Ба донишҷӯёни шуъбаи рӯзонаи муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ, ки дар баробари таҳсил кор мекунанд, рухсатии иловагии бемузди меҳнат аз ҷои кор барои супоридани санҷишу имтиҳонот ба муҳлати понздаҳ рӯзи тақвимӣ дар соли таҳсил, барои навиштан ва дифои кори дипломӣ якҷоя бо супоридани имтиҳоноти давлатӣ чор моҳ, барои супоридани имтиҳоноти давлатӣ як моҳ дода мешавад.

181. Шунавандагони соҳаи таҳсилоти олии касбӣ ва таҳсилоти касбии баъд аз муассисаи олии таълимӣ шахсоне мебошанд, ки дар шуъбаҳои тайёрии муассисаҳои

таҳсилоти олии касбӣ, факултетҳо, муассисаҳои таҳсилоти касбии баъд муассисаҳои олии таълимӣ, ординатураи муассисаҳои таҳсилоти олии касбии тиббӣ таҳсил мекунанд.

182. Мақоми ҳуқуқии шунавандагони муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ва таҳсилоти касбии баъд аз муассисаи олии таълимӣ дар бахши соҳиб гаштан ба таҳсилот ба мақоми донишҷӯи муассисаи таълимии шакли дахлдор баробар аст.

183. Шахсоне, ки дар ординатура (резидентура) ва магистратура таҳсил мекунанд ва ё таҳсили тахассусии баъдидипломиро дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбии тиббӣ аз ҳисоби маблағи буҷети давлат идома медиҳанд, бо стипендия таъмин карда мешаванд ва аз таътили ҳарсолаи 24-рӯза истифода мебаранд.

11. ТАЙЁР НАМУДАНИ КАДРҲОИ БАЛАНДИХТИСОС, ҲУҚУҚ ВА УҲДАДОРИҲОИ ОНҲО

184. Шаклҳои асосии тайёр кардани кормандони илмӣ ва илмию омӯзгории баландихтисос магистратура, докторантура аз рӯи ихтисос (PhD) ва докторантура мебошад. Магистратура, аспирантура, докторантура аз рӯи ихтисос (PhD) ва докторантура барои таҳсилоти муттасил, такмили ихтисоси илмию омӯзгорӣ ва илмии шаҳрвандон ва дарёфти дараҷаи илмии номзади илм, доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯи ихтисос ё доктори илм шароит фароҳам меоварад.

185. Барои шахсоне, ки дар магистратура, аспирантура ва докторантура аз рӯи ихтисос (PhD) аз ҳисоби маблағи буҷет таҳсил мекунанд, стипендияи давлатӣ муайян карда мешавад.

186. Ба докторантҳо стипендияи давлатӣ ба андозаи на камтар аз маоши дотсент ва ҳар сол таътили думоҳа дода мешавад. Ҳуқуқҳои дар ҷои кор пеш аз дохил шудан ба докторантура доштаи докторантҳо (ҳуқуқи гирифтани манзил, дараҷаи илмӣ ва дигар ҳуқуқҳо) ва ҳамчунин ҳуқуқи баргаштани онҳо ба ҷои кори пешина маҳфуз нигоҳ дошта мешавад.

187. Ба ҳар магистрант, аспирант, докторант аз рӯи ихтисос (PhD) ва докторанте, ки аз ҳисоби маблағи буҷети давлатӣ таҳсил мекунад, барои хариди китобҳои илмӣ ҳар сол ба андозаи ду стипендия кумакпулӣ дода мешавад.

188. Тайёр кардани кормандони илмии баландихтисос дар шакли унвонҷӯии дараҷаи илмӣ низ амалӣ мегардад.

189. Унвонҷӯёне, ки дар таълифи рисола барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илм таҳқиқот мебаранд ва аз рӯи масъалаи мубрами иҷтимоию иқтисодӣ ё самтҳои афзалиятноки таққиқоти бунёдии илмӣ натиҷаҳои назаррас ба даст овардаанд, бо мақсади таҳияи рисола барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илм метавонанд ба муҳлати то ду сол ба вазифаи корманди калони илмӣ гузаронида шаванд. Барои унвонҷӯёне, ки ба вазифаи кормандони калони илмӣ гузаронида шудаанд, бо нигоҳ доштани маоши вазифавии қаблӣ, ҳуқуқи ба ҷои кори пештара гузаштан дода мешавад.

190. Барои анҷоми рисолаи илмии дараҷаи илмии номзади илм ё доктори илм ба кормандони корхона ва муассисаю ташкилотҳо аз ҷои корашон мутобиқан ба муҳлатҳои се ва шаш моҳ бо нигоҳ доштани музди меҳнат рухсатии эҷодӣ дода мешавад.

191. Низомномаҳои магистратура, аспирантура, докторантура аз рӯи ихтисос (PhD), докторантура ва унвонҷӯӣ аз рӯи тартиби муқаррарнамудаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ карда мешаванд.

12. КОРМАНДОНИ МУАССИСАҲОИ ТАҲСИЛОТИ ОЛИИ КАСБӢ, ҲУҚУҚ ВА УҲДАДОРИҲОИ ОНҲО

192. Дар муассисаи таҳсилоти олии касбӣ вазифаҳои кормандони илмию омӯзгорӣ (ҳайати омӯзгорон, кормандони илмӣ: ходими хурди илмӣ ва ходими калони илмӣ), муҳандисию техникӣ, маъмурию хоҷагӣ, истеҳсолӣ, таълимию ёрирасон ва ғайра пешбинӣ мешаванд.

193. Ба ҳайати омӯзгорон мансабҳои декани факултет, мудири кафедра, мудири озмоишгоҳ, профессор, дотсент, муаллими калон, муаллим ва ассистент мансубанд.

194. Ба муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ба кор қабул кардани кормандони илмию омӯзгорӣ мутобиқи шартномаи меҳнатӣ амалӣ карда мешавад. Пеш аз бастани шартномаи меҳнатӣ кормандони илмию омӯзгорӣ аз озмун мегузаранд.

195. Мудири кафедраи муассисаи таҳсилоти олии касбӣ дар асоси озмун интихоб мешавад. Низомнома оид ба тартиби ишғоли вазифа ва гузаштан аз озмунро барои иҷрои вазифаи мудири кафедра мақоми ваколатдори давлатӣ дар соҳаи маориф таҳия ва тасдиқ менамояд.

196. Кормандони илмию омӯзгории муассисаи таҳсилоти олии касбӣ ҳуқуқ доранд:

- бо тартиби муқарраргардида ба шӯрои олимони муассисаи таҳсилоти олии касбӣ интихоб кунанд ва интихоб шаванд;

- дар муҳокима ва ҳалли масъалаҳои вобаста ба фаъолияти муассисаи таҳсилоти олии касбӣ ширкат намоянд;

- аз хидмати китобхонаҳо, китобхонаҳои электронӣ, технологияи иттилоотию иртиботӣ, шабакаи интернет, фондҳои иттилоотӣ, шуъбаҳои илму таълим ва ҳамчунин аз хидмати шуъбаҳои иҷтимоию маишӣ, табобатӣ ва шуъбаҳои дигари сохтории муассисаи таҳсилоти олии касбӣ мувофиқи оинномаи он ва (ё) шартномаи коллективӣ ба таври ройгон истифода баранд;

- мазмуни курсҳои таълимиро мутобиқи стандартҳои давлатии таҳсилоти олии касбӣ муайян кунанд;

- усул ва воситаҳои таълимро, ки ба хусусиятҳои фардии ҳар кадоми онҳо бештар ҷавобгӯ мебошанд ва сифати баланди раванди таълимро таъмин мекунанд, интихоб намоянд;

- аз болои фармоишу супоришҳои раёсати муассисаи таҳсилоти олии касбӣ бо тартиби муқаррарнамудаи қонунгузорӣ шикоят кунанд.

197. Кормандони илмию омӯзгории муассисаи таҳсилоти олии касбӣ уҳдадоранд:

- самараи баланди раванди кори омӯзгорӣ ва илмиро таъмин кунанд;

- талаботи оинномаи муассисаи таълимии таҳсилоти олии касбиро риоя намоянд;

- донишҷӯёнро дар рӯҳияи мустақилият, ташаббускорӣ тарбия кунанд, қобилияти эҷодии онҳоро инкишоф диҳанд;

- ба арзишҳои миллӣ, умумибашарӣ ва ахлоқиву маънавӣ эҳтиром гузоранд;

- барои такмили ихтисоси худ пайваста кӯшиш намоянд;

- дар раванди таълим аз телефонҳои мобилӣ истифода набаранд ва талаботи санадҳои меъёрии ҳуқуқии соҳаро вобаста ба сару либоси тавсиявӣ риоя намоянд.

198. Кормандони илмию омӯзгории муассисаи таҳсилоти олии касбӣ ҳуқуқ доранд он усул ва воситаҳои гузаронидани таҳқиқоти илмиеро интихоб намоянд, ки ба талаботи бехатарӣ ҷавобгӯ бошанд, ба қобилияти инфиродии онҳо бештар мувофиқат кунанд ва сифати баланди раванди илмиро таъмин намоянд.

199. Ҳуқуқу уҳдадориҳои кормандони маъмурию хоҷагӣ, муҳандисию техникӣ, истеҳсолӣ, таълимию ёридиҳанда ва дигар кормандони муассисаи таҳсилоти олии касбиро қонунгузорӣ оид ба меҳнат, оинномаи муассисаи таълимии таҳсилоти олии касбӣ, қоидаҳои тартиботи дохилии муассисаи таҳсилоти олии касбӣ ва дастурҳои вазифавӣ муайян мекунанд.

13. ТАЙЁР КАРДАН ВА ТАКМИЛИ ИХТИСОСИ КОРМАНДОНИ ИЛМИЮ ОМӮЗГОРӢ

200. Кормандони илмию омӯзгорӣ дар магистратура, аспирантура, докторантура аз рӯи ихтисос (PhD) ва докторантураи муассисаи таҳсилоти олии касбӣ, муассиса ё ташкилотҳои илмӣ ва ҳамчунин бо роҳи вобаста намудани унвончӯён ба ин муассисаю ташкилотҳо барои навиштан ва дифои рисолаи номзади илм ё доктори илм ё бо роҳи ба вазифаи кормандони илмӣ гузаронидани кормандони соҳаи омӯзгорӣ ҷиҳати таълифи рисолаи докторӣ омода карда мешаванд.

201. Муассисаи таҳсилоти олии касбӣ шаклҳои зерини такмили ихтисосро муқаррар мекунад:

- коромӯзии илмӣ, омӯзгорӣ, эҷодӣ, аз ҷумла, дар корхонаҳо, марказҳои илмию таҳқиқотӣ, бюроҳои конструкторӣ, муассисаи таҳсилоти олии касбӣ ва ташкилотҳо, аз ҷумла дар хориҷа;

- рухсатиҳои эҷодӣ барои ба итмом расонидани рисолаи илмӣ;

- такмили ихтисос ва бозомӯзӣ дар донишкадаҳо, факултетҳо ва марказҳои такмили ихтисос ва бозомӯзии кадрҳо;

- бозомӯзӣ ва таълим дар факултетҳо ва курсҳои махсуси назди муассисаи таҳсилоти олии касбӣ.

202. Такмили ихтисоси кормандони илмию омӯзгориро ҳамчунин аз рӯи шартномае, ки шахсони воқеӣ ва (ё) ҳуқуқӣ бо муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ва ташкилоту муассисаҳои илмӣ мебанданд, аз ҳисоби маблағи шахсони воқеӣ ва (ё) ҳуқуқӣ метавон амалӣ намуд. Қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон тартиб, намуд ва шаклҳои дигари такмили ихтисосро муқаррар менамояд.

14. ФАЪОЛИЯТИ МОЛИЯВИЮ ХОҶАГИИ МУАССИСАИ ТАҲСИЛОТИ ОЛИИ КАСБӢ, ҲИСОБОТ ВА БАҲИСОБГИРӢ

203. Муассис (муассисон) бо мақсади таъмини фаъолияти дар оиннома пешбинишуда биною иншоот, таҷҳизот ва ҳамчунин дигар молу мулки зарурии истеъмолӣ, иҷтимоӣ, фарҳангӣ ва ғайраро бо ҳуқуқи идораи оперативӣ ба муассисаи таҳсилоти олии касбӣ вобаста менамояд.

204. Маблағгузории фаъолияти муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ аз ҳисоби маблағҳои буҷетӣ, ғайрибуҷетӣ, сарпарастон, фондҳои хайрия, худмаблағгузорӣ ва дигар манбаъҳое, ки қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон манъ накардааст, барои тайёр намудани мутахассисон, бозомӯзӣ ва такмили ихтисоси кормандон дар асоси меъёрҳои муқарраргардидаи давлат амалӣ карда мешаванд.

205. Муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ҳуқуқ доранд ба сифати иҷорагир ва (ё) иҷорадиҳандаи моликият тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон амал намоянд.

206. Фаъолияти муассисаҳои таҳсилоти олии касбии ғайридавлатӣ аз ҷониби муассис (муассисон) мутобиқи шартномаи байни онҳо маблағгузорӣ карда мешавад. Аз рӯи шартномаи байни муассис (муассисон) ва муассисаи таҳсилоти олии касбӣ ин фаъолият метавонад қисман ё пурра бо худмаблағгузорӣ ба амал бароварда шавад.

207. Таҳқиқоти илмие, ки муассисаҳои таҳсилоти олии касбии давлатӣ анҷом медиҳанд, аз ҷониби мақомоти давлатии идораи маориф ва (ё) мақомоти ҳокимияти давлатие, ки ин муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ дар ихтиёри онҳо мебошанд, маблағгузорӣ карда мешавад.

208. Фаъолияти муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ва таҳсилоти касбии баъд аз муассисаи олии таълимӣ, инчунин аз ҳисоби дигар манбаъҳое, ки қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон манъ накардааст, маблағгузорӣ карда мешавад.

209. Муассисаи таҳсилоти олии касбӣ мутобиқи оинномаи худ дар самти таълим ва самтҳои дигар, ба шарте ки он бар зиёни фаъолияти асосии он набошад, метавонад фаъолияти пулакиро ба роҳ монад. Фаъолияти пулакии таълимӣ дар муассисаи таҳсилоти олии касбӣ ба ивази фаъолияти таълимии аз ҳисоби буҷет маблағгузоришаванда амалӣ шуда наметавонад.

210. Муассисаи таҳсилоти олии касбии давлатӣ ва таҳсилоти касбии баъд аз муассисаи олии таълимӣ ҳуқуқ дорад дар доираи муқаррарнамудаи иҷозатнома илова ба маблағгузорӣ аз ҳисоби буҷет, қабули донишҷӯёнро бо риояи замимаи иҷозатнома тибқи шартномаҳо бо пардохти арзиши таҳсил аз тарафи шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ амалӣ намояд.

211. Муассисаи таҳсилоти олии касбӣ натиҷаҳои фаъолияти молиявию муҳосиботии худро ба ҳисоб мегирад, ҳисоботи оморӣ ва муҳосиботиро дар шакли муқарраршуда пеш мебарад, ба муассис дар бораи

маблағҳои ворид ва масрафшуда ҳисобот пешниҳод менамояд.

15. ҲАМКОРИИ БАЙНАЛМИЛАЛӢ

212. Ҳамкории байналмилалии муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ дар доираи фаъолияти сиёсати хориҷии давлат ба ҳамшарикии воқеӣ, эътимоду боварии тарафайн ва ба шартномаю созишномаҳои байнидавлатӣ асос меёбад.

213. Мақоми ваколатдори давлатӣ дар соҳаи маориф, муассиса, корхонаю ташкилотҳои таълимии низоми маориф ҳуқуқ доранд бо муассиса, корхонаю ташкилотҳои хориҷӣ робитаи бевосита барқарор намоянд, барномаҳои байналмилалии таълимӣ, илмӣ ва илмию таҳқиқотиро амалӣ гардонанд, бо тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ба иттиҳодияҳои байналмилалии ҷамъиятии таълимӣ ва илмӣ ҳамроҳ шаванд.

214. Маблағҳои пулӣ ва дигар дороиҳое, ки муассисаи таҳсилоти олии касбӣ аз фаъолияти иқтисодии хориҷӣ ба даст меорад, моликияти ин муассисаи таҳсилоти олии касбӣ буда, ба он ҳуқуқи ихтиёрдории пурра дорад, ба истиснои ҳолатҳои муқаррарнамудаи қонун мусодира кардани он манъ аст. Ин маблағ барои рушди соҳаи маориф, музди меҳнати кормандон ва пойдор сохтани заминаи моддию техникии он истифода мешавад.

Бо қарори Ҳукумати
Ҷумҳурии Тоҷикистон
аз 1 майи соли 2020,
№254 тасдиқ шудааст

ҚОИДАҲОИ ҚАБУЛИ ДОНИШҶӮЁН БА МУАССИСАҲОИ ТАҲСИЛОТИ ОЛИИ КАСБИИ ҶУМҲУРӢ ТИБҚИ КВОТАИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

1. МУҚАРРАРОТИ УМУМӢ

1.Қоидаҳои қабули донишҷӯён ба муассисаҳои таҳсилоти олии касбии ҷумҳурӣ тибқи квотаи

Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд - Қоидаҳо) бо мақсади дастгирӣ ва ҷалби духтарону писарони деҳоти дурдасти шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ ба муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ, баланд бардоштани сатҳи маърифату фарҳанги онҳо, таъмини минтақаҳо бо мутахассисони соҳибихтисос ва ба низом даровардани раванди қабули донишҷӯён ба муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ тибқи квотаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳия шудааст.

2.Қабули донишҷӯён ба муассисаҳои таҳсилоти олии касбии ҷумҳурӣ тибқи квотаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳар сол мутобиқи нақшаи тасдиқнамудаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки дар асоси дархостҳои мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳру ноҳияҳо аз ҷониби Вазорати рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод мегардад, ба роҳ монда мешавад.

3.Барои муайян ва пешниҳод кардани ихтисосҳои зарурии мутобиқ ба маҳал ҷиҳати қабул ба муассисаҳои таҳсилоти олии касбии ҷумҳурӣ тибқи квотаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳру ноҳияҳо масъул мебошанд.

4. Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҳамоҳангӣ бо мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳру ноҳияҳо макон ва замони баргузории озмунҳоро аз ҷониби комиссияҳои озмунӣ муайян карда, раванди баргузории онҳоро зери назорат мегирад.

2. ТАРТИБИ БАРГУЗОРИИ ОЗМУНИ ҚАБУЛИ ДОВТАЛАБОН ТИБҚИ КВОТАИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

5.Қабули довталабон ба муассисаҳои таҳсилоти олии касбии ҷумҳурӣ тибқи квотаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар доираи барномаҳои таълимии муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ тариқи озмун дар се давр гузаронида мешавад.

6. Иштироки довталабон барои қабул ба муассисаҳои таҳсилоти олии касбии ҷумҳурӣ тибқи квотаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар асоси ҳуҷҷатҳои зерин амалӣ мегардад:

- қарори шӯрои омӯзгорони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ;
- маълумотнома бо табели пешрафт бо имзо ва муҳри роҳбари муассисаи таҳсилоти миёнаи умумӣ;
- маълумотномаи тиббии шакли №038;
- 6 адад акс (андозаи 3х4 см);
- нусхаи шиноснома ё ҳуҷҷати дигари тасдиқкунандаи шахсият;
- шаҳодатномаи қайди даъватшаванда (барои писарон);
- тавсияи раёсат ё шуъбаи маорифи шаҳру ноҳияи дахлдор;
- роҳхати мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳр ё ноҳия.

7.Барои иштирок дар ҳамаи даврҳо ҳуҷҷатҳои зикршуда як бор пешниҳод мегарданд ва дар даврҳои минбаъда истифода карда мешаванд.

8.Даври якуми озмуни қабули довталабон ба муассисаҳои таҳсилоти олии касбии ҷумҳурӣ тибқи квотаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар муассисаи таҳсилоти миёнаи умумӣ дар асоси фармоиши мудир (сардор)-и шуъба (раёсат)-и маорифи ноҳия (шаҳр) бо иштироки на кам аз се довталаб барои ҳар як ихтисоси пешниҳодшуда баргузор мегардад.

9.Комиссияи даври якуми озмун аз ҳисоби омӯзгорони муассисаи таҳсилоти умумӣ, намояндагони кабинети методӣ ва шуъба (раёсат)-и маорифи ноҳия (шаҳр) дар асоси фармоиши мудир (сардор)-и шуъба (раёсат)-и маорифи ноҳия (шаҳр) таъсис дода мешавад.

10.Ғолибони даври якуми озмун аз муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ба миқдори на зиёда аз шаш довталаб аз рӯи ҳар як ихтисос барои иштирок дар даври дуюми озмун ҳуқуқ пайдо мекунанд.

11.Даври дуюми озмуни қабули довталабон ба муассисаҳои таҳсилоти олии касбии ҷумҳурӣ тибқи квотаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон бо иштироки ғолибони даври якуми озмун барои ҳар як ихтисоси пешниҳодшуда дар асоси фармоиши мудир (сардор)-и шуъба (раёсат)-и маорифи ноҳия (шаҳр) дар сатҳи ноҳия (шаҳр) баргузор мегардад.

12.Комиссияи даври дуюми озмун аз ҳисоби намояндагони мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии ноҳия (шаҳр) ва шуъба (раёсат)-и маориф, омӯзгорони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ дар асоси фармоиши мудир (сардор)-и шуъба (раёсат)-и маорифи ноҳия (шаҳр) таъсис дода мешавад.

13.Саволномаҳо барои даврҳои якум ва дуюми озмун аз фанҳои таълимии дахлдор тибқи талаботи Стандарти давлатии таҳсилоти умумӣ аз тарафи кабинети методии шуъба (раёсат)-и маорифи ноҳия (шаҳр) таҳия карда мешаванд. Барои ошкор накардани мундариҷаи саволномаҳо ва бехатарии иттилоот мудир (сардор)-и шуъба (раёсат)-и маорифи ноҳия (шаҳр) масъул мебошад.

14.Комиссияи даври дуюми озмун дар асоси натиҷаи озмуни ин давр ба ҳар як ҷойи пешбинишуда ҳуҷҷатҳои то шаш довталаби ғолибро ба комиссияи даври сеюм пешниҳод менамояд.

15.Даври сеюми озмун аз ҷониби комиссияи ҷумҳуриявие, ки аз ҳисоби намояндагони Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон ва омӯзгорони муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ тибқи фармоиши вазири маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон таъсис меёбад, гузаронида мешавад.

16.Озмуни қабули довталабон ба муассисаҳои таҳсилоти олии касбии ҷумҳурӣ тибқи квотаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар даври сеюм дар асоси саволномаҳои тестӣ (хаттӣ), ки аз рӯи гурӯҳи ихтисосҳо (кластер) бо забони давлатӣ аз ҷониби Маркази миллии тестии назди Президенти Ҷумҳурии

Тоҷикистон бо ҷалби мутахассисони фаннӣ ва таъсиси гурӯҳҳои корӣ барои ҳар як ихтисоси ҷудошуда дар доираи барномаҳои таълимии муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ таҳия ва тасдиқ мегарданд, гузаронида мешавад.

17.Саволномаҳо аз фанҳои забон ва адабиёти тоҷик, забон ва адабиёти рус ва забонҳои хориҷӣ (англисӣ, олмонӣ, франсавӣ, арабӣ ва ғайра) мувофиқан бо ҳамон забон таҳия карда шуда, ҷавобҳо танҳо дар шакли хаттӣ пешниҳод карда мешаванд.

18.Нашри варианти ниҳоии саволнома бо дарназардошти гурӯҳи ихтисосҳо (кластер), шумораи довталабони пешниҳодшуда ва забони саволнома ба таври ғайриошкоро бо таъмини бехатарии иттилоот мувофиқи тартиби муқарраркардаи Маркази миллии тестии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон амалӣ мешавад.

19.Бо довталабони даври сеюм вобаста ба равия ва ихтисоси интихобкардаашон аз фанҳои таълимии зерин озмун гузаронида мешавад:

- кластери 1 (табиӣ-техникӣ) аз фанҳои таълимии забони тоҷикӣ, математика ва физика;
- кластери 2 (иқтисод ва география) аз фанҳои таълимии забони тоҷикӣ, математика ва география;
- кластери 3 (филология, педагогика ва санъат) аз фанҳои таълимии забони тоҷикӣ, таърих ва забони хориҷӣ;
- кластери 4 (ҷомеашиносӣ ва ҳуқуқ) аз фанҳои таълимии забони тоҷикӣ, таърих ва ҳуқуқи инсон;
- кластери 5 (тиб, биология ва варзиш) аз фанҳои таълимии забони тоҷикӣ, химия ва биология.

20.Довталабоне, ки барои ихтисосҳои соҳаҳои санъат, меъморӣ, дизайн, дин ва варзиш иштирок мекунанд, аз озмуни маҳорат низ мегузаранд.

21.Ба ҳар як довталаб 15 савол (5 савол аз ҳар як фанни таълимӣ) пешниҳод карда мешавад.

22.Довталаб танҳо дар сурати пешниҳоди ҳуҷҷати тасдиқкунандаи шахсият (шиноснома ё ҳуҷҷати дигари

тасдиқкунандаи шахсият бо акс, ки мақоми ваколатдори давлатӣ додааст) ҳуқуқи дар озмун иштирок карданро дорад.

23. Муҳлат барои ҳалли саволномаҳои пешниҳодгардида то як соат муайян гардида, ҷавобҳо дар шакли хаттӣ қабул карда мешаванд.

24. Раис ва аъзои комиссияи даври сеюм то оғози озмун довталабонро аз тартиби баргузории озмун, қоидаҳои ҳалли саволнома, муҳлати ҷудошуда, тартиби пешниҳод ва баррасии аризаи шикоятӣ, асосҳои хориҷ шудани довталаб аз ҷараёни озмун ва дарёфт кардани маълумот дар бораи натиҷаҳои он огоҳ месозанд.

25.Дар вақти озмун барои довталабон гуфтугӯ ва (ё) кумак ба якдигар ҳангоми ҳалли саволнома, иваз кардани ҷойи нишаст ва саволнома, варақаҳои ҷавоб ва ҳар гуна навиштаҷот бо якдигар, рафтуомад дар синфхона ва (ё) бе иҷозати раиси комиссияи даври сеюм берун баромадан аз он, истифода аз маводи иттилоотиву ёрирасон, бо худ доштан ва истифода намудан аз воситаҳои алоқа (аз ҷумла телефони мобилӣ), маводи ислоҳкунӣ (штрих), анҷом додани ҳар амале, ки хилофи тартиби муқарраргардидаи баргузории озмун аст, манъ мебошад (ба истиснои калкулятор).

26.Қайду навиштаҳо дар сиёҳнавис ба назар гирифта намешаванд ва мувофиқан мавриди санҷиш ва баҳогузорӣ қарор намегиранд.

27.Дар ҳолати дар вақти озмун ошкор шудани истифодаи ашё ва маводи манъкардашуда, воситаҳои алоқа ва (ё) иҷрои амали дигаре, ки тартиби баргузории озмунро вайрон менамояд, раиси комиссияи даври сеюм метавонад довталабро аз синфхона берун карда, дар хусуси хориҷкунии довталаб аз озмун санад тартиб диҳад ва қарори дахлдор қабул намояд.

28.Комиссияи даври сеюми озмун дар рӯзи баргузории озмун дар асоси саволномаҳои хаттӣ аз рӯи фанҳои мувофиқ ба равия ва самти ихтисос сатҳи дониши довлатабонро муайян мекунад ва баъди санҷиши корҳои

довталабон ҳамон рӯз ба довталабон натиҷаи холҳои бадастовардаро эълон менамояд. Довталабе ғолиб дониста мешавад, ки ба бештари саволҳо ҷавоби дуруст пешниҳод намудааст.

29.Даври сеюми озмун дар синфхонаҳое баргузор мегардад, ки бо таҷҳизоти сабти навор муҷаҳҳаз гардонида шудаанд ва дар ҷараёни баргузории он падару модари довталаб (шахсони онҳоро ивазкунанда), бе халал ворид кардан ба рафти қабул, метавонанд иштирок намоянд.

30.Протоколи даври сеюми озмун, ки аз ҷониби комиссияи даври сеюм тартиб дода мешавад, ҳуҷҷати расмӣ барои қабули довталаб ба муассисаи таҳсилоти олии касбӣ ба ҳисоб меравад (замима карда мешавад).

31.Дар ҳолати баробар будани сатҳи дониши довталабон, бартарӣ ба ятимони кул ва маъюбони гурӯҳҳои 1 ва 2, ки мувофиқи хулосаи Хадамоти давлатии ташхиси тиббию иҷтимоии Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳсили онҳо аз рӯи ихтисосҳои интихобкардаашон манъ карда нашудааст (тибқи пешниҳоди ҳуҷҷатҳои зарурӣ), дода мешавад.

32.Духтарони деҳоти дурдасти шаҳру ноҳияҳо ҳангоми натиҷагирӣ аз баргузории озмуни қабули довталабон ба муассисаҳои таҳсилоти олии касбии ҷумҳурӣ тибқи квотаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нисбат ба духтарони маркази ин шаҳру ноҳияҳо бартарӣ доранд. Дар сурати ба даст овардани холҳои баробар ҳангоми озмун барои дохил шудан ба муассисаҳои таҳсилоти олии касбии ҷумҳурӣ тибқи квотаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон бартарӣ ба духтаре дода мешавад, ки аз маркази ноҳия (шаҳр) дар масофаи дуртар зиндагӣ мекунад.

33.Дар сурати холҳои баробар ба даст овардани писарон зимни баргузории даври сеюми озмун барои муайян намудани ғолиб комиссияи озмуни даври мазкур ба онҳо саволҳои иловагӣ пешниҳод менамояд.

34.Ҳар як довталаби озмун ҳуқуқи иштирок аз рӯи як ихтисос ва дар доираи як муассисаи таҳсилоти олии касбиро дорад. Ба довталабе, ки натиҷаи заруриро ба даст

намеорад, барои иштирок аз рӯи ихтисоси дигар иҷозат дода намешавад.

35.Барои иштирок дар озмуни қабули довталабон ба муассисаҳои таҳсилоти олии касбии ҷумҳурӣ тибқи квотаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон танҳо шаҳрвандоне ҳуқуқ доранд, ки ҳамон сол муассисаи таҳсилоти миёнаи умумиро хатм намудаанд. Шахсоне, ки муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумиро солҳои қаблӣ хатм кардаанд, донишҷӯён ва хатмкунандагони муассисаҳои таҳсилоти ибтидоӣ, миёна ва олии касбӣ ҳуқуқи иштирок кардан дар озмуни қабули довталабон ба муассисаҳои таҳсилоти олии касбии ҷумҳурӣ тибқи квотаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистонро надоранд.

36.Дар сурати холӣ мондани квота бо дарназардошти номутобиқатии ҳуҷҷатҳои пешниҳодгардида ва ё нагузаштани довталабони пешниҳодшуда аз даври сеюм, баргузории даври такрорӣ танҳо бо шарти ҳайати нави довталабон ва аз нав гузаронидани даврҳои якум ва дуюми озмун амалӣ карда мешавад.

37.Тағйир додани ихтисосҳои муқарраршуда ва ё ба ноҳия (шаҳр)-и дигар гузаронидани квотаи муайяншуда манъ аст.

38.Довталабоне, ки (ба истиснои ҳолатҳои мушаххаси хизматӣ) ду соли охир аз шаҳрҳои Душанбе, Хуҷанд, Бохтар ва Хоруғ ба шаҳру ноҳияҳои дигар рафта, синфҳои 10 ва 11 муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии ин шаҳру ноҳияҳоро хатм намудаанд, ба озмуни қабули довталабон ба муассисаҳои таҳсилоти олии касбии ҷумҳурӣ тибқи квотаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон роҳ дода намешаванд.

39.Довталаб, дар сурати норозӣ будан аз натиҷаи қабул, дар давоми 10 рӯз баъд аз эълони натиҷаҳои озмун ҳуқуқ дорад ба Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон аризаи шикоятӣ пешниҳод намояд.

40. Бо фармоиши вазири маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон вобаста ба баррасии аризаҳои

шикоятӣ комиссияи корӣ таъсис дода шуда, аризаҳои шикоятии довталабон сари вақт баррасӣ карда мешавад.

41.Комиссияи корӣ дар давоми ҳафт рӯз аз натиҷаи баррасии ариза ба довталаб маълумот пешниҳод менамояд.

42.Дар сурати ба қарори комиссияи корӣ норозӣ будан, довталаб ҳуқуқи ба мақомоти судӣ мурочиат карданро дорад.

3. ТАРТИБИ БАРАСМИЯТДАРОРИИ ҚАБУЛИ ДОВТАЛАБОН ТИБҚИ КВОТАИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ДАР МУАССИСАИ ТАҲСИЛОТИ ОЛИИ КАСБӢ

43. Довталабоне, ки тибқи хулосаи комиссияи даври сеюми озмуни қабул ба муассисаҳои таҳсилоти олии касбии ҷумҳурӣ тибқи квотаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ғолиб дониста шудаанд, бояд то 15 август илова ба ҳуҷҷатҳои дар банди 6 Қоидаҳои мазкур номбаршуда аттестат ва замимаи онро ба комиссияи қабули муассисаи таҳсилоти олии касбӣ пешниҳод намоянд. Дар мавриди то муҳлати мазкур пешниҳод накардани ҳуҷҷатҳо ба комиссияи қабул, довталаб ба муассисаи таҳсилоти олии касбӣ қабул карда намешавад. Масъулияти пешниҳоди саривақтии ҳуҷҷатҳо ба дӯши довталаб вогузор карда шуда, барои мусоидат раёсати (шуъбаи) маорифи ноҳия (шаҳр) масъул мебошад.

44.Ғолибони даври сеюми озмуни қабули довталабон ба муассисаҳои таҳсилоти олии касбии ҷумҳурӣ тибқи квотаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҳуқуқи иштирок дар имтиҳонҳои марказонидаи дохилшавиро тавассути Маркази миллии тестии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва муассисаи давлатии «Маркази барномаҳои байналмилалӣ» надоранд. Дар сурати иштирок кардан, натиҷаи имтиҳонҳои супоридаи онҳо беэътибор дониста мешавад.

45.Фармоишҳои роҳбарони муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ оид ба қабули довталабон ба

муассисаҳои таҳсилоти олии касбии ҷумҳурӣ дар асоси протоколи ҷамъбасти озмуни қабули довталабон тибқи квотаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки аз ҷониби Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод мегардад, то 20 август қабул карда мешаванд.

46.Муассисаҳои таҳсилоти олии касбии ҷумҳурӣ то 25 август оид ба натиҷаи қабули донишҷӯён ба муассисаҳои таҳсилоти олии касбии ҷумҳурӣ тибқи квотаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон маълумотномаи хаттӣ пешниҳод менамоянд.

47.Натиҷаи қабули донишҷӯён ба муассисаҳои таҳсилоти олии касбии ҷумҳурӣ тибқи квотаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон моҳи октябр дар ҷаласаи мушовараи васеи Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон бо иштироки намояндагони Вазорати рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон ва вазорату идораҳое, ки дар сохторашон муассисаи таҳсилоти олии касбӣ доранд, баррасӣ карда мешавад.

48.Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон баъди ҷамъбасти натиҷаи қабули донишҷӯён ба муассисаҳои таҳсилоти олии касбии ҷумҳурӣ тибқи квотаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҷаласаи мушовараи васеи Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳисоботи муфассал пешниҳод менамояд.

4. МУҚАРРАРОТИ ХОТИМАВӢ

49. Фаъолияти таълимию тарбиявӣ ва ҷамъиятии донишҷӯёне, ки ба муассисаҳои таҳсилоти олии касбии ҷумҳурӣ тибқи квотаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон қабул шудаанд, дар ҷаласаи шӯрои олимони муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ҳамасола муҳокима гардида, барои бартараф намудани камбудиҳои ҷойдошта аз ҷониби муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ чораҳои мушаххас андешида мешавад.

50. Вазъи таълим ва шароити зисти донишҷӯёне, ки дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбии ҷумҳурӣ тибқи квотаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳсил мекунанд, зери таваҷҷуҳи доимии роҳбарияти муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ва вазорату идораҳое, ки дар сохторашон муассисаи таҳсилоти олии касбӣ доранд, қарор мегирад.

51. Муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ баъди ҷамъбасти ҳар як сессияи санҷишӣ-имтиҳонӣ оид ба фаъолияти донишҷӯёне, ки дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбии ҷумҳурӣ тибқи квотаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳсил менамоянд, ба Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон маълумотномаи хаттӣ пешниҳод менамоянд.

52. Довталабоне, ки ба муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ тибқи квотаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон қабул шудаанд, ба истиснои ҳолатҳои дар банди 53 Қоидаҳои пешбинигардида, танҳо дар шуъбаи рӯзона таҳсил намуда, ҳуқуқи гузаштан аз як муассисаи таҳсилоти олии касбӣ ба муассисаи дигари таҳсилоти олии касбӣ, аз як ихтисос ба ихтисоси дигарро надоранд.

53. Ба донишҷӯёне, ки дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбии ҷумҳурӣ тибқи квотаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳсил мекунанд, дар ҳолатҳои бесаробон мондани оила, тағйир ёфтани макони зист ҳангоми таҳсил, барпо намудани оила танҳо барои духтарон, таваллуди кӯдак ва бо пешниҳоди ҳуҷҷати тасдиқкунанда (аз курси 2-юм) барои гузаштан ба шуъбаи таҳсилоти фосилавии мувофиқ ба ихтисос дар дохили муассисаи таълимӣ ва дар ҳолати зарурат интиқоли онҳо ба муассисаи таҳсилоти олии касбӣ наздик ба макони зист мувофиқ ба ихтисос (ба таври истисно) дар мувофиқа бо Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон ва мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ амалӣ карда мешавад. Донишҷӯи ихтисоси омӯзгорӣ пас аз интиқол ба шуъбаи таҳсилоти фосилавӣ бояд дар макони зисти худ бо фаъолияти омӯзгорӣ машғул шавад.

54. Тартиби ба ҷои кор ҳозиршавӣ, бо ҷои кор таъмин намудан, бастани қарордоди сеҷониба, ҳуҷҷати намунаи давлатӣ оид ба хатми муассиса бо донишҷӯёне, ки муассисаҳои таҳсилоти олии касбии ҷумҳуриро тибқи квотаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон хатм намудаанд ва ҳолатҳои дигари вобаста ба он тибқи тартиби муқаррарнамудаи санадҳои меъёрии ҳуқуқии дахлдор амалӣ карда мешаванд.

Бо қарори ҳайати
мушовараи Вазорати маориф
ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон
аз 29.01.2021, №2/21
тасдиқ шудааст

ДАСТУРАМАЛИ ВАЗИФАВИИ ҲАЙАТИ РОҲБАРИКУНАНДА ВА ОМӮЗГОРИИ МУАССИСАИ ТАҲСИЛОТИ ОЛИИ КАСБИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

1. Муқаррароти умумӣ

1. Дастурамали вазифавии ҳайати роҳбарикунанда ва омӯзгории муассисаи таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд – Дастурамал) дар асоси «Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон», «Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон», Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф», Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи таҳсилоти олии касбӣ ва таҳсилоти касбии баъд аз муассисаи олии таълимӣ», «Низомномаи намунавӣ оид ба муассисаи таълимии таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон» ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии соҳаи маориф таҳия гардидааст.

2. Низомномаи мазкур ҳуқуқ, уҳдадорӣ ва вазифаҳои хидматии ҳайати роҳбарикунанда ва омӯзгории муассисаи таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистонро муқаррар ва танзим менамояд.

ДАСТУРАМАЛИ ВАЗИФАВИИ РЕКТОРИ МУАССИСАИ ТАҲСИЛОТИ ОЛИИ КАСБИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

1.Ректори муассисаи таҳсилоти олии касбии давлатӣ аз тарафи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ё Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ректори муассисаи таҳсилоти олии касбии хусусӣ аз тарафи муассис (-он) ба вазифа таъин ва аз вазифа озод карда мешавад.

2. Тартиби ба вазифа таъин ва аз вазифа озод намудани ректор, ваколатҳои мақомоти иҷроияи муассисаи таҳсилоти олии касбӣ, тартиби қабули қарор ва намояндагӣ намудан аз номи муассисаро қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Оинномаи муассисаи таҳсилоти олии касбии дахлдор муайян мекунад.

3. Ба вазифаи ректор шахсе таъин карда мешавад, ки дорои таҳсилоти олии касбӣ ва собиқаи корӣ на камтар аз 5-солаи педагогӣ ё вазифаҳои роҳбарикунанда, ҳамчунин унвони дотсент ё профессор ва ё дараҷаи номзади илм ва ё доктори илм бошад.

4. Ректори муассисаи таҳсилоти олии касбӣ фаъолияти худро дар асоси Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф», Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи таҳсилоти олии касбӣ ва таҳсилоти касбии баъд аз муассисаи олии таълимӣ», «Низомномаи намунавӣ оид ба муассисаи таълимии таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон» ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии соҳаи маориф ба роҳ мемонад.

5. Ректори муассисаи таҳсилоти олии касбӣ бояд қонунҳо ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии соҳаи таҳсилоти олии касбӣ, таҳсилоти касбии иловагӣ, танзимкунандаи фаъолияти таълимӣ, илмӣ, хоҷагидорӣ ва молиявию иқтисодии муассисаи таълимӣ; самтҳои афзалиятноки рушди низоми маориф ва фаъолияти таълимию илмӣ ва молиявию хоҷагидорӣ; назария ва усулҳои идораи низоми таҳсилот; санадҳои меъёрию методии марбут ба тайёр кардани мутахассисони таҳсилоти олии касбӣ, таҳсилоти касбии баъд аз муассисаи олии таълимӣ ва иловагӣ; комёбиҳои илмӣ

ва таҷрибаи пешқадами муассисаҳои таҳсилоти олии касбии кишварҳои хориҷӣ; қоида ва меъёрҳои ҳифзи меҳнат ва бехатарӣ аз сӯхторро дар сатҳи зарурӣ донад.

6. Ректор барои татбиқи барномаҳои таълимӣ дар мутобиқат бо нақшаи таълим ва ҷадвали раванди таълим, сифати тайёр намудани мутахассисон, ҳаёт ва тандурустӣ, риояи ҳуқуқҳо ва озодии ҳайати омӯзгорон, кормандон ва донишҷӯён тибқи муқаррароте, ки қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян намудааст, масъул буда, дар мавриди ба таври зарурӣ ичро накардан ё ба сомон нарасонидани уҳдадориҳои вазифавии худ, баромадан аз доираи ваколатҳои мансабӣ, дар ҷараёни фаъолияти худ роҳ додан ба қонунвайронкунӣ, расонидани зиён, ҳамзамон барои паҳн намудани маълумоте, ки сирри хидматӣ ва тиҷоратӣ дорад, мувофиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҷавобгарӣ кашида мешавад.

7. Ректор раиси шурои олимони муассисаи таҳсилоти олии касбӣ мебошад.

2. Уҳдадориҳои ректори муассисаи таҳсилоти олии касбӣ

8. Ректори муассисаи таҳсилоти олии касбӣ дар доираи уҳдадориҳои худ:

8.1.Бевосита ба корҳои таълимию методӣ, тарбиявӣ, илмию таҳқиқотӣ, инноватсионӣ, инчунин тайёркунӣ ва такмили ихтисоси мутахассисони илмию педагогӣ дар муассисаи таҳсилоти олии касбӣ роҳбарӣ менамояд.

8.2. Фаъолияти шурои олимони муассисаи таҳсилоти олии касбиро тибқи санадҳои меъёрии амалкунанда ба роҳ монда, роҳбарии онро ба зимма мегирад.

8.3.Тибқи тартиботи муқарраргашта ҳайати омӯзгорон ва кормандонро ба вазифа таъин ва аз вазифа озод менамояд.

8.4. Қоидаҳои тартиботи дохилӣ ва зист дар хобгоҳ, низомномаҳо оид ба фаъолияти факултетҳо,

кафедраҳо, дигар сохторҳои ёрирасони таълимӣ, тарбиявӣ, илмию таҳқиқотӣ, инноватсионӣ, бо стипендия таъмин намудан, аз курс ба курс гузаронидани донишҷӯён, карори комиссияи қабул ва факултетҳо дар хусуси қабул ва хориҷ намудани донишҷӯён, магистрон, доктор PhD ва дигар санадҳои амрдиҳӣ-ташкилии муассисаи таҳсилоти олии касбиро тасдиқ мекунад.

8.5.Доир ба ҳифз ва таҳкими интизоми меҳнат, риояи қоидаҳои реҷаи санитарию гигиенӣ, ҳавасманд гардонидани ҳайати омӯзгорон ва кормандон, таҳкими пояи моддию техникӣ ва баланд бардоштани музди меҳнати омӯзгорон ва кормандон тадбирҳо меандешад.

8.6.Тавассути идораҳои марбута нақшаҳои дурнамои таълимию тарбиявӣ, илмию таҳқиқотӣ ва инноватсионии муассисаи таҳсилоти олии касбӣ ва дигар сохторҳои тобеи худро тарҳрезӣ карда, иҷрои онро назорат менамояд ва ба мақомоти болоӣ ҳисобот медиҳад.

8.7.Фаъолияти тамоми раёсат, идора, шуъба ва дигар сохторҳои тобеи худро назорат ва роҳбарӣ менамояд.

8.8.Ҷиҳати муҳайё намудани фазои ахлоқию психологӣ дар байни кормандон тадбирҳо андешида, ба корҳои сиёсию тарбиявӣ, таҳияи нақшаҳои солона ва дурнамои рушдёбанда роҳбарӣ менамояд.

8.9.Ҷиҳати ҳалли оқилонаи масъалаҳои кадрӣ, пурра кардани воҳидҳои корӣ тадбирҳо меандешад ва уҳдадориҳои вазифавиро дар байни муовинони ректор, роҳбарони раёсат, идора, шуъба ва дигар сохторҳои тобеи худ тақсим менамояд.

8.10. Муассисаи таҳсилоти олии касбиро дар назди мақомоти давлатӣ ва ҷамъиятӣ бевосита муаррифӣ менамояд ва дар доираи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳар гуна созишномаҳоро ба тасвиб мерасонад.

8.11. Барои баланд бардоштани дараҷаи тахассусии омӯзгорӣ, илмӣ ва методии кормандон,

ташкили конференсияҳо, семинарҳои илмӣ ва ғайра тадбирҳо меандешад.

8.12. Риояи талаботи қонунгузорӣ, оинномаи муассисаи таълимӣ ва дигар асноди меъёрии ҳуқуқиро таъмин менамояд.

8.13.Истифодаи маблағҳои буҷетӣ ва ғайрибуҷетии муассисаи таълимиро тибқи тартиби муқаррарнамудаи қонунгузорӣ, Оинномаи муассисаи таълимӣ ва дигар асноди меъёрии ҳуқуқии соҳа ва иҷрои шартҳои фаъолияти таълимии муассисаро, ки дар иҷозатномаи пешбурди фаъолияти таълимӣ пешбинӣ шудааст, таъмин менамояд.

8.14. Пардохти саривақтии музди маош, маоши иловагӣ ва намудҳои дигарро ба ҳайати омӯзгорон ва кормандон, стипендия ва пардохтҳои дигарро ба донишҷӯён, магистрон, доктор PhD-и муассисаи таълимӣ таъмин менамояд.

8.15. Ҷиҳати бо кормандони илмию педагогии соҳибкасб, ҳайати муҳандисию техникӣ ва таълимию ёрирасон таъмин намудани муассиса тадбирҳо меандешад.

8.16. Молу мулки муассисаи таълимӣ ва дигарро, ки барои истифода ба ихтиёри муассиса вогузор шудааст, тибқи тартиби муқаррарнамудаи қонун оқилона идора менамояд.

8.17. Ҷиҳати ба тасвиб расонидани шартномаҳо оид ба иҷрои корҳо ва хизматрасониҳо барои эҳтиёҷоти давлат мувофиқи барномаҳои давлатӣ ва уҳдадориҳои муассисаи таълимӣ чораҷӯӣ менамояд.

8.18. Сирри давлатиро маҳфуз нигоҳ медорад ва аз ҷониби кормандони муассиса ҳифзи иттилоотеро, ки сирри хидматӣ ва ё тиҷоратиро дар бар мегирад, таъмин менамояд.

8.19. Таъмини ҳифзи меҳнати кормандон ва донишҷӯён, магистрон, доктор PhD-и муассисаи таълимиро назорат менамояд.

8.20. Ҳамасола тибқи тартиботи муқаррарнамудаи муассисаи таълимӣ оид ба фаъолияти худ ҳисобот манзур месозад.

8.21.Ҳангоми иҷрои амалиёти молиявию хоҷагидорӣ муқаррароти қонунгузориро риоя менамояд.

3. Ҳуқуқ ва вазифаҳои ректори муассисаи таҳсилоти олии касбӣ

9. Ректори муассисаи таҳсилоти олии касбӣ дар доираи ҳуқуқ ва вазифаҳои худ:

9.1. Вобаста ба ҳамаи масъалаҳои марбут ба роҳбарии муассисаи таҳсилоти олии касбӣ, ки тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Оинномаи муассисаи таълимӣ ба салоҳияти ӯ вогузор шудааст, мустақилона қарор қабул менамояд.

9.2. Аз номи муассисаи таълимӣ амал карда, манфиатҳои онро ҳифз менамояд ва аз номи муассиса шартномаҳо ба тасвиб мерасонад.

9.3.Ҷадвали воҳидҳои кори муассисаи таълимиро тасдиқ менамояд, бо кормандони муассисаи таълимӣ шартномаи дуҷониба ба имзо мерасонад ва дар маврид ҳои зарурӣ бекор мекунад.

9.4. Аз роҳбарони тамоми раёсат, идора, шуъба, сохторҳои тобеи худ ва мутахассисони алоҳида иттилоот ва асноди зарурӣ дархост намуда, дар баробари ин, ба роҳбарони тамоми раёсат, идора, шуъба, сохторҳои тобеи худ ва мутахассисони алоҳида амру фармоиш медиҳад.

9.5. Кормандони муассисаро ҳавасманд ва аз онҳо иҷрои қоидаҳои тартиботи дохилӣ ва шартҳои шартномаи меҳнатиро талаб намуда, нисбат ба кормандоне, ки уҳдадориҳои вазифавии худро ба иҷро нарасондаанд ё ба таври зарурӣ татбиқ накардаанд, чораҳои муҷозотӣ меандешад.

9.6. Баъзе ваколатҳои худро ба уҳдаи муовинон вогузор менамояд.

ДАСТУРАМАЛИ ВАЗИФАВИИ МУОВИНИ РЕКТОРИ МУАССИСАИ ТАҲСИЛОТИ ОЛИИ КАСБИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ОИД БА ТАЪЛИМ

Дастурамали мазкур дар асоси Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф», Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи таҳсилоти олии касбӣ ва таҳсилоти касбии баъд аз муассисаи олии таълимӣ», «Низомномаи намунавӣ оид ба муассисаи таълимии таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон» ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии соҳаи маориф таҳия шудааст.

1.Муқаррароти умумӣ

1. Муовини ректори муассисаи таҳсилоти олии касбии давлатӣ оид ба таълим бо пешниҳоди ректори муассисаи таълимӣ аз тарафи Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ё муассис (вазорату идораҳое, ки дар сохтори худ муассисаҳои таълимӣ доранд) ба вазифа таъин ва аз вазифа озод карда мешавад.

2. Ба вазифаи муовини ректор оид ба корҳои таълим шахсе таъин карда мешавад, ки бояд дорои таҳсилоти олии касбӣ ва собиқаи кории на камтар аз 5-солаи омӯзгорӣ ё вазифаҳои роҳбарикунанда, ҳамчунин унвони дотсент ё профессор ва ё дараҷаи номзади илм ва ё доктори илм бошад.

3. Муовини ректори муассисаи таҳсилоти олии касбӣ оид ба таълим дар асоси Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф», Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи таҳсилоти олии касбӣ ва таҳсилоти касбии баъд аз муассисаи олии таълимӣ», «Низомномаи намунавӣ оид ба муассисаи таълимии таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон» ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии соҳаи маориф фаъолият менамояд.

4. Муовини ректор оид ба таълим аъзои шурои олимон ва раиси шурои илмию методии муассисаи таҳсилоти олии касбӣ мебошад.

5. Муовини ректор оид ба таълим бояд қонунҳо ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии соҳаи таҳсилоти олии касбӣ, таҳсилоти касбии иловагӣ, танзимкунандаи фаъолияти таълимӣ, илмӣ, хоҷагидорӣ ва молиявию иқтисодии муассисаи таълимӣ; самтҳои афзалиятноки рушди низоми маориф ва фаъолияти таълимию илмӣ; назария ва усулҳои идораи низоми таҳсилот; санадҳои меъёрию методии марбут ба тайёр кардани мутахассисони таҳсилоти олии касбӣ, таҳсилоти касбии баъд аз муассисаи олии таълимӣ ва иловагӣ; комёбиҳои илмӣ ва таҷрибаи пешқадами муассисаҳои таҳсилоти олии касбии кишварҳои хориҷӣ; қоида ва меъёрҳои ҳифзи меҳнат ва бехатарӣ аз сӯхторро дар сатҳи зарурӣ донад.

7. Муовини ректор оид ба таълим сирри давлатиро маҳфуз нигоҳ медорад ва аз ҷониби кормандони сохторҳои тобеъ ҳифзи иттилоотеро, ки сирри хидматӣ ва ё тиҷоратиро дар бар мегирад, таъмин менамояд.

8. Муовини ректор оид ба таълим барои иҷро накардани вазифаҳои хидматие, ки дар уҳдааш мебошанд, татбиқи барномаҳои таълимӣ, ҷадвали раванди таълим, сифати тайёр намудани мутахассисон, ҳаёт ва тандурустӣ, риояи ҳуқуқҳо ва озодии ҳайати омӯзгорон, кормандон ва донишҷӯён тибқи муқаррароте, ки қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян намудааст, масъул буда, дар мавриди ба таври зарурӣ иҷро накардан ё ба сомон нарасонидани уҳдадориҳои вазифавии худ, баромадан аз доираи ваколатҳои мансабӣ, дар ҷараёни фаъолияти худ роҳ додан ба қонунвайронкунӣ, расонидани зиён, ҳамзамон барои паҳн намудани маълумоте, ки сирри хидматӣ ва тиҷоратӣ дорад, мувофиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҷавобгарӣ кашида мешавад.

9. Ҳангоми набудани ректор вазифаҳои ӯро бо тартиби муқарраршуда ба иҷро мерасонад.

2. Уҳдадориҳои муовини ректор оид ба таълим

10. Муовини ректор оид ба таълим дар доираи уҳдадориҳои худ:

10.1. Раванди таълимро дар муассисаи таълимӣ роҳбарӣ ва ҳадафу стратегияи рушди ин равандро муайян менамояд.

10.2. Раванди фаъолияти меҳнатӣ ва ҳамкориҳои сохторҳои тобеи муассисаи таълимиро ташкил намуда, оид ба таъмини онҳо бо мутахассисони касбӣ, таъсиси пойгоҳи моддию техникӣ бо назардошти комёбиҳо дар самти рушди таҳсилоти олии касбӣ, истифодаи техника ва технологияи замонавӣ дар раванди таълим, татбиқи таҷрибаи ватанӣ ва хориҷӣ, истифодаи оқилонаи захираҳои моддию техникӣ чораҳои зарурӣ меандешад.

10.3. Иҷрои уҳдадориҳои вобаста ба раванди таълими муассисаи таълимиро дар назди буҷети давлат таъмин менамояд.

10.4. Иҷрои шартномаи меҳнатӣ ва риояи интизоми меҳнатро аз ҷониби сохторҳои тобеи муассисаи таълимӣ таъмин карда, ҷиҳати рушди ҳавасмандсозии меҳнатӣ, ташаббускорӣ ва фаъолнокии кормандон мусоидат менамояд.

10.5. Дар ташкили сохтор ва ҷадвали воҳидҳои кории муассисаи таълимӣ иштирок менамояд.

10.6. Фаъолияти қисми таълим, ташкил ва раванди корҳои таълимӣ ва таълимию методӣ, таҳия ва татбиқи нақша ва барномаҳои таълимии факултет ва кафедраҳо, ҳамзамон тақсимоти муносиби сарбории таълимии ҳайати омӯзгорон, иҷрои ҷадвали раванди таълим ва ҳисоби фонди соатбайи муассисаи таълимӣ ва фаъолияти маркази тестии муассисаи таълимиро назорат менамояд.

10.7. Доир ба масъалаҳои мухталифи марбути муассисаи таълимӣ конференсия ва семинарҳои таълимию методӣ ташкил менамояд.

10.8. Дар омода намудан ва гузаронидани аттестатсияи ҳайати омӯзгорон ва дигар кормандони муассисаи таҳсилоти олии касбӣ саҳм мегузорад.

10.9. Таҳия ва тасвиби саривақтии фармоишҳоро оид ба тасдиқи ҳайати комиссияи имтиҳонот ва аттестатсияи хатм таъмин ва доир ба ташкил ва гузаронидани (рейтингҳои якум ва дуюм), сессияҳои имтиҳонӣ, аттестатсияи хатм ва ҳимояи лоиҳаҳои рисолаҳои дипломӣ тадбирҳо меандешад.

10.10.Такмили ихтисоси ҳайати омӯзгоронро таъмин менамояд.

10.11.Таҳия ва пешниҳоди саривақтии ҳисобот оид ба раванди таълимро таъмин менамояд.

10.12.Масъалаи пешниҳоди донишҷӯёнро ҷиҳати гирифтани стипендияҳои номӣ роҳбарӣ менамояд.

10.13. Фаъолияти қисмҳои таълимию методӣ, иттилоотию таҳлилӣ, воситаҳои техникии таълим, тайёрӣ, қисматҳои сохтории муассисаи таҳсилоти олии касбӣ, инчунин майдончаи таълими ҳарбӣ ва озмоишгоҳҳои таълимиро назорат менамояд.

10.14. Сифати ҷараёни таълиму тарбия, таҷрибаомӯзиҳо ва баҳои воқеии натиҷаҳои донишандӯзии донишҷӯёнро назорат менамояд.

10.15. Доир ба истифодаи самарабахши пойгоҳи моддию техникӣ чораҳо андешида, таҷдид ва пуррагардонии мунтазами онро таъмин менамояд.

10.16. Риояи Қоидаҳои тартиботи меҳнати дохилӣ, қоида ва меъёрҳои ҳифзи меҳнат ва бехатарӣ аз сӯхторро назорат менамояд.

10.17. Ҷиҳати таълифи китобҳои дарсӣ, илмӣ-методӣ ва ғайра нақша таҳия карда, иҷрои онро назорат менамояд.

10.18. Оид ба иҷрои амру фармоишҳо ва нишондодҳои ташкилотҳои болоӣ, қарорҳои шурои олимон ва раёсат, ки марбути масъалаҳои таълимию методӣ мебошанд, санҷиш мегузаронад.

10.19. Масъалаҳои интиқолу барқарор, хориҷ, пешниҳод барои гирифтани стипендияро дар якҷоягӣ бо садорати факултетҳо баррасӣ менамояд.

10.20. Ҷиҳати ба раванди таълим ворид намудани фанҳои таълимии нав, ки дар тайёр намудани

мутахассисони ҷавобгӯ ба бозори меҳнат заруранд, тадбирҳо меандешад.

3. Ҳуқуқ ва вазифаҳои муовини ректор оид ба таълим

11. Муовини ректор оид ба таълим дар доираи ҳуқуқ ва вазифаҳои худ:

11.1. Аз номи муассисаи таҳсилоти олии касбӣ баромад ва онро муаррифӣ мекунад.

11.2. Оид ба беҳтар намудани сифати таълим ба ректори муассисаи таълимӣ таклифҳо пешниҳод менамояд.

11.3. Дар муҳокима ва ҳалли масъалаҳои фаъолияти муассисаи таълимӣ, кори ҷаласаҳои машваратии раёсат иштирок мекунад.

11.4. Барои пешбурди фаъолияти корӣ аз кормандони сохторҳои таркибии муассисаи таълимӣ ҳуҷҷат ва иттилооти зарурӣ талаб менамояд.

11.5. Ба баррасии шурои олимони муассисаи таълимӣ оид ба банақшагирӣ, назорат ва такмили корҳои таълимӣ, таълимию методӣ ва дигар масъалаҳо пешниҳод манзур месозад.

11.6. Барои иҷрои уҳдадориҳои вазифавии худ аз роҳбарият кумаку дастгирӣ мепурсад.

11.7. Дар доираи салоҳияти худ ба роҳбарони қисмҳои сохторӣ, ҳайати омӯзгорон ва кормандони муассисаи таълимӣ дастуру супоришҳо медиҳад ва иҷрои саривақтии онҳоро талаб менамояд.

11.8. Дар машғулиятҳои таълимӣ, инчунин дар раванди имтиҳонҳо иштирок мекунад.

11.9. Барои иҷрои уҳдадориҳои касбӣ, аз ҷумла додани таҷҳизоти зарурӣ, асбобу анҷом, ҷойи кори мувофиқ ба қоида ва меъёрҳои санитарию гигиенӣ шароити мусоид талаб менамояд.

11.10. Тибқи муқаррарот аз хизматрасониҳои китобхона, фондҳои иттилоотӣ, васоити техникии таълим, таҷҳизоти таълимӣ, шабакаи интернет ва ғайра истифода мебарад.

11.11. Тахассуси касбии худро такмил медиҳад.

ДАСТУРАМАЛИ ВАЗИФАВИИ МУОВИНИ РЕКТОРИ МУАССИСАИ ТАҲСИЛОТИ ОЛИИ КАСБИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ОИД БА ТАРБИЯ

Дастурамали мазкур дар асоси Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф», Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи таҳсилоти олии касбӣ ва таҳсилоти касбии баъд аз муассисаи олии таълимӣ», «Низомномаи намунавӣ оид ба муассисаи таълимии таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон» ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии соҳаи маориф таҳия шудааст.

1.Муқаррароти умумӣ

1. Кори тарбиявӣ бо донишҷӯён, ки онро муовини ректор оид ба тарбия сарварӣ менамояд, аз роҳбарии бевосита ва ҳамоҳанг намудани фаъолияти сохторҳои муассисаи таҳсилоти олии касбӣ ва ташкилотҳои ҷамъиятӣ иборат мебошад. Қисм ва ташкилотҳои мазкур дар самти ташкили корҳои тарбиявӣ, ҳифзи иҷтимоӣ ва назорати муҳити донишҷӯён фаъолият менамоянд.

2. Муовини ректори муассисаи таҳсилоти олии касбии давлатӣ оид ба тарбия бо пешниҳоди ректори муассисаи таълимӣ аз тарафи Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ё муассис (вазорату идораҳое, ки дар сохтори худ муассисаҳои таълимӣ доранд) ба вазифа таъин ва аз вазифа озод карда мешавад.

3. Ба вазифаи муовини ректор оид ба тарбия шахсе таъин карда мешавад, ки дорои таҳсилоти олии касбӣ ва собиқаи корӣ на камтар аз 5-солаи омӯзгорӣ ё вазифаҳои роҳбарикунанда, ҳамчунин унвони дотсент ё профессор ва ё дараҷаи номзади илм ва ё доктори илм бошад.

4. Муовини ректори муассисаи таҳсилоти олии касбӣ оид ба тарбия дар асоси Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф», Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи

таҳсилоти олии касбӣ ва таҳсилоти касбии баъд аз муассисаи олии таълимӣ», «Низомномаи намунавӣ оид ба муассисаи таълимии таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон», Оинномаи муассисаи таълимӣ ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии соҳаи маориф фаъолият менамояд.

5. Муовини ректор оид ба тарбия аъзои шурои олимони муассисаи таълимӣ мебошад.

6. Муовини ректор оид ба тарбия бояд санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ (хусусан Консепсияи миллии тарбия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3 марти соли 2006, №94) ва дигар ҳуҷҷатҳои роҳнамо ва методии танзимкунандаи масъалаҳои рушди низоми маориф, аз ҷумла таҳсилоти олии касбӣ, комёбиҳои муассисаҳои ватанӣ ва хориҷӣ дар самти ташкили раванди таълиму тарбия, тартиби барасмиятдарорӣ, пешбурд ва нигоҳдории ҳуҷҷатҳои марбут ба корҳои тарбиявӣ, тартиби таҳияи ҳисобот, технологияҳои ҳозиразамон дар самти тарбия, кодекси меҳнат, қоида ва меъёрҳои ҳифзи меҳнат ва бехатарӣ аз сӯхторро дар сатҳи зарурӣ донад.

7. Муовини ректор оид ба тарбия сирри давлатиро маҳфуз нигоҳ медорад ва аз ҷониби кормандони сохторҳои тобеъ ҳифзи иттилоотеро, ки сирри хидматӣ ва ё тиҷоратиро дар бар мегирад, таъмин менамояд.

8. Муовини ректор оид ба тарбия дар мавриди ба таври зарурӣ иҷро накардан ё ба сомон нарасонидани уҳдадориҳои вазифавии худ, баромадан аз доираи ваколатҳои мансабӣ, дар ҷараёни фаъолияти худ роҳ додан ба қонунвайронкунӣ, расонидани зиён, ҳамзамон барои паҳн намудани маълумоте, ки сирри хидматӣ ва тиҷоратӣ дорад, мувофиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҷавобгарӣ кашида мешавад.

9. Муовини ректор оид ба тарбия дар фаъолияти худ бевосита ба ректори муассисаи таҳсилоти олии касбӣ тобеъ мебошад.

2. Уҳдадориҳои муовини ректор оид ба тарбия

10. Муовини ректор оид ба тарбия дар доираи уҳдадориҳои худ:

10.1. Банақшагирӣ, ҳамоҳангсозӣ ва назорати фаъолияти сохторҳои таркибии муассисаи таълимиро дар самти корҳои тарбиявӣ роҳбарӣ менамояд.

10.2. Ҳамкориҳои раёсат ва сохторҳои таркибии муассисаи таълимиро дар самти корҳои тарбиявӣ ҳамоҳанг месозад.

10.3. Роҳу воситаҳои татбиқи корҳои тарбиявиро дар муассисаи таҳсилоти олии касбӣ муайян мекунад.

10.4. Самтҳои афзалиятноки корҳо, макони фароғатии ҷавононро дар низоми таълим ва тарбияи мутахассисон муайян сохта, барои муҳайё намудани шароити мусоиди тарбиявӣ, маънавию ахлоқӣ, иттилоотӣ ва фароғату истироҳати донишҷӯён мусоидат мекунад.

10.5. Кори шурои кураторон (сарпарасион)-ро ташкил карда, ба он роҳбарӣ менамояд.

10.6. Ба кори кафедраҳои ҷамъиятӣ доир ба корҳои фарҳангию тарбиявии донишҷӯён роҳбарӣ намуда, онҳоро ҳамоҳанг месозад.

10.7. Ба кори муовинони деканҳо (мушовири академӣ) доир ба корҳои тарбия, кураторон (сарпарастон) роҳбарӣ намуда, дар хобгоҳҳо раванди тарбияро назорат менамояд.

10.8. Дар якҷоягӣ бо қисмати маъмуриву хоҷагидорӣ дар хобгоҳ ва қисматҳои махсуси ҷудогонаи муассисаи таълимӣ (дармонгоҳ, осоишгоҳ ва ғ.) ҷиҳати беҳтар намудани шароити иҷтимоиву маишӣ, истироҳату табобати донишҷӯён, магистрон ва докторантони PhD тадбирҳо меандешад.

10.9. Бо хадамоти иҷтимоиву коммуналии шаҳр ва дигар корхонаҳои хурду муштарак, муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ва дигар муассисаҳо робитаҳои корӣ барқарор менамояд.

10.10. Ба донишҷӯёни ятим, маъюб ва бепарастор сарпарастӣ карда, ба онҳо расондани кумакро ба уҳда мегирад.

10.11. Ба кормандони соҳаи фарҳанг ва санъат ҷиҳати ташкили намоишҳои фарҳангию фароғатӣ робита барқарор менамояд.

10.12. Ба низоми худидоракунии донишҷӯён тақвият бахшида, бо шурои донишҷӯёну магистрон, докторантони PhD ва дигар иттиҳодияҳои донишҷӯӣ ҳамкорӣ мекунад ва бо иттифоқи касабаи муассисаи таҳсилоти олии касбӣ масъалаҳои иҷтимоии донишҷӯён, магистрон ва докторантони PhD-ро ҳал менамояд.

3. Ҳуқуқ ва вазифаҳои муовини ректор оид ба тарбия

11. Муовини ректор оид ба тарбия дар доираи ҳуқуқ ва вазифаҳои худ:

11.1. Аз номи муассисаи таълимӣ баромад намуда, муассисаи таълимиро вобаста ба масоили тарбиявӣ муаррифӣ мекунад.

11.2. Ба баррасии раёсати муассисаи таълимӣ вобаста ба беҳтар гаштани фаъолияти муассисаи таълимӣ, аз ҷумла доир ба такмили усулҳои муосири фаъолияти тарбиявии муассисаи таҳсилоти олии касбӣ ва сохторҳои тобеи он таклифу пешниҳодҳо манзур месозад.

11.3. Бо роҳбарони сохторҳои таркибии муассисаи таълимӣ ҳамкориҳои дуҷонибаро роҳандозӣ карда, барои иҷрои вазифаҳои хидматии худ ҳуҷҷат ва маводи зарурӣ дастрас менамояд.

11.4. Барои иҷрои вазифа ва уҳдадориҳои худ аз ректори муассисаи таълимӣ мусоидат мепурсад.

11.5. Фаъолияти сохторҳои таркибии муассисаи таълимиро доир ба ташкили корҳои фарҳангию тарбиявии муассисаи таҳсилоти олии касбӣ назорат менамояд.

11.6. Барои пешбурди фаъолияти корӣ аз кормандони сохторҳои таркибии муассисаи таълимӣ ҳуҷҷат ва иттилооти зарурӣ талаб менамояд.

11.7. Ба баррасии шурои олимони муассисаи таълимӣ оид ба банақшагирӣ, назорат ва такмили корҳои тарбиявӣ пешниҳод манзур месозад.

11.8. Дар доираи салоҳияти худ ба ҳайати омӯзгорон ва кормандони муассисаи таълимӣ дастуру супоришҳо медиҳад ва иҷрои саривақтии онҳоро талаб мекунад.

11.9. Барои иҷрои уҳдадориҳои касбӣ, аз ҷумла додани таҷҳизоти зарурӣ, асбобу анҷом, ҷойи кори мувофиқ ба қоида ва меъёрҳои санитарию гигиенӣ шароити мусоид талаб менамояд.

11.10. Тибқи муқаррарот аз хизматрасониҳои китобхона, фондҳои иттилоотӣ, васоити техникии таълим, таҷҳизоти таълимӣ, шабакаи интернет ва ғайра истифода мебарад.

11.11.Чорабиниҳои идонаро бахшида ба санаҳои муҳимми таърихии ҷумҳурӣ тибқи қонунгузории амалкунанда ташкил ва баргузор менамояд.

11.12. Тахассуси касбии худро такмил медиҳад.

ДАСТУРАМАЛИ ВАЗИФАВИИ МУОВИНИ РЕКТОРИ МУАССИСАИ ТАҲСИЛОТИ ОЛИИ КАСБИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ОИД БА РОБИТАҲОИ БАЙНАЛМИЛАЛӢ

Низомномаи мазкур дар асоси Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф», Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи таҳсилоти олии касбӣ ва таҳсилоти касбии баъд аз муассисаи олии таълимӣ», «Низомномаи намунавӣ оид ба муассисаи таълимии таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон» ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии соҳаи маориф таҳия шудааст.

1.Муқаррароти умумӣ

1. Муовини ректори муассисаи таҳсилоти олии касбӣ оид ба робитаҳои байналмилалӣ бо фармоиши ректори муассисаи таҳсилоти олии касбӣ дар мувофиқа бо муассис ва Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон ба вазифа таъин ва аз вазифа озод карда мешавад. Ӯ дар

назди ректор масъули амалӣ сохтани робитаҳои байналмилалӣ ва танзими раванди таълиму тарбияи шаҳрвандони хориҷии дар муассисаи таҳсилоти олии касбӣ таҳсилкунанда мебошад.

2. Ба вазифаи муовини ректор оид ба робитаҳои байналмилалӣ шахсе таъин карда мешавад, ки дорои таҳсилоти олии касбӣ ва собиқаи корӣ на камтар аз 5-солаи омӯзгорӣ ё вазифаҳои роҳбарикунанда, ҳамчунин унвони дотсент ё профессор ва ё дараҷаи номзади илм ва ё доктори илм буда, бояд як ё якчанд забонҳои хориҷиро донад.

3. Муовини ректори муассисаи таҳсилоти олии касбӣ оид ба робитаҳои байналмилалӣ дар асоси Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф», Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи таҳсилоти олии касбӣ ва таҳсилоти касбии баъд аз муассисаи олии таълимӣ», «Низомномаи намунавӣ оид ба муассисаи таълимии таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон» ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии соҳаи маориф фаъолият менамояд.

4. Муовини ректор оид ба робитаҳои байналмилалӣ аъзои шурои олимони муассисаи таълимӣ мебошад.

5. Муовини ректор оид ба робитаҳои байналмилалӣ бояд санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, аз ҷумла танзимкунандаи фаъолияти байналмилалӣ ва дигар ҳуҷҷатҳои роҳнамо ва методии танзимкунандаи масъалаҳои рушди низоми маориф, аз ҷумла таҳсилоти олии касбӣ, комёбиҳои муассисаҳои ватанӣ ва хориҷӣ дар самти қабули шаҳрвандони хориҷӣ ва фиристодани донишҷӯён ба муассисаҳои таҳсилоти олии касбии хориҷи кишвар, ташкили раванди таълиму тарбия, тартиби барасмиятдарорӣ, пешбурд ва нигоҳдории ҳуҷҷатҳои марбут ба муносибатҳои байналмилалӣ, технологияҳои ҳозиразамон дар самти таълим, кодекси меҳнат, қоида ва меъёрҳои ҳифзи меҳнат ва бехатарӣ аз сӯхторро дар сатҳи зарурӣ донад.

6. Муовини ректор оид ба робитаҳои байналмилалӣ сирри давлатиро маҳфуз нигоҳ медорад ва аз ҷониби кормандони сохторҳои тобеъ ҳифзи иттилоотеро, ки сирри хидматӣ ва ё тиҷоратиро дар бар мегирад, таъмин менамояд.

7. Муовини ректор оид ба робитаҳои байналмилалӣ дар мавриди ба таври зарурӣ иҷро накардан ё ба сомон нарасонидани уҳдадориҳои вазифавии худ, баромадан аз доираи ваколатҳои мансабӣ, дар ҷараёни фаъолияти худ роҳ додан ба қонунвайронкунӣ, расонидани зиён, ҳамзамон барои паҳн намудани маълумоте, ки сирри хидматӣ ва тиҷоратӣ дорад, мувофиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҷавобгарӣ кашида мешавад.

8. Муовини ректор оид ба робитаҳои байналмилалӣ дар самти фаъолияти худ бевосита ба ректори муассисаи таҳсилоти олии касбӣ тобеъ мебошад.

2. Уҳдадориҳои муовини ректор оид ба робитаҳои байналмилалӣ

9. Муовини ректор оид ба робитаҳои байналмилалӣ вобаста ба уҳдадориҳои вазифавии худ:

9.1. Ба фаъолияти соҳа роҳбарӣ ва иҷрои вазифаҳои хидматии кормандонро назорат менамояд.

9.2. Нақшаҳои дурнамо ва густариши ҳамкориҳои байналмилалии муассисаи таълимиро ба танзим медарорад.

9.3.Ба тарҳрезии фаъолияти байналмилалӣ ва таҳияи нақшаву шартномаҳо оид ба ҳамкорӣ бо муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ва созмонҳои хориҷӣ роҳбарӣ менамояд.

9.4.Лоиҳаҳои созишномаҳои ҳамкории муассисаи таълимиро бо муассисаҳои таълимии кишварҳои хориҷӣ таҳия месозад.

9.5. Ҷиҳати ташкил ва баргузории таҷрибаомӯзӣ ва такмили ихтисоси омӯзгорону кормандони муассисаи таълимӣ дар хориҷи кишвар тадбирҳо меандешад.

9.6.Корҳои факултет ва кафедраҳоро вобаста ба роҳандозии ҳамкориҳои байналмилалӣ ва робитаҳои хориҷӣ ҳамоҳанг ва мувофиқа месозад.

9.7.Шартномаҳои дарозмуҳлат ва дигари ҳамкориро бо шарикони хориҷӣ ташкил ва мувофиқа намуда, ба тасвиб мерасонад.

9.8. Иҷрои нақшаву барнома ва шартномаҳоро оид ба ҳамкориҳои байналмилалӣ назорат карда, натиҷаи ҳамкориҳои байналмилалӣ ва робитаҳои хориҷиро пайгирӣ ва хароҷоти заруриро барои таъмини робитаҳои хориҷии муассисаи таълимӣ дар асоси шартномаҳо ва нақшаву барномаҳо пешбинӣ менамояд.

9.9. Вобаста ба масоили фаъолияти байналмилалӣ ва робитаҳои хориҷии муассисаи таълимӣ ҳисобот омода намуда, ба раёсат ва шурои олимони муассисаи таълимӣ ҷиҳати рушду такмили фаъолияти соҳа таклифу пешниҳодҳо манзур месозад.

9.10. Оид ба шаклу усули фаъолияти байналмилалии муассисаи таълимӣ, фонд ва созмонҳое, ки барои фаъолияти байналмилалӣ грантҳо ҷудо мекунанд, ҳамзамон ба ҳайати омӯзгорон ва донишҷӯён, магистрон ва докторантони PhD-и муассисаи таълимӣ вобаста ба масъалаи таҳия ва пешниҳоди ҳуҷҷатҳо ҷиҳати ба даст овардани грантҳо, стипендияҳо ва таҷрибаомӯзии фондҳо, созмонҳо ва барномаҳои байналмилалӣ ёрии методӣ мерасонад.

9.11. Вазифаҳои протоколиро анҷом медиҳад:

-қабули ҳайати намояндагони муассисаҳои таҳсилоти олии касбии хориҷиро мувофиқи тартиботи муқарраргардида ташкил менамояд;

-бо шарикони воқеӣ ва эҳтимолии хориҷӣ робита барқарор намуда, ба тасвиб расонидани протокол ва шартномаҳоро оид ба ҳамкориҳои байналмилалӣ таъмин менамояд.

9.12.Тарғибу ташвиқи фаъолияти байналмилалии муассисаи таълимиро дар васоити ахбори омма, шабакаи интернет ва расонаҳои дигар ташкил ва роҳандозӣ менамояд.

9.13.Дар ташкилотҳои гуногун оид ба масъалаи ҳамкориҳои байналмилалӣ ва корҳои таълиму тарбияи донишҷӯён, магистрон ва докторантони PhD-и хориҷӣ муассисаи таълимиро намояндагӣ мекунад.

9.14. Дар мувофиқа бо мақомоти дахлдор иштироки ҳайати омӯзгорон, донишҷӯён, магистрон ва докторантони PhD-ро дар барномаҳои конкурсӣ, конференсияҳо, семинарҳо ва симпозиумҳои ташкилотҳои байналмилалӣ таъмин менамояд.

3.Ҳуқуқ ва вазифаҳои муовини ректор оид ба робитаҳои байналмилалӣ

10. Муовини ректор оид ба робитаҳои байналмилалӣ дар доираи ҳуқуқ ва вазифаҳои худ:

10.1. Аз номи муассисаи таҳсилоти олии касбӣ вобаста ба робитаҳои байналмилалӣ дар ташкилотҳои дохилӣ ва хориҷи кишвар баромад ва онро муаррифӣ мекунад.

10.2. Оид ба беҳтар намудани таълиму тарбия, сифати таълим ва вазъи маишии донишҷӯёни хориҷӣ ба ректори муассисаи таълимӣ таклифҳо пешниҳод менамояд.

10.3. Бо роҳбарони сохторҳои таркибии муассисаи таълимӣ ҳамкориҳои дуҷониба роҳандозӣ карда, барои иҷрои вазифаҳои хидматии худ ҳуҷҷат ва маводи зарурӣ дастрас менамояд.

10.4. Барои иҷрои вазифа ва уҳдадориҳои худ аз ректори муассисаи таълимӣ мусоидат мепурсад.

10.5. Фаъолияти сохторҳои таркибии муассисаи таълимиро доир ба ташкили ҳамкориҳои байналмилалӣ назорат менамояд.

10.6. Барои пешбурди фаъолияти корӣ аз кормандони сохторҳои таркибии муассисаи таълимӣ ҳуҷҷат ва иттилооти зарурӣ талаб менамояд.

10.7. Ба баррасии шурои олимони муассисаи таълимӣ оид ба банақшагирӣ, назорат ва таҳкими ҳамкориҳои байналмилалӣ пешниҳод менамояд.

10.8. Барои иҷрои уҳдадориҳои вазифавии худ аз роҳбарият кумаку дастгирӣ мепурсад.

10.9. Дар доираи салоҳияти худ ба ҳайати омӯзгорон ва кормандони муассисаи таълимӣ дастуру супоришҳо медиҳад ва иҷрои саривақтии онҳоро талаб мекунад.

10.10. Барои иҷрои уҳдадориҳои касбӣ, аз ҷумла додани таҷҳизоти зарурӣ, асбобу анҷом, ҷойи кори мувофиқ ба қоида ва меъёрҳои санитарию гигиенӣ шароити мусоид талаб менамояд.

10.11.Тибқи муқаррарот аз хизматрасониҳои китобхона, фондҳои иттилоотӣ, васоити техникии таълим, таҷҳизоти таълимӣ, шабакаи интернет ва ғайра истифода мебарад.

10.12. Тахассуси касбии худро такмил медиҳад.

ДАСТУРАМАЛИ ВАЗИФАВИИ МУОВИНИ РЕКТОРИ МУАССИСАИ ТАҲСИЛОТИ ОЛИИ КАСБИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ОИД БА ИЛМ ВА ИННОВАТСИЯ

Дастурамали мазкур дар асоси Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф», Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи таҳсилоти олии касбӣ ва таҳсилоти касбии баъд аз муассисаи олии таълимӣ», «Низомномаи намунавӣ оид ба муассисаи таълимии таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон» ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии соҳаи маориф таҳия шудааст.

1.Муқаррароти умумӣ

1. Муовини ректори муассисаи таҳсилоти олии касбӣ оид ба илм ва инноватсия бо фармоиши ректори муассисаи таҳсилоти олии касбӣ дар мувофиқа бо муассис ва Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон ба вазифа таъин ва аз вазифа озод карда мешавад. Ӯ дар назди ректор масъули амалӣ сохтани нақша ва корҳои илмию таҳқиқотӣ мебошад.

2. Ба вазифаи муовини ректор оид ба илм ва инноватсия шахсе таъин карда мешавад, ки дорои таҳсилоти олии касбӣ ва собиқаи корӣ на камтар аз 5-

солаи омӯзгорӣ ё вазифаҳои роҳбарикунанда, ҳамчунин унвони дотсент ё профессор ва ё дараҷаи номзади илм ва ё доктори илм бошад.

3. Муовини ректори муассисаи таҳсилоти олии касбӣ оид ба илм ва инноватсия дар асоси Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф», Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи таҳсилоти олии касбӣ ва таҳсилоти касбии баъд аз муассисаи олии таълимӣ», «Низомномаи намунавӣ оид ба муассисаи таълимии таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон» ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии соҳаи маориф фаъолият менамояд.

4. Муовини ректор оид ба илм ва инноватсия аъзои шурои олимони муассисаи таълимӣ мебошад.

5. Муовини ректор оид ба илм ва инноватсия бояд санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва дигар ҳуҷҷатҳои роҳнамо ва методии танзимкунандаи масъалаҳои рушди низоми маориф, аз ҷумла таҳсилоти олии касбӣ, комёбиҳои муассисаҳои ватанӣ ва хориҷӣ, ташкили раванди таълиму тарбия, технологияҳои ҳозиразамон дар самти корҳои илмию таҳқиқотӣ, кодекси меҳнат, қоида ва меъёрҳои ҳифзи меҳнат ва бехатарӣ аз сӯхторро дар сатҳи зарурӣ донад.

6. Муовини ректор оид ба илм ва инноватсия сирри давлатиро маҳфуз нигоҳ медорад ва аз ҷониби кормандони сохторҳои тобеъ ҳифзи иттилоотеро, ки сирри хидматӣ ва ё тиҷоратиро дар бар мегирад, таъмин менамояд.

7. Муовини ректор оид ба илм ва инноватсия дар мавриди ба таври зарурӣ ичро накардан ё ба сомон нарасонидани уҳдадориҳои вазифавии худ, баромадан аз доираи ваколатҳои мансабӣ, дар ҷараёни фаъолияти худ роҳ додан ба қонунвайронкунӣ, расонидани зиён, ҳамзамон барои паҳн намудани маълумоте, ки сирри хидматӣ ва тиҷоратӣ дорад, мувофиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҷавобгарӣ кашида мешавад.

8. Муовини ректор оид ба илм ва инноватсия дар фаъолияти худ бевосита ба ректори муассисаи таҳсилоти олии касбӣ тобеъ мебошад.

2. Уҳдадориҳои муовини ректор оид ба илм ва инноватсия

9.Муовини ректор оид ба илм ва инноватсия дар доираи уҳдадориҳои худ:

9.1.Нақшаҳои дурнамо ва густариши ҳамкориҳои илмии муассисаи таҳсилоти олии касбиро ба танзим медарорад.

9.2.Корҳои илмӣ-таҳқиқотии ҳайати омӯзгорон ва донишҷӯёни муассисаи таҳсилоти олии касбиро ба роҳ монда, онро назорат мекунад.

9.3.Фаъолияти институт ва марказҳои илмӣ-таҳқиқотӣ, парки технологӣ, шуъбаи илм ва шуъбаи табъу нашри муассисаи таҳсилоти олии касбиро сарварӣ ва фаъолияти шурои ҳамоҳангсози илмӣ, шуроҳои диссертатсионӣ, шурои олимони ҷавон ва ҷамъияти илмии донишҷӯёнро назорат менамояд.

9.4.Барои тайёр намудани докторантон, аспирантон, докторантони PhD, магистрантон ва такмили ихтисоси ҳайати омӯзгорон тадбирҳои амалӣ меандешад.

9.5. Барои ишғоли вазифаҳои ҳайати профессорон, дотсентон, муаллимони калон ва ассистентон озмун ташкил ва баргузор менамояд.

9.6. Барои татбиқи дастовардҳои илмии ҳайати омӯзгорони муассисаи таълимӣ дар истеҳсолот тадбирҳо меандешад.

9.7. Фаъолияти китобхонаҳои муассисаи таълимиро назорат карда, барои таҳкими фонди захиравии онҳо чораҳо меандешад.

9.8. Барои тақвияти ҳамкориҳои илмӣ бо муассисаҳои таълимии дохиливу хориҷӣ талош меварзад.

9.9. Конференсия, семинар ва симпозиумҳои илмии сатҳи муассиса, ҷумҳурӣ ва байналмилалиро ташкил ва баргузор менамояд.

9.10.Риояи қоида ва талаботи техникаи бехатарӣ, санитарияи истеҳсолӣ ва қонунгузории меҳнатро ҳангоми ташкил ва баргузории корҳои илмию таҳқиқотӣ ва таҷрибавӣ таъмин менамояд.

3. Ҳуқуқ ва вазифаҳои муовини ректор оид ба илм ва инноватсия

10. Муовини ректор оид ба илм ва инноватсия дар доираи ҳуқуқ ва вазифаҳои худ:

10.1.Аз номи муассисаи таҳсилоти олии касбӣ дар ташкилотҳои дохилӣ ва хориҷии кишвар доир ба пешбурди корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ баромад ва онро муаррифӣ мекунад.

10.2.Оид ба беҳтар намудани самти корҳои илмию таҳқиқотӣ ба ректори муассисаи таълимӣ таклифҳо пешниҳод менамояд.

10.3.Бо роҳбарони сохторҳои таркибии муассисаи таълимӣ ҳамкориҳои дуҷониба роҳандозӣ карда, барои иҷрои вазифаҳои хидматии худ ҳуҷҷат ва маводи зарурӣ дастрас менамояд.

10.4. Барои иҷрои вазифа ва уҳдадориҳои худ аз ректори муассисаи таълимӣ мусоидат мепурсад.

10.5. Фаъолияти сохторҳои таркибии муассисаи таълимиро доир ба ташкили корҳои илмию таҳқиқотӣ ва инноватсионӣ назорат менамояд.

10.6. Барои пешбурди фаъолияти корӣ аз кормандони сохторҳои таркибии муассисаи таълимӣ ҳуҷҷат ва иттилооти зарурӣ талаб менамояд.

10.7. Ба баррасии шурои олимони муассисаи таълимӣ оид ба банақшагирӣ, назорат ва таҳкими корҳои илмию таҳқиқотӣ пешниҳод манзур месозад.

10.8. Барои иҷрои уҳдадориҳои вазифавии худ аз роҳбарият кумаку дастгирӣ мепурсад.

10.9. Дар доираи салоҳияти худ ба ҳайати омӯзгорон ва кормандони муассисаи таълимӣ дастуру

супоришҳо медиҳад ва иҷрои саривақтии онҳоро талаб мекунад.

10.10. Тибқи муқаррарот аз хизматрасониҳои китобхона, китобхонаи электронӣ, фондҳои иттилоотӣ, васоити техникии таълим, таҷҳизоти таълимӣ, шабакаи интернет ва ғайра истифода мебарад.

10.11. Тахассуси касбии худро такмил медиҳад.

ДАСТУРАМАЛИ ВАЗИФАВИИ МУОВИНИ РЕКТОРИ МУАССИСАИ ТАҲСИЛОТИ ОЛИИ КАСБИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ОИД БА КОРҲОИ ИҚТИСОДӢ ВА МОЛИЯВӢ

Дастурамали мазкур дар асоси Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф», Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи таҳсилоти олии касбӣ ва таҳсилоти касбии баъд аз муассисаи олии таълимӣ», «Низомномаи намунавӣ оид ба муассисаи таълимии таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон» ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии соҳаи маориф таҳия шудааст.

1.Муқаррароти умумӣ

1. Муовини ректори муассисаи таҳсилоти олии касбӣ оид ба корҳои иқтисодӣ ва молиявӣ бо фармоиши ректори муассисаи таҳсилоти олии касбӣ дар мувофиқа бо муассис ва Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон ба вазифа таъин ва аз вазифа озод карда мешавад. Ӯ дар назди ректор масъули амалӣ сохтани корҳои марбути соҳаи иқтисод, маъмурию хоҷагӣ ва молиявӣ мебошад.

2. Ба вазифаи муовини ректор оид ба корҳои иқтисодӣ ва молиявӣ шахсе таъин карда мешавад, ки дорои таҳсилоти олии касбӣ ва собиқаи кории на камтар аз 5-солаи омӯзгорӣ ё вазифаҳои роҳбарикунанда, ҳамчунин унвони дотсент ё профессор ва ё дараҷаи номзади илм ва ё доктори илм бошад.

3. Муовини ректори муассисаи таҳсилоти олии касбӣ оид ба корҳои иқтисодӣ ва молиявӣ дар асоси Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф», Қонуни

Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи таҳсилоти олии касбӣ ва таҳсилоти касбии баъд аз муассисаи олии таълимӣ», «Низомномаи намунавӣ оид ба муассисаи таълимии таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон» ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии соҳаи маориф фаъолият менамояд.

4. Муовини ректор оид ба корҳои иқтисодӣ ва молиявӣ бояд санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва дигар ҳуҷҷатҳои роҳнамо ва методии танзимкунандаи масъалаҳои рушди низоми маориф, аз ҷумла таҳсилоти олии касбӣ, комёбиҳои муассисаҳои ватанӣ ва хориҷӣ, ташкили раванди таълиму тарбия, технологияҳои ҳозиразамон дар самти корҳои иқтисодию молиявӣ, кодекси меҳнат, қоида ва меъёрҳои ҳифзи меҳнат ва бехатарӣ аз сӯхторро дар сатҳи зарурӣ донад.

5. Муовини ректор оид ба корҳои иқтисодӣ ва молиявӣ сирри давлатиро маҳфуз нигоҳ медорад ва аз ҷониби кормандони сохторҳои тобеъ ҳифзи иттилоотеро, ки сирри хидматӣ ва ё тиҷоратиро дар бар мегирад, таъмин менамояд.

6. Муовини ректор оид ба корҳои иқтисодӣ ва молиявӣ дар мавриди ба таври зарурӣ иҷро накардан ё ба сомон нарасонидани уҳдадориҳои вазифавии худ, баромадан аз доираи ваколатҳои мансабӣ, дар ҷараёни фаъолияти худ роҳ додан ба қонунвайронкунӣ, расонидани зиён, ҳамзамон барои паҳн намудани маълумоте, ки сирри хидматӣ ва тиҷоратӣ дорад, мувофиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҷавобгарӣ кашида мешавад.

7. Муовини ректор оид ба корҳои иқтисодӣ ва молиявӣ дар фаъолияти худ бевосита ба ректори муассисаи таҳсилоти олии касбӣ тобеъ мебошад.

8. Муовини ректор оид ба корҳои иқтисодӣ ва молиявӣ аъзои шурои олимони муассисаи таҳсилоти олии касбӣ мебошад.

2.Уҳдадориҳои муовини ректор оид ба корҳои иқтисодӣ ва молиявӣ

8. Муовини ректор оид ба корҳои иқтисодӣ ва молиявӣ дар доираи уҳдадориҳои худ:

8.1.Таъминоти моддию техникии раванди таълиму тарбия ва корҳои илмию таҳқиқотӣ, инчунин таъминоти моддию техникии муассисаи таълимиро назорат менамояд.

8.2. Хадамоти хоҷагӣ, фарҳангию маишӣ, таъмини беҳдошти ҳолати санитарию гигиении синфхонаҳо, озмоишгоҳҳо, пойгоҳҳои таълимӣ, варзишӣ, хобгоҳҳо, ошхонаҳҳо ва ғайраро роҳбарӣ менамояд.

8.3. Ҷиҳати таъмини тамоми сохторҳои тобеи муассисаи таълимӣ бо таҷҳизоти муносиб тадбирҳо меандешад.

8.4. Нақшаи хариди молу амволи муассисаи таълимиро таҳия сохта, вобаста ба масъалаҳои иқтисодию молиявӣ шартномаҳо мебандад.

8.5. Истифодаи дурусти молу амволи муассисаи таълимиро назорат намуда, вобаста ба харҷи сарватҳои моддӣ ҳуҷҷат мураттаб месозад.

8.6. Фаъолияти муҳосиботи муассисаи таълимиро назорат менамояд.

8.7. Барои такмил додани шаклҳои бехатарии меҳнат ба кормандони техникии муассисаи таълимӣ курсҳо ва семинарҳои омӯзишӣ ташкил менамояд.

8.8. Масъалаҳои марбут ба таҳсили шартномавиро дар муассисаи таҳсилоти олии касбӣ назорат мекунад.

8.9. Барои таҳкими пояи моддию техникӣ, пардохти саривақтии музди меҳнати кормандони муассисаи таҳсилоти олии касбӣ тадбирҳо меандешад.

3. Ҳуқуқ ва вазифаҳои муовини ректор оид ба корҳои иқтисодӣ ва молиявӣ

9. Муовини ректор оид ба корҳои иқтисодӣ ва молиявӣ дар доираи ҳуқуқ ва уҳдадориҳои худ:

9.1. Аз номи муассисаи таҳсилоти олии касбӣ доир ба масъалаҳои маъмурию хоҷагӣ ва иқтисодию молиявӣ баромад ва онро муаррифӣ мекунад.

9.2. Оид ба беҳтар намудани самти корҳои иқтисодию молиявӣ ба ректори муассисаи таълимӣ таклифҳо пешниҳод менамояд.

9.3. Бо роҳбарони сохторҳои таркибии муассисаи таълимӣ ҳамкориҳои дуҷониба роҳандозӣ карда, барои иҷрои вазифаҳои хидматии худ ҳуҷҷат ва маводи зарурӣ дастрас менамояд.

9.4. Барои иҷрои вазифа ва уҳдадориҳои худ аз ректори муассисаи таълимӣ мусоидат мепурсад.

9.5. Фаъолияти сохторҳои таркибии муассисаи таълимиро доир ба ташкили корҳои иқтисодию молиявӣ назорат менамояд.

9.6. Барои пешбурди фаъолияти корӣ аз кормандони сохторҳои таркибии муассисаи таълимӣ ҳуҷҷат ва иттилооти зарурӣ талаб менамояд.

9.7. Ба баррасии шурои олимони муассисаи таълимӣ оид ба банақшагирӣ, назорат ва таҳкими корҳои иқтисодию молиявӣ пешниҳод манзур месозад.

9.8. Барои иҷрои уҳдадориҳои вазифавии худ аз роҳбарият кумаку дастгирӣ мепурсад.

9.9. Дар доираи салоҳияти худ ба ҳайати омӯзгорон ва кормандони муассисаи таълимӣ дастуру супоришҳо медиҳад ва иҷрои саривақтии онҳоро талаб мекунад.

9.10. Тибқи муқаррарот аз хизматрасониҳои китобхона, китобхонаи электронӣ, фондҳои иттилоотӣ, васоити техникии таълим, таҷҳизоти таълимӣ, шабакаи интернет ва ғайра истифода мебарад.

9.11. Тахассуси касбии худро такмил медиҳад.

ДАСТУРАМАЛИ ВАЗИФАВИИ ДЕКАНИ ФАКУЛТЕТИ МУАССИСАИ ТАҲСИЛОТИ ОЛИИ КАСБИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

Дастурамали мазкур дар асоси Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф», Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи таҳсилоти олии касбӣ ва таҳсилоти касбии баъд аз муассисаи олии таълимӣ», «Низомномаи намунавӣ оид ба муассисаи таълимии

таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон», «Низомномаи факултети муассисаи таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон» ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии соҳаи маориф таҳия шудааст.

1.Муқаррароти умумӣ

1. Роҳбарии факултет ба уҳдаи декан вогузор карда мешавад. Декани факултетро ректор (директор)-и муассисаи таҳсилоти олии касбӣ дар мувофиқа бо Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҷумлаи омӯзгорони дорои дараҷа ва унвони илмӣ, ки на камтар аз 5 сол собиқаи фаъолияти илмӣ ва илмию омӯзгорӣ доранд, ба муддати 5 сол ба вазифа таъин ва аз вазифа озод менамояд.

2. Ба вазифаи декани факултет номзади илм, дотсент, доктори илм, профессор ба муддати на зиёда аз ду муҳлат таъин карда мешавад. Талаботи мазкур оид ба дараҷа ва унвони илмӣ доштани декани факултет дар ҳолатҳои истисноӣ ба соҳаҳои санъат, фарҳанг ва варзиш дахл намекунад.

3. Декани факултет фаъолияти худро дар асоси Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф», Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи таҳсилоти олии касбӣ ва таҳсилоти касбии баъд аз муассисаи олии таълимӣ», «Низомномаи намунавӣ оид ба муассисаи таълимии таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон», «Низомномаи факултети муассисаи таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон» фармоишҳо, низомномаҳо ва мактубҳои Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон, Оинномаи муассисаи таълимӣ, фармоишҳо, дастурҳои ректори муассисаи таҳсилоти олии касбӣ ва муовинони он, қарорҳои шурои олимони муассисаи таҳсилоти олии касбӣ ва факултет ба роҳ мемонад.

4. Декани факултет аъзои шурои олимони муассисаи таълимӣ ва раиси шурои олимони факултет мебошад.

5. Декани факултет оид ба фаъолияташ дар назди раёсати муассисаи таҳсилоти олии касбӣ, шурои олимони факултет ва муассисаи таҳсилоти олии касбӣ ҳисобот медиҳад.

6. Декани факултет бояд қонунҳо ва санадҳои дигари меъёрии ҳуқуқии соҳаи таҳсилоти олии касбӣ, санадҳои меъёрии соҳавии муассисаи таълимӣ, стандартҳои давлатии таҳсилоти олии касбӣ, назария ва усули идораи низоми таълим, тартиби таҳияи нақшаҳои таълимӣ (нақшаҳои инфиродии таълимӣ, ҷадвалҳо), тартиби ҳуҷҷатгузории раванди таълим, роҳу усули истифодаи технологияҳои муосири таълим, аз ҷумла, фосилавӣ, технологияи ташкили корҳои методӣ, илмию методӣ ва илмию таҳқиқотӣ, қоида ва тартиби пешниҳоди донишҷӯён ба стипендияҳои номӣ, шаклу усулҳои муосири таълиму тарбия, ҳуҷҷатҳои меъёрии муайянкунандаи мақоми кормандони илмию омӯзгорӣ ва роҳбарикунандаи муассисаи таълимӣ, махсусиятҳои танзими фаъолияти ҳайати омӯзгорон, фаъолияти молиявию хоҷагидории муассисаи таълимӣ, асосҳои қонунгузории маъмурию хоҷагидорӣ, комёбиҳои муассисаҳои ватанӣ ва хориҷӣ, қоида ва меъёрҳои ҳифзи меҳнат ва бехатарӣ аз сӯхторро дар сатҳи зарурӣ донад.

7. Тибқи муқаррароти амалкунанда барои фаъолият ба сифати иҷрокунандаи вазифаи декани факултет то 3 моҳ иҷозат дода мешавад.

2. Уҳдадориҳои декани факултет

8. Декани факултет дар доираи уҳдадориҳои вазифавии худ:

8.1. Фаъолияти шурои олимони факултетро тибқи Низомномаи шурои олимони факултети муассисаи таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба роҳ монда, роҳбарии онро ба зимма мегирад.

8.2. Бевосита корҳои таълимию методӣ, тарбиявӣ, илмию таҳқиқотӣ, инчунин тайёркунӣ ва такмили

ихтисоси кадрҳои илмию омӯзгориро дар факултет роҳбарӣ менамояд.

8.3. Стратегияи рушди факултетро коркард карда, ҳамкориҳои мунтазамро бо корфармоён, мақомоти давлатии ҳокимияти иҷроия ва дигар мақомоти дахлдор таъмин менамояд.

8.4. Бо муовинони ректор ва роҳбарони сохторҳои таркибии муассисаи таълимӣ ҷиҳати банақшагирӣ, ташкил ва назорати раванди таълим, тарбия ва корҳои илмию методӣ дар факултет ҳамкорӣ менамояд.

8.5. Таҳия ва тасдиқи лоиҳаҳои барномаҳои таълимии таҳсилоти олии касбиро бо фарогирии барномаи бакалавриат ва магистратура, ки дар факултет татбиқ мешавад, мувофиқи талаботи стандартҳои давлатии таҳсилоти олии касбӣ ташкил менамояд.

8.6. Коркард, таҷдид ва тасдиқи нақшаҳои таълимиро аз рӯйи ихтисосҳои амалкунандаи факултет ташкил карда, ҷадвалҳои тақвимӣ ва нақшаҳои солонаи таълимро коркард ва тибқи муқаррарот барои тасдиқ пешниҳод мекунад.

8.7. Нақша ва ҷадвалҳои инфиродии таълимро барои донишҷӯён аз рӯйи барномаи зудҳаракатии академӣ, барномаҳои муштараки таълим, бо истифода аз шаклҳои шабакавӣ ва технологияҳои дигари таълимӣ коркард менамояд.

8.8. Кори муовинони декан, мудирони кафедраҳоро ташкил ва ҳамоҳанг сохта, сифат ва муҳлати иҷрои уҳдадориҳои хизматии онҳоро мувофиқи санадҳои меъёрии ҳуқуқии соҳа назорат менамояд.

8.9. Донишҷӯёнро аз курс ба курс мегузаронад, ба сессияҳои имтиҳонӣ роҳ медиҳад ва барои супоридани аттестатсияи хатм ва ҳимояи рисолаи хатм ва магистрии донишҷӯён қарор қабул мекунад.

8.10. Донишҷӯёнро тибқи муқаррароти амалкунанда барои хориҷ ва барқарор, гузаштан аз гурӯҳи ғайриройгон ба ройгон пешниҳод мекунад.

8.11. Донишҷӯёни факултетро тибқи санадҳои меъёрии мавҷуда ба стипендияҳои муқаррарӣ ва номӣ пешниҳод менамояд.

8.12. Сифати машғулиятҳои дарсӣ, аз ҷумла машғулиятҳои лексионии омӯзгорон, амалию лабораторӣ, семинарҳо ва намудҳои дигари корҳои таълимиро назорат ва низоми дохилии баҳогузории сифати таълимро дар факултет таъмин менамояд.

8.13. Шакл, муҳлат ва тартиби баргузории аттестатсияҳои ҷории донишҷӯёнро тавассути тасдиқи ҷадвали баргузории рейтингҳо ва ҷадвали сессияҳои имтиҳонӣ ташкил ва назорат менамояд.

8.14. Дар муҳлатҳои муайян ва тибқи муқаррароти мавҷуда барасмиятдарорӣ ва додани ҳуҷҷати намунаи давлатиро ташкил менамояд.

8.15. Оиди бо кор таъминшавии хатмкунандагони факултет мониторинг гузаронида, барои таҳсили онҳо тавассути низоми таҳсилоти муттасил мусоидат менамояд.

8.16. Дар сиёсати кадрии факултет, аз ҷумла дар интихоби кормандони илмию омӯзгорӣ ба вазифаи мудири кафедра иштирок карда, ҷиҳати такмили ихтисоси онҳо пешниҳодҳо манзур месозад.

8.17. Иштироки факултетро дар фаъолияти таълимию илмии байналмилалии муассисаи таълимӣ ташкил ва ҳамоҳанг месозад.

8.18. Кори кафедраҳои факултетро дар иҷрои таҳқиқотҳои бунёдӣ, илмию амалӣ ва инноватсионӣ дар самти равияву ихтисосҳое, ки дар факултет мутахассисон омода карда мешаванд, назорат менамояд.

8.19. Ба самъи мудирони кафедра ва кормандони факултет фармоишҳо ва дастуру супоришҳои роҳбариятро, ки ба фаъолияти факултет дахл доранд, мерасонад ва иҷрои саривақтии онҳоро назорат ва таъмин менамояд.

8.20. Вобаста ба дархости роҳбарият оид ба масъалаҳои таълимию тарбиявӣ, илмию таҳқиқотӣ,

инноватсионӣ ва дигари факултет саривақт иттилооти зарурӣ манзур менамояд.

8.21. Мувофиқи тартиби муқарраргардида ҳуҷҷатнигории факултетро ба роҳ монда, риояи қоида ва техникаи зидди сӯхторро аз ҷониби ҳайати омӯзгорон ва донишҷӯёни факултет талаб ва назорат менамояд.

8.22. Барои сомонаи муассисаи таълимӣ тибқи муқаррароти ҷорӣ саривақт ва мунтазам дар бораи фаъолияти факултет маълумот манзур месозад.

8.23. Банақшагирӣ ва нашри адабиёти таълимӣ, таълимӣ-методӣ ва илмиро аз ҷониби омӯзгорони факултет ташкил менамояд.

8.24. Интихоб ва тайёркунии аспирантон, муҳаққиқ-коромӯзон ва унвонҷӯёнро назорат мекунад.

8.25. Ташкил ва баргузории корҳои илмию таҳқиқотӣ, озмунҳои илмии донишҷӯён ва олимони ҷавонро ба роҳ мемонад.

8.26. Фаъолияти кормандони таълимию ёридиҳанда ва техникии кафедраҳою факултетро роҳбарӣ менамояд.

3. Ҳуқуқ ва вазифаҳои декани факултет

9. Декани факултет дар доираи ҳуқуқ ва вазифаҳои худ:

9.1. Дар доираи салоҳияти худ ба кормандони факултет дастуру супоришҳо медиҳад ва иҷрои саривақтии онҳоро талаб мекунад.

9.2. Дар машғулиятҳои таълимӣ, инчунин дар раванди имтиҳонҳои ҷорӣ ва ҷамъбастии донишҷӯён иштирок мекунад.

9.3. Аз муовинони декан, мудирони кафедраҳо ва дигар кормандони факултет оид ба корҳои анҷомдодаашон ҳисобот талаб мекунад.

9.4. Ба баррасии шурои олимони факултет оид ба банақшагирӣ, назорат ва такмили корҳои таълимӣ, таълимию методӣ, илмӣ ва илмию методӣ, тарбиявӣ ва дигар масъалаҳо пешниҳод менамояд.

9.5. Ба роҳбарияти муассисаи таълимӣ тибқи муқаррарот вобаста ба таъин ва озод намудани кормандон, ҳавасмандсозиҳои моддию маънавӣ ва ғайра пешниҳодҳо манзур месозад.

9.6.Барои иҷрои уҳдадориҳои вазифавии худ аз роҳбарият кумаку дастгирӣ мепурсад.

9.7.Барои пешбурди фаъолияти корӣ аз кормандони сохторҳои таркибии муассисаи таълимӣ ҳуҷҷат ва иттилооти зарурӣ талаб менамояд.

9.8.Ба баррасии шурои олимони муассисаи таълимӣ оид ба масъалаҳои марбут ба таҳкими фаъолияти таълимию илмӣ ва дигари факултет пешниҳод манзур месозад.

9.9.Дар муҳокимаи масъалаҳои марбут ба фаъолияти факултет ва муассисаи таълимӣ иштирок мекунад.

9.10.Тибқи муқаррарот аз хизматрасониҳои китобхона, китобхонаи электронӣ, фондҳои иттилоотӣ, васоити техникии таълим, таҷҳизоти таълимӣ, шабакаи интернет ва ғайра истифода мебарад.

9.11.Ҷаласаҳои машваратии байни кафедраҳо, ҷаласаҳои машваратию конференсияҳои илмӣ ва илмию методӣ ташкил менамояд.

9.12.Барои ба сафари хизматӣ доир ба масъалаҳои корҳои илмию методӣ, инчунин барои иштирок дар ҷаласаҳои машваратӣ, семинарҳо, симпозиумҳо фиристодани ҳайати омӯзгорони факултет дар мувофиқа бо ректор иҷозат медиҳад.

9.13.Барои пешрафти корҳои илмию таҳқиқотӣ ва инноватсионӣ кормандони факултетро ба гирифтани мукофот пешниҳод мекунад.

ДАСТУРАМАЛИ ВАЗИФАВИИ МУОВИНИ ДЕКАНИ ФАКУЛТЕТ ОИД БА ТАЪЛИМ (мушовири академӣ)

Дастурамали мазкур дар асоси Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф», Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи таҳсилоти олии касбӣ ва таҳсилоти касбии баъд аз муассисаи олии таълимӣ»,

«Низомномаи намунавӣ оид ба муассисаи таълимии таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон», «Низомномаи факултети муассисаи таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон» ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии соҳаи маориф таҳия шудааст.

1.Муқаррароти умумӣ

1. Роҳбарии корҳои таълимии факултетро муовини декан оид ба таълим (мушовири академӣ) ба уҳда дорад. Муовини декани факултет оид ба таълим (мушовири академӣ)-ро дар асоси пешниҳоди декани факултет дар мувофиқа бо муовини ректор оид ба таълим ректори муассисаи таҳсилоти олии касбӣ аз ҷумлаи омӯзгорони дорои дараҷа ва унвони илмӣ ба муддати 5 сол ба вазифа таъин ва аз вазифа озод менамояд.

2. Муовини декани факултет оид ба таълим (мушовири академӣ) дар асоси Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф», Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи таҳсилоти олии касбӣ ва таҳсилоти касбии баъд аз муассисаи олии таълимӣ», «Низомномаи намунавӣ оид ба муассисаи таълимии таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон», «Низомномаи факултети муассисаи таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон», фармонҳо, низомномаҳо ва мактубҳои Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон, Оиннома, фармоишҳо, дастурҳои ректори муассисаи таҳсилоти олии касбӣ, муовинони он, декани факултет, қарорҳои шурои олимони факултет ва муассисаи таҳсилоти олии касбӣ фаъолият менамояд.

3.Муовини декан оид ба таълим (мушовири академӣ) бояд қонунҳо ва санадҳои дигари меъёрии ҳуқуқии соҳаи таҳсилоти олии касбӣ, санадҳои меъёрии соҳавии муассисаи таълимӣ, стандартҳои давлатии таҳсилоти олии касбӣ, назария ва усули идораи низоми таълим, тартиби таҳияи нақшаҳои таълимӣ, тартиби ҳуҷҷатузории раванди таълим, роҳу усули истифодаи

технологияҳои муосири таълим, аз ҷумла, фосилавӣ, технологияи ташкили корҳои методӣ, илмию методӣ ва илмию таҳқиқотӣ, қоида ва тартиби пешниҳоди донишҷӯён ба стипендияҳои номӣ, шаклу усулҳои муосири таълиму тарбия, ҳуҷҷатҳои меъёрии муайянкунандаи мақоми кормандони илмию омӯзгорӣ ва роҳбарикунандаи муассисаи таълимӣ, махсусиятҳои танзими фаъолияти ҳайати омӯзгорон, асосҳои қонунгузории маъмурию хоҷагидорӣ, қоида ва меъёрҳои ҳифзи меҳнат ва бехатарӣ аз сӯхторро дар сатҳи зарурӣ донад.

4.Муовини декани факултет оид ба таълим (мушовири академӣ) бевосита ба декани факултет тобеъ буда, роҷеъ ба фаъолияташ дар назди декани факултет ва шурои олимони факултет ҳисобот медиҳад.

5.Муовини декан оид ба корҳои таълим (мушовири академӣ) аъзои шурои олимони факултет мебошад.

2. Уҳдадориҳои муовини декан оид ба таълим (мушовири академӣ)

6. Муовини декан оид ба корҳои таълим (мушовири академӣ) дар доираи уҳдадориҳои худ:

6.1. Бевосита ба раванди таълим дар факултет роҳбарӣ менамояд.

6.2. Фармоишҳои аз тарафи раёсати муассисаи таълимии таҳсилоти олии касбӣ ва факултет додашударо ба самъи ҳайати омӯзгорон ва донишҷӯён расонида, иҷрои амалии онҳоро таъмин менамояд.

6.3. Таҳияи нақшаҳои таълимиро таъмин ва нақшаҳои таълимии кориро таҷдиди назар менамояд.

6.4. Нақшаҳои таълимию методии кафедраҳоро ҳамоҳанг карда, дар ҳамкорӣ бо омӯзгорон нақшаи корҳои мустақилонаи донишҷӯёнро омода месозад.

6.5. Таҳияи ҷадвали машғулиятҳои дарсиро таъмин ва иҷрои саривақтии онро назорат мекунад.

6.6. Ҳуҷҷатнигории факултетро вобаста ба ташкили раванди таълим ба роҳ монда, раванди

давомот ва аттестатсияҳои ҷории донишҷӯёнро таъмин менамояд.

6.7. Ҷадвали имтиҳонии сессияҳои асосӣ ва иловагиро таҳия ва барои тасдиқ пешниҳод менамояд.

6.8. Барасмиятдарории ҳуҷҷатҳои раванди таълимро аз қабили пур кардани журналҳои қайди давомоти донишҷӯён, варақа ва дафтарчаҳои имтиҳонии донишҷӯён, иҷрои нақшаҳои тақвимии машғулиятҳои дарсӣ ва ҷавдали дарсӣ аз ҷониби омӯзгорон, иҷрои нақшаҳои корӣ, барномаҳо ва ҷадвали корҳои мустақилонаи донишҷӯёнро назорат менамояд.

6.9. Донишҷӯёнро барои супоридани аттестатсияи хатм ва ҳимояи корҳои хатм иҷозат дода, кори комиссияи аттестатсияи хатмро ташкил менамояд.

6.10. Кори комиссияи стипендияро ташкил карда, рӯйхати донишҷӯёнро ҷиҳати гирифтани стипендия ва стипендияи иҷтимоӣ пешниҳод мекунад.

6.11. Натиҷаҳои раванди таълимро таҳлил намуда, дар асоси он вобаста ба баланд бардоштани сатҳи таълим чораҳо меандешад.

6.12. Бо омӯзгорон, методистони раёсати таълимию методӣ, муовини ректор оид ба таълим ва кормандони дигари муассисаи таълимӣ дар самти таълим ҳамкорӣ мекунад.

6.13. Кори сардорони гурӯҳҳои академиро ҳамоҳанг сохта, дар гурӯҳҳои академӣ ва курсҳо ҷаласа ташкил ва баргузор менамояд.

6.14. Оид ба ҳавасмандсозии донишҷӯёне, ки бо баҳои хубу аъло таҳсил менамоянд ва ба муҷозоти интизомӣ кашидани донишҷӯёне, ки қоидаҳои тартиботи дохилии муассисаи таълимӣ ва санадҳои дигари меъёрии ҳуқуқиро халалдор месозанд, пешниҳодҳо манзур месозад.

6.15. Вазъи биноҳо ва синфхонаҳои таълимии ба факултет вобасташударо назорат менамояд.

6.16. Омодагии бино ва синфхонаҳои таълимиро ба машғулиятҳои дарсӣ, маводи талимию методии зарурӣ таъмин менамояд.

6.17. Дар ҳалли масъалаҳои вобаста ба такмили усул ва шаклҳои раванди таълим ширкат меварзад.

6.18. Дар ҳамкорӣ бо кафедраҳои факултет аз болои кори комиссияҳои таълимӣ роҳбарӣ мекунад.

6.19. Барои гузаронидани корҳои таълимӣ бо донишҷӯён робитаи доимӣ нигоҳ дошта, вобаста ба масъалаҳои раванди таълим бо онҳо корҳои инфиродӣ мебарад.

6.20. Дар якҷоягӣ бо декани факултет ба аризаҳои шаҳрвандон, ки ба фаъолияти факултет дахл доранд, шинос шуда, нисбати ҳалли онҳо чораҳои қатъӣ меандешад.

6.21.Баргузории пайвастаи баҳисобгирӣ, таҳлили давомот ва донишазхудкунии ҷории донишҷӯёнро амалӣ гардонида, аттестатсияи ҷории донишҷӯён ва мусобиқаҳои байни гурӯҳҳои академиро ташкил мекунад.

6.22. Ба қисми таълими муассисаи таҳсилоти олии касбӣ доир ба давомот ва сатҳи донишазхудкунии донишҷӯёни факултет, инчунин таъмини онҳо бо стипендияи муқаррарӣ ва номӣ маълумот медиҳад.

6.23. Дар факултет корҳои тарғиботию ташвиқотӣ ташкил менамояд.

6.24. Ҳуҷҷатгузории факултетро оид ба корҳои таълимӣ дар асоси Низомномаи факултети муассисаи таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Оинномаи муассисаи таҳсилоти олии касбӣ, фармоишҳо ва дигар асноди меъёрии ҳуқуқӣ ташкил карда, онро пеш мебарад.

3.Ҳуқуқ ва вазифаҳои муовини декан оид ба таълим (мушовири академӣ)

7. Муовини декан оид ба таълим (мушовири академӣ) дар доираи ҳуқуқ ва вазифаҳои худ:

7.1.Дар муҳокима ва ҳалли масъалаҳои фаъолияти муассисаи таълимӣ, кори ҷаласаҳои машваратии садорати факултет вобаста ба ташкили раванди таълим иштирок мекунад.

7.2.Барои пешбурди фаъолияти корӣ аз кормандони сохторҳои таркибии муассисаи таълимӣ ҳуҷҷат ва иттилооти зарурӣ талаб менамояд.

7.3.Дар доираи салоҳияти худ ба кормандони факултет дастуру супоришҳо медиҳад ва иҷрои саривақтии онҳоро талаб мекунад.

7.4.Дар машғулиятҳои таълимӣ, инчунин дар раванди имтиҳонҳо иштирок мекунад.

7.5.Ба баррасии шурои олимони факултет оид ба банақшагирӣ, назорат ва такмили корҳои таълимӣ, таълимию методӣ, илмӣ, илмию методӣ, тарбиявӣ ва дигар масъалаҳо пешниҳод манзур месозад.

7.6.Барои иҷрои уҳдадориҳои вазифавии худ аз роҳбарият кумаку дастгириҳои ҳамаҷониба мепурсад.

7.7.Барои пешбурди фаъолияти корӣ аз кормандони сохторҳои таркибии муассисаи таълимӣ ҳуҷҷат ва иттилооти зарурӣ талаб менамояд.

7.8.Ба баррасии шурои олимони муассисаи таълимӣ оид ба масъалаҳои марбут ба таҳкими фаъолияти таълимии факултет пешниҳод манзур месозад.

7.9.Дар муҳокимаи масъалаҳои марбут ба раванди таълим дар факултет ва муассисаи таълимӣ иштирок мекунад.

7.10. Тибқи муқаррарот аз хизматрасониҳои китобхона, фондҳои иттилоотӣ, васоити техникии таълим, таҷҳизоти таълимӣ, шабакаи интернет ва ғайра истифода мебарад.

7.11. Ҷаласаҳои машваратии байни кафедраҳо ва ҷаласаҳои машваратии таълимию методӣ ташкил менамояд.

7.12. Дар машғулиятҳои дарсӣ ва раванди қабули имтиҳони донишҷӯёни факултет ширкат меварзад.

ДАСТУРАМАЛИ ВАЗИФАВИИ МУОВИНИ ДЕКАНИ ФАКУЛТЕТ ОИД БА ТАРБИЯ (мушовири академӣ)

Дастурамали мазкур дар асоси Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф», Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи таҳсилоти олии касбӣ ва таҳсилоти касбии баъд аз муассисаи олии таълимӣ», «Низомномаи намунавӣ оид ба муассисаи таълимии таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон», «Низомномаи факултети муассисаи таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон» ва дигар санадҳои меъёриии ҳуқуқии соҳаи маориф таҳия шудааст.

1.Муқаррароти умумӣ

1. Роҳбарии корҳои тарбиявии факултетро муовини декан оид ба тарбия (мушовири академӣ) ба уҳда дорад. Муовини декани факултет оид ба тарбия (мушовири академӣ)-ро бо пешниҳоди декани факултет дар мувофиқа бо муовини ректор оид ба тарбия ректори муассисаи таҳсилоти олии касбӣ аз ҷумлаи омӯзгорони дорои дараҷа ва унвони илмӣ ба муддати 5 сол ба вазифа таъин ва аз вазифа озод менамояд.

2. Омӯзгорони бе дараҷа ва унвони илмӣ низ ба вазифаи муовини декан оид ба корҳои тарбиявӣ (мушовири академӣ) таъин карда мешаванд.

3. Муовини декани факултет оид ба тарбия (мушовири академӣ) дар асоси Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф», Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи таҳсилоти олии касбӣ ва таҳсилоти касбии баъд аз муассисаи олии таълимӣ», Консепсияи миллии тарбия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3 марти соли 2006, №94) «Низомномаи намунавӣ оид ба муассисаи таълимии таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон», «Низомномаи факултети муассисаи таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон», фармонҳо, низомномаҳо ва мактубҳои Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон, Оиннома, фармоишҳо, дастурҳои ректори муассисаи таҳсилоти

олии касбӣ, муовинони он, декани факултет, қарорҳои шурои олимони факултет ва муассисаи таҳсилоти олии касбӣ фаъолият менамояд.

4. Муовини декан оид ба тарбия (мушовири академӣ) бояд қонунҳо ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии соҳаи таҳсилоти олии касбӣ, танзимкунандаи фаъолияти тарбиявии муассисаи таълимӣ, самтҳои афзалиятноки рушди низоми маориф, қарорҳо ва амру фармоишҳо оид ба тарбия, тартиби таҳияи нақша ва ҳисобот, тартиби ҳуҷҷатнигорӣ вобаста ба корҳои тарбиявӣ, шаклу усулҳои муосири тарбияи донишҷӯён, қоида ва меъёрҳои ҳифзи меҳнат ва бехатарӣ аз сӯхторро дар сатҳи зарурӣ донад.

5. Муовини декани факултет оид ба тарбия (мушовири академӣ) роҷеъ ба фаъолияташ дар назди декани факултет ва шурои олимони факултет ҳисобот медиҳад.

6. Муовини декан оид ба тарбия (мушовири академӣ) аъзои шурои олимони факултет мебошад.

2. Уҳдадориҳои муовини декан оид ба тарбия (мушовири академӣ)

7. Муовини декан оид ба тарбия (мушовири академӣ) дар доираи уҳдадориҳои худ:

7.1. Банақшагирии ҷорӣ ва дурнамои корҳои тарбиявии факултетро ташкил карда, ба раванди корҳои тарбиявии факултет роҳбарӣ менамояд.

7.2. Фаъолияти омӯзгорон, кураторон, шурои кураторон ва созмонҳои дигарро оид ба иҷрои нақша ва барномаҳои тарбиявӣ, ҳамзамон коркард ва раванди ҳуҷҷатнигориро ҳамоҳанг месозад.

7.3. Ҳамкориҳои намояндагони созмонҳои ҷамъияти муассисаи таълимӣ, шуъбаҳои кор бо ҷавонони мақомоти маҳаллӣ ва фаъолони факултетро аз ҳисоби донишҷӯён ҳамоҳанг месозад.

7.4. Кор бо волидайни донишҷӯёнро ба роҳ мемонад.

7.5. Пешбурди ҳуҷҷатгузории факултетро оид ба корҳои тарбиявӣ ва таҳияи саривақтии ҳисоботро тибқи муқаррароти ҷорӣ ташкил карда, иҷроиши саривақтии онро таъмин менамояд.

7.6. Ба донишҷӯён дар ташкил ва баргузории чорабиниҳои фарҳангию фароғатӣ кумаки ҳамаҷониба мерасонад.

7.7. Аз ҳисоби донишҷӯёни фаъол дастаи ҳаваскорон ва сексияҳои варзишӣ ташкил намуда, ҷиҳати фаъолияти пурсамари онҳо чораҷӯйӣ менамояд.

7.8. Дар ташкил ва баргузории аттестатсияи ҳайати омӯзгорон ва кормандони факултет иштирок менамояд.

7.9. Вазъи хизматрасонии тиббӣ, шароити маишии донишҷӯён, ҳамзамон риояи қоидаҳои будубошро дар хобгоҳ аз ҷониби онҳо назорат менамояд.

7.10. Бо шуъбаи кор бо ҷавонон дар ташкили шанбегиҳо, бригадаҳои сохтмонӣ-таъмирӣ дар хобгоҳ ёрии амалӣ мерасонад.

7.11. Бо ёрии шурои китобхона доир ба омӯхтани адабиёт ва тарғибаи пешқадами дигар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ баҳри таҳкими сифати тарбияи ватандӯстии донишҷӯён корҳои тарғиботиву ташвиқотӣ мебарад.

12.Ҳуқуқ ва вазифаҳои муовини декан оид ба тарбия (мушовири академӣ)

8. Муовини декан оид ба тарбия (мушовири академӣ) дар доираи ҳуқуқ ва вазифаҳои худ:

8.1. Дар ҷаласаҳои шурои олимони факултет, садорат, ташкилотҳои ҷамъиятӣ, ки бо шунидани ҳисоботи ҳайати омӯзгорон ва кормандон, мақомоти худидоракунии донишҷӯён баргузор мегарданд, ширкат варзида, оид ба баланд бардоштани корҳои тарбиявӣ таклифу пешниҳодҳо манзур месозад.

8.2. Дар муҳокима ва ҳалли масъалаҳои фаъолияти муассисаи таълимӣ, кори ҷаласаҳои машваратии садорати факултет вобаста ба корҳои тарбиявӣ иштирок мекунад.

8.3. Барои пешбурди фаъолияти корӣ аз кормандони сохторҳои таркибии муассисаи таълимӣ ҳуҷҷат ва иттилооти зарурӣ талаб менамояд.

8.4. Дар доираи салоҳияти худ ба кормандони факултет дастуру супоришҳо медиҳад ва иҷрои саривақтии онҳоро талаб мекунад.

8.5. Ба баррасии шурои олимони факултет оид ба банақшагирӣ, назорат ва такмили корҳои тарбиявӣ ва дигар масъалаҳо пешниҳод манзур месозад.

8.6. Барои иҷрои уҳдадориҳои вазифавии худ аз роҳбарият кумаку дастгириҳои ҳамаҷониба мепурсад.

8.7. Барои пешбурди фаъолияти корӣ аз кормандони сохторҳои таркибии муассисаи таълимӣ ҳуҷҷат ва иттилооти зарурӣ талаб менамояд.

8.8. Ба баррасии шурои олимони муассисаи таълимӣ масъалаҳои марбут ба таҳкими фаъолияти тарбиявии факултетро пешниҳод менамояд.

8.9. Тибқи муқаррарот аз хизматрасониҳои китобхона, фондҳои иттилоотӣ, васоити техникии таълим, таҷҳизоти таълимӣ, шабакаи интернет ва ғайра истифода мебарад.

8.10. Дар кори факултет доир ба пурзӯр намудани тамоюли назариявии таълим ва тарбия оид ба мавзуъҳои сиёсӣ, лексияҳо ва дарсҳои моҳияти тарбиявидошта фаъолона иштирок менамояд.

8.11. Пешниҳодҳои кафедраҳоро доир ба мукаммалкунии тарбияи сиёсии донишҷӯён дар вақтҳои берун аз дарс дида баромада, муҳокима мекунад ва ба ҳаёт татбиқ менамояд.

8.12. Донишҷӯёнеро, ки дар корҳои ҷамъиятӣ муваффақият ба даст овардаанд, барои гирифтани мукофот пешниҳод менамояд.

8.13. Бо ҳамроҳии ташкилотҳои ҷамъиятӣ ҷаласаҳои илмӣ-методӣ, семинару конференсияҳои ҳайати омӯзгорон ва донишҷӯёнро мегузаронад.

ДАСТУРАМАЛИ ВАЗИФАВИИ МУОВИНИ ДЕКАНИ ФАКУЛТЕТ ОИД БА ИЛМ ВА ИННОВАТСИЯ

Дастурамали мазкур дар асоси Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф», Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи таҳсилоти олии касбӣ ва таҳсилоти касбии баъд аз муассисаи олии таълимӣ», «Низомномаи намунавӣ оид ба муассисаи таълимии таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон», «Низомномаи факултети муассисаи таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон» ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии соҳаи маориф таҳия шудааст.

1.Муқаррароти умумӣ

1. Роҳбарии корҳои илмии факултетро муовини декан оид ба илм ва инноватсия ба уҳда дорад. Муовини декани факултет оид ба илм ва инноватсияро бо пешниҳоди декани факултет дар мувофиқа бо муовини ректор оид ба илм ректори муассисаи таҳсилоти олии касбӣ аз ҳисоби омӯзгорони дорои дараҷа ва унвони илмӣ ба муддати 5 сол ба вазифа таъин ва аз вазифа озод менамояд.

2. Муовини декани факултет оид ба илм ва инноватсия дар асоси Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф», Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи таҳсилоти олии касбӣ ва таҳсилоти касбии баъд аз муассисаи олии таълимӣ», «Низомномаи намунавӣ оид ба муассисаи таълимии таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон», «Низомномаи факултети муассисаи таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон», фармонҳо, низомномаҳо ва мактубҳои Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон, Оиннома, фармонҳо, дастурҳои ректори муассисаи таҳсилоти олии касбӣ, ноибони он, декани факултет, қарорҳои шурои олимони факултет ва муассисаи таҳсилоти олии касбӣ фаъолият менамояд.

3. Муовини декан оид ба илм ва инноватсия бояд қонунҳо ва санадҳои дигари меъёрии ҳуқуқии соҳаи таҳсилоти олии касбӣ, санадҳои меъёрии соҳавии муассисаи таълимӣ, стандартҳои давлатии таҳсилоти олии касбӣ, назария ва усули идораи низоми таълим,

тартиби таҳияи нақшаҳои таълимӣ, тартиби ҳуҷҷатузории раванди таълим, роҳу усулҳои истифодаи технологияҳои муосири таълим, аз ҷумла, фосилавӣ, технологияи ташкили корҳои методӣ, илмию методӣ ва илмию таҳқиқотӣ, шаклу усулҳои муосири таълиму тарбия, ҳуҷҷатҳои меъёрии муайянкунандаи мақоми кормандони илмию омӯзгорӣ ва роҳбарикунандаи муассисаи таълимӣ, махсусиятҳои танзими фаъолияти ҳайати омӯзгорон, асосҳои қонунгузории илмию таҳқиқотӣ, қоида ва меъёрҳои ҳифзи меҳнат ва бехатарӣ аз сӯхторро дар сатҳи зарурӣ донад.

4. Муовини декани факултет оид ба илм ва инноватсия бевосита ба декани факултет тобеъ буда, роҷеъ ба фаъолияташ дар назди декани факултет ва шурои олимони факултет ҳисобот медиҳад.

5. Муовини декан оид ба илм ва инноватсия аъзои шурои олимони факултет мебошад.

2. Уҳдадориҳои муовини декан оид ба илм ва инноватсия

6. Муовини декан оид ба илм ва инноватсия дар доираи уҳдадориҳои худ:

6.1. Корҳои илмӣ-таҳқиқотии факултетро ба нақша гирифта, бевосита ба корҳои илмию таҳқиқотӣ дар факултет роҳбарӣ ва иҷрои онҳоро назорат менамояд.

6.2. Корҳои илмӣ-таҳқиқотии кафедраҳоро бо самтҳои корҳои илмӣ-таҳқиқотии факултет ва муассисаи таҳсилоти олии касбӣ ҳамоҳанг сохта, иҷроиши онҳоро назорат менамояд.

6.3. Фармоишҳои аз тарафи раёсати муассисаи таълимии таҳсилоти олии касбӣ ва факултет дар самти корҳои илмию таҳқиқотӣ додашударо ба самъи донишҷӯён расонида, иҷрои амалии онҳоро таъмин менамояд.

6.4. Ҷиҳати пешбурди корҳои илмию таҳқиқотӣ ва ҳамкориҳои факултет бо муассисаҳои пешбари илмии ватанӣ ва хориҷи кишвар робита ба роҳ мемонад.

6.5. Дар ҳамкорӣ бо кафедраҳо ва қисми таълими муассисаи таҳсилоти олии касбӣ барои татбиқи натиҷаи корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ дар раванди таълим чораҳо меандешад.

6.6. Барои гузаронидани шуроҳои олимони факултет ва муассисаи таҳсилоти олии касбӣ доир ба ҷиҳатҳои мухталифи корҳои илмӣ-таҳқиқотии омӯзгорон ва донишҷӯён мавод омода месозад.

6.7. Дар факултет конференсияҳои илмию амалиро ташкил ва баргузор менамояд.

6.8. Миёни омӯзгорон ва донишҷӯён озмунҳои гуногуни илмӣ ва олимпиадаҳо гузаронида, барои ташкил намудани чорабиниҳои илмии донишҷӯён маслиҳатҳои методӣ медиҳад.

6.9. Супурдани имтиҳони минимуми номзадии аспиранту унвонҷӯён ва корҳои илмии онҳоро назорат намуда, доир ба он ҳисобот пешниҳод месозад.

6.10. Раванди ҳуҷҷатгузорӣ ва таҳияву пешниҳоди ҳисоботи факултетро оид ба корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ тибқи асноди меъёрии ҳуқуқии соҳа ва муқаррароти амалкунанда ба роҳ мемонад.

3.Ҳуқуқ ва вазифаҳои муовини декан оид ба илм ва инноватсия

7. Муовини декан оид ба илм ва инноватсия дар доираи ҳуқуқ ва вазифаҳои худ:

7.1. Дар муҳокима ва ҳалли масъалаҳои фаъолияти муассисаи таълимӣ, кори ҷаласаҳои машваратии садорати факултет вобаста ба ташкил ва пешбурди корҳои илмию таҳқиқотӣ иштирок мекунад.

7.2. Барои пешбурди фаъолияти корӣ аз кормандони сохторҳои таркибии муассисаи таълимӣ ҳуҷҷат ва иттилооти зарурӣ талаб менамояд.

7.3. Дар доираи салоҳияти худ ба кормандони факултет дастуру супоришҳо медиҳад ва иҷрои саривақтии онҳоро талаб мекунад.

7.4. Ба баррасии шурои олимони факултет оид ба банақшагирӣ, назорат ва такмили корҳои илмию

таҳқиқотӣ ва дигар масъалаҳо пешниҳод манзур месозад.

7.5. Барои иҷрои уҳдадориҳои вазифавии худ аз роҳбарият кумаку дастгириҳои ҳамаҷониба мепурсад.

7.6. Барои пешбурди фаъолияти корӣ аз кормандони сохторҳои таркибии муассисаи таълимӣ ҳуҷҷат ва иттилооти зарурӣ талаб менамояд.

7.7. Ба баррасии шурои олимони муассисаи таълимӣ оид ба масъалаҳои марбут ба таҳкими фаъолияти илмию таҳқиқотии факултет пешниҳод манзур месозад.

7.8. Дар муҳокимаи масъалаҳои марбут ба раванди корҳои илмию таҳқиқотӣ дар факултет ва муассисаи таълимӣ иштирок мекунад.

7.9. Тибқи муқаррарот аз хизматрасониҳои китобхона, фондҳои иттилоотӣ, васоити техникии таълим, таҷҳизоти таълимӣ, шабакаи интернет ва ғайра истифода мебарад.

7.10. Ҷаласаҳои машваратии байни кафедраҳо, ҷаласаҳои машваратию конференсияҳои илмӣ ва илмию методӣ ташкил менамояд.

7.11. Дар ҷаласаҳои машваратии декани муассисаи таҳсилоти олии касбӣ оид ба корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ иштирок мекунад.

7.12. Омӯзгорон ва донишҷӯёни факултетро, ки дар корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ муваффақият ба даст овардаанд, барои гирифтани мукофот пешниҳод менамояд.

7.13. Омӯзгорон ва донишҷӯёни факултетро, ки корҳои илмӣ-таҳқиқотиро мувофиқи талабот иҷро намекунанд, ба ҷазои интизомӣ пешниҳод менамояд.

ДАСТУРАМАЛИ ВАЗИФАВИИ МУОВИНИ ДЕКАНИ ФАКУЛТЕТ ОИД БА ТАҲСИЛОТИ ФОСИЛАВӢ (ғоибона) (мушовири академӣ)

Дастурамали мазкур дар асоси Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф», Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи таҳсилоти олии касбӣ ва

таҳсилоти касбии баъд аз муассисаи олии таълимӣ», «Низомномаи намунавӣ оид ба муассисаи таълимии таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон», «Низомномаи факултети муассисаи таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон» ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии соҳаи маориф таҳия шудааст.

1.Муқаррароти умумӣ

1. Вазифаи муовини декани факултет оид ба таҳсилоти фосилавӣ (ғоибона) ҳамон вақт таъсис дода мешавад, ки агар миқдори донишҷӯёни таҳсилоти фосилавӣ (ғоибона) дар факултет на камтар аз 500 нафар бошад.

2. Муовини декани факултет оид ба таҳсилоти фосилавӣ (ғоибона)-ро бо пешниҳоди декани факултет ректори муассисаи таҳсилоти олии касбӣ аз ҳисоби омӯзгорони дорои дараҷа ва унвони илмӣ ба муддати 5 сол ба вазифа таъин ва аз вазифа озод менамояд.

3. Муовини декани факултет оид ба таҳсилоти фосилавӣ (ғоибона) дар асоси Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф», Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи таҳсилоти олии касбӣ ва таҳсилоти касбии баъд аз муассисаи олии таълимӣ», «Низомномаи намунавӣ оид ба муассисаи таълимии таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон», «Низомномаи факултети муассисаи таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон» фармонҳо, низомномаҳо ва мактубҳои Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон, Оиннома, фармоишҳо, дастурҳои ректори муассисаи таҳсилоти олии касбӣ, ноибони он, декани факултет, қарорҳои шурои олимони факултет ва муассисаи таҳсилоти олии касбӣ фаъолият менамояд.

4. Муовини декан оид ба таҳсилоти фосилавӣ (ғоибона) бояд қонунҳо ва санадҳои дигари меъёрии ҳуқуқии соҳаи таҳсилоти олии касбӣ, санадҳои меъёрии соҳавии муассисаи таълимӣ, стандартҳои давлатии таҳсилоти олии касбӣ, назария ва усули идораи низоми

таълим, тартиби таҳияи нақшаҳои таълимӣ, тартиби ҳуҷҷатгузории раванди таълим, роҳу усули истифодаи технологияҳои муосири таълим, аз ҷумла, фосилавӣ, технологияи ташкили корҳои методӣ, илмию методӣ ва илмию таҳқиқотӣ, қоида ва тартиби пешниҳоди донишҷӯён ба стипендияҳои номӣ, шаклу усулҳои муосири таълиму тарбия, ҳуҷҷатҳои меъёрии муайянкунандаи мақоми кормандони илмию омӯзгорӣ ва роҳбарикунандаи муассисаи таълимӣ, махсусиятҳои танзими фаъолияти ҳайати омӯзгорон, асосҳои қонунгузории маъмурию хоҷагидорӣ, қоида ва меъёрҳои ҳифзи меҳнат ва бехатарӣ аз сӯхторро дар сатҳи зарурӣ донад.

5. Муовини декани факултет оид ба таҳсилоти фосилавӣ (ғоибона) бевосита ба декани факултет тобеъ буда, роҷеъ ба фаъолияташ дар назди декани факултет ва шурои олимони факултет ҳисобот медиҳад.

6. Муовини декан оид ба таҳсилоти фосилавӣ (ғоибона) аъзои шурои олимони факултет мебошад.

2. Уҳдадориҳои муовини декан оид ба таҳсилоти фосилавӣ (ғоибона) (мушовири академӣ)

7. Муовини декан оид ба таҳсилоти фосилавӣ (ғоибона) дар доираи уҳдадориҳои худ:

7.1. Бевосита ба раванди таълими донишҷӯёни таҳсилоти фосилавӣ (ғоибона) дар факултет роҳбарӣ менамояд.

7.2. Фармоишҳои раёсати муассисаи таълимии таҳсилоти олии касбӣ ва факултетро дар самти таҳсилоти фосилавӣ (ғоибона) ба самъи донишҷӯёни шуъбаи таҳсилоти фосилавӣ (ғоибона) расонида, иҷрои амалии онҳоро таъмин менамояд.

7.3. Таҳияи нақшаҳои таълимиро дар самти таҳсилоти фосилавӣ (ғоибона) таъмин ва нақшаҳои таълимии кориро таҷдиди назар менамояд.

7.4. Таҳияи ҷадвали машғулиятҳои дарсиро дар шуъбаи таҳсилоти фосилавӣ (ғоибона) таъмин ва иҷрои саривақтии онро назорат мекунад.

7.5. Ҳуҷҷатнигории факултетро вобаста ба ташкили раванди таълим дар шуъбаи таҳсилоти фосилавӣ (ғоибона) ба роҳ монда, раванди давомот ва аттестатсияҳои ҷории донишҷӯёнро таъмин менамояд.

7.6. Ҷадвали имтиҳонии сессияҳои асосӣ ва иловагиии донишҷӯёнро таҳия ва барои тасдиқ пешниҳод менамояд.

7.7. Барасмиятдарории ҳуҷҷатҳои раванди таълим аз қабили пур кардани журналҳои қайди давомоти донишҷӯён, варақа ва дафтарчаҳои имтиҳонии донишҷӯён, иҷрои нақшаҳои тақвимии машғулиятҳои дарсӣ ва ҷавдали дарсиро аз ҷониби омӯзгорон назорат менамояд.

7.8. Донишҷӯёнро барои супоридани аттестатсияи хатм ва ҳимояи корҳои хатм иҷозат дода, кори комиссияи аттестатсияи хатмро ташкил менамояд.

7.9. Натиҷаҳои раванди таълимро дар шуъбаи ғоибона таҳлил намуда, дар асоси он вобаста ба баланд бардоштани сатҳи таълим чораҳо меандешад.

7.10. Бо омӯзгорон, методистони раёсати таълимию методӣ, муовини ректор оид ба таълим ва кормандони дигари муассисаи таълимӣ дар самти таълим ҳамкорӣ мекунад.

7.11. Омодагии бино ва синфхонаҳои таълимиро ба машғулиятҳои дарсӣ ва маводи таълимию методии зарурио таъмин менамояд.

7.12. Барои гузаронидани корҳои таълимӣ бо донишҷӯён робитаи доимӣ нигоҳ дошта, вобаста ба масъалаҳои раванди таълим бо онҳо корҳои инфиродӣ мебарад.

7.13. Дар якҷоягӣ бо декани факултет ба аризаҳои шаҳрвандон, ки ба фаъолияти факултет дахл доранд, шинос шуда, нисбати ҳалли онҳо чораҳои қатъӣ меандешад.

7.14. Бо донишҷӯёни таҳсилоти фосилавӣ (ғоибона) пайваста дар робита буда, ба онҳо саривақт дар бораи шуруъ шудани машғулиятҳои дарсӣ маълумот медиҳад ва ба онҳо ҷиҳати ҳозир шудан ба

сессияҳои имтиҳонӣ ва аттестатсияи хатм даъватнома ирсол менамояд.

7.15. Баргузории пайвастаи баҳисобгирӣ, таҳлили давомот ва донишазхудкунии ҷории донишҷӯёнро амалӣ гардонида, аттестатсияи ҷории донишҷӯёнро ташкил мекунад.

7.16. Ба қисми таълими муассисаи таҳсилоти олии касбӣ доир ба давомот ва сатҳи донишазхудкунии донишҷӯёни факултет дар шуъбаи таҳсилоти фосилавӣ (ғоибона) маълумот медиҳад.

3.Ҳуқуқ ва вазифаҳои муовини декан оид ба таҳсилоти фосилавӣ (ғоибона) (мушовири академӣ)

8. Муовини декан оид ба таҳсилоти фосилавӣ (ғоибона) (мушовири академӣ) дар доираи ҳуқуқ ва вазифаҳои худ:

8.1. Дар муҳокима ва ҳалли масъалаҳои фаъолияти муассисаи таълимӣ, кори ҷаласаҳои машваратии садорати факултет вобаста ба ташкили раванди таълим дар шуъбаи таҳсилоти фосилавӣ (ғоибона) иштирок мекунад.

8.2. Барои пешбурди фаъолияти корӣ аз кормандони сохторҳои таркибии муассисаи таълимӣ ҳуҷҷат ва иттилооти зарурӣ талаб менамояд.

8.3. Дар доираи салоҳияти худ ба кормандони факултет дастуру супоришҳо медиҳад ва иҷрои саривақтии онҳоро талаб мекунад.

8.4. Дар машғулиятҳои таълимӣ, инчунин дар раванди имтиҳонҳои донишҷӯёни шуъбаи таҳсилоти фосилавӣ (ғоибона) иштирок мекунад.

8.5. Ба баррасии шурои олимони факултет оид ба банақшагирӣ, назорат ва такмили корҳои таълимӣ, таълимию методӣ, илмӣ ва илмию методӣ, тарбиявӣ ва дигар масъалаҳо гузориш пешниҳод менамояд.

8.6. Барои иҷрои уҳдадориҳои вазифавии худ аз роҳбарият кумаку дастгириҳои ҳамаҷониба мепурсад.

8.7. Барои пешбурди фаъолияти корӣ аз кормандони сохторҳои таркибии муассисаи таълимӣ ҳуҷҷат ва иттилооти зарурӣ талаб менамояд.

8.8. Ба баррасии шурои олимони муассисаи таълимӣ оид ба масъалаҳои марбут ба таҳкими фаъолияти таълимии факултет дар самти таҳсилоти фосилавӣ (ғоибона) пешниҳод манзур месозад.

8.9. Дар муҳокимаи масъалаҳои марбут ба раванди таълими шуъбаи таҳсилоти фосилавӣ (ғоибона) дар факултет ва муассисаи таълимӣ иштирок мекунад.

8.10. Тибқи муқаррарот аз хизматрасониҳои китобхона, фондҳои иттилоотӣ, васоити техникии таълим, таҷҳизоти таълимӣ, шабакаи интернет ва ғайра истифода мебарад.

8.11. Ҷаласаҳои машваратии байни кафедраҳо, ҷаласаҳои машваратию конференсияҳои илмӣ ва илмию методӣ ташкил менамояд.

8.12. Дар машғулиятҳои дарсӣ ва раванди қабули имтиҳони донишҷӯёни шуъбаи таҳсилоти фосилавӣ (ғоибона)-и факултет ширкат меварзад.

ДАСТУРАМАЛИ ВАЗИФАВИИ КОРГУЗОРИ ФАКУЛТЕТ

Дастурамали мазкур дар асоси Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф», Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи таҳсилоти олии касбӣ ва таҳсилоти касбии баъд аз муассисаи олии таълимӣ», «Низомномаи намунавӣ оид ба муассисаи таълимии таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон», «Низомномаи факултети муассисаи таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон» ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии соҳаи маориф таҳия шудааст.

1.Муқаррароти умумӣ

1. Коргузори факултет бо пешниҳоди декани факултет ва фармоиши ректори муассисаи таҳсилоти олии касбӣ аз ҳисоби мутахассисони соҳиби таҳсилоти

олии касбӣ ба вазифа таъин ва аз вазифа озод карда мешавад.

2. Коргузори факултет ба декани факултет итоат мекунад ва таҳти роҳбарии ӯ масъалаҳои ташкилии факултетро иҷро менамояд.

3. Коргузори факултет бояд қонунҳо ва санадҳои дигари меъёрии ҳуқуқии соҳаи таҳсилоти олии касбӣ, санадҳои меъёрии соҳавии муассисаи таълимӣ, стандартҳои давлатии таҳсилоти олии касбӣ, тартиби татбиқи нақшаҳои таълимӣ ва ҳуҷҷатузории раванди таълим, роҳу усули истифодаи технологияҳои муосири таълим, аз ҷумла, технологияи ташкили корҳои методӣ, илмию методӣ ва илмию таҳқиқотӣ, қоида ва тартиби пешниҳоди донишҷӯён ба стипендияҳои номӣ, шаклу усулҳои муосири таълиму тарбия, қоида ва меъёрҳои ҳифзи меҳнат ва бехатарӣ аз сӯхторро дар сатҳи зарурӣ донад.

4. Коргузори факултет фаъолияти худро мувофиқи қонунгузории амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Оиннома ва дигар санадҳои дохилии муассисаи таълимӣ ва низомномаи мазкур ба роҳ мемонад.

5. Коргузори факултет дар мавриди иҷрои вазифаҳои хидматӣ дар назди садорати факултет ва раёсати муассисаи таълимӣ масъул мебошад.

2. Уҳдадориҳои коргузори факултет

6. Коргузори факултет дар доираи уҳдадориҳои худ:

6.1. Бо муовини декан оид ба таълим (мушовири академӣ) дар асоси нақшаҳои таълимии намунавӣ ва кории факултет раванди таълимро дар факултет ташкил менамояд.

6.2. Барои омода сохтани масъалаҳое, ки дар шурои олимони факултет баррасӣ мешаванд, ба садорати факултет кумак мерасонад.

6.3. Дар таҳияи ҷадвали машғулиятҳои дарсӣ ба муовини декан оид ба таълим (мушовири академӣ) мадад мерасонад.

6.4. Робитаҳои факултетро бо кафедраҳо дар масъалаҳои таълими фанҳои ҷудогона таъмин менамояд.

6.5. Ҳуҷҷатгузории сессияҳои имтиҳониро (варақаҳои санҷишӣ, имтиҳонӣ, иттилоотӣ ва ғ.) ба роҳ мемонад ва дар асоси онҳо барои муовини декан оид ба корҳои таълим (мушовири академӣ) ва декани факултет маълумот омода месозад.

6.6. Бо муовини декан оид ба таълим (мушовири академӣ) дараҷаи азхудкунӣ ва давомоти донишҷӯёнро назорат карда, имтиҳонҳои фосилавӣ ва аттестатсияи ҷории донишҷӯёнро ташкил менамояд.

6.7. Маълумотномаи академӣ омода месозад, рафти супурдани варақаҳои имтиҳониро аз тарафи омӯзгорон назорат карда, вобаста ба зарурат онҳоро ба қисми таълими муассисаи таҳсилоти олии касбӣ пешниҳод менамояд.

6.8. Лоиҳаи фармоишҳоро барои барқароркунӣ, хориҷ ва интиқол, таҷрибаомӯзӣ, иҷрои корҳои курсӣ ва рисолаҳои (лоиҳаҳои) дипломӣ, супоридани аттестатсияи хатми донишҷӯён омода месозад.

6.9. Тибқи муқаррароти ҷорӣ варақаи шахсӣ, билети донишҷӯён ва дафтарчаи имтиҳонии онҳоро ба расмият медарорад.

6.10. Дастуру супоришҳои декани факултет ва муовини декан оид ба таълим (мушовири академӣ)-ро иҷро менамояд.

6.11. Ба декани факултет оид ба давомот ва сатҳи донишазхудкунии донишҷӯёни факултет маълумот медиҳад.

6.12. Барасмиятдарории ҳуҷҷатҳои раванди таълим, аз қабили пур кардани журналҳои қайди давомоти донишҷӯён, варақа ва дафтарчаҳои имтиҳонии донишҷӯён, иҷрои нақшаҳои тақвимии машғулиятҳои дарсӣ ва ҷавдали дарсӣ аз ҷониби омӯзгорон, иҷрои нақшаҳои корӣ, барномаҳо ва ҷадвали корҳои мустақилонаи донишҷӯёнро назорат менамояд.

6.13. Бо омӯзгорон ва кормандони дигари факултет дар самти таълим ҳамкорӣ мекунад.

6.15. Дар асоси Низомномаи факултети муассисаи таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Оинномаи муассисаи таҳсилоти олии касбӣ, фармоишҳо ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ корҳои ҳуҷҷатгузории факултетро танзим менамояд.

3.Ҳуқуқ ва вазифаҳои коргузори факултет

7. Коргузори факултет дар доираи ҳуқуқ ва вазифаҳои худ:

7.1. Дар ҷаласаҳои умумии кормандони факултет ва муассисаи таҳсилоти олии касбӣ иштирок мекунад.

7.2. Дар муҳокима ва ҳалли масъалаҳои фаъолияти факултет, кори ҷаласаҳои машваратии садорати факултет вобаста ба ташкили раванди таълим иштирок мекунад.

7.3. Барои пешбурди фаъолияти корӣ аз кормандони сохторҳои таркибии муассисаи таълимӣ ҳуҷҷат ва иттилооти зарурӣ талаб менамояд.

7.4. Барои иҷрои уҳдадориҳои вазифавии худ аз роҳбарият кумаку дастгириҳои ҳамаҷониба мепурсад.

7.5. Барои пешбурди фаъолияти корӣ аз кормандони сохторҳои таркибии муассисаи таълимӣ ҳуҷҷат ва иттилооти зарурӣ талаб менамояд.

7.6. Тибқи муқаррарот аз хизматрасониҳои китобхона, фондҳои иттилоотӣ, васоити техникии таълим, таҷҳизоти таълимӣ, шабакаи интернет ва ғайра истифода мебарад.

7.7. Ҷаласаҳои машваратии байни кафедраҳо, ҷаласаҳои машваратию конференсияҳои илмӣ ва илмию методӣ ташкил менамояд.

7.8. Аз болои омӯзгорон ва донишҷӯёне, ки қоидаҳои тартиботи дохилӣ ва дигар асноди меъёрии соҳаро вайрон мекунанд, ба декани факултет ва муовини декан оид ба таълим (мушовири академӣ) гузориш манзур месозад.

ДАСТУРАМАЛИ ВАЗИФАВИИ МУДИРИ КАФЕДРА

1.Муқаррароти умумӣ

1. Мудири кафедра дар асоси Низомномаи кафедраи муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва шартномаи меҳнатӣ аз ҷумлаи докторони илм ва номзадҳои илм ба вазифа интихоб карда мешавад.

2. Дар озмуни ишғоли вазифаи мудири кафедра метавонанд шахсони дорои дараҷа ва унвони илмӣ иштирок намоянд. Мудири кафедра барои як муҳлат ба тариқи овоздиҳии пинҳонӣ дар шурои олимони муассисаи таҳсилоти олии касбӣ интихоб карда мешавад.

3. Интихоби мудири кафедра аз ҷумлаи шахсоне, ки дараҷа ва унвони илмӣ надоранд, қатъиян манъ аст. Ба таври истисно, дар кафедраҳои соҳаи фарҳанг ва варзиш интихоби мудири кафедра аз ҷумлаи омӯзгорони собиқадоре, ки дараҷа ва унвони илмӣ надоранд, барои як муҳлат иҷозат дода мешавад.

Дар ин ҳолат ба чунин номзадҳо имтиёз дода мешавад: 1) дар соҳаи санъат – ба шахсоне, ки ба унвони ифтихории Ҷумҳурии Тоҷикистон, собиқ Иттиҳоди Шуравӣ ё собиқ ҷумҳуриҳои иттифоқӣ (ҳунарпешаи халқӣ, рассоми халқӣ, меъмори халқӣ, арбоби шоистаи санъат, ҳунарпешаи шоиста, рассоми шоиста) сазовор гардида, ё барандаи ҷоизаи (дипломи) на камтар аз ду намоишгоҳ, озмун ё ҷашнвораи байналмилалӣ ва ё ҷумҳуриявӣ аз рӯйи соҳаҳои муайяни санъат бошанд; 2) дар соҳаи варзиш - ба шахсоне, ки қаҳрамони варзиш, барандаи ҷоизаи Бозиҳои олимпӣ, Бозиҳои параолимпӣ, қаҳрамони мусобиқаҳои ҷаҳон, Аврупо, Осиё, Ҷумҳурии Тоҷикистон, мусобиқаҳои қаҳрамонии миллӣ бошанд ё унвони фахрии Ҷумҳурии Тоҷикистон, собиқ Иттиҳоди Шуравӣ, собиқ ҷумҳуриҳои иттифоқӣ, унвони фахрии байналмилалӣ дошта бошанд, ё барандаи ҷоиза дар соҳаи тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш бошанд ё на камтар

аз 1 нафар қаҳрамони варзиш, барандаи ҷоизаи Бозиҳои олимпӣ, Бозиҳои параолимпӣ, мусобиқаи қаҳрамони ҷаҳон, Аврупо, Осиё, Ҷумҳурии Тоҷикистон, қаҳрамони мусобиқаи миллӣ аз рӯйи соҳаҳои гуногуни тарбияи ҷисмонӣ ва варзишро тайёр карда бошанд.

4. Ректори муассисаи таҳсилоти олии касбӣ баъд аз интихоби мудири кафедра бо ӯ шартномаи меҳнатӣ мебандад. Натиҷаи иҷрои шартнома, инчунин фаъолияти мудири кафедра дар соли якум аз тарафи шуъбаи кадрҳо ва комиссияи махсуси муқарризон (иборат аз 3 нафар), ки бо фармоиши ректори муассисаи таҳсилоти олии касбӣ таъсис дода шудааст, мавриди санҷиш қарор дода шуда, дар шурои олимони муассисаи таълимӣ баррасӣ мегардад.

5. Интихоби мудири кафедра дар асоси озмун гузаронида мешавад.

5.1. Эълон дар бораи гузаронидани озмуни ишғоли вазифаи мудири кафедра аз тарафи муассисаи таҳсилоти олии касбӣ як моҳ пеш дар саҳифаҳои васоити ахбори умум интишор карда мешавад:

– дар озмун номзадҳо мутобиқи талаботи бандҳои 5-8-и Низомномаи кафедраи муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон (қарори мушовараи Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 марти соли 2017, №3/13) мувофиқ ба ихтисос ва тахассуси кафедра иштирок карда метавонанд;

– номзаде мудири кафедра интихоб мегардад, ки агар дар ҷаласа аз се ду ҳиссаи овозҳои аъзои дар шурои олимони муассисаи таҳсилоти олии касбӣ ширкаткардаро соҳиб шавад.

5.2. Мудири кафедраи муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ дар мавридҳои зерин бозхонд карда мешавад:

– иҷро накардани вазифаҳое, ки Низомномаи мазкур муқаррар намудааст;

– иҷро накардани талаботи шартномаи меҳнатӣ;

– манфӣ арзёбӣ гардидани фаъолияти кафедра;

– бо сабаби вазъи саломатӣ;

– ба синни нафақа расидан;

– бо хоҳиши худ;

– муқаррароти дигаре, ки Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва қонунгузории амалкунанда муайян намудааст.

5.3. Маҳдудияти синнусолӣ ҳангоми интихоб ва аз вазифа озод намудани мудири кафедраи муассисаи таҳсилоти олии касбӣ тибқи муқаррароти Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи таъмини нафақаи шахрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон» муайян карда мешавад.

6. Мудири кафедра фаъолияти худро дар асоси Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф», Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи таҳсилоти олии касбӣ ва таҳсилоти касбии баъд аз муассисаи олии таълимӣ», «Низомномаи намунавӣ оид ба муассисаи таълимии таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон», «Низомномаи факултети муассисаи таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон» фармоишҳо, низомномаҳо ва мактубҳои Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон, Оинномаи муассисаи таълимӣ, фармоишҳо, дастурҳои ректори муассисаи таҳсилоти олии касбӣ ва муовинони он, қарорҳои шурои олимони муассисаи таҳсилоти олии касбӣ ва факултет ба роҳ мемонад.

7. Мудири кафедра аъзои шурои олимони факултет мебошад.

8. Мудири кафедра оид ба фаъолияташ дар назди раёсати муассисаи таҳсилоти олии касбӣ, шурои олимони факултет ва муассисаи таҳсилоти олии касбӣ ҳисобот медиҳад.

9. Мудири кафедра бояд қонунҳо ва санадҳои дигари меъёрии ҳуқуқии соҳаи таҳсилоти олии касбӣ, санадҳои меъёрии соҳавии муассисаи таълимӣ, стандартҳои давлатии таҳсилоти олии касбӣ, назария ва усули идораи низоми таълим, тартиби таҳияи нақшаҳои таълимӣ (нақшаҳои инфиродии таълимӣ, ҷадвалҳо), тартиби ҳуҷҷатгузории раванди таълим,

роҳу усулҳои истифодаи технологияҳои муосири таълим, аз ҷумла, фосилавӣ, технологияи ташкили корҳои методӣ, илмию методӣ ва илмию таҳқиқотӣ, қоида ва тартиби пешниҳоди донишҷӯён ба стипендияҳои номӣ, шаклу усулҳои муосири таълиму тарбия, ҳуҷҷатҳои меъёрии муайянкунандаи мақоми кормандони илмию омӯзгорӣ ва роҳбарикунандаи муассисаи таълимӣ, махсусиятҳои танзими фаъолияти ҳайати омӯзгорон, фаъолияти молиявию хоҷагидории муассисаи таълимӣ, асосҳои қонунгузории маъмурию хоҷагидорӣ, комёбиҳои муассисаҳои ватанӣ ва хориҷӣ, қоида ва меъёрҳои ҳифзи меҳнат ва бехатарӣ аз сӯхторро дар сатҳи зарурӣ донад.

10. Мудири кафедра фаъолияти худро тибқи нақшаҳои корӣ, ки иҷрои корҳои таълимию методӣ, илмию таҳқиқотӣ ва инноватсионӣ, иҷтимоию тарбиявӣ ва робитаҳои байналмилалиро дар бар гирифтааст, ҳамзамон дар самти тайёр намудани бакалаврҳо, магистрҳо, докторҳои фалсафа (PhD), докторҳо аз рӯйи ихтисос ва докторҳо ба роҳ мемонад.

11.Мудири кафедра дар таҳияи феҳристи фанҳои интихобӣ ва таҳияи нақшаи таълимии корӣ масъул мебошад.

2. Уҳдадориҳои мудири кафедра

11. Мудири кафедра дар доираи уҳдадориҳои вазифавии худ:

11.1. Фаъолияти кафедраро тибқи Низомномаи кафедраи муассисаи таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба роҳ монда, роҳбарии онро ба зимма мегирад.

11.2. Бевосита корҳои таълимию методӣ, тарбиявӣ, илмию таҳқиқотӣ, инчунин тайёркунӣ ва такмили ихтисоси кадрҳои илмию омӯзгориро дар кафедра роҳбарӣ менамояд.

11.3. Стратегияи рушди кафедраро коркард карда, ҳамкориҳои мунтазамро бо корфармоён, мақомоти

ҳокимияти иҷроия ва давлатӣ, мақомоти идораи маориф таъмин менамояд.

11.4. Бо садорати факултет ва роҳбарони сохторҳои таркибии муассисаи таълимӣ ҷиҳати банақшагирӣ, ташкил ва назорати корҳои илмию методӣ дар кафедра ҳамкорӣ менамояд.

11.5. Кори ҳайати омӯзгорон ва кормандони кафедраро ташкил карда, сифат ва муҳлати иҷрои уҳдадориҳои хизматии онҳоро мувофиқи санадҳои меъёрии ҳуқуқии соҳа назорат менамояд.

11.6. Сифати машғулиятҳои дарсӣ, аз ҷумла машғулиятҳои лексионии омӯзгорон, амалию лабораторӣ, семинарҳо ва намудҳои дигари корҳои таълимиро назорат ва низоми дохилии баҳогузории сифати таълимро дар кафедра таъмин менамояд.

11.7. Дар сиёсати кадрии факултет, аз ҷумла дар интихоби кормандони илмию омӯзгорӣ иштирок карда, ҷиҳати такмили ихтисоси онҳо пешниҳодҳо манзур месозад.

11.8. Иштироки кафедраро дар фаъолияти таълимию илмии факултет ва муассисаи таълимӣ ташкил ва ҳамоҳанг месозад.

11.9. Кори кафедраро дар иҷрои таҳқиқотҳои бунёдӣ ва илмию амалӣ дар самти равияву ихтисосҳое, ки мутахассисон омода карда мешаванд, назорат менамояд.

11.10. Ба самъи ҳайати омӯзгорон ва кормандони кафедра фармоишҳои роҳбарият ва дастуру супоришҳои дигарро, ки ба фаъолияти кафедра иртибот доранд, мерасонад ва иҷрои сари вақтии онҳоро назорат ва таъмин менамояд.

11.11. Вобаста ба дархости роҳбарият оид ба масъалаҳои таълимию тарбиявӣ ва илмию таҳқиқотӣ ва дигари кафедра саривақт иттилооти зарурӣ манзур менамояд.

11.12. Мувофиқи тартиби муқарраргардида ҳуҷҷатнигории кафедраро ба роҳ монда, риояи қоида

ва техникаи зидди сӯхторро аз ҷониби ҳайати омӯзгорон ва кормандони кафедра назорат менамояд.

11.13. Барои сомонаи муассисаи таълимӣ тибқи муқаррароти ҷорӣ сари вақт ва мунтазам дар бораи фаъолияти кафедра маълумот манзур месозад.

11.14. Банақшагирӣ ва нашри адабиёти таълимӣ, таълимӣ-методӣ ва илмиро аз ҷониби омӯзгорони кафедра ташкил менамояд.

11.15. Интихоб ва тайёркунии аспирантон, коромӯз-таҳқиқотчӣ ва унвонҷӯёнро назорат мекунад.

11.16. Ташкил ва назорати корҳои илмию таҳқиқотии донишҷӯён, гузаронидани озмуни корҳои донишҷӯён ва олимони ҷавону мутахассисонро ба роҳ мемонад.

11.17. Фаъолияти кормандони таълимию ёридиҳанда ва техникии кафедраҳоро роҳбарӣ менамояд.

11.18. Дар заминаи кафедра лабораторияҳои таълимӣ, илмӣ, кабинетҳои методӣ, фаннӣ, синфхонаҳои компютерӣ ва намояндагӣ дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ва корхонаҳои истеҳсолӣ таъсис медиҳад.

11.19. Бо мақсади баррасии масъалаҳои таълимӣ-методӣ ва илмӣ-таҳқиқотӣ семинару маҳфилҳо ташкил менамояд.

3. Ҳуқуқ ва вазифаҳои мудири кафедра

12. Мудири кафедра дар доираи ҳуқуқ ва вазифаҳои худ:

12.1. Оид ба ташкили раванди таълим ва масъалаҳои марбут ба фаъолияти кафедра аз сохторҳои муассисаи таҳсилоти олии касбӣ маълумот дастрас менамояд.

12.2. Дар самти тайёр кардан ва аз курсҳои такмили ихтисос гузаронидани кадрҳои илмӣ-педагогӣ тадбирҳо меандешад.

12.3. Ҷиҳати омӯзиш, пуррагардонӣ ва паҳн намудани таҷрибаи корӣ омӯзгорони собиқадор,

расонидани ёрии амалӣ ба омӯзгорони ҷавон дар азхудкунии маҳорати педагогӣ чорабиниҳои менамояд.

12.4. Корҳои хатми бакалаврӣ, рисолаҳои магистрӣ, номзадӣ, докторӣ аз рӯйи ихтисос ва доктории аъзоҳои кафедра ё бо супориши раёсати муассисаи таълимӣ ба кафедра сафарбаргардидаро дар ҳамоҳангӣ бо аъзои кафедра мавриди муҳокима қарор медиҳад.

12.5. Барои иҷрои уҳдадориҳои вазифавии худ аз роҳбарият кумаку дастгириҳои ҳамаҷониба мепурсад.

12.6. Барои пешбурди фаъолияти корӣ аз кормандони сохторҳои таркибии муассисаи таълимӣ ҳуҷҷат ва иттилооти зарурӣ талаб менамояд.

12.7. Тибқи муқаррарот аз хизматрасониҳои китобхона, фондҳои иттилоотӣ, васоити техники таълим, таҷҳизоти таълимӣ, шабакаи интернет ва ғайра истифода мебарад.

12.8. Масъалаҳои марбут ба фаъолияти кафедраро тибқи қонунгузории амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон баррасӣ менамояд.

12.9. Дар шурои олимони муассисаи таълимӣ ва шуроҳои илмӣ-методии факултет, ҷаласаҳои дигари кафедраҳои муассисаи таълимӣ ва комиссияҳои аттестатсияи хатм иштирок менамояд.

12.10. Дар ҷаласаҳои кории сохторҳои муассисаи таълимӣ, ки дар онҳо масъалаҳои ба фаъолияти кафедра алоқаманд муҳокима мешаванд, иштирок менамояд.

12.11. Ҷаласаҳои кафедраро таъин ва баргузор менамояд.

12.12. Маҳфилҳо, комиссияҳои методӣ, семинарҳои илмию методӣ, мизҳои мудаввар ва дигар чорабиниҳои ба масъалаҳои таълимӣ-методӣ, илмӣ-таҳқиқотӣ, инноватсионӣ ва иҷтимоӣ-тарбиявии кафедра вобастаро ташкил медиҳад.

12.13. Дар ҷаласаҳои шурои олимони факултет ва муассисаи таҳсилоти олии касбӣ ҷиҳати ворид намудани тағйироту иловаҳо ба нақшаҳои таълимӣ,

нақшаҳои кории ихтисосҳои амалкунанда ва масъалаҳои ба самтҳои фаъолияти кафедра алоқаманд пешниҳод манзур менамояд.

12.14. Нақшаҳои тақвимии кафедра, нақшаҳои инфиродии омӯзгорон, барномаҳои кории фанҳои таълимӣ ва тақризҳои кафедраро тасдиқ мекунад.

12.15. Ҳисоби соатҳои кафедраро муайян карда, сарбории таълимӣ ва дастурҳои вазифавиро дар байни ҳайати омӯзгорони кафедра тақсим менамояд.

12.16. Ҳангоми ҷой доштани зарурати истеҳсолӣ вазифаи муовини мудири кафедра ва роҳбари маҳфилро ташкил мекунад.

12.17. Сифат ва иҷрои саривақтии сарбории таълимӣ, уҳдадориҳои вазифавӣ, гузаронидани тамоми шаклҳои корҳои таълимӣ ва илмӣ-таҳқиқотиро аз ҷониби ҳайати омӯзгорон ва кормандони кафедра назорат мекунад.

12.18. Интихоб ва ба шурои олимони факултет ва муассисаи таҳсилоти олии касбӣ пешниҳод намудани номзадии омӯзгорону кормандонро ба вазифаҳои холӣ амалӣ месозад.

12.19. Тибқи талаботи амалкунанда ҳуҷҷатҳои омӯзгорону кормандонро барои дар кафедра ба кор қабул кардан пешниҳод менамояд.

12.20. Барои додани мукофот ё муҷозот ба ҳайати омӯзгорон ва кормандон ба садорати факултет ва раёсати муассисаи таҳсилоти олии касбӣ бо пешниҳод муроҷиат менамояд.

12.21. Ҷиҳати самаранок ташкил ва гузаронидани корҳои таълимию методӣ, илмию таҳқиқотии ҳайати омӯзгорон ва кормандон аз роҳбарони сохторҳои дахлдори муассисаи таҳсилоти олии касбӣ таъмин гардонидани кафедраро бо васоити моддию техникӣ ва иттилоотию иртиботӣ талаб мекунад.

12.22. Оид ба масъалаҳои такмили раванди таълим, ташкили корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ, тайёр намудани кадрҳои илмӣ-педагогӣ дар ҷаласаҳои шурои олимони

факултет ва муассисаи таҳсилоти олии касбӣ бо пешниҳод баромад мекунад.

12.23. Аз ҳайати омӯзгорон ва кормандони кафедра риояи қоидаҳои тартиботи дохилии муассисаи таҳсилоти олии касбӣ, интизоми меҳнат, иҷрои уҳдадориҳои вазифавӣ ва истифодаи самараноки захираҳои таъминкунандаи фаъолияти кафедраро талаб менамояд.

12.24. Дар машғулиятҳои таълимӣ, инчунин дар раванди имтиҳонҳои омӯзгорони кафедра иштирок мекунад.

12.25. Тибқи муқаррарот аз хизматрасониҳои китобхона, китобхонаи электронӣ, фондҳои иттилоотӣ, васоити техникии таълим, таҷҳизоти таълимӣ, шабакаи интернет ва ғайра истифода мебарад.

12.26. Оид ба фаъолияти кафедра тибқи муқаррароти амалкунанда ҳисобот манзур месозад.

ДАСТУРАМАЛИ ВАЗИФАВИИ МУДИРИ ЛАБОРАТОРИЯ

Дастурамали мазкур дар асоси Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф», Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи таҳсилоти олии касбӣ ва таҳсилоти касбии баъд аз муассисаи олии таълимӣ», «Низомномаи намунавӣ оид ба муассисаи таълимии таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон», «Низомномаи факултети муассисаи таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон» ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии соҳаи маориф таҳия шудааст.

1.Муқаррароти умумӣ

1.Мудири лабораторияро бо пешниҳоди мудири кафедра дар мувофиқа бо декани факултет ректори муассисаи таҳсилоти олии касбӣ аз ҳисоби кормандони дорои таҳсилоти олии касбӣ, ки на камтар аз 5 сол собиқаи корӣ дар омода намудани мутахассисони равия ва ихтисосҳои кафедра доранд, ба вазифа таъин ва аз вазифа озод менамояд.

2. Мудири лаборатория дар асоси Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф», Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи таҳсилоти олии касбӣ ва таҳсилоти касбии баъд аз муассисаи олии таълимӣ», «Низомномаи намунавӣ оид ба муассисаи таълимии таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон», «Низомномаи факултети муассисаи таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон» фармонҳо, низомномаҳо ва мактубҳои Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон, Оиннома, фармоишҳо, дастурҳои ректори муассисаи таҳсилоти олии касбӣ, муовинони он, декани факултет, қарорҳои шурои олимони факултет ва муассисаи таҳсилоти олии касбӣ фаъолият менамояд.

3. Мудири лаборатория бояд қонунҳо ва санадҳои дигари меъёрии ҳуқуқии соҳаи таҳсилоти олии касбӣ, санадҳои меъёрии соҳавии муассисаи таълимӣ, стандартҳои давлатии таҳсилоти олии касбӣ, принсипҳои асосии ташкили раванди таълим дар лаборатория, таҷҳизоти лаборатория, дурнамои рушди техникии лаборатория, номгӯи таҷҳизот ва арзишҳои дигари моддии кафедра, стандартҳо, шароити техникӣ оид ба коркард ва барасмиятдарории ҳуҷҷатҳои техникӣ, дастурамал ва қоидаи истифодаи таҷҳизоти лабораторӣ, дастгоҳҳо, асбобҳои ченкунии назоратии дар машғулиятҳои лабораторию амалӣ ва корҳои илмию таҳқиқотӣ истифодашаванда, усул ва воситаи иҷрои ҳисобҳои техникӣ, корҳои ҳисобкунӣ ва ҷадвалӣ, тартиб ва қоидаи кор бо дастгоҳҳо ҳангоми корҳои лабораторӣ, қоидаҳои ҳифзи меҳнат ва техникаи бехатарии задди сӯхторро дар сатҳи зарурӣ донад.

4. Мудири лаборатория бевосита ба мудири кафедра итоат намуда, роҷеъ ба фаъолияташ дар назди кафедра ҳисобот медиҳад.

2. Уҳдадориҳои мудири лаборатория

5. Мудири лаборатория дар доираи уҳдадориҳои худ:

5.1. Мувофиқи нақшаҳои таълимии кафедра машғулиятҳои лабораторию амалиро бо таъмини саривақтии маводи зарурӣ, дастгоҳҳо ва асбобҳои ченкунанда ташкил карда, ҳамзамон хизматрасонии техникӣ ва таъмири ҷории таҷҳизоти илмию таълимиро ташкил мекунад.

5.2. Дар машғулиятҳои лабораторӣ бевосита иштирок карда, ба омӯзгор ёрӣ мерасонад.

5.3. Низоми кор бо дастгоҳҳои лабораторияро назорат карда, ҷиҳати ворид намудани дастгоҳҳои нав ва истифодаи онҳо тадбирҳо меандешад.

5.4. Ҷобаҷогузории асбоб ва дастгоҳҳоро мувофиқи қоида ва тартиби техникаи бехатарӣ ва зидди сӯхтор ба роҳ монда, мутобиқати техникии асбобу дастгоҳҳоро бо меъёрҳои истифодаи онҳо мавриди санҷиш қарор медиҳад.

5.5. Ҳолати бехатарии ҷойҳои корӣ, таҷҳизот, асбобҳо ва дастгоҳҳо, ҳамзамон мавҷудияти техникаи бехатариро дар ҳар як ҷойи корӣ назорат менамояд.

5.6. Ҷиҳати барасмиятдарории асбобу дастгоҳҳои воридшуда ва аз эътибор соқит кардани асбобу дастгоҳҳои муҳлати истифодаашон гузашта чораҳо меандешад.

5.7. Аз ҷониби кормандони кафедра ва донишҷӯён ташкил ва баргузории машғулиятҳои лабораториро бо риояи қоида ва меъёрҳои техникаи бехатарӣ ва зидди сӯхтор назорат мекунад.

5.8. Амру фармоишҳои аз ҷониби раёсати муассисаи таълимӣ ва садорати факултет ба лаборатория воридшударо назорат ва иҷрои саривақтии онҳоро таъмин мекунад.

5.9. Нақшаи рушди пояи моддию техникии лабораторияи кафедра, ба лаборатория ворид намудани дастгоҳҳо, асбобҳо ва технологияҳои муосири таълимро таҳия намуда, ҷиҳати татбиқи он чорачӯӣ менамояд.

5.10. Таҷдиди назар ва азнавсозии саривақтии васоити таълимию методӣ, амсила ва овезаҳоро таъмин менамояд.

5.11. Дастурамали вазифаҳои хидматӣ ва техникаи бехатарии кормандони лабораторияро таҳия ва барои тасдиқ пешниҳод менамояд.

5.12. Шахси аз нигоҳи моддӣ масъул буда, дар раванди бақайдгирӣ ва аз эътибор соқит кардани мавод ва воситаҳои асосии кафедра иштирок мекунад.

3. Ҳуқуқ ва вазифаҳои мудири лаборатория

6. Мудири лаборатория дар доираи ҳуқуқ ва вазифаҳои худ:

6.1. Дар муҳокима ва ҳалли масъалаҳои фаъолияти факултет, кори ҷаласаҳои машваратии кафедра вобаста ба ташкили раванди корҳои лабораторӣ иштирок мекунад.

6.2. Барои пешбурди фаъолияти корӣ аз кормандони сохторҳои таркибии муассисаи таълимӣ ҳуҷҷат ва иттилооти зарурӣ талаб менамояд.

6.3. Дар доираи салоҳияти худ ба кормандони лаборатория дастуру супоришҳо медиҳад ва иҷрои саривақтии онҳоро талаб мекунад.

6.4. Барои иҷрои уҳдадориҳои вазифавии худ аз роҳбарият кумаку дастгириҳои ҳамаҷониба мепурсад.

6.5. Барои пешбурди фаъолияти корӣ аз кормандони сохторҳои таркибии муассисаи таълимӣ ҳуҷҷат ва иттилооти зарурӣ талаб менамояд.

6.6. Тибқи муқаррарот аз хизматрасониҳои китобхона, фондҳои иттилоотӣ, васоити техникии таълим, таҷҳизоти таълимӣ, шабакаи интернет ва ғайра истифода мебарад.

6.7. Истифодаи дастгоҳҳои лабораторияро ҳангоми корношоямӣ, ҳамзамон дар лаборатория риоя нагаштани меъёрҳои ҳифзи меҳнат ва техникаи зидди сӯхторро нигоҳ медорад.

6.8. Аз омӯзгорон, кормандон ва донишҷӯён риояи қоидаҳои бехатарӣ ва зидди сӯхторро талаб менамояд.

6.9. Дар доираи ваколатҳои худ раванди таълим ва корҳои илмию таҳқиқотӣ ва инноватсионии кафедраро ташкил менамояд.

6.10. Омодагии пояи моддию техникии кафедраро барои машғулиятҳои лабораторӣ ва корҳои илмию таҳқиқотӣ ташкил мекунад ва мавриди санҷиш қарор медиҳад.

6.11. Мукаммалӣ ва сифати баргузории машғулиятҳои амалии донишҷӯёнро дар лабораторияҳои кафедра назорат менамояд.

6.12. Лаборатория, устохонаҳо ва иншооти дигари кафедраро бо асбобу дастгоҳҳо, маводи масрафшаванда, шиору овеза ва амсилаҳои таълимӣ муҷаҳҳаз мегардонад.

6.13. Тайёр будани асбобу таҷҳизот, васоити методӣ, адабиёти махсус ва кори васоити техникиро дар раванди машғулиятҳои лабораторӣ ва корҳои илмию таҳқиқотии кафедра назорат менамояд.

6.14. Иҷрои Қоидаҳои техникаи бехатарӣ ва зидди сӯхторро дар раванди машғулиятҳои амалию лабораторӣ аз ҷониби кормандони лаборатория ва донишҷӯён назорат менамояд.

6.15. Ба коркарди усулҳои нав ва такмили усулҳои амалкунандаи таҳқиқотҳои лабораторӣ роҳбарӣ менамояд.

6.16. Ҳар сол асбобу анҷом ва таҷҳизоти лабораторияро ба рӯйхат мегирад.

6.17. Баҳисобгирӣ ва истифодаи оқилонаи васоити моддию техникии лабораторияро ташкил ва назорат мекунад.

6.18. Ҳуҷҷатгузории лабораторияро тибқи асноди меъёрии ҳуқуқӣ ташкил карда, онро пеш мебарад.

ДАСТУРАМАЛИ ВАЗИФАВИИ ЛАБОРАНТИ КАФЕДРАИ МУАССИСАИ ТАҲСИЛОТИ ОЛИИ КАСБӢ

Дастурамали мазкур дар заминаи Қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф», «Дар бораи таҳсилоти олии касбӣ ва таҳсилоти касбии баъд

аз муассисаи олии таълимӣ», «Низомномаи намунавӣ оид ба муассисаи таълимии таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон» ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии соҳаи маориф таҳия шудааст.

1.Муқаррароти умумӣ

1. Лаборанти кафедра ба гурӯҳи мутахассисон дохил мешавад.

2. Ба вазифаи лаборанти кафедра шахсе таъин карда мешавад, ки дорои таҳсилоти миёнаи касбӣ бе собиқаи корӣ ва таҳсилоти ибтидоии касбӣ бо собиқаи корӣ на камтар аз дусола бошад.

3. Лаборанти кафедра бо пешниҳоди роҳбари сохтори таркибӣ тибқи фармоиши ректори муассисаи таълимӣ ба вазифа таъин ва аз вазифа озод карда мешавад.

4. Лаборанти кафедра бояд дар бораи маводи меъёрию иттилоотӣ, ки ба самти фаъолияташ дахл дорад, стандартҳои амалкунанда ва шароити техникӣ барои коркарди ҳуҷҷатҳои техникӣ, тартиби барасмиятдарории онҳо, таҷҳизоти лабораторӣ, дастгоҳҳои назоратию ченкунӣ ва тартиби истифодаи онҳо, усул ва васоити иҷрои ҳисобҳои техникӣ, корҳои ҷадвалӣ ва ҳисобкунӣ, тартиби истифодаи техникаи ҳисобкунӣ, асосҳои ташкили меҳнат ва истеҳсолот, қоидаҳои тартиботи дохилӣ, ҳифзи меҳнат ва зидди сӯхтор таассуроти комил дошта бошад.

5. Лаборанти кафедра фаъолияти худро мувофиқи қонунгузории амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Оиннома ва дигар санадҳои дохилии муассисаи таълимӣ ва низомномаи мазкур ба роҳ мемонад.

6. Лаборанти кафедра дар мавриди иҷрои вазифаҳои хидматӣ дар назди мудири кафедра, садорати факултет ва раёсати муассисаи таълимӣ масъул мебошад.

2. Уҳдадориҳои лаборанти кафедраи муассисаи таҳсилоти олии касбӣ

7. Лаборанти кафедра дар доираи уҳдадориҳои худ:

7.1. Ҳолати коршоямии таҷҳизот ва мувофиқати онро ба талаботи техникаи бехатарӣ назорат намуда, тозагӣ ва шароити кориро муҳайё сохта, барои техникаи зиддисӯхтор ҷавобгар мебошад.

7.2. Таҷҳизоти лабораториро ҳангоми зарурат ба кор медарорад.

7.3. Таҷҳизот (асбоб, дастгоҳ)-ро барои гузаронидани озмоишҳо омода месозад, коршоямии онро санҷида, тибқи дастурамал онро ба танзим медарорад.

7.4. Ҳангоми гузаронидани озмоишҳо иштирок карда, кумак мерасонад, раванди озмоишҳоро назорат карда, нишондиҳандаи асбобҳоро ба қайд мегирад.

7.5. Кормандони кафедраро бо таҷҳизоту асбоб ва маводи дигари зарурӣ таъмин менамояд.

7.6. Мувофиқи ҳуҷҷатҳои методӣ натиҷаи таҳлил, озмоиш ва ченкуниҳоро коркард карда, ба низом ва расмият медарорад. Онҳоро ба ҳисоб мегирад.

7.7. Маълумоти заруриро аз адабиёт, манбаъҳои рефератив ва иттилоотӣ, ҳуҷҷатҳои меъёрии техникӣ мувофиқи вазифаҳои муқаррашуда интихоб менамояд.

7.8. Вобаста ба озмоишҳо ва таҳқиқотҳои иҷрошаванда корҳои гуногуни ҷадвалӣ ва ҳисобкуниро анҷом медиҳад.

7.9. Дар таҳия ва барасмиятдарории ҳуҷҷатҳои техникии корҳои иҷрошуда иштирок мекунад.

7.10. Бо дастури мудири кафедра ё мудири лаборатория ҳама гуна корҳои вобаста ба таҷдиди пояи лаборатория, таъмири лабораторияҳои таълимӣ ва омодасозии онҳо ба соли таҳсил, инчунин таҳия ва коркарди дастурҳои таълимӣ ва таълимию методӣ ва овезаҳоро таҳти роҳбарии омӯзгорони кафедра иҷро менамояд. Дар ташкил ва таҷдиди айёнияти кафедра фаъолона ширкат меварзад.

7.11. Дастурҳои алоҳидаи хидматии мудири лабораторияро иҷро менамояд.

3. **Ҳуқуқ ва вазифаҳои лаборанти кафедраи муассисаи таҳсилоти олии касбӣ**

8. Лаборанти кафедра дар доираи ҳуқуқ ва вазифаҳои худ:

8.1. Бо лоиҳаҳои фармоишҳои роҳбари муассисаи таълимӣ, ки ба фаъолияти корӣ ӯ вобастаанд, шинос мешавад.

8.2. Ба баррасии роҳбарияти кафедра оид ба такмили кор ва уҳдадориҳои вазифавии худ, ки дар низомномаи мазкур пешбинӣ шудаанд, таклифҳо пешниҳод менамояд.

8.3. Оид ба тамоми норасоиҳо, ки ҳангоми фаъолияти корӣ дар муассисаи таълимӣ ва сохторҳои таркибии он мушоҳида менамояд, мудири лабораторияро хабардор карда, ҷиҳати ислоҳи ин камбудиҳо таклиф пешниҳод менамояд.

8.4. Аз роҳбарияти муассисаи таълимӣ барои иҷрои уҳдадориҳои вазифавии худ кумаку дастгирӣ мепурсад.

8.5. Барои пешбурди фаъолияти корӣ аз кормандони сохторҳои таркибии муассисаи таълимӣ ҳуҷҷат ва иттилооти зарурӣ талаб менамояд.

8.6. Аз хизматгузории китобхона, марказҳои интернетӣ, фондҳои иттилоотии қисмҳои таълим ва илм, инчунин аз хизматгузориҳои сохторҳои таркибии муассисаи таълимӣ тибқи тартиботи муқарраргардида ройгон истифода мебарад.

ДАСТУРАМАЛИ ВАЗИФАВИИ АССИСТЕНТИ КАФЕДРАИ МУАССИСАИ ТАҲСИЛОТИ ОЛИИ КАСБӢ

Дастурамали мазкур дар заминаи Қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф», «Дар бораи таҳсилоти олии касбӣ ва таҳсилоти касбии баъд аз муассисаи олии таълимӣ», «Низомномаи намунавӣ оид ба муассисаи таълимии таҳсилоти олии касбии

Ҷумҳурии Тоҷикистон» ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии соҳаи маориф таҳия шудааст.

1.Муқаррароти умумӣ

1. Вазифаи ассистенти кафедраи муассисаи таълимӣ ба фаъолияти хидматии ҳайати омӯзгорон тааллуқ дорад.

2. Ба вазифаи ассистент шахсе таъин карда мешавад, ки дорои таҳсилоти олии касбӣ ва собиқаи кори илмӣ-омӯзгории на камтар аз яксола бошад. Номзади илм бе собиқаи кории илмию омӯзгорӣ метавонад ба вазифаи ассистент таъин шавад.

3. Бо ассистенти кафедра мувофиқи қонунҳои амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ҳуҷҷатҳои меъёрии муассисаи таълимӣ шартномаи меҳнатӣ баста мешавад. Озодкунии ассистенти кафедра аз вазифа низ тибқи фармоиши ректори муассисаи таълимӣ дар асоси муқаррароти Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон сурат мегирад.

4. Ассистенти кафедра бояд доир ба мазмун ва меъёрҳои ташкили ҷараёни таълим дар муассисаи таълимӣ, умуман доир ба фанни таълимӣ, тартиби мураттаб сохтани барномаҳои намунавӣ ва корӣ, дастурҳои таълимию методӣ, низоми ҳуҷҷатгузорӣ доир ба раванди таълим, педагогика, равоншиносӣ ва методикаи таълими касбӣ, шакл ва усулҳои ҳозиразамони таълим ва тарбияи донишҷӯён, усул ва меъёри ҳифзи меҳнат, ҳифзи бехатарӣ ва зидди сӯхтор таассуроти мукаммал дошта бошад.

5. Ассистенти кафедра дар пешбурди фаъолияти худ мувофиқи қонунгузории амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Оиннома ва дигар санадҳои дохилии муассисаи таълимӣ ва низомномаи мазкур амал менамояд.

6. Ассистенти кафедра дар мавриди иҷрои вазифаҳои хидматӣ дар назди мудири кафедра, садорати факултет ва раёсати муассисаи таълимӣ масъул мебошад.

2. Уҳдадориҳои ассистенти кафедраи муассисаи таҳсилоти олии касбӣ

7. Ассистенти кафедра дар доираи уҳдадориҳои худ:

7.1. Оинномаи муассисаи таълимӣ, Қоидаҳои тартиботи дохилии меҳнатии муассисаи таълимӣ, дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии соҳа, тартиботи истеҳсолӣ ва молиявиро риоя карда, ба уҳдадориҳои хизматии худ софдилона муносибат менамояд.

7.2. Моликияти муассисаи таълимиро ҳифз намуда, ахбор ва маълумотро, ки хусусияти тиҷоратӣ ё дигар дошта бошанд, фош намесозад.

7.3. Тибқи намунаи муайянгардида нақшаи инфиродӣ таҳия месозад. Нақшаи инфиродии ассистент ҳуҷҷати асосӣ ба шумор рафта, мазмуни солонаи фаъолияти ӯро муайян мекунад. Ҷиҳати иҷрои сарбории таълимӣ ҳисоботи хаттӣ пешниҳод менамояд.

7.4. Ҳаҷми сарбории таълимии ассистенти унвондор ва беунвон тибқи талаботи банди 24-и «Дастурамал оид ба таҳияи сарбории таълимии ҳайати омӯзгорони муассисаҳои таҳсилоти олии касбии ҷумҳурии Тоҷикистон» (қарори мушовараи Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 29 майи соли 2017, №7/36) муайян карда мешавад.

7.5. Таълими донишҷӯёнро мувофиқи талаботи ҳадди ақали мазмуну мундариҷаи Стандарти давлатии таҳсилоти олии касбӣ оид ба ихтисосҳои роиҷи муассисаи таълимӣ ба роҳ монда, корҳои мустақилонаи онҳоро ташкил ва назорат мекунад.

7.6. Бо истифодаи шакл, усул ва воситаҳои нисбатан самараноки таълим, технологияи нави омӯзгорӣ самаранокии ҷараёни омӯзгорӣ ва илмиро дар асоси технологияи ҳозиразамони омӯзгорӣ ва иттилоотӣ таъмин намуда, истифодаи натиҷаҳои таҳқиқотҳои илмиро такмил медиҳад.

7.7. Бо тамоми маҳорати касбӣ ва ҷамъиятии худ дар замири донишҷӯён ҷаҳонбинии илмӣ, мустақилият ва ҳисси ҷавобгарӣ, принсипҳои арзишноки маънавӣ,

ҳисси ҳурмат нисбат ба қонунҳо ва ватандӯстиро вусъат мебахшад.

7.8. Дар коркарди барномаҳои намунавии таълимӣ, корӣ, дастурҳои таълимию методӣ иштирок намуда, барои татбиқи амалии онҳо (дар ҳаҷми пурра мувофиқ бо нақшаҳои таълимӣ ва ҷадвали ҷараёни таълим) уҳдадор мебошад.

7.9. Дар тайёр намудани маводи дидактикӣ ва илмӣ-методӣ аз рӯйи курсҳои фанҳои таълимии кафедра, банақшагирӣ, таҳияи мақолаҳо, корҳои озмоишӣ аз рӯйи яке аз самтҳои таҳқиқот бо таҳлили натиҷаҳо ва тайёр кардани онҳо ба нашр иштирок мекунад.

7.10. Бо риояи ҳуқуқ ва озодиҳои донишҷӯён корҳои мустақилонаи онҳоро ба нақша гирифта, роҳбарии онҳоро амалӣ месозад.

7.11.Тартиби раванди таълимро риоя ва ҳолати давомоти донишҷӯёнро ба машғулиятҳои дарсӣ назорат мекунад.

7.12. Дар сатҳи илмию назариявӣ мунтазам ихтисоси худро такмил медиҳад.

7.13. Ба корҳои илмию таҳқиқотии донишҷӯён (кори курсӣ, рисолаи хатм, реферат, маъруза ва ғайра) аз рӯйи масъалаҳое, ки ба самти фаъолияти илмиаш робита доранд, роҳбарӣ мекунад.

7.14. Ба комёбиҳои таълимии донишҷӯён бо истифода аз технологияи иртиботӣ ва иттилоотии баҳодиҳӣ, чун имтиҳони хаттӣ, тестӣ ва ғайра воқеъбинона баҳогузорӣ менамояд.

7.15. Дар ҳамкорӣ бо омӯзгоре, ки машғулиятҳои лексионӣ мебарад, банақшагирӣ, коркард, ташкил ва гузаронидани машғулиятҳои лабораторӣ, амалӣ, семинарӣ ва коллоквиумҳоро таъмин сохта, аз рӯйи натиҷаҳои фаъолияти таълимӣ-маърифатии донишҷӯён бо истифодаи технологияҳои муосири омӯзгорӣ назоратро амалӣ менамояд.

7.16. Бо супориши мудири кафедра дар омодасозӣ ва гузаронидани чорабиниҳои гуногун, конференсияҳои

назариявию амалӣ, олимпиадаи донишҷӯён ва довталабон, гузаронидани корҳо оид ба тамоюли касбии ҷавонон ҳангоми дохилшавӣ ба муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ, ҳамчунин ба шуъбаҳои тайёрӣ иштирок мекунад.

7.17. Дар маҷлисҳои кафедра ширкат варзида, тибқи нишондоди маҷлисҳои коллективи меҳнатӣ, инчунин дар ҳолати интихоб шудан ё интихоб намудан ба сифати вакил ба конференсияҳои кормандони илмию омӯзгорӣ ва дигар категорияҳои кормандон ва таълимгирандагони муассисаи таълимӣ дар ҷаласаҳои конференсия иштирок ва пешниҳодҳо манзур месозад.

7.18. Супоришҳои алоҳидаи ректор, муовинони ректор, декани факултет ва мудири кафедраро дар чорчӯбаи уҳдадориҳои меҳнатии худ иҷро мекунад.

7.19. Талаботро оид ба ҳифзи меҳнат, техникаи бехатарӣ, беҳдошти истеҳсолӣ ва бехатарии зидди сӯхтор риоя менамояд.

7.20. Донишҷӯёнро ба корҳои таҳқиқотӣ ҷалб намуда, ба онҳо дар банақшагирӣ, ташкил ва гузаронидани корҳои илмӣ ва таълимӣ-таҳқиқотӣ ёрӣ мерасонад ва дар кори ташкили ҳафтаи илм, олимпиадаи донишҷӯён, озмунҳои корҳои илмии донишҷӯён, роҳбарии таҷрибаомӯзии таълимӣ ва истеҳсолии донишҷӯён ширкат меварзад.

7.21. Ба донишҷӯён дар танзим ва татбиқи нақшаҳои инфиродии таълимӣ, ташкили таҷрибаомӯзии муошират ахлоқӣ (ёрии ҳамдигарӣ, ҳамкорӣ, ҳифзи иҷтимоӣ) кумак расонида, дар ташкили чорабиниҳои беруназаудиторӣ, ки дорои хусусиятҳои таълимӣ, истеҳсолӣ ва тарбиявӣ мебошанд, ширкат меварзад.

7.22. Усулҳои технологияҳои нави омӯзгориро меомӯзад ва дар фаъолияти омӯзгории худ истифода менамояд.

7.23. Дар давоми 5 сол ассистент (омӯзгор) бояд 1 кори илмӣ ва 1 коркарди таълимӣ-методӣ аз чоп барорад.

3.Ҳуқуқ ва вазифаҳои ассистенти кафедраи муассисаи таҳсилоти олии касбӣ

10. Ассистенти кафедра дар доираи ҳуқуқ ва вазифаҳои худ:

10.1. Ба мудири кафедра вобаста ба масъалаҳои фаъолияти худ дархост ирсол мекунад, дар муҳокимаи фаъолияти кафедра, факултет, муассисаи таълимӣ иштирок намуда, доир ба масъалаҳои гуногун пешниҳод манзур месозад.

10.2. Усулҳо ва воситаҳои нави таълимро, ки ба хусусиятҳои инфиродии ӯ нисбатан пурра мувофиқ буда, сифати баланди таълимро таъмин менамоянд, интихоб мекунад.

10.3. Барои иҷрои уҳдадориҳои вазифавиаш аз роҳбарият ва кормандони қисмҳои сохторӣ маълумот ва ҳуҷҷатҳо талаб менамояд.

10.4. Дастуру супоришҳои раёсати муассисаи таълимиро тибқи тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории амалкунанда иҷро менамояд.

10.5. Аз хизматгузории китобхона, марказҳои интернетӣ, фондҳои иттилоотии қисмҳои таълим ва илм, инчунин аз хизматгузориҳои сохторҳои таркибии муассисаи таълимӣ тибқи тартиботи муқаррарагардида ройгон истифода мебарад.

10.6. Дар ҷараёни фаъолияти омӯзгорӣ объектҳои моликияти зеҳнӣ бунёд месозад ва аз раёсати муассисаи таълимӣ соҳибҳуқуқии муаллифро ба объектҳои моликияти зеҳнӣ, ки дар ҷараёни фаъолияти меҳнатӣ офарида шудаанд, талаб менамояд, агар дар санадҳои меъёрии ҳуқуқии тартиби дигар пешбинӣ нашуда бошад.

10.7. Дар ҷаласаҳои кафедра, шурои олимон, шурои илмӣ-методӣ, садорат, ташкилотҳои ҷамъиятӣ ва ғ. ширкат меварзад.

ДАСТУРАМАЛИ ВАЗИФАВИИ МУАЛЛИМИ КАЛОНИ КАФЕДРАИ МУАССИСАИ ТАҲСИЛОТИ ОЛИИ КАСБӢ

Дастурамали мазкур дар заминаи Қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф», «Дар бораи таҳсилоти олии касбӣ ва таҳсилоти касбии баъд аз муассисаи олии таълимӣ», «Низомномаи намунавӣ оид ба муассисаи таълимии таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон» ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии соҳаи маориф таҳия шудааст.

1.Муқаррароти умумӣ

1. Вазифаи муаллими калони кафедраи муассисаи таҳсилоти олии касбӣ ба фаъолияти хидматии ҳайати омӯзгорон дахл дошта, он бо сабаби нарасидани мутахассисони дорои дараҷаи илмӣ дар кафедраи муассисаи таълимӣ ба фаъолияти таълимию тарбиявӣ машғул мебошад.

2. Ба вазифаи муаллими калон шахсе интихоб карда мешавад, ки собиқаи кори илмӣ-омӯзгории на камтар аз панҷсола дошта бошад. Ба ин вазифа маъмулан танҳо барои як давр аз ҷумлаи ассистент (ва ё муаллим)-они баландихтисос интихоб мегардад, ки дар сатҳи баланди ғоявию назариявӣ курси лексия ва дигар машғулиятҳои дарсиро барад ва фаъолияти илмию таҳқиқотиро бо муваффақият давом дода, дар муддати як давраи интихобшудааш рисолаи илмии номзадии хешро барои ҳимоя омода намояд. Дар сурати баъд аз рисолаи номзадиро ҳимоя кардан ва ба ин вазифа интихоб шудан дар ин муҳлат бояд на камтар аз ду дастури таълимию методӣ таҳия ва ба нашр расонида, ҳангоми дар кафедра ҷой доштани вазифаи дотсентӣ дар озмуни ишғоли вазифаи дотсентӣ иштирок намояд.

3. Бо муаллими калон, ки дар асоси озмун интихоб шудааст, мувофиқи қонунҳои амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ҳуҷҷатҳои меъёрии муассисаи таълимӣ шартномаи меҳнатӣ баста мешавад. Дар ҳолати интихоб шудани номзад ба вазифаи муаллими калон, тасдиқи ӯ ба ин вазифа (қабул ба кор) тибқи фармоиши ректори муассисаи таълимӣ амалӣ мешавад. Озодкунии муаллими калон аз вазифа низ тибқи фармоиши

ректори муассисаи таълимӣ дар асоси муқаррароти Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон сурат мегирад.

4. Пас аз ба анҷом расидани муҳлат (тибқи интихобот) муаллими калон мутобиқи талаботи «Низомномаи аттестатсияи омӯзгорон ва ҳайати роҳбарикунандаи муассисаи таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз аттестатсия ва интихобот гузашта, ба муҳлати дуюм танҳо дар мавридҳои истисноӣ, аз қабили рисолаи илмии номзадӣ, беморӣ, ҷалб гаштан ба кори интихобот, хусусиятҳои кафедра (кафедраҳои тарбияи ҷисмонӣ, тайёрии тиббӣ, тиббӣ-ташхисӣ, мудофиаи гражданӣ) ва дар сурати бо сифати баланд гузаронидани машғулиятҳои дарсӣ, корҳои илмию методӣ ва тарбиявӣ бо донишҷӯён ва ғайра метавонад дар озмуни ишғоли вазифа иштирок намояд.

5. Муаллими калони кафедраи муассисаи таълимӣ, ки дар як муҳлати интихобӣ рисолаи илмии номзадиашро барои ҳимоя пешниҳод намекунад, баробари ба анҷом расидани муҳлат бо тавсияи Комиссияи аттестатсионии муассисаи таълимӣ (бо қарори шурои олимони муассисаи таълимӣ) ба вазифаи ассистенти кафедра пешниҳод карда мешавад.

6. Муаллими калон бояд доир ба мазмун ва меъёрҳои ташкили ҷараёни таълим дар муассисаи таълимӣ, умуман доир ба фанни таълимӣ, тартиби мураттаб сохтани барномаҳои намунавӣ ва корӣ, дастурҳои таълимию методӣ, низоми ҳуҷҷатгузорӣ доир ба раванди таълим, педагогика, равоншиносӣ ва методикаи таълими касбӣ, шакл ва усулҳои ҳозиразамони таълим ва тарбияи донишҷӯён, усул ва меъёри ҳифзи меҳнат, ҳифзи бехатарӣ ва зидди сӯхтор таассуроти мукаммал дошта бошад.

7. Муаллими калон дар пешбурди фаъолияти худ мувофиқи қонунгузории амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Оиннома ва дигар санадҳои дохилии муассисаи таълимӣ ва низомномаи мазкур амал менамояд.

8. Муаллими калони кафедра дар мавриди иҷрои вазифаҳои хидматӣ дар назди мудири кафедра, садорати факултет ва раёсати муассисаи таълимӣ масъул мебошад.

2. Уҳдадориҳои муаллими калони кафедраи муассисаи таҳсилоти олии касбӣ

9. Муаллими калон дар доираи уҳдадориҳои худ:

9.1. Оинномаи муассисаи таълимӣ, Қоидаҳои тартиботи дохилии меҳнатии муассисаи таълимӣ, дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии соҳа, тартиботи истеҳсолӣ ва молиявиро риоя карда, ба уҳдадориҳои хизматии худ софдилона муносибат менамояд.

9.2. Моликияти муассисаи таълимиро ҳифз намуда, ахбор ва маълумотро, ки хусусияти тиҷоратӣ ё дигар дошта бошанд, фош намесозад.

9.3. Талабот оид ба ҳифзи меҳнат, техникаи бехатарӣ, беҳдошти истеҳсолӣ ва бехатарии зидди сӯхторро риоя менамояд.

9.4. Тибқи намунаи муайянгардида нақшаи инфиродӣ таҳия месозад. Нақшаи инфиродии омӯзгор ҳуҷҷати асосӣ ба шумор рафта, мазмуни солонаи фаъолияти ӯро муайян мекунад. Ҷиҳати иҷрои сарбории таълимӣ ҳисоботи хаттӣ пешниҳод менамояд.

9.5. Ҳаҷми сарбории таълимии муаллими калони унвондор ва муаллими калони беунвон тибқи талаботи банди 24-и «Дастурамал оид ба таҳияи сарбории таълимии ҳайати омӯзгорони муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон» (қарори мушовараи Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 29 майи соли 2017, №7/36) муайян карда мешавад.

9.6. Таълими донишҷӯёнро мувофиқи талаботи ҳадди ақали мазмуну мундариҷаи Стандарти давлатии таҳсилоти олии касбӣ оид ба ихтисосҳои роиҷи муассисаи таълимӣ ба роҳ монда, корҳои мустақилонаи онҳоро ташкил ва назорат мекунад.

9.7. Бо истифодаи шакл, усул ва воситаҳои нисбатан самараноки таълим, технологияи нави омӯзгорӣ самаранокии ҷараёни омӯзгорӣ ва илмиро дар асоси технологияи ҳозиразамони омӯзгорӣ ва иттилоотӣ таъмин намуда, истифодаи натиҷаҳои таҳқиқотҳои илмиро такмил медиҳад.

9.8. Дар ниҳоди донишҷӯён вобаста ба самти ихтисос дониш, малака ва маҳорати касбиро ташаккул дода, онҳоро барои дар амал татбиқ намудани донишҳои назариявиашон омода мекунад.

9.9. Дар коркарди барномаҳои намунавии таълимӣ, корӣ, дастурҳои таълимию методӣ иштирок намуда, барои татбиқи амалии онҳо (дар ҳаҷми пурра мувофиқ бо нақшаҳои таълимӣ ва ҷадвали ҷараёни таълим) уҳдадор мебошад.

9.10. Барномаи таълимӣ ва кории фанни таълимии худро мувофиқи талаботи муайян ва дар муҳлати муқарраршуда мураттаб ва таҷдиди назар месозад.

9.11. Бо риояи ҳуқуқ ва озодиҳои донишҷӯён корҳои мустақилонаи онҳоро ба нақша гирифта, роҳбарии онҳоро амалӣ месозад.

9.12.Тартиботи раванди таълимро риоя ва ҳолати давомоти донишҷӯёнро ба машғулиятҳои дарсӣ назорат мекунад.

9.13. Ба донишҷӯён тибқи реҷаи кории кафедра соатҳои машваратӣ мегузаронад.

9.14. Дар сатҳи илмию назариявӣ мунтазам ихтисоси худро такмил медиҳад.

9.15. Ба корҳои илмию таҳқиқотии донишҷӯён (кори курсӣ, рисолаи хатм, реферат, маъруза ва ғайра) аз рӯйи масъалаҳое, ки ба самти фаъолияти илмиаш робита доранд, роҳбарӣ мекунад.

9.16. Корҳои илмию таҳқиқотиро ташкил ва дараҷаи баланди илмӣ, роҳбарӣ ва ҷалби донишҷуёнро ба ин корҳо таъмин менамояд.

9.17. Ба комёбиҳои таълимии донишҷӯён бо истифода аз технологияи иртиботӣ ва иттилоотии

баҳодиҳӣ, чун имтиҳони хаттӣ, тестӣ ва ғайра воқеъбинона баҳогузорӣ менамояд.

9.18.Дастурҳои таълимӣ-методиро доир ба фанни таълимӣ таҳия менамояд ва ҷиҳати кумак ба донишҷӯён маводи методӣ таҳия ва коркард мекунад.

9.19. Дар раванди фаъолияти худ мақолаҳои илмӣ, маърузаҳо дар кафедра ва конференсияҳо, матнҳои лексия (ёддошт-конспект), маҷмуа барои дарсҳои амалӣ ва лабораторӣ, нашрҳои видеоӣ, лексияҳои телевизионӣ, дигар маводи таълимию методӣ, аз ҷумла, маводи методӣ доир ба иҷрои корҳои курсӣ ва рисолаи хатмро таълиф ва таҳия менамояд.

9.20. Бо супориши мудири кафедра дар омодасозӣ ва гузаронидани чорабиниҳои гуногун, конференсияҳои назариявию амалӣ, олимпиадаи донишҷӯён, гузаронидани корҳо оид ба тамоюли касбии ҷавонон ҳангоми дохилшавӣ ба муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ, ҳамчунин ба шуъбаҳои тайёрӣ иштирок мекунад.

9.21. Дар маҷлисҳои кафедра ширкат варзида, тибқи нишондоди маҷлисҳои коллективи меҳнатӣ, инчунин дар ҳолати интихоб шудан ё интихоб намудан ба сифати вакил ба конференсияҳои кормандони илмию омӯзгорӣ ва дигар категорияҳои кормандон ва таълимгирандагони муассисаи таълимӣ дар ҷаласаҳои конференсия иштирок ва пешниҳодҳо манзур месозад.

9.22. Супоришҳои алоҳидаи ректор, муовини ректор, декани факултет ва мудири кафедраро дар чорчӯбаи уҳдадориҳои меҳнатии худ иҷро мекунад.

9.23. Ба муассисаҳои таҳсилоти умумӣ, асосӣ муассисаҳои таҳсилоти ибтидоӣ ва миёнаи касбӣ кумаки таълимию методӣ мерасонад.

3.Ҳуқуқ ва вазифаҳои муаллими калони кафедраи муассисаи таҳсилоти олии касбӣ

10. Муаллими калон дар доираи ҳуқуқ ва вазифаҳои худ:

10.1. Бо тартиби муқарраршуда дар шурои олимони муассисаи таълимӣ ва факултет (кафедраҳои умумидонишгоҳӣ (донишкадавӣ) интихоб мешавад.

10.2. Ба мудири кафедра вобаста ба масъалаҳои фаъолияти худ дархост ирсол мекунад, дар муҳокимаи фаъолияти кафедра, факултет, муассисаи таълимӣ иштирок намуда, доир ба масъалаҳои гуногун пешниҳод манзур месозад.

10.3. Мазмуни курсҳои таълимиро мувофиқи талаботи ҳадди ақали мазмуну мундариҷаи стандартҳои давлатии таҳсилоти олии касбӣ оид ба ихтисосҳои роиҷи муассисаи таълимӣ муайян мекунад.

10.4. Усулҳо ва воситаҳои нави таълимро, ки ба хусусиятҳои инфиродии ӯ нисбатан пурра мувофиқ буда, сифати баланди таълимро таъмин менамоянд, интихоб мекунад.

10.5. Барои иҷрои уҳдадориҳои вазифавиаш аз роҳбарият ва кормандони қисмҳои сохторӣ маълумот ва ҳуҷҷатҳо талаб менамояд.

10.6. Дастуру супоришҳои раёсати муассисаи таълимиро тибқи тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории амалкунанда иҷро менамояд.

10.7. Аз хизматгузории китобхона, марказҳои интернетӣ, фондҳои иттилоотии қисмҳои таълим ва илм, инчунин аз хизматгузориҳои сохторҳои таркибии муассисаи таълимӣ тибқи тартиботи муқарраргардида ройгон истифода мебарад.

10.8. Дар ҷараёни фаъолияти омӯзгорӣ объектҳои моликияти зеҳнӣ бунёд месозад ва аз раёсати муассисаи таълимӣ соҳибҳуқуқии муаллифро ба объектҳои моликияти зеҳнӣ, ки дар ҷараёни фаъолияти меҳнатӣ офарида шудаанд, талаб менамояд, агар дар санадҳои меъёрии ҳуқуқии тартиби дигар пешбинӣ нашуда бошад.

10.9. Дар ҷаласаҳои кафедра, шурои олимон, шурои илмӣ-методӣ, садорат, ташкилотҳои ҷамъиятӣ ва ғ. ширкат меварзад.

ДАСТУРАМАЛИ ВАЗИФАВИИ ДОТСЕНТИ КАФЕДРАИ МУАССИСАИ ТАҲСИЛОТИ ОЛИИ КАСБӢ

Дастурамали мазкур дар асоси Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф», Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи таҳсилоти олии касбӣ ва таҳсилоти касбии баъд аз муассисаи олии таълимӣ», «Низомномаи намунавӣ оид ба муассисаи таълимии таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон» ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии соҳаи маориф таҳия шудааст.

1.Муқаррароти умумӣ

1. Вазифаи дотсенти кафедраи муассисаи таҳсилоти олии касбӣ ба фаъолияти хидматии ҳайати омӯзгорон дохил мешавад.

2. Ба вазифаи дотсент шахсе интихоб карда мешавад, ки собиқаи кори илмӣ-омӯзгории на камтар аз панҷсола дошта бошад. Дорои дараҷаи илмии номзади илм, мақолаҳои илмӣ ва дастурҳои таълимию методӣ бошад, ки дар 3 соли охир нашр шудаанд.

3. Бо дотсент, ки дар асоси озмун интихоб шудааст, мувофиқи қонунҳои амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ҳуҷҷатҳои меъёрии муассисаи таълимӣ шартномаи меҳнатӣ баста мешавад. Дар ҳолати интихоб шудани номзад ба вазифаи дотсент, тасдиқи ӯ ба ин вазифа (қабул ба кор) тибқи фармоиши ректори муассисаи таълимӣ амалӣ мешавад. Озодкунии дотсент аз вазифа низ тибқи фармоиши ректори муассисаи таълимӣ дар асоси муқаррароти Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон сурат мегирад.

4. Ҳаҷми сарбории таълимии дотсент (номзади илм) ва дотсент (бе унвони илмӣ) тибқи талаботи банди 24-и «Дастурамал оид ба таҳияи сарбории таълимии ҳайати омӯзгорони муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Чумҳурии Тоҷикистон» (қарори мушовараи Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 29 майи соли 2017, №7/36) муайян карда мешавад.

5. Дар давраи кор аз рӯйи шартнома (бо шарти он ки агар шартнома ба муҳлати то 5 сол баста шуда

бошад) бояд тибқи тартиби муайянгардида на кам аз 100 соат машғулияти лексионӣ гузарад, на кам аз 5 кори илмӣ (мақолаҳо ва ихтироот) ва 1 воситаи таълимӣ аз рӯйи курси лексионӣ, ки таълим медиҳад, ба табъ расонад, ба 4 кори курсӣ ва ё кори хатм ва ё магистрии донишҷӯён роҳбарӣ кунад, инчунин бо маърузаҳо дар конференсияҳои илмӣ-амалии донишгоҳӣ, минтақавӣ ва байналмилалӣ баромад намояд.

6. Дотсент дар асоси Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф», Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи таҳсилоти олии касбӣ ва таҳсилоти касбии баъд аз муассисаи олии таълимӣ», «Низомномаи намунавӣ оид ба муассисаи таълимии таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон», фармоишҳо, низомномаҳо ва мактубҳои Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон, Оиннома, фармоишҳо, дастурҳои ректори муассисаи таҳсилоти олии касбӣ, муовинони он, декани факултет, мудири кафедра, қарорҳои шурои олимони факултет ва муассисаи таҳсилоти олии касбӣ фаъолият менамояд.

7. Дотсент бояд доир ба мазмун ва меъёрҳои ташкили ҷараёни таълим дар муассисаи таълимӣ, умуман доир ба фанни таълимӣ, тартиби мураттаб сохтани барномаҳои намунавӣ ва корӣ, дастурҳои таълимию методӣ, низоми ҳуҷҷатгузорӣ доир ба раванди таълим, педагогика, равоншиносӣ ва методикаи таълими касбӣ, шакл ва усулҳои ҳозиразамони таълим ва тарбияи донишҷӯён, усул ва меъёри ҳифзи меҳнат, ҳифзи бехатарӣ ва зидди сӯхтор таассуроти мукаммал дошта бошад.

8. Дотсенти кафедра дар пешбурди фаъолияти худ мувофиқи қонунгузории амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Оиннома ва дигар санадҳои дохилии муассисаи таълимӣ ва низомномаи мазкур амал менамояд.

9. Дотсенти кафедра дар мавриди иҷрои вазифаҳои хидматӣ дар назди мудири кафедра, садорати факултет ва раёсати муассисаи таълимӣ масъул мебошад.

2. Уҳдадориҳои дотсенти кафедраи муассисаи таҳсилоти олии касбӣ

10. Дотсент дар доираи уҳдадориҳои худ:

10.1. Дар коркарди консепсия ва стратегияи рушди таҳсилоти олии касбӣ, нақшаҳо ва барномаҳои таълимӣ, ки аз ҷониби кафедра дар зинаҳои бакалавриат ва магистратура татбиқ мешаванд, ширкат меварзад.

10.2. Курсҳои лексионӣ, машғулиятҳои амалӣ, семинарҳо, коллоквиумҳо, машваратҳо, санҷишҳо, мусоҳибаҳо ва имтиҳонҳо мегузаронад.

10.3. Ба таҷрибаомӯзиҳои донишҷӯён роҳбарӣ мекунад.

10.4. Дар кори комиссияи аттестатсияи хатми донишҷӯён, қабули имтиҳони дохилшавӣ ба магистратура, докторантура PhD, аспирантура ва шуроҳои ҳимояи рисолаи номзадӣ ширкат меварзад.

10.5. Ба корҳои таҳқиқотии бунёдӣ ва амалии яке аз самтҳои кафедра, корҳои таҳқиқотии омӯзгорони ҷавони кафедра (ассистентон ва муаллимони калон), донишҷӯён ва тайёр намудани ҳисоботу нашри натиҷаҳои таҳқиқот роҳбарӣ мекунад.

10.6. Аз рӯйи фанҳои таълимие, ки ба уҳдаи ӯ вогузор шудаанд, барномаи таълимӣ таҳия менамояд ва машғулиятҳои лексионӣ мегузарад.

10.7. Сифати баргузории ҳама гуна машғулиятҳои дарсиро, ки ба уҳдаи ӯ вогузор шудааст, аз ҷониби омӯзгорони кафедра назорат мекунад.

10.8. Дар корҳои илмию методии кафедра дар ҳайати комиссияи методӣ аз рӯйи ихтисосҳо ё шурои илмию методии факултет иштирок мекунад.

10.9.Корҳои илмию таҳқиқотии донишҷӯёнро ташкил ва ба онҳо роҳбарӣ намуда, дар кори ҷамъияти илмии донишҷӯён ширкат меварзад ва барои ҷалби донишҷӯён ҷиҳати иштирок дар корҳои таҳқиқотӣ тадбирҳо меандешад.

10.10. Дар такмили ихтисоси ҳайати кормандони кафедра иштирок намуда, ба омӯзгорони ҷавон баҳри

ҳосил намудани малакаҳои омӯзгорӣ ва маҳорати касбӣ кумак мерасонад.

10.11.Корҳои мустақилонаи донишҷӯёнро вобаста ба фанни таълимие, ки ба уҳдаи ӯ вогузор шудааст, тарҳрезӣ ва иҷрои онҳоро назорат менамояд.

10.12. Қоидаҳои ҳифзи меҳнат ва зидди сӯхторро риоя менамояд.

10.13. Дар таҳкими пояи моддию техникии кафедра ширкати фаъолона менамояд.

10.14. Дар ташкили чорабиниҳои беруназаудиторӣ, ки дорои характери таълимӣ, истеҳсолӣ ва тарбиявӣ мебошанд, ширкат меварзад.

10.15. Дар замири донишҷӯён ҷаҳонбинии илмӣ, мустақилият ва ҳисси ҷавобгарӣ, принсипҳои арзишноки маънавиро ташаккул медиҳад.

10.16. Ба ташаккули шаҳрвандӣ ва касбии шахсияти донишҷӯён мусоидат мекунад.

10.17. Барои такмили ихтисос ва корҳои илмию омӯзгории худ тадбирҳо меандешад.

3.Ҳуқуқ ва вазифаҳои дотсенти кафедраи муассисаи таҳсилоти олии касбӣ

11. Дотсенти кафедра дар доираи ҳуқуқ ва вазифаҳои худ:

11.1. Ба шурои олимони факултет ва муассисаи таълимӣ интихоб мешавад ё интихоб менамояд.

11.2. Дар фаъолияти сохторҳои таркибии муассисаи таълимӣ, ки масъалаҳои вобаста ба фаъолияти кафедра муҳокима ва баррасӣ мешаванд, иштирок менамояд.

11.3. Вобаста ба тағйир ва такмил додани нақшаи кории кафедра, барномаҳои корӣ ва маводи дигари таълимии кафедра ва тасдиқи онҳо ба мудири кафедра пешниҳодҳо манзур месозад.

11.4. Ба муҳокимаи кафедра вобаста ба такмили корҳои таълимӣ, таълимию методӣ, илмию методӣ ва илмию таҳқиқотӣ таклифҳо пешниҳод менамояд.

11.5. Ҳама гуна машғулиятҳои дарсии вобаста ба фанҳои ба уҳдаи ӯ вогузоршударо, ки аз ҷониби омӯзгорони кафедра таълим дода мешаванд, назорат карда, вобаста ба зарурат ҷиҳати беҳтар шудани сифати машғулиятҳои дарсӣ таклифҳо манзур месозад.

11.6. Тибқи муқаррароти ҷорӣ ҳайати омӯзгорон, ҳайати кормандони техникию ёрирасон, донишҷӯён, ҳамчунин кормандони кафедраҳои дигарро ба иҷрои корҳои илмию таҳқиқотӣ ҷалб менамояд.

11.7. Ба корҳои илмии аспирантон ва унвонҷӯён роҳбарӣ менамояд.

11.8.Ҷиҳати ҳавасмандсозии донишҷӯён, магистрантон, докторантони PhD барои комёбиҳо ва иштироки фаъолона дар корҳои илмию таҳқиқотӣ ба мудири кафедра пешниҳод манзур месозад.

11.9. Усул ва васоити таълимро интихоб ва маводи таълимиро аз рӯйи методикаи худ баён мекунад, барои таҳқиқоти илмӣ мавзуъ ва усули таҳқиқро низ худ интихоб менамояд.

11.10. Ҳайати кормандони техникию ёрирасон, инчунин магистрантону донишҷӯёни кафедраро ба корҳои вобаста ба ташкил ва таъмини раванди таълим, омодасозии фонди аудиторӣ ба соли таҳсил, азнавҷиҳозонидани лабораторияҳои кафедра ҷалб менамояд.

11.11. Аз ҳама гуна хадамоти амалкунандаи муассисаи таҳсилоти олии касбӣ ба таври ройгон истифода мекунад.

11.12. Дар муҳокима ва баррасии масъалаҳои марбути муассисаи таҳсилоти олии касбӣ ширкат меварзад.

11.13. Тибқи қонунҳои амалкунанда ба амру фармоишҳои роҳбарияти муассисаи таҳсилоти олии касбӣ бо ариза мурочиат мекунад.

ДАСТУРАМАЛИ ВАЗИФАВИИ ПРОФЕССОРИ КАФЕДРАИ МУАССИСАИ ТАҲСИЛОТИ ОЛИИ КАСБӢ

Дастурамали мазкур дар асоси Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф», Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи таҳсилоти олии касбӣ ва таҳсилоти касбии баъд аз муассисаи олии таълимӣ», «Низомномаи намунавӣ оид ба муассисаи таълимии таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон» ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии соҳаи маориф таҳия шудааст.

1.Муқаррароти умумӣ

1. Вазифаи профессори кафедраи муассисаи таҳсилоти олии касбӣ ба фаъолияти хидматии ҳайати омӯзгорон дохил мешавад.

2. Ба вазифаи профессор шахсе интихоб карда мешавад, ки собиқаи кори илмӣ-омӯзгории на камтар аз панҷсола ва дараҷаи доктори илм аз рӯйи самти кафедра дошта бошад. Ба таври истисно, ба вазифаи профессор мутахассисони баландихтисос, ки дараҷаи номзади илм, таҷриба ва собиқаи калони кории илмӣ-омӯзгорӣ (на кам аз 10 сол) доранд, қабул карда мешаванд.

3. Бо профессори кафедра, ки дар асоси озмун интихоб шудааст, мувофиқи қонунҳои амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ҳуҷҷатҳои меъёрии муассисаи таълимӣ шартномаи меҳнатӣ баста мешавад. Дар ҳолати интихоб шудани номзад ба вазифаи профессор, тасдиқи ӯ ба ин вазифа (қабул ба кор) тибқи фармоиши ректори муассисаи таълимӣ амалӣ мешавад. Озодкунии профессор аз вазифа низ тибқи фармоиши ректори муассисаи таълимӣ дар асоси муқаррароти Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон сурат мегирад.

4. Дар давраи фаъолияти корӣ аз рӯйи шартнома (ба шарте, ки агар шартнома то 5 сол баста шуда бошад) бояд аз рӯйи тартиби муайянгардида на кам аз 100 соат машғулияти лексионӣ гузарад, на кам аз 5 кори илмӣ (мақолаҳо ва ихтироот) ё монография ва 1 воситаи таълимӣ аз рӯйи курси лексионӣ, ки таълим

медиҳад, ба табъ расонад, ба 5 кори курсӣ ва ё рисолаи хатм ё магистрии донишҷӯён роҳбарӣ намояд, 2 нафар аспирантонаш, ки роҳбариашро ба уҳда гирифтааст, ҳимоя карда бошанд, инчунин бо маърузаҳо дар конференсияҳои илмӣ-амалии муассисаи таълимӣ, минтақавӣ ва байналмилалӣ баромад намояд.

5. Ҳаҷми сарбории таълимии профессор, доктори илм ва профессор, номзади илм тибқи талаботи банди 24-и «Дастурамал оид ба таҳияи сарбории таълимии ҳайати омӯзгорони муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон» (қарори мушовараи Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 29 майи соли 2017, №7/36) муайян карда мешавад.

6. Профессор дар асоси Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф», Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи таҳсилоти олии касбӣ ва таҳсилоти касбии баъд аз муассисаи олии таълимӣ», «Низомномаи намунавӣ оид ба муассисаи таълимии таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон», фармоишҳо, низомномаҳо ва мактубҳои Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон, Оиннома, фармоишҳо, дастурҳои ректори муассисаи таҳсилоти олии касбӣ, муовинони он, декани факултет, мудири кафедра, қарорҳои шуроҳои олимони факултет ва муассисаи таҳсилоти олии касбӣ фаъолият менамояд.

7. Профессори кафедра бояд дар бораи қонунҳо, қарорҳои ҳукумати ҷумҳурӣ, санадҳои меъёрии ҳуқуқии таҳсилоти олии касбӣ, санадҳои меъёрии ҳуқуқии соҳавӣ, назария ва усулҳои идораи низоми таҳсилот, стандартҳои давлатии таҳсилоти олии касбӣ, тартиби таҳияи нақшаҳои таълимӣ, ҳуҷҷатгузорӣ, банақшагирӣ ва ташкили ҳама гуна машғулиятҳои дарсӣ ва корҳои таълимӣ, ташкили корҳои илмию методӣ ва илмию таҳқиқотӣ, асосҳои қонунгузории меҳнат ва маъмурӣ, қоидаҳои ҳифзи меҳнат ва зидди сӯхтор таассуроти комил дошта бошад.

8. Профессори кафедра дар мавриди иҷрои вазифаҳои хидматӣ дар назди мудири кафедра,

садорати факултет ва раёсати муассисаи таълимӣ масъул мебошад.

2. Уҳдадориҳои профессори кафедраи муассисаи таҳсилоти олии касбӣ

10. Профессор дар доираи уҳдадориҳои худ:

10.1. Дар коркарди консепсия ва стратегияи рушди таҳсилоти олӣ, нақшаҳо ва барномаҳои таълимӣ, ки аз ҷониби кафедра дар зинаҳои бакалавриат ва магистратура татбиқ мешаванд, ширкат меварзад.

10.2.Курсҳои лексионӣ, машғулиятҳои амалӣ, семинарҳо, коллоквиумҳо, машваратҳо, санҷишҳо, мусоҳибаҳо ва имтиҳонҳо мегузаронад.

10.3. Ба таҷрибаомӯзиҳои донишҷӯён роҳбарӣ мекунад.

10.4. Дар кори комиссияи аттестатсияи хатми донишҷӯён, қабули имтиҳони дохилшавӣ ба магистратура, докторантура PhD, аспирантура, шуроҳои ҳимояи рисолаҳои номзадӣ ва докторӣ ширкат меварзад.

10.5. Ба корҳои таҳқиқотии бунёдӣ ва амалии яке аз самтҳои кафедра, корҳои таҳқиқотии омӯзгорони ҷавони кафедра (ассистентон ва муаллимони калон), донишҷӯён ва тайёр намудани ҳисоботу нашри натиҷаҳои таҳқиқот роҳбарӣ мекунад.

10.6. Аз рӯйи фанҳои таълимие, ки ба уҳдаи ӯ вогузор шудаанд, барномаи таълимӣ таҳия ва коркард намуда, ҳама гуна машғулиятҳои лексионӣ мегузарад.

10.7. Сифати баргузории ҳама гуна машғулиятҳои дарсиро, ки ба уҳдаи ӯ вогузор шудаанд, аз ҷониби омӯзгорони кафедра назорат мекунад.

10.8. Дар корҳои илмию методии кафедра дар ҳайати комиссияи методӣ аз рӯйи ихтисосҳо ё шурои илмию методии факултет иштирок мекунад.

10.9. Корҳои илмию таҳқиқотии донишҷӯёнро ташкил ва ба онҳо роҳбарӣ намуда, дар кори ҷамъияти илмии донишҷӯён ширкат меварзад ва барои ҷалби

донишҷӯён ҷиҳати иштирок дар корҳои таҳқиқотӣ тадбирҳо меандешад.

10.10. Дар такмили ихтисоси ҳайати кормандони кафедра иштирок намуда, ба омӯзгорони ҷавон баҳри ҳосил намудани малакаҳои омӯзгорӣ ва маҳорати касбӣ кумак мерасонад.

10.11.Корҳои мустақилонаи донишҷӯёнро вобаста ба фанни таълимие, ки ба уҳдаи ӯ вогузор шудааст, тарҳрезӣ ва иҷрои онҳро назорат менамояд.

10.12. Қоидаҳои ҳифзи меҳнат ва зидди сӯхторро риоя менамояд.

10.13. Дар таҳкими пояи моддию техникии кафедра ширкати фаъолона меварзанд.

10.14. Дар ташкили чорабиниҳои беруназаудиторӣ, ки дорои характери таълимӣ, истеҳсолӣ ва тарбиявӣ мебошанд, ширкат меварзад.

10.15. Дар замири донишҷӯён ҷаҳонбинии илмӣ, мустақилият ва ҳисси ҷавобгарӣ, принсипҳои арзишноки маънавиро ташаккул медиҳад.

10.16. Ба ташаккули шаҳрвандӣ ва касбии шахсияти донишҷӯён мусоидат мекунад.

10.17. Барои такмили ихтисос ва корҳои илмию омӯзгории худ тадбирҳо меандешад.

10.18. Дар муайянсозии самтҳои асосии тайёр намудани мутахассисони ҷавон вобаста ба фаъолияти кафедра саҳм мегузорад.

10.19. Дар татбиқи барномаи ислоҳот ва рушди таҳсилоти олии касбӣ иштирок мекунад.

10.20. Барои баланд бардоштани таълиму тарбия ва рушди низоми тайёр намудани кадрҳои илмии муассисаи таълимӣ ва салоҳиятнокии омӯзгорони кафедра чораҳои мушаххас меандешад.

10.21. Ба кори методии кафедра роҳбарӣ карда, дар масоили такмили воситаҳои моддию техникии таълим ба кормандони кафедра кумак мерасонад.

10.22. Дар таълифи китобҳои дарсӣ ва дастурҳои илмию методӣ саҳм мегузорад.

10.23. Дар самти омода кардани мутахассисони илмию омӯзгорӣ (аспирантон, унвонҷӯён, магистрон ва докторантони PhD) роҳбарӣ менамояд.

10.24. Вобаста ба самти илмии кафедра курс ва семинарҳои махсус омода карда, ба донишҷӯён таълим медиҳад.

3.Ҳуқуқ ва вазифаҳои профессори кафедраи муассисаи таҳсилоти олии касбӣ

11. Профессор дар доираи ҳуқуқ ва вазифаҳои худ:

11.1. Ба шуроҳои олимони факултет ва муассисаи таълимӣ интихоб мешавад ё интихоб менамояд.

11.2. Дар фаъолияти сохторҳои таркибии муассисаи таълимӣ, ки масъалаҳои вобаста ба фаъолияти кафедра муҳокима ва баррасӣ мешаванд, иштирок менамояд.

11.3. Вобаста ба тағйир ва такмил додани нақшаи кории кафедра, барномаҳои корӣ ва маводи дигари таълимии кафедра ва тасдиқи онҳо ба мудири кафедра пешниҳодҳо манзур месозад.

11.4. Ба муҳокимаи кафедра вобаста ба такмили корҳои таълимӣ, таълимию методӣ, илмию методӣ ва илмию таҳқиқотӣ таклифҳо пешниҳод менамояд.

11.5. Ҳама гуна машғулиятҳои дарсии вобаста ба фанҳои ба уҳдаи ӯ вогузоршударо, ки аз ҷониби омӯзгорони кафедра таълим дода мешаванд, назорат карда, вобаста ба зарурат ҷиҳати беҳтар шудани сифати машғулиятҳои дарсӣ таклифҳо манзур месозад.

11.6. Тибқи муқаррароти ҷорӣ ҳайати омӯзгорон, ҳайати кормандони техникию ёрирасон, донишҷӯён, ҳамчунин кормандони кафедраҳои дигарро ба иҷрои корҳои илмию таҳқиқотӣ ҷалб менамояд.

11.7. Ба корҳои илмии магистрон ва унвонҷӯён роҳбарӣ менамояд.

11.8. Ҷиҳати ҳавасмандсозии донишҷӯён ва магистрон барои комёбиҳо ва иштироки фаъолона дар корҳои илмию таҳқиқотӣ ба мудири кафедра пешниҳод манзур месозад.

11.9. Усул ва васоити таълимро интихоб ва маводи таълимиро аз рӯйи методикаи худ баён мекунад, барои таҳқиқоти илмӣ мавзуъ ва усули таҳқиқро низ худ интихоб менамояд.

11.10.Ҳайати кормандони техникию ёрирасон, инчунин магистрантон, докторантони PhD ва донишҷӯёни кафедраро ба корҳои вобаста ба ташкил ва таъмини раванди таълим, омодасозии фонди аудиторӣ ба соли таҳсил, азнавҷиҳозонидани лабораторияҳои кафедра ҷалб менамояд.

11.11. Аз ҳама гуна хадамоти амалкунандаи муассисаи таҳсилоти олии касбӣ ба таври ройгон истифода мекунад.

11.12. Дар муҳокима ва баррасии масъалаҳои марбути муассисаи таҳсилоти олии касбӣ ширкат меварзад.

11.13. Қонунҳои амалкунанда ва амру фармоишҳои роҳбарияти муассисаи таҳсилоти олии касбиро риоя намояд.

11.14. Ташхиси корҳои илмӣ ва методӣ (мақолаҳо, монографияҳо, китобҳои дарсӣ, барномаҳои таълимӣ ва ғ.)-ро мегузаронад.

11.15. Дар байни кормандони кафедра семинарҳои назариявӣ мегузаронад.

11.16. Ба ҳама гуна муассисаҳои таълимӣ кумаки илмӣ, методӣ ва амалӣ мерасонад.

Бо фармоиши вазири маориф
ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон
аз 7.07.2020, №1856 тасдиқ шудааст,
дар Вазорати адлияи Ҷумҳурии
Тоҷикистон аз 19.08.2020, №568
“б” ба қайд гирифта шудааст.

ТАРТИБИ ХОРИҶ, БАРҚАРОР ВА ИНТИҚОЛИ ДОНИШҶӮЁНИ МУАССИСАҲОИ ТАҲСИЛОТИ ОЛИИ КАСБИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

1.МУҚАРРАРОТИ УМУМӢ

1. Тартиби хориҷ, барқарор ва интиқоли донишҷӯёни муассисаи таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд - Тартиб) тартиби аз муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон хориҷ, барқарор ва интиқоли донишҷӯёнро муайян менамояд.

2. Ҳолатҳои барқарор ва интиқол намудани донишҷӯёни муассисаи таҳсилоти олии касбӣ дар комиссияи барқарор ва интиқол, ки дар назди қисми таълим бо фармоиши ректори (директор) муассисаи таҳсилоти олии касбӣ таъсис дода мешавад, баррасӣ мегардад.

3. Фаъолияти комиссияи барқарор ва интиқоли донишҷӯён дар як соли таҳсил ду маротиба (нимсолаи якум ва дуюм) то оғози ҳар даври академӣ ба роҳ монда мешавад.

2. ТАРТИБИ УМУМИИ ХОРИҶ, БАРҚАРОР ВА ИНТИҚОЛ

4. Донишҷӯ дар ҳолатҳои зерин аз муассисаи таҳсилоти олии касбӣ хориҷ карда мешавад:

- дар асоси ариза бо хоҳиши худи донишҷӯ;
- бо сабаби интиқол гирифтан ба муассисаи таҳсилоти олии касбии дигар;
- барои давомоти нокифоя дар як даври академӣ, яъне бесабаб дар ҳаҷми зиёда аз 48 соат ба дарсшиканӣ роҳ додан;
- тибқи шартнома дар муҳлати муқарраршуда барои пардохт накардани маблағи таҳсил;
- барои пас аз рухсатии академӣ сари вақт идома надодани таҳсил;
- бо сабаби қарзи академӣ доштан;
- дар триместр бартараф накардани қарзи академӣ аз як ё ду фанни таълимӣ новобаста аз пайдарпайии ҳатмии омӯзиши он;
- ба муассисаи таълимӣ омадан бо идора намудани воситаҳои нақлиёти механикӣ (бе ҳуқуқи барқароршавӣ ба муддати се сол);

- барои вайрон кардани қоидаҳои тартиботи дохилӣ ва оинномаи муассисаи таҳсилоти олии касбӣ;

- барои содир кардани ҷиноят;

- пас аз фавт;

-дигар ҳолатҳои пешбининамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон.

5. Миқдори кредитҳое, ки донишҷӯ то хориҷшавӣ ё интиқол дар давраи таҳсил ҷамъоварӣ намудааст, ҳангоми барқарор шудан ё интиқол ёфтани ӯ пурра ба инобат гирифта мешаванд.

6. Донишҷӯе, ки пас аз хориҷшавӣ хоҳиши барқарор шуданро дорад, бояд ба роҳбарияти муассисаи таҳсилоти олии касбӣ бо ариза мурочиат намояд. Ба ариза маълумотномаи академӣ (транскрипт) ва иқтибос аз фармоиши хориҷ замима карда мешавад.

7. Донишҷӯе, ки хоҳиши аз як муассисаи таҳсилоти олии касбӣ ба муассисаи таҳсилоти олии касбии дигар ва дар як муассисаи таҳсилоти олии касбӣ аз як ихтисос ба ихтисоси дигар, аз як шакли таҳсил (рӯзона, фосилавӣ) ба шакли дигар интиқол гирифтанро дорад, бояд ба роҳбарияти муассисаи таҳсилоти олии касбӣ бо ариза мурочиат намояд. Ба ариза маълумотномаи академӣ (транскрипт) замима карда мешавад.

8. Дар маълумотномаи академӣ (транскрипт) номгӯи фанҳои таълимӣ, ҳаҷми кредитҳо ва баҳои донишҷӯ вобаста ба ҳар як даври академӣ мувофиқи нақшаи таълим ба қайд гирифта шуда, бо имзои муовини ректор (директор) оид ба таълим, декани факултет, мутахассиси маркази бақайдгирӣ ва машваратӣ ва муҳри нишондори муассисаи таҳсилоти олии касбӣ тасдиқ мегардад.

9. Муҳлати бартараф кардани қарзҳои академӣ барои донишҷӯе, ки бо сабаби доштани қарзҳои академӣ аз муассисаи таҳсилоти олии касбӣ хориҷ шудааст ва ё супоридани фарқият аз рӯйи нақшаҳои таълим барои донишҷӯе, ки аз як муассисаи таҳсилоти олии касбӣ ба муассисаи таҳсилоти олии касбии дигар ва дар як муассисаи таҳсилоти олии касбӣ аз як ихтисос

ба ихтисоси дигар, аз як шакли таҳсил (рӯзона, фосилавӣ) ба шакли дигар интиқол ва ё барқарор мешавад, дар ҳафтаҳои таълими назариявии як даври академӣ муқаррар карда мешавад.

10. Донишҷӯе, ки дар нимсолаи дуюми соли таҳсил бо сабаби доштани қарзи академӣ (на зиёда ду фанни таълимӣ) аз муассисаи таҳсилоти олии касбӣ хориҷ шудааст, дар сурати барқароршавӣ ба ихтисоси худаш ҳангоми фаъолияти комиссияи тобистона (дар соли оянда) қарзҳои академиро ҳамчун фарқият бартараф намуда, барқарор карда мешавад. Донишҷӯе, ки дар нимсолаи дуюми соли таҳсил бо сабаби доштани қарзи академӣ (зиёда ду фанни таълимӣ) аз муассисаи таҳсилоти олии касбӣ хориҷ шудааст, аз ибтидои ҳамон нимсолае, ки хориҷ шудааст, барқарор шуда, таҳсилро идома медиҳад.

11. Донишҷӯи курси дуюм ва курси болоии муассисаи таҳсилоти олии касбӣ, ки дар нимсолаи якуми соли таҳсил бо сабаби доштани қарзи академӣ (на зиёда аз ду фанни таълимӣ) аз муассисаи таҳсилоти олии касбӣ хориҷ шудааст, дар сурати барқароршавӣ ба ихтисоси худаш ҳангоми фаъолияти комиссияи зимистона (дар соли оянда) қарзҳои академиро ҳамчун фарқият бартараф намуда, барқарор карда мешавад. Донишҷӯе, ки дар нимсолаи якуми соли таҳсил бо сабаби доштани қарзи академӣ (зиёда аз ду фанни таълимӣ) аз муассисаи таҳсилоти олии касбӣ хориҷ шудааст (ба истиснои курси якум), аз ибтидои ҳамон нимсолае, ки хориҷ шудааст, барқарор шуда, таҳсилро идома медиҳад. Донишҷӯи курси якум, ки дар нимсолаи якум бо сабаби доштани қарзи академӣ (на зиёда аз ду фанни таълимӣ) аз муассисаи таҳсилоти олии касбӣ хориҷ шудааст, соли оянда баъд аз супоридани фарқияти санҷишу имтиҳонҳо ба курси якум (аз нимсолаи дуюм) барқарор карда мешавад.

12. Интиқоли донишҷӯе, ки тибқи квотаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ қабул гардидааст, дар асоси

Қоидаҳои қабули донишҷӯён ба муассисаҳои таҳсилоти олии касбии ҷумҳурӣ тибқи квотаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1 майи соли 2020, №254 тасдиқ шудааст, ба роҳ монда мешавад.

13. Барқароршавии донишҷӯе, ки аз нимсолаи дуюми курси якум бо сабабҳои узрнок (беморӣ, қарздории академӣ, пардохт накардани маблағи таҳсил, сафарбар шудан ба сафи Қувваҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва вазъи оилавӣ) хориҷ шудааст, бо пешниҳоди ҳуҷҷатҳои тасдиққунанда ба амал бароварда мешавад.

14. Интиқоли донишҷӯи курси якум аз як муассисаи таҳсилоти олии касбӣ ба муассисаи таҳсилоти олии касбии дигар ва дар як муассисаи таҳсилоти олии касбӣ аз як ихтисос ба ихтисоси дигар ё аз як шакли таҳсил ба шакли дигар баъд аз даври академии якум ба роҳ монда мешавад.

15. Донишҷӯи курси дуюм новобаста аз фарқияти санҷишу имтиҳонҳо ба курси дуюми ихтисоси мувофиқи муассисаи таҳсилоти олии касбӣ интиқол дода мешавад.

16. Интиқоли донишҷӯ аз як муассисаи таҳсилоти олии касбӣ ба муассисаи таҳсилоти олии касбии дигар ва дар як муассисаи таҳсилоти олии касбӣ аз як ихтисос ба ихтисоси дигар ё аз як шакли таҳсил (рӯзона, фосилавӣ) ба шакли дигар бо дар назар доштани иҷрои талаботи барномаҳои таълимӣ ва мавҷудияти фарқият аз рӯйи нақшаи таълим (дар доираи кластерҳо) дар ҳаҷми то 18 кредити фаъол (соатҳои фаъол) ба курси худаш ба роҳ монда мешавад. Дар ҳолати аз 18 кредит зиёд муайян гардидани фарқият аз рӯйи нақшаи таълим донишҷӯ ба курси поён қабул карда мешавад.

17. Донишҷӯе, ки аз муассисаи таҳсилоти олии касбӣ солҳои пеш хориҷ шудааст (дар муҳлати то 5 сол), баъд аз супоридани фарқияти санҷишу имтиҳони бамиёномада ба курси худаш аз рӯйи ихтисос, шакл ва намуди қаблии таҳсил (рӯзона, фосилавӣ, ройгон ё

пулакӣ) ва дар сурати мавҷуд набудани ихтисоси қаблӣ ба ихтисоси ба он наздик (дар доираи кластер) ва шакли таҳсили амалкунанда барқарор карда мешавад.

18. Донишҷӯе, ки аз муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ бо сабаби қарзи академӣ ё бо сабабҳои дигар хориҷ шудааст, агар аз давраи хориҷ шуданаш зиёда аз 5 сол гузашта бошад, баъд аз супоридани фарқияти санҷишу имтиҳон (аз 18 кредити фаъол (соатҳои фаъол) зиёд як курс поён) барқарор карда мешавад. Шакл ва намуди таҳсили (рӯзона, фосилавӣ, ройгон ё пулакӣ) донишҷӯро муассисаи таҳсилоти олии касбӣ муайян мекунад.

19. Муҳлати хизмат дар сафи Қувваҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар давраи таҳсил ҳамчун танаффус ҳисобида намешавад. Афсарон ва дигар хизматчиёни ҳарбӣ, ки дар сафи Қувваҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон зиёда аз муҳлати муайяншуда хизмат кардаанд ё хизмати шоёни ҳарбӣ доранд, новобаста аз муҳлати танаффус барқарор карда мешаванд.

20. Барқарор ва интиқоли донишҷӯ дар як муассисаи таҳсилоти олии касбӣ ва аз як муассисаи таҳсилоти олии касбӣ ба муассисаи таҳсилоти олии касбии дигар, ки ихтисосҳои (самтҳои) дар назди онҳо амалкунада ба як гурӯҳ (кластер) мансубанд, бо розигии ректорони (директорон) муассисаи таҳсилоти олии касбӣ ба роҳ монда мешавад.

21. Интиқоли донишҷӯйи дар намуди пулакӣ таҳсилкунанда аз як муассисаи таҳсилоти олии касбӣ ба муассисаи таҳсилоти олии касбии дигар ва дар як муассисаи таҳсилоти олии касбӣ аз як ихтисос ба ихтисоси дигар бо розигии ректорони (директорон) муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ, ташкилот ё сарпарасте, ки донишҷӯ бо он шартнома дорад, ба роҳ монда мешавад.

22. Интиқоли донишҷӯи хориҷшуда аз як муассисаи таҳсилоти олии касбӣ ба муассисаи таҳсилоти олии касбии дигар ва дар як муассисаи

таҳсилоти олии касбӣ аз як ихтисос ба ихтисоси дигар ё аз як шакли таҳсил (рӯзона, фосилавӣ) ба шакли дигар баъд аз барқарор гардидан ба роҳ монда мешавад.

23. Интиқоли донишҷӯ (шаҳрванди хориҷӣ) аз муассисаи таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба муассисаи таҳсилоти олии касбии хориҷи кишвар дар асоси мактуби розигии муассисаи таълимии қабулкунандаи хориҷи кишвар пас аз анҷоми соли таҳсил ба амал бароварда мешавад.

24. Донишҷӯе, ки дар муассисаи таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар намуди ройгон таҳсил менамояд ва хоҳиши ба муассисаи таҳсилоти олии касбии хориҷи кишвар интиқол гирифтан дорад, танҳо дар сурати риояи талаботи тарафайн (баргардонидани маблағи буҷети давлатӣ дар даврai таҳсил дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон) ба онҳо иҷозат дода мешавад.

25. Интиқоли донишҷӯе, ки ба муассисаи таҳсилоти олии касбӣ пас аз хатми муассисаи таҳсилоти миёнаи касбӣ дар шакли идомаи таҳсил, дарёфти таҳсилоти дуюми олии касбӣ қабул карда шудааст, танҳо аз рӯйи ихтисоси таҳсилдоштааш ба муассисаи таҳсилоти олии касбии дигар, ки дар назди он ихтисоси мазкур амал мекунад, иҷозат дода мешавад.

3. ТАРТИБИ ХОРИҶ НАМУДАН

26. Хориҷ намудани донишҷӯ аз муассисаи таҳсилоти олии касбӣ бо фармоиши ректори (директор) дар асоси пешниҳоди садорати факултет сурат мегирад. Пас аз хориҷ шудан ба донишҷӯ бо хоҳиши ӯ маълумотномаи академӣ (транскрипт) дода мешавад.

4. ТАРТИБИ БАРҚАРОР НАМУДАН

27. Донишҷӯе, ки хориҷ шудааст, метавонад ба курс ва ихтисоси мувофиқ дар сурате барқарор шавад, ки талаботи муқарраршудаи нақшаи таълим барои ин курс ё ихтисос дар маълумотномаи академии (транскрипт) ӯ дарҷ ёфта бошад.

28. Дар мавриди барқароршавии донишҷӯ ба курс ва ихтисоси мувофиқ ҳаҷми кредитҳои фанҳои таълимие, ки аз рӯйи онҳо қарзи академӣ ё фарқият месупорад, аз ҷониби комиссияи барқарору интиқол муайян ва баррасӣ карда мешавад. Донишҷӯ дар шакл ва намуди қаблии таҳсил (рӯзона, фосилавӣ, ройгон ё пулакӣ) ва дар сурати мавҷуд набудани ихтисоси қаблӣ ба ихтисоси ба он наздик (дар доираи кластер) ва шакли таҳсили амалкунанда барқарор карда мешавад.

29. Фармоиши ректори (директор) муассисаи таҳсилоти олии касбӣ оид ба барқароркунии донишҷӯ дар асоси пешниҳоди садорати факултет ва қарори комиссияи барқарор ва интиқол қабул карда мешавад.

30. Донишҷӯ пас аз қабул шудани фармоиши ректори (директор) муассисаи таҳсилоти олии касбӣ миқдори кредитҳои заруриро, ки мувофиқи нақшаи таълим аз худ карда натавонистааст, дар давраи ҳафтаҳои таълими назариявии даври академӣ аз нав аз худ мекунад. Дар сурати дар муҳлати муқарраргардида бартараф накардани қарзҳои академӣ бо фармоиши ректор (директор) донишҷӯ хориҷ карда мешавад.

5. ТАРТИБИ ИНТИҚОЛ НАМУДАН

31. Донишҷӯе, ки хоҳиши ба муассисаи таҳсилоти олии касбии дигар интиқол ёфтанро дорад, бояд ба номи ректори (директор) муассисаи таҳсилоти олии касбии қабулкунанда бо аризаи хаттӣ ва ба он замима намудани маълумотномаи академӣ (транскрипт) муроҷиат намояд. Донишҷӯ баъд аз гирифтани розигии хаттии ректори (директор) муассисаи таҳсилоти олии касбии қабулкунанда ба ректори (директор) муассисаи олии касбие, ки дар он таҳсил менамояд, бояд бо ариза ва ба он замима гардонидани нусхаи асли аризаи розигии муассисаи таҳсилоти олии касбии қабулкунанда муроҷиат намуда, розигии ӯро низ ба даст орад (дар ариза бояд розигӣ, имзо ва муҳри нишондор бошад).

32. Роҳбарияти муассисаи таҳсилоти олии касбии қабулкунанда уҳдадор аст, дар асоси қарори комиссияи барқарор ва интиқол ва розигии ректори (директор) муассисаи таҳсилоти олии касбие, ки донишҷӯ дар он таҳсил менамояд, фармоишро дар бораи интиқол ёфтани донишҷӯ ба имзо расонида, бо замима гардонидани нусхаи он бо мактуб ба ректори (директор) муассисаи таҳсилоти олии касбие, ки донишҷӯ дар он қаблан таҳсил менамуд, ирсол намояд.

33. Роҳбарияти муассисаи таҳсилоти олии касбие, ки донишҷӯ дар он қаблан таҳсил менамуд, уҳдадор аст, ки дар асоси мактуб ва нусхаи фармоиши ректори (директор) муассисаи таҳсилоти олии касбии қабулкунанда фармоиши хориҷ намудани донишҷӯро «бо сабаби интиқол ёфтан» ба имзо расонида, дар муддати 10 рӯз ба нишонии муассисаи таҳсилоти олии касбии қабулкунанда ҳуҷҷатҳои зерини донишҷӯро фиристад:

- ҳуҷҷатҳои шахсии донишҷӯ;
- варақаи таҳсили донишҷӯ;
- нусха аз фармоиши ректор (директорон) оид ба интиқол;
- номгӯи ҳуҷҷатҳои фиристодашуда.

34. Интиқоли донишҷӯи хатмкунанда аз як ихтисос ба ихтисоси дигар, аз як шуъба ба шуъбаи дигар ва аз як муассисаи таҳсилоти олии касбӣ ба муассисаи таҳсилоти олии касбии дигар манъ аст.

35. Муассисаи таҳсилоти олии касбӣ тартиби баррасии муроҷиатҳои воридгардидаро тибқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи муроҷиатҳои шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ» ба роҳ мемонад.

6.ТАРТИБИ ҚАБУЛИ ДОНИШҶӮЁНЕ, КИ ДАР МУАССИСАҲОИ ТАЪЛИМИИ ХОРИҶИ КИШВАР ТАҲСИЛ КАРДААНД ВА НОСТРИФИКАТСИЯ КАРДАНИ ҲУҶҶАТИ НАМУНАИ ДАВЛАТИИ МУАССИСАҲОИ ТАЪЛИМИИ ДАВЛАТҲОИ ХОРИҶӢ (ДИПЛОМИ ЗИНАИ ТАҲСИЛОТИ ОЛИИ КАСБӢ ВА БАЪД АЗ МУАССИСАИ ОЛИИ ТАЪЛИМӢ)

36. Ҳуҷҷати таҳсилоти намунаи давлатии муассисаҳои таълимии давлатҳои хориҷӣ (дипломи зинаи таҳсилоти олии касбӣ ва баъд аз муассисаи олии таълимӣ) дар сурати бо Ҷумҳурии Тоҷикистон надоштани созишномаи дахлдор нострификатсия карда мешавад.

37. Ҳуҷҷати таҳсилоти намунаи давлатии муассисаҳои таълимии давлатҳои хориҷӣ (дипломи зинаи таҳсилоти олии касбӣ ва баъд аз муассисаи олии таълимӣ), ки бо Ҷумҳурии Тоҷикистон созишномаи дахлдор доранд, нострификатсия карда намешавад ва танҳо хулосаи Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод карда мешавад.

38. Донишҷӯе, ки дар муассисаи таҳсилоти олии касбӣ ва баъд аз муассисаи олии таълимии хориҷи кишвар таҳсил кардааст, бе нострификатсия баъди хулосаи комиссияи интиқолу барқарори муассисаи таълимӣ барои идомаи таҳсил иҷозат дода мешавад. Муассисаи таълимӣ баъд аз баррасии ҳуҷҷатҳо дар бораи таҳсилот рӯйхати донишҷӯёни интиқолёфтаро ба Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон бо нишон додани курс, ихтисос, миқдори кредитҳо пешниҳод менамояд.

7. МУҚАРРАРОТИ ХОТИМАВӢ

39. Дар сурати риоя накардани талаботи тартиби мазкур тибқи муқаррароти қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон нисбат ба шахсони масъул чораи дахлдори ҳуқуқӣ андешида мешавад.

40. Иҷрои талаботи тартиби мазкур ҳангоми фаъолияти комиссияи барқарор ва интиқоли донишҷӯёни муассисаи таҳсилоти олии касбӣ, новобаста аз шакли ташкилию ҳуқуқӣ ва тобеияти идоравӣ ҳатмӣ буда, истифодабарандагон метавонанд ҷиҳати ворид намудани тағйиру иловаҳо ба бандҳои дахлдори он ба мақоми ваколатдори давлатӣ дар соҳаи маориф таклифу пешниҳод манзур созанд.

41. Ба тартиби мазкур тибқи тартиби муқарраргардида тағйиру иловаҳо ворид карда мешавад.

Бо қарори ҳайати мушовараи
Вазорати маориф ва илми
Ҷумҳурии Тоҷикистон
аз 12 апрели соли 2022, №05/1

ТАРТИБИ ҚАБУЛИ ИМТИҲОНҲОИ НИҲОӢ ДАР МУАССИСАҲОИ ТАҲСИЛОТИ ОЛИИ КАСБИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ДАР ШАКЛИ ШИФОҲӢ, ХАТТӢ ВА ОМЕХТА

I. МУҚАРРАРОТИ УМУМӢ

1.Тартиби намунавии қабули имтиҳонҳои ниҳоӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шакли шифоҳӣ, хаттӣ ва омехта (минбаъд-Тартиб) дар асоси Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф», Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи таҳсилоти олии касбӣ ва таҳсилоти касбии баъд аз муассисаи олии таълимӣ», қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Низомномаи намунавӣ оид ба муассисаи таълимии таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон», «Низомномаи низоми кредитии таҳсилот дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон» ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии соҳаи маориф таҳия шудааст.

2.Тартиби мазкур раванди қабули имтиҳонҳои ниҳоиро дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ба танзим медарорад.

3.Имтиҳонҳои ниҳоӣ бо мақсади муайян намудани сатҳи дониш ва баҳо гузоштан ба сифату самараи донишандӯзии назариявию амалии донишҷӯ доир карда мешавад.

4.Имтиҳони ниҳоӣ дар асоси ҷадвали имтиҳонҳо барои донишҷӯёни шаклҳои таҳсилоти рӯзона ва фосилавӣ, ки аз тарафи раёсати муассисаҳои таҳсилоти

олии касбӣ таҳия ва тасдиқ мегардад, ба роҳ монда мешавад.

5.Омӯзгор вазифадор аст, ки зимни баргузории имтиҳонҳо ба сатҳи дониши назариявию амалии донишҷӯ дар шакли шифоҳӣ, хаттӣ, эҷодиву маҳорат мутобиқи меъёрҳои муайянгардида баҳогузорӣ намуда, дар ин маврид инчунин ба роҳу усулҳои татбиқи амалии донишҳои азхуднамуда ва малакаю маҳорати мустақилона ҳал кардани корҳои амалӣ низ аҳамият диҳад.

6.Дар раванди қабули имтиҳонҳо сатҳи дониши донишҷӯ тибқи талаботи ҳадди ақали Стандарти давлатии таҳсилоти олии касбӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон баҳогузорӣ карда мешавад.

7.Холи умумии донишҷӯён оид ба азхудкунии барномаҳои таълимии фанҳо бо назардошти нишондодҳои миёнаи имтиҳонҳои фосилавӣ (рейтингҳои 1 ва 2) ва ниҳоӣ муайян карда мешавад.

8.Донишҷӯ уҳдадор аст, ки имтиҳонҳои пешбинишудаи ниҳоиро тибқи ҷадвали имтиҳонҳои аз ҷониби роҳбарияти муассисаи таҳсилоти олии касбӣ тасдиқгардида супорад.

9.Ҳар як донишҷӯ аз фанҳои факултативии омӯхтааш санҷиш ё имтиҳон месупорад. Баҳои аз фанни факултативӣ гирифташуда ба варақаи имтиҳонӣ ва замимаи диплом ворид карда мешавад.

10.Натиҷаи ниҳоӣ (холи умумӣ)-и фанҳо дар дафтарчаи имтиҳонотӣ дарҷ мегардад.

11.Имтиҳонҳои ниҳоӣ аз тарафи комиссияе, ки ҳайати он аз ҷониби раёсати муассисаи таҳсилоти олии касбӣ тасдиқ мегардад, қабул карда мешаванд. Ба ҳайати комиссия омӯзгори фан, намояндагони раёсат, шуъбаи таълим ва деканат шомил мешаванд.

II. МАФҲУМ ВА ИБОРАҲОИ АСОСИЕ, КИ ДАР ТАРТИБИ МАЗКУР ИСТИФОДА ШУДААНД:

– **апеллятсия** – амалест, ки бо мақсади муайян намудан ва ислоҳи баҳогузории ғайриобъективона ба

дараҷаи донишандӯзии донишҷӯён гузаронида мешавад.

– **аттестатсияи хатм** – тартиби муқаррар намудани мутобиқати мазмун, сатҳ ва сифати тайёрии хатмкунандагони муассисаҳои таълимӣ ба талаботи барномаҳои таҳсилотӣ;

– **бозпурсии омезишёфта** – вақти муайян барои бартараф намудани маводҳои азхуднашуда вобаста ба хусусияти фан дар шакли шифоҳӣ, хаттӣ ва эҷодиву маҳорати донишҷӯён мебошад;

– **бозпурсии хаттӣ** – шакли хатии назорати сатҳи дониш, таҳлили натиҷаҳои бадастомадаи рақамӣ, иҷрои вазифаҳои амалӣ оид ба бахшҳои алоҳидаи фан мебошад;

– **бозпурсии шифоҳӣ** – амалест, ки баъди ба анҷом расидани омӯзиши маводи таълимӣ дар як ва ё якчанд бахшҳои фан бо тарзи посух ба саволҳо ва муҳокимаи натиҷаҳои ноилгардида доир мегардад;

– **имтиҳон** – шакли назорати ҷамъбастии иҷрои барномаи таълимии фан дар доираи талаботи стандарти давлатии таҳсилот;

– **кредит** – меъёри ягонаи ченкунии ҳаҷми меҳнатталабии донишҷӯ ва омӯзгор мебошад;

– **кори мустақилонаи донишҷӯ** – ҳамчун амали донишҷӯ дар ҷодаи мустақилона аз худ намудани барномаи таълимии фан аз рӯйи мавзуъҳо ва супоришҳои пешбинишуда ба шумор рафта, аз ҷониби муассисаи таҳсилоти олии касбӣ (кафедра) бо адабиёти таълимию методӣ ва дастурҳо пурра таъмин гардонида мешавад;

– **маълумотномаи академӣ (транскрипт)** – шакли муқарраршудаи ҳуҷҷатест, ки номгӯи фанҳои таълимии дар давраи муайяни таҳсил аз тарафи донишҷӯ омӯхташударо бо нишондоди миқдори кредитҳо, баҳо ва холҳои миёнаи бадастовардаи ӯ дарбар мегирад.

– **санҷиши ҷорӣ** – санҷиши мунтазами дараҷаи дониши таълимгиранда аз ҳар як мавзуъ ё боби фанни

омӯхташаванда мебошад, ки аз тарафи омӯзгори фан гузаронида мешавад.

– **имтиҳони фосилавӣ (рейтинг)** – шакли назоратест, ки бо мақсади муайян намудани дараҷаи азхудкунии барномаҳои фанҳои таълимӣ аз ҷониби донишҷӯён дар давоми ҳар як даври академӣ ду маротиба гузаронида мешавад.

– **имтиҳони ниҳоӣ** – ҳамчун шакли ниҳоии назорат аз рӯйи дараҷаи азхудкунии барномаҳои таълимии фанҳо аз ҷониби донишҷӯён муайян карда шуда, тибқи талаботи нақшаҳои таълимии самт (ихтисос)-ҳои амалкунандаи муассисаи таҳсилоти олии касбӣ барои ҳар як даври академӣ дар баробари ба охир расидани ҳафтаҳои таълимии назариявӣ, дар асоси фармоиши ректор оид ба тартиби ташкил ва гузаронидани сессияҳои имтиҳонӣ қабул карда мешавад.

– **холи миёнаи умумӣ (GPA)** – холи миёнаи арифметикии баркашидаи натиҷаи донишандӯзии таълимгиранда аз рӯйи ихтисоси интихобкардааш мебошад, ки ҳамчун нисбати суммаи ҳосили зарби кредитҳо ва ифодаи ададии холҳои умумии аз фанҳои алоҳида бадастоварда ба миқдори умумии кредитҳои дар даври академӣ соҳибгаштаи донишҷӯ ҳисоб карда мешавад.

– **триместр** – ҳамчун семестри иловагии таълими назариявӣ барои баланд намудани холи миёнаи умумӣ ва бартараф намудани қарзҳои академӣ муайян карда мешавад.

III. ТАШКИЛИ РАВАНДИ СЕССИЯИ ИМТИҲОНӢ

12.Имтиҳонҳои ниҳоӣ бо мақсади баҳогузорӣ кардан ба сатҳи дониш ва малакаю маҳорати донишҷӯ дар соли таҳсил (семестр) мебошад, ки тавассути ин раванд донишандӯзии назариявӣ ва дар амал татбиқ карда тавонистани донишҳои азхудкардаи донишҷӯёни

муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ муайян карда мешавад.

13.Номгӯйи саволҳои имтиҳонӣ ҳар сол як моҳ қабл аз оғози сессияи имтиҳонӣ дар ҷаласаи кафедра баррасӣ ва тасдиқ карда мешавад.

14.Донишҷӯе, ки бесабаб дар дарсҳо ширкат намеварзад, аз иштирок дар сессияи имтиҳонӣ маҳрум мегардад.

15.Ҷадвали имтиҳонӣ тибқи нақшаи таълимӣ таҳия мегардад. Масъулияти саҳеҳият ва иҷрои саривақтии талаботи ҷадвали имтиҳонҳо ба души декани факултет гузошта мешавад.

16.Дар раванди қабули имтиҳонот сатҳи дониши андӯхтаи мутахассиси оянда тибқи талаботи ҳадди ақали Стандарти давлатии таҳсилоти олии касбӣ баҳогузорӣ карда мешавад.

17.Донишҷӯ уҳдадор аст, ки дар давраи сессияи имтиҳонӣ ва ё ҷадвали инфиродии аз тарафи декани факултет тасдиқшуда ҳамаи имтиҳонҳои пешбининамудаи талаботи ягонаи нақша ва барномаи таҳсилотиро сари вақт супорад.

18.Имтиҳон мутобиқи ҷадвали аз тарафи раёсат ё шуъбаи таълими муассисаи таҳсилоти олии касбӣ тасдиқгардида қабул карда мешавад. Имтиҳонро омӯзгори фанни дахлдор бо ҳамроҳии ёвар (ассистент) қабул менамояд.

19.Дар ҳолати беморӣ ва ё дар сафари хизматӣ қарор доштани омӯзгори дахлдор, омӯзгори дигаре, ки мутахассиси ҳамин соҳа мебошад, метавонад бо пешниҳоди мудири кафедра ва мувофиқа бо қисми таълимии муассисаи таҳсилоти олии касбӣ имтиҳон қабул намояд.

20.Омӯзгори фан тибқи талаботи зикргардида аз донишҷӯ дар давраи сессияи имтиҳонии фаъол танҳо як маротиба имтиҳон қабул менамояд.

21.Маротибаи дуюм қабули имтиҳонро аз донишҷӯе, ки дар давраи сессияи имтиҳонии фаъол баҳои «ғайриқаноатбахш» гирифтааст, пас аз триместр

комиссияи махсуси таъсисдодаи қисми таълими муассиса, факултет ва кафедра бо иштироки омӯзгори фанни дахлдор амалӣ менамояд. Дар сурати дар триместр баҳои «ғайриқаноатбахш» гирифтан донишҷӯ аз муассисаи таҳсилоти олии касбӣ хориҷ карда мешавад.

22.Ҷадвали имтиҳонро, ки салоҳияти тартиб ва таҳияи он ба зимаи муовини декани факултет оид ба таълим вогузор шудааст, муовини ректори муассисаи таҳсилоти олии касбӣ оид ба таълим тасдиқ менамояд. Фосилаи байни имтиҳонҳо дар низоми кредитии таҳсилот дар шакли шифоҳӣ ва хаттӣ на камтар аз 1-2 рӯзро ташкил медиҳад. Ҷадвали имтиҳонӣ 2 ҳафта қабл аз оғози имтиҳонҳо тасдиқ гардида, мавриди таваҷҷуҳи омӯзгорону донишҷӯён қарор дода мешавад.

23.Санадҳои танзимкунандаи сессияи имтиҳонӣ иборатанд аз:

-варақаи имтиҳонӣ;

-варақаи имтиҳонии ҷамъбастӣ;

-варақаи имтиҳонии умумӣ;

-транскрипт.

24.Санади кории деканат варақаи имтиҳонӣ, замимаи умумӣ (маҷмӯи варақаҳои имтиҳонӣ) ва имтиҳонии ҷамъбастӣ ба шумор меравад.

25.Варақаи имтиҳонӣ дар шуъбаи бақайдгирӣ ва машваратӣ (шуъбаҳои дахлдор) ва деканат сабту дарҷ карда мешавад. Шумораи донишҷӯёни гурӯҳҳои таълимии ба варақаи имтиҳонӣ воридшуда бо имзои декани факултет тасдиқ карда мешавад. Варақаи имтиҳонӣ бевосита дар рӯзи имтиҳон ва қабл аз оғози имтиҳон ба ихтиёри омӯзгори имтиҳонгиранда вогузор карда мешавад. Омӯзгори дахлдор вазифадор аст, ки оид ба гирифтани варақаҳо дар китоби сабти варақаҳои имтиҳонӣ дар маркази бақайдгирӣ ва машваратӣ имзо гузорад.

26.Варақаи имтиҳонӣ худи ҳамон рӯз баъд аз итмоми имтиҳон ба маркази бақайдгирӣ ва машваратӣ (шуъбаҳои дахлдор) баргардонида мешавад. Дар

муҳлати муайяншуда насупоридани варақаи имтиҳонӣ (дар рӯзи баргузории имтиҳон) аз тарафи маркази бақайдгирӣ ва машваратии муассисаи таълимӣ қабул карда намешавад.

27.Дар сурати тамдид кардани муҳлати сессия, барҳамдиҳии қарздорӣ ва ё фарқиятҳои академӣ ба донишҷӯ варақаи имтиҳонии алоҳида дода мешавад. Омӯзгори имтиҳонгиранда вазифадор аст, ки баъд аз анҷом додани қабули имтиҳон дар ҳамон рӯз варақаи имтиҳониро ба маркази бақайдгирӣ ва машваратӣ баргардонад. Варақаи имтиҳонӣ дар деканат ва маркази бақайдгирӣ ва машваратӣ сабт мегардад.

28.Дар варақаи имтиҳонӣ ҷиҳати сабт намудани натиҷаи супоридани имтиҳони такрории донишҷӯён, номи фан, ному насаби омӯзгор, ёвари ӯ ва таърихи рӯзи қабули имтиҳон дарҷ карда мешаванд.

29.Варақаҳои имтиҳонӣ, ҷамъбастӣ ва умумии гурӯҳҳои донишҷӯён ҳамчун ҳуҷҷати ҳисоботӣ то хатми муассисаи таҳсилоти олии касбӣ дар маркази бақайдгирӣ ва машваратӣ (шуъбаҳои дахдор) нигоҳ дошта мешавад.

30.Дар сурати аз ҷониби омӯзгор ва ё шахси мутасаддӣ роҳ додан ба иштибоҳ, дар вақту замон ислоҳ накардан ва ба деканат пешниҳод накардани онҳо, ки сабабгори хориҷшавии донишҷӯ ё таъин нагардидани стипендия ва дигар омилҳои нохуш мегарданд, мутобиқи қонунгузории ҷорӣ чунин шахсон ба муҷозоти интизомӣ кашида мешаванд.

31.Натиҷаи имтиҳонҳо барои муқаррар кардани стипендия, интиқол ба дигар курс ва додани ҳуҷҷат дар бораи таҳсилоти олии касбӣ асос шуда метавонад.

32.Дар ҳолати бо сабабҳои узрнок, ки бо пешниҳоди асноди тасдиқкунанда асоснок карда мешавад (беморӣ, вазъи оилавӣ, даъват ба мақомоти маъмурӣ ва назоратӣ, дар муҳлати напардохтани маблағи ҳаққи таҳсил (барои муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ), дар вақту замон барои супоридани имтиҳон имкон пайдо накардани донишҷӯ декани

факултет бо мувофиқаи муовини ректор оид ба таълим муҳлати иловагии супоридани имтиҳонҳоро барои чунин донишҷӯ муайян менамояд, ки он бо фармоиши ректор тамдид карда мешавад.

33.Ба раванди имтиҳон ба истиснои шахсони масъул роҳ ёфтани дигарон қатъиян манъ аст.

34.Донишҷӯйи аз натиҷаи имтиҳон норозӣ ҳуқуқ дорад, ки дар давоми як рӯз баъд аз анҷоми имтиҳон ба комиссияи апеллятсионӣ мурочиат намояд. Барои иҷрои ин амал вазифадор аст, ки ба декани факултет ва ё ректори муассисаи таълимӣ бо ариза мурочиат намояд. Дархости донишҷӯ дар асоси аризаи ӯ оид ба гузаронидани апеллятсия дар муддати 48 соат аз лаҳзаи эълон гардидани натиҷаи имтиҳони ниҳоӣ баррасӣ карда мешавад.

IV. ИҶОЗАТДИҲӢ БА СЕССИЯИ ИМТИҲОНӢ

35.Донишҷӯ ба сессияи имтиҳонӣ дар ҳолате роҳ меёбад, ки агар иҷрои корҳои амалӣ, эҷодӣ, назоратӣ, курсӣ, маҷмуи дигар талаботи ҷойдошта ва дар давоми ҳамон семестр (даври академӣ) комилан супоридани имтиҳонҳои фосилавӣ (рейтингҳо)-ро, ки тибқи нақшаи таълимӣ муқаррар гардидааст, ба анҷом расонида бошад.

36.Натиҷаи дифои корҳои назоратӣ, лоиҳа ва корҳои курсӣ дар варақаҳои алоҳида, ки барои ҳамин фанни таълимӣ пешбинӣ шудаанд, дарҷ мегардад. Аз натиҷаи дифои корҳои мазкур ба деканат 10 рӯз пеш аз оғози сессияи имтиҳонӣ варақаҳо пешниҳод карда мешаванд.

37.Декани факултет бояд донишҷӯёнеро, ки ба имтиҳон роҳ дода нашудаанд, зери назорат гирифта, барои бартараф намудани қарздории онҳо тадбирҳои зарурӣ андешад.

38.Мутобиқи талаботи мавҷуда барои донишҷӯёни ҳамаи курсҳо ду сессияи имтиҳонӣ - сессияи имтиҳонии зимистона ва тобистона ба нақша гирифта шудааст.

39.Барои донишҷӯёни қарзи академидошта мувофиқи ҷадвали дарсӣ дар давраи таътил ба таври иловагӣ семестри иловагӣ (триместр) ташкил карда мешавад.

40.Дар сурати дар варақаи имтиҳонӣ мавҷуд набудани натиҷаи (баҳои) корҳои назоратӣ (контролӣ), лоиҳа ва корҳои курсӣ дар муқобили ному насаби донишҷӯ ибораи «иҷозат дода нашуд» сабт карда мешавад.

41.Дар сурате, ки донишҷӯ доир ба ин ва ё он фанни таълимии дар нақшаи таълимӣ пешбинишуда лоиҳаву корҳои курсиро сари вақт дифоъ накарда бошад, ӯ аз супоридани имтиҳони он фан маҳрум карда мешавад.

V. ИМТИҲОН

42.Имтиҳон дар шакли шифоҳӣ, хаттӣ, тестӣ ва эҷодиву маҳорат (барои ихтисосҳои санъат ва рассомӣ-графикӣ) вобаста ба қобилияти касбии донишҷӯ, дониш, малака, истеъдод ва маҳорат бо меъёри баҳогузории холҳои бадастовардаи донишҷӯ ва ифодаи ададию ҳуруфии баҳо муайян карда мешавад.

43.Имтиҳон дар асоси билетҳои имтиҳонӣ, ки дар заминаи барнома ва нақшаи таълимӣ таҳия шудаанд, қабул карда мешавад.

44.Билетҳои имтиҳонӣ ва ё саволномаҳо барои имтиҳони хаттӣ ва тестиро кафедраи дахлдор тартиб дода, дар ҷаласаи кафедра мавриди баррасӣ қарор медиҳад, сипас онҳоро тасдиқ карда, бо муҳри факултет ба расмият медарорад. Тасдиқи билетҳои имтиҳонӣ дар суратҷаласаи кафедра ҳатмӣ мебошад.

45.Билети имтиҳонӣ фарогири мазмун, мундариҷа, мӯҳтавои барномаи фаннӣ ва стандарти давлатии таҳсилот мебошад. Имтиҳон тибқи муқаррароти ҷадвали имтиҳонии тасдиқшуда аз ҷониби омӯзгор ва ёвараш ба амал бароварда мешавад. Бе ёвар ё ёварон қабул кардани имтиҳон манъ аст.

46.Саволномаҳои имтиҳонӣ бояд дар сомонаҳои шабакаи интернетии муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ҷой дода шаванд.

47.Имтиҳон тибқи муқаррароти Низомномаи низоми кредитии таҳсилот дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба роҳ монда мешавад.

48.Дар раванди имтиҳонҳо ба донишҷӯи муассисаи таҳсилоти олии касбӣ истифода бурдани телефони мобилӣ иҷозат дода намешавад.

49.Имтиҳони ҷамъбастиро комиссияе, ки кафедра таъсис додааст, қабул менамояд. Дар ҳайати он омӯзгори фанни дахлдор низ шомил мебошад. Имтиҳони ҷамъбастӣ фарогири мавзуъҳои фанни дахлдор мебошад.

VI. ҶАРАЁНИ ИМТИҲОН

50.Раванди қабули имтиҳон дар гурӯҳҳои таълимӣ тибқи нишондодҳои Тартиби мазкур ба роҳ монда мешавад.

51.Омӯзгори имтиҳонгиранда ҳуқуқ дорад, ки дар пояи муқаррароти барномаи фанни таълимӣ ҷиҳати муайян кардани сатҳи дониши андӯхтаи донишҷӯ саволгузорӣ намояд. Дар раванди имтиҳон донишҷӯ ҳуқуқ дорад, ки аз барномаи таълимии фанни марбута истифода барад.

52.Дар рафти имтиҳон донишҷӯ метавонад аз воситаҳои техникӣ (ба истиснои телефони мобилӣ), асбобҳои аёнӣ ва барномаҳои намунавӣ истифода намояд.

Дар варақаи имтиҳонӣ холҳои бадастовардаи донишҷӯ ва ифодаи ададию ҳуруфии баҳо дарҷ мегардад.

Агар фанни таълимӣ аз ҷониби якчанд омӯзгор таълим дода шуда бошад, дар имтиҳон ҳамаи онҳо ширкат меварзанд, вале ба донишҷӯ бо машварати умумӣ танҳо як баҳо (хол) гузошта мешавад.

53.Дар муқобили ному насаби донишҷӯе, ки дар имтиҳон ширкат наварзидааст, омӯзгори имтиҳонгиранда ибораи «ҳозир нашуд»- ро қайд карда, имзо мегузорад.

54.Агар донишҷӯ дар давраи сессияи фаъол аз се имтиҳон пайдарпай баҳои «ғайриқаноатбахш» гирад, аз муассисаи таҳсилоти олии касбӣ хориҷ карда мешавад.

55.Ба давраи дуюм ва даврaҳои минбаъдаи имтиҳони такрорӣ донишҷӯёне рухсат дода мешаванд, ки аз як ё ду имтиҳон қарзи академӣ доранд.

56.Дар низоми кредитии таълим донишҷӯ бояд дар ҳаҷми на камтар аз 30 кредит фанҳоро (аз ҷумла, 100% фанҳои ҳатмиро) дар як семестр (даври академӣ) аз худ намояд.

57.Агар донишҷӯ дар давоми семестр на камтар аз 30 кредитро соҳиб гардад ва дар баробари ин 100% фанҳои ҳатмии барои ин семестр муқарраршударо супорида бошад, дар семестри оянда таҳсилро идома медиҳад.

58.Меъёрҳои баҳодиҳӣ дар низоми кредитии таҳсилот мутобиқи Низомномаи низоми кредитии таҳсилот дар муассисаҳои таҳсилоти олиии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо чунин тарз муайян карда мешавад:

Баҳо дар шакли ҳарфҳо	Ифодаи ададии холҳо	Фоизи ҷавобҳои дуруст %	Ифодаи анъанавии баҳо
A	4,0	95-100	Аъло
A-	3,67	90-94	
B+	3,33	85-89	Хуб
B	3,0	80-84	
B-	2,67	75-79	
C+	2,33	75-74	Қаноатбахш
C	2,0	65-69	
C-	1,67	60-64	
Д	1,33	55-59	
Д-	1,0	50-54	
Fx	0	$45 \le Fx < 50$	Ғайриқаноатбахш

F[1]	0	$0 \le F < 45$	

VII. РОҲҲОИ БАРТАРАФ НАМУДАНИ ҚАРЗДОРИИ АКАДЕМӢ

59.Такроран супоридани имтиҳон аз фанне, ки донишҷӯ дар сессияи имтиҳонӣ баҳои «ғайриқаноатбахш» гирифтааст, ҳангоми идомаи сессияи фаъол иҷозат дода намешавад.

60.Барои донишҷӯёне, ки бо сабаби беморӣ ё сабабҳои дигари узрнок (вазъи оилавӣ, офатҳои табиӣ ва ҳоказо) имтиҳонро дар муҳлати муқарраршуда супорида натавонистаанд, бо пешниҳоди декани факултет ва мувофиқаи муовини ректор оид ба таълим муҳлати сессияи имтиҳонӣ барои чунин донишҷӯён тамдид карда мешавад.

61.Ба донишҷӯёне, ки дар давраи сессияи имтиҳонии фаъол баҳои Fx гирифтаанд, ҳуқуқи дар триместр супоридани имтиҳони фанни мазкур бе омӯзиши такрории фан ва бе пардохти маблағ дода мешавад.

62.Барои донишҷӯи шакли таҳсили фосилавӣ (ғоибона) муҳлати супоридани имтиҳонҳо то 1 моҳ қабл аз оғози семестри оянда муқаррар карда мешавад.

63.Кафедра ва шуъбаи таҷрибаомӯзии муассисаи таҳсилоти олии касбӣ барои донишҷӯёне, ки давраи таҷрибаомӯзиро сипарӣ карда, вале дар муҳлати муқарраргардида аз натиҷаи он бархурдор нагардидаанд, ҷиҳати бартараф кардани қарзи академӣ муҳлати ду ҳафтаро муқаррар менамояд.

64.Раёсати муассисаи таҳсилоти олии касбӣ барои донишҷӯёне, ки дар сессияи имтиҳонӣ аз як ва ё ду фан баҳои ғайриқаноатбахш мегиранд, муҳлати супоридани такрории чунин имтиҳонҳоро муқаррар менамояд. Аз ду

[1]Fx- баҳои ғайриқаноатбахшест, ки ба донишҷӯ ҳуқуқи дар омӯзиши такрории фан иштирок накарда, дар триместр бе пардохти маблағ супоридани имтиҳони фанни мазкурро медиҳад.

маротиба бештар супоридани имтиҳонҳо иҷозат дода намешавад.

65.Такроран супоридани имтиҳон барои иваз намудани баҳо дар сурате иҷозат дода мешавад, ки агар 75% баҳои гирифтаи донишҷӯ «аъло» бошад ва ҳамзамон ин донишҷӯйи довталаб на бештар аз як фан баҳои «3» дошта бошад. Ин амал бо иҷозати ректори муассисаи таҳсилоти олии касбӣ дар курси охир як моҳ қабл аз оғози аттестатсияи хатм ба амал бароварда мешавад.

VIII. НАТИҶАИ СЕССИЯИ ИМТИҲОНӢ

66.Донишҷӯе, ки ба пуррагӣ сессияи имтиҳонии соли ҷориро супоридааст, бо фармоиши ректор аз курс ба курс гузаронида мешавад.

67.Тибқи муқаррароти Тартиби хориҷ, барқарор ва интиқоли донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо пешниҳоди декани факултет ва фармоиши ректори муассисаи таҳсилоти олии касбӣ донишҷӯёне, ки дар супоридани имтиҳонҳо ноком мондаанд, аз муассисаи таълимӣ хориҷ карда мешаванд.

68.Дар дарсҳои муқаддимаи ихтисос ва тарбиявӣ барои донишҷӯён моҳияти имтиҳонҳо шарҳу тафсир дода мешавад.

69.Барои риоя накардани уҳдадориҳое, ки дар Оинномаи муассисаи таҳсилоти олии касбӣ ва қоидаҳои тартиботи дохилӣ пешбинӣ гардидаанд, донишҷӯро метавон бо гирифтани баёноти хаттии ӯ ба муҷозоти интизомӣ кашида, ҳатто аз муассисаи таҳсилоти олии касбӣ хориҷ намуд. Дар ҳолати аз муассисаи таҳсилоти олии касбӣ хориҷ намудани донишҷӯ қабл аз оғоз кардани ин амал гирифтани баёноти хаттии донишҷӯ ҳатмист.

70.Барои донишҷӯёне, ки дар гурӯҳҳои буҷетӣ таҳсил намуда, дар давраи сессияи фаъол имтиҳонҳоро бо баҳои хубу аъло месупоранд, тибқи муқаррароти «Низомномаи таъин ва пардохти стипендияи донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти миёна ва олии

касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон» стипендия таъин карда мешавад. Шакли варақаҳои имтиҳонӣ дар замимаи Тартиби мазкур пешниҳод мегардад (Намунаи №1).

IX. АПЕЛЛЯТСИЯ

71.Апеллятсия амалест, ки бо мақсади муайян ва бартараф намудани ҳолатҳои баҳсноки баҳогузорӣ ба сатҳи дониши донишҷӯён ба амал бароварда мешавад.

72.Апеллятсияро дар ҳолате таъин менамоянд, ки ҳадафи ниҳоии он аз таъсир расонидан ба ҷамъи рейтингҳо ва натиҷаҳо баландгардонии баҳои сатҳи дониши донишҷӯ иборат мебошад.

73.Апеллятсия бо ташаббуси донишҷӯ дар ҳолатҳои зерин доир карда мешавад:

-саволи гузошташуда ҷавоби мушаххас ва аниқ надошта бошад;

-саволи гузошташуда аз доираи барномаи таълимӣ берун бошад.

74.Апеллятсия дар асоси аризаи донишҷӯ як рӯз баъд аз эълон гардидани натиҷаи имтиҳон доир карда мешавад.

75.Апеллятсия бо тартиби зерин гузаронида мешавад:

-донишҷӯйи даъвогар вазифадор аст, ки дар рӯзи эълон шудани натиҷаи имтиҳон бо нишондоди фан ва рақами тартибии саволе, ки бояд аз ҷониби аъзои комиссияи апеллятсиони аз нав дида баромада шавад, ба номи сардори маркази бақайдгирӣ ва машваратӣ ариза супорад;

-сардори маркази бақайдгирӣ ва машваратӣ аризаи донишҷӯро мавриди баррасӣ қарор дода, бо назардошти талаботи Тартиби мазкур оид ба зарурати доир кардани апеллятсия қарор қабул менамояд;

-сардори маркази бақайдгирӣ ва машваратӣ фармоишро ҷиҳати таъсиси ҳайати комиссияи апеллятсионӣ, ки ба он сардори раёсат (шуъбаи)-и таълим, мудири кафедраи дахлдор ва омӯзгори дахлдор шомил мебошанд, бо имзои муовини ректор оид ба

таълими муассисаи таҳсилоти олии касбӣ омода месозад, ки дар навбати худ ин ҳайат раванди апеллятсияро ба амал мебарорад;

-натиҷаи апеллятсия ба варақаи апеллятсионӣ, ки мутахассиси маркази бақайдгирӣ ва машваратӣ омода намудааст, сабт карда мешавад;

-дар раванди апеллятсия тағйир додани рейтинги пешазимтиҳонии донишҷӯ манъ мебошад.

X.АЗ ЭЪТИБОР СОҚИТ ДОНИСТАНИ ТАРТИБИ МАЗКУР

76.Аз эътибор соқит донистани Тартиби намунавии қабули имтиҳонҳои ниҳоӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шакли шифоҳӣ, хаттӣ ва омехта танҳо дар сурати қабули чунин Тартиби таҷдиди назаршудаи нав аз эътибор соқит дониста мешавад.

Намунаи 1

Номи муассисаи таълимӣ
Рамзи донишҷӯ

Варақаи рейтингӣ ва имтиҳонии №1

Барои семестри баҳори (тирамоҳӣ)-и соли таҳсили 2021/2022 курси -
Семестр -
Шакли таҳсил - рӯзона
Забони таҳсил -
Факултет – гурӯҳ -
Ихтисос - намуди таҳсил -
Кафедра –
Санаи рейтинги №1 -
Фан -
Санаи рейтинги №2 -
Ному насаби омӯзгор –
Санаи имтиҳон -
Ёвар -
Кредит –

	Ному насаби донишҷӯ	ID донишҷӯ	Рейтинги №1		Рейтинги №2		Имтиҳони ниҳоӣ	
			Хол	Имзо	Хол	Имзо	Хол	Имзо

Имзои омӯзгори имтиҳонгиранда _____
Имзои ёвари имтиҳонгиранда _____

Декани факултет _____ _____
Ному насаб имзо

Замимаи 1
ба қарори ҳайати мушоваравй
Вазорати маориф ва илми
Ҷумҳурии Тоҷикистон
аз «29» августи соли 2022, №12/4

НИЗОМНОМАИ АТТЕСТАТСИЯИ ХАТМИ ДОНИШҶЎЁНИ МУАССИСАИ ТАҲСИЛОТИ ОЛИИ КАСБӢ

1. МУҚАРРАРОТИ УМУМӢ

1.Низомномаи аттестатсияи хатми донишҷӯёни муассисаи таҳсилоти олии касбӣ (минбаъд Низомнома) тибқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи маориф”, сархати 3 моддаи 32 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи таҳсилоти олии касбӣ ва таҳсилоти касбии баъд аз муассисаи олии таълимӣ» ва банди 149 Низомномаи намунавии муассисаи таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 21 июни соли 2018, №306 тасдиқ шудааст, таҳия гардида, муносибатҳоро вобаста ба тартиби ташкил, таъсиси комиссияи аттестатсионӣ, баргузорӣ ва хатми донишҷӯён дар муассисаи таҳсилоти олии касбӣ ба танзим медарорад.

2. Дар Низомномаи мазкур тағрибаи низоми таҳсилоти олии касбии байналмилалӣ ба назар гирифта шудааст.

3.Аттестатсияи хатм – аттестатсияи ниҳоии давлатии донишҷӯён буда, дараҷаи фарогирии онҳоро ба барномаи таҳсилоти олии касбӣ аз рӯйи

самти ихтисос муайян намуда, мувофиқи натиҷаи он ба хатмкунандагон ҳуҷҷати намунаи давлатии дорои таҳсилоти олии касбӣ дода мешавад.

4.Низомномаи мазкур тартиби аттестатсияи хатмкунандагони муассисаҳои таҳсилоти олии касбиро барои гирифтани дараҷаи тахассуси «бакалавр» ва «мутахассис» муайян месозад.

5.Кори мустақилонаи ҷамъбасткунандаи хатмкунандаи муассисаи таҳсилоти олии касбӣ дар зинаи бакалавр ва мутахассис рисолаи хатм ба ҳисоб меёбад.

6.Муассисаи таҳсилоти олии касбие, ки дорои шаҳодатнома оид ба аккредитатсияи давлатӣ мебошад, ҳуқуқи гузаронидани аттестатсияи хатмро дорад.

7. Дар аттестатсияи хатм хатмкунанда як ё якчанд имтиҳони давлатӣ супорида, рисолаи хатми худро ҳимоя мекунад. Миқдори имтиҳони давлатӣ, ба ҷойи ҳимояи рисолаи хатм супоридани имтиҳонҳои давлатии иловагиро нақшаи таълимии ихтисоси хатмкунанда муайян мекунад.

8.Аттестатсияи хатм баъди пурра аз худ шудани ҳамаи модулҳои (фанҳо, таҷрибаомӯзиҳо, корҳову лоиҳаҳои курсӣ, корҳои илмиву таҳқиқотӣ, таҳияи рисолаи хатм ва ғайра) нақшаи таълимии аз тарафи Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқшуда дар соли ниҳоии таҳсили донишҷӯён гузаронида мешавад.

2.ТАРТИБИ ГУЗАРОНИДАНИ АТТЕСТАТСИЯИ ХАТМ

9.Аттестатсияи хатм аз тарафи комиссияи аттестатсияи хатм гузаронида мешавад.

10. Аттестатсияи хатм аз рӯйи фанҳое, ки дар нақшаи таълимии аз тарафи Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ шудаанд, амалӣ карда мешавад. Номгӯйи фанҳое, ки аз онҳо имтиҳони давлатӣ баргузор карда мешавад, тибқи

қарори шурои олимони муассисаи таълимӣ барои ихтисос ва равияҳо (самтҳо) муайян карда мешавад.

11.Саволномаи имтиҳони давлатӣ аз рӯйи барномаи таълимии фанҳои муайяншуда аз ҷониби кафедра тартиб дода шуда, онро раёсати таълим тасдиқ мекунад.

12.Ҷадвали баргузории ҷаласаҳои комиссияҳои аттестатсияи хатм бо назардошти миқдори хатмкунандагони аттестатсияшаванда 3 ҳафта қабл аз оғози аттестатсияи хатм бо пешниҳоди декани факултет аз тарафи ректори (директори) муассисаи таҳсилоти олии касбӣ бо фармоиш тасдиқ карда мешавад.

13.Кафедраи тахассусӣ се ҳафта пеш аз оғози кори комиссия тавассути почтаи электронӣ нусхаи электронии ҳуҷҷатҳои тасдиқшудаи ихтисос – нақшаи таълимӣ, барномаи таълимии (силлабуси) имтиҳони давлатӣ ва барномаи таълимии (силлабуси) рисолаи хатмро ба раиси комиссияи аттестатсионӣ дастрас менамояд.

3.КОМИССИЯИ АТТЕСТАТСИОНИИ ХАТМ

14.Комиссияи аттестатсияи хатм аз раис, аъзои комиссия (на камтар аз 3 нафар) ва котиб иборат мебошад. Дар кори комиссия як нафар аъзои комиссия метавонад намояндаи бозори меҳнат – корманди корхона ё ташкилоти соҳавӣ бошад.

15.Раисони комиссияҳои аттестатсионии хатм ҳамасола бо фармоиши вазири маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон аз зумраи номзадони илм, докторони илм, академикҳо, мутахассисони вазорату идораҳо ва муассисаҳои соҳавӣ таъйин карда мешаванд.

16.Агар ҳамаи аъзоёни комиссия, аз он ҷумла, раис дорои дараҷаи илмӣ бошанд, комиссияи аттестатсионии хатмро дар зинаи магистратура низ гузаронида метавонанд. Дар акси ҳол барои зинаи

магистратура комиссияи аттестатсионии алоҳида ташкил карда мешавад.

17. Номзадии раисони комиссияҳои аттестатсияи хатм аз захираи кадрии мутахассисони соҳа, ки дар раёсати таҳсилоти олии касбӣ ва баъдидипломӣ бо пешниҳоди муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ҷамъ оварда шудааст, пешниҳод карда мешавад.

18. Фармоиш дар бораи тасдиқи раисони комиссияҳои аттестатсияи хатм на камтар аз ду моҳ қабл аз оғози кори комиссия ба тавсиб мерасад. Раисони таъйиншудаи комиссияҳо танҳо ду сол пайи ҳам метавонанд ба ҳайси раис фаъолият намоянд. Дар сурати зарурат онҳо метавонанд баъд аз 2 сол боз ба ҳайси раиси комиссия таъйин шаванд.

19. Аъзои комиссияҳои аттестатсионии хатм аз ҳисоби мутахассисони соҳа, омӯзгорон (ба истиснои ассистентон, номзадони илм, докторони илм, ки дар ҳамин муассисаи таҳсилоти олии касбӣ ё дигар муассисаҳо кору фаъолият мекунанд,) бо фармоиши ректор (директор) таъйин карда мешаванд. Котиби комиссия аз ҳисоби кормандон ва омӯзгорони кафедраҳои тахассусӣ таъйин карда мешавад.

20. Фармоиш дар бораи тасдиқи аъзои комиссияи аттестатсияи хатм ва котибони он на камтар аз як моҳ то оғози кори комиссия бояд ба тасвиб расад.

21. Намояндаи факултети муассисаи таҳсилоти олии касбӣ (декани факултет ё яке аз муовинони декани факултет) дар аттестатсияи хатм фаъолона иштирок мекунад, аммо аъзои комиссияи аттестатсионии хатм шуда наметавонад.

22. Назорати умумии раванди аттестатсионии хатм нисбат ба хатмкунандагони зинаи магистратура ба уҳдаи муовини ректор (директор) оид ба илм ва нисбати хатмкунандагони бакалавр бошад, ба уҳдаи муовини ректор (директор) оид ба таълим вогузор карда мешавад.

23.Комиссияи аттестатсионии хатм дар муҳлатҳое, ки дар нақшаи таълимии аз тарафи вазири маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқшуда муайян шудаанд, фаъолият мекунад.

24.Кори комиссияи аттестатсионии хатм дар ҳамаи зинаву шаклҳои таҳсилот ба истиснои магистратура дар як рӯз набояд аз 6 соат ва шумораи хатмкунандагоне, ки аз аттестатсияи хатм мегузаранд, набояд аз 12 нафар зиёд бошанд.

25. Дар зинаи магистратура бошад, шумораи хатмкунандагоне, ки аз аттестатсияи хатм мегузаранд, дар як рӯз набояд аз 8 нафар зиёд бошад.

26. Қабули аттестатсияи хатм бо шумораи хатмкунандагони аз меъёри муайяншуда зиёдро Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян мекунад.

27.Ваколатҳои раиси комиссияи аттестатсионии хатм:

– шиносоӣ бо талаботи Низомномаи мазкур;

– баҳогузорӣ ва ҷамъбасти баҳои аъзои комиссияи аттестатсионии хатм ба омодагии назариявӣ ва амалӣ, малака ва маҳорати касбии хатмкунандагон;

– ба хатмкунандагон додани дараҷаи тахассус ва дипломи намунаи давлатӣ мувофиқ ба азхудкунии дониш ва қобилияти касбии онҳо;

– тавсия намудани хатмкунандагони болаёқат ва дорои дастоварду натиҷаҳои назаррас барои идомаи таҳсил дар зинаи магистратура ва докторантура аз рӯйи ихтисос (PhD) тибқи тахассус;

– омода намудани ҳисобот оид ба фаъолияти комиссияи аттестатсионии хатм, нишон додани камбудиву норасоиҳо ва роҳҳои бартараф намудани онҳо, пешниҳоди тавсияҳо ҷиҳати паҳн кардани таҷрибаи пешқадам;

– пешниҳоди ҳисобот барои муҳокима ва тасдиқ ба шурои олимони факултет.

3. РАВАНДИ АТТЕСТАТСИЯИ ХАТМ

28. Аттестатсияи хатм (имтиҳони давлатӣ ва ҳимояи рисолаҳои хатм) шифоҳӣ баргузор мегардад. Иштироки ҳамаи аъзоёни комиссияи аттестатсионии хатм ҳатмист. Дар сурати зарурӣ як қисми аъзои комиссия метавонанд дар ҷаласаҳои комиссия ба таври онлайн иштирок намоянд.

29. Хатмкунандагон метавонанд бо истифода аз технологияи муосир дар вақти ҳимояи рисолаи хатм натиҷаи асосии кори худро муаррифӣ намоянд.

30. Ба аттестатсияи хатм донишҷӯёне роҳ дода мешаванд, ки талаботи нақша ва барномаҳои таълимиро пурра иҷро намудаанд. Рӯйхати чунин хатмкунандагон аз тарафи декани факултет омода шуда, ду ҳафта пеш аз оғози аттестатсияи хатм бо фармоиши ректор (директор)-и муассисаи таҳсилоти олии касбӣ тасдиқ карда мешавад.

31. Ба комиссияи аттестатсионии хатм аз тарафи садорати факултет барои ҳар як хатмкунанда ҳуҷҷатҳои зерин пешниҳод карда мешаванд:

– маълумотномаи академии хатмкунанда ё транскрипт;

– рисолаи хатми муқовабандӣ кардашуда бо ҳамаи имзоҳои зарурӣ;

– хулосаи роҳбари рисолаи хатм;

– тақризи муқарризони рисолаи хатм;

– нусхаи фармоиш оид ба роҳ додан ба аттестатсияи хатм.

32. Муқарризони рисолаҳои хатм аз тарафи декани факултет бо пешниҳоди мудирони кафедраҳо таъйин карда мешаванд.

33. Комиссияи аттестатсионии хатм бо иштироки на кам аз 3 нафари аъзоён гузаронида мешавад.

34. Вақти қабули аттестатсияи хатми як хатмкунандаи бакалавр ва мутахассиси зинаи таҳсилоти олии касбӣ (ба истиснои магистратура)

барои супоридани имтиҳони давлатӣ ва ҳимояи рисолаи хатм то 30 дақиқа муайян карда мешавад. Ба хатмкунанда барои баёни маърузаи омодакардааш нисбат ба натиҷаи рисолаи хатм то 15 дақиқа вақт дода мешавад.

35.Дар зинаи магистратура бошад, барои қабули аттестатсияи хатми як хатмкунанда то 45 дақиқа вақт ҷудо карда мешавад.

36.Натиҷаи аттестатсияи хатм дар рӯзи баргузории аттестатсия баъд аз омода (пур) кардани протоколи ҷаласаи комиссия аз тарафи раиси комиссия эълон карда мешавад.

37.Дар ҳолати норозӣ будан аз баҳои гузошташудаи комиссия хатмкунанда метавонад ба таври шифоҳӣ ба раиси комиссия мурочиат намояд. Дар рӯзи баргузории аттестатсияи хатм раиси комиссия ҳуқуқ дорад бо хатмкунанда тариқи суҳбат саволу ҷавоб кунад. Баъд аз ҷавобҳои дурусту саҳеҳ баҳои гузошташуда метавонад иваз карда шавад.

38.Натиҷаи аттестатсияи хатм дар шакли анъанавии таҳсилот бо баҳоҳои «аъло», «хуб», «қаноатбахш» ва «ғайриқаноатбахш» ифода меёбад. Ба хатмкунандагоне, ки на камтар аз 75% имтиҳонҳои ҷориро бо баҳои «аъло» ва боқимондаро бо баҳои «хуб» супорида, рисолаи хатм ва имтиҳон(ҳо)и давлатиро бо баҳои «аъло» ҷамъбаст менамоянд, «дипломи аъло» дода мешавад.

39.Натиҷаи аттестатсияи хатм дар зинаҳои таҳсилоти бисёрзинагӣ-бакалавриат ва магистратура бо баҳоҳои A, A-, B+, B, B-, C+, C, C-, D+, D ифода меёбад. Ба хатмкунандагоне, ки на камтар аз 75% имтиҳонҳои ҷориро бо баҳои A (A, A-ё ба онҳо эквивалент) ва боқимондаро бо баҳои B (B+, B, B- ё ба онҳо эквивалент) супорида, рисолаи хатм ва имтиҳон (ҳо)-и давлатиро бо баҳои A ҷамъбаст менамоянд, «дипломи аъло» дода мешавад.

40.Ба хатмкунандае, ки дар давоми таҳсил имтиҳони як ё якчанд фанро бо сарбории умумии аз 18 кредит ё 432 соат зиёд такроран супоридааст ё баҳояшро иваз намудааст, новобаста аз натиҷаҳо “дипломи аъло” дода намешавад.

41.Хатмкунандагоне, ки дар яке аз марҳилаҳои аттестатсияи хатм баҳои «ғайриқаноатбахш» гирифтаанд, ҳуқуқи иштирок дар боқимонда марҳилаҳои аттестатсияи хатмро аз даст намедиҳанд.

42.Дар сурати ғайриқаноатбахш баҳогузорӣ кардани ҳимояи рисолаи хатм ё бесабаб ҳозир нашудани хатмкунанда ба ҳимояи рисолаи хатм комиссияи аттестатсияи хатм барои хориҷ намудани хатмкунанда аз муассисаи таълимӣ бе нигоҳдошти номи мавзуъ ва роҳбари рисолаи хатм ба раёсат пешниҳод менамояд ва ин дар фармоиши ректори (директори) муассисаи таҳсилоти олии касбӣ оид ба хориҷи хатмкунанда инъикос карда мешавад. Дар ин ҳолат баъд аз барқароршавӣ хатмкунанда дар семестри охирон пурра таҳсил мекунад.

43.Дар ҳолати босабаб ҳозир нашудани хатмкунанда ба ҳимояи рисолаи хатм, дар мавриди пешниҳоди маълумотномаи тиббӣ ё дигар ҳуҷҷатҳои тасдиққунанда дар давоми 3 рӯзи баъд аз рӯзи ҳимоя бо фармоиши ректор (директор)-и муассисаи таълимӣ бо нигоҳдошти номи мавзуъ ва роҳбари рисолаи хатм танҳо аттестатсияи хатм ба соли дигар гузаронида мешавад.

44.Хатмкунандагоне, ки рисолаи хатмашонро ҳимоя накардаанд ва ё аз имтиҳони давлатӣ нагузаштаанд, дар муддати то панҷ соли баъд аз хориҷ шудан ба аттестатсияи хатм роҳ дода мешаванд. Пас аз гузаштани муҳлати панҷ сол хатмкунандагон бо иҷозати мақомоти ваколатдор дар соҳаи маориф ба курси мувофиқ барқарор карда мешаванд.

45.Дар мавриди пур кардани замимаи диплом, агар хатмкунанда аз як фан якчанд баҳо дошта бошад, баҳои имтиҳони охирини ӯ ба ҳисоб гирифта мешавад.

46.Ба хатмкунандагоне, ки дар имтиҳони давлатӣ ё ҳимояи рисолаи хатм баҳои «ғайриқаноатбахш» гирифтаанд, ба ҷойи диплом маълумотнома дар бораи таҳсил ва маълумотномаи академӣ дода мешавад.

47.Ба хатмкунандагон дар ҷаласаи комиссияи аттестатсионии хатм бо таври кушода мувофиқи овозҳои аъзои комиссия баҳо гузошта мешавад. Дар сурати баробар будани овозҳо, овози раиси комиссияи аттестатсионии хатм ҳалкунанда ҳисобида мешавад.

48.Ба хатмкунандагоне, ки аз аттестатсияи хатм гузаштаанд, дар асоси қарорҳои комиссияи аттестатсионии хатм бо фармоиши ректор (директор) дараҷаи тахассус, диплом ва нишони сарисинагӣ дода мешавад. Танҳо зимни гирифтани дипломҳои такрорӣ ба дипломҳои хатмкунандагон ба ҷойи раиси комиссияи аттестатсионии хатм дар асоси қарори шуро метавонад ноиби ректор оид ба корҳои таълимию методии муассисаи таҳсилоти олии касбӣ имзо намояд.

49.Барои ҳар як ҷаласаи комиссияи аттестатсионии хатм нисбат ба ҳар як хатмкунанда протоколҳо (замимаҳои 1 ва 2) тартиб дода шуда, дар онҳо раис ва аъзои комиссияи аттестатсионии хатм имзо мегузоранд. Протоколҳо дар китоби баставу муҳрзада муқовабандӣ шуда, пур карда мешаванд.

50.Баъд аз ба анҷом расидани кори комиссияи аттестатсияи хатм раисони комиссия ҳисобот оид ба фаъолияташонро таҳия менамоянд. Дар ҳисоботи таҳияшудаи раиси комиссия бояд масъалаҳои зерин инъикос ёбанд:

– омодагии муассисаи таҳсилоти олии касбӣ, факултет ва кафедраҳо барои гузаронидани аттестатсияи хатм;

– тавсифи мундариҷа ва шакли барномаҳои таълимии аттестатсияи хатм, саволномаҳо, билетҳо ва мувофиқати онҳо бо барномаи таҳсилотӣ;

– таҳлили савияи илмӣ ва назариявию амалии хатмкунандагон аз рӯйи ихтисос ва мувофиқати онҳо ба вазифаҳое, ки аз сиёсати давлатӣ дар соҳаи маориф бармеоянд;

– тавсифи мавзуи рисолаҳои хатм, сифати амалан ба анҷом расонидан ва хусусияти назариявӣ-амалии онҳо;

– таҳлил ва баҳодиҳӣ ба сифати донишу малака ва сатҳи салоҳияти соҳибшудаи хатмкунандагон;

– пешниҳоди хатмкунандагон барои идомаи таҳсил дар зинаи навбатии таҳсилот;

– пешниҳоди тавсияҳо ҷиҳати паҳн намудани таҷрибаи пешқадам;

– дар заминаи камбудию норасоиҳои бавуҷудомада хулоса ва пешниҳод барои беҳтар шудани аттестатсияи хатм.

1. Ба ҳисобот натиҷаҳои зерин ба шакли ҷадвалҳо бояд замима гарданд:

а) натиҷаи имтиҳонҳои давлатӣ дар шакли ҷадвали 1. Барои ҳар як имтиҳони давлатӣ дар ҷадвали алоҳида.

б) натиҷаи ҳимояи рисолаҳои хатм дар шакли ҷадвали 2.

Ҷадвали 1

Рамз ва номи ихтисос	
Шумораи хатмкунандагон, нафар	
Шумораи иштирок надоштагиҳо, нафар	

Ифодаи ҳуруфии баҳо	Ифодаи ададии баҳо	Ифодаи анъанавии баҳо	Шумораи хатмкунандагони чунин баҳо гирифта
A	4,0	Аъло	
A-	3,67		
B+	3,33	Хуб	
B	3,0		
B-	2,67		
C+	2,33	Қаноатбахш	
C	2,0		
C-	1,67		
D+	1,33		
D	1,0		
Fx	0	Ғайриқаноатбахш	
F	0		

Ҷадвали 2

№	Рамз ва номи ихти-сос	Шумораи хатмкунандагон			Шумораи хатмкунандагони иштирок надошта			Шумораи тавсия шудагон ба зинаи		Шумораи тавсияшудагон ба	
		Бакалавриат	Мутахассис	Магистратура	Бакалавриат	Мутахассис	Магистратура	Магистратура	Доктор PhD	Дипломи аъло	Дипломи муқаррарӣ

51.Ҳисоботи раиси комиссияи аттестатсионии

хатм баъди ба итмомрасии аттестатсияи хатм омода шуда, дар давоми 3 рӯз дар ҷаласаи навбатӣ ё ғайринавбатии шурои олимони факултет бо иштироки бевоситаи раиси комиссияи аттестатсияи хатм муҳокима ва тасдиқ мешавад.

52.Маълумотномаи таҳлили фаъолияти комиссияҳои аттестатсияи хатм аз ҷониби воҳидҳои сохтории раёсати муассисаи таҳсилоти олии касбӣ, ки ба таълим ва илм вобастаанд, таҳия гардида, дар муддати ду ҳафта баъд аз интиҳои давраи аттестатсия ба таври хаттӣ ва электронӣ ба Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод карда мешавад.

Замимаи 1

ВАЗОРАТИ МАОРИФ ВА ИЛМИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

НОМИ МУАССИСАИ ТАҲСИЛОТИ ОЛИИ КАСБӢ

ПРОТОКОЛИ№ ____

ҷаласаи комиссияи аттестатсияи хатм оид ба қабули имтиҳони давлатӣ

“___”_____ соли 20___ ш._____

аз фан (ҳо)-и _____

Иштирок намуданд:

Раис _____

(унвон,ному насаб)

Аъзоён _____

(унвон,ному насаб)

_____

Хатмкунанда_____

(ному насаб)

Рамз ва номи ихтисос _____

Зинаи таҳсилот _____

Саволҳои билет

1. _____
2. _____
3. _____
4. _____

Саволҳои иловагӣ 1.
_____
2. _____
Тавсифи умумии ҷавоби донишҷӯ ба саволҳо:
_____

ҚАРОРИ КОМИССИЯИ АТТЕСТАТСИЯИ ХАТМ:

Баҳои донишҷӯ аз имтиҳони давлатӣ _____ ҳисобида шавад.

Хулосаҳои махсуси аъзоёни комиссияи аттестатсияи хатм _____
_____

Раис_____
(ному насаб)

Аъзоён _____
(ному насаб)

_____ _____
_____ _____
_____ _____
Котиб (ному насаб, имзо) _____
_____ _____
_____ _____
_____ _____

Замимаи 2

ВАЗОРАТИ МАОРИФ ВА ИЛМИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН
НОМИ МУАССИСАИ ТАҲСИЛОТИ ОЛИИ КАСБӢ

ПРОТОКОЛИ № ____

ҷаласаи комиссияи аттестатсияи хатм оид ба ҳимояи рисолаи хатм
“___”_____ соли 20___ ш._____

Иштирок намуданд:
Раис _____
(унвон,ному насаб)

Аъзоён _____
(унвон,ному насаб)

_____

_____
_____

Хатмкунанда_____
(ному насаб)

Рамз ва номи ихтисос _____
_____
Зинаи таҳсилот _____
Мавзуи рисола: _____
_____

Роҳбари илмӣ: _____

Ба комиссия маводи зерин пешниҳод карда мешавад:

1. Маълумотномаи академӣ/ транскрипт_____
(факултет, маркази бақайдгирӣ) аз «___»__ с.20___
Дар муддати таҳсил аз тарафи хатмкунанда _____ имтиҳон ва _____ санҷишҳо мутобиқ ба нақшаи таълимӣ супорида шудааст.
2. Рисолаи хатми муқовабандишуда дар_____ саҳифа
3. Замимаҳои рисола: _____
(нақшаҳо, макетҳо, барномаҳо ва ба монанди инҳо)
3. Хулосаи роҳбар
4. Тақризи _____
5. Маводи иловагӣ_____
Баъд аз баёни маъруза нисбат ба рисолаи хатм ба хатмкунанда саволҳои зерин дода шуд:
1._____
(ному насаби шахси саволдиҳанда ва мазмуни савол)
2._____
3._____
4._____

Қарори комиссияи аттестатсияи хатм

1. Ҳисобида шавад, ки хатмкунанда_____ рисолаи хатмро бо баҳои _____ҳимоя намуд.
2. Ба _____
(ному насаби хатмкунанда)

Дараҷаи_____
тахассуси _____

(бакалавр/мутахассис)

аз рӯйи ихтисоси _____додашавад.

Дипломи_____

(муқаррарӣ, аъло)

Қайд карда шуд, ки _____

_____

Раиси КАХ_____

(ному насаб)

Аъзои КАХ _____

(ному насаб) (имзо)

_____ _____

_____ _____

_____ _____

Котиб _____

(ному насаб, имзо)

Замимаи 4
ба қарори ҳайати мушовараи
Вазорати маориф ва илми
Ҷумҳурии Тоҷикистон
аз «29» августи соли 2022, №12/4

НИЗОМНОМА ДАР БОРАИ РИСОЛАИ ХАТМИ ДОНИШҶӮЁНИ ДАРАҶАИ БАКАЛАВР ВА МУТАХАССИСИ МУАССИСАИ ТАҲСИЛОТИ ОЛИИ КАСБИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

1. МУҚАРРАРОТИ УМУМӢ

1.Низомномаи мазкур дар асоси Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф», Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи таҳсилоти олии касбӣ ва таҳсилоти касбии баъд аз муассисаи олии таълимӣ», «Низомномаи низоми кредитии таҳсилот дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон», «Низомномаи аттестатсияи хатм» ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии соҳаи маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳия шудааст.

2. Низомномаи мазкур мақсад, вазифа ва тартиби таҳияи рисолаи хатмро дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян мекунад.

3. Рисолаи хатм натиҷаи фаъолияти таълимию методӣ ва илмии донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ба ҳисоб меравад. Рисолаи хатм – дастоварде мебошад, ки дар он тамоми натиҷаҳои дониши назариявию амалӣ, малакаҳои омӯзиши манбаъҳо, таҳлилу тасниф, қиёсу муқобилгузорӣ, тасдиқу инкор ва хулосаву натиҷагириҳои муаллиф нисбат ба мавзуи пажӯҳиш инъикос меёбад.

4. Рисолаи тахассусии хатм дар шаклҳои зерин мувофиқ ба дараҷаи дахлдори таҳсилоти олии касбӣ анҷом дода мешавад:

-барои дараҷаи бакалавр дар шакли рисолаи хатми бакалавр;

-барои дараҷаи мутахассис дар шакли рисолаи хатми мутахассис.

5. Хатмкунандагони дараҷаҳои бакалавриат ва мутахассиси муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ аз рӯйи натиҷаи дастовардҳои таълимӣ рисолаи хатм менависанд.

2.ТАЛАБОТИ МЕТОДОЛОГӢ ВА АСНОДИЮ МЕЪЁРӢ ДОИР БА ТАҲИЯИ РИСОЛАИ ХАТМ

6. Дар таҳияи рисолаи хатм ҷамъоварии мавод, гурӯҳбандии мавод вобаста ба мавзуъ, хусусиятҳои умумӣ ва ё фарқкунанда, муқоисаи мавод, таҳлили он ва тасдиқи мулоҳизаҳои ҷолиби муҳаққиқони дигар ва ё рад намудани нуқтаи назари беасос ва ё ғалат низ аз ҷумлаи меъёрҳои муҳим маҳсуб меёбанд.

7. Хусусиятҳои асосии рисолаи хатм аз инҳо иборат мебошад:

-бошуурона интихоб намудани мавзуъ ва дарки моҳияти он;

-мустақилона навиштани рисолаи хатм аз тарафи донишҷӯ;

-мавқеи муаллиф ва нуқтаи назари ӯ зимни таҳлилу муқоисаи мавод нисбат ба андешаҳои муҳаққиқони дигар;

-рисолаи хатми иҷрошуда барои муайян намудани қобилияти муаллиф асос буда метавонад;

-рисолаи хатм бояд дар асоси фанҳои асосии тахассусӣ навишта шавад;

-баҳодиҳӣ ба мундариҷа, сифат ва моҳияти рисолаи хатм бояд холисона сурат гирад;

-рисолаи хатм танҳо дар соли охирини таҳсил аз рӯйи ихтисос навишта мешавад.

3. МАВЗУЪҲОИ РИСОЛАИ ХАТМ ВА ТАЛАБОТ БА ПЕШНИҲОДИ ОНҲО

8. Рисолаи хатм кори илмии мустақилона буда, аз лиҳози мантиқӣ анҷомёфтаи назариявию таҷрибавӣ маҳсуб меёбад. Он як самти корҳои илмии кафедраро ташкил медиҳад. Таҳияи рисолаи хатм дар кафедра аз пешниҳоди мавзуъ оғоз меёбад. Ҳар як мудири кафедра қабл аз оғози соли таҳсил барои омӯзгорони кафедра ҷиҳати пешниҳоди мавзуъҳо дастур медиҳад. Дар муҳлати таъиншуда номгӯйи мавзуъҳоро аз омӯзгорон ҷамъ намуда, дар ҷаласаи кафедра муҳокима менамояд.

9. Мавзуъҳои пешниҳоднамудаи омӯзгорон бояд аз шумораи донишҷӯёни хатмкунандаи дараҷаи бакалавр ва мутахассис зиёд бошад. Дар ин сурат ҳар як омӯзгор бояд на камтар аз 10 номгӯйи мавзуи рисолаи хатмро пешниҳод намояд.

10. Мавзуъҳо дар ҷаласаи кафедра тасдиқ шуда, ҷанбаҳои муҳимият ва мубрамият, такрор набудан, барои ҳалли проблемаи ягон соҳа нигаронида шудани онҳо ба инобат гирифта шавад. Баъдан якҷоя бо протоколи кафедра ба муҳокимаи шурои олимони факултет пешниҳод шуда, баъд аз тасдиқ ҷиҳати иҷро ба кафедра баргардонида, барои интихоби донишҷӯён вогузор карда мешавад.

11. Мавзуъҳои рисолаҳои хатм аз рӯйи тавсиф, мазмун, методология ва методҳои истифодашуда шартан ба се гурӯҳ ҷудо мешаванд:

-мавзуъҳои назариявӣ;

-мавзуъҳои амалӣ;

-мавзуъҳои омехта;

12. Мавзуъҳои назариявӣ дар асоси истифодаи адабиёти илмӣ ичро карда мешаванд. Ҳамзамон коркард ва пажӯҳиши мавзуъ истифодаи маводи сотсиологӣ ва амалиро талаб менамояд.

13. Мавзуъҳои хусусияти амалидошта дар асоси омӯзиш, ҷамъбаст, таҳлили корҳои илмӣ-методӣ ва амалӣ-эҷодӣ ичро мешаванд.

14. Мавзуъҳои омехта дар худ ҳам ҷанбаҳои назариявӣ ва ҳам амалии омӯзишро ифода намуда, муносибати байнифаннӣ ва комплексиро дар ҳалли предмети кори илмӣ талаб менамоянд.

15. Қабл аз тасдиқ намудани мавзуъҳо дар ҷаласаи кафедра ва ҷаласаи шурои олимони факултет талаботи меъёрии зерин бояд риоя шаванд:

-мавзуи пешниҳодшуда бояд такрор набошад;

-дар ҳалли ягон паҳлуи мушкилоти соҳа мусоидат намояд;

-донишҷӯро ба пажӯҳиш ва ҷустуҷӯ водор созад;

-барои сайқал ёфтани малакаю маҳорати илмию эҷодии донишҷӯ мусоидат намояд;

-хусусияти инноватсионӣ дошта, ифодагари талаботи замон бошад;

-номи мавзуъҳо бояд кӯтоҳ ва фаҳмо бошад;

-ба як донишҷӯ интихоби ду мавзуъ манъ аст.

16. Мудири кафедра мавзуъҳои тасдиқшударо барои шиносоии донишҷӯён дар лавҳаи кафедра насб менамояд. Ба донишҷӯ ҳуқуқи озодона интихоб намудани роҳбари рисолаи хатм ва мавзуъ дода мешавад.

4. ВАЗИФАҲОИ РОҲБАРИ РИСОЛАИ ХАТМ

17. Ҳамаи омӯзгорони кафедра, ки соҳиби унвон ва дараҷаи илмӣ мебошанд, таҷриба ва собиқаи кофии меҳнатӣ доранд, ҳуқуқи ба рисолаи хатм роҳбарӣ карданро доранд.

Роҳбарӣ ба рисолаи хатми бакалавр ва мутахассис дар ҳаҷми 0,75 кредит (18 соат) барои як соли таҳсил муайян карда мешавад.

18. Теъдоди донишҷӯён барои роҳбарӣ ба рисолаи хатми бакалавр ва мутахассис дар як соли таҳсил барои як омӯзгор вобаста ба вазифа, дараҷа ва унвони илмӣ ба тариқи зайл муқаррар карда мешавад:

-доктори илм, профессор – то 12 нафар;
-доктори илм, и.в. профессор – то 10 нафар;
-доктори илм, дотсент – то 9 нафар;
-номзади илм, и.в.профессор – то 7 нафар;
-номзади илм, дотсент – 7 нафар;
-номзади илм, и.в.дотсент – 6 нафар;
-номзади илм, муаллими калон – 6 нафар;
-муаллими калон, беунвон – то 3 нафар;

Ҳангоми зиёд будани шумораи хатмкунандагони муассисаи таълимӣ бо иҷозати Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон меъёри роҳбарӣ ба рисолаи хатми бакалавр ва мутахассис метавонад дар як соли таҳсил барои як омӯзгор зиёд муқаррар карда шавад.

19. Дар сурати набудани миқдори кофии омӯзгорони соҳибунвон ба таври истисно ба ассистентоне, ки зиёда аз 3 сол собиқаи корӣ доранд, роҳбарии 2 рисолаи хатм иҷозат дода мешавад. Агар теъдоди донишҷӯёни хатмкунанда аз меъёри нишондодашуда зиёд бошад, мудири кафедра дар ин вазъият ба унвони ректори муассисаи таълимӣ муроҷиат намуда, барои ҷалби омӯзгорони ҳамкор иҷозат мегирад.

20. Роҳбари рисолаи хатм пас аз амалӣ гардидани фармоиши ректор бо донишҷӯёни рисоланавис суҳбати корӣ доир менамояд. Бо аризаи донишҷӯён шинос

шуда, моҳияти мавзуъҳои интихобнамудаи онҳоро мефаҳмонад.

21.Роҳбари рисолаи хатм вазифадор аст:

-моҳияти мавзуи рисолаи хатмро ба донишҷӯён фаҳмонад;

-дар таҳияи нақшаи кор ба донишҷӯ кумак расонад;

-адабиёти илмиро ба донишҷӯ тавсия кунад;

-ба амали рӯбардоркунии шогирд роҳ надиҳад;

-бо донишҷӯ роҷеъ ба ҳаҷми кор, мазмуну мундариҷа, ороиш, талаботҳои меъёрӣ ва техникӣ, муҳлати таҳияи кор машварат гузаронад;

-корро ба ҳимоя тавсия диҳад, ё барои ислоҳи нуқсонҳо баргардонад;

-хулосаҳои худро дар шакли тақриз доир ба пурра иҷро шудани рисола пешниҳод намояд;

-дар масъалаи омода намудани матни маърузаи донишҷӯ зимни дифои рисола маслиҳатҳо диҳад;

-дар раванди дифои рисолаи хатм иштирок намояд.

22. Талаботҳои дар боло зикрёфта самти фаъолияти роҳбарро дар рафти таҳияи рисолаҳои хатми донишҷӯ муайян менамояд.

5. ВАЗИФА ВА УҲДАДОРИҲОИ ДОНИШҶӮ ЗИМНИ НАВИШТАНИ РИСОЛАИ ХАТМ

23. Донишҷӯйи хатмкунандаи муассисаи таълимӣ вазифадор аст, ки то охири моҳи сентябр мавзуъ ва роҳбари рисолаи хатми худро интихоб намояд. Аризаҳои донишҷӯён дар маҷлиси кафедраи тахассусӣ баррасӣ шуда, дар ин хусус қарор ва протоколи кафедра дар бораи вобаста намудани мавзуи рисола ва таъин намудани роҳбар дар доираи он протокол тасдиқ карда мешавад. Дар асоси қарори шурои олимони факултет фармоиши ректори муассисаи таълимӣ дар бораи тасдиқи мавзуъҳо ва таъйини роҳбарони рисолаи хатм ба тасвиб расонида мешавад.

24. Агар донишҷӯ хоҳиши иваз намудани мавзуъ ё роҳбарро дошта бошад, вазифадор аст, ки танҳо дар асоси санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқии соҳа масъалаи баамаломадаро бартараф созад.

25. Муҳлати ворид намудани чунин тағйирот дар доираи 10 рӯзи баъд аз тасдиқшавии мавзуъ ва таъини роҳбари рисолаи хатм ва 10 рӯз аз вақти пешниҳод шудани ариза ба ҳисоб гирифта мешавад. Ба донишҷӯ танҳо як маротиба ҳуқуқи такроран иваз намудани мавзуъ ва роҳбар дода мешавад. Дар ҳолатҳои фавқулода мудири кафедра метавонад ба ҷойи роҳбари рисолаи хатми донишҷӯ муваққатан ё то анҷоми рисола роҳбари дигарро таъйин намояд. Доир ба ин масъала санад ва қарори кафедра ҳамчун асос хизмат мекунад.

26. Бо тасдиқ гардидани мавзуъ ва таъйин шудани роҳбари рисолаи хатм донишҷӯ вазифадор аст, ки:

-реҷаи кори худро бо роҳбар мувофиқа намояд;

-нақшаи кории таҳияи рисоларо якҷоя бо роҳбар тартиб дода, иҷрои онро дар муҳлатҳои таъиншуда таъмин созад;

-зимни навиштани рисолаи хатм талаботи бобҳо ва фаслу параграфҳои онро риоя намояд;

-оид ба корҳои анҷомшуда ва саҳеҳияти маълумот ба роҳбар мунтазам ҳисобот манзур намояд;

-матни рисоларо мустақилона ва эҷодкорона дар заминаи риояи қоидаҳои имлои забони тоҷикӣ таҳия намояд;

-талаботи техникии нигориши матни рисола, талабот ба ҳаҷми кор, ороишу ҷобаҷогузории бобу фаслҳо ва дигар рукнҳои кори дипломиро ҷиддӣ риоя кунад;

-адабиёти илмӣ, таълимӣ ва методии марбут ба корро мутолиа намуда, фикрҳои асосии муаллифонро барои тақвияти нуқтаи назари худ иқтибос оварда, бо ақидаи дигар муаллифон оқилона муқоиса намояд;

-мустақилона мавод ҷамъоварӣ карда, онро таснифу таҳлил кунад;

-этикаи таҳия ва ҷобаҷогузории адабиётро тибқи алифбо ва меъёрҳои пунктуатсионӣ риоя кунад;

-аз назария ва амалияи қоидаҳои иқтибосоварӣ ва иқтибосгирӣ бохабар бошад;

-методҳои асосии илмии фанро хуб аз бар карда, дар рафти таҳияи рисолаи хатм истифода барад;

-дар ҷараёни навиштани рисолаи хатм ба зуҳуроти рӯбардоркунӣ роҳ надиҳад;

-сомонаи маводи илмию методии интернетиро дар кор ва рӯйхати адабиёт нишон диҳад;

-корро дар муҳлати муқарраргардида ба роҳбари рисолаи хатм пешниҳод намояд;

-тавсияҳои роҳбарро барои беҳтар гардидани сифати рисола, риояи талаботи техникӣ, ороиш, ҳаҷм, мазмун ва мундариҷа, истифодаи методҳои омӯзиш, усули навишти муқаддима, хулоса ва феҳристи адабиёт ба инобат гирад;

-нусхаҳои рисолаи тахассусии хатмро пас аз таҳрири роҳбари рисолаи хатм дар муҳлати муқарраргардида ба мудири кафедра барои пешдифоъ ва ё роҳ додан ба ҳимоя пешниҳод намояд;

-барои манзури кор ба дифоъ матни мухтасари маърузаро дар бобати аҳамияти илмӣ ва амалии мавзӯъ, сохтори рисола, моҳияти бобу фаслҳои он таҳия созад;

-ба саволҳои аъзои Комиссияи аттестатсияи хатм пурраву саҳеҳ бо назардошти риояи меъёрҳои забони адабӣ ҷавоб диҳад;

-этикаи муоширатро дар ҷараёни ҳамкориҳо бо роҳбари рисолаи хатм, мудири кафедра ва зимни супоридани имтиҳони давлатӣ риоя намояд;

-шакли электронии рисоларо ба китобхона супорад.

6.ВАЗИФАИ МУДИРИ КАФЕДРА ДАР РАВАНДИ КОРҲОИ ТАШКИЛӢ, ТАҲИЯ, ДИФОЪ ВА ҲИМОЯИ РИСОЛАИ ХАТМ

27. Роҳбарӣ ба корҳои илмии донишҷӯён яке аз вазифаҳои мудири кафедра маҳсуб меёбад. Назорат аз болои рафти таҳияи рисолаи хатмро низ мудири кафедра бар дӯш дорад.

28. Мудири кафедра то иҷрои рисолаи хатм вазифадор аст:

-номгӯйи мавзуъҳои рисолаи хатмро то 1-уми октябр дар ҷаласаи кафедра муҳокима ва тасдиқ намояд;

-мавзуҳоро ба муҳокимаи шурои олимони факултет то 5 октябр пешниҳод намояд;

-тибқи аризаи донишҷӯён ба онҳо роҳбарони рисолаи хатмро аз ҷумлаи устодони соҳибунвон ва ботаҷриба таъин намояд;

-номгӯйи мавзуҳои рисолаи хатмро бо мақсади пешгирӣ аз зуҳуроти такрорёбӣ дар сомонаи қисми илмии муассисаи таълимӣ ҷойгир кунад;

-нақшаи кории якҷояи роҳбарони рисолаи хатм ва рисоланависонро дар маҷлиси кафедра тасдиқ намуда, рафти иҷрои онро назорат кунад;

-нусхаи аввали рисолаи хатмро як моҳ қабл аз муҳлати дифоъ дар ҷаласаи кафедра баррасӣ намуда, сифати кор, хулосаҳои роҳбари рисолаи хатм ва такризҳоро дида баромада, онро барои ҳимоя иҷозат диҳад ва ё барои ислоҳи нуқсонҳо ба муҳлати то як ҳафта баргардонад;

-рӯзи дифои рисола дар муҳокимаи он ширкат намуда, ҷиҳати бартараф намудани камбудиҳои рисолаи хатм нақшаи чорабиниҳоро таҳия намояд;

-оид ба таҳияи санад ҷиҳати ба бойгонии муассисаи таълимӣ супоридани рисолаҳои хатм тадбирҳо андешад;

-бо роҳбарони рисолаи хатм ва рисоланависон мунтазам суҳбат доир намуда, моҳияти ҳуҷҷатҳои меъёрӣ- ҳуқуқии соҳаро ба онҳо шарҳ диҳад.

29. Рисолаи хатм сифатан, ҳаҷман ва аз лиҳози техникиву ороишӣ бояд ба талабот ҷавобгӯй бошад.

7. МАРҲАЛАҲОИ АСОСИИ ТАҲИЯИ РИСОЛАИ ХАТМ

30. Хатмкунанда бо супориши роҳбари рисолаи хатм бояд нақшаи тақвимии таҳияи рисолаи худро оид ба мавзуи интихобшуда омода карда, вобаста ба марҳалаҳо муҳлати иҷрои корҳои заруриро дар таҳияи рисола дар он дарҷ намояд.

31. Намунаи нақшаи тақвимии таҳияи рисолаи хатм (Ҷадвали 1):

Ҷадвали 1

№	Номи бахш, боб ва фасл	Муҳлати пешниҳоди варианти аввал	Муҳлати пешниҳоди варианти хотимавӣ	Хулосаи роҳбари рисолаи хатм оид ба вазъи кор
	Муқаддима			
1	Боби якум			
2	Боби дуюм			
3	Боби сеюм			
	Хулоса			
	Феҳристи адабиёт			

32. Дар нақшаи тақвимӣ бояд тамоми даврaҳои иҷрои корҳои вобаста ба таҳияи рисолаи хатм аз оғоз то ба анҷом нишон дода шавад.

33. Нақшаи мазкур аввали моҳи октябр пас аз тасдиқ шудани мавзуъ ва роҳбари рисолаи хатм тартиб дода шуда, аз тарафи мудири кафедра тасдиқ мешавад ва мавриди иҷро қарор мегирад.

34. Мутобиқи талаботи нақша донишҷӯ вазифадор аст, ки охири ҳар моҳ доир ба ҳаҷми корҳои басомонрасида ба роҳбари рисолаи хатм маълумот манзур намояд.

35. Рисолаи хатм бояд дар марҳалаҳои зерин таҳия карда шавад.

Марҳилаи якум. Интихоби мавзуъ. Муайян кардани методҳои омӯзиши кори илмӣ. Таҳияи нақшаи кор ва сохтори он.

Марҳилаи дуюм. Ҷустуҷӯйи маводи кор. Таснифи мавод аз рӯйи мавзуъ ва маъно. Интихоби методҳо ва усулҳои омӯзиши кори илмӣ.

Марҳалаи сеюм. Мутолиаи адабиёти назариявӣ ва конспекти онҳо. Иқтибос гирифтан аз асарҳои мутолиашуда. Навиштани муқаддима. Таҳияи ҳисобот доир ба корҳои иҷрошуда.

Марҳалаи чорум. Навиштани ҳисобот оид ба сохтори рисола ва ҳаҷми иҷрои корҳо. Навиштани ҳисобот оид ба натиҷаи корҳои иҷрошуда. Навиштани матни боби 1. Навиштани матни боби 2. Навиштани матни боби 3. Аз ҷиҳати техникӣ дуруст таҳия намудани матни хулоса ва феҳристи адабиёт.

Марҳилаи панҷум. Ба роҳбари рисолаи хатм пешниҳод намудани намунаи аввали рисолаи хатм ва гирифтани тақризи роҳбар. Ба мудири кафедра пешниҳод намудани намунаи хотимавии кор. Ба инобат гирифтан ва даровардани таҳриру ислоҳот ба кор. Ҳисобот оид ба корҳои иҷрошуда.

Марҳалаи шашум. Барои гирифтани тақризи беруна пешниҳод намудани кор. Аз тарафи мудири кафедра тибқи қарори ҷаласаи кафедра ба дифоъ роҳ дода шудани муаллифи рисола. Омода намудани матни маъруза ҷиҳати дифои рисола.

Марҳалаи ҳафтум. Ҳимояи рисолаи хатм дар ҳузури Комиссияи аттестатсияи хатм.

36. Байни ҳар як марҳалаи кори илмӣ робитаи зич мавҷуд буда, фатҳи марҳалаҳо аз донишҷӯ ҳисси баланди масъулиятшиносиро тақозо менамояд.

37. Ҳар як зина идомаи мантиқии зинаи пешина мебошад. Аз мундариҷаи корҳо бармеояд, ки ҳиссаи асосӣ ва аксари иҷрои супоришот бевосита ба зиммаи муаллиф қарор дошта, роҳбари рисолаи хатм ба ҳайси маслиҳатчӣ дар таҳияи кор саҳм мегирад. Мудири кафедра бошад, вазифаи нозириро ба уҳда дошта, аз болои рафти иҷрои нақша ва иҷроиши марҳалаҳои зикрёфта назорат мебарад.

8. УСУЛҲОИ КОР БО АДАБИЁТИ ИЛМӢ, ИҚТИБОСГИРИЮ ИҚТИБОСОВАРӢ ВА ҶАМЪОВАРИИ МАВОД

38. Интихоби адабиёти илмӣ, таълимӣ, методӣ барои донишҷӯйи рисоланавис бо тавсияи роҳбари рисолаи хатм баъд аз тасдиқи мавзуъ ва устоди роҳнамо оғоз меёбад. Адабиёти илмӣ бояд ба мавзуъ мутобиқат намуда, дар он аз рӯйи хронология афкори муҳаққиқон мавриди баррасӣ ва таҳлилу муқоиса қарор гирад. Дар ин самт роҳбари рисолаи хатм вазифадор аст, ки ба рӯйхати адабиёт ҳамчунин номгӯйи осори илмӣ, таълимию методии ба тозагӣ нашргардида ва маводҳои илмию методии интернетиро тавсия намояд.

39. Донишҷӯ вазифадор аст, ки дар ин марҳалаи фаъолияти худ усули кор бо феҳрастро истифода бурда, бештари вақти холии худро дар сари мизи қироатхонаву китобхонаҳои шаҳр ва муассисаи таълимӣ гузаронад.

40. Зимни мутолиа рисоланавис бояд афкори барҷастаи муаллифону муҳаққиқони соҳаро дар варақчаҳои андозаи 15см х 7,5 см бо гузоштани рақами тартибӣ, овардани матни начандон калонҳаҷми иборат аз 1 ё 2-3 ҷумлаи хурд бо нишон додани манбаи истифодашуда, дарҷ намудани ному насаби муаллиф, номи асар, макони нашр, номи матбаа, соли нашр ва саҳифаи китоб бо мақсади тақвияти андешаҳои худ ва ё тасдиқу инкори мулоҳизаи муҳаққиқон сабт намояд. Ҳамин амалро донишҷӯ метавонад тариқи компютер низ ба анҷом расонад.

41. Рисолаи хатми хатмкунанда аз барномаи антиплагиат ҳатман гузаронида мешавад.

9. ТАЛАБОТ БА ҲАҶМИ РИСОЛАИ ХАТМ

42. Масъалаи муайян кардани ҳаҷми рисолаи хатми донишҷӯён аз он ҷиҳат яке аз рукнҳои муҳимми фаъолияти ӯ дар таҳияи рисолаи хатм маҳсуб меёбад, ки ҳаҷми васеи кор ифодагари ҷаҳонбинӣ, сатҳи баланди тахайюлот, фикри амиқу саҳеҳ доштан, дар хат дуруст ифода карда тавонистани матлаб мебошад.

43. Вобаста ба хусусиятҳои равиявии ихтисосҳои муассисаи таълимӣ ду навъи ҳаҷми рисолаи хатм муқаррар шудааст:

-ҳаҷми кори рисолаи хатм барои ихтисосҳои равияи гуманитарӣ- ҷамъиятӣ;

-ҳаҷми рисолаи хатм барои ихтисосҳои равияи табиӣ-риёзӣ ва техникию-технологӣ

44. Барои ихтисосҳои равияи гуманитарӣ-ҷамъиятӣ рисолаи хатм бояд на камтар аз 50 саҳифаи чопии электрониро бидуни шумораи саҳифаҳои замимаҳои ба кор иловашуда бояд ташкил диҳад.

45. Барои ихтисосҳои равияи табиӣ-риёзӣ бошад, рисолаи хатм на камтар аз 40 саҳифаи чопии электрониро бидуни замимаҳо ташкил диҳад.

46. Аз рӯйи ихтисосҳои равияи гуманитарӣ - ҷамъиятӣ рисолаи хатм дар доираи аз 50 то 70 саҳифаи чопии электронӣ ва барои ихтисосҳои равияи табиӣ-риёзӣ дар ҳудуди аз 40 то 60 саҳифаи чопии электронӣ муқаррар шудааст.

47. Риоя накардани муқаррароти мазкур боиси паст гардидани баҳои хатмкунандагон ва аз нав баргардонидани кор мешавад. Аз ин хотир, риояи ин талабот ҳатмӣ мебошад.

48. Ҳаҷми кори илмии донишҷӯ вобаста ба таркиби сохтории он аз муқаддима, се боб (ҳадди ақал аз ду боб), хулоса, феҳристи адабиёт иборат мебошад. Мавҷудияти замимаҳо ба ҳаҷми кор таъсир намерасонад.

10. ТАЛАБОТ БА ОРОИШ ВА НИГОРИШИ ТЕХНИКИИ РИСОЛАИ ХАТМ

49. Рисолаи хатме, ки ба талаботи меъёрҳои техникӣ ҷавобгӯй нест, аз ҷониби кафедра барои ба тартиб даровардан ба донишҷӯ баргардонида мешавад.

50. Зимни таҳияи рисола донишҷӯ бояд ба ҷиҳатҳои зерин эътибор диҳад:

-рисолаи хатм дар шакли чопӣ бо назардошти риояи қоидаҳои техникии таҳиясозии корҳои илмӣ, ки

стандартҳои давлатӣ муайян намудаанд, дар вараҡи сафеди андоза ва шакли А- 4 бояд навишта шавад;

-кор бо шрифти 14 Timesnew RomanTJ ва фосилаи 1,5 байни сатрҳо бояд иншо шавад;

-андозаи майдони ҷойгиркунии матнҳо ба тариқи зайл зарур аст:

- майдони холӣ аз тарафи чап -30мм (3см);
- майдони холӣ аз тарафи рост -10мм (1см);
- майдони холӣ аз боло -20мм (2см);
- майдони холӣ аз поён-20мм (2см).

-рисолаи хатм 10 рӯз қабл аз дифоъ дар шакли китоб муқовабандӣ шуда, бояд ба мудири кафедра супорида шавад;

-рисолаи хатм бо вараҡи унвон (титул) сар мешавад, ки дар он:

-номи Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон ё ки вазорати сарпараст - бо шрифти 16, ранги нимсиёҳ;

-номи муассисаи таълимӣ бо шрифти 14, ранги нимсиёҳ;

-номи мавзуи рисолаи хатм бо шрифти 20, ранги нимсиёҳ;

-номи факултет бо шрифти 14, ранги нимсиёҳ;

-номи ихтисос ва кафедра бо шрифти 14, ранги нимсиёҳ;

-ному насаби муаллифи рисолаи хатм пурра дарҷ меёбад (шрифти 14);

-ному насаби роҳбари рисолаи хатм пурра зикр карда мешавад (шрифти 14);

Намунаи вараҡаи унвон дар Замимаи 1 оварда шудааст.

51. Дар саҳифаи минбаъдаи рисола мундариҷа ҷойгир карда мешавад, ки дар он номгӯйи номи бахшу бобҳо, фаслу мавзуъҳо ва замимаҳо бо нишон додани саҳифаҳо дарҷ меёбанд. Номи бахшу бобҳо ва фаслу мазуъҳо (сарлавҳаҳо) дар дохили матн бо ранги нимсиёҳ ва шрифти 16 навишта мешавад. Сарлавҳаҳо

бояд дақиқан бо мундариҷаи кор мувофиқат кунанд, мухтасару аниқ, пайдарҳаму дақиқ масоили мантиқии рисоларо инъикос намоянд. Ҳамаи варақу саҳифаҳои кор аз муқаддима сар карда, то охири рисола рақамгузорӣ карда мешаванд. Рақамгузорӣ ба саҳифаҳои феҳристи адабиёт ва замимаҳо низ тааллуқ дорад.

Намунаи мундариҷа дар Замимаи 2 оварда шудааст.

52. Донишҷӯ дар ҷараёни таҳияи кор бобҳои онро метавонад бо рақамҳои римӣ ё кириллӣ рақамгузорӣ намояд, фаслҳо ва мавзуъҳоро дар шакли зерин рақамгузорӣ кардан лозим аст:

-пеш аз номи бобҳо бо рақамҳои римӣ ва ё кириллӣ : I. II. III. ё 1.2.3.

-пеш аз номи фаслҳо бо рақамҳои римӣ ва ё кириллӣ: I.1; II 1. ё 1.1.; 2.1.

-пеш аз номи мавзуъ ё параграфҳо: I.1.1; II . 1.2; III. 2.1. ё 1.1.1. 2.1.2. 3.2.1.

53. Бо тағйир ёфтани мавзуи матн тибқи талаботи меъёрҳои муқаррарнамудаи «Қоидаҳои имлои забони тоҷикӣ» сархат гузошта мешавад.

54. Истифодаи ҷадвалҳо, расму диаграммаҳо дар матни кор иҷозат дода мешавад. Миқдори чунин воситаҳо дар матн вобаста ба мазмуни он ҷойгир карда шуда, ба ҳадде иҷозат дода мешавад, ки барои баёни возеҳу мухтасари мазмуни матн ҳидоят кунад. Ҷадвалу расмҳо низ бояд рақамгузорӣ карда шаванд. Чунон ки «Расми 1», «Расми 2» «Ҷадвали 1» «Ҷадвали 2» ва ғайра.

55.Ҷадвалу расмҳо метавонанд ранга ва ё муқаррарӣ бошанд.

56. Матнҳои иқтибосшудаи дар кор айнан истифодашударо дар дохили нохунак гирифтан шарт мебошад. Матнҳои иқтибосиро дар варақ тариқи рақамгузорӣ ҷой додан мумкин аст.

57. Феҳристи адабиётро тибқи тартиби алифбо таҳия намуда, пай дар пай рақамгузории адабиёт шарт мебошад.

58. Замимаҳо дар охири кор берун аз қисмҳои асосӣ ҷойгир карда мешаванд. Рақамгузории замимаҳо дар шакли «Замимаи №1» ё «Замимаи №2» сурат мегирад.

59. Саҳифабандии варақҳо бо гузоштани рақамҳо: 1, 2,3,4….. анҷом меёбад. Рақами саҳифа дар поён ва мобайни варақ гузошта мешавад.

60. Назорати иҷрои риояи талаботҳои техникию ороиши рисолаи хатми донишҷӯ ба зиммаи роҳбари рисолаи хатм ва мудири кафедра вогузор мегардад.

11. СОХТОРИ РИСОЛАИ ХАТМ

61. Рисолаи хатм аз шарҳи мухтасар (аннотатсия) бо се забон (тоҷикӣ, русӣ, англисӣ), муқаддима, қисми асосӣ, хулоса ва феҳристи адабиёт иборат мебошад.

62.Бо масъалаи мазкур роҳбари рисолаи хатми донишҷӯро зимни таҳияи нақшаи рисолаи хатм ошно месозад.

63. Ҳар як қисми сохтор аз донишҷӯ мустақилона иҷро намудани масъаларо талаб менамояд. Ин бахшҳои сохтории кори илмии донишҷӯ дар навбати худ ҳадаф ва мақсадҳои муайян доранд.

64. Қисми асосии рисола метавонад на кам аз се боб иборат бошад. Дар навбати худ бобҳо метавонанд аз фаслҳо ва зерфаслҳо иборат бошанд.

65. Ҳар як боб муқаддима ва хулосаи мухтасари худро бояд дошта бошад.

66. Феҳристи адабиёти истифодашуда ба чор бахш ҷудо мешавад:

-қонунҳо ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ;

-адабиёти илмӣ;

-адабиёти таълимӣ;

-адабиёти иловагӣ.

67. Рисоланависон вазифадоранд, ки ҳангоми омӯзиши адабиёт аз рӯйи як қатор сарчашмаҳо бояд конспекти муфассал таҳия намоянд.

68. Дар рисолаи хатм истифодаи маводи ҳисоботи хизматӣ, маълумотҳои оморӣ (агар интишор шуда бошанд ё санади тасдиқшуда дошта бошанд) иҷозат дода мешавад.

12. ТАЛАБОТ БА НАВИШТАНИ МУҚАДДИМА

69. Муқаддима. Ин бахши рисолаи хатм дар заминаи мазмун ва мундариҷаи бобу фаслҳои асосии кор навишта мешавад ва он бештар хусусияти назариявӣ дорад.

70.Ҷузъҳои таркибии муқаддима иборат аст аз:

а) Гузориши масъала. Муаллиф дар ин бахш таъкид мекунад, ки мавзуи мавриди назар пурра ё қисман аз ягон ҷиҳат омӯхта нашудааст, бинобар ин, ба омӯзиши он зарурат ҷой дорад.

б) Муҳимияти мавзуи кори илмӣ. Дар ин ҷузъ рисоланавис аҳамияти илмӣ-амалии натиҷаи кори илмиро қайд мекунад. Ба рисоланавис имконият дода мешавад: агар рисола хусусияти техникӣ, технологӣ ва иқтисодиро молик бошад, аз ҳисоби ҷорӣ намудани он корхона ё муассиса метавонад фоида ба даст оварад, ки ин ҷиҳатро низ зикр кардан шарт мебошад. Баръакс, агар кор хусусияти гуманитарӣ-иҷтимоӣ дошта бошад, натиҷаҳои он бояд аз ягон ҷиҳат ба беҳдошти ҳаёти маънавии одамон мусоидат кунад.

в) Мақсад ва ҳадафҳои пажӯҳиш. Муаллиф дар ин қисмати муқаддима исбот мекунад, ки ҳалли мавзуъ аз ягон ҷиҳат ба кушодани гиреҳҳои сарбастаи мушкилоти ҷомеа (дар бахши иқтисодӣ, техникӣ, технологӣ, иҷтимоӣ, фарҳангӣ ва маънавӣ) мусоидат менамояд. Агар домани мавзуъ фаррох бошад, муаллиф ҳалли ягон паҳлуи онро ҳамчун ҳадафи омӯзиш қарор медиҳад.

г) Навгониҳо. Дар ин ҷузъ доир ба умумияти мавзуи омӯзиш бо мавзуъҳои илмии ба он монанд

(аналогӣ) сухан ронда, ҳамзамон афзалияти мавзуи пажӯҳишро дар натиҷаи ҷорӣ намудани навгониҳои назариявӣ, амалӣ ва таҷрибавӣ зикр мекунад. Навгониҳо аҳамияти илмӣ ва арзиши амалии корро боз ҳам баландтар менамоянд.

ғ) Дараҷаи омӯхта шудани мавзуъ. Яке аз қисматҳои муҳим ва ҳаҷман калони муқаддима дараҷаи омӯхта шудани мавзуъ маҳсуб меёбад. Дар он рисоланавис пиромуни масъалаи мавзуъ, ки аз тарафи муҳаққиқони дигар аз ин ё он ҷиҳат омӯхта шудааст, маълумот медиҳад. Гузориши муаллиф дар ин бахш ба хусусияти хронологӣ, таҳлилӣ ва муқоисавӣ бояд молик бошад.

д) Методҳои омӯзиши кори илмӣ. Дар ин қисмати муқаддима донишҷӯ аз методҳои объективӣ ва субъективии омӯзиши кори илмӣ вобаста ба фанне, ки аз он пажӯҳиш бурда мешавад, зимни баррасии масъала ба таври мухтасар ёдовар мешавад. Масалан, аз методҳои тасвирӣ, муқоисавӣ, таърихӣ, таҷрибавӣ ва амсоли инҳо истифода бурда метавонад.

е) Сохтори рисолаи хатм. Муаллиф оид ба ҳар як бахши рисола фишурдаи маълумот ва масъалаҳои дар кор баррасишударо ба таври мухтасар баён мекунад.

71. Ҳаҷми умумии муқаддима бо ҷузъҳои таркибии он:

-барои ихтисосҳои равияи гуманитарӣ-ҷамъиятӣ:

-дар ҳаҷми то 6 саҳифа.

-барои ихтисосҳои равияи табиӣ-риёзӣ:

-дар ҳаҷми то 4 саҳифа.

13. ТАЛАБОТ БА МУНДАРИҶАИ БОБҲО ВА ФАСЛҲОИ РИСОЛАИ ХАТМ

72. Рисолаи хатм бояд аз ду боб кам набошад.

73. Бобҳои рисола бояд таърихи омӯзиши масъала ва вазъи кунунии он, таҳлили адабиёти илмии алоқаманд ба проблемаи мавриди омӯзиш, нишон додани андешаҳои мухталиф ва асоснокии мавқеи

муаллифи рисола, таҳлил ва таснифоти маводи ҷолибро дар заминаи методҳои омӯзиш фаро гирад.

74.Дар рисолаи хатм, ки хусусияти таҷрибавию амалӣ ва ё тамоили методӣ дорад, овардани бобе, ки дар он ҷараён ва натиҷаҳои таҷрибаи гузаронидашуда инъикос ёфтаанд, бояд дарҷ ёбад.

14. УСУЛИ ТАҲИЯИ ХУЛОСАИ РИСОЛАИ ХАТМ

75. Хулосаи рисолаи хатм хусусияти ҷамъбасткунӣ дошта, муаллиф бевосита масъалаҳоеро, ки аз ҷониби худи ӯ матраҳ шудаанд ва дар сатҳи зарурӣ ба ҳалли онҳо муваффақ шудааст, то кадом андоза иҷро шудани онҳоро баён мекунад.

76. Сабабҳои пурра ба сомон нарасидани баъзе проблемаҳои корро маҳз дар хулоса арзёбӣ менамояд.

77. Дурнамои омӯзиши пурраи мавзуъ ва татбиқи он дар амалия дар ин бахши рисола баррасӣ мегардад.

15. ТАРЗИ ТАҲИЯИ ФЕҲРИСТИ АДАБИЁТ

78. Феҳристи адабиёт пас аз анҷоми бахшҳои асосии кор ҷойгир карда мешавад. Теъдоди саҳифаҳои ин бахш ба ҳаҷми умумии кор дохил намешаванд.

79. Рисоланавис адабиёти илмӣ, таълимӣ, методӣ ва дигар сарчашмаҳоро аз рӯйи тартиби алифбо ба низом медарорад.

80. Дар таҳияи феҳристи адабиёт ба инобат гирифтани талабот ва шароити зерин ҳатмӣ мебошад:

-рақами тартибии адабиёти истифодашуда риоя мегардад;

-насаби муаллиф пурра, вале аз номи ӯ танҳо ҳарфи аввал бо гузоштани нуқта қабл аз ҳама дар феҳрист ҷой дода мешавад;

-номи асар пурра ва бе тағйирот нишон дода мешавад;

-пас аз он ҷойи нашр, номи нашриёт ва соли ба табъ расидани асар оварда мешавад;

-дар охир теъдоди саҳифаҳои китобро ҷой додан лозим аст;

-агар мақолаи илмӣ ё методӣ дар таркиби маҷмуаи мақолаҳо қарор дошта бошад, аввал аломати // гузошта шуда, номи маҷмуа ва номи мақола пурра бо назардошти риояи тартиби дар боло зикрёфта дарҷ мегардад;

-пас аз насаб ва номи муаллиф, номи асар аломати нуқта (.), пеш аз ҷои нашр аломати тире (-), вале пас аз он аломати дунуқта (:) мегузоранд ва баъд аз он номи нашриёт ҷой дода мешавад. Баъд аз номи нашриёт аломати вергул (,) соли нашри асар нишон дода мешавад. Минбаъд нуқта (.) ва бо гузоштани тире (-) миқдори саҳифаҳои китоб дарҷ гардида, амали феҳристнигорӣ ба анҷом мерасад.

16. ТАШКИЛИ ДИФОИ ПЕШАКӢ ВА ОМОДАГӢ БА ҲИМОЯИ РИСОЛАИ ХАТМ

81. Кафедраҳои тахассусӣ химояи пешакии рисолаи хатмро ташкил мекунанд. Ҷадвалҳои дифои пешакӣ дар стенд ва вебсайти кафедраи тахассусӣ ҷойгир карда мешаванд. Ба комиссияи ҳимояи пешакии рисолаи хатм шахсони ба ҳайати профессорону омӯзгорон алоқаманд, ки унвон ва ё дараҷаи илмӣ доранд ва инчунин мутахассисони пешбар-намояндагони корфармоён ё иттиҳодияҳои онҳо метавонанд дохил карда шаванд.

82. Пас аз дифои пешакӣ донишҷӯён вазифадоранд, ки дар давоми 7 рӯз камбудиҳоеро, ки аз ҷониби комиссияи ҳимояи пешакии дифоъ иброз гардидаанд, ислоҳ кунанд ва рисолаи хатми худро аз антиплагиат мувофиқи тартибе, ки дар муассисаи таҳсилоти олии касбӣ муайян карда шудааст, гузаронанд.

83. Ҳимояи пешакии рисолаи хатм аз ҷониби донишҷӯ дар кафедраи тахассусӣ дар назди комиссияи пешакӣ, чун қоида, дар ҳузури мудири кафедра ва роҳбари илмии рисолаи хатм (на дер тар аз ду ҳафта пеш аз оғози кори комиссияи давлатии аттестатсионии хатм) ба амал оварда мешавад. Эрод ва пешниҳодҳо

оид ба рисолаи хатм дар протоколи маҷлиси комиссия қайд карда мешаванд (Замимаи I) ва бояд ҳангоми ҳимоя кардани хатмкунанда дар назди комиссияи аттестатсияи хатм ба назар гирифта шаванд.

84. Кафедраҳои тахассусӣ дар асоси натиҷаҳои дифои пешакии рисолаи хатм ва санҷиши антиплагиат тибқи Низомномаи аттестатсияи хатми муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ дар бораи иҷозати донишҷӯён ба дифоъ ба номи ректори донишгоҳ пешниҳод тартиб медиҳад.

85. Пас аз ба итмом расонидани рисолаи хатм аз ҷониби роҳбари илмии рисола тақриз пешниҳод карда мешавад, ки дар он бояд тавсифи умумии кори анҷомдодаи донишҷӯ, аҳамияти он, сатҳи назариявӣ ва аҳамияти амалии рисолаи хатм, дараҷаи мустақилияти таҳқиқоти ба анҷом расонида шуда амиқ ва асолати саволҳои гузошташуда, таҳлили тарафҳои мусбат ва манфӣ, тавсияҳо оид ба истифодаи минбаъдаи кор, аҳамияти амалӣ, инчунин баҳодиҳии ниҳоии рисолаи хатм аз рӯйи Низомномаи низоми кредитии таҳсилот дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешаки баҳогузорӣ карда мешавад.

17. ТАҚРИЗ БА РИСОЛАИ ХАТМ

86. Қабл аз таъйин намудани муқарризи берунӣ мудири кафедра бо хулоса ва мулоҳизаҳои роҳбари рисолаи хатм ошно мешавад. Агар назари роҳбари рисолаи хатм ба сифати иҷрои рисола мусбат бошад, он гоҳ корро барои тақриз додан ба мутахассисони берунӣ тавсия медиҳад. Баръакс, агар андешаҳои роҳбар ҷиҳати таҳияи рисолаи хатм аз лиҳози сифат, риояи талаботи техникӣ, ҳаҷм, қолаби илмӣ ва амалии омӯзиши мавзуъ манфӣ арзёбӣ шуда бошад, ё худ кор таҳрирталаб бошад, он барои таҳияи тақриз пешниҳод намешавад. Дар ин гуна ҳолатҳо рисола ҷиҳати бозбинӣ ва ислоҳи нуқсонҳо ба муаллиф баргардонида мешавад.

87. Муаллиф вазифадор аст, ки дар муҳлати муқаррарнамудаи мудири кафедра (на дертар аз 5 рӯз) ба мазмуни рисола тағйироту иловаҳо ворид намояд, талаботи техникиро пурра риоя кунад, дар акси ҳол рисола ба ҳимоя тавсия дода намешавад.

88. Дар маҷлиси кафедраи тахассусӣ бо пешниҳоди мудири кафедра ҳайати муқарризон муайян карда шуда, барои тасдиқ ба ректори муассиаи таҳсилоти олии касбӣ пешниҳод карда мешавад. Тақризро ба рисола омӯзгороне, ки дар таҳияи он ширкат надоштанд ва мутахассисони беруна менависанд. Агар рисола дар доираи фанҳои мухталиф таълиф шуда бошад, дар он сурат таъйин намудани ду нафар муқарриз дар ҳаҷми соатҳои барои тақризи рисола пешбинишуда тавсия мешавад.

89. Вазифаҳои муқарриз аз шиносоии ҳамаҷониба бо муҳтавои рисола ва навиштани тақризи объективонаи асоснок иборат аст, ки дар он бояд матолиби зерин дарҷ гардад:

-мувофиқати рисола ба мавзуи интихобшуда;

-муҳимияти мавзуъ ва омӯзиш;

-дараҷаи асоснокии хулосаҳои илмӣ, тавсияҳо, саҳеҳии далелҳо, навоварӣ ва аҳамияти илмию амалии онҳо;

-саводи умумӣ, сифати навиштани матнҳо ва тартиб додани ҷадвалҳо, мутобиқати онҳо бо стандартҳои амалкунанда;

-муваффақият ва камбудиҳои рисола.

90. Дар тақриз бояд насаб, ном ва номи падари муқарриз, унвони илмӣ ва дараҷаи илмӣ, вазифа ва имзои ӯ пурра ва саҳеҳ дарҷ ёбад.

91. Тақриз ба кафедраи тахассусӣ на дертар аз як ҳафта то рӯзи ҳимоя бояд пешниҳод карда шавад.

92. Пас аз навиштани тақриз ба рисолаи хатм ворид намудани тағйирот қатъиян манъ мебошад.

93. Дар баробари манфӣ арзёбӣ гардидани рисолаи хатм аз ҷониби муқарриз хатмкунанда ҳуқуқи ҳимоя намудани онро аз даст намедиҳад.

18. ДИФОИ РИСОЛАИ ХАТМ

94. Дифои рисолаи хатм дар ҳузури Комиссияи аттестатсияи хатм сурат мегирад.

95. Ҳимояи рисолаҳои хатм дар ҷаласаи кушодаи Комиссияи аттестатсияи хатм бо иштироки ҳайати комиссияи мазкур сурат мегирад, ки дар он маърузаи мухтасари муаллиф, тақризи роҳбари рисолаи хатм ва муқарриз шунида мешавад.

96. Ба маърузаи донишҷӯ чунин талабот гузошта мешавад:

-ҳаҷми маъруза фарогири 12-15 дақиқа зиёд набошад;

-дар маъруза бояд оид ба муҳимияти мавзуъ, фишурдаи мундариҷаи бахшу бобҳои он ва натиҷаҳои кори илмӣ маълумот дода шавад;

-донишҷӯ дар маъруза бояд аҳамияти назариявию амалии корро нишон дода тавонад.

-матни маъруза бояд дар заминаи қоидаҳои имлои забони тоҷикӣ ва услуби илмӣ навишта шуда бошад.

97. Барои ҳимояи рисолаи тахассусии хатми бакалавр ва мутахассис то 30 дақиқа барои 1 нафар хатмкунанда вақт муқаррар карда шудааст.

98. Рафти баргузории дифои рисолаҳо дар протоколи комиссия дарҷ мегардад, ки нусхаҳои он дар қисми таълим ва садорати факултет худи ҳамон рӯз бо сабти имзоҳои аъзои комиссия супорида мешавад.

19. БАҲОДИҲӢ БА РИСОЛАИ ХАТМ

99. Натиҷаи ҳимояи рисола дар ҷаласаи пӯшидаи Комиссияи аттестатсияи хатм пас аз анҷоми ҳимоя мавриди муҳокима қарор гирифта, бо райъдиҳии одӣ, бо бештари овозҳои аъзои комиссия, ки бевосита дар ҷаласа ширкат доштанд, арзёбӣ мешавад.

100. Дар баҳодиҳӣ ба рисолаи донишҷӯ нақши хулосаҳои роҳбари рисолаи хатм ва муқарризи беруна муҳим ва ҳалкунанда мебошад. Баромади муаллиф, сифати маърузаи ӯ низ ба баҳодиҳӣ таъсири мусбат ё манфӣ расонида метавонад.

101. Комиссия зимни гузоштани баҳои ҷамъбастӣ мақолаҳои нашршудаи муаллиф, гувоҳномаи муаллифӣ (патент), тақризи кормандони соҳибтаҷрибаи соҳаи илм ва таҳсилотро, ки ба мавзуи кори илмӣ алоқамандӣ доранд, низ ба инобат мегирад.

102. Рисолаи хатм дар асоси меъёрҳои зерин баррасӣ мегардад, ки онҳо бо пешниҳоди кафедраи тахассусӣ дар шурои олимони факултет тасдиқ мешаванд. Пешниҳодҳо ба таври мушаххас чунин зикр меёбанд:

-асоснокии муҳимияти мавзуъ;

-мувофиқати мундариҷа бо мавзуъ;

-таҳлили пурраи масъалаҳои мавзуъ;

-дақиқ будани сохтор ва мантиқи баёни матлаб;

-асоснокии методологии кори илмӣ;

-риояи талабот ба ҳаҷми рисолаи хатм;

-таҳлили адабиёти илмии ба мавзуъ алоқаманд;

-риояи услуби илмӣ дар матни рисола;

-риояи қоидаҳои имлои забони тоҷикӣ дар таҳияи матни рисола;

-мувофиқати шакли рисола ба меъёрҳои мавҷудаи техникӣ ва ороиши корҳои илмӣ;

-таҳлил ва муқоисаи масъалаҳои назариявӣ;

-таҳлил ва ҷамъбасти маводи ҷамъоваришуда;

-асоснокӣ ва аниқии тавсияи хулосаю ҷамъбасткуниҳо;

-мундариҷаи хулосаҳои роҳбари рисолаи хатм;

-мундариҷаи тақризи беруна;

-сифати маърузаи шифоҳӣ дар ҷаласаи дифоъ;

-аниқӣ, дақиқӣ, саҳеҳӣ ва мушаххасии ҷавобҳои рисоланавис ба саволҳои гузошташуда, эродҳо ва тавсияҳое, ки нисбат ба сифати рисола аз тарафи аъзои комиссия ва муқарриз баён гардидаанд.

103. Ҳимояи рисола дар низоми кредитии таҳсилот аз рӯйи Низомномаи низоми кредитии таҳсилот дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Низомномаи аттестатсияи хатм баҳогузорӣ шуда, ҷамъбаст мегардад, ки он пас аз

анҷоми ҷаласаи пӯшидаи комиссияи аттестатсияи хатм худи ҳамон рӯз бетаъхир мутобиқи тартиботи муқарраршуда аз ҷониби раиси комиссияи аттестатсияи хатм эълон карда мешавад. Натиҷаи дифои рисола дар суратҷаласаи кории комиссия дарҷ меёбад. Баҳои рисолаи хатм дар ҷамъбасти ҳимоя ба дафтарчаи имтиҳонии донишҷӯ гузаронида мешавад.

104. Дар асоси натиҷаи ҳимояи рисола ба донишҷӯ оид ба додани тахассус аз рӯйи равия ва ихтисос ва додани ҳуҷҷати намунаи давлатӣ қарор қабул карда мешавад.

105. Ба донишҷӯёне, ки рисолаи хатмро бо баҳои хубу аъло дифоъ намуда, қобилияти пешбурди фаъолияти илмиро доранд, аз уҳдаи навиштани рисолаҳои нисбатан мураккабтар низ баромада метавонанд, ҷиҳати идомаи таҳсил дар зинаи магистратураи муассисаи таълимӣ тавсияҳои зурурӣ дода мешавад, ки он дар суратҷаласаи фаъолияти комиссияи аттестатсияи хатм ва дар дафтарчаи имтиҳонии донишҷӯ дарҷ меёбад.

106. Ба донишҷӯёне, ки дар ҳимояи рисола баҳои «ғайриқаноатбахш» гирифтаанд, маълумотномаи академии дар муассисаи таълимӣ муқарраргардида дода мешавад.

107. Комиссияи аттестатсияи хатм шикоятҳои аппелятсиониро доир ба натиҷаҳои ҳимояи рисолаи хатм баъд аз ҷамъбасти аттестатсияи хатм мавриди баррасӣ қарор намедиҳад.

20. НИГОҲДОРӢ ВА ҲИФЗИ РИСОЛАҲОИ ХАТМ

108. Рисолаи хатми ҳимояшуда дар бойгонии муассисаи таҳсилоти олии касбӣ ба муддати то 5 сол маҳфуз мемонад.

109. Мудири бойгонӣ мутобиқи санад рисолаҳои хатмро аз мудирони кафедра қабул менамояд.

110. Бо дархости омӯзгорон ва донишҷӯён рисолаи хатм барои мутолиа ба муҳлати муайян дода мешавад.

21. МУҚАРРАРОТИ ХОТИМАВӢ

111. Ворид намудани тағйиру иловаҳо ба меъёрҳои таҳияи рисолаи хатм бо пешниҳоди раёсати муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ва дар мувофиқа бо Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон ба амал бароварда мешавад.

Замима 1

ВАЗОРАТИ МАОРИФ ВА ИЛМИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН
ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ ОМӮЗГОРИИ ТОҶИКИСТОН БА НОМИ САДРИДДИН АЙНӢ

ФАКУЛТЕТИ ТАҲСИЛОТИ ИБТИДОӢ
КАФЕДРАИ ТАҲСИЛОТИ ТОМАКТАБӢ

“Ба ҳимоя роҳ дода шавад”
мудири кафедра
_____Шоназаров. А.
“____”_____2022

РИСОЛАИ ХАТМИ ТАХАССУСӢ

УСУЛҲОИ БАҲОДИҲИИ САМАРАНОКИИ ФАЪОЛИЯТИ ОМӮЗГОР ДАР РАВАНДИ ТАЪЛИМ

Донишҷӯи ихтисоси таҳсилоти томактабӣ: Неъматзода А.М.
Роҳбари рисолаи хатм: д.и.и., профессор Абдуллозода А.Т.
Муқарриз: н.и.и., дотсент Яъқубзода М.Р.
Нозири меъёр: н.и.т., дотсент Каримзода Б.А.

ДУШАНБЕ - 2022

Замимаи 2

ВАЗОРАТИ САНОАТ ВА ТЕХНОЛОГИЯҲОИ НАВИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН
ДОНИШГОҲИ ТЕХНОЛОГИИ ТОҶИКИСТОН

ФАКУЛТЕТИ ИҚТИСОДИЁТ ВА МОЛИЯ
КАФЕДРАИ МОЛИЯ ВА ҚАРЗ

“Тасдиқ мекунам”
мудири кафедра
_____Собирҷонов А.А.
“_____”_____2022

СУПОРИШ
барои иҷрои рисолаи хатми тахассусӣ

Ба донишҷӯи ихтисоси 1-25 01 04 10 – Неъматзода А.М.
Мавзуъ: УСУЛҲОИ БАҲОДИҲИИ САМАРАНОКИИ ЛОИҲАИ САРМОЯГУЗОРӢ

Бо фармоиши №637/Д аз 30-юми декабри соли 2021 тасдиқ шудааст.
Муҳлати супоридани рисолаи хатми тахассусӣ «20» июни соли 2022.

1. Мундариҷаи рисолаи хатми тахассусӣ

№	Номгӯи қисмҳо	Ҳаҷм бо %	Муҳлати иҷроиш
1	Шарҳи мухтасар (бо забонҳои тоҷикӣ, русӣ, англисӣ)	3	
2	Сарсухан	8	
3	Боби 1.	25	
4	Боби 2.	25	
5	Боби 3.	25	
6	Хулоса	10	
7	Рӯйхати адабиёти истифодашуда	2	
8	Ороиши рисолаи тахассусии хатм	2	

2.Номгӯйи маводҳои графикӣ:

_____
_____
_____

3.Нишондодҳои иловагӣ

Фоизбандӣ	
Марҳилаҳои фоизбандӣ	Муҳлати фоизбандӣ
Фоизбандии якум	
Фоизбандии дуюм	
Фоизбандии сеюм	
Фоизбандии чорум	

Замимаи 2
ба қарори ҳайати мушовараи
Вазорати маориф ва илми
Ҷумҳурии Тоҷикистон
аз «29» августи соли 2022, №12/4

НИЗОМНОМАИ ФАКУЛТЕТИ МУАССИСАИ ТАҲСИЛОТИ ОЛИИ КАСБИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

1. МУҚАРРАРОТИ УМУМӢ

1. Низомномаи факултети муассисаи таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд Низомнома) дар асоси банди 149 «Низомномаи намунавии муассисаи таълимии таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон» ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ таҳия шудааст.

2. Низомномаи мазкур вазъи ҳуқуқӣ, сохтор, тартиби фаъолияти факултети муассисаи таҳсилоти олии касбӣ ва муносибатҳои мутақобилаи онро бо дигар воҳидҳои сохторӣ ва шаҳрвандон муайян менамояд.

3. Факултети муассисаи таҳсилоти олии касбӣ (минбаъд-факултет) ҷузъи таркибии сохтори муассисаи таҳсилоти олии касбӣ ба шумор меравад.

4. Факултет бо қарори шурои олимони муассисаи таҳсилоти олии касбӣ бо ризоияти муассис дар мувофиқа бо Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон бо мақсади амалӣ намудани низоми фаъолияти субъектҳои раванди таълиму тарбия дар самти муайяни таҳсилот аз рӯйи равияҳои нав (ихтисос), тайёр кардани мутахассисон дар зинаҳои таҳсилот ва шаклҳои гуногуни таълимӣ: рӯзона, шабона, ғоибона-фосилавӣ дар сурати ҷавобгӯй будани

заминаи нерӯи кадрӣ, таълимӣ-методӣ, моддию техникӣ, илмӣ, эҷодӣ ва фарҳангӣ таъсис дода мешавад.

5. Факултети муштарак дар асоси созишнома ва шартномаҳои ҳамкорӣ бо розигии мақоми ваколатдори давлатӣ дар соҳаи маориф таъсис дода мешавад.

6. Факултет ба сифати шахси ҳуқуқӣ баромад карда наметавонад.

7. Таъсис, азнавташкилдиҳӣ ва барҳамдиҳии факултет бо қарори шурои олимони муассисаи таҳсилоти олии касбӣ дар мувофиқа бо муассис ва мақоми ваколатдори давлатӣ дар соҳаи маориф амалӣ мегардад.

8. Декани факултет фаъолияти худро дар асоси Оинномаи муассисаи таълимӣ, таҳсилоти олии касбӣ ва Низомномаи мазкур ба роҳ мемонад.

9. Факултет дорои муҳри мудаввар мебошад, ки дар он номи факултет сабт гашта, онро дар раванди иҷрои вазифа ва уҳдадориҳои худ барои тасдиқи ҳуҷҷатҳои мувофиқ ва имзои кормандони факултет истифода мебарад.

10. Раванди таълим дар факултет тибқи нақшаи таълим, ки дар асоси талаботи Стандарти давлатии таҳсилоти олии касбӣ таҳия ва аз ҷониби Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ мегардад, ба роҳ монда шуда, дар асоси талаботи Оиннома, қарори шурои олимони муассисаи таҳсилоти олии касбӣ ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ба танзим дароварда мешавад.

11. Фаъолияти илмӣ, илмию техникӣ ва инноватсионии факултет дар шакли банақшагирии корҳои илмӣ аз ҷониби ҳайати омӯзгорони кафедра амалӣ гардонида мешавад.

12. Татбиқи корҳои илмӣ-таҳқиқотии факултет аз ҷониби ҳайати омӯзгорони кафедра дар марказҳои илмӣ, илмӣ - таҳқиқотӣ, озмоишгоҳҳо, воҳидҳои сохтории он ва берун аз он ба роҳ монда мешавад.

13. Феҳристи ҳуҷҷатгузорӣ дар факултет мувофиқи Дастурамали коргузории муассисаи таҳсилоти олии касбӣ ба роҳ монда мешавад.

2. СОХТОРИ ФАКУЛТЕТ

14. Сохтори факултет бо қарори шурои олимони муассисаи таҳсилоти олии касбӣ тасдиқ карда мешавад.

15. Сохтори факултет аз садорат, шурои олимони факултет, шурои илмӣ-методии факултет, шуъба, кафедра, марказ, озмоишгоҳ, гурӯҳи академӣ ва созмонҳо иборат мебошад.

16. Ҷадвали воҳидҳои кории факултет аз ҷониби ректор (директор)-и муассисаи таҳсилоти олии касбӣ тасдиқ карда мешавад.

3. ВАЗИФАҲОИ ФАКУЛТЕТ

17. Факултет вазифаҳои зеринро иҷро мекунад:

-ташкил ва назорати раванди таълиму тарбия тибқи муқаррароти амалкунанда;

-татбиқи барномаҳои таҳсилотӣ ва нақшаҳои таълимии таҳсилоти олии касбӣ ва таҳсилоти баъд аз муассисаи олии таълимӣ вобаста ба самт ва ихтисосҳои амалкунанда;

-ташкили коромӯзии илмӣ аз рӯйи ихтисос дар соҳаи таҳсилоти олии касбӣ, ки ба самти фаъолияти факултет мувофиқат мекунад;

-иштирок дар таъмини иҷрои корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ, инноватсионӣ ва таҷрибавӣ-эҷодӣ;

-мусоидат ба ташкили сохторҳои инноватсионӣ дар назди кафедра, факултет ва иштирок дар кори онҳо;

-ба нашр омода намудани адабиёти таълимӣ-методӣ, комплексҳои (маҷмуаи) таълимӣ-методии фанҳо, китобҳои дарсӣ, дастурҳои таълимӣ, корҳои илмӣ, монография, маводи конференсияҳо ва ғайра;

-ташкил ва баргузор намудани чорабиниҳои илмӣ, маърифатӣ, тарбиявӣ, фарҳангӣ, ба монанди

конференсия, семинар, мизҳои мудаввар, вохӯриву мулоқот ва ғайра;

-татбиқи лоиҳаҳои байналмилалӣ, барномаҳо ва грантҳо дар самти корҳои илмӣ - таҳқиқотӣ;

-ба роҳ мондани иҷрои корҳои дигаре, ки санадҳои меъёрии ҳуқуқии зинаи таҳсилоти олии касбӣ ва Низомномаи мазкур муайян намудаанд.

18. Роҳбарияти факултет корҳои таълимӣ, таълимӣ-методӣ, илмӣ-таҳқиқотӣ, иҷтимоӣ-тарбиявӣ ва илмӣ-эҷодиро ба нақша гирифта, назорати ташкил ва иҷрои онҳоро тибқи қонунгузории амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Оинномаи муассисаи таҳсилоти олии касбӣ ва Низомномаи мазкур таъмин менамояд.

19. Дар факултети муассисаи таҳсилоти олии касбӣ татбиқи барномаҳо ва нақшаҳои таълими таҳсилоти олии касбӣ ва баъд аз муассисаи олии таълимӣ бо истифода аз шаклҳои гуногуни таҳсил (рӯзона, ғоибона-фосилавӣ) ва зинаҳои таҳсилот ба роҳ монда мешавад.

4. РОҲБАРИИ ФАКУЛТЕТ

20. Роҳбарии факултетро декан ба уҳда дорад, ки он аз ҳисоби мутахассисони дорои дараҷаи доктори илм, доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисос ё номзади илм аз тарафи ректор (директор) дар мувофиқа бо муассис ба вазифа таъин ва аз вазифа озод карда мешавад.

21. Роҳбарии умумии факултетро шурои олимон амалӣ менамояд. Муҳлати ваколатҳои шурои олимон наметавонад аз 5 сол зиёд бошад.

22. Ҳайати шурои олимони факултет ва ворид намудани тағйирот ба ҳайати он бо пешниҳоди декан аз ҷониби ректор (директор)-и муассисаи таҳсилоти олии касбӣ тасдиқ карда мешавад.

23. Иҷрои қарори шурои олимон барои кормандони тамоми воҳидҳои сохторӣ ва донишҷӯёни факултет ҳатмӣ мебошад.

24. Декани факултет ба муддати 5 сол ба вазифа таъин ва аз вазифа озод карда мешавад. Тағйир ёфтани сохтор, иваз намудани номи факултет, муттаҳид кардан ва ё аз нав таъсис додани факултет сабаби такроран ба муҳлати нав таъин кардани декани факултет шуда наметавонад.

5. ТАШКИЛИ ФАЪОЛИЯТИ ШУРОИ ОЛИМОНИ ФАКУЛТЕТ

25. Шурои олимони факултет мақоми идоракунӣ ба шумор рафта, намояндагии ҳайати факултетро ба уҳда дорад. Тартиби таъсисдиҳӣ, фаъолият, салоҳиятҳо ва интихоби ҳайати шурои олимони факултет мутобиқи Оинномаи муассисаи таҳсилоти олии касбӣ ва Низомномаи факултет муқаррар карда мешавад.

26. Ба ҳайати шурои олимони факултет садорати факултет, мудири кафедра, омӯзгорон, созмонҳои ҷавонон, занон, шуроҳо ва иттифоқи касабаи кормандон дохил мешаванд.

27. Намояндагони воҳидҳои сохтории факултет ҳамон вақт аъзои шурои олимон интихоб мешаванд, ки агар ба тарафдории номзадии онҳо на камтар аз 3/2 ҳиссаи аъзои дар ҷаласа иштирокдошта овоз диҳанд.

28. Фаъолияти шурои олимони факултет тибқи нақшаи кори шурои олимони факултет, ки барои як соли таҳсил тасдиқ гардидааст, ба роҳ монда мешавад.

29. Шурои олимони факултет ҳуқуқи қабул намудани қарорро ҳангоми иштирок доштани аз 3/2 ҳиссаи аъзои он дорад. Қарори шурои олимони факултет дар ҳолате қабулгардида ҳисобида мешавад, ки агар ба тарафдории он аз 3/2 ҳиссаи аъзои он овоз диҳанд. Қарори шурои олимон пас аз гузоштани имзои раиси шуро ҳукми қонунӣ пайдо мекунад.

30. Ба қарори шурои олимони факултет бо қарори шурои олимони муассисаи таҳсилоти олии касбӣ тибқи пешниҳоди ректор (директор) ё муовини аввал, муовини ректор оид ба корҳои таълим тағйиру илова ворид карда мешавад.

31. Масъалаҳои аз ҷониби факултет ба шурои олимони муассисаи таҳсилоти олии касбӣ пешниҳодшаванда дар ҷаласаи шурои олимони факултет мавриди баррасӣ қарор дода мешаванд.

32. Дар ҷаласаҳои шурои олимони факултет омӯзгорон ва дигар кормандон бо даъвати котиби шуро иштирок менамоянд.

33. Тартиби кори шурои олимони факултет мувофиқи Низомномаи шурои олимони факултет, ки аз ҷониби шурои олимони муассисаи таҳсилоти олии касбӣ тасдиқ мегардад, амалӣ карда мешавад.

34. Тартиби ташкил ва ҳуҷҷатгузории шурои олимони факултет ба уҳдаи котиби шуро, ки бо қарори шурои олимони факултет аз ҳисоби аъзои он интихоб мегардад, гузошта мешавад.

35. **Салоҳиятҳои шурои олимони факултет:**

-доир ба ворид намудани тағйирот ва иловаҳо ба нақшаи кори факултет таклифҳо пешниҳод менамояд;

-ҳисоботи фаъолияти семоҳа, шашмоҳа, нуҳмоҳа ва солонаи факултетро мешунавад ва қарори дахлдор қабул менамояд;

-масъалаҳои асосиро доир ба амалӣ намудани ташкили фаъолияти таълимӣ, илмию методӣ, таълимию тарбиявӣ, илмию таҳқиқотӣ, истеҳсолӣ, таҷрибаомӯзӣ ва дигар масъалаҳои дар самти тайёр намудани мутахассисонро муайян менамояд. Аз ҷумла, номгӯйи ихтисосҳо, гурӯҳҳои таълимӣ ва шумораи онҳо, методҳои муосири таълим ва шаклҳои назорати дониши донишҷӯёнро муайян мекунад;

-масъалаҳои такмили идора ва сохтори факултет, аз ҷумла, ташкил (барҳамдиҳӣ)-и кафедра, гурӯҳҳои академӣ, марказҳо, озмоишгоҳҳо, шуъбаҳо ва дигар ҷузъҳои таълимӣ, илмӣ, истеҳсолӣ ва хизматрасониро баррасӣ менамояд;

-нақшаи миёнамуҳлат, дурнамо ва мавзуи пажӯҳишҳои илмиро баррасӣ ва тасдиқ менамояд;

-комиссияи тафтишотӣ, таълимӣ-методии дохили факултетро интихоб ва тасдиқ намояд;

-масъалаҳои тайёр намудан, такмили ихтисос ва ҳавасмандкунии омӯзгоронро баррасӣ ва ба раёсати муассисаи таҳсилоти олии касбӣ пешниҳод менамояд;

-масъалаҳои дигареро, ки қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Оинномаи муассисаи таҳсилоти олии касбӣ ба салоҳияти он мансуб намудаанд, ҳал мекунад.

36. **Уҳдадорӣ, ҳуқуқ ва вазифаи декани факултет:**

-фаъолияти шурои олимони факултетро тибқи Низомномаи шурои олимони факултет ба роҳ монда, роҳбарии онро ба зимма мегирад;

-корҳои таълимию методӣ, тарбиявӣ, илмию таҳқиқотӣ, инчунин тайёркунӣ ва такмили ихтисоси кадрҳои илмию омӯзгориро дар факултет роҳбарӣ менамояд;

-стратегияи рушди факултетро коркард менамояд;

-бо муовинони ректор ва роҳбарони сохторҳои таркибии муассисаи таҳсилоти олии касбӣ ҷиҳати банақшагирӣ, ташкил ва назорати раванди таълим, тарбия ва корҳои илмию методӣ, байналмилалӣ вобаста ба самти фаъолияти факултет ҳамкорӣ менамояд;

-нақшаҳои таълим ва барномаҳои таҳсилотиро аз рӯйи ихтисосҳои амалкунандаи факултет, тақвими академӣ, нақшаҳои солона, кории таълим, тарбия ва ҷадвали машғулиятҳоро таҳия ва барои тасдиқ пешниҳод мекунад;

-сифати машғулиятҳои таълимии омӯзгорон, семинарҳо, намудҳои дигари корҳои таълимию тарбиявӣ ва илмиро назорат ва иҷрои босифати онҳоро таъмин месозад;

-иштироки факултетро дар чорабиниҳои таълимию тарбиявӣ, илмӣ ва илмии байналмилалӣ таъмин месозад;

-фаъолияти кафедраҳои факултетро дар иҷрои таҳқиқотҳои бунёдӣ ва илмию амалӣ ва инноватсионӣ назорат менамояд;

-ба кормандони факултет фармоишҳо ва дастуру супоришҳои роҳбариятро, ки ба фаъолияти факултет

дахл доранд, мерасонад ва иҷрои саривақтии онҳоро таъмин месозад;

-вобаста ба дархости роҳбарият оид ба масъалаҳои таълимию тарбиявӣ, илмию таҳқиқотӣ, инноватсионӣ ва дигар масъалаҳо сари вақт иттилооти зарурӣ манзур менамояд;

-мувофиқи тартиби муқарраргардида ҳуҷҷатнигории факултетро ба роҳ монда, риояи қоида ва техникаи зидди сӯхторро аз ҷониби ҳайати омӯзгорон ва донишҷӯёни факултет талаб ва назорат менамояд;

-ташкил ва баргузории корҳои илмию таҳқиқотӣ, озмунҳои илмии донишҷӯён ва олимони ҷавонро ба роҳ мемонад;

-дар доираи салоҳияти худ ба кормандони факултет дастуру супоришҳо медиҳад ва иҷрои саривақтии онҳоро талаб мекунад;

-дар машғулиятҳои таълимӣ, инчунин дар раванди имтиҳонҳои ҷорӣ ва ҷамъбастии донишҷӯён иштирок мекунад;

-аз муовинони декан, мудирони кафедраҳо ва дигар кормандони факултет оид ба корҳои анҷомдодаашон ҳисобот талаб менамояд;

-ба роҳбарият тибқи муқаррарот вобаста ба таъин ва озод намудани кормандон, ҳавасмандгардонӣ ва барои гирифтани мукофот пешниҳод манзур месозад;

-барои иҷрои ҳалли масъалаҳои вобаста ба самти фаъолияти факултет аз роҳбарият дастур мепурсад;

-дар муҳокимаи масъалаҳои марбут ба фаъолияти факултет ва муассисаи таҳсилоти олии касбӣ иштирок менамояд;

-ба сафари хизматӣ оид ба масъалаҳои корҳои илмию методӣ, гурӯҳҳои корӣ, иштирок дар ҷаласаҳои машваратӣ, семинарҳо, симпозиумҳо сафарбар намудани омӯзгорони факултет дар мувофиқа бо ректор иҷозат медиҳад.

7. ҚАТЪ ГАДИДАНИ ФАЪОЛИЯТИ ФАКУЛТЕТ

37. Фаъолияти факултет бо қарори шурои олимони муассисаи таҳсилоти олии касбӣ бо розигии муассис дар мувофиқа бо Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон қатъ ва ё аз нав ташкил карда мешавад.

38. Дар мавриди азнавташкилёбӣ ва ё қатъ гардидани фаъолияти факултет мувофиқи талаботи қонунгузории амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҷониби ректор (директор)-и муассисаи таҳсилоти олии касбӣ ҳимояи ҳуқуқу манфиатҳои ҳайати омӯзгорон ва кормандони аз вазифа озодшудаи факултет кафолат дода мешавад.

Замимаи 3
ба қарори ҳайати мушовараи
Вазорати маориф ва илми
Ҷумҳурии Тоҷикистон
аз «29» августи соли 2022, №12/4

НИЗОМНОМАИ КАФЕДРАИ МУАССИСАИ ТАҲСИЛОТИ ОЛИИ КАСБИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

2. МУҚАРРАРОТИ УМУМӢ

1. Низомномаи кафедраи муассисаи таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд Низомнома) дар асоси Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф», Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи таҳсилоти олии касбӣ ва таҳсилоти касбии баъд аз муассисаи олии таълимӣ», «Низомномаи намунавии муассисаи таълимии таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон», “Низомномаи факултети муассисаи таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон” ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии соҳаи таҳсилоти олии касбӣ таҳия гардидааст.

2. Низомнома ба ҳамаи кафедраҳои муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ, инчунин ба кафедраҳои муассисаҳое, ки барномаҳои таҳсилотиро дар зинаҳои таҳсилоти олии касбӣ, таҳсилоти касбии баъд аз муассисаҳои олии таълимӣ ва иловагӣ амалӣ

менамоянд, барои пешбурди фаъолият ҳуҷҷати асосӣ ба ҳисоб меравад.

3. Дар асоси Низомномаи мазкур низомномаи кафедра бо назардошти хусусият, иҷрои корҳои таълимӣ, таълимӣ-методӣ, илмӣ-таҳқиқотӣ ва дигар намуди фаъолият таҳия карда шуда, бо қарори шурои олимони муассисаи таҳсилоти олии касбӣ тасдиқ карда мешавад.

4. Кафедра сохтори асосии таълимию илмии муассисаи таҳсилоти олии касбӣ ба шумор рафта, фаъолияти худро дар самти корҳои таълимию методӣ, илмию таҳқиқотӣ, иҷтимоию тарбиявӣ ва робитаҳои байналмилалӣ ба роҳ мемонад.

5. Кафедра тибқи муқаррароти амалкунанда дар асоси пешниҳод ва қарори шурои олимони муассисаи таҳсилоти олии касбӣ, бо фармоиши ректори муассисаи таҳсилоти олии касбӣ таъсис, аз нав ташкил, ивази ном, муттаҳид ё барҳам дода мешавад.

6. Фаъолияти кафедра бояд дар самти тайёр намудани бакалаврҳо, магистрҳо, мутахассисон, докторҳои фалсафа (PhD), докторҳо аз рӯйи ихтисос, номзад ва докторҳои илм, ки дорои дониш ва маҳорату малакаи баланди касбии барои бомуваффақият фаъолият намудани онҳо зарур, ҳамчунин рушди қобилияти эҷодии донишҷӯ, қобилияти илмии магистр, аспирант, докторант аз рӯйи ихтисос, докторант ва ташаккули мавқеи шаҳрвандии онҳо ба роҳ монда шавад.

7. Кафедра фаъолияти худро дар асоси қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, дастуру супоришҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Низомномаи намунавии муассисаҳои таълимии таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон, қарорҳои мушовараи Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон, фармоишҳои вазири маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон, Оиннома, қарорҳои шурои олимон ва фармоишҳои ректори муассисаи таҳсилоти олии касбӣ ва Низомномаи мазкур ба роҳ мемонад.

3. ҲАЙАТ ВА СОХТОРИ КАФЕДРА

8. Кафедраи зерсохтори факултет ҳамчун кафедраи тахассусӣ ва кафедраи зерсохтори раёсати донишгоҳ (донишкада) кафедраи умумидонишгоҳи ба ҳисоб меравад.

9. Кафедра дар ҳайати на камтар аз 5 нафар омӯзгорон, ки ҳадди ақал 3 нафари онҳо дорои дараҷа ва унвони илмӣ мебошанд, таъсис дода мешавад.

10. Ҷадвали воҳидҳои корӣ (штатӣ)-и кафедра тибқи талаботи дар муассисаи таҳсилоти олии касбӣ муқарраргардида ва бо фармоиши ректор тасдиқ карда мешавад.

11. Ба ҳайати кормандони илмию педагогии кафедра академикҳо, профессорон, дотсентон, муаллимони калон, ассистентҳо, муҳаққиқ-коромӯзон, унвонҷӯён, докторантони фалсафа (PhD), докторантон аз рӯйи ихтисос, ҳамчунин кормандони ёрирасони сохторҳои таълимию илмӣ (методистон, лабарантҳо ва ғ.) дохил мешаванд.

12. Сохтори кафедра мувофиқи хусусиятҳои барномаҳои таҳсилотӣ аз рӯйи самт (ихтисос) ташаккул ёфта, аз филиалҳои кафедра дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ, беморхонаҳо ва корхонаҳои истеҳсолӣ, озмоишгоҳҳои таълимию илмӣ, кабинетҳои методӣ, фаннӣ, синфхонаҳои компютерӣ, лингофонӣ ва дигар утоқҳои таълимию методӣ иборат мебошад.

13. Сохтор ва ҳайати кафедра ба ҳаҷми соатҳо ва хусусияти сарбории таълимӣ, корҳои таълимӣ-методӣ ва илмӣ-таҳқиқотӣ вобаста аст.

14. Дар ҷаласаҳои кафедра метавонанд профессорону омӯзгорон ва кормандоне, ки аз дигар кафедраҳо, муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ё муассисаву ташкилотҳо даъват шудаанд, иштирок намоянд.

15. Мудири кафедра

15.1. Кафедраро мудир, ки номзадии ӯ аз ҳисоби ҳайати профессорону омӯзгорон ё шахсони дорои

дараҷа ва унвони илмӣ пешбарӣ шуда ва тариқи овоздиҳии пинҳонӣ дар ҷаласаи шурои олимони муассисаи таҳсилоти олии касбӣ ба муҳлати 5 сол интихоб карда шудааст, роҳбарӣ менамояд.

15.2. Дар озмуни ишғоли вазифаи мудири кафедра метавонанд шахсони дорои дараҷа ва унвони илмӣ иштирок намоянд. Мудири кафедра барои як муҳлат ба тариқи овоздиҳии пинҳонӣ дар шурои олимони муассисаи таҳсилоти олии касбӣ интихоб карда мешавад. Шахсони дорои дараҷа ва унвони илмӣ дар озмуни ишғоли вазифаи мудири кафедра танҳо барои як муҳлат иштирок карда метавонанд. Тағйир ёфтани сохтор, иваз намудани номи кафедра, муттаҳид кардан ва ё нав таъсис додани кафедра сабаби такроран ба муҳлати нав интихоб кардани мудири кафедра шуда наметавонад.

15.3. Интихоби мудири кафедра аз ҷумлаи шахсоне, ки дараҷа ва унвони илмӣ надоранд, қатъиян манъ аст. Ба истиснои кафедраҳои соҳаи фарҳанг ва варзиш, ки интихоби мудири кафедра аз ҷумлаи омӯзгорони собиқадоре, ки дараҷа ва унвони илмӣ надоранд, барои як муҳлат иҷозат дода мешавад.

Дар ин ҳолат ба чунин номзадҳо имтиёз дода мешавад: 1) дар соҳаи санъат – ба шахсоне, ки ба унвони ифтихории Ҷумҳурии Тоҷикистон, собиқ Иттиҳоди Шуравӣ ё собиқ ҷумҳуриҳои иттифоқӣ (ҳунарпешаи халқӣ, рассоми халқӣ, меъмори халқӣ, арбоби шоистаи санъат, ҳунарпешаи шоиста, рассоми шоиста) сазовор гардида, ё барандаи ҷоизаи (дипломи) на камтар аз ду намоишгоҳ, озмун ё ҷашнвораи байналмилалӣ ва ё ҷумҳуриявӣ аз рӯйи соҳаҳои муайяни санъат бошанд; 2) дар соҳаи варзиш - ба шахсоне, ки қаҳрамони варзиш, барандаи ҷоизаи Бозиҳои олимпӣ, Бозиҳои параолимпӣ, қаҳрамони мусобиқаҳои ҷаҳон, Аврупо, Осиё, Ҷумҳурии Тоҷикистон, мусобиқаҳои қаҳрамонии миллӣ бошанд ё унвони фахрии Ҷумҳурии Тоҷикистон, собиқ Иттиҳоди Шуравӣ, собиқ ҷумҳуриҳои иттифоқӣ, унвони фахрии

байналмилалӣ дошта бошанд ё барандаи ҷоиза дар соҳаи тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш бошанд ё на камтар аз 1 нафар қаҳрамони варзиш, барандаи ҷоизаи Бозиҳои олимпӣ, Бозиҳои параолимпӣ, мусобиқаи қаҳрамони ҷаҳон, Аврупо, Осиё, Ҷумҳурии Тоҷикистон, қаҳрамони мусобиқаи миллӣ аз рӯйи соҳаҳои гуногуни тарбияи ҷисмонӣ ва варзишро тайёр карда бошанд.

15.4. Дар асоси Низомномаи мазкур баъд аз қарори шурои олимон бо мудир шартномаи меҳнатӣ (шакли муқарраршуда) ба муҳлати 5 сол баста мешавад.

15.5. Натиҷаи иҷрои шартнома, инчунин фаъолияти мудири кафедра дар соли якум аз тарафи шуъбаи кадрҳо ва комиссияи махсуси муқарризон (иборат аз 3 нафар), ки бо фармоиши ректори муассисаи таҳсилоти олии касбӣ таъсис дода шудааст, мавриди санҷиш қарор дода шуда, дар шурои олимони муассисаи таҳсилоти олии касбӣ баррасӣ мегардад.

16**. Интихоби мудири кафедра**

16.1. Интихоби мудири кафедра дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ дар асоси озмун гузаронида мешавад.

16.2. Эълон дар бораи гузаронидани озмуни ишғоли вазифаи мудири кафедра аз тарафи муассисаи таҳсилоти олии касбӣ як моҳ пеш дар саҳифаҳои васоити ахбори омма интишор карда мешавад:

– дар озмун номзадҳо мутобиқи бандҳои 15.1, 15.2, 15.3 ва 15.4-и Низомномаи мазкур, мувофиқ ба ихтисос ва тахассуси кафедра иштирок карда метавонанд;

– номзаде мудири кафедра интихоб мегардад, ки аз се ду ҳиссаи овозҳои аъзои дар шурои олимони муассисаи таҳсилоти олии касбӣ ширкаткардаро соҳиб шавад.

16.3. Мудири кафедраи муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ дар мавридҳои зерин бозхонд карда мешавад:

– иҷро накардани вазифаҳое, ки Низомномаи мазкур муқаррар намудааст;

– иҷро накардани талаботи шартномаи меҳнатӣ;

– манфӣ арзёбӣ гардидани фаъолияти кафедра;

– бо сабаби вазъи саломатӣ;

– ба синни нафақа расидан;

– бо хоҳиши худ;

– муқаррароти дигаре, ки Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва қонунгузории амалкунанда муайян намудааст.

16.4. Маҳдудияти синнусолӣ ҳангоми интихоб ва аз вазифа озод намудани мудири кафедраи муассисаи таҳсилоти олии касбӣ тибқи муқаррароти Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи таъмини нафақаи шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон» муайян карда мешавад.

17. Мудири кафедра вазифадор аст:

– дар ҷаласаҳои корӣ сохторҳои муассисаи таълимӣ, ки дар назди онҳо масъалаҳои ба фаъолияти кафедра алоқаманд муҳокима карда мешаванд, иштирок намояд;

– ҷаласаҳои кафедраро таъин ва баргузор намояд;

– маҳфилҳо, комиссияҳои методӣ, семинарҳои илмию методӣ, мизҳои мудаввар ва дигар чорабиниҳои ба масъалаҳои таълимӣ-методӣ, илмӣ-таҳқиқотӣ ва иҷтимоӣ-тарбиявии кафедра вобастаро ташкил диҳад;

– дар ҷаласаҳои шурои олимони факултет ва муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ҷиҳати ворид намудани тағйироту иловаҳо ба нақшаҳои таълимӣ, нақшаҳои корӣ ихтисосҳои амалкунанда ва масъалаҳои ба самтҳои фаъолияти кафедра алоқаманд пешниҳод манзур намояд;

– нақшаҳои тақвимии кафедра, нақшаҳои инфиродии омӯзгорон, барномаҳои корӣ фанҳои таълимӣ ва тақризҳои кафедраро тасдиқ кунад;

– ҳисоби соатҳои кафедраро муайян намуда, сарбории таълимӣ ва дастурҳои вазифавиро дар байни

ҳайати профессорону омӯзгорони кафедра тақсим намояд;

– ҳангоми ҷой доштани зарурати истеҳсолӣ вазифаи муовини мудири кафедра ва роҳбари маҳфилро дар асоси ҷамъиятӣ ташкил кунад;

– сифат ва иҷрои саривақтии сарборию таълимӣ, уҳдадориҳои вазифавӣ, гузаронидани тамоми шаклҳои корҳои таълимӣ ва илмӣ-таҳқиқотиро аз ҷониби ҳайати омӯзгорон ва кормандони кафедра назорат кунад;

– интихоб ва ба шурои олимони факултет ва муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ пешниҳод намудани номзадии омӯзгорону кормандонро ба вазифаҳои холӣ амалӣ созад;

– тибқи талаботи амалкунанда ҳуҷҷатҳои омӯзгорону кормандонро барои дар кафедра ба кор қабул кардан пешниҳод намояд;

– барои додани мукофот ё муҷозот ба ҳайати омӯзгорон ва кормандон ба садорати факултет ва раёсати муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ бо пешниҳод муроҷиат намояд;

– ҷиҳати самаранок ташкил ва гузаронидани корҳои таълимию методӣ, илмию таҳқиқотии ҳайати омӯзгорон ва кормандон аз роҳбарони сохторҳои дахлдори муассисаи таҳсилоти олии касбӣ таъмин гардонидани кафедраро бо васоити моддию техникӣ ва иттилоотию коммуникатсионӣ талаб кунад;

– оид ба масъалаҳои такмили раванди таълим, ташкили корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ, тайёр намудани кадрҳои илмӣ-педагогӣ дар ҷаласаҳои шурои олимони факултет ва муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ бо пешниҳод баромад кунад;

– аз ҳайати омӯзгорон ва кормандони кафедра риояи қоидаҳои тартиботи дохилии муассисаи таҳсилоти олии касбӣ, интизоми меҳнат, иҷрои уҳдадориҳои вазифавӣ ва истифодаи самараноки захираҳои таъминкунандаи фаъолияти кафедраро талаб намояд.

18. Иҷрои уҳдадориҳои вазифавии омӯзгорон ва кормандони кафедра тибқи дастурамали вазифавӣ сурат мегирад.

19. Тартиби баргузории озмуни интихоб ба вазифаҳои омӯзгорони кафедра дар асоси «Низомномаи ишғоли вазифаҳои кафедраи муассисаи таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон» муқаррар карда мешавад.

20. Ба кафедра вобаста ба ҳаҷми соатҳои таълимӣ ва мавҷуд будани беш аз 15 воҳиди корӣ метавонад аз тарафи раёсати муассисаи таҳсилоти олии касбӣ вазифаи муовини мудири кафедра ҷудо карда шавад.

3. ФАЪОЛИЯТИ КАФЕДРА

21. Фаъолияти кафедра тибқи нақшаҳои корӣ, ки иҷрои корҳои таълимию методӣ, илмию таҳқиқотӣ, иҷтимоию тарбиявӣ ва робитаҳои байналмилалиро дар бар гирифтааст, ба роҳ монда мешавад.

22. Масъалаҳои ба фаъолияти кафедра алоқаманд, рафти иҷрои нақшаҳо таҳти роҳбарии бевоситаи мудир дар ҷаласаҳои кафедра мавриди баррасӣ ва муҳокима қарор дода мешавад.

23. Корҳои таълимию методӣ ва илмию таҳқиқотии кафедра бояд ба самти асосии фаъолият ва фанҳои нақшаҳои таълимии ихтисосҳои амалкунандаи муассисаи таҳсилоти олии касбӣ, ки таълими онҳо бо фармоиши ректори муассисаи таҳсилоти олии касбӣ дар назди кафедра муқаррар карда шудааст, мутобиқат намоянд.

24. Кафедра вазифаҳои зеринро иҷро менамояд:

– ташкил ва гузаронидани корҳои таълимӣ аз рӯйи ҳамаи шаклҳои таҳсилот (рӯзона, ғоибона ва фосилавӣ);

– ташкили курс ё фанҳои таълимии ҳатмӣ ва интихобӣ, такмили барномаҳои фанҳои таълимӣ аз рӯйи ихтисосҳои амалкунанда;

– таҳияи нақшаҳои таълимии ихтисосҳои амалкунандаи муассисаи таҳсилоти олии касбӣ;

– иҷрои корҳои методӣ (нашри китобҳои дарсӣ, дастуру воситаҳои таълимӣ ва таълимӣ-методӣ, маҷмуаҳои таълимӣ-методӣ);

– коркарди маводи таълимию методӣ барои гузаронидани тамоми шаклҳои корҳои таълимӣ, ташкили корҳои мустақилонаи донишҷӯён, таъмини истифодаи самараноки низоми таълим, таҷҳизоти муосири лабораторӣ ва технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ;

– таъмини мунтазами сатҳи сифати таҳсилот дар асоси татбиқи технологияҳои гуногун, аз ҷумла технологияи иттилоотию коммуникатсионӣ, баланд бардоштани сатҳи гузаронидани дарсҳои лексионӣ ҳамчун шакли муҳимми корҳои таълимӣ, фаъол гардонидани машғулиятҳои амалӣ, семинарӣ, лабораторӣ, корҳои мустақилонаи донишҷӯ бо роҳбарии омӯзгор ҳамчун шаклҳои мустаҳкамкунии дониш, ташаккули маҳорату малакаҳои касбии ба рушди қобилиятҳои эҷодии донишҷӯён мусоидаткунанда;

– санҷиши мунтазами дониши донишҷӯён тибқи талаботи Стандарти давлатии таҳсилоти олии касбӣ ва барномаҳои таҳсилотӣ аз рӯйи самт (ихтисос);

– ташкил ва роҳбарӣ ба корҳои илмӣ-таҳқиқотии донишҷӯён, таҷрибаомӯзиҳо, корҳои мустақилонаи донишҷӯён (корҳои курсӣ, кори хатми бакалавр, рисолаи илмии магистр) мутобиқ ба шароитҳои истеҳсолӣ ва илмӣ-таҳқиқотӣ;

– қабули имтиҳонҳои фосилавӣ, ҷамъбастӣ ва баррасию таҳлили натиҷаи онҳо;

– расонидани ёрии амалӣ ҷиҳати бо ҷойи кор таъмин гардидани хатмкунандагон ва ба роҳ мондани алоқа бо онҳо;

– интихоб, тайёр кардан ва аз курсҳои такмили ихтисос гузаронидани кадрҳои илмӣ-педагогӣ;

– ташкили коромӯзиҳои илмӣ барои ҳайати профессорону омӯзгорони кафедра;

– ташкил ва назорати фаъолияти аспирантҳо, докторантон аз рӯйи ихтисос ва докторантон, кор бо унвончӯён ва коромӯзон;

– муҳокима ва тақризнависӣ ба рисолаҳои номзадию докторӣ, корҳои илмии донишҷӯён;

– ташкил ва гузаронидани корҳои илмӣ-таҳқиқотии профессорону омӯзгорон ва кормандони кафедра тибқи лоиҳаҳо ва ба имзо расонидани шартномаҳо;

– муҳокимаи натиҷаҳои корҳои илмӣ-таҳқиқотии бадастоварда ва омода намудани тавсияҳо ҷиҳати аз нашр баровардани онҳо, иштирок дар татбиқи амалии натиҷаҳои таҳқиқотҳои гузаронидашуда;

– ташкил ва гузаронидани корҳо дар самти васеъ гардонидани робитаҳои кафедра бо муассисаҳои истеҳсолӣ, илмӣ, таълимӣ ва расонидани ёрии амалӣ ба онҳо ҷиҳати тайёр намудан ва бозомӯзии кадрҳо, иҷро ва экспертизаи корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ, таъсис додани филиалҳои кафедра.

25. Дар кафедра бо мақсади баррасии масъалаҳои таълимӣ-методӣ ва илмӣ-таҳқиқотӣ семинару маҳфилҳо ташкил карда мешаванд.

4. ҲУҚУҚҲО ВА УҲДАДОРИҲОИ КАФЕДРА

26. **Кафедра дар доираи фаъолияти худ ҳуқуқ дорад:**

– дастрас намудани маълумот оид ба ташкили раванди таълим ва масъалаҳои ба фаъолияти кафедра алоқаманд аз сохторҳои муассисаи таҳсилоти олии касбӣ;

– ташкили корҳо дар самти тайёр кардан ва аз курсҳои такмили ихтисос гузаронидани кадрҳои илмӣ-педагогӣ;

– омӯзиш, пуррагардонӣ ва паҳн намудани таҷрибаи кории омӯзгорони собиқадор, расонидани ёрии амалӣ ба омӯзгорони ҷавон дар азхудкунии маҳорати педагогӣ;

– муҳокимаи корҳои хатми бакалаврӣ, рисолаҳои магистрӣ, номзадӣ, доктории аз рӯйи ихтисос ва доктории аъзоҳои кафедра ё бо супориши раёсати муассисаи таълимӣ ба кафедра сафарбаргардида;

– баррасии масъалаҳои ба фаъолияти кафедра алоқаманд тибқи қонунгузории амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон;

– иштирок дар шурои олимон, шурои таълимӣ-методӣ (илмӣ-методӣ)-и донишгоҳу факултет, ҷаласаҳои дигар кафедраҳои муассисаи таълимӣ ва комиссияҳои аттестатсияи хатм.

27. **Кафедра ва ҳайати омӯзгорону кормандони он ухдадоранд:**

– фаъолияти худро тибқи қонунгузории амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Низомномаи намунавии муассисаи таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Оинномаи муассисаи таҳсилоти олии касбӣ ва таҳсилоти касбии баъд аз муассисаи олии таълимӣ, фармоишҳои ректор ва Дастурамали вазифавӣ дар муассисаи таҳсилоти олии касбӣ ба роҳ монанд;

– ҳуҷҷатгузориро тибқи феҳристи тавсиявӣ (замима мегардад) ва санадҳои меъёрии ҳуқуқии амалкунанда ба роҳ монанд, ки мундариҷа, усулҳои ташкил ва гузаронидани тамоми шаклҳои фаъолияти кафедраро инъикос намоянд;

– бо дархости воҳидҳои сохтории дахлдори муассисаи таҳсилоти олии касбӣ ва берун аз он маълумот ва ҳуҷҷатҳои заруриро вобаста ба фаъолияти кафедра пешниҳод намоянд:

– ба молу амволи муассиса эҳтиёткорона муносибат намоянд ва зарари ба муассиса расонидаашонро тибқи қонунгузории амалкунандаи Ҷумҳурииии Тоҷикистон ҷуброн кунанд, таҳқиқоти ба кафедра вобасташударо дуруст ва мувофиқи таъинот истифода баранд;

– ҳуқуқу озодӣ ва дигар манфиатҳои қонунии омӯзгорону кормандон ва таълимгирандагон, интизоми меҳнат, қоидаҳои тартиботи дохилӣ, ҳифзи меҳнат ва техникаи бехатариро дар давраи фаъолияти корӣ риоя намоянд;

– қарорҳои шурои олимон, фармоиш ва дастуру супоришҳои ректор (директор)-и муассиса, ки ба самти фаъолияти кафедра алоқаманд мебошанд, иҷро намоянд.

5. МУҚАРРАРОТИ ХОТИМАВӢ

28.Низомномаи мазкур аз лаҳзаи тасдиқ гардидан мавриди амал қарор гирифта, ба он дар ҳолатҳои зарурӣ бо тартиби муқарраргардида тағйироту иловаҳо ворид карда мешавад.

Замима
ба Низомномаи кафедраи муассисаи таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон

Феҳрасти тавсиявии ҳуҷҷатгузорӣ дар кафедра

1. Қарорҳо, фармонҳо ва дастуру супоришҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ.
2. Қарорҳо, фармоишҳо, дастурҳо, санадҳои Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон.
3. Дастур ва мактубҳои вазорату идораҳо ва мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ.
4. Фармоишҳои ректор ва супоришҳои муовинони он.
5. Қарорҳои раёсат, шурои олимон ва шурои илмию методии муассисаи таълимӣ.
6. Қарорҳои садорати факултет, шурои олимон ва шурои методии факултет.
7. Нақшаҳои кории кафедра.
8. Суратҷаласаҳои кафедра.
9. Барномаҳои таҳсилотӣ.
10. Нақшаҳои таълимии аз тарафи вазорат тасдиқшуда.

11. Нақшаву барномаҳои корӣ оид ба раванди таълим.

12. Ҳисоби соатҳо, нақшаҳои инфиродии омӯзгорон ва ҷадвали воҳидҳои корӣ.

13. Барномаҳои таълимӣ ва силабусҳо.

14. Номгӯи китобҳои умумитаълимӣ ва тахассусӣ.

15. Номгӯи китобу дастурҳои аз тарафи устодони кафедра таҳияшуда бо шаклҳои электронии онҳо.

16. Билетҳои тасдиқшудаи имтиҳоноти давлатӣ аз фанҳои тахассусӣ.

17. Саволномаҳои фанҳои таълимии кафедра барои маркази тестӣ.

18. Ҳисоботи солонаи кафедра.

19. Дастурҳои вазифавии кормандон.

20. Ҳуҷҷатҳои татбиқи корҳои илмӣ.

21. Ҳуҷҷатҳои такмили ихтисоси омӯзгорон ва кормандони кафедра.

22. Ҳуҷҷатҳо оид ба шуъбаи магистратура, аспирантура, ординатура, интернатура, докторантура аз рӯйи ихтисос ва докторантура.

23. Номгӯи мавзуъҳои корҳои хатми донишҷӯён.

24. Номгӯи мавзуъҳои корҳои хатми магистрҳо.

25. Ҳуҷҷатҳои маҳфилҳои илмии донишҷӯён.

26. Ҳуҷҷатҳо оид ба таъминоти моддию техникии ҷараёни таълим.

27. Ҳуҷҷатҳои таҷрибаомӯзии таълимӣ ва истеҳсолӣ.

28. Дафтари бақайдгирии иштироки омӯзгорон ба дарсҳои ҳамдигар.

29. Дафтари бақайдгирии истифодаи воситаҳои техникӣ дар ҷараёни таълим.

30. Ҷадвали навбатдории омӯзгорон.

31. Ҷадвали қабули корҳои мустақилонаи донишҷӯён.

32. Рӯйхат ва санадҳои ҳуҷҷатҳои бойгонишуда.

33. Дафтари воридот ва содироти мактубҳо, аризаҳо ва ғайра.

Замимаи 5
ба қарори ҳайати мушовараи
Вазорати маориф ва илми
Ҷумҳурии Тоҷикистон
аз «29» августи соли 2022, №12/4

ДАСТУРАМАЛ ОИД БА ТАРТИБИ ИСТИФОДАИ ЖУРНАЛИ ГУРӮҲ ДАР МУАССИСАИ ТАҲСИЛОТИ ОЛИИ КАСБИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

1. МУҚАРРАРОТИ УМУМӢ

1. Дастурамал оид ба тартиби истифодаи журнали гурӯҳ дар муассисаи таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд-Дастурамал) дар асоси Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф», Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи таҳсилоти олии касбӣ ва таҳсилоти касбии баъд аз муассисаи олии таълимӣ» ва “Низомномаи намунавӣ оид ба муассисаи таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон” ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии зинаи таҳсилоти олии касбӣ бо мақсади ба танзим даровардани журнали гурӯҳи таълимӣ таҳия гардидааст.

2. Журнали гурӯҳи таълимӣ дар муассисаи таҳсилоти олии касбӣ ва ё журнали электронӣ, ки нисбат ба ҷорӣ намудани он муассисаи таълимӣ бо қарори шурои олимон мустақил аст (минбаъд-журнал), иҷрои нақша ва барномаи таълимиро дар муассисаи таҳсилоти олии касбӣ ба танзим медарорад.

3. Дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон афзалият ба журнали электронӣ дода шуда, он пурра ба ҷои журнали гурӯҳи таълимӣ истифода мешавад.

4. Журнали гурӯҳи таълимӣ талаботи зеринро дар бар мегирад:

- иҷрои нақша ва барномаҳои таълимӣ оид ба ҳамаи фанҳои омӯхташаванда;

- воқеият дар баҳогузории ҷорӣ ва ҷамъбастӣ;

- назорати давомоти донишҷӯён дар машғулиятҳои таълимӣ;

- риояи меъёри гузаронидани санҷишҳои назоратӣ, тафтишотӣ, маъмурӣ, иҷрои корҳои амалӣ ва лабораторӣ;

- риояи талабот ва тавсияи ба танзим даровардани журнали гурӯҳ;

- ба инобат гирифтани пешниҳоду эродҳо ҷиҳати истифодаи журнали гурӯҳ аз тарафи роҳбарияти муассисаи таҳсилоти олии касбӣ.

5. Риояи истифодаи журнал аз ҷониби ҳар як омӯзгор ва куратори гурӯҳи таълимӣ дар муассисаи таҳсилоти олии касбии ҷумҳурӣ новобаста аз шакли ташкилию ҳуқуқӣ ҳатмӣ мебошад.

6. Садорати факултет (муовини декан ё эдвайзер-мушовири академӣ), куратор, омӯзгори фаннӣ ва сардори гурӯҳ барои бе осеб нигоҳ доштани журнал ҷавобгаранд.

7. Журнали гурӯҳи академӣ дар қатори дигар ҳуҷҷатҳои соҳаи маориф дар асоси низом ва тартиби муайян ҳуҷҷатгузорӣ гардида, дар шакли таҳсили рӯзона барои як нимсола ва дар шакли таҳсили фосилавӣ барои ду нимсолаи таълимӣ пешбинӣ мегардад.

8. Даровардани маълумоти иловагӣ ба журнали гурӯҳи академӣ бе мувофиқа ба раёсати таълим аз ҷониби факултетҳо ва дигар шахсони ваколатдор манъ аст.

9. Дар журнал қайдҳо беислоҳ ва тибқи муқаррарот ба ҷо оварда мешаванд.

10. Журнали гурӯҳи таълимӣ дар бойгонии муассисаи таҳсилоти олии касбӣ 25 сол нигоҳ дошта мешавад.

2. ВАЗИФАҲОИ РОҲБАРИЯТИ МУАССИСАИ ТАҲСИЛОТИ ОЛИИ КАСБӢ

11. Ректорон (директорон)-и муассисаи таҳсилоти олии касбӣ ва муовинони он, декани факултетҳо ва муовинони онҳо, мудирони кафедраҳо ва кураторони гурӯҳҳои таълимӣ вазифадоранд, ки мунтазам ҷиҳати қайди мавзуъҳо дар журнал ба таври зайл назорат баранд:

- қайд кардани мавзуъҳо дар журнал то оғози соли таҳсил, ба тартиб даровардани варақаи титулӣ, маълумот дар саҳифаҳо доир ба фанҳои таълимӣ, маълумоти умумӣ дар бораи донишҷӯён, маълумот дар бораи миқдори соатҳои дарсии фанҳо, варақаи ҷамъбастии давомот, маълумот доир ба маҳфилҳо ва дарсҳои факултативию иловагӣ;

- назорати ҳафтаина ҷиҳати ба расмият даровадани қайди мавзуи фанҳои таълимӣ, воқеӣ будани қайди давомот, роҳ надодан ба супоридани вазифа дар рӯзҳои ид ва истироҳатӣ (талаботи зерин аз соатҳои нақшаи таълимӣ дар ҳафта вобастагӣ дорад).

12. Ба ғайр аз санҷишҳои ҷорӣ аз ҷониби сохторҳои молиявӣ низ санҷиши журнал ба роҳ монда мешавад.

13. Аз натиҷаи ҷамъбасти санҷиш дар саҳифаи «Эродҳо оид ба истифодаи журнали гурӯҳ» раёсати муассисаи таълимӣ фикру мулоҳизаи худро сабт намуда, ҷиҳати бартараф намудани камбудиҳо шахсони масъулро вазифадор менамояд;

14. Дар охири нимсолаи соли таҳсил муовини декан (эдвайзер-мушовири академӣ) баъд аз қайд намудани ҳисоботи омӯзгорони фаннӣ журналро барои нигоҳдорӣ ба шуъбаи таълим месупорад.

15. Барои сабти соатҳои тарбиявӣ (кураторӣ) дар журнали гурӯҳи академӣ саҳифаи алоҳида ҷудо менамоянд.

16. Доир ба ҷамъбасти санҷиши журналҳо протокол тартиб медиҳанд.

17. Ректорон (директорон)-и муассисаи таҳсилоти олии касбӣ ҳуқуқ доранд барои омӯзгори фаннӣ ва ё куратори гурӯҳи таълимӣ ҷиҳати иҷро накардани

талаботи ба расмият даровардани журнал тибқи қонунгузорӣ ҷазои интизомӣ татбиқ намоянд.

3. ОЗОДИИ АКАДЕМИИ МУАССИСАИ ТАҲСИЛОТИ ОЛИИ КАСБӢ ҶИҲАТИ МУАЙЯН НАМУДАНИ МАЗМУНУ МУНДАРИҶАИ ЖУРНАЛИ ГУРӮҲИ АКАДЕМӢ

18. Ба ғайр аз мазмуну мундариҷаи тавсиявӣ, ки дар доираи дастурамали мазкур пешниҳод гардидааст, муассисаи таҳсилоти олии касбӣ метавонад вобаста аз хусусияти хоси тайёр намудани мутахассисон ва дигар масъалаҳои вобаста ба мазмуну мундариҷаи журнали гурӯҳи академӣ маълумоти иловагӣ дарорад.

19. Маълумоти воридшаванда бояд дар шурои олимони муассисаи таҳсилоти олии касбӣ муҳокима ва тасдиқ карда шавад.

4. ВАЗИФАИ КУРАТОРИ ГУРӮҲИ ТАЪЛИМӢ

20. Куратори гурӯҳи таълимӣ вобаста ба истифодаи журнал корҳои зеринро ба анҷом мерасонад:

- варақаи титулӣ ва мундариҷа (номгӯи фанҳои таълимӣ мувофиқи нақшаҳои таълимӣ)-и журналро хонапурӣ менамояд;
- рӯйхати донишҷӯёнро дар журнал (ному насаб тибқи шиноснома ва бо тартиби алифбо) тартиб медиҳад;
- номи фан_____;
- ному насаби омӯзгор_____;
- миқдори соатҳо аз рӯйи нақшаи таълимӣ дар нимсола, миқдори кредитҳо (аз ҷумла лексия _____ соат, барои машғулиятҳои амалӣ _____ соат, барои машғулиятҳои лабораторӣ _____ соат, КМРО ва КМД)-ҳоро менависад;
- дар саҳифаи алоҳидаи журнал маълумот дар бораи донишҷӯёнро ҷой медиҳад;
- варақаи ҷамъбастии давомоти донишҷӯёнро ҳар ҳафта қайд менамояд.

21. Дар мавриди беморӣ ва ё бо сабаби узрнок ба машғулиятҳои таълимӣ ҳозир нашудани донишҷӯ,

куратори гурӯҳи таълимӣ дар журнал маълумотномаро дар ин бора қайд намуда, онро замима менамояд.

22. Ҳама гуна тағйирот вобаста ба ҳайати гурӯҳ баъд аз интишори фармоиши дахлдори ректор дароварда мешавад. Куратори гурӯҳ дар журнал вобаста ба тағйироти ҳайати гурӯҳ метавонад навиштаҳои зеринро ҷой диҳад: «хориҷ карда шуд бо фармоиши №___ аз «__» ___ соли 20__ «барқарор карда шуд бо фармоиши №___ аз «__» ___ соли 20__» ва интиқол карда шуд бо фармоиши №___ аз «__» ___ соли 20__».

23. Куратори гурӯҳи таълимӣ мунтазам қайди саривақтии мавзуъҳои машғулияҳои таълимӣ-фанниро аз ҷониби омӯзгорон назорат намуда, ҷиҳати хатогиҳои ҷойдошта дар қайди мавзуъҳо (дар муҳлатҳои муқарраргардида қайд накардани мавзуъҳо, номувофиқатии мавзуи дар журнал қайдгардида бо силлабус ва ғайра), эродҳо ва муҳлатҳои бартараф кардани онҳо фикру мулоҳизаҳои худро баён мекунад.

24. Ҳамзамон, маълумот дар бораи қарзҳои академии донишҷӯёни гурӯҳ, варақаи қайди дарсшикании донишҷӯёни гурӯҳ ҳар ҳафта аз тарафи сарпарасти гурӯҳ пур карда мешавад.

5. **ВАЗИФАИ ОМӮЗГОР**

25. Журнал аз ҷониби омӯзгор дар рӯзи гузаронидани машғулиятҳои фаннӣ қайд карда мешавад. Таърихи рӯзи гузаронидани дарс танҳо бо рақамҳои арабӣ қайд шуда, таърихи рӯзи сабти мавзуъ (дар қисми охир) бояд бо таърихи рӯзи ҳафтаи дарсӣ мувофиқат намояд. Аз тарафи рост моҳ ва таърихи рӯз навишта мешавад.

26. Дар саҳифаҳои қисмати дуюми журнал омӯзгор номи мавзуъ ва соати ба он ҷудошударо менависад. Дар мавриди гузаронидани дарсҳои ҷуфткардашуда мавзуи дарсӣ такроран навишта мешавад. Миқдори

соатҳо доир ба ҳар як мавзуъ бояд ба нақша ва барномаи таҳсилотӣ (силлабус) мувофиқат кунад.

27. Кашидани хате, ки такрорро ифода мекунад, қобили қабул нест. Дар сурати мавзуи «Такрор», «Ҳалли масъала» ва ғайра мавзуи ба он дахлдор бояд аниқ дарҷ карда мешавад.

28. Омӯзгор вазифадор аст, ки мунтазам иштироки донишҷӯёнро ба дарс назорат намуда, дар паҳлуи ному насаби донишҷӯи ғоиббуда дар хоначаи мувофиқ ҳарфи «н» (нест, наомад) гузорад. Рӯзҳои иду ҷашнҳо, ки истироҳатӣ эълон шудаанд, дар журнал ҳамчун «Рӯзҳои ид» тариқи сабти пурраи номи ҷашн ё чорабинӣ бе нишондоди соати дарсӣ бо имзогузории омӯзгор қайд карда мешаванд. Бо назардошти иҷрои ҳатмии барномаҳои таълимӣ соатҳои дарсии дар ин рӯз пешбинишуда ҳатман дар доираи соатҳои захиравӣ ё ташкили намудани дарсҳои иловагӣ иҷро карда мешаванд.

29. Дар сурати ивазшавии дарсҳо ҳатман таърихи рӯз, мавзуъ, истилоҳи «ивазкунӣ» дарҷ шуда, имзо гузошта мешавад.

30. Охири соли таҳсил дар варақаи фаннӣ баъд аз қайди дарси охирон иҷрои соатҳои ҷудошудаи барномаи таълимӣ (лексионӣ, амалӣ, семинарӣ, озмоишӣ, назоратӣ ва мустақилона) сабт карда мешавад. Чунончи «Тибқи барнома - 62 соат, гузаронида шуд - 62 соат, барнома пурра иҷро карда шуд».

31. Сардори гурӯҳи таълимӣ вазифадор аст, ки пеш аз оғози дарс аз деканат журналро гирифта, сари вақт (баъд аз анҷоми ҷуфти охирон) онро пас гардонад.

32. Дар вақти дарс баромадани сардори гурӯҳ бо мақсади овардани журнал иҷозат дода намешавад.

33. Нигоҳ доштани журнали гурӯҳ дар кабинетҳои фаннӣ ва кафедраҳо манъ аст.

6. МУҚАРРАРОТИ ХОТИМАВӢ

34. Дар сурати риоя накардани талаботи Дастурамали мазкур тибқи тартиби қонунгузории

Ҷумҳурии Тоҷикистон нисбат ба шахсони масъул чораи дахлдори ҳуқуқӣ андешида мешавад.

35. Иҷрои талаботи Дастурамали мазкур ҳангоми навиштани мавзуъ, соатҳои дарсӣ ва гузаронидани таърихи дарс ва ғайрҳо новобаста аз шакли ташкилию ҳуқуқӣ ва тобеияти идоравӣ ҳатмӣ буда, истифодабарандагон метавонанд ҷиҳати ворид намудани тағйиру иловаҳо ба бандҳои дахлдори он ба мақоми ваколатдори давлатӣ дар соҳаи маориф таклифу пешниҳод манзур созанд.

36. Ба Дастурамали мазкур тибқи тартиби муқарраргардида тағйиру иловаҳо ворид карда мешавад.

Замимаи 6
ба қарори ҳайати мушовараи
Вазорати маориф ва илми
Ҷумҳурии Тоҷикистон
аз «29» августи соли 2022, №12/4

ДАСТУРАМАЛ ОИД БА ИҶРОИ КОРҲОИ НАЗОРАТИИ ДОНИШҶӮЁНИ ШУЪБАИ ФОСИЛАВИИ МУАССИСАИ ТАҲСИЛОТИ ОЛИИ КАСБӢ

Дастурамали мазкур дар асоси талаботи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф», Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи таҳсилоти олии касбӣ ва таҳсилоти касбии баъд аз муассисаи олии таълимӣ» ва «Низомномаи намунавии муассисаи таълимии таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон» ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии соҳаи маориф таҳия гардидааст.

1.МУҚАРРАРОТИ УМУМӢ

1.Кори назоратӣ яке аз намудҳои асосии кори таълимии донишҷӯёни фосилавӣ дар тамоми муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ новобаста аз шакли ташкилию ҳуқуқӣ ба ҳисоб меравад. Кори назоратӣ марҳилаи аввалини фаъолияти мустақилонаю эҷодкоронаи донишҷӯён маҳсуб ёфта, аз онҳо дониши

мукаммали назариявию амалиро, ки дар раванди таҳсил ба даст овардаанд, тақозо мекунад.

2.Таълифи кори назоратӣ дар таҳсили донишҷӯёни шакли таҳсилоти фосилавӣ барои беҳтар аз худ кардани бахшҳо ва мавзуъҳои муҳимми ин ё он фан ёрӣ расонда, дониши онҳоро мукаммал менамояд. Ҳангоми иҷрои кори назоратӣ донишҷӯ таҳлили мустақилона ва хулосабарориҳоро омӯхта, дар баёни бонизоми андеша малакаи зарурӣ ҳосил менамояд.

3.Пеш аз таълифи кори назоратӣ донишҷӯ бояд маъхази ба мавзуъ алоқамандро хуб омӯхта, дар бораи он тасаввуроти равшан ҳосил намояд. Омили муҳим дар вақти иҷрои кори назоратӣ омӯзиши адабиёте мебошад, ки доир ба мавзуъ тавсия шудааст. Кори назоратӣ ба таври мустақилона омода гардида, дар ҷараёни иҷрои он донишҷӯ бояд мустақилона рафтор намояд. Донишҷӯ ҳангоми иҷрои кори назоратӣ илова ба китоби дарсӣ уҳдадор аст, ки аз китобҳои илмии иловагӣ истифода барад. Ҳамзамон, ғайр аз адабиёти доир ба мавзуи тавсияшуда истифодаи рисолаҳо, васоити таълимӣ, шабакаи интернет, мақолаҳои маҷмуаву маҷаллаҳо ва рӯзномаҳо, ки ба мавзуи кори назоратӣ алоқаманд мебошанд, ба мақсад мувофиқ аст.

4.Дар кори назоратӣ фикр пайдарпай ва муҳокимаронӣ ба таври мустақилона бояд баён гардад. Кори назоратӣ дар асоси нақшаи муайян навишта мешавад.

5.Аз натиҷаи иҷрои корҳои назоратӣ донишҷӯ ба имтиҳони ҳамон фан роҳ дода мешавад. Бинобар ин, кори назоратӣ бояд дар муҳлати муқарраргардида омода ва ҳимоя карда шавад. Ба ҳар кори назоратӣ омӯзгори тафтишкунанда тақриз менависад. Ҳангоми тафтиши кори назоратӣ ба он баҳо тибқи ифодаи ҳуруфии баҳои донишҷӯ ва эквиваленти адади он гузошта мешавад.

2. ТАРТИБИ ИҶРОИ КОРҲОИ НАЗОРАТӢ

6.Иҷрои кори назоратӣ яке аз шаклҳои муҳимми кори мустақилонаи донишҷӯён дар омӯзиши фанни тадрисшаванда ба ҳисоб рафта, ба донишҷӯён малакаи омӯзиши мустақилонаи адабиёти иловагиро дода, дуруст баён кардани фикри худ, таҳлил кардани масъалаҳои душвори назариявӣ ва ба ҳам пайвастани назария бо амалияро меомӯзонад.

7.Талаботи асосие, ки ҳангоми иҷрои кори назоратӣ гузошта мешавад, пеш аз ҳама, ба таркиб, сохтор, ҳаҷм ва тарзи баёни мавзуъ, инчунин ба шакли навиштани он марбут мебошад. Кори назоратӣ бояд ягонагии дохилӣ дошта, дар он ҳамаи масъалаҳои бозгӯшаванда бо ҳам алоқаманд ва мантиқан пайдарпай баён шаванд.

8.Аз рӯйи таркиб кори назоратӣ сатҳи бештар баланди ёддошт-конспект мебошад, ки дар он масъалаҳои таҳқиқшаванда инъикос меёбанд, таърифҳои гуногуни мафҳум ва категорияҳои ҷудогона оварда мешаванд, далелу рақамҳо таҳлил ва ҷамъбаст карда мешаванд.

9.Кори назоратӣ бояд дар шакли дастнавис ва бо хати хоно ё ба намуди чопӣ навишта шавад. Дар ҳар саҳифа гузоштани ҳошия барои қайди омӯзгор ва барои тафтишу тақриз зарур аст. Танҳо баъд аз гирифтани тақризи мусбат донишҷӯ барои супоридани имтиҳон аз фанни тадрисшаванда ҳуқуқ пайдо менамояд.

10.Кори назоратӣ бояд дар шакли дуруст ба расмият дароварда шавад. Дар варақи аввал нишон додани номи муассисаи таҳсилоти олии касбӣ, факултет, мавзуъ, гурӯҳ ва ному насаб шарт аст. Дар варақи дигар сарлавҳа ва матни кор оварда мешавад. Саҳифаҳо бояд бо рақам ишора шаванд. Ҳангоми овардани иқтибосҳо зарур аст, ки онҳо айнан, бехато ва аз ду тараф дар нохунак гирифта шуда, дар поварақ сарчашмае, ки аз он иқтибос гирифта шудааст (бо зикри номи муаллиф, номи асар, ҷой ва соли нашр, саҳифа ва ё тариқи рақамгузорӣ) нишон дода шавад.

Дар охири кор рӯйхати адабиёти истифодашуда ҷой дода мешавад.

3.ҚОИДАҲОИ ТАҚРИЗНАВИСӢ, ШАРОИТИ НИГОҲДОРӢ ВА ТАРТИБИ СОҚИТСОЗИИ КОРҲОИ НАЗОРАТӢ

11.Қабули корҳои назоратии донишҷӯён барои тафтиш ва тақризнависӣ ба тартиби зайл ба роҳ монда мешавад:

-қабл аз оғози соли таҳсил мудири кафедра номгӯйи мавзуъҳои корҳои назоратиро барои тасдиқ ба шурои методии факултет ва ё комиссияи методии кафедраи умумидонишгоҳӣ пешниҳод менамояд. Номгӯйи мавзуъҳои корҳои назоратӣ пас аз тасдиқи шурои методӣ ва ё комиссияи методии кафедра ба деканати факултет баргардонида мешаванд.

-донишҷӯён номгӯйи мавзуъҳои корҳои назоратиро бо рӯйхати адабиёти тавсияшуда дар муҳлати муқарраршуда таҳияву таълиф ва ба масъули кафедра пешниҳод менамоянд.

-масъули факултет корҳои назоратии манзуршударо дар дафтари махсус ба қайд гирифта, барои тақриз ва баҳогузорӣ ба омӯзгор ирсол менамояд. Тақризнавис вазифадор аст, ки дар муҳлати на бештар аз 7 рӯзи кории оянда ба кори назоратӣ тақриз нависад.

12.Дар тақриз ба кори назоратӣ ба ин нуқтаҳо бояд ишора кард:

-мувофиқати мазмуни он ба мавзуи пешниҳодшуда;

-дараҷаи бозгӯии паҳлуҳои назариявӣ ва ё фароҳамсозии донишу малакаҳои амалии зарурӣ;

-камбудиҳои кори назоратӣ ва тавсияҳо баҳри бартараф кардани онҳо;

-баҳодиҳии натиҷаҳои тақризнависӣ тибқи ифодаи ҳуруфии баҳои донишҷӯ ва эквиваленти ададии он.

13.Мудири кафедра баъд аз санҷиши омӯзгори вобасташуда баҳои корҳои назоратиро дар журнали қайди кафедра дарҷ намуда, донишҷӯ ба имтиҳони фанни тадрисшаванда иҷозат дода мешавад.

14.Корҳои назоратие, ки аз тарафи тақризнавис мусбӣ баҳогузорӣ нашудаанд, ба донишҷӯ тариқи масъули кафедра баргардонда мешаванд. Корҳои назоратие, ки мусбӣ баҳогузорӣ шудаанд, ба мудири кафедра супорида мешаванд.

15.Аз эътибор соқит намудани корҳои назоратӣ дар давоми ду ҳафтаи баъд аз анҷоми сессия аз ҷониби комиссияи махсус дар ҳайати декан (ҷонишини декан)-и факултет ва мудири кафедра сурат мегирад. Далели аз эътибор соқит намудани кори назоратӣ бо санад тасдиқ гардида, як нусхаи он дар деканати факултет ва нусхаи дигар дар кафедра нигоҳ дошта мешавад. Санад, дар навбати худ, аз ҷониби муовини ректор оид ба таълим тасдиқ карда мешавад.

16.Баҳои иҷрои кори назоратӣ дар транскрипти донишҷӯ гузошта намешавад.

17.Ба донишҷӯёне, ки корҳои назоратии нимсолаи таълимиро иҷро накардаанд, даъвати музднок ба сессияи навбатӣ дода намешавад.

18.Мавзуъҳои корҳои назоратӣ ҳар соли таҳсил бояд такрор наёбанд.

4.СОХТОРУ ТАРКИБИ КОРИ НАЗОРАТӢ

19.Донишҷӯ пас аз интихоби мавзуъ ва шиносоӣ бо сарчашмаҳои зарурии таҳқиқотӣ баҳри амалӣ гардонидани мақсаду мароми асосӣ ба омӯзишу таҳқиқи масъалаи асосӣ шуруъ менамояд, ки дар асоси нақшаи кори тасдиқшуда сурат мегирад.

20.Нақшаи мавзуъ дар асоси ҷанбаҳои асосии он тартиб дода мешавад. Дар ҳаҷми 8-10 саҳифа навиштани кори назоратӣ ба мақсад мувофиқ аст. Омӯзгор ҳангоми тафтиш ва баҳогузории кори назоратӣ бояд ба мазмуни кор, таҳлил ва

муҳокимаронии мустақилона, ҳалли дурусти мавзуъ ва дараҷаи саводнокии донишҷӯ эътибори ҷиддӣ зоҳир намояд.

21.Ҳангоми иҷрои кори назоратӣ риояи пайдарпайи марҳалаҳои зерин хеле муҳим аст:

Интихоби мавзуъ. Мавзуи корҳои назоратӣ аз ҷониби омӯзгор ба донишҷӯ пешниҳод карда мешавад.

Шиносоии пешакӣ бо адабиёт оид ба мавзуи кори назоратӣ ва таҳияи нақшаи он. Ғайр аз адабиёти асосӣ ва иловагии тавсияшуда, ки дар ин дастур омадааст, донишҷӯ метавонад аз дигар сарчашмаҳо оид ба мавзуи интихобшуда истифода намояд. Баъд аз ошноии пешакӣ бо адабиёти зарурӣ донишҷӯ бояд нақшаи корро таҳия намуда, онро бо омӯзгор мувофиқа намояд. Нақшаи кор аз сарсухан, қисмати асосии кор ва хулоса иборат аст. Замима дар ҳолате оварда мешавад, ки дар кори назоратӣ маводи зиёди оморӣ дар шакли ҷадвалу расмҳо ва дигар намуд тасвирҳои шарҳдиҳандаи андозаашон калон истифода шуда бошанд. Маводи оморӣ бояд дар қисмати асосии кор ҷо карда шавад. Дар қисмати асосии кори назоратӣ дохил намудани 4-5 саволи муҳимми мавзуъ тавсия мешавад.

Иҷро ва барасмиятдарории кори назоратӣ. Маводи коркард ва хулосабароришуда ҳатман дар шакли дастнавис ва чопӣ навишта мешавад. Ҳангоми иншои кор риояи талаботи баёни илмӣ муҳим аст, ки аз низоми иқтибосҳо, таҳияи ҷадвалҳо, нақшаҳо, расмҳо, дуруст ишора кардани адабиёти истифодашуда ва ғайра иборатанд. Риояи талаботи баёни илмӣ дар пояи стандартҳо сурат мегирад. Ҳамаи он таърифи мафҳумҳо, дастурҳо, маълумот, рақаму далелҳо ва ғайра, ки аз дигар муаллифон иқтибос шудаанд, мебояд чун сарчашма дар поварақ оварда шаванд.

22.Кори назоратӣ дар маҷмуъ бояд дар намуди варақаи унвон бо ишора кардани вазорат, муассисаи таҳсилоти олии касбӣ, факултет, кафедра, номи мавзуъ,

ному насаби донишҷӯ ва омӯзгори роҳбар, инчунин нақшаи кор ба шакл дароварда шавад.

23.Кори назоратӣ аз сарсухан оид ба мубрамияти мавзуъ, қисмати асосии кор (иншои саволҳо мувофиқи нақша), хулосаи мухтасар оид ба қисмати асосии кор, номгӯйи адабиёти истифодашуда ва замимаҳо иборат мебошад.

Замимаи 7
ба қарори ҳайати мушовараи
Вазорати маориф ва илми
Ҷумҳурии Тоҷикистон
аз «29» августи соли 2022, №12/4

ДАСТУРАМАЛ ОИД БА ТАРТИБИ АМАЛИШАВИИ ТАҲСИЛ ДАР МУАССИСАҲОИ ТАЪЛИМИИ ТАҲСИЛОТИ ОЛИИ КАСБӢ ДАР ШАКЛИ РӮЗОНА, ШАБОНА, ҒОИБОНА, ФОСИЛАВӢ ВА ЭКСТЕРНАТ

1. МУҚАРРАРОТИ УМУМӢ

1.Дастурамали намунавии мазкур мақсад, вазифа ва тартиби ташкили амалшавии таҳсил (дар шакли омехта) дар шакли рӯзона, шабона, ғоибона, фосилавӣ ва экстернатро дар муассисаҳои таълимии таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян мекунад.

2.Низоми омехтаи таҳсилот дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо мақсади таъмини болоравии сифати таълим, омода намудани мутахассисони ба талаботи бозори дохилӣ ва берунии кишвар ҷавобгӯ, сафарбар намудани донишҷӯён барои идомаи таҳсил дар дуруст ва босифат гузаронидани раванди таҳсил дар шаклҳои рӯзона, шабона, ғоибона, фосилавӣ ва экстернат амалӣ карда мешавад.

3.Тартиби амалишавии таҳсил дар шаклҳои рӯзона, шабона, ғоибона, фосилавӣ ва экстернат дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар асоси Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф», Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон

«Дар бораи таҳсилоти олии касбӣ ва таҳсилоти касбии баъд аз муассисаи олии таълимӣ», Стандарти давлатии таҳсилоти олии касбӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, Тартиби мазкур ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии соҳаи маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон амалӣ мегардад.

4. Барномаҳои асосии таҳсилоти олии касбиро донишҷӯён метавонанд вобаста ба ҳаҷми машғулиятҳои ҳатмӣ дар шаклҳои таълими рӯзона, шабона, ғоибона, таълими фосилавӣ, ҳамчунин экстернат аз бар намоянд.

5. Номгӯи самтҳои таълим (ихтисос), ки аз рӯйи онҳо имкони дарёфти таҳсилоти олии касбӣ дар шакли таҳсили шабона, ғоибона мумкин нест, ба истиснои ҳолатҳое, ки аз тарафи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар карда мешавад.

2. МАФҲУМҲОИ АСОСӢ

6. Мафҳумҳои асосие, ки дар Дастурамали мазкур истифода мешаванд:

- тартиби амалишавии таҳсил дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ – раванди таҳсил дар асоси санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, ки моҳияту муҳлати таълим ва шаклҳои амалишавии таҳсилро (рӯзона, фосилавӣ, ғоибона ва экстернат) бо назардошти барномаи таълимии таҳсилоти олии касбӣ ва усулҳои муосири таълим муайян мекунад;

- барномаи таҳсилотӣ аз рӯйи самт (ихтисос) - мақсад, вазифа, натиҷаҳои банақшагирифташуда, мундариҷа ва ташкили раванди таълимро аз рӯйи самт (ихтисос)-и зинаи алоҳидаи таҳсилоти олии касбӣ муайян намуда, аз ҷониби муассисаи таълимӣ тавассути машғулиятҳои аудиторӣ ва ғайриаудиторӣ бо риояи талаботи Стандарти мазкур амалӣ мегардад;

- таҳсилоти олии касбӣ - дараҷаи таҳсилотест, ки шахс ба он дар муассисаи таҳсилоти олии касбӣ дар натиҷаи раванди мунтазам, бонизом ва мақсадноки фарогирии мазмуни таълим, ки он ба таҳсилоти миёнаи

умумӣ асос ёфта, бо гирифтани тахассуси муайян аз рӯйи ҷамъбасти аттестатсияи ниҳоии давлатӣ ба анҷом мерасад, соҳиб мегардад;

- таълими рӯзона – яке аз шаклҳои ба даст овардани касб, ки шахс дар муассисаи таҳсилоти олии касбӣ, дар шакли ҳузурӣ дар муҳлатҳои муқарраргадида таҳсилоти олии касбиро соҳиб мегардад;

- таълими шабона – шакли хоси ба даст овардани касб, ки шахс берун аз вақти кори асосӣ дар асоси Стандарти таҳсилоти олии касбӣ ва нақшаю барномаҳои таълимӣ дар шакли ҳузурӣ дар муҳлатҳои муқарраргадида таҳсилоти олии касбиро соҳиб мегардад;

- таҳсилоти фосилавӣ – тарзи амалигардонии раванди таълим бо истифодаи технологияҳои муосири иттилоотӣ ва телекоммуникатсионӣ, ки таълимро дар масофа бе иштироки бевоситаи шахсии омӯзгор ва таълимгирандагон имконпазир мегардонад;

- таълими ғоибона – яке аз шаклҳои ба даст овардани касб, ки шахс дар муассисаи таҳсилоти олии касбӣ тибқи талаботи стандартҳои таҳсилоти олии касбӣ таҳсилоти олии касбиро соҳиб мегардад;

- экстернат – омӯзиши мустақилонаи фанҳои таълимӣ мутобиқи барномаҳои асосии таълимии таҳсилоти олии касбӣ аз рӯйи самти интихобнамудаи тайёрӣ (тахассус) бо аттестатсияи ниҳоӣ (ҷорӣ ва ниҳоӣ) дар муассисаи таҳсилоти олии касбӣ;

- тақвими академӣ (Academic Calendar) – ҷадвали раванди таълимиест, ки дар он давраҳои ташкил ва гузаронидани ҳафтаи дастурдиҳӣ дар оғози ҳар соли нави таҳсил (муаррифии фанҳои ҳатмӣ ва интихобии таълимӣ, бақайдгирии донишҷӯён), ҳафтаҳои таълими назариявӣ, муайян намудани рейтингҳои 1 ва 2 дар ҳар як даври академӣ (семестрҳои тирамоҳӣ ва баҳорӣ), сессияҳои имтиҳонӣ (зимистона ва тобистона), таҷрибаомӯзиҳо, триместр ва таътил (зимистона ва

тобистона) дар соли таҳсил бо нишон додани рӯзҳои истироҳат ва идҳо дарҷ меёбанд;

- даври академӣ (Academic Term) – даври муайяни таҳсил, ки аз тарафи муассисаи таҳсилоти олии касбӣ муайян мегардад. Миқдори ҳафтаҳои таълими назариявӣ дар як даври академӣ бо назардошти хусусиятҳои миллӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбии ҷумҳурӣ 16-17 ҳафта (барои ихтисосҳои тиббӣ 17-18 ҳафта)-ро дар бар мегирад.

- қарзи академӣ (Academic Backlog) – мавҷудияти фанҳои дар нақшаи таълимии самт (ихтисос) дарҷёфтае, ки донишҷӯ аз онҳо баҳои ғайриқаноатбахш гирифтааст;

- фарқияти академӣ (Academic Difference) – мавҷудияти фанҳои дар нақшаи таълимии самт (ихтисос) дарҷёфтае, ки донишҷӯ онҳоро наомӯхтааст;

- озодии академӣ – озодии баёни мазмуни таълим аз рӯйи салоҳдиди худ дар доираи барномаҳои таълимӣ, интихоби мавзуъ барои таҳқиқоти илмӣ ва ҳалли он бо методҳои худ, инчунин озодии донишҷуён дар гирифтани дониш вобаста ба майли худ дар доираи барномаҳои таълимӣ;

- сафарбаршавии академӣ (Academic Mobility) – ивази муассисаи таҳсилоти олии касбӣ барои таҳсил дар давраи муайян (як даври академӣ, соли таҳсил) ба муассисаи дигари таҳсилоти олии касбии дохил ё хориҷи кишвар бо шарти баробараризиш донистани кредитҳои тибқи барномаи таълимӣ дар муассисаи таълимии худ соҳибгашта;

- дараҷаи академӣ (Academic Degree) – дараҷаест, ки хатмкунандаи муассисаи таҳсилоти олии касбӣ пас аз пурра аз худ намудани барномаи таълимии зинаи муайяни таҳсилот ба он ноил мегардад;

- бакалавриат (Undergraduet Study) – барномаи таҳсилоти олии касбии пурраест, ки хатмкунандагони ин зинаи таҳсилот ба дараҷаи академии бакалавр ноил мегарданд;

- магистратура (Master's Degree Programme) – барномаи таҳсилоти олии касбии мутахассисони баландихтисос ва илмию омӯзгориест, ки хатмкунандагони ин зинаи таҳсилот пас аз дифои рисолаи илмӣ ба дараҷаи академии магистр ноил мегарданд;

- докторантура (PhD) – барномаи пас аз таҳсилоти олии касбиест, ки хатмкунандагони он баъд аз дифои рисолаи илмӣ ба дараҷаи доктори фалсафа аз рӯйи ихтисос ноил мегарданд. Фанҳои ҳатмӣ – фанҳои таълимие, ки омӯзиши онҳо тибқи нақшаҳои намунавии таълимии самт (ихтисос)-ҳои амалкунандаи муассисаи таҳсилоти олии касбӣ ҳатмӣ мебошад;

- фанҳои интихобӣ (элективӣ) – фанҳои таълимие, ки аз ҷониби донишҷӯ интихоб карда мешаванд;

- барномаи кории фан (силлабус) – ҳуҷҷати асосии таълимию методие мебошад, ки дар он таснифоти фанни таълимӣ, мақсад, вазифаҳо ва мазмуни мухтасари он, мавзуъ ва давомнокии машғулиятҳои дарсӣ, шарҳи мазмун ва мундариҷаи кори мустақилонаи донишҷӯ бо роҳбарии омӯзгор, вақти гузаронидани машварат, талаботи омӯзгор нисбат ба азхудкунии барномаи таълимии фан, меъёри баҳогузорӣ, холҳои ҳавасмандгардонӣ ва ҷаримавӣ барои иҷрои тамоми шаклҳои корҳои таълимӣ, номгӯи адабиёти ҳатмию иловагии истифодашаванда, ҷадвали гузаронидани машғулиятҳои дарсӣ, санҷишҳои ҷорӣ ва имтиҳонҳои фосилавӣ, рақами телефон ва нишонии электронии омӯзгор дарҷ меёбанд;

- кори мустақилонаи донишҷӯ – ҳамчун амали донишҷӯ дар ҷодаи мустақилона аз худ намудани барномаи таълимии фан аз рӯйи мавзуъҳо ва супоришҳои пешбинишуда ба шумор рафта, аз ҷониби муассисаи таҳсилоти олии касбӣ (кафедра) бо адабиёти таълимию методӣ ва дастурҳо пурра таъмин гардонида мешавад. Кори мустақилонаи донишҷӯ дар шароити татбиқи низоми кредитии таҳсилот дар ду шакл иҷро

карда мешавад: кори мустақилонаи донишҷӯ бо роҳбарии омӯзгор ва кори мустақилонаи донишҷӯ. Кори мустақилонаи донишҷӯ бо роҳбарии омӯзгор дар шакли супоришҳои тестӣ, реферат, маҷмуи вазифаҳои хонагӣ, эссе, муаррифӣ (презентатсия)-и маводи ҷамъоварда, дифои кор (лоиҳа)-ҳои курсӣ, ҳисобот оид ба таҷрибаомӯзӣ ва ғайра иҷро карда шуда, аз тарафи омӯзгор баҳогузорӣ карда мешавад. Кори мустақилонаи донишҷӯ ҳамчун фаъолияти мустақилонаи аз худ намудани маводи таълимӣ муқаррар карда шудааст;

- низоми холдиҳӣ-рейтингӣ – ин низоми марҳила ба марҳила дар рафти машғулиятҳои дарсӣ, иҷрои кори мустақилона (кори мустақилонаи донишҷӯ бо роҳбарии омӯзгор ва кори мустақилонаи донишҷӯ), супоридани санҷишҳои ҷорӣ, имтиҳонҳои фосилавӣ, ҷамъ овардани холҳо аз тарафи донишҷӯён ва дар ин асос ба имтиҳони ниҳоӣ иҷозат гирифтани онҳо мебошад. Миқдори умумии холҳо барои иҷозат гирифтан ба имтиҳони ниҳоӣ бояд на камтар аз 25 хол муқаррар карда шавад. Дар асоси холҳои бадастовардаи донишҷӯён ифодаи ададӣ ва ҳуруфии дараҷаи азхудкунии барномаҳои фанҳои таълимӣ, сатҳи донишандӯзӣ ва натиҷаи фаъолияти таълимии онҳо муайян карда мешавад;

- рейтинги академӣ (Academic Rating) – шакли назорат ва натиҷагириест, ки бо мақсади муайян намудани дараҷаи азхудкунии барномаҳои фанҳои таълимӣ аз ҷониби донишҷӯён дар давоми ҳар як даври академӣ (нимсолаи тирамоҳӣ ва баҳорӣ) ду маротиба гузаронида мешавад. Рейтинги донишҷӯ аз рӯйи фанҳое, ки дар нақшаи таълимии фардии онҳо дарҷ ёфтаанд, дар асоси ҷамъбасти натиҷаҳои шаклҳои гуногуни фаъолияти таълимии донишҷӯ (санҷишҳои ҷорӣ, корҳои семестрӣ ё имтиҳони фосилавӣ) муайян карда мешавад;

- санҷиши ҷорӣ – санҷиши мунтазами дараҷаи дониши таълимгиранда аз ҳар як мавзуъ ё боби фанни

омӯхташаванда мебошад, ки аз тарафи омӯзгори фан гузаронида мешавад;

- имтиҳони фосилавӣ (Midterm Examination) – шакли назоратест, ки бо мақсади муайян намудани дараҷаи азхудкунии барномаҳои фанҳои таълимӣ аз ҷониби донишҷӯён дар давоми ҳар як даври академӣ ду маротиба гузаронида мешавад. Имтиҳони фосилавӣ аз ҷониби омӯзгорони фаннӣ ё маркази тестии муассисаи таҳсилоти олии касбӣ гузаронида мешавад;

- имтиҳони ниҳоӣ – ҳамчун шакли ниҳоии назорат аз рӯйи дараҷаи азхудкунии барномаҳои таълимии фанҳо аз ҷониби донишҷӯён муайян карда шуда, тибқи талаботи нақшаҳои таълимии самт (ихтисос)-ҳои амалкунандаи муассисаи таҳсилоти олии касбӣ барои ҳар як даври академӣ дар баробари ба охир расидани ҳафтаҳои таълими назариявӣ, дар асоси фармоиши ректор оид ба тартиби ташкил ва гузаронидани сессияҳои имтиҳонӣ қабул карда мешавад. Имтиҳони ниҳоӣ бо истифода аз технологияи иттилоотӣ (компютер) ё ба таври анъанавӣ (шифоҳӣ, қабули корҳои хаттӣ, эҷодӣ) аз ҷониби комиссияе, ки ҳайати онро ректори муассисаи таҳсилоти олии касбӣ таъин менамояд, гузаронида мешавад;

- апеллятсия – амалест, ки бо мақсади муайян намудан ва ислоҳи баҳогузории ғайриобъективона ба дараҷаи донишандӯзии донишҷӯён гузаронида мешавад;

- триместр – семестри иловагии таълими назариявӣ барои баланд намудани холи миёнаи умумӣ ва бартараф намудани қарзҳои академӣ муайян карда мешавад;

- таҷрибаомӯзӣ – ҳамчун ҷузъи муҳимми иҷро намудани талаботи нақшаи таълимӣ аз рӯйи самт (ё ихтисос)-ҳои амалкунандаи муассисаи таҳсилоти олии касбӣ муқаррар карда шуда, бевосита дар давоми соли таҳсил, баробари ба анҷом расидани даври академӣ ташкил ва гузаронида мешавад. Барои дарёфти зинаҳои гуногуни таҳсилот (бакалавр, магистр, доктори фалсафа (доктор PhD)) тибқи талаботи нақшаҳои

таълимии самт (ихтисос)-ҳои дар муассисаи таҳсилоти олии касбӣ амалкунанда ташкил ва гузаронидани таҷрибаомӯзиҳои таълимӣ, саҳроӣ, истеҳсолӣ, пешаздипломӣ, омӯзгорӣ (барои ихтисосҳои равияи омӯзгорӣ) пешбинӣ карда мешавад;

- холи миёнаи умумӣ (Grade Point Auerage) – миёнаи арифметикии баркашидаи натиҷаи донишандӯзии таълимгиранда аз рӯйи ихтисоси интихобкардааш мебошад, ки ҳамчун нисбати суммаи ҳосили зарби кредитҳо ва ифодаи ададии холҳои умумии аз фанҳои алоҳида бадастоварда ба миқдори умумии кредитҳои дар даври академӣ соҳибгаштаи донишҷӯ ҳисоб карда мешавад;

- маълумотномаи академӣ (Transcript) – шакли муқарраршудаи ҳуҷҷатест, ки номгӯи фанҳои таълимии дар давраи муайяни таҳсил аз тарафи донишҷӯ омӯхташударо бо нишондоди миқдори кредитҳо, баҳо ва холҳои миёнаи бадастовардаи ӯ дарбар мегирад;

- маводи фаъоли тақсимшаванда (Handonts) – маводи аёнии таълимие мебошанд, ки дар ҷараёни дарс ба донишҷӯён бо мақсади инкишофи қобилияти эҷодӣ ва салоҳиятҳои касбии онҳо тақсим карда мешаванд;

- номнавис шудан ба фанни таълимӣ (Enrollment) – маросими интихоби фанҳои таълимӣ бо тартиби муқарраршуда мебошад. Маҷмуи маводи таълимӣ-методии ихтисос (фан) бастаи ҳуҷҷатҳои таълимию методие мебошад, ки барои бомуваффақият аз худ намудани ихтисоси муайян (ё фан) имконият медиҳад;

- маҷмуи маводи таълимӣ-методии донишҷӯ – бастаи ҳуҷҷатҳо ва маводи ахборотии таълимию методие мебошад, ки нақшаи таълими фардии донишҷӯро барои тамоми давраи таҳсил, барномаҳои кории фан (силлабус)-ҳо, нишондодҳои методӣ оид ба кори мустақилона, барномаҳои таҷрибаомӯзӣ ва ғайраро дарбар мегирад;

- соати академӣ (Academic hour) – вақти муқарраршудаест, ки омӯзгор бо донишҷӯ дар шакли дарсҳои аудиторӣ ва қабули кори мустақилона

мегузаронад. Як соати академӣ дар низоми кредитии таҳсилот ба 50 дақиқа баробар аст;

- кредит (Credit) – воҳиди ифодакунандаи сарфи меҳнати донишҷӯ барои азхудкунии барномаи таълимӣ буда, ба 24 соати академӣ баробар мебошад;

- рисола (лоиҳа)-и дипломӣ – яке аз шаклҳои кори хатми касбӣ ба шумор рафта, ҳамчун кори мустақилонаи эҷодӣ аз ҷониби донишҷӯён, магистрҳо ва докторантон иҷро ва дар соли охири таҳсил барои дифоъ пешниҳод карда мешавад.

3. ТАРТИБИ УМУМИИ АМАЛИГАРДОНИИ РАВАНДИ ТАЪЛИМ ДАР ШАКЛИ ТАҲСИЛИ РӮЗОНА, ШАБОНА, ҒОИБОНА, ФОСИЛАВӢ ВА ЭКСТЕРНАТ

7.Барои татбиқи раванди амалишавии таҳсилот дар шаклҳои рӯзона, шабона, ғоибона, фосилавӣ ва экстернат дар муассисаи таҳсилоти олии касбӣ оид ба ҳар як самт (ихтисос) шаклҳои зерини нақшаҳои таълимӣ таҳия ва истифода мешаванд:

-нақшаи таълимии намунавӣ – аз ҷониби Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ карда шуда, мазмун ва ҳаҷми сарбории таълимии донишҷӯёнро муайян мекунад, ки раванди таълим дар асоси он ба роҳ монда мешавад;

-нақшаи таълимии фардӣ – аз тарафи ҳар як донишҷӯ таҳия шуда, самт (траектория)-и таҳсилоти ӯро муайян мекунад;

-нақшаи таълимии корӣ – дар асоси нақшаҳои таълимии намунавӣ ва фардӣ таҳия шуда, барои тартиб додани ҷадвали раванди таълим, ҳисоб кардани ҳаҷми меҳнатталабии донишҷӯён оид ба фанҳои таълимӣ ва сарбории таълимии омӯзгорон истифода мешавад.

Барои донишҷӯёни шуъбаҳои рӯзона ва шабона дар як соли таҳсил на камтар аз ду маротиба таътил муқаррар карда мешавад.

8. Ҳаҷми меҳнатталабии фаъолияти таълимии донишҷӯён вобаста ба азхудкунии барномаҳои таълимии фанҳо ба ҳисоби 1 кредит барои ҳамаи

зинаҳои таҳсилот 24 соат муқаррар карда мешавад. Таркиби 1 кредит барои дарсҳои назариявӣ вобаста ба зинаҳои гуногуни таҳсилот ба таври зайл муқаррар карда мешавад: барои барномаи бакалавриат 8 соати дарси аудиторӣ, 8 соати корҳои мустақилонаи донишҷӯ бо роҳбарии омӯзгор ва 8 соати корҳои мустақилонаи донишҷӯ; барои барномаи магистратура 6 соати дарси аудиторӣ, 6 соати корҳои мустақилонаи магистр бо роҳбарии омӯзгор ва 12 соати корҳои мустақилонаи магистр; барои барномаи докторантура (PhD) 4 соати дарси аудиторӣ, 4 соати корҳои мустақилонаи докторант бо роҳбарии мушовири илмӣ (роҳбари илмӣ) ва 16 соати корҳои мустақилонаи докторант.

9. Ҳаҷми 1 кредит барои иҷрои шаклҳои таълими ғайриназариявӣ (кори (лоиҳа)-и курсӣ, таҷрибаомӯзӣ, кори хатм, рисолаҳои магистрӣ ва докторӣ) низ дар ҳамаи зинаҳои таҳсилот ба 24 соат баробар буда, танҳо дар шакли кори мустақилона бо роҳбарии омӯзгор ва кори мустақилонаи донишҷӯ муқаррар карда мешавад.

10.Барои дарёфти дараҷаи академии бакалавр – 240, магистр – 120 ва доктори фалсафа (PhD) - 180 кредит муқаррар карда мешавад.

11.Тамоми шаклҳои сарбории таълимии донишҷӯ (машғулиятҳои назариявӣ, кор (лоиҳа)-ҳои курсӣ, корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ, кори хатм, рисолаҳои магистрӣ ва доктори, таҷрибаомӯзӣ ва ғайра) новобаста аз зинаҳои таҳсилот бо кредитҳо муайян карда шуда, ба ҳаҷми умумии кредитҳо дохил мегардад.

12.Ташкили раванди таълим дар як соли таҳсил дар асоси тақвими академӣ, ки аз тарафи ректор ва бо қарори шурои олимони муассисаи таҳсилоти олии касбӣ тасдиқ карда шудааст, ба роҳ монда мешавад.

13.Соли таҳсил дар муассисаи таҳсилоти олии касбӣ аз даврҳои академӣ, таътил ва таҷрибаомӯзӣ иборат аст. Дар курси ниҳоии давраи таҳсил дар муассисаи таҳсилоти олии касбӣ донишҷӯён аз аттестатсияи ниҳоии давлатӣ гузаронида мешаванд. Даври академӣ вобаста ба шакли он аз 16 ҳафтаи

таълими назариявӣ иборат мебошад. Муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ барои ҷамъбасти рейтингҳои 1 ва 2 дар ҳар як даври академӣ метавонанд 1-2 ҳафта ҷудо намоянд. Пас аз ҳар як даври академӣ ба донишҷӯён таътил муқаррар карда мешавад, ки давомнокии он дар як соли таҳсил бояд на камтар аз 7 ҳафтаро ташкил диҳад.

14.Рейтинг ҳамчун ҷамъбасти натиҷаи фаъолияти таълимии донишҷӯ аз рӯйи санҷишҳои ҷорӣ, кори мустақилонаи донишҷӯ, имтиҳони фосилавӣ бо назардошти холҳои ҳавасмандӣ ва ҷаримавӣ муайян карда мешавад. Дар муайян намудани шакл ва таркиби рейтинги донишҷӯ муассисаи таҳсилоти олии касбӣ озод мебошад.

15.Давомнокии триместр дар давраи таҳсил дар муассисаи таҳсилоти олии касбӣ дар ҳаҷми то 8 ҳафта барои як соли таҳсил дар назар дошта мешавад, ки он бо мақсади қонеъ гардонидани талаботи донишҷӯён ҷиҳати гирифтани таълими назариявии иловагӣ, бартараф намудани қарзҳои академӣ гузаронида мешаванд.

16.Муҳлати супоридани фарқиятҳо аз рӯйи нақшаҳои таълимӣ барои донишҷӯёне, ки барқарор ва ё интиқол мешаванд, дар давраи ҳафтаҳои таълими назариявии як даври академӣ муқаррар карда мешавад.

17.Банақшагирии сарбории таълимии омӯзгор дар шакли сарбории таълимии фаъол (гузаронидани корҳои таълимӣ дар асоси ҷадвали дарсии тасдиқшуда бевосита дар аудитория) ва сарбории таълимии ғайрифаъол (намудҳои дигари корҳои таълимӣ, ки берун аз аудитория иҷро карда мешаванд) ба ҳисоб гирифта мешавад.

18.Нақшаҳои зинаи таҳсилоти бакалавриат аз бахшҳои зерин иборат мебошанд: бахши фанҳои заминавӣ, бахши фанҳои тахассусӣ, бахши фанҳои интихобӣ.

19.Таносуби ҳаҷми меҳнатталабии фанҳои ҳатмӣ ва интихобиро дар нақшаи таълимӣ аз рӯйи самт

(ихтисос)-и амалкунанда шурои олимони муассисаи таҳсилоти олии касбӣ дар асоси қонунгузории соҳаи маориф муайян мекунад. Ҳиссаи фанҳои ҷомеашиносӣ, иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва интихобӣ дар нақшаҳои таълимии зинаи таҳсилоти бакалавриат то 35%, магистратура то 40% ва докторантура (PhD) то 65%-ро ташкил медиҳад. Кредитҳо барои фанҳои интихобӣ дар нақшаҳои таълимии зинаи таҳсилоти бакалавриат аз семестри сеюм ба нақша гирифта мешавад.

20.Нақшаи таълимии фардии донишҷӯ дар шакли аз тарафи муассисаи таҳсилоти олии касбӣ муқаррарнамуда дар асоси нақшаи таълимии намунавӣ ва феҳристи фанҳои интихобии бо қарори шурои олимони муассисаи таҳсилоти олии касбӣ тасдиқгардида барои ҳар як соли таҳсил аз семестри сеюм аз тарафи донишҷӯ бо маслиҳати мушовири академӣ (эдвайзер) тартиб дода мешавад. Нақшаи фардии донишҷӯ аз тарафи садорати факултет тасдиқ шуда, нусхаҳои он дар садорати факултет, маркази бақайдгирӣ ва машварат, инчунин дар дасти донишҷӯ нигоҳ дошта мешавад.

21.Барои дарёфти дараҷаи академии бакалавр (муҳлати таҳсил 4 сол) аз худ намудани 240 кредит ҳатмӣ мебошад. Муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ дар ҳудуди ҳаҷми умумии кредитҳои муқарраргардида бояд на камтар аз 6 кредитҳои барои таҷрибаомӯзии таълимӣ ва истеҳсолӣ, на камтар аз 9 кредитҳои барои таҷрибаомӯзии пешаздипломӣ, иҷрои кори хамткунӣ ва 9 кредитҳои барои гузаштан аз аттестатсияи хатм пешбинишударо ба инобат гиранд.

22.Барои дарёфти дараҷаи академии магистр (муҳлати таҳсил 2 сол) аз худ намудани 120 кредит, ки аз ҷумла: на камтар аз 12 кредитҳои барои таҷрибаомӯзии илмӣ-педагогӣ, на камтар аз 45 кредитҳои барои корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ ва иҷрои рисолаи магистрӣ, 3 кредитҳои барои аттестатсияи хатм пешбинишуда ҳатмӣ мебошад.

Дар асоси муқаррароти санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ муҳлати таҳсили магистри Мактаби давлатдории Эмомалӣ Раҳмон (Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон) 1 сол муқаррар карда шуда, аз худ намудани миқдори кредитҳо (120 кредит), ки барои магистрантони таҳсилоти 2 сола муқарррар гардидааст, ҳатмӣ мебошад.

23.Барои дарёфти дараҷаи академии докторантураи (PhD) (аз рӯйи ихтисос) (муҳлати таҳсил - 3 сол) аз худ намудани 180 кредит, аз ҷумла: 40 кредитҳои барои таълимӣ назариявӣ, 20 кредитҳои барои таҷрибаомӯзии илмӣ-таҳқиқотӣ, 120 кредитҳои барои иҷро ва дифои рисолаи илмӣ пешбинишуда ҳатмӣ мебошад.

24.Барои бомуваффақият дар муҳлати муқарраршуда хатм намудани ҳамаи зинаҳои таҳсилот миқдори кредитҳо дар нақшаи таълимии фардӣ барои як соли таҳсил бояд на камтар аз 60 кредитро ташкил диҳад. Яъне, донишҷӯ дар ҳар як даври академӣ ба ҳисоби миёна бояд 30 кредит (аз он ҷумла, 100% фанҳои ҳатмӣ)-ро аз худ кунад.

25.Теъдоди умумии фанҳои таълимӣ барои ҳар як даври академӣ дар зинаи таҳсилоти бакалавриат то 8, дар зинаи таҳсилоти магистратура то 6 ва дар зинаи таҳсилоти докторантура (PhD) то 4 муқаррар карда мешавад.

26.Сарбории таълимии омӯзгор барои як соли таҳсил дар асоси нақшаи таълимии корӣ самт (ихтисос), ки бо назардошти натиҷаи таҳлил ва баҳисобгирии нақшаҳои таълимии фардии донишҷӯён таҳия шудааст, ҳисоб карда мешавад.

27.Сарбории умумии омӯзгор дар як соли таҳсил бо қарори шурои олимони муассисаи таҳсилоти олии касбӣ барои як воҳиди корӣ новобаста аз вазифа, дараҷа ва унвони илмӣ ба миқдори 64 кредит (1536

соат), аз он ҷумла, сарбории таълимӣ дар ҳаҷми 23 кредит (552 соат) муқаррар карда мешавад.

28.Сарбории таълимӣ дар ҳаҷми як воҳиди корӣ пурра аз соатҳои фаъол (лексия, амалӣ, семинарӣ, лабораторӣ) иборат набуда, балки соатҳои ғайрифаъол (соатҳои барои корҳои мустақилонаи донишҷӯ бо роҳбарии омӯзгор қабули имтиҳонҳои фосилавӣ ва ниҳоӣ, гузаронидани мусоҳибаҳо, роҳбарии кор (лоиҳа)-ҳои курсӣ)-ро низ дар бар мегирад.

29.Дар ворид намудани соатҳо барои роҳбарии таҷрибаомӯзиҳо, кор (лоиҳа)-и хатмкунии бакалавр ва рисолаи илмии магистр ба сарбории таълимии омӯзгор дар ҳаҷми як воҳиди корӣ ё дар шакли соатбайъ муайян намудани он муассисаи таҳсилоти олии касбӣ мустақил мебошад.

30.Муайян намудани таносуби соатҳои сарбории таълимии фаъол ва ғайрифаъоли омӯзгор барои як воҳиди корӣ ба салоҳияти муассисаи таҳсилоти олии касбӣ гузошта мешавад.

31.Муассисаи таҳсилоти олии касбӣ уҳдадор аст, ки ҳамаи донишҷӯёнро бо қоидаҳои ташкили раванди таълим дар шароити низоми кредитии таҳсилот шинос намояд. Маълумот оид ба қоидаҳои ташкили раванди таълим дар тахтаи эълонҳои комиссияи қабул (дар шакли чопӣ) ва сомонаи муассисаи таҳсилоти олии касбӣ (дар шакли электронӣ) ҷой дода мешавад.

32.Бақайдгирии донишҷӯён ҷиҳати номнависшавӣ ба омӯзиши фанҳои таълимӣ (ҳатмӣ, интихобӣ (электив), интихоби омӯзгорони фаннӣ ва гурӯҳбандӣ барои соли нави таҳсил аз ҷониби маркази бақайдгирӣ ва машварат дар мувофиқа бо садорати факултетҳо ва кафедраҳо то 1 апрели соли таҳсили ҷорӣ ташкил ва гузаронида мешавад.

33.Донишҷӯёни курсҳои 2-4 баъд аз муаррифии фанҳо нақшаи таълимии фардии худро барои соли нави таҳсил (дар шакли муқарраршуда, дар ҳолати зарурӣ пас аз маслиҳати эдвайзер) тартиб дода, имзо мегузоранд ва санаи онро гузошта, то 30 апрели соли

таҳсили ҷорӣ ба садорати факултет месупоранд. Онҳо метавонанд то 10 июн ба нақшаи таълимии фардии худ аз миқдори умумии кредитҳо дар ҳаҷми то 10% тағйирот ворид намоянд. Дар ин маврид донишҷӯ ба садорати факултет бо дархости хаттӣ (дар шакли муқарраршуда) муроҷиат мекунад.

34.Маркази бақайдгирӣ ва машварат ва садорати факултет дар асоси қарори шурои илмию методии муассисаи таҳсилоти олии касбӣ шумораи зарурии ҳадди ақали донишҷӯёнро барои ташкил кардани гурӯҳ аз фанни таълимӣ (ҳатмӣ ё интихобӣ) ва шумораи ҳадди аксари донишҷӯёнро барои ташкил намудани гурӯҳҳои академии якҷоя (потокҳо) муқаррар менамояд.

35.Дар ҳолати то 30 апрели соли таҳсили ҷорӣ барои омӯзиши ин ё он фанни интихобӣ дар соли нави таҳсил номнавис шудани теъдоди аз ҳадди ақали муқарраршуда камтари донишҷӯён ин фан ба нақшаи таълимии корӣ ворид карда намешавад. Садорати факултет барои огоҳ намудани донишҷӯён эълон ва ба қисми таълим ба таври хаттӣ гузориш медиҳад. Донишҷӯёне, ки барои омӯзиши ин фан номнавис шудаанд, бояд то 10 июни соли ҷорӣ оид ба ворид намудани тағйирот дар нақшаи таълимии фардӣ ба садорати факултет бо дархост муроҷиат намоянд.

36.Муайян намудани ҳадди ақал ва аксари гурӯҳҳои таълимӣ дар асоси номнависшавии донишҷӯён ба фанҳои таълимӣ ва омӯзгорон, тартиби ташкили онҳо бо қарори шурои олимони муассисаи таҳсилоти олии касбӣ муқаррар карда мешавад.

37.Дар натиҷаи таҳлили нақшаҳои таълимии фардӣ садорати факултет нақшаҳои таълимии кориро аз рӯйи самт (ихтисос)-ҳои амалкунанда таҳия намуда, то 15 майи соли таҳсили ҷорӣ ҷадвали дарсӣ тартиб медиҳад.

4.НИЗОМИ НАЗОРАТ ВА БАҲОДИҲӢ БА ДАРАҶАИ АЗХУДКУНИИ ФАНҲО

39. Низоми назорат ва баҳодиҳӣ ба дараҷаи азхудкунии фанҳо дар асоси талаботи Низомномаи низоми кредитии таҳсилот дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ба роҳ монда мешавад. .

40. Шурои илмию методии муассисаи таҳсилоти олии касбӣ метавонад қоидаҳои умумии низоми холдиҳӣ-рейтингӣ ва низомномаҳои амиқи баҳодиҳӣ ба дараҷаи азхудкунии барномаҳои таълимии фанҳоро аз ҷониби донишҷӯён таҳия намояд.

41. Дар ҳолате, ки қисми зиёди донишҷӯён аз ин ё он фанни таълимӣ қарзи академӣ доранд, садорати факултет (шуъба) метавонад (бо назардошти на камтар аз ҳадди ақал (8 нафар), ки аз тарафи муассисаи таҳсилоти олии касбӣ барои ташкил намудани гурӯҳ ҷиҳати омӯзиши фанҳо муқаррар шудааст) бо хоҳиши донишҷӯён ва интихоби омӯзгор аз ҷониби онҳо дар триместр машғулиятҳои дарсӣ ташкил намояд. Дар ин сурат донишҷӯён, новобаста аз шакли таҳсили ройгон ва пулакӣ, танҳо пас аз пардохти маблағе, ки мувофиқи харҷномаи муассисаи таҳсилоти олии касбӣ барои аз худ намудани 1 кредит муқаррар шудааст, метавонанд ин фанро аз нав омӯхта, имтиҳон супоранд.

42. Имтиҳонҳои фосилавӣ оид ба ҳар як фан аз тарафи омӯзгори фаннӣ ва имтиҳони ниҳоӣ аз тарафи комиссияе, ки бо фармоиши ректори муассисаи таҳсилоти олии касбӣ таъсис дода шудааст, қабул карда мешаванд.

43. Имтиҳонҳои фосилавӣ ва ниҳоӣ дар асоси қарори шурои олимони муассисаи таҳсилоти олии касбӣ дар шакли қабули тестҳои омехта, корҳои хаттӣ, шифоҳӣ (вобаста ба хусусиятҳои фанҳои таълимӣ) ва ё тариқи компютер дар маркази тестии муассисаи таълимӣ қабул карда мешаванд ва натиҷаи онҳо дар маркази бақайдгирӣ ва машварат, садорати факултет нигоҳ дошта шуда, дар сомонаи муассисаи таълимӣ ҷой дода мешавад.

44. Фармоиши ректори муассисаи таҳсилоти олии касбӣ барои аз курс ба курс гузаронидан танҳо нисбат

ба донишҷӯёне ба имзо расонида мешавад, ки холи умумии миёна (GPA)-и онҳо на камтар аз холи умумии миёна (GPA)-и дар банди 56-и Низомномаи низоми кредитии таҳсилот дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ муқарраршуда бошад.

45. Ба донишҷӯёне, ки дар муҳлати муқарраршудаи таҳсил дар зинаи бакалавриат на камтар аз 222 кредитҳои барои таълими назариявӣ ва таҷрибаомӯзиҳо пешбинигардидаро бомуваффақият аз худ намудаанд, барои гузаштан аз аттестатсияи хатм (имтиҳонҳои давлатӣ ё дифои рисолаи хатм) иҷозат дода мешавад.

46.Барои гирифтани иҷозат ба дифои рисолаи илмӣ дар зинаи магистратура аз худ намудани барномаи таълимӣ дар шакли таълими назариявӣ дар муҳлати муқарраршудаи таҳсил (2 сол) дар ҳаҷми на камтар аз 90 кредит муайян карда мешавад.

5. ТАШКИЛИ МАШҒУЛИЯТҲОИ АУДИТОРИИ НАЗАРИЯВӢ

47. Машғулиятҳои аудитории назариявӣ дар низоми кредитии таҳсилот дар шакли лексия ва навъҳои дигари фаъоли таълими масъалаҳои назариявӣ бо истифода аз технологияҳои муосир гузаронида мешаванд. Дар ин раванд лексия ва навъҳои дигари фаъоли машғулиятҳои назариявӣ ҳамчун баёни муназзам, амиқ ва фаҳмои маводи таълимӣ бояд на бо мақсади фарогирии тамоми маълумоти ҷузъӣ оид ба мавзуъ, балки барои мусоидат ба фаҳмиши мушкилот ва масъалаҳои бунёдӣ, азхудкунии методҳои маърифати илмӣ истифода гардида, дастовардҳои навтарини афкори илмиро ба донишҷӯён пешниҳод кунанд. Лексияҳо бояд вазифаи методологӣ, ташкилӣ ва иттилоотиро иҷро намоянд.

48. Талаботи асосӣ ба лексия ва навъҳои дигари фаъоли таълими масъалаҳои назариявӣ дар низоми кредитии таҳсилот инҳоянд:

– ба таълимгирандагон додани донишҳои мукаммал ва ба ҳамдигар марбут, ки сатҳи онҳо бо муқаррароти ҳадафмандона оид ба ҳар як мавзуи мушаххас муайян гардида, мазмунан ба дастовардҳои илму техника дар даврони муосир мутобиқат доранд ва рушди ин донишҳоро дар даврaҳои наздиктарин пешбинӣ менамоянд;

– таъмин намудани фаъолияти эҷодкоронаи донишҷӯён дар раванди таълим дар якҷоягӣ бо омӯзгор, бедор намудани ҳавасмандии донишҷӯён барои илмомӯзӣ ва мувоҷеҳ сохтани онҳо барои бурдани кори мустақилона дар самти такмили донишҳои омӯхташуда;

– таъмини айёнияти баёни мавзуъҳо бо истифода аз имконияти техникии намоиш додани маводи аудиовизуалӣ, макет, амсила, намунаҳо ва ғ.;

– баёни мавзуъҳо бо забони дастрас ва фаҳмо, шарҳи истилоҳот ва мафҳумҳои нав ва амсоли он.

49 Устодону омӯзгорон бояд афзалияти машғулиятҳои лексионӣ ва навъҳои дигари фаъоли таълими масъалаҳои назариявиро (як лектор метавонад, ки маълумоти зарурирo ба шумораи зиёди шунавандагон расонад; лектор тамоми раванди машғулиятро ба нақша гирифта, назорат мекунад ва ғ.) ба назар гирифта, норасогиҳои чунин навъи машғулиятҳоро (аз маҳорати лектор вобастагии зиёд дорад; шунавандагон метавонанд ғайрифаъол бошанд ва ғ.) ҳадалимкон дар раванди машғулият бартараф намоянд.

50. Машғулиятҳои аудитории назариявӣ бояд ҳатман аз чунин қисматҳо иборат бошанд: муқаддима мавзуъ, нақша ва мақсади дарс; баёни мавзуъ аз ду то чор масъалаи калидӣ бо кушодани мазмуни онҳо, исбот намудани онҳо ва муқаррароти хотимавӣ оид ба масъалаҳои гузошташуда; хулосабарорӣ аз мавзуи омӯхташуда бо тавсияҳо оид ба идомаи омӯзиши мавзуъ ва кори мустақилонаи донишҷӯён аз болои он.

51. Устодону омӯзгорон бояд дар баробари машғулиятҳои лексионии анъанавӣ (лексияи муқаддимавӣ, иттилоотӣ, тавсифӣ, машваратӣ ва ғ.) вобаста ба мавзуъ ё аудитория аз чунин навъҳои фаъоли таълими масъалаҳои назариявӣ низ истифода кунанд:

– **лексияи проблемавӣ** – дар чунин навъи машғулияти назариявӣ донишҳои нав бо гузориши ягон масъала, вазифа ё ҳолати проблемавӣ ҳосил карда мешаванд. Дар ин маврид ҷараёни маърифати донишҷӯён дар ҳамкорӣ бо омӯзгор бояд ба фаъолияти таҳқиқотӣ шабоҳат дошта бошад. Мазмуни масъалаи проблемавӣ тавассути ҷустуҷӯи роҳи нав ё ба воситаи таҳлилу хулосабарорӣ аз ақидаҳои анъанавии мавҷуда доир ба мавзуи матраҳшуда кушода мешавад;

– **лексияи визуалӣ** – аз пешниҳоди маводи таълимӣ тавассути воситаҳои аудиовидеотехникӣ (тахтаи электронӣ, видео, аудио ва ғ.) иборат буда, тавассути шарҳи муфассал ё мухтасари маводи намоишдодашуда ҷамъбаст карда мешавад;

– **лексияи бинарӣ** – пешниҳоди маводи таълимӣ тавассути муколамаи ду нафар сурат мегирад (намояндагони ду мактаби илмӣ, олими назариётчӣ ва татбиққунанда, омӯзгор ва донишҷӯ ва ғайра);

– **лексия бо хатоҳои банақшагирифташуда** – бо мақсади ҳавасмандсозии донишҷӯён барои назорати бефосилаи маълумоти пешниҳодшаванда ва пайдо кардани хатоҳо дар ин маълумот (хатоҳои мазмунӣ, методологӣ, методӣ, имлоӣ, услубӣ ва ғ.) пешбинӣ гардида, бо таҳлили хатоҳои пайдо кардашуда ҷамъбаст мегардад;

– **лексия-конференсия** – як навъи машғулияти назариявӣ-амалӣ буда, дар шакли пешниҳоди маҷмӯи маърузаҳои донишҷӯён дар ҳаҷми 5-10 дақиқагӣ оид ба мавзуи қаблан эълоншуда сурат мегирад. Ҳар як маъруза аз матни мантиқан мукаммал оид ба масъалаи аз ҷониби омӯзгор қаблан тақсимшуда иборат буда,

маърузаҳо дар якҷоягӣ проблемаи гузошташударо ҳамаҷониба инъикос менамоянд. Дар анҷоми машғулият омӯзгор маърузаҳои донишҷӯёнро хулоса намуда, маълумоти пешниҳоднамудаи онҳоро такмил медиҳад, дақиқ месозад ва хулосабарориҳои заруриро аз мавзуъ ба низом медарорад.

52. Устодону омӯзгорон метавонанд, ки аз навъҳои дигари лексия ва машғулиятҳои аудитории назариявӣ, ки ба талаботи педагогика ва методикаи илмии муосир мувофиқанд, истифода намоянд.

6.ТАШКИЛИ КОРҲОИ МУСТАҚИЛОНАИ ДОНИШҶӮ БО РОҲБАРИИ ОМӮЗГОР

53.Корҳои мустақилонаи донишҷӯ бо роҳбарии омӯзгор бо мақсади гузаронидани мусоҳиба ва машварат бо донишҷӯён, бозиҳои касбӣ, мизҳои мудаввар, ҳалли кейсҳо, омӯзиши маводи таълимии иловагӣ (вобаста ба фанни таълимӣ), иҷрои супоришҳои хонагӣ, навиштани рефератҳо, эссе, лоиҳаҳои курсӣ, корҳои назоратии семестрӣ, таҳияи ҳисобот, қабули санҷишҳои ҷорӣ ва ғайра ташкил карда мешавад.

54.Масъалаи дар шакли машғулиятҳои аудиторӣ дар ҷадвали дарсӣ гузоштани кредитҳои барои иҷрои корҳои мустақилонаи донишҷӯ бо роҳбарии омӯзгор муайянгардида ба ихтиёри муассисаи таҳсилоти олии касбӣ гузошта шудааст. Ҳаҷми дар шакли машғулиятҳои аудиторӣ дар ҷадвали дарсӣ нагузоштани кредитҳои барои иҷрои корҳои мустақилонаи донишҷӯ бо роҳбарии омӯзгор муайянгардида барои кредитҳои токи фанҳои таълимӣ на камтар аз 30% ва барои кредитҳои ҷуфти фанҳои таълимӣ на камтар аз 50% муқаррар карда шуда, бо қарори шурои олимон тасдиқ мегардад. Соатҳои корҳои мустақилонаи донишҷӯ бо роҳбарии омӯзгор, ки дар ҷадвали дарсӣ гузошта нашудаанд, яке аз шаклҳои корҳои таълимию методии омӯзгор буда, дар ҳаҷми як воҳиди корӣ ба сарбории таълимии ӯ дохил

нашуда, ҳамчун сарбории қисми дуюм ба ҳисоб гирифта мешаванд.

55.Корҳои мустақилонаи донишҷӯ бо роҳбарии омӯзгор тибқи талаботи нақшаҳои таълимии самт (ихтисос)-ҳои амалкунандаи муассисаи таҳсилоти олии касбӣ барои омӯзиши ҳамаи фанҳои таълимӣ пешбинӣ мешаванд.

56.Нақша ва тарзи гузаронидани корҳои мустақилонаи донишҷӯ бо роҳбарии омӯзгор бо нишон додани супоришҳо ва муҳлати иҷро намудани онҳо дар маҷмуаи таълимӣ-методии фан, бахусус дар барномаи кории фан (силлабус) пурра дарҷ меёбад.

57.Натиҷаи фаъолияти таълимии донишҷӯ аз рӯйи иҷрои корҳои мустақилонаи донишҷӯ бо роҳбарии омӯзгор аз ҷониби омӯзгори фан холгузорӣ карда мешавад.

7.ТАШКИЛИ КОРҲОИ МУСТАҚИЛОНАИ ДОНИШҶӮ

58.Корҳои мустақилонаи донишҷӯ тарзи фаъол ва мақсадноки аз худ намудани дониш, ташаккул додани малака ва маҳорати сермаҳсули эҷодии донишҷӯ бе иштироки фаъоли омӯзгор дар ин раванд мебошад. Чорабиниҳое, ки ташкили дурусти ба роҳ мондани корҳои мустақилонаи донишҷӯро таъмин мегардонанд, бояд дар асоси талаботи зерин амалӣ гардонида шаванд:

-корҳои мустақилонаи донишҷӯ бояд аз рӯйи самти фанни таълимӣ ба таври мушаххас муайян карда шаванд;

-корҳои мустақилонаи донишҷӯ бояд самаранок ва пайваста таҳти назорат қарор дода шуда, натиҷаи иҷрои онҳо ҷиддӣ баҳогузорӣ карда шавад.

59.Корҳои мустақилонаи донишҷӯ вобаста ба хусусиятҳои фанҳои таълимӣ ва мазмуну мундариҷаи он дар асоси стандартҳои давлатии таҳсилоти олии касбӣ, барномаҳои кории фанҳои таълимӣ, китобҳои дарсӣ, дастур ва васоитҳои таълимӣ муайян карда мешавад.

60.Назорат ва гузоштани баҳо ба натиҷаи корҳои мустақилонаи донишҷӯ бояд ҳамчун ягонагии ду шакли кор ташкил карда шавад:

-фаъолияти мустақилонаи таълимӣ ва худбаҳодиҳии донишҷӯ;

-назорат ва баҳогузорӣ аз ҷониби омӯзгори фанни таълимӣ, комиссияҳои имтиҳонӣ ва аттестатсияҳои давлатӣ, сохторҳои назоратии давлатӣ ва ғайра.

61.Тарзҳои иҷро намудани корҳои мустақилонаи донишҷӯ бояд дар асоси барномаҳои кории ҳар як фанни таълимии ба барномаи касбии таълимии ихтисоси муайян дохилшаванда муқаррар карда шаванд. Дар қисмати мазкури барномаи кории фанни таълимӣ бояд супоришҳо барои иҷро намудани корҳои мустақилонаи донишҷӯ доир ба ҳама ё баъзе мавзуъҳо муайян карда шуда, барои онҳо яке аз шаклҳои назорат (пурсиши шифоҳӣ, маъруза намудан, навиштани реферат, гузаронидани таҳқиқоти мустақилона, супервизия, супоридани коллоквиум, супоридани тест, иҷро намудани кори контролӣ ва ғайра) нишон дода шавад.

62.Тарзи мушаххаси иҷро намудани корҳои мустақилона аз ҷониби донишҷӯ интихоб карда шуда, дар ҳолатҳои зарурӣ дар мувофиқа бо омӯзгор (омӯзгорон) дар доираи талаботи санадҳои меъёрии ҳуқуқии қабулгардида муайян карда мешавад.

63.Чорабиниҳои дуруст ба роҳ мондан ва фароҳам овардани шароити иҷро намудани корҳои мустақилонаи донишҷӯ бояд бо асосҳои дар поён овардашуда таъмин гардидани ҳар як донишҷӯро пурра дар бар гиранд:

-тарзи кори инфиродӣ ҳангоми иҷро намудани корҳои назариявӣ (баҳисобгирӣ, тартиб додани нақшаҳо ва ғайра) ва амалӣ (иҷро намудани корҳои лабораторӣ ва илмӣ-методӣ);

-воситаҳои маълумотдиҳанда (маълумотномаҳо, дастурҳои таълимӣ, бонки корҳои инфиродӣ,

барномаҳои таълимӣ, дастаи барномаҳои бунёдӣ ва ғайра);

-маводи методӣ (тавсияҳо, роҳнамоҳои практикумҳо ва ғайра);

-маводи назоратӣ (тестҳо);

-маводи захиравӣ (воситаҳои ченкунанда, технологӣ ва ғайра);

-сарватҳои муваққатӣ;

-мусоҳибаҳо (омӯзгорон, кормандони илмӣ-таҳқиқотӣ ва ғайра);

-имконияти муайян намудани маҳрук (траектория)-и таълимии худ (фанҳои таълимии интихобӣ, хизматҳои иловагии таълимӣ, нақшаҳои инфиродии таълимӣ);

-имконияти ба таври расмӣ муҳокима намудани натиҷаҳои назариявӣ ё амалии мустақилона бадастовардашуда (иштирок намудан дар конференсияҳо, олимпиадаҳо ва озмунҳо).

64.Корҳои мустақилонаи донишҷӯ дар кафедаҳо, дар лабораторияҳои муассисаҳои таълимии таҳсилоти олии касбӣ, ҳамчунин дар муассисаҳои истеҳсолие, ки муассисаи таълимиии таҳсилоти олии касбӣ бо онҳо шартнома дорад, ташкил ва иҷро карда мешаванд.

8. ТАРТИБИ ИҶРО ВА ҲИМОЯИ КОР (ЛОИҲА)-И КУРСӢ

65.Иҷрои кор (лоиҳа)-и курсӣ дар нақшаҳои таълимии самт (ихтисос)-ҳои амалкунандаи муассисаи таҳсилоти олии касбӣ барои гурӯҳи фанҳои умумикасбӣ ва тахассусӣ пешбинӣ шуда, дар давоми як даври академӣ ба нақша гирифта мешавад.

66. Баҳогузорӣ ба сифати иҷро ва ҳимояи кор (лоиҳа)-и курсии фаннӣ аз ҷониби ҳайати комиссияе, ки кафедраи дахлдор таъсис додааст, бояд то оғози ҳафтаи 16-уми таълими назариявии ҳар як даври академӣ амалӣ гардонида шавад.

67.Ба фаъолияти таълимии донишҷӯ оид ба иҷро ва ҳимояи кор (лоиҳа)-и курсии фаннӣ ба таври алоҳида холгузорӣ карда мешавад. Дар ҳолати сари вақт ҳимоя

накардани кор (лоиҳа)-и курсии фаннӣ донишҷӯ ба имтиҳони ниҳоии ин фанни таълимӣ роҳ дода намешавад.

68.Муҳлати иҷро ва ҳимояи кор (лоиҳа)-и курсии тахассусӣ дар назди комиссияе, ки кафедраи дахлдор таъсис додааст, аз тарафи муассисаи таҳсилоти олии касбӣ муқаррар карда мешавад.

9. ТАРТИБ ВА ТАШКИЛИ РАВАНДИ СЕССИЯИ ИМТИҲОНӢ

69. Тартиб, ташкил ва амалишавии раванди сессияи имтиҳонӣ дар асоси Тартиби имтиҳони ниҳоӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шакли шифоҳӣ, хаттӣ ва омехта, ки бо қарори мушовараи Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 29 апрели соли 2022, №06/8 тасдиқ гардидааст, ба роҳ монда мешавад.

70.Оид ба натиҷаи ҳар як сессияи имтиҳонӣ ба донишҷӯ транскрипт (маълумотномаи академӣ) дода мешавад.

10.ТАРТИБИ БАРТАРАФ НАМУДАНИ ҚАРЗҲОИ АКАДЕМӢ

71. Қарзҳои академии донишҷӯ ҳангоми ба Fx ва F баробар шудани натиҷаи ниҳоии азхудкунии барномаи таълимии ин ё он фан ва ё бесабаб ҳозир нашудан ба имтиҳони ниҳоӣ ба вуҷуд меоянд.

72.Мутахассиси маркази бақайдгирӣ ва машварат сабабҳои ба вуҷуд омадани қарзҳои академиро таҳлил намуда, дар асоси муайян намудани рейтинги академии донишҷӯён номгӯи фанҳои таълимиро барои такроран супоридани имтиҳонҳо муайян мекунад.

73. Тартиби умумии бартараф намудани қарзҳои академӣ дар асоси талаботи Низомномаи низоми кридитии таҳсилот дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба роҳ монда мешавад.

11. ТАРТИБИ ТАШКИЛ ВА ГУЗАРОНИДАНИ ТРИМЕСТР

74.Триместр бо пешниҳоди қисми таълим, маркази бақайдгирӣ ва машваратӣ ва садорати факултетҳо ташкил карда мешавад.

75.Муҳлати гузаронидан ва давомнокии триместр тибқи тақвими академии раванди таълим муқаррар карда мешавад.

76.Маркази бақайдгирӣ ва машварат аз рӯйи натиҷаҳои триместр холи умумии миёна (GPA)-и донишҷӯро аз нав муайян менамояд.

77. Тартиби умумии ташкил ва гузаронидани триместр дар асоси талаботи Низомномаи низоми кридитии таҳсилот дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба роҳ монда мешавад.

12. ТАРТИБИ БАРТАРАФ НАМУДАНИ ФАРҚИЯТИ АКАДЕМӢ

78.Фарқияти академӣ аз рӯйи нақшаҳои таълимии самт (ихтисос)-ҳои амалкунандаи муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ дар ҳолатҳои зерин пайдо мешавад:

-гузариши донишҷӯ аз як муассисаи таҳсилоти олии касбӣ ба дигар муассисаи таҳсилоти олии касбӣ;

-гузариши донишҷӯ аз як ихтисос ба ихтисоси дигар;

-баргаштани донишҷӯ аз рухсатии академӣ (дар ҳолати иваз шудани нақшаи таълимии самт (ихтисос)-и амалкунандаи муассисаи таҳсилоти олии касбӣ);

-барқароршавии донишҷӯ пас аз хориҷшавӣ.

79.Раванди супоридани фарқияти академӣ дар асоси талаботи Низомномаи низоми кридитии таҳсилот дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба роҳ монда мешавад.

80.Муҳлати супоридани фарқият аз рӯйи нақшаи таълимӣ то охири даври академӣ муқаррар карда мешавад.

13.ТАРТИБИ ГУЗАРОНИДАНИ ТАҶРИБАОМӮЗӢ

81.Таҷрибаомӯзӣ (таълимӣ, саҳроӣ, омӯзгорӣ ва истеҳсолӣ) мувофиқи нақшаҳои таълимӣ ва барномаҳои тасдиқгардидаи самт (ихтисос)-ҳои муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ гузаронида мешавад.

82.Таҷрибаомӯзӣ тибқи талаботи стандартҳои давлатии таҳсилоти олии касбӣ ва нақшаҳои таълимии самт (ихтисос)-ҳои муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ мақоми фанҳои таълимии ҳатмиро доро буда, ҷузъи асосии муайянкунандаи самт (траектория)-и таҳсилоти донишҷӯ ва салоҳиятҳои касбии хатмкунанда мебошад.

83. Тартиби умумии гузаронидани таҷрибаомӯзӣ дар асоси талаботи Низомномаи низоми кредитии таҳсилот дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба роҳ монда мешавад.

14.ТАРТИБИ ХОРИҶ, БАРҚАРОРКУНӢ ВА ИНТИҚОЛИ ДОНИШҶӮ

84. Тартиби умумии хориҷ, барқароркунӣ ва интиҳоли донишҷӯ дар асоси талаботи Тартиби хориҷ, барқарор ва интиқоли донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Низомномаи низоми кредитии таҳсилот дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба роҳ монда мешавад.

15.ПАРДОХТИ МАБЛАҒИ ТАҲСИЛ

85.Ҳаҷми маблағи таҳсил, ки барои як соли таҳсил ба ҳар як донишҷӯ рост меояд, дар асоси харҷномаи муассисаи таҳсилоти олии касбӣ муқаррар карда шуда, аз арзиши аслии ташкили раванди таълим аз рӯйи самт (ихтисос)-ҳои алоҳида вобаста аст. Новобаста аз шакли таҳсил (ройгон ва пулакӣ) арзиши аслии 1 кредит ҳамчун ҳосили тақсими ҳаҷми маблағи таҳсили солона ба миқдори кредитҳои пешбинишуда муайян ва бо қарори шурои олимони муассисаи таҳсилоти олии касбӣ тасдиқ карда мешавад.

86.Донишҷӯёни курси аввал маблағи солонаи таҳсилро пас аз бомуваффақият супоридани имтиҳонҳои қабул то 25 август пардохт менамоянд.

87.Донишҷӯёни курсҳои болоӣ маблағи таҳсили солонаро вобаста ба миқдори кредитҳое, ки дар нақшаҳои таълимии фардии онҳо нишон дода шудааст, дар ҳар як даври академӣ пардохт менамоянд.

88.Дар мавриди аз ин ё он фан баҳои F (ғайриқаноатбахш) гирифтан, донишҷӯ онро пас аз пардохти маблағи иловагӣ (вобаста ба миқдори кредитҳое, ки тибқи нақшаи таълимии самт (ихтисос)-и мазкур барои омӯзиши ин фан ҷудо шудааст) новобаста аз шакли таҳсил (ройгон ва ё пулакӣ) аз нав омӯхта, имтиҳон месупорад.

16. ТАРТИБИ ОЗОД НАМУДАН АЗ ПАРДОХТИ МАБЛАҒИ ШАРТНОМАИ ТАҲСИЛ

89. Тартиби озод намудан аз пардохти маблағи шартномаи таҳсил бо назардошти риояи талаботи зерин амалӣ карда мешавад:

- агар донишҷӯ дар давоми чор семестр аз тамоми фанҳои таълимӣ 75 % баҳои аъло ва 25 % баҳои хуб гирифта бошад;
- агар донишҷӯ дар корҳои ҷамъиятӣ ва дохилии муассисаи таҳсилоти олии касбӣ иштирок намуда, корҳои курсиашро бо баҳои хубу аъло супорад ва на камтар аз ду мақола дар рӯзнома ё маҷалла (барои фанҳои гуманитарӣ) чоп карда бошад ва ё ду-се кори лабораторӣ (барои фанҳои дақиқ ва табиатшиносӣ) ба анҷом расонида бошад.

90.Ҳангоми озод кардан аз пардохти маблағи шартномаи таҳсил ҳатман тавсифномаи садорати факултет ва қисми тарбияи муассисаи таълимӣ талаб карда мешавад.

91. Барои озод кардан аз пардохти маблағи шартномаи таҳсил дар сатҳи муассисаи таҳсилоти олии касбӣ комиссия таъсис дода мешавад. Мутобиқи бандҳои дар боло зикршуда ҳуҷҷатҳо омода мегарданд

ва ба комиссия пешниҳод мешаванд. Комиссия ҳуҷҷатҳои тасдиқкунандаи довталабро тибқи бандҳои Қоидаи мазкур санҷида, протокол тартиб дода, ба шурои олимони муассисаи таҳсилоти олии касбӣ пешниҳод менамояд.

92. Ҳайати комиссия аз ҳисоби 5 ва 9 нафар аъзоёни шурои олимон, ректор, ноиби ректор оид ба таълим, ноиби ректор оид ба тарбия, декани факултет, мудири кафедра ва намояндаи созмони ҷавонон ё занон (даъвати намояндагони созмонҳои ҷамъиятӣ) дар асоси фармоиши ректори муассисаи таҳсилоти олии касбӣ таъсис дода мешавад.

93. Комиссия ҳуҷҷатҳои пешниҳодшударо омӯхта, барои баррасӣ ва тасдиқ ба шурои олимон пешниҳод менамояд.

Дар шурои олимон яке аз намояндаи комиссия ҳуҷҷатҳои довталабро пешниҳод намуда, доир ба мувофиқат кардани ҳуҷҷатҳо ба талаботи Тартиби мазкур гузориш медиҳад.

94. Дар шурои олимон гузориши донишҷӯ – довталаб шунида мешавад.

95. Агар сатҳи саводи донишҷӯ ба талабот ҷавобгӯ бошад ва бо тариқи озод 51 % овозҳоро соҳиб шавад, аз пардохти маблағи шартномаи таҳсил пурра ва ё қисман озод карда мешавад. шурои олимони муассисаи таҳсилоти олии касбӣ барои озод кардани донишҷӯ аз пардохти маблағи шартномаи таҳсил қарори дахлдор қабул менамояд.

96. Комиссия ҳар сол баъд аз анҷоми имтиҳоноти зимистона ва тобистона, яъне баъди ҷамъбасти сессияи имтимҳонӣ фаъолият менамояд.

97. Донишҷӯёни муассисаи таҳсилоти олии касбӣ аз гурӯҳи ғайриройгон ба гурӯҳи ройгон ҳангоми гузаштан ба муассисаи дигари таълимӣ дар сурате қабул карда мешаванд, ки меъёрҳои талаботи дар боло зикргардидаро иҷро намуда, аз ҳамаи санҷишу

фарқиятҳои пешбинишуда баҳои хубу аъло гирифта бошанд.

98. Ятимону бепарасторон (танҳо бе падару модар), ки дар гурӯҳи ғайриройгони муассисаҳои давлатӣ ва ғайридавлатӣ (хусусӣ) таҳсил мекунанд, баъд аз пешниҳоди ҳуҷҷатҳои тасдиққунанда аз ҷониби Комиссияи таъсисдодашуда аз гурӯҳҳои ғайриройгон ба гурӯҳҳои ройгон гузаронида мешаванд.

99. Муассисаҳои таҳсилоти олии касбии ғайридавлатӣ (хусусӣ), ки ба тариқи ғайриройгон донишҷӯ қабул мекунанд, беҳтарин донишҷӯёни фаъол, аълохон ва ахлоқан намунавиро мувофиқи Тартиби мазкур аз супоридани маблағи таҳсил озод мекунанд.

Эзоҳ: донишҷӯёне, ки тибқи бандҳои болозикри Тартиби мазкур аз гурӯҳҳои ғайриройгон ба гурӯҳҳои ройгон гузаштанд (ба истиснои ятимон), бо стипендия таъмин карда намешаванд.

17. БАНАҚШАГИРӢ ВА ТАШКИЛИ РАВАНДИ ТАЪЛИМ ДАР ШАКЛИ ТАҲСИЛИ ҒОИБОНА ВА ФОСИЛАВӢ

100.Раванди амалишавии таълим дар шакли омехтаи таҳсилот (кредитӣ ва анъанавӣ) дар шаклҳои рӯзона, шабона, ғоибона, фосилавӣ ва экстернат тибқи барнома ва нақшаҳои намунавии таълимии аз тарафи Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиққардашуда сурат мегирад.

101. Ташкили таълими донишҷӯён дар шакли ғоибона мувофиқи талаботи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи маориф”, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи таҳсилоти олӣ ва касбии баъд аз муассисаи олии таълимӣ”, Низомномаи намунавии муассисаи таълимии таҳсилоти олии касбӣ, Стандарти давлатии таҳсилоти олии касбӣ дар соҳаҳои гуногун, инчунин фармоишҳои мақоми ваколатдори соҳаи маориф ба амал бароварда мешавад.

102. Қабул ба шакли таҳсили ғоибона дар асоси Иҷозатномаи амалкунанда бо тасдиқи ихтисосҳои тахассусӣ, ки аз ҷониби мақомоти ваколатдори назорат

дар соҳаи маориф (Агентии назорат дар соҳаи маориф ва илми назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон) дода мешавад, амалӣ мегардад.

103. Таҳсилоти ғоибона ҳатман дар асоси талабот ва стандартҳои таҳсилоти олии касбӣ ба роҳ монда мешавад.

104. Нақшаҳои таълимӣ барои таҳсилоти ғоибона аз тарафи кафедраҳои тахассусӣ тартиб дода шуда, дар шурои олимони факултети муассисаи таҳсилоти олии касбӣ баррасӣ гардида, баъдан барои тасдиқ ба шурои илмии методии муассисаи таҳсилоти олии касбӣ пешниҳод карда мешавад.

105. Амалигардонии таҳсилоти ғоибона мувофиқи нақшаҳои таҳсили рӯзона тибқи муқаррароти умумӣ ба роҳ монда мешавад.

106. Корҳои курсӣ дар як семестрӣ таълимӣ наметавонад беш аз якто зиёд бошад. Ҳаҷмӣ корҳои курсӣ ва корҳои мустақилона бояд ба нақшаи таълимии рӯзона мувофиқат намояд.

107. Шумораи корҳои санҷишӣ барои тамоми давраи таҳсил тибқи стандарти давлатии таълим аз рӯйи ихтисос муайян карда мешавад.

108. Имтиҳонҳои фаннӣ дар як соли таҳсил набояд аз 16-то зиёд бошад.

109. Давомнокии умумии сессияҳои имтиҳонӣ, омодагӣ ба имтиҳонҳои давлатӣ ва корҳои хатмии тахассусӣ бояд ба давомнокии рухсатиҳои иловагии муқаррарнамудаи Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи таҳсилоти олии касбӣ ва таҳсилоти баъд аз муассисаи олии таълимӣ» мувофиқат намояд.

110. Дар фосилаҳои байни сессияҳои имтиҳонӣ графики тавсияҳои пешазимтиҳонии ҳафтаинаи донишҷӯёни шакли таҳсилоти ғоибона аз тарафи омӯзгорони собиқадор ва масъулини раёсат (шуъба, бахшҳо)-и таълими муассисаи таҳсилоти олии касбӣ тартиб дода шуда, дар гӯшаи эълонҳо овехта мешавад.

111. Ба донишҷӯёни шуъбаи ғоибона аз тарафи методистони шуъбаи ғоибона бояд маводи зерин дар шакли электронӣ ё дар шакли воситаҳои таълимӣ пешниҳод карда шаванд:

а) маълумот дар бораи ном ва рамзи ихтисос, номи хатмкунанда шуъбаҳо, номи пурра мудир ва омӯзгори кафедра ва ғ;

б) ҷадвали гузаронидани сессияҳои санҷишию имтиҳонӣ, ки аз ҷониби муовини ректор оид ба корҳои таълим тасдиқ карда мешавад.

112. Донишҷӯёни шуъбаи ғоибона бояд бо маводи методи зерин таъмин карда шаванд:

- маҷмуи таълимию методии фанни мазкур, ки бояд аз худ намоянд:

- курси лексияҳо, ё китоби дарсӣ, ки пурра ба барномаи кори курсӣ мутобиқат менамоянд;

- дастури методие, ки сохтори он бо барномаи таълим муайян карда мешавад;

- мавзуъҳои дарсҳои амалӣ (семинарӣ) бо дастурҳои методӣ барои ба ин машғулиятхои таълимӣ ва рӯйхати саволҳо;

- мавзуи корҳои курсӣ (лоиҳаҳои курсӣ) бо зикри китоби дарсӣ оид ба омода намудани он;

- маводҳои аудио ва видео (дар шакли электронӣ).

113. Донишҷӯи шуъбаи ғоибона, ки бо сабаби узрнок ба машғулият хозир намешавад, бояд ба номи ректори муассисаи таҳсилоти олии касбӣ (бо ҳуҷҷатхои тасдиқкунанда) дар бораи тамдид намудани сессияи имтиҳонӣ ариза пешниҳод намояд. Дар сурати мусбат дида баромадани аризаи мазкур садорати факултет барои бартараф кардани қарзҳо муҳлатҳои инфиродӣ муқаррар менамояд. Барои ин категорияи донишҷӯён дар охири соли таҳсил бо назардошти бартараф намудани қарзҳои академӣ, фармони (фармоиши) дуюм барои ба курси болоӣ гузарондани донишҷӯён қабул карда мешавад.

18. ТАТБИҚИ ТЕХНОЛОГИЯҲОИ ТАЪЛИМИ ФОСИЛАВӢ ДАР МУАССИСАҲОИ ТАҲСИЛОТИ ОЛИИ КАСБӢ

114. Таҳсилоти фосилавӣ бо истифодаи маҷмуи технологияҳои таълимӣ таъмин карда мешавад, ки дар он ҳамкории мақсадноки ғайримустақим ё миёнаравии нопурра байни донишҷӯ ва омӯзгор новобаста аз ҷойгиршавӣ ва тақсимоти вақт дар асоси технологияҳои иттилоотӣ ва телекоммуникатсионии аз ҷиҳати педагогӣ ташкилшуда сурат мегирад.

115. Мақсади таҳсилоти фосилавӣ аз он иборат аст, ки ба донишҷӯён бевосита дар ҷойи истиқомат ё будубоши муваққатии онҳо имконияти аз худ намудани барномаҳои таълимии асосии таҳсилоти олии касбӣ (минбаъд – барномаҳои таълимӣ), ки мутаносибан дар соҳаи маориф мебошад, дода мешавад.

116. Раванди таҳсилро бо истифода аз таълими фосилавӣ муассисаи таълимӣ метавонад дар шаклҳои рӯзона, шабона, ғоибона, дар шакли донишҷӯи экстернатӣ ё якҷояи ин шаклҳо амалӣ намояд.

117. Барномаҳои таълимӣ бо истифода аз таълими фосилавӣ дар он ҳолат пурра иҷрошуда эътироф карда мешаванд, ки агар донишҷӯён соатҳои барномаи таълимиро, ки тибқи стандартҳои таълимии таҳсилоти олии касбӣ ва барномаҳои таълимӣ пешбинӣ шудаанд, тавассути технологияҳои таълимии фосилавӣ аз худ намуда бошанд.

118. Дар баробари захираҳои анъанавии иттилоотӣ барои дастгирии раванди таълими фосилавӣ воситаҳои зерини таълими фосилавӣ бояд истифода карда шаванд:

- китобҳои дарсии махсус бо ҳамроҳии мултимедиявӣ;
- маҷмуаҳои таълимию методии электронӣ, аз ҷумла китобҳои электронӣ, васоити таълимӣ ва барномаҳои таълимии компютерӣ;

- маҷмуи видеоҳои таълимӣ, сабтҳои аудиоӣ ва дигар мавод, ки барои интиқол тавассути каналҳои телекоммуникатсионӣ пешбинӣ шудаанд.

118. Ба махзани таҳсилоти фосилавӣ дар шакли нашрияҳо оид ба намудҳои гуногуни ВАО фонди адабиёти асосии таълимӣ ва таълимию методии зерин дохил карда мешавад:

-фонди матбуоти даврагӣ, ки бо нашрияҳои сохавӣ, ки ба соҳаҳои тайёр кардани кадрҳо мувофиқанд, маълумотномаю библиография, инчунин нашрияҳои оммавии марказӣ ва маҳаллии ҷамъиятию сиёсӣ таъмин карда шудаанд;

-фонди адабиёти илмӣ, ки бо монографияҳо ва нашрияҳои даврии илмӣ оид ба профили ҳар як барномаи таълимӣ муаррифӣ шудаанд.

119. Ҳангоми таълими фосилавӣ муассисаи таҳсилоти олии касбӣ ба ҳар як донишҷӯ имконият фароҳам меорад, ки ба воситаҳои таълими фосилавӣ ва захираи асосии иттилоотӣ дар ҳаҷми соатҳои нақшаи таълимӣ барои аз худ намудани барномаи дахлдори таълимӣ ё як қисми он шинос шавад.

120. Муассисаи таҳсилоти олии касбӣ вазифадор аст, ки ба донишҷӯён тавассути машваратҳои омӯзгорони соҳибихтисос бо истифода аз телекоммуникатсия ёрии илмию таълимӣ расонад.

121. Назорати ҷорӣ ва аттестатсияи фосилавии донишҷӯён аз ҷониби муассисаи таҳсилоти олии кабӣ тариқи шифоҳӣ ё бо истифода аз воситаҳои электронӣ (санҷиши электронӣ ва ғ.), ки талаботҳои стандартҳои таҳсилоти олии касбиро таъмин мекунанд, сурат мегирад.

122. Барои тасдиқи имкони татбиқи як ё якчанд барномаи таълимӣ бо истифодаи пурраи таълими фосилавӣ муассисаи таҳсилоти олии касбӣ метавонад ба Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон бо ариза барои санҷиш мувофиқи риояи талаботи зерин ва

дигар талаботе, ки санадҳои меъёрии ҳуқуқии соҳаи маориф муқаррар намудааст, муроҷиат намояд:

- мавҷуд будани тамоми маводи электронии таълимию методӣ барои ҳар як фанни таълимӣ ё ҳолатҳои махсус (маҷмуи инфиродии маводи таълимию методӣ бо истифода аз воситаҳои мултимедӣ);

- мавҷудияти системаи махсуси корпоративии иттилоотии идоракунии ҳуҷҷатҳо (аз ҷумла электронӣ), ки идоракунии раванди таълимро пурра таъмин карда метавонанд;

- мавҷудияти омӯзгорони таҷрибадоре, ки барои кор дар муҳити нави иттилоотию таълимӣ махсус омода шудаанд.

Дар ин ҳолат доираи талабот ба муассисаҳои таълимӣ ҳангоми санҷиш ва тартиби гузаронидани онро Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон бо назардошти намуди муассисаи таълимӣ ва хусусиятҳои технологияи таълими фосилавии истифодашаванда муқаррар мекунад.

123. Миқдор ва иқтидори воситаҳои телекоммуникатсионӣ, таҷҳизонидани раванди таълим бо таҷҳизоти махсус ва озмоишӣ, воситаҳои расонидани дониш ба хонандагон дар муассисаи таълимӣ, филиалҳо ва ба таври инфиродӣ бояд имкони татбиқи таълими фосилавӣ дар шакли воқеиро таъмин намояд.

124. Амалигардонии дигар шаклҳои фаъолияти таълимӣ (гузаронидани триместр, сарбории таълимӣ, таҷрибаомузӣ ва ғ.) тибқи стандартҳои таҳсилоти олии касбӣ ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии соҳаи маориф, ки барои таҳсилоти шуъбаи рӯзона муқарррар шудаанд, сурат мегирад.

19. БАНАҚШАГИРӢ ВА ТАШКИЛИ РАВАНДИ ТАЪЛИМ ДАР ТАЪЛИМИ ШАБОНА

125.Таълими шабона – шакли хоси ба даст овардани касб мебошад, ки шахс берун аз вақти кори

асосӣ дар асоси Стандарти таҳсилоти олии касбӣ ва нақшаю барномаҳои таълимӣ дар шакли ҳузурӣ дар муҳлатҳои муқарраргадида таҳсилоти олии касбиро соҳиб мегардад.

Қабул ба шакли таҳсили шабона дар асоси Иҷозатномаи амалкунанда бо тасдиқи ихтисосҳои тахассусӣ, ки аз ҷониби мақомоти ваколатдори назорат дар соҳаи маориф (Агентии назорат дар соҳаи маориф ва илми назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон) дода мешавад, амалӣ мегардад.

126. Таҳсилоти шабона ҳатман дар асоси талабот ва стандартҳои таҳсилоти олии касбӣ ба роҳ монда мешавад.

127. Нақшаҳои таълимӣ барои таҳсилоти шабона аз тарафи кафедраҳои тахассусӣ тартиб дода шуда, дар шурои олимони факултети муассисаи таҳсилоти олии касбӣ баррасӣ гардида, баъдан барои тасдиқ ба шурои илмии методии муассисаи таҳсилоти олии касбӣ пешниҳод карда мешавад.

128. Амалигардонии таҳсилоти шабона мувофиқи нақшаҳои таҳсили рӯзона тибқи муқаррароти умумӣ ба роҳ монда мешавад.

129. Корҳои курсӣ дар як семестри таълимӣ наметавонад беш аз якто зиёд бошад. Ҳаҷми корҳои курсӣ ва корҳои мустақилона бояд ба нақшаи таълимии рӯзона мувофиқат намояд.

130. Шумораи корҳои санҷишӣ барои тамоми давраи таҳсил тибқи стандарти давлатии таълим аз рӯйи ихтисос муайян карда мешавад.

131. Имтиҳонҳои фаннӣ дар як соли таҳсил набояд аз 16-то зиёд бошанд.

Барои ба роҳ мондани раванди таълим дар таълими шабона муассисаи таҳсилоти олии касбӣ бояд ба талаботҳои зерин ҷавобгӯй бошад:

- мавҷуд будани тамоми маводи электронии таълимию методӣ барои ҳар як фанни таълимӣ ё

ҳолатҳои махсус (маҷмуи инфиродии маводи таълимию методӣ бо истифода аз воситаҳои мултимедӣ);

- мавҷуд будани системаи рушноидиҳӣ мутобиқ ба талаботи стандартҳои муосир ва аз ҷиҳати экологӣ тоза.

Вақти баргузории машғулиятҳои таълимӣ дар таълими шабона аз ҷониби муассисаи таҳсилоти олии касбӣ вобаста ба шароит муқаррар карда мешавад.

Оғози дарс баъд аз нисфирӯзӣ вобаста ба фасли сол метавонад ҳамчун давомнокии машғулиятҳои таълимӣ дар таълимӣ шабона муқаррар карда шавад, аммо наметавонад аз соати 22:00 зиёд бошад.

132. Миқдор ва иқтидори воситаҳои телекоммуникатсионӣ, таҷҳизонидани раванди таълим бо таҷҳизоти махсус ва озмоишӣ, воситаҳои расонидани дониш ба хонандагон дар муассисаи таълимӣ, филиалҳо ва ба таври инфиродӣ бояд имкони татбиқи таълими шабона дар шакли воқеиро таъмин намояд.

20. БАНАҚШАГИРӢ ВА ТАШКИЛИ РАВАНДИ ТАЪЛИМ ДАР ТАЪЛИМИ ЭКСТЕРНЕТ

133. Таълим дар шакли экстернат омӯзиши мустақилонаи фанҳои таълимӣ мутобиқи барномаҳои асосии таълимии таҳсилоти олии касбӣ аз рӯйи самти интихобнамудаи тайёрӣ (тахассус) бо аттестатсияи ниҳоӣ (ҷорӣ ва ниҳоӣ) дар муассисаи таҳсилоти олии касбӣ мебошад

134. Раванди амалигардонии таълими экстернат дар асоси муқаррароти умумии меъёрҳои раванди таълими рӯзона, фосилавӣ ва ғоибона ба роҳ монда мешавад.

21.МУҚАРРАРОТИ ХОТИМАВӢ

135.Иҷрои талаботи бандҳои Тартиби мазкур аз ҷониби донишҷӯён, магистрҳо, докторантон, ҳайати профессорону омӯзгорон, кормандон, роҳбарони

қисмҳои таркибӣ ва воҳидҳои сохтории муассисаи таҳсилоти олии касбӣ ҳатмӣ мебошад.

136.Дар мавриди риоя накардани талаботи Тартиби мазкур тибқи Оинномаи муассисаи таҳсилоти олии касбӣ ҳайати профессорону омӯзгорони кафедраҳо ва кормандони воҳидҳои сохтории марбути муассисаи таҳсилоти олии касбӣ ба муҷозот пешниҳод карда мешаванд.

137.Тартиби мазкур баъд аз баррасӣ дар мушовараи Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ гардида, дар асоси ба тасвиб расидани фармоиши Вазири маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон мавриди амал қарор дода мешавад.

Бо қарори ҳайати мушовараи
Вазорати маориф ва илми
Ҷумҳурии Тоҷикистон
аз 30 ноябри соли 2022
№17/20 тасдиқ карда шудааст.

НИЗОМНОМАИ ТАҲСИЛОТИ ФОСИЛАВӢ ДАР МУАССИСАҲОИ ТАҲСИЛОТИ ОЛИИ КАСБИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

1.МУҚАРРАРОТИ УМУМӢ

1. Низомномаи таҳсилоти фосилавӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд Низомнома) дар асоси Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф», Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи таҳсилоти олии касбӣ ва таҳсилоти касбии баъд аз муассисаи олии таълимӣ», Стандарти давлатии таҳсилоти олии касбӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ таҳия гардидааст.

2. Низомнома мақсад, вазифа ва ташкили раванди таълими шакли таҳсилоти фосилавиро дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян мекунад.

3. Шакли таҳсилоти фосилавӣ дастрасии таҳсилоти олии касбиро новобаста аз мавзеи ҷойгиршавии

муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ва субъектҳои раванди таълим таъмин менамояд.

4. Дастрасии таҳсилоти олии касбӣ ва маводи иттилоотии таълимӣ дар шароити таҳсилоти фосилавӣ асосан дар шакли электронӣ, бо истифодаи технологияи муосири иттилоотию иртиботӣ ва моҳворавӣ таъмин карда мешавад.

5. Ташкили раванди таълим дар шароити таҳсилоти фосилавӣ бо истифода аз усулҳои муосири тайёр кардани мутахассисони дорои таҳсилоти олии касбӣ ва ба талаботи бозори дохилӣ ва берунии меҳнат ҷавобгӯй будани онҳо мусоидат менамояд.

2.МАФҲУМҲОИ АСОСӢ

6. Дар Низомнома мафҳумҳои зерин истифода мешаванд:

- барномаи таълимии таҳсилоти олии касбӣ – маҷмуи ҳуҷҷатҳоест, ки тибқи талаботи Стандарти давлатии таҳсилоти олии касбӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва барномаи таҳсилотӣ аз рӯйи самт (ихтисос) мазмуну мундариҷаи таҳсилотро аз рӯйи ихтисоси зинаи таҳсилоти олии касбӣ муайян менамояд;

- барномаи таҳсилотӣ аз рӯйи самт (ихтисос) – мақсад, вазифа, натиҷаҳои банақшагирифташуда, мундариҷа ва ташкили раванди таълимро аз рӯйи самт (ихтисос)-и зинаи алоҳидаи таҳсилоти олии касбӣ муайян намуда, аз ҷониби муассисаи таълимӣ тавассути фаъолиятҳои аудиторӣ ва ғайриаудиторӣ бо риояи талаботи Стандарти давлатии таҳсилоти олии касбӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон амалӣ мегардад;

- захираҳои электронии таълим – маводи таълимии электроние мебошад, ки мутобиқи талаботи барномаи таҳсилотӣ аз рӯйи самт (ихтисос) ва нақшаҳои таълимӣ маҷмуи ҳатмии аз худ намудани барномаҳои таълимӣ таҳиягардидаро дар бар гирифта, ҳамзамон қисми таркибии маҷмуи таълимию методии электрониро ташкил менамояд ва дар муҳити таълимию иттилоотии электронӣ ҷойгир карда мешавад;

- маҷмӯи таълимию методии электронӣ – захираҳои электронии воситаҳои таълим мебошад, ки бо мақсади аз худ намудани барномаи фанҳои таълимӣ пешбинӣ шудааст;

- муҳити таълимию иттилоотии электронӣ – маҷмуи технологияҳои иттилоотиву иртиботӣ ва воситаҳои техникию технологӣ, ки аз худ намудани барномаҳои таълимиро аз ҷониби донишҷӯён новобаста аз макони ҷойгиршавиашон таъмин менамояд;

- **шакли таҳсилоти фосилавӣ** – ташкил ва гузаронидани корҳои таълимӣ бо истифодаи технологияи муосири иттилоотию иртиботие мебошад, ки дар фосила татбиқ намудани раванди таълимро имконпазир мегардонад;

- технологияи таҳсилоти фосилавӣ – технологияҳои таълимие мебошанд, ки асосан тавассути шабакаҳои иттилоотию иртиботӣ, ҳамкории бевоситаи донишҷӯ, омӯзгор ва ҳайати таълимию ёрирасон роҳандозӣ карда мешавад.

3. БАНАҚШАГИРӢ ВА ТАШКИЛИ РАВАНДИ ТАЪЛИМ

7. Раванди таълим дар шароити таҳсилоти фосилавӣ пурра бо истифодаи технологияи иттилоотию иртиботӣ тибқи нақшаҳои таълимии ихтисосҳои амалкунандаи муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ба роҳ монда мешавад.

8. Муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ нақшаҳои таълимиро аз рӯйи ихтисосҳои амалкунандаи шакли таҳсилоти фосилавӣ тибқи талаботи мазмуну мундариҷаи ҳадди ақали (Стандарти давлатии таҳсилоти олии касбӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон) барномаи таҳсилотӣ аз рӯйи самт (ихтисос) таҳия ва барои тасдиқ ба Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод менамоянд.

9. Барномаҳои таълимии таҳсилоти олии касбӣ дар шароити таҳсилоти фосилавӣ дар ҳолате пурра татбиқгардида ҳисобида мешаванд, ки агар аз ҷониби донишҷӯён ҳаҷми умумии кредитҳои барои нақшаҳои таълимии шакли таҳсили рӯзонаи ихтисосҳои

амалкунандаи муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ муқарраргардида 100% аз худ карда шавад.

10. Ҳаҷми умумии меҳнатталабӣ барои дарёфти дараҷаи академии бакалавр мутобиқи барномаи таҳсилотӣ аз рӯйи самт (ихтисос) дар Ҷумҳурии Тоҷикистон новобаста аз шакли таҳсил (рӯзона, ғоибона, фосилавӣ ва шабона) барои ихтисосҳои амалкунанда (муҳлати таҳсил 4 сол) – 240 кредит, барои ихтисосҳои ҳамгиро (муҳлати таҳсил 5 сол)-300 кредит муқаррар карда шудааст.

11. Корҳои таълимӣ дар шароити таҳсилоти фосилавӣ дар шакли ташкил ва гузаронидани машғулиятҳои аудитории ҳузурӣ (лексия, машғулиятҳои лабораторӣ, амалӣ ва семинарӣ), корҳои мустақилонаи донишҷӯ бо роҳбарии омӯзгор (корҳои назоратӣ, курсӣ (лоиҳавӣ) ва корҳои ғайриаудитории фосилавӣ) ва корҳои мутақилонаи донишҷӯ (корҳои ғайриаудитории фосилавӣ) ба роҳ монда мешаванд.

12. Ҳадди ақали ҳаҷми машғулиятҳои аудитории ҳузурӣ дар шакли таҳсилоти фосилавӣ барои як соли таҳсил на камтар аз 6 кредит муқаррар карда мешавад ва донишҷӯён бояд зимни баргузории сессияҳои таълимӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ на камтар аз чор ҳафта ба машғулиятҳои дарсии ҳузурӣ ҷалб карда шаванд.

Донишҷӯёне, ки дар раванди таълими шакли фосилавӣ рейтинги 1 ва 2-юмро тавассути барномаи идоракунии раванди таълим насупоридаанд ба имтиҳони ниҳоӣ роҳ дода намешаванд. Донишҷӯёни мазкур пас аз иштирок дар машғулиятҳои аудитории ҳузурии иловагӣ баъд аз пардохти маблағи 72 соат (3 кредит) барои супоридани рейтингҳои якум, дуюм ва имтиҳони ниҳоӣ роҳ дода мешаванд.

13. Муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ҳангоми таҳияи нақшаҳои таълимӣ ҷиҳати гузаронидани 3 кредити таълими назариявии семестри ниҳоӣ дар ихтисосҳои амалкунанда ба (барои ё дар) семестрҳои 1-7-уми давраи таҳсил мустақил мебошанд.

14. Бо мақсади таъмини самараноки истифодаи технологияи иттилоотӣ ва татбиқи барномаи таълимии таҳсилоти олии касбӣ дар шароити таҳсилоти фосилавӣ ҳангоми таҳияи нақшаҳои таълимии ихтисосҳои амалкунанда барои машғулиятҳои аудитории фосилавӣ кредитҳо аз ҳисоби ҳаҷми меҳнатталабии корҳои мустақилонаи донишҷӯ бо роҳбарии омӯзгор ҷудо карда мешаванд.

15. Ҳаҷми кредитҳое, ки тибқи нақшаҳои таълимии ихтисосҳои амалкунанда барои машғулиятҳои аудитории фосилавӣ аз ҳисоби корҳои мустақилонаи донишҷӯ бо роҳбарии омӯзгор ҷудо карда мешаванд, бояд на камтар аз 50%-и ҳаҷми умумии меҳнатталабии ин шакли корҳои таълимиро ташкил диҳад.

16. Машғулиятҳои аудитории ҳузурӣ тибқи шакли таҳсилоти фосилавӣ гузаронидани машғулиятҳои лексионӣ, лабораторӣ, амалӣ ва семинариро дар бар гирифта, ҳангоми баргузор намудани сессияҳои таълимӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ бо ҷалби бевоситаи донишҷӯён ба роҳ монда мешавад.

17. Корҳои мустақилонаи донишҷӯ бо роҳбарии омӯзгор ба таври фосилавӣ (бо истифода аз технологияи иттилоотӣ) дар шакли иҷрои корҳои назоратӣ, супоридани имтиҳонҳои фосилавии 1 ва 2, ҳимояи кор (лоиҳа)-ҳои курсӣ, ҳисоботи таҷрибаомӯзӣ ва хондани лексия, гузаронидани машварат, мусоҳибаҳо, баҳогузорӣ ба корҳои мустақилонаи донишҷӯён ва муайян намудани рейтинги академии онҳо аз ҷониби омӯзгорон дар ҳафтаҳои таълими назариявии як даври академӣ ташкил карда мешавад.

18. Яке аз шаклҳои асосии корҳои мустақилонаи донишҷӯ бо роҳбарии омӯзгорро иҷрои корҳои назоратӣ ташкил медиҳад. Барои фанҳои таълимии бахши фанҳои заминавӣ (модули фанҳои ҳатмӣ ва интихобӣ) тибқи талаботи нақшаҳои таълимӣ 1 ва барои фанҳои таълимии бахши фанҳои тахассусӣ (модули фанҳои ҳатмӣ ва интихобӣ) 2 кори назоратӣ муқаррар карда мешавад.

19. Назорат ва холгузорӣ ба натиҷаи корҳои мустақилонаи донишҷӯ бо роҳбарии омӯзгор ҳамчун ягонагии чунин шаклҳои корҳои таълимӣ ташкил карда мешавад:

- фаъолияти мустақилонаи таълимӣ ва худбаҳодиҳии донишҷӯён;

- назорат ва холгузорӣ ба фаъолияти таълимии донишҷӯён аз ҷониби омӯзгорони фанҳои таълимӣ, комиссияҳои имтиҳонии фаннӣ ва аттестатсияи хатм.

20. Корҳои мустақилонаи донишҷӯ ҳамчун фаъолияти мустақилона аз худ намудани маводи таълимӣ аз ҷониби ӯ муқаррар карда шуда, ба таври фосилавӣ таҳти назорати бевоситаи омӯзгор дар шакли иҷро намудани маҷмуи вазифаҳои хонагӣ, супоришҳои тестӣ, навиштани реферат, эссе, кор (лоиҳа)-и курсӣ ва муаррифии маводи ҷамъоварда дар ҳафтаҳои таълими назариявии як даври академӣ ба роҳ монда мешавад.

21. Тибқи талаботи нақшаҳои таълимии ихтисосҳои амалкунандаи муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ аз худ намудани кредитҳои корҳои мустақилонаи донишҷӯ бо роҳбарии омӯзгор (машғулиятҳои аудиторӣ ва ғайриаудитории фосилавӣ) ва корҳои мустақилонаи донишҷӯ (корҳои ғайриаудитории фосилавӣ) барои омӯзиши тамоми фанҳои таълимӣ (ҳатмӣ ва интихобӣ) пешбинӣ карда мешавад.

22. Кредитҳои тибқи нақшаҳои таълимии ихтисосҳои амалкунанда барои иҷрои корҳои мустақилонаи донишҷӯ бо роҳбарии омӯзгор (машғулиятҳои аудиторӣ ва ғайриаудитории фосилавӣ) ҷудогардида ба сарбории таълимии омӯзгор ворид карда мешаванд.

23. Дар шароити таҳсилоти фосилавӣ ҷиҳати самаранок ташкил намудани раванди таълим тибқи нақшаҳои таълимии ихтисосҳои амалкунанда бояд дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ то оғози даври академии якум бо донишҷӯёни соли аввали таҳсил курси муқаддимавӣ оид ба истифодаи технологияи таҳсилоти фосилавӣ, ки масъалаҳои зеринро дар бар мегирад, ташкил ва баргузор карда шавад:

- омӯзонидани шакли таҳсил бо истифода аз технологияи таҳсилоти фосилавӣ;

- шарҳи технологияи таҳсилоти фосилавӣ бо мақсади ба роҳ мондани табодули иттилоот байни донишҷӯён ва омӯзгорон, донишҷӯён ва кафедра, садорати факултет, раёсати таълим ва дигар воҳидҳои сохтории муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ;

- шинос намудани донишҷӯён бо тартиби ташкил ва гузаронидани машғулиятҳои аудитории ҳузурӣ, корҳои мустақилонаи донишҷӯ бо роҳбарии омӯзгор (машғулиятҳои аудиторӣ ва ғайриаудитории фосилавӣ), корҳои мустақилонаи донишҷӯ (корҳои ғайриаудитории фосилавӣ), қабули имтиҳонҳои фосилавӣ, муайян намудани рейтингҳои академӣ ва қабули имтиҳонҳои ниҳоӣ дар давраи сессияҳои таълимӣ;

- омӯзондани қоидаҳои банақшагирӣ ва иҷрои корҳои мустақилонаи донишҷӯ бо роҳбарии омӯзгор (ташкил ва баргузор намудани машғулиятҳои лексионии фосилавӣ, иҷрои корҳои назоратӣ, қабули имтиҳонҳои фосилавии 1 ва 2, кор (лоиҳа)-ҳои курсӣ, ҳисобот оид ба таҷрибаомӯзӣ, муайян намудани рейтингҳои академии донишҷӯён);

- муайян намудани тарзи истифодаи маводи таълимӣ ва баргузор намудани машварат бо омӯзгорон тавассути технологияи фосилавӣ;

- шарҳи талабот оид ба иҷрои корҳои мустақилонаи донишҷӯ (маҷмуи супоришҳои вазифаи хонагӣ, супоришҳои тестӣ, навиштани реферат, эссе, кор (лоиҳа)-и курсӣ ва муаррифии маводи таълимии ҷамъоварда);

- шарҳи низоми холгузорӣ ба имтиҳонҳои фосилавӣ, рейтинги академии донишҷӯён ва имтиҳонҳои ниҳоӣ;

- муаррифии шароити дастрасии маҷмуи таълимию методии электронӣ;

- муайян намудани рамз ва логини донишҷӯён барои кор дар муҳити таҳсилоти фосилавӣ.

4.ЗАХИРАҲОИ АСОСИИ ИТТИЛООТӢ

24. Муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ барои таъмини раванди таълим бо маводи таълимӣ масъул мебошанд. Бо мақсади ташкили раванди таълим дар шароити таҳсилоти фосилавӣ бояд барои ҳар як ихтисос маводи таълимии электронии зерин омода карда шавад:

- барномаи таҳсилотӣ аз рӯйи самт (ихтисос);
- нақшаи таълимӣ;
- нақшаи таълимии корӣ;
- барномаҳои таълимии фанҳо;
- барномаҳои кории фанҳои таълимӣ (силлабусҳо);
- мавод барои корҳои мустақилонаи донишҷӯён бо роҳбарии омӯзгор (нусхаи электронии машғулиятҳои лексионии фосилавӣ, супоришҳои тестӣ, саволҳои хаттӣ барои қабули имтиҳонҳои фосилавӣ ва талаботи муайян намудани рейтинги академии донишҷӯён, мавзуи корҳои назоратӣ, кор (лоиҳа)-ҳои курсӣ, рисолаҳои хатм ва ғайра);
- мавод барои корҳои мустақилонаи донишҷӯён (маҷмуи таълимию методии электронии фанҳои таълимӣ, мавзуи рефератҳо, эссе ва ғайра);
- китобҳои дарсӣ ва дастурҳои таълимӣ;
- рӯйхати адабиёт;
- мавод барои гузаронидани таҷрибаомӯзӣ (нақша ва барномаи таҷрибаомӯзӣ, намунаи шаклҳои ҳисоботдиҳӣ ва ғайра).

25. Барои таъмини раванди таълим дар шароити таҳсилоти фосилавӣ дар баробари захираҳои (манбаъҳои) анъанавии иттилоотӣ, воситаҳои таълими фосилавӣ, аз қабили китобҳои махсуси мувофиқ ба низоми мултимедӣ, маҷмуаҳои таълимию методии электронӣ, китобҳои таълимии дарсӣ, барномаи компютерию тренингӣ, машғулиятҳои амалии электронӣ, маҷмуи супоришҳои тестии санҷишӣ, филмҳои таълимӣ, сабтҳои аудио ва видеоии маълумот ва ғайра, ки барои таъминоти барномавӣ аз рӯйи алоқаи шабакаҳои телекоммуникатсионӣ пешниҳод шудаанд, мавриди истифода қарор дода мешаванд.

26. Ба сифати захираҳои асосии иттилоотӣ дар раванди таълим заминаҳои иттилоотии методии коркардшудаи таҳсилоти фосилавӣ баромад мекунанд, ки вобаста ба ҳаҷм ва мазмуни худ ба талаботи Стандарти давлатии таҳсилоти олии касбӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мувофиқ мебошанд.

27. Муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ дар раванди таълим тибқи шакли таҳсилоти фосилавӣ дар нақшаҳои таълимии ихтисосҳои амалкунанда барои аз худ намудани курси муқаддимавӣ оид ба истифодаи технологияи таҳсилоти фосилавӣ ва захираи асосии иттилоотӣ то як ҳафта вақт муқаррар намуда, ҷиҳати ташкил ва гузаронидани он шароит фароҳам меоранд.

5. НИЗОМИ ХОЛГУЗОРӢ ВА БАҲОДИҲӢ

28. Назорати ҷорӣ, қабули имтиҳонҳои фосилавӣ, муайян намудани рейтинги академӣ ва қабули имтиҳонҳои ниҳоии донишҷӯён, ҳамчунин аттестатсияи хатмкунандагон аз ҷониби муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ бо назардошти низоми кредитии таҳсилот ва истифода аз воситаҳои электронӣ (иттилоотию иртиботӣ) амалӣ карда мешавад.

29. Ҳайати профессорону омӯзгорон таҳсилоти фосилавиро дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ метавонанд тавассути воситаҳои ташкилию методии иртиботии раванди таълим ба роҳ монда, машварат, назорати ҷории пешрафти донишҷӯёнро новобаста аз маҳалли ҷойгиршавии худ бо истифодаи технологияи иттилоотию иртиботӣ ва дигар воситаҳо амалӣ гардонанд.

30. Дар шакли таҳсилоти фосилавӣ қабули имтиҳонҳои ниҳоии донишҷӯён аз ҷониби комиссияҳои фаннӣ ва аттестатсияи хатм аз ҷониби комиссияҳои аттестатсионӣ ба таври ҳатмӣ дар давраи сессияҳои таълимӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ба роҳ монда мешавад.

6. ТАЛАБОТ БА ПОЯИ ТАЪЛИМӢ-МЕТОДИИ МУАССИСАҲОИ ТАҲСИЛОТИ ОЛИИ КАСБӢ

31. Талаботи асосии ташкили раванди таълим дар шакли таҳсилоти фосилавӣ мавҷуд будани барномаи идоракунии раванди таълим дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ мебошад.

32. Барномаи идоракунии раванди таълим бояд тибқи талаботи Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба татбиқи низоми кредитии таҳсилот ва шакли таҳсилоти фосилавӣ, ҳамчунин нишондиҳандаҳои дигари танзимкунандаи раванди таълим ва назорати сатҳи сифати таҳсилот таҳия гардида, хусусияти хоси фаъолияти муассисаҳои таҳсилоти олии касбиро ба инобат гирад.

33. Муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ бояд низоми назорат ва баҳодиҳӣ ба натиҷаи корҳои мустақилонаи донишҷӯ бо роҳбарии омӯзгор (машғулиятҳои аудиторӣ ва ғайриаудитории фосилавӣ) ва корҳои мустақилонаи донишҷӯён (корҳои ғайриаудитории фосилавӣ)-ро пурра бо истифода аз барномаи идоракунии раванди таълим амалӣ гардонанд.

34. Муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ бояд татбиқи шакли таҳсилоти фосилавиро тибқи талаботи зерин ба роҳ монанд:

- дастрасии маҷмуи таълимию методии электронии фанҳои таълимӣ ва ё кейсҳои махсус (барнома, маводи дарсӣ, маҷмуи инфиродӣ) бо истифода аз воситаҳои мултимедӣ;

- дастрасии низоми иттилоотии корпоративии гардиши ҳуҷҷатҳо (аз ҷумла низоми электронӣ), ки раванди таълимро ба пуррагӣ идора мекунад;

- таъмини раванди таълим бо омӯзгороне, ки бевосита барои фаъолият дар муҳити иттилоотию таълимии муосир тайёр карда шудаанд;

- фаъолнокии сомонаи муассисаи таълимӣ;

- дастрасии муассисаи таълимӣ ба шабакаи интернет;

- мавҷудияти почтаи электронӣ барои ҳар як омӯзгор ва ҷалби донишҷӯён ҷиҳати истифодаи самараноки он дар раванди таълим;

- татбиқи низоми холгузории сатҳи дониши донишҷӯён тибқи низоми кредитии таҳсилот.

35. Ташкили раванди таълим дар шароити таҳсилоти фосилавӣ, ба мақсад мувофиқ будани тарзи коргузорӣ ва натиҷаи корҳои таълимӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ тибқи талаботи қонунгузории амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ба роҳ монда мешавад.

36. Муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ тибқи нақшаи таълимӣ ба донишҷӯён имкон медиҳанд, ки дар машғулиятҳои лабораторию амалӣ иштирок намуда, аз талаботи истифодаи кори лабораторию виртуалӣ бархурдор бошанд.

37.Муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ба донишҷӯён барои гузаштани таҷрибаомӯзиҳои таълимӣ, истеҳсолӣ, омӯзгорӣ ва пешаздипломӣ, ки тибқи талаботи барномаҳои таҳсилотӣ аз рӯйи самт (ихтисос)-ҳо ба нақша гирифта шудаанд, шароит фароҳам месозанд.

Дар сурати аз рӯйи ихтисос фаъолият намудани донишҷӯ дар шакли таҳсилоти фосилавӣ фаъолияти донишҷӯ ҳамчун таҷрибаомӯзӣ (таълимӣ, истеҳсолӣ ва омӯзгорӣ) ҳисобида шуда, дар асоси ҳуҷҷатҳои тасдиқкунанда натиҷаи таҷрибаомӯзӣ холгузорӣ карда мешавад.

38. Раванди таълимро ҳайати профессорону омӯзгорон, кормандони муҳандисию техникӣ ва таълимию ёрирасон таъмин менамоянд.

39. Ҳангоми интихоб ё ҷалби омӯзгорон ва таъини кормандони муҳандисию техникӣ ва таълимию ёрирасон сатҳи салоҳиятҳои касбии онҳо бо назардошти малакаи истифодаи технология ва низоми хизматрасонии иттилоотӣ ба инобат гирифта мешавад.

40. Омӯзгорон дар шароити таҳсилоти фосилавӣ бояд бо донишҷӯён бевосита ё бо истифода аз интернет (фароҳам сохтани муҳити таълимию иттилоотии электронӣ ва ё дигар воситаҳои иртиботӣ) пайваста алоқа намуда, миқдори машваратҳо ва тақвими баргузории онҳоро барои ҳар як донишҷӯ ё гурӯҳи

донишҷӯён муайян ва бо раёсати таълими муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ мувофиқа намоянд.

41. Кормандони муҳандисию техникӣ кори пайвастаи воситаҳои комютерӣ, алоқа ва техникии таълимро ташкил намуда, барои таъмини раванди таълим бо истифодаи технологияи таҳсилоти фосилавӣ масъул мебошанд.

42. Сатҳи салоҳияти касбии ҳайати профессорону омӯзгорон, кормандони муҳандисию техникӣ ва таълимию ёрирасон бо шаҳодатномаҳои такмили ихтисос оид ба ҳуқуқи истифодабарии технологияи таҳсилоти фосилавӣ ва тағрибаи иштирок дар татбиқи барномаҳои таълимии таҳсилоти олии касбӣ тибқи шакли таҳсилоти фосилавӣ тасдиқ карда мешавад.

43. Муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ такмили ихтисос ва маҳорати касбии ҳайати профессорону омӯзгорон ва кормандони ёрирасонро метавонанд аз рӯйи технологияи таҳсилоти фосилавӣ ба роҳ монанд.

7. ТАШКИЛИ МАШҒУЛИЯТҲОИ ТАЪЛИМӢ ДАР РЕҶАИ ON-LINE Ё OFF-LINE

44. Ташкил ва гузаронидани машғулиятҳои таълимӣ дар реҷаи «On-line» то оғози сессияи таълимӣ (дар ҳафтаҳои таълими назариявии як даври академӣ) дар шакли ҳамгироии раванди таълими мустақим бо истифода аз видеоконфронсҳо, чат, вебинар, видеодарсҳо, тамос бо телефон ва ғайра ба роҳ монда мешавад.

45. Машғулиятҳои таълимӣ дар реҷаи «Off-line» шакли ҳамгироии раванди таълим ба шумор рафта, дар он робитаи омӯзгор ва донишҷӯ ба воситаи сомонаи муассиса ва почтаи электронӣ тариқи ичро намудани супоришҳои омӯзгор ба таври фосилавӣ то оғози сессияи таълимӣ (дар ҳафтаҳои таълими назариявии як даври академӣ) сурат мегиранд.

46. Рейтинги академӣ мувофиқи талаботи нақшаи таълимӣ ба таври зерин баргузор мегардад:

- суҳбати донишҷӯ бо омӯзгор дар реҷаи Off-line бо истифода аз технологияҳои иттилоотию иртиботӣ;

- истифодаи маҷмуи таълимию методии электронӣ;
- холгузорӣ ба корҳои назоратии донишҷӯён.

47. Донишҷӯёне, ки тибқи нақшаи таълимӣ корҳои назоратӣ ва дигар супоришҳоро иҷро намудаанд, барои супоридани рейтингҳои академӣ роҳ дода мешаванд.

8. ВАЗИФАҲОИ ИШТИРОКЧИЁНИ РАВАНДИ ТАЪЛИМ

48. Назорати раванди таълимро дар шакли таҳсилоти фосилавии муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ шуъба (ё бахш)-и таҳсилоти фосилавии қисми таълим ба роҳ мемонад.

49. Шуъба (ё бахш)-и шакли таҳсилоти фосилавии муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ҳангоми ташкили раванди таълим бо истифода аз технологияи таҳсилоти фосилавӣ дар фазои ягонаи таҳсилоти электронӣ вазифадор аст:

- фазои ягонаи таҳсилоти электрониро идора кунад;
- ба кафедраҳои муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ёрии методӣ ва техникӣ расонад;
- навиштани тақриз ва экспертизаи захираҳои (манбаъҳои) таълимию методиро бо ҷалби мутахассисони соҳа ташкил намояд;
- муносибати байни иштирокчиёни раванди таълимро таъмин намояд.

50. Кафедра технологияи таҳсилоти фосилавиро дар раванди таълим мавриди истифода қарор дода, вазифадор аст:

- маҷмуи таълимию методии электронии аз маводи зарурии таълимӣ иборатбудаи фанҳои таълимиро ҷиҳати таъмин ва татбиқи раванди таълим дар шакли чопӣ ва электронӣ омода созад;
- ҳайати профессорону омӯзгоронро барои иҷрои корҳои таълимӣ ва илмию методӣ бо истифода аз технологияи таҳсилоти фосилавӣ ҷалб намояд.

51. Донишҷӯ аз портали муассисаи таҳсилоти олии касбӣ, муҳити таълимию иттилоотии электронӣ мусоҳибаҳои ҳайати профессорону омӯзгоронро оид ба

масъалаҳои ба раванди таълим бо истифода аз технологияи таҳсилоти фосилавӣ алоқаманд бе мамоният истифода мебарад.

САНАДҲОИ
МЕЪЁРИИ ҲУҚУҚИИ
СОҲАИ ТАҲСИЛОТИ ОЛИИ КАСБӢ
(қисми I)

Ба матбаа 00.00.2022 супорида шуд. Ба чоп 00.08.2022 ба имзо расид. Андозаи 60х84 1/16. Коғази офсетӣ. Ҳуруфи Times New Roman Tj. Чопи офсетӣ.

Ҷузъи чопии шартӣ 36.
Адади нашр 500 нусха.

Китоб дар КВД «Комбинати полиграфии
шаҳри Душанбе» чоп шудааст.

Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе,
хиёбони Садриддин Айнӣ, 126